**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

***УДК 809.155.0***

**ҒАФФОРОВ АБДУШУКУР ОДИНАШОЕВИЧ**

# ХУСУСИЯТҲОИ ГРАММАТИКӢ ВА МАЪНОИИ ИБОРАҲОИ ФЕЪЛӢ ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИК

**(дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV - XVI )**

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ
аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ

**Мушовири илмӣ**:
доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи АМИТ, муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло**

**Душанбе – 2021**

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА** ................................................................................................3-17

**БОБИ 1. ТАҲҚИҚИ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА РОҲҲОИ ИНКИШОФИ ИБОРАҲОИ ФЕЪЛИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ** ..........................18-66

1. Матолиби муқаддимотӣ..........................................................................18-19
1.1.Таҳқиқи ибора дар забоншиносии Ғарб..........................................19-22
1.2.Таҳқиқи ибора дар забоншиносии рус ..............................................22-34
1.3.Таҳқиқи ибора дар забоншиносии тоҷик ............................................34-45
1.4.Баррасии ибораҳои феълӣ дар осори асрҳои миёна..........................46-64
Натиҷагирӣ аз боби I...................................................................................64-66

**БОБИ II. ИБОРАҲОИ ФЕЪЛӢ БО ПЕШОЯНДҲОИ АСЛӢ** ......................67-168

2. Матолиби муқаддимотӣ..........................................................................67-70
2.1. Ибораҳои феълӣ бо пешоянди **ба** ........................................................70-97
2.2. Ибораҳои феълӣ бо пешоянди **дар** ......................................................97-113
2.3. Ибораҳои феълӣ бо пешоянди **аз**........................................................113-131
2.4. Ибораҳои феълӣ бо пешоянди **бар** ......................................................131-146
2.5. Ибораҳои феълӣ бо пешоянди **бо** ........................................................146-152
2.6. Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои **барои, то**, **то ба**,
**бе**, **ҷуз (ҷуз аз, ҷуз ба, ба ҷуз, ҷуз бар)**..................................................152 -167
Натиҷагирӣ аз боби II....................................................................................167-168

**БОБИ III. ИБОРАҲОИ ФЕЪЛӢ БО ПЕШОЯНДҲОИ НОМӢ ВА ПАСОЯНД**..........................................................................................169-241

3. Матолиби муқаддимотӣ..........................................................................169-172
3.1. Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои номии изофӣ ва номии таркибӣ ..........................................................................................................172-225
3.2. Ибораҳои феълӣ бо пасоянд.................................................................225-234
3.3. Ибораҳои феълии бо пешоянду пасоянд..............................................23-240
Натиҷагирӣ аз боби III ..................................................................................240-241

**БОБИ IV. БАРРАСИИ ХУСУСИЯТҲОИ МАЪНОИИ ИБОРАҲОИ ФЕЪЛӢ**.........................................................................................................242-323

4. Матолиби муқаддимотӣ..........................................................................242-248
4.1. Вижагиҳои маъноии феълҳои ҳаракат дар таркиби ибораҳои феълӣ..........................................................................................................248-288
4.2. Вижагиҳои маъноии феълҳои амал дар таркиби ибораҳои феълӣ...........288 -321
Натиҷагирӣ аз боби IV. .................................................................................321-323
**ХУЛОСА** .......................................................................................................324-327
**ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ**...................................................................................328-355

# МУҚАДДИМА

**Мубрамият ва зарурати мавзӯи таҳқиқ.** Қабули Қонуни нави забони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар инкишофу такомул ва рушди маданияту фарҳанги кишварамон марҳилаи навро оғоз намуд. Мардуми тоҷик ба бунёди ҳастии маънавии инсон –забони модарӣ таҷдиди назар кард. Забони адабии тоҷикӣ дар давоми ҳазорсолаҳо давраҳои гуногуни инкишофро паймуда, «сабку услуби гуногун пайдо карда, тамоюлоти ҳам содабаёнӣ ва ҳам мушкилписандиро аз сар гузаронида, то даврони мо пойдор ва устувор мондааст» [55; 5]. Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, пешвои миллат–Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «Забон дар ҳама давру замонҳо барои муаррифии миллат рукни муҳим ва муқаддас ба шумор рафта, поку беолоиш нигоҳ доштани он вазифаи ҳар як соҳибзабон ва шахси ватандӯст мебошад» [326].

Дар ибтидои асри XX дар раванди ташаккул ва инкишофи забони адабии тоҷикӣ равияҳои гуногун падид омаданд, ки дар ҷараёни онҳо ҳам тамоюлоти мусбат ва ҳам баъзе майлҳои манфӣ мушоҳида шудааст. Масалан, забоншиносии тоҷик ҳамчун илми махсус ба вуҷуд омад, такмил ва рушд ёфт, меъёрҳои сарфию наҳвии он ҳадафи таҳқиқу коркард қарор дода шуд, вале дар ин ҷараён ҳангоми муқаррар сохтани меъёрҳои забони адабии насри классикӣ бисёр ҷиҳатҳои он аз назари баъзе аз муҳаққиқон берун монд.

Аз ин рӯ, дар шароити нави рушд ва давраи нави эҳёи асолати забони тоҷикӣ таҳқиқи масъалаҳои таърихи забони адабӣ, алалхусус, наҳви насри классикии он аҳамияти хосса дорад, зеро бе муайян кардан ва ба ҳисоб нагирифтани ҷараёни таърихии ин ё он ҳодисаи забонӣ ҳолати кунунии забонро дуруст муайяну муқаррар намудан душвор ва дар баъзе масоил имконнопазир аст.

Таҳқиқи таърихи забони тоҷикӣ аз вазифаҳои мубрам ва зарурии муҳаққиқон буда, он бояд на танҳо дар асоси қонун ва қавоиди дастурҳои қадима сурат бигирад, балки дар асоси такя ба намунаҳои осори манзум ва мансури классикон анҷом пазирад. Зеро адибони классик аз талаботи дастурҳо огоҳии комил доштанд ва тибқи он осори гаронмояи хешро таълиф ва тадвин мекарданд. Илова бар ин, он

бузургон имконоти мухталифи забони зинда ва гуфтугӯии муҳити зиндагӣ ва замони худро бо камоли маҳорат ба ҳисоб мегирифтанд ва дар ҷодаи эҷод он дурдонаҳоро мавриди корбурд қарор медоданд.

Аз ин лиҳоз, мо тасмим гирифтем, ки зимни таҳқиқи худ аз он сарчашмаҳои эътимодбахш огоҳона истифода барем. Азбаски муаллифони «Баҳористон» (Ҷомӣ), «Бадоеъ-ул-вақоеъ» (Восифӣ), «Туҳфаи Сомӣ» (Соммирзои Сафавӣ), «Латоиф-ут-тавоиф» (Алии Сафӣ), «Чаҳор гулзор» (Ҳасани Нисорӣ), «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи Муҳсинӣ (Ҳусайн Воизи Кошифӣ) дар корбурди имконоти дастурии забони роиҷи айёми худ, аз қабили ибораҳои феълӣ кӯшишҳои фаровоне ба харҷ додаанд, мо дар таҳқиқи худ бештар ба осори онҳо, ки маҳсули як давраи муайяну мушаххаси тараққиёти забони тоҷикӣ (а. XV- XVI) ба ҳисоб меравад, такя намудем.

Хусусияти грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик аз масоили мубрам ва камомӯхташудаи илми забоншиносӣ буда, таҳқиқи он на танҳо ба омӯзиши ин ҷанбаи таърихии забон мусоидат мекунад, балки ба рушди минбаъдаи забоншиносии тоҷик ва ғановати забони адабӣ низ шароити мусоид фароҳам меорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ**. Ҳамин нукта мусаллам аст, ки солҳои охир доир ба масоили гуногуни осори мансури форсию тоҷикии адабиёти классикӣ асару мақолаҳои зиёде таълиф шуда истодааст. Аксарияти таҳқиқоти забони осори мансур масоили лексикӣ ва услубиро фаро мегиранд. Вале ба андешаи мо, дар таҳқиқоти анҷомшуда масъалаҳои муҳимми ташаккулёбии ибораҳои феълӣ, моҳияти грамматикии онҳо, ҳаҷми ибора, шакл ва маънои он, муносибати он нисбат ба ҷумла ва калима ба таври муназзам мавриди баррасии васеъ қарор нагирифтааст.

Вобаста ба ин, яке аз вазифаҳои таъхирнопазири таҳқиқи наҳви насри классикӣ аз он иборат аст, ки навъ ва гурӯҳҳои мухталифи ибораҳои забони тоҷикӣ ба таври амиқ ва ҳаматарафа омӯхта шаванд. Ибораҳои феълӣ яке аз ҳамин гуна гурӯҳҳо мебошанд, ки дар забони тоҷикӣ ҳам аз рӯйи сохт ва ҳам аз рӯйи маъно навъи мураккабу гуногунранг ва муҳимми наҳви забони тоҷикӣ буда, ҳанӯз

ба қадри кифоя таҳқиқ нашудаанд. Умуман, то ҳол дар ин мавзӯъ асари ҷудогонаи шаклан яклухт дар забоншиносии тоҷик ва бахусус, дар соҳаи таърихи забони адабӣ бо истиснои нигоштаҳои А. Мирзоев дигар манбаъҳои илмӣ ба назар намерасад.

Таҳлили хусусиятҳои грамматикӣ ва тобишҳои маъноии ибораҳои феълӣ дар забони осори мансур масъалаи актуалии таҳқиқоти осори илмии дар ин самт таълифгардида ба шумор меравад. Дар ҳамин замина, мо ба паҳлуи дигари мубрамии масъалаи мазкур ташаккулёбӣ ва таҳаввулоти ибораҳои феълӣ таваҷҷуҳ намуда, тавассути маводи сарчашмаҳои хаттии адабиёти классикӣ, қолабҳои мустаъмали ибораҳои феълӣ, муносибатҳои наҳвӣ, воситаҳои гуногуни алоқаи наҳвӣ ва тобишҳои маъноии ин гуна ибораҳоро дар муқоиса бо забони ҳозира мавриди баррасӣ қарор додем. Дар баробари ин, дараҷаи истеъмолёбии ҳар яке аз ин воситаҳои алоқа, муносибатҳои наҳвӣ ва тобишҳои маъноиро таҳлилу тавсиф намуда, ба ин васила хусусиятҳои услубии ин навъи ибораҳо, ҳолати имрӯзаи истифодаи онҳо, суфта шудан ва ё аз истеъмол баромадани микдори муайяни онҳо ва, умуман, қолабҳои мустаъмали ибораҳои феълии осори насрии асрҳои XV-XVI - ро аз дидгоҳи илмӣ муайяну муқаррар намудем.

Масъалаи омӯзиш ва баррасии забони осори классикӣ яке аз мавзӯъҳоест, ки аз замонҳои қадим то имрӯз диққати аҳли илмро ба худ ҷалб кардааст. Тавре ки омӯзиши осори илмии дар ин самт таълифгардида собит месозад, ибтидои баррасии масъалаҳои мухталифи забон, аз ҷумла наҳви осори мансур ҳанӯз аз Аполлон Дискол (забоншиноси юнонӣ, асри II милодӣ) оғоз гардидааст. Ӯ дар осораш, яъне грамматикаи антиқӣ дар муқаррар намудани қоидаҳои ташаккули ибора ва ҷумла далелу фактҳои забонӣ ва назару мушоҳидаҳои худро оид ба пайвасти мушаххаси калимаҳо, ки дар забон мавҷуд буданд, ба асос мегирифт. Инчунин ба ташаккули наҳви осори бадеӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, доир ба наҳв ҳамчун роҳи пайвасти вожаҳо, яъне ҳамчун ибора, хусусиятҳои зоҳиршавии он, ба масъалаи вазифаи услубии ибора маълумотҳои аввалинро пешниҳод кардааст, ки онҳо минбаъд аз ҷониби олимони дигар такмил ёфта, дар ташаккул, таҳаввул ва густариши илми забон нақши муассир бозидаанд. Дар ҳамин росто, мо зимни

таҳқиқи баъзе вижагиҳои забони осори мансур ба андешаҳои ин мутафаккири бузург такя намудем.

Дар Руссия рушд ва инкишофи илми наҳв роҳи хоссаи худро дошт. Аввалин бор дар грамматикаҳои қадимтарини забони русӣ доир ба сарф ҳамчун таълимоти ҳиссаҳои нутқ, алоқаи калимаҳо дар ҷумла, яъне ҳамчун таълимоти махсуси ибора мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар баррасии масъалаи омӯхтани сохти грамматикаи забони русӣ, дар таърихи илми забоншиносии рус «Российская грамматика»-и М. В. Ломоносов [211] ва «Русская грамматика»-и А. Х. Востоков [160] нақши муҳим доранд. Дар таълимоти М. В. Ломоносов наҳв ҳамчун таълимоти пайвасти ҳиссаҳои нутқ муқаррар шуда буд. Ҳарчанд дар баррасии масъалаҳои наҳв мафҳуми ибораро истифода набурда бошад ҳам, аммо принсипи асосии ташаккул ёфтани пайвасти калимаҳоро муайян намудааст. А. Х. Востоков ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, ибораро ҳамчун мавзӯи асосии наҳв арзёбӣ мекунад, ки роҷеъ ба ин масъала андешаи худро ин тавр баён кардааст: «Ибора яке аз мавзӯъҳои асосии наҳв буда, воҳидест, ки тибқи нормаҳои забонӣ калимаҳо бояд дар нутқ муттаҳид шаванд» [160; 219].

Минбаъд аз асарҳои академик Ф. Ф. Фортунатов [283], А. М. Пешковский [242], М. Н. Петерсон [240], А. А. Шахматов [291] сар карда, аз охири асри XIX дар забоншиносии рус масъалаҳои муносибати дутарафаи ибора ва ҷумла дар маркази диққати олимон қарор мегирад, ки баъдан дар такмил додан ва баррасии масъалаҳои мазкур муҳаққиқони забони муосири рус ба мисли А. Н. Гвоздев [166], Е. С. Скобликова [271], В. П. Сухотин [269] ва Н. С. Валгина [148] саҳми назаррас мегузоранд.

Бояд қайд кард, ки ҳалли масъалаҳои мубрами ибора аз бозёфтҳои илми шӯравӣ буда, ба номи академик В. В. Виноградов зич алоқаманд аст, чунки ӯ афкори грамматикии олимони замони гузаштаву муосирро омӯхта, таҳлил карда, ақидаи наҳвии хос ва бунёдии хешро роҷеъ ба масъалаҳои ибора дар заминаи маводи забони русӣ ба вуҷуд овардааст. Ӯ оид ба масъалаи моҳияту ҳудуди ибора ва ҷумла изҳори ақида карда, бори аввал таъкид карда буд, ки ибора ва ҷумла

мавзӯи марказии наҳв ба шумор рафта, ҷумла воситаи ташаккул, ифода ва ахбори фикр буда, ибора ҳамчун воҳиди номинативӣ танҳо ба воситаи ҷумла ба системаи коммуникативии забон дохил мешавад. Ҷойи дигар таъкид месозад, ки «Барои омӯхтан ва ба гурӯҳҳо ҷудо кардани вижагиҳои грамматикӣ таҳқиқи воҳидҳо ва категорияҳои асосии забонро, ки алоқа ва вазифаҳои унсурҳоро дар низоми забон муайян мекунанд, бояд ба назар гирифт. Чунин мафҳумҳои калидӣ ибора ва ҷумла мебошанд. Ҷойи махсусро ибора, ки нисбат ба ҷумла мустақилӣ ва муайянии камтар дорад, ишғол мекунад» [149; 7].

Минбаъд мақоми ибора дар низоми наҳв, дараҷаи омӯзиши он, сохтори маъноии ибора ва дигар масъалаҳои марбути он дар таълимоти пайравон ва шогирдони В. В. Виноградов- Н .Н. Пропокович ва Н. Ю. Шведова ба таври илмӣ асоснок карда мешаванд.

Дар солҳои охир таҳқиқи забони адабии тоҷикӣ таваҷҷуҳи олимон ва муҳаққиқони тоҷикро бештар ба худ ҷалб кард. Ҳамин аст, ки баъзе хусусиятҳои грамматикии ин ё он сарчашмаи хаттӣ, ё ягон давраи алоҳидаи ташаккули забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқи муҳаққиқони тоҷик низ қарор гирифта, як қатор рисолаҳову монографияҳои илмӣ таълиф шуданд: Д. Т. Тоҷиев [277], В. С. Расторгуева [248], Н. Маъсумӣ [59], Р. Л. Неменова [228] М. Исматуллоев [35; 36], Н. Д. Ѓарибова [162] ва дигарон.

Таърихи ибораҳои озод, бахусус ибораҳои феълиро, наомӯхта бисёр масъалаҳои шаклгирии воситаҳои алоқаи онҳоро шарҳ додан номумкин аст. Аз ин ҷиҳат, бештари забоншиносон эътироф менамоянд, ки барои муқаррар намудани меъёри мукаммали забони адабии муосири тоҷик ба таърихи пурғановати забони тоҷикӣ бояд муроҷиат кард.

Бино бар маводи илмии дастрас омӯзиши мавзӯи ибора, алоқаҳои изофӣ, пешояндӣ, пасояндӣ ва ҳамроҳии калимаҳо дар ҷумла ва масъалаҳои марбути он, ки барои назарияи ҳозираи ибора нақши муҳим доранд, дар забоншиносии муосири тоҷик, асосан, аз солҳои 60-уми асри XX оғоз мегардад. Дар пажӯҳишҳои Б. Ниёзмуҳаммадов [72], Н. Маъсумӣ [59], Ш. Н. Ниёзӣ [70], Р. Ғаффоров [164], Ш. Рустамов [77], С. В. Хушенова [287], Б. Камолиддинов [197] ва дигарон

масъалаҳои назариявии ибора, бахусус қонуниятҳои ташкил ва хели ибораҳо, алоқаи ибора бо дигар воҳидҳои наҳвӣ, воситаҳои алоқаи грамматикӣ ва амсоли инҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дуруст аст, ки вақтҳои охир ба масъалаи ибора, махсусан, ибораҳои феълӣ дар забоншиносии тоҷик аҳамияти бештаре дода шудааст. Оид ба ин масъала маълумоти наву фикрҳои ҷолиб дар асару мақолаҳои Д. Т. Тоҷиев [276], М. Н. Қосимова [48; 49], А. Халилов [93], А. Мирзоев [61; 62; 63; 64; 65], С. Абдураҳимов [2; 3], М. Акрамов [122], Ҳ. Солиев [266] ва дигарон ба назар мерасад. Махсусан, асари А. Мирзоев «Ибораҳои феълии замонӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик» [63] дар илми иборашиносии тоҷик марҳилаи навро оғоз намуд. Асари мазкур аз аввалин таҳқиқотест, ки дар он ибораҳои феълӣ аз рӯйи сохт ва маъно тасниф ва баъзе масъалаҳои назарияи ибора баён карда шудаанд. Қисми асосии асар ҳамаҷониба омӯхтани хелҳои ибораҳои феълиро, ки муносибати замонӣ доранд, дар бар мегирад.

Асари дигари А. Мирзоев бо номи «Масъалаҳои ибора дар забони тоҷикӣ» [65] низ ҷолиб буда, муаллиф дар он оид ба дараҷаи омӯзиши ибора дар забоншиносии умумӣ, хусусият ва мавқеи ибора дар забони тоҷикӣ, ибора дар асарҳои услубшиносӣ, лаҳҷашиносӣ, робитаи он бо маданияти сухан ва дигар паҳлуҳои назарияи ибора маълумоти амиқу батафсиле медиҳад.

Бояд гуфт, ки ҳар дуи ин асари иборашинос А. Мирзоев дар коркарду танзими на фақат масъалаҳои ибораи забони тоҷикӣ, ҳамчунин дар таҳқиқи масъалаҳои назарияи ибораҳои забонҳои дигар низ арзиши баланд доранд.

Мавзӯи ибора, аз ҷумла ибораи феълӣ, ҳамчун воҳиди мустақили синтаксис дар китобҳои дарсии мактабҳои олӣ аз ҷониби забоншиноси маъруф Р. Ғаффоров [28] таҳқиқ шудааст, ки дар он оид ба хелҳои алоқаи наҳвӣ ва тарзи ифодаи онҳо дар ибора бахши алоҳида ҷудо карда шудааст.

Оид ба ибораҳои феълӣ ва хелҳои алоқаи наҳвӣ маълумотҳои гуногуну ҷолибро вобаста ба шарҳи вазифаҳои наҳвии калимаҳои ёвар ва тасвири аъзоҳои ҷумла дар китобҳои дарсӣ «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» [17], асарҳои

шевашиносон В. С. Расторгуева [248], Ѓ. Ҷӯраев [180] ва дигарон дучор омадан мумкин аст.

Ба масъалаи ибораҳо, махсусан, ибораҳои феълӣ Р. Ғаффоров ҳангоми таҳқиқи наҳви ҷумлаҳои содаи шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ таваққуф намуда, андешаҳои ҷолиб баён кардааст [24].

Профессор М. Н. Қосимова дар «Очеркҳо оид ба синтаксиси ҷумлаҳои содаи насри асри XI» роҷеъ ба ибораҳои масдарӣ ва муносибатҳои наҳвӣ дар онҳо маълумот додааст [50]. Бояд гуфт, ки ин ягона асарест, ки дар хусуси ибораҳои масдарӣ дар насри классикӣ (асри XI) маълумоти нисбатан пурратар медиҳад.

Минбаъд дар дигар асарҳои забоншиносон ҳам, ки дар онҳо масъалаҳои наҳв матраҳ мегарданд, оид ба ибора чун воҳиди алоҳидаи забонӣ маълумот дода мешавад. Дар ин бора корҳои илмии М. Б. Нағзибекова [225], Х. М. Камолов [42], М. Ғозиева [161], А. О. Ғаффоров [163], С. О. Хоҷаева [285], С. Х. Қурбонов [208], М. Темурова [278], С. М. Расулов [253] - ро номбар кардан мумкин аст. Аммо ин пажӯҳишҳо, ба истиснои рисолаи А. О. Ғаффоров [163], ки масъалаи омӯзиши ибораи феълиро дар насри классикӣ ба миён гузоштааст, ба хелҳои гуногуни ибораҳо бахшида шуда, дар заминаи маводи забони адабии ҳозираи тоҷик баррасӣ шудаанд.

Сарфи назар аз ин дастовардҳо, масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи ибораҳои феълӣ дар забоншиносии тоҷик ҳанӯз ба талабот мувофиқ нест. Умуман, то ҳол асари ҷудогонаи мукаммал дар забоншиносии тоҷик, махсусан, дар соҳаи таърихи забони адабӣ ба вуҷуд наомадааст. Бисёр паҳлуҳои ин мавзӯъ бе таҳқиқи ҷиддӣ ба таври гуногун тасвир шудаанд.

Аз ин рӯ, омӯзиш ва таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни ибораи феълӣ, бахусус, дар бунёди маводи осори адабиёти классикӣ аҳамияти бузург дорад. Чунон ки ба мушоҳида мерасад, баррасии ташаккулу такомули хусусиятҳои грамматикӣ ва тавсифи тобишҳои маъноии ибораҳои феълӣ дар заминаи маводи давраҳои алоҳидаи осори адабиёти классикӣ таҳқиқи ҳаматарафаро интизор аст.

**Ҳадафи асосӣ ва вазифаҳои таҳқиқ**. Ҳадафи таҳқиқ пажӯҳиш ва мушаххас кардани хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълии забони адабии

тоҷикӣ, ҳамчунин дақиқ намудани вижагиҳои таҳаввули сохтор ва корбурди ибораҳои феълӣ дар осори хаттии асрҳои XV-XVI мебошад. Дар баробари ин, таҳқиқи таҳаввули ибораҳои феълии дар заминаи маводи сарчашмаҳои хаттии ин давра, марҳилаҳои такмил ёфтан, таркиб бастан ва рушди воситаҳои алоқаи байни ҷузъҳои асосӣ ва тобеи ибораҳои феълӣ, махсусан, пешояндҳои аслӣ, пешояндҳои номӣ, пешояндҳои номии таркибӣ, пешояндҳои номии изофӣ, пешоянду пасоянд, инчунин, хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ин воситаҳоро дар давраи мавриди пажӯҳиш яке аз ҳадафҳои муҳим қарор додем. Ҳадафи гузошташуда аз таҳқиқ иҷрои вазифаҳои зайлро тақозо менамояд:

-таҳқиқи масъалаҳои назариявии марбут ба хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар заминаи маводи насри асрҳои XV-XVI;

-ҷамъоварӣ ва таснифи ибораҳои феълӣ аз ҷиҳати маъно, вижагиҳои грамматикӣ ва дараҷаи истифода;

-муайян намудани мавқеъ ва ҷойгоҳи ибораҳои феълӣ дар осори насрии асрҳои XV-XVI;

-муайян намудани қолабҳои мустаъмали ибораҳои феълӣ;

-ошкор сохтани воситаҳои алоқаи байни ҷузъҳои ибораи феълӣ ва вобаста ба он муайян намудани хусусиятҳои луғавию грамматикии ҷузъҳои ибора:

-нишон додани муносибатҳои наҳвӣ бо тобишҳои гуногуни маъноӣ;

-муайян кардани умумият ва тафовутҳои ибораҳои феълии забони осори насри асрҳои XV-XVI бо забони адабии ҳозираи тоҷикӣ;

-бо усули басомад муайян кардани дараҷаи истеъмоли пешояндҳо, пасояндҳо ва дигар воситаҳои алоқа чун воситаҳои грамматикӣ;

-нишон додани хусусиёти услубӣ, умумият ва қаробатҳои ибораҳои феълии осори насрии асрҳои XV-XVI бо забони адабии ҳозираи тоҷикӣ;

-муайян кардани таҳаввулоти таърихии ибораҳои феълӣ тавассути воситаҳои гуногуни алоқаи наҳвӣ;

-муайян кардани дараҷаи истеъмоли пешоянду пасояндҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ ба сифати воситаи алоқа;

-ошкор сохтани ибораҳои феълие, ки тавассути ду воситаи алоқаи грамматикӣ ташаккул меёбанд;

-муайян намудани вижагиҳои маъноии феълҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ ва дар рафти таҳлили гурӯҳҳои маъноии феълҳо ба назари эътибор гирифтани маънои аслӣ ва маҷозии феълҳо.

**Объекти таҳқиқ.** Азбаски хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ мавзӯи таҳқиқ унвон гирифтааст, ба сифати объекти таҳқиқ маводи сарчашмаҳои хаттии асрҳои XV-XVI интихоб шудааст. Маҳз, ибораҳои феълӣ дар осори мансури ин давра метавонанд ба сифати мавод ҳамчун объекти таҳқиқ баррасӣ шаванд.

**Мавзӯи таҳқиқ**. Мавзӯи пажӯҳиш, асосан, хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар мисоли насри асрҳои XV-XVI маҳсуб меёбад, ки дар робита бо дигар воҳидҳои забонӣ ва сарчашмаҳои насри адибони давраи мавриди назар баррасӣ гардидаанд.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ**. Кори таҳқиқии мо дар заминаи таҳлили пурра ва амиқи сарчашмаҳои хаттии асрҳои XV-XV1 - «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, «Аҷоиб-ул-макдур фи ахбори Темур»-и Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ, “Футувватномаи султонӣ”, “Ахлоқи Муҳсинӣ”–и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Туҳфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ, «Латоиф-ут-тавоиф»-и Фахриддин Алии Сафӣ ва “Чаҳор гулзор”-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ анҷом ёфтааст.

Ҳангоми таҳлили маводи сарчашмаҳои давраи мавриди назар, инчунин ба сарчашмаҳои хаттии давраҳои гуногун, аз ҷумла “Таърихи Байҳақӣ”–и Абулфазли Байҳақӣ (а. XI), “Гулистон”-и Саъдӣ (а. XIII), “Нузҳат-ул-арвоҳ”-и Мир Ҳусайни Ҳиравӣ (а. XIV) низ ҷиҳати муқоиса таваҷҷуҳ шудааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқи** мазкурро асарҳои илмию назариявии олимони забоншинос, ки роҷеъ ба назарияи ибора, хусусиятҳои грамматикиву тобишҳои маъноии ибораҳои феълӣ ва хусусиятҳои забони осори мансур таҳқиқоти боарзише ба анҷом расонидаанд, ташкил медиҳад. Бинобар ин, мо зимни баррасии масоили назариявии кор, таҳқиқи масъалаҳои умумӣ ва

муҳимми мавзӯи диссертатсия асарҳои муҳаққиқони рус ва мамолики хориҷӣ И. Рис, Ф. де Соссюр, Н. И. Греч, В. Н. Ярсева, Л. И. Илия, Е. А. Крашенинникова, М. В. Ломоносов, Ф. И. Буслаев, А. В. Добиаш, А. Х. Востоков, Ф. Ф. Фортунатов, А. М. Пешковский, М. Н. Петерсон, А. А. Шахматов, Л. В. Шерба, А. А. Потебня, И. И. Мешанинов, Р. Якобсон ва ҳангоми баррасии масъалаҳои назарияи ибора осори илмии бевоситаи муҳаққиқони ҳамин соҳа В. В. Виноградов, З. Клеменсевич, Е. С. Скобликова, В. П. Сухотин, Н. С. Валгина, А. М. Пешковский, Н. Н. Прокопович, И. К. Овчинникова, Ю. А. Рубинчик, К. Г. Залеман, Н. Ю. Шведова, О. В. Александрова, Р. Барт, М. М. Бахтин, Г. А. Золотова, В. В. Иванов, Е. С. Кубрякова, Ю. М. Лотман, А. Ю. Купалова, П. А. Лекант, В. А. Добромислов, В. В. Бабайсева, Г. А. Фомичёва, Г. О. Винокур, С. В. Воронин, А. Н. Гвоздев, Т. П. Ломтев, Ю. М. Сеидов, А. Абдуллоев, К. Сариев ва дигаронро ҳамчун асоси назариявию методологӣ қарор додем.

Бисёр ҷанбаҳои назариявии ибора, бахусус, масъалаи алоқаи ибора бо ҷумла, ҷумлаҳои пайрав ва аъзоҳои ҷумла, воситаҳои алоқаи грамматикӣ, омӯзиши хусусиятҳои забони осори адибони давраи муайян аз ҷониби забоншиносон ва муҳаққиқони тоҷик Б. Ниёзмуҳаммадов, Н. Маъсумӣ, В. С. Расторгуева, Р. Ғаффоров, Р. Ҷӯраев, М. Исматуллоев, Ғ. Ҷӯраев, Ф. Зикриёев, М. Норматов, Б. Камолиддинов, С. Атобуллоев, К. Қаландаров, Д. Хоҷаев, М. Давлатова, Г. Камолова, М. Эгамбердиев, Х. Ҳусейнов, С. Аслиддинов, А. Халилов, А. Каримов, А. Ҳасанзода, Ҳ. Маҷидов, Н. Офаридаев, Ш. Исмоилов, З. Мухторов, С. Раҳматуллозода, Р. Самадова, М. Ҷабборова, С. Назарзода, М. Султонов, М. Қ. Саломиён, О. Қосимов, Д. Ҳомидов, Ж. Гулназарова ва дигарон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст, ки мо дар равиши таҳқиқ ба асосҳои назариявию методологии таҳқиқоти мазкур такя кардем.

Бояд зикр кард, ки чун таҳқиқи мо фарогири мавзӯи ибораҳо аст, зарурати илмӣ пеш омад, ки ба якчанд асари ба ин соҳа бахшидашуда мувоҷеҳ гардем ва дар ин росто аз андешаҳои муҳаққиқони тоҷик чун Ш. Н. Ниёзӣ, Д. Т. Тоҷиев, Ш. Рустамов, С. В. Хушенова, М. Н. Қосимова, Ғ. Ҷӯраев, А. Мирзоев, А. Халилов, Б. Камолиддинов, С. Абдураҳимов, М. Акрамов, А. Алиев, Ҳ. Солиев ва

муҳаққиқони солҳои охир С. Хоҷаев, С. Қурбонов, Х. Камолов, М. Темурова, С. Расулов ва дигарон баҳравар гардида, андешаҳои онҳоро низ роҷеъ ба масъалаҳои гуногуни ибора, бахусус, ибораҳои феълӣ ба инобат гирем.

**Усулҳои таҳқиқ.** Дар диссертатсия аз методҳои маъмулу санҷидашудаи таҳқиқи забоншиносӣ, чун усулҳои муқоисавӣ, усули мушоҳидаю муқоиса, синхронию диахронӣ, шарҳу тафсир, усули муқоисавӣ-таҳлилӣ, семантикию услубӣ ва инчунин усулҳои таҳлилу таҷзияи умумии маводи таҳлилёбанда, таҳлили матнӣ ва шаклҳои ҳисоби басомади амсол ба таври васеъ истифода гардидааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ.** Дар рисола саъй карда шудааст, ки бори нахуст вижагиҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар осори хаттии асрҳои XV-XVI мавриди пажӯҳиш ва баррасӣ қарор бигирад. Ҳамчунин, дар пояи илми маъношиносӣ бори нахуст ба таври силсилавӣ омӯхтани тобишҳои маъноии феълҳо дар таркиби ибораҳои феълии забони адабӣ дар асрҳои XV-XVI ба миён гузошта мешавад. Дар диссертатсия зимни маводи сарчашмаҳои хаттии давраи мавриди назар таърихи ташаккули ибораҳои феълӣ, рушду нумӯъ ёфтани воситаҳои алоқаи байни ҳиссаҳои таркиби ибораҳои феълӣ, бо ду воситаи грамматикӣ пайваст шудани ҷузъҳои ибора, муносибатҳои наҳвӣ, таркибҳои пешояндӣ, қолабҳои мустаъмали ин гуна ибораҳо ва муқоисаи онҳо бо забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, хусусиятҳои услубии ибораҳои мазкур бо ибораҳои феълии забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, хусусиятҳои услубии ибораҳои феълӣ ва ҳолати имрӯзаи истифодаи онҳо, басомади пешоянду пасояндҳо чун воситаи алоқа ва дигар масоили марбут ба ибораҳои наҳвӣ бори нахуст ба таҳқиқ фаро гирифта шудааст.

Дар баробари ин, дар диссертатсия алоқаи ибораи синтаксисиву ибораи фразеологӣ, дараҷаи истеъмоли онҳо дар насри классикии асрҳои XV-XVI мавриди баррасии васеъ қарор гирифта, оид ба муродифоти грамматикии ибораҳои феълӣ, хусусиятҳои ҳаммаъноии пешояндҳо ва пасояндҳо, нақши воситаҳои грамматикӣ ва шаклҳои феълӣ дар ташаккули муродифоти ибораҳои феълӣ бори нахуст аз дидгоҳи илмӣ мавриди таҳлил қарор мегирад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот.** Таҳқиқи наҳви осори гаронбаҳои давраи классикӣ дар замони ҳозира аз масоили басо мубрами забоншиносии тоҷик маҳсуб меёбад. Бахусус, забони осори насри бадеии классикӣ, ки дар таърихи тамаддуни халқи тоҷик нақши бузург гузоштааст, баҳри ифшою рӯшанӣ андохтан ба хусусиятҳои зиёди равобити калимаҳо ва алоқаи муносибатҳои наҳвии онҳо аҳамияти махсус дорад.

Таҳқиқи хусусияти грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ ва алоқаи байни ҷузъҳои он дар насри асрҳои XV-XVI баҳри кушодани вижагиҳои хоси забони ғании классикӣ, муайян намудани ғановати он ва муайян кардани мақоми сарчашмаҳои хаттии давраи мавриди пажӯҳиш дар устувордошт, такомул ва рушди забони адабии тоҷикӣ ёрӣ мерасонад.

**Аҳамияти амалии диссертатсия.** Натиҷаи таҳқиқ дар амал барои таълими фанҳои тахассусии лингвистӣ чун луғатшиносӣ, наҳвшиносӣ, услубшиносӣ, маданияти нутқ, таҳлили матни бадеӣ, таълифи китобҳои дарсию воситаҳои таълимӣ, таълифи фарҳангҳои тафсирию фарҳанги осори адибони давраи мазкур мусоидат менамояд. Ҳамчунин, бахшҳои алоҳидаи диссертатсия ба ҳайси фанҳои тахассусии соҳаи забоншиносӣ, наҳвшиносӣ, матншиносӣ ва ихтисосҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ метавонанд мавриди таълиму тадрис қарор бигиранд.

**Нуктаҳои меҳварие, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд:**

1. Дар забони сарчашмаҳои хаттии асрҳои XV-XVI доираи маънои феъл нисбат ба ҳамаи ҳиссаҳои нутқ фарохтар, дараҷаи корбурд ва муассирии он бештар аст, зеро он ба сухан бештар фаъолӣ ва муассирӣ бахшида, оид ба ҳодисаву воқеаҳо таассуроти пурра пайдо мекунонад.

2. Таҳлили масъалаҳои назариявии ибора собит намуд, ки алоқаи байни унсурҳои забон то чӣ андоза мураккабанд, соҳаҳои мухталифи забоншиносӣ ба доираи якдигар даромада, масоили гуногуни забон дар сатҳҳои мухталиф печидаанд.

3. Таҳқиқи воситаҳои муносибати байни ҷузъҳои ибораҳои феълӣ (калимаи асосӣ ва тобеъ), махсусан, пешоянду пасояндҳо, ки ба сифати воситаи алоқа

хидмат кардаанд, шаклҳои ифодаи ибораҳои феълӣ, дараҷаи истеъмолёбии ҳар як пешоянду пасоянд дар таркиби ибораи феълӣ, тафовути онҳо, қолабҳои синтаксисӣ ва хусусиёти услубии онҳо ва инчунин ҳолати суфташавӣ ва ё аз истеъмол баромадани ин навъи ибораҳо дар заминаи осори хаттии давраи таҳқиқ аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муосир аст.

4. Дар ташаккули ибораҳои феълӣ ва ифодаи муносибатҳои гуногуни наҳвӣ дар насри давраи таҳқиқшаванда пешояндҳои аслӣ ва номӣ фаровон истифода шудаанд. Ҳангоми таҳлили мавод муайян карда шуд, ки бо пешоянди муайян ба сифати ҷузъи асосӣ кадом гурӯҳи луғавии феълҳо ва ба сифати ҷузъи тобеъ кадом гурӯҳи луғавии исму дигар вожаҳо ҳамроҳ омада метавонанд ва ифодагари кадом муносибатҳои наҳвиянд, чунончи: *ба ҳокими Басра додан [329;53], дар меҳмонхона даровардан [336;1131], аз тарс беҳӯш гардидан [338;29], бар бом баровардан [336; 847], аз пеши имом гузаштан [338;36],ба дари хона расидан [336;65], аз пайи сайде тохтан [336;752] ва амсоли инҳо.*

5. Дар алоқаи пасояндии ибораҳои феълии осори хаттии ин давра, асосан, пасоянди **-ро** ҳамчун воситаи муҳим дида мешавад. Миқдоран кам будани пасояндҳо аз он сабаб аст, ки дар асрҳои таҳқиқшавандаи забони адабии тоҷик системаи пасояндҳо нисбат ба пешояндҳо сусттар инкишоф ёфтааст. Таҳлили мавод нишон дод, ки пасоянди **–ро** дар насри ин давра дар доираи ибораҳои феълӣ вазифаҳои гуногуни наҳвиро ба уҳда дошта, асосан, муносибати пуркунандагӣ, бахусус, пуркунандаи бевоситаро дар ибора ифода намудааст.

6. Хусусияти дигари ибораҳои феълии осори хаттии давраи мавриди назар боз дар он аст, ки пешояндҳои аслӣ дар таркиби ибораҳои феълӣ муродифи ҳамдигар буда, чунин тарзи ифода ба забони адабии ҳозираи тоҷик бетаъсир нест ва муродифшавӣ дар байни пешояндҳои содаи **аз, ба, бо, дар, бар, барои** ва пасоянди **–ро** сурат гирифтааст.

7. Дар сарчашмаҳои хаттии давраи мавриди назар дар ҷараёни алоқа ва муносибатҳои наҳвии ҷузъҳои ибораҳои феълӣ пешояндҳои номӣ мақоми хос доранд. Теъдоди пешояндҳои аслӣ, ки аз давраи миёна мерос мондаанд, хеле каманд ва қатъи назар аз он ки онҳо дорои маънои аслӣ ва маҷозӣ мебошанд, дар

ҳеҷ сурат талаби рӯзафзуни одамон ва пайдоиши муносибатҳои нави наҳвиро қонеъ карда наметавонистанд, ки ин ҳама омили муҳимми маъно ва сохтору вазифаҳои нав ба нав касб кардани иборахо гардидааст.

8. Дар илми забоншиносӣ собит шудааст, ки алоқаи ҳамроҳӣ чунин навъи алоқаи наҳвиест, ки дар он тобеъшавии як калима бо калимаи дигар на ба воситаи бандаки изофӣ ва пешоянду пасоянд, балки бо тартиб, ба вазифаи грамматикӣ ва ба маънои худ ифода меёбад. Дар ташаккули ибораҳои феълии алоқаи ҳамроҳӣ, пеш аз ҳама, маънои луғавӣ дар тартиби ҷойгирии ҷузъҳои ибора аҳамияти бузург дорад ва ба воситаи алоқаи ҳамроҳӣ сурат гирифтани зарфҳо чун ҷузъи тобеи ибораҳои феълӣ фаровон аст. Ба сифати ҷузъи тобеъ бо феъл омадани исмҳо ва дигар ҳиссаҳои нутқ маҳдудтар аст ва исмҳои гуногун бештар ба феълҳои гузаранда тобеъ шуда, ибораҳои феълии алоқаи ҳамроҳиро ташкил медиҳанд ва муносибатҳои гуногуни грамматикиро ифода менамоянд.

9. Хусусияти муҳимми ибораҳои феълии насри ин давра дар он аст, ки алоқаи вожаҳо бо ду воситаи грамматикӣ: алоқаи вобастагӣ (пешояндӣ, пасояндӣ) ва алоқаи ҳамроҳӣ сурат мегирад ва дар забони муосири тоҷик низ он вижагиҳо бо хусусиятҳои ба худ хос идома меёбад.

10. Дар ташаккули ибораҳои феълӣ, махсусан, қолабҳои пешоянд+феъл+исм; пешоянд+феъл+феъл, пешоянд+феъл+ ҷонишин нисбат ба дигар қолабҳои феълӣ сермаҳсултару серистифодаанд.

**Коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ.** Бахшҳои асосии кори мазкур дар ҷаласаҳо ва семинарҳои илмии кафедраи назария ва амалияи забоншиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ якчанд маротиба мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Идеяҳо, масоил, хулосаҳои кор аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами лаҳҷашиносӣ ва номшиносии тоҷик” дастовард ва дурнамо”(2016), «Нақши забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими Ваҳдати миллӣ” (2017), «Масъалаҳои мубрами забони адабии муосири тоҷик» (2017), «Масъалаҳои сарфи забони тоҷикӣ (2019) ва конференсияҳои илмии солонаи устодону кормандони ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ (2010-2020) мавриди муҳокимаю баррасӣ қарор гирифтааст.

Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар ду рисола бо номҳои “Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои аслӣ” (дар асоси маводи “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ (2013) ва “Хусусиятҳои грамматикии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик” (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV- XV1 (2020) ба табъ расидаанд. Масъалаҳои асосии ин таҳқиқ дар 28 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии бонуфуз, аз ҷумла 22 мақола дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи КОА Федератсияи Россия ва КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 27.09.2019, суратҷаласаи №1 ва сексияи забоншиносии назди Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-028 –Забони тоҷикӣ дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (суратҷаласаи №7 аз 18.04.2020) муҳокима шуда, ба ҳимоя пешниҳод гардидааст.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, чаҳор боб, 16 фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

# БОБИ 1. ТАҲҚИҚИ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА РОҲҲОИ ИНКИШОФИ ИБОРАҲОИ ФЕЪЛИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

**1. Матолиби муқаддимотӣ.** Таҳқиқи ибора ва масъалаҳои марбут ба он ҳанӯз таваҷҷуҳи забоншиносонро дар давраҳои гуногуни таърихӣ, аз ҷумла аз замонҳои қадим ба худ ҷалб карда буд. Дар давраҳои гуногуни таърихӣ, яъне ҳанӯз оғоз аз замонҳои қадим оид ба мақоми ибора дар наҳв ақидаҳои гуногун мавҷуд буд. Масалан, дар таърихи ташаккули афкори грамматикӣ, дар муайян намудани мавзӯъ ва вазифаҳои наҳв дар асоси қоидаҳои забоншиносӣ се марҳилаи асосиро метавон мушоҳида кард:

-наҳв ҳамчун таълимот дар бораи ҷумла ва аъзоҳои он, ки ба мантиқ такя мекунад;

-наҳв ҳамчун таълимот дар бораи ибора ва робитаи вожаҳо, ки доираи хеле фарох дорад;

-наҳв ҳамчун қисми забоншиносӣ таълимотест, ки дар заминаи ибора ва ҷумла ташаккул ёфтааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар ин ҷо ҳадафи мо таҳлил ва баррасии муфассали андешаҳои муаллифони гуногун оид ба масъалаҳои назариявии ибора нест. Ин гуна баррасиву таҳлил оид ба масъалаи назарияи ибора дар як қатор асару таҳқиқот бисёр амиқ ва ҳамаҷониба нишон дода шудааст [269; 246; 237; 206; 264; 262; 65 ва диг.].

Дар ин бахш танҳо нуқтаи назари олимону забоншиносоне, ки перомуни як қатор масъалаҳои баҳсноку ҳалношудаи масоили ибора, махсусан, ибораҳои феълӣ муносибати байни ибораву ҷумла, синтагма, ибораҳои феълӣ ва шаклҳои зоҳиршавии он, муносибатҳои синтаксисӣ дар таркиби ибораҳои феълӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба он мавҷуданд, мавриди таҳқиқ қарор додаем.

Омӯзиши ибораҳои феълӣ барои илми забоншиносӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меоварад. Вай имкон медиҳад, ки таҳқиқгари забон ба табиату

хусусият ва қонуну қоидаҳои ҷумла ва ибора ва бисёр масъалаҳои мураккаби грамматикаи забони тоҷикӣ, аз ҷумла таснифи ҳиссаҳои нутқ, феълҳои таркибии номӣ, ифодаи намуди феъл, пешоянду пасояндҳо ва ғайра ба таври дигар таҷдиди назар намояд.

Таҳқиқи ҳаматарафа доир ба сохтор ва мавзӯи наҳв дар Ғарб ба номи олимони ѓарбӣ Иоҳан Рис, Фердинанд де Соссюр, В. Н. Ярсева, Л. И. Илия, Е.А. Крашенинникова, дар таърихи забоншиносии Руссия ба номи М. В. Ломоносов, А. Х. Востоков, Ф. Ф. Фортунатов, А. М. Пешковский, М. Н. Петерсон, А. А. Шахматов, дар забоншиносии ҳозираи рус таълимоти назарияи ибора ба номи В. В. Виноградов, А. Н. Гвоздев, Е. С. Скобликова, В. П. Сухотин, Н. С. Валгина, Н. Н. Пропокович, И. К Овчинникова, Ю. А. Рубинчик, В. А. Добромислов, К. Г. Залеман ва дар забоншиносии кишварҳои иттиҳоди мустақил бо номи Ю. М. Сеидов, А. Абдуллоев, К. Сариев, А. Мирзоев ва дигарон зич алоқамандӣ дорад.

Солҳои охир ба масъалаи таҳқиқи ибораҳои феълӣ таваҷҷуҳи бештаре зоҳир карда мешавад. Зимнан таъкид кард, ки дар даҳсолаи аввали солҳои 2000-ум аз ҷониби як қатор муҳаққиқони русу ватанӣ дар атрофи ибораҳои феълӣ диссертатсияҳои номзадӣ ва докторӣ ба дифоъ расиданд: М. Б. Нағзибекова [225], А. О. Ғаффоров [163], С. О. Хоҷаева [285], Н. М. Абдуллаева [115], З. М. Байрамова [131], З. Г. Гебекова [165], М. Темурова [278] ва чанде дигаронро метавон ном бурд.

Азбаски дар марҳилаҳои кунунии забоншиносии умумӣ доир ба масаъалаҳои наҳв, бахусус, таҳқиқу таълими ибора ва дигар масъалаҳои марбути он аз ҷониби олимону донишмандони мактабҳои гуногуни хориҷиву ватанӣ таваҷҷуҳи фаровон зоҳир шудааст, лозим дониста шуд, ки ҳар яке аз онҳоро дар алоҳидагӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем.

## 1.1.Таҳқиқи ибора дар забоншиносии Ғарб

Бояд гуфт, ки дар оғози садаи XX проблемаи ибора ҳамчун яке аз мавзӯъҳои асосии наҳв дар маркази диққати олимони Ғарб қарор мегирад. Маҳз, дар ҳамин давра омӯхтани проблемаи ибора аз ҷониби олими немис

Иоҳан Рис оғоз мегардад. Ӯ бо такя ба ақидаҳои гузаштагон ба таҳқиқи сохти грамматикаи забони немисӣ оғоз намуда, дар бораи сохтори наҳв, аз ҷумла ибора, вазифаҳои он дар забони немисӣ як қатор тадқиқот ба анҷом мерасонад. Муаллиф дар асоси таълимоти Аполлон Дискол мафҳуми ибора, навъҳои он, тафовути онро аз дигар воҳидҳои забон, навъҳои асосии онро таъин намуда, аҳамияти назарӣ ва амалӣ доштани онро дар тадқиқ ва таълими забони немисӣ нишон медиҳад. И. Рис ба масъалаи навъҳои синтаксисӣ таваҷҷуҳи махсус дода, қайд мекунад, ки: «Калимаҳо ҳамчун воситаи ягона ва асосӣ нисбатан мустақил буда, ба ибораҳо алоқаманд мешаванд» [301; 143] ва дар ҷойи дигар хусусияти алоқаи наҳвии ҷузъҳои ибораҳоро ба эътибор гирифта, таснифоти ҳаматарафаи онҳоро муайян месозад. Баробари ин як хизмати шоёни ин муҳаққиқ дар он буд, ки ӯ калимаҳоро аз рӯйи мансубияти морфологиашон ба навъҳои зерин: номӣ, феълӣ, сифатӣ ва зарфӣ ҷудо кардааст, ки ин назарияи то кунун аҳамияти худро гум накардааст. Азбаски И. Рис ба масъалаи омӯхтани ибораҳо дар забони немисӣ аввалин бор ба таври ҷиддӣ даст мезанад, дар таълимоти доир ба ибора бахшидаи ӯ баъзе норасоиҳо ва норавшаниҳо роҳ меёбанд. Аз ҷумла дар таълимоти ӯ ибора бо ҷумла на ҳамчун воҳидҳои алоҳидаи наҳвӣ, балки ба таври омехта баррасӣ мешавад.

Дар ҳамин давра, аниқтараш оғози асри XX таҳқиқи масъалаҳои грамматика, аз ҷумла наҳв диққати забоншиносони Ғарб, аз ҷумла Фердинанд де Соссюрро низ ба худ ҷалб мекунад. Соссюр дар таълимоти ба соҳаи наҳв бахшидашуда [267; 221] бештар ба истилоҳи «синтагма» рӯ оварда, ҳар гуна пайвастҳои синтаксисӣ, таркибҳои фонетикиву синтаксисӣ, инчунин унсурҳои забонро, «синтагма» ном бурдааст. Мувофиқи таълимоти ӯ синтагма аз мавзӯъҳои асосии наҳв ба ҳисоб мерафт ва тавассути таълимоти ӯ минбаъд мафҳуми синтагма вусъат ёфта, дар маркази диққати забоншиносон қарор мегирад. Бештари тарафдорони таълимоти Соссюр синтагмаро ҳамчун ҷузъи ҷумла, яъне ибора меҳисобиданд. Новобаста ба ин, ба фикри мо, маҳз ақидаҳои вай, ки минбаъд пайравонаш таълимоти ӯро

инкишоф медиҳанд, дар хусуси «синтагма»-ро ҳамчун ибора пиндоштан ва мавзӯи асосии наҳв ҳисобидан чандон саҳеҳ наменамояд, зеро синтагма порчаи ҷудогонаи ҷараёни нутқро, ки аз бобати маъно ва овоз ягонаанд, инъикос менамояд.

Баъдтар мулоҳизаҳо доир ба ибора дар асарҳои профессор З. Клеменсевич, ки ба омӯзишу таҳқиқи наҳви забони полякӣ машғул буд, ифода ёфтаанд. Муаллиф дар баробари баён намудани аломатҳо ва хусусиятҳои наҳви забони полякӣ, дар бораи мафҳуми ибора ва синтагма низ маълумотҳо пешниҳод менамояд [296]. Бо вуҷуди он ки З. Клеменсевич дар бораи ибора андешаҳои пурарзиш ва муҳим пешниҳод менамояд, дар таълимоти ӯ масъалаи омехташавии ин ду воҳиди алоҳидаи наҳв ибора ва ҷумла мушоҳида карда мешавад. Чунин ҳолатро дар таълимоти аксари забоншиносони Ғарб мушоҳида кардан мумкин аст ва ба фикри мо, ин аз он сабаб буд, ки ин гурӯҳи олимон дар маркази таълимоти худ ҷумларо унсури асосӣ ба қалам дода, ба проблемаи ибора камтар аҳамият медоданд.

Бояд қайд намуд, ки баъд аз солҳои 50-ум аз ҷониби як гурӯҳ олимон дар атрофи масъалаҳои наҳв асарҳои ҷудогона ба табъ мерасанд. Аз ҷумла, профессор В. Н. Ярсева дар асари худ «Таърихи синтаксиси забони англисӣ» [295] дар баробари баён намудани аломатҳо ва хусусиятҳои грамматикии ибораҳо, инчунин дар бораи тарзҳои сохтани ибораҳо, ки танҳо дар дохили ҷумла ба вуҷуд меояд, муносибаҳои синтаксисӣ, навъҳои ибораҳои забони англисӣ маълумотҳои саҳеҳ ва комил пешниҳод менамояд.

Забоншиноси франсавӣ Л. И. Илия дар таҳқиқоти худ «Синтаксиси забони муосири франсавӣ» [192] ба ибораҳои забони франсавӣ фасли ҷудогона бахшида, мавқи онро ҳамчун воҳиди асосии наҳв дуруст муқаррар намудааст. Муаллиф дар таълимоташ ба масъалаи ибора таваҷҷуҳи бештар намуда, вазифаҳои ибораро дар нутқ дуруст ва мушаххас ифода намудааст. Умуман, таълимоти ӯ дар хусуси масъалаҳои муносибати ибора бо калима ва ҷумла, аломатҳои грамматикӣ, хелҳои ибора дар илми забоншиносӣ аҳамияти бузурги илмӣ ва амалиро моликанд.

Тадқиқоти дигаре, ки ба масъалаи наҳв бахшида шудааст, асари Е. А. Крашенинникова «Навгонӣ дар грамматикаи забони немисӣ» [206] мебошад. Ин аз зумраи он асарҳое аст, ки дар он масъалаҳои синтаксиси ибора дар забони немисӣ ба таври пурра мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Ҳамин тариқ, муайян намудани хусусиятҳои ибора, муносибати вай ба синтагма ва ҷумла ва дигар омилҳои семантикӣ ва синтаксисӣ дар асарҳои як гурӯҳи забоншиносони Ғарб, ки зикрашон дар боло рафт, моро ба хулосае меоварад, ки дар онҳо масъалаҳои назариявии ибора ва ҷумла бо ҳам омехта гардида, вазифа, ҷиҳатҳои фарқи байни ин ду воҳиди наҳвӣ норавшан боқӣ мемонанд.

## 1. 2. Таҳқиқи ибора дар забоншиносии рус

Илми наҳв дар забоншиносии рус вижагиҳои махсуси худро дошт. Тавре ки академик В. В. Виноградов қайд мекунад: «Дар грамматикаи қадимтарини забони русӣ мавзӯи калима ва ҷумла мавриди баррасӣ қарор ёфтааст. Дар онҳо наҳв як бахши муҳимми забоншиносӣ маҳсуб ёфта, пеш аз ҳама, чун таълимоти пайвасти ҳиссаҳои нутқ, пайвасти калимаҳо дар ҷумла, яъне ҳамчун таълимоти махсуси ибора баррасӣ мешуд» [152; 204].

Дар забоншиносии рус кӯшишҳои нахуст дар масъалаи ҳамчун воҳиди мустақили синтаксисӣ эътироф кардани ибора аз ҷониби забоншинос А. А. Потебня [244] ба миён омадааст. А. А. Потебня ба масъалаи омӯзиши ибора ҳамчун категорияи алоҳидаи наҳвӣ ба таври алоҳида машғул намешавад. Дар таълимоти ӯ мавзӯи ҷумла ва аъзоҳои он нақши муҳим дошт, аммо ӯ аз аввалин муҳаққиқонест, ки ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ғояи тағйири таърихии шакли ҷумларо пешниҳод намуд ва ба ин васила дар танзими илмии таълимоти синтаксиси таърихӣ саҳми муҳим гузоштааст.

Олими дигари рус А. В. Добиаш [171] таҳқиқоти ба масъалаи наҳв бахшидашудаашро дар заминаи семасиология ва шаклҳои ҳиссаҳои нутқ баррасӣ намуда, исбот кардааст, ки вазифаи муҳимтарини синтаксис муайян намудани навъҳои мухталифи калимаҳо бо шаклҳои гуногуни пайвасти калимаҳо мебошад. Дар таълимоти А. В. Добиаш, асосан, ба масъалаи

калимаҳои тафсилшаванда ва тафсилкунанда ва алоқаҳои аъзоҳои ҷумла таваҷҷуҳ зоҳир шудааст. Ибора ҳамчун воҳиди мустақили наҳвӣ дар таълимоти ба соҳаи наҳв бахшидаи ӯ муайян нагардидааст, вале назарияҳои ӯ дар хусуси таълимоти наҳв ва, бахусус руҷӯъ кардан ба омӯзиши ибора арзиши ҳам илмӣ ва амалиро моликанд.

Забоншиносони дигари рус, ки ба омӯзиши масъалаҳои ибора ва ҷумла андешаронӣ намудааст, академик Ф. Ф. Фортунатов [282] мебошад. Ӯ дар таҳқиқоти худ доир ба сохтори наҳв бо такя аз сарчашмаҳои боэътимоди Ғарб [Иоҳан Рис] масъалаи мубрамияти муносибати дутарафаи ибора ва ҷумларо мавриди таҳқиқ қарор додааст. Маҳз ҷустуҷӯҳои баъдинаи эҷодӣ дар охирҳои асри XIX доир ба омӯзиши наҳв дар забоншиносии рус бо номи ӯ зич алоқамандӣ дорад.

Ф. Ф. Фортунатов ба масъалаҳои наҳв ҷиддӣ машғул шуда, мавзӯи ибораро дар маркази таълимоти худ қарор медиҳад ва таъкид месозад, ки дар баробари шакли калимаҳо-шакли ибораҳое низ ҳастанд, ки омӯзиши онҳо бояд мавзӯи асосии наҳвро ташкил диҳанд. Дар таълимоти ӯ мафҳуми ибора чунин шарҳ ёфтааст: «Он вожаи яклухтро аз рӯйи маъно ибора меҳисобам, ки аз пайвасти як калимаи пурра бо калимаи пурраи дигар сохта шавад» [282; 131-132].

Ҳамин тавр, Ф. Ф. Фортунатов дар таълимоти худ дар масъалаи муайян намудани ибора ҳамчун воҳиди наҳвӣ як қатор хусусиятҳо, аз ҷумла ба эътибор нагирифтани алоқаи дутарафаи омилҳои грамматикӣ ва луғавию семантикӣ дар сохтани ибора, эътироф гардидани ибораҳои ғайриграмматикӣ, аз ҳад зиёд васеъ фаҳмидани мафҳуми ибора ва монанди инҳоро ба назар нагирифтааст.

Новобаста аз ин, ба андешаи мо, аз таҳқиқотҳои Ф. Ф. Фортунатов ба хулосае омадан мумкин аст, ки ӯ ибораро ҳамчун як категорияи муҳимтарини наҳв ба қалам дода, онро ба сифати мавзӯи асосии наҳв пешниҳод кард ва назарияи нисбатан пурра ва саҳеҳи ибораро ба вуҷуд овард, ки дар омӯхтани масъалаҳои муҳимтарини наҳви забони русӣ таъсири назаррас расонид.

Дар ташаккули минбаъдаи таълимоти наҳв саҳми профессор М. Н. Петерсон арзанда аст. М. Н. Петерсон ба масъалаи омӯзиши ҳаматарафаи наҳв бештар машғул шуда қайд кардааст: «Таърифи аз тарафи умум эътирофшудаи наҳв вуҷуд надорад; баъзеҳо наҳвро ба таълимоти ҷумла, дигарон бо таълимоти ҳиссаҳои нутқ айниятдор мешуморанд, аммо наҳви омехта навъи аз ҳама муқарраритар ба шумор меравад» [240; 24].

Маълум аст, ки М. Н. Петерсон дар таълимоташ оид ба мавзӯъ ва вазифаҳои наҳв назария ва консепсияи забоншиносии академик Ф. Ф. Фортунатовро ба асос гирифта, таъкид менамояд, ки дар маркази наҳв ибораҳо бояд чун воҳиди асосӣ қарор дошта бошанд, на ҷумлаҳо. Ба наҳв таъкид мекунад, Петерсон фақат ҷумлаҳое дохил мешавад, ки ибораҳоро ташкил мекунанд [241; 28]. Ба ақидаи ӯ танҳо ибора метавонад, мавзӯи асосии наҳв қарор гирад. Ин аст, ки дар таълимоти М. Н. Петерсон мафҳуми ибора васеъ гардида, на танҳо таркибу пайвастҳои наҳвӣ, инчунин пайвастҳои секалимагиву ҷумлаҳои содаро низ фаро мегирад. Муаллиф ибораҳоро аз рӯи таркиб ба гурӯҳҳо ҷудо карда, хелҳои ибораро мувофиқи вижагиҳои морфологӣ муайян намуда, омӯхтани ҷумларо аз муҳимтарин вазифаҳои наҳв ба қалам медиҳад. Бо вуҷуди ин, дар таълимоти М. Н. Петерсон баъзе норасоиҳо дида мешаванд, ки яке аз онҳо ба таври умумӣ ва номуайян баррасӣ шудани хусусиятҳои зоҳиршавии ибора вазифаҳои наҳвии он мебошад. Ҳарчанд М. Н. Петерсон дар таълимоти хеш ба наҳв мафҳуми ҷумларо дохил карда бошад ҳам, ба андешаи мо, таълимоти ӯ дар асл дар бораи назарияи ибора боқӣ мемонад ва минбаъд дар таҳлилу баррасии масъалаҳои ибора ҳамчун сарчашмаи боэътимод хидмат хоҳад кард.

Дар таҳқиқоти минбаъда доираи мафҳуми ибора бениҳоят васеъ мегардад, ки ҷумла яке аз хелҳои он дониста мешавад. Масалан, А. М. Пешковский ба назарияҳои Ф. Ф. Фортунатов ва М. Н. Петерсон такя намуда, мафҳуми ибораро васеъ намуда, онро бо ҷумла иваз месозад ва таъкид менамояд, ки ҷумлаи якалимагӣ низ ибора мебошад. Ба ақидаи ӯ ҷумла яке аз ашколи ибора буда, дар ҷумлаҳои нопурра интонатсия бевоста шакли

ибораро ба вуҷуд меоварад. Бо вуҷуди ин, яке аз камбудиҳое, ки дар таълимоти А. М. Пешковский ба мушоҳида мерасад, ба андешаи мо, аз ҳад зиёд мафҳуми ибораро васеъ карда, ҳатто ҷумларо яке аз хелҳои он меҳисобад, ба шумор меравад. Бояд гуфт, ки таълимоти А. М. Пешковский оид ба наҳв дар рушди минбаъдаи афкори забоншиносии муосири рус ёрии калон расонидааст.

Академик А. А. Шахматов бар хилофи Ф. Ф. Фортунатов ва пайравони ӯ дар таълимоти хеш оид ба наҳв чунин нуктаро муҳим мешуморид: «таълимот дар бораи ҷумла, аз як тараф, таълимот дар бораи ибора, аз сӯи дигар вазифа доранд тамоми унсурҳоеро, ки ба ҷумла дохил мешаванд, дар бар бигиранд» [291; 276]. Ӯ кӯшиш намудааст, ки ибораро аз ҷумла ҷудо намуда, хусусиятҳои онҳоро ба таври алоҳида шарҳ диҳад, аммо дар ин бобат ба таълимоти Ф. Ф. Фортунатов такя намуда, ибораро ба намудҳои пурра ва нопурра ҷудо менамояд. Умуман, ибора барои А. А. Шахматов фақат унсури сохти ҷумла буда, аз дохили ҷумла ҷудо мешавад ва маънои ҷузъ ва ё аъзои ҷумларо дар худ нигоҳ медорад. Ҳарчанд дар таълимоти академик А. А. Шахматов хусусиятҳои ибора бо хусусиятҳои аъзоҳои пайрави ҷумла омехта баррасӣ шуда бошад ҳам, ба фикри мо, мулоҳизаҳои ӯ дар бобати ин қисми грамматика арзиши муайяни илмиро молик аст.

Дар нимаи дуюми асри XIX аз ҷониби забоншиносони рус як қатор асарҳо офарида шуд, ки ба масъалаи ибора бахшида шудааст. Аз ҷумлаи онҳо профессор В. П. Сухотин ба шумор мерафт, ки ӯ дар асарҳояш наҳвро ҳамчун илм эътироф намуда, қайд карда буд: «Муҳимтарин воҳиди коммуникативии нутқи мо,-менависад ӯ,-ҷумла мебошад, ки он аксар ба калима ва ибораҳо ҷудо мешавад. Ҷумла ҳамчун фикри пурратаре воқеиятро дар инкишофи доимӣ акс менамояд, воҳиди асосии ташкилкунандаи забон ва пайваста ба ин мавзӯи асосии наҳв мебошад. Дар қатори ҷумла ибора объекти асосии илми наҳв ба шумор меравад» [269;149]. Як муваффақияти таҳқиқоти ба масъалаҳои наҳв бахшидашудаи В. П. Сухотин дар он буд, ки ӯ ибора ва ҷумларо яке аз воҳидҳои асосии наҳв эътироф намуда, таъкид карда буд, ки:

«Ибора ҷузъи предмет ва ё ҳодиса мебошад, бо вуҷуди он ки вай аз калимаи алоҳида, ҳатто калимаи мураккаб, ки ба ҳиссаҳои мустақили луғавии маънидори том ҷудо намешавад, комилан фарқ мекунад» [269;151].

Дар илми забоншиносӣ собит шудааст, ки предикат (пайвастҳое, ки мубтадо ва хабарро ташкил мекунанд) яке аз аломатҳои асосии ҷумла буда, ба ибора ҳеҷ муносибате надорад. Ба ин нигоҳ накарда профессор В. П. Сухотин предикатро аломати хоси ибора мансуб дониста, онро ба ду гурӯҳ: предикативӣ ва ғайрипредикативӣ ҷудо мекунад. Ин гуна тақсимбандӣ дар асарҳои забоншиноси дигари рус А. Н. Гвоздев низ роҳ меёбад. Ба андешаи мо, чунон ки кулли забоншиносон бар ин ақидаанд, масъалаи мубрами пайвастҳои предикативии калимаҳо мавзӯи марказии ҷумла маҳсуб меёбад, на ибора. Аз ин рӯ, дар таълимоти В. П. Сухотин муайян намудани хусусиятҳои ибора, муносибати вай бо калима ва ҷумла норавшан ва хира боқӣ мемонад.

Ҳамин тариқ, дар таърихи забоншиносии рус муҳаққиқон, азбаски ба қоидаҳои ҷиддии мухталифи ибтидои ташаккули низоми наҳв, ки дар бунёди якҷоя кардани ҳар ду таълимот ба вуҷуд омада буд, такя мекарданд, дар фаҳмишу дарки табиату хусусиёти ибора ва ҷумла на ҳама вақт ба натиҷаи дилхоҳ соҳиб мешуданд. Аз ҷумла, дар таълимоти забоншиносон, ки зикрашон дар боло рафт, доираи мафҳуми ибора бениҳоят васеъ фаҳмида мешавад, ки дар натиҷа ҷумла яке аз навъҳои он маънидод меёбад. Чунин муносибати ибора ва ҷумларо дар асару таҳқиқотҳои ба соҳаи наҳв бахшидаи забоншиносон Ф. Ф. Фортунатов, А. М. Пешковский, М. Н. Петерсон, В. П. Сухотин ва дигарҳо мушоҳида кардан мумкин аст. Академик А. А. Шахматов бошад, таълимоти ибораро бо аъзоҳои пайрави ҷумла омехта баррасӣ менамояд, ки чунин носаҳеҳиву норасоиҳоро дар таълимоти дигар олимони забоншинос дучор кардан мумкин аст.

Ба ҳар ҳол таълимоти онҳо, ба фикри мо, комёбиҳои бузургеро дар афкори грамматикаи муосири рус ба вуҷуд овард, ки минбаъд муҳаққиқони

рус ва дигар халқҳо дар таълимоти ба соҳаи наҳв бахшидаашон афкори онҳоро ҳамчун асоси назариявӣ қабул кардаанд.

Баъдтар масъалаи назариявии ибора дар тадқиқоти олимони соҳаи забоншиносии муосири рус В. В. Виноградов [156;158], Н .Н. Прокопович [246], Г. А. Золотова [187], П. А. Лекант [209], В. С. Смола [275] ва дигарон ба таври ҳаматарафа мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Масъалаи мубрамияти ибора ҳамчун воҳиди мустақили синтаксис ва масъалҳои назариявии он дар забошиносии рус бештар дар асарҳои В. В. Виноградов баррасӣ шудааст.

В. В. Виноградов қайд кардааст, ки: «Ибора барои сохтани ҷумла ҳамчун маводи муҳим хидмат мекунад ва таъкид менамояд, ки ибора дар атрофи як калимаи мустақилмаъно, ки меҳвари он ба шумор меравад, ташкил меёбад: ин чи аз ҷиҳати шакл ва чи аз ҷиҳати маъно намоён мешавад. Хусусиятҳои сохти ибора бештари вақт бо сохти морфологии калимаи асосӣ муайян мегардад» [156; 9]. Аз ин ҷиҳат, вобаста ба эътибор гирифтани моҳияти грамматикии калимаи асосӣ дар забоншиносии муосир тафовути ибораҳои номӣ, феълӣ ва зарфӣ муайян карда мешавад. В. В. Виноградов ба масаъалаи мазкур таваҷҷуҳ зоҳир намуда, боз таъкид менамояд, ки ҳангоми омӯхтани ибораҳо алоқаҳои грамматикӣ, калимасозӣ ва семантикиро бояд ба инобат гирифт, зеро фақат «дар чунин заминаи васеъ қоидаҳои умумии грамматикии сохтани ибораҳоро равшан кардан ва гурӯҳҳои асосии онҳоро, ки дар забон таърихан ба шакл даромадаанд, муқаррар намудан мумкин аст» [156; 4]. Аз ин маълум мегардад, ки В. В. Виноградов пайвастаҳои чидаро ба ибора дохил намекунад. Дарвоқеъ, агар ибораро ҳамчун воҳиди муҳимтарини синтаксис дар атрофи як калимаи мустақилмаънои ҷумла ба асос гирем, пас маълум мешавад, ки пайвастаҳои чида, аз рӯи хулосаи академик В. В. Виноградов ба қатори доираи мавзӯи ибора дохил намешавад. Дар баробари ин, ӯ дар таълимоти худ дар хусуси тафовути ибора аз синтагма ва дигар хусусиятҳои фарқкунандаи ибора аз дигар воҳидҳои нутқ маълумотҳои

муфассал пешниҳод намудааст, ки дар забоншиносии умумӣ ва муосир ба сифати сарчашмаи боэътимод хидмат хоҳанд кард.

В. В. Виноградов қайд мекунад, ки ибора ва ҷумла воҳидҳои сифатан алоҳидаи наҳв мебошанд ва фарқи ҷумла аз ибора дар он аст, ки ҷумла моҳияти маънои предикативиро ба категорияи модалият, замон ва шахс вобаста менамояд. Дар ин бобат навишта буд: «Маънои умумии грамматикии мансуб будани мундариҷаи асосии ҷумла ба ҳаќиќати воќеӣ, ҷузъан дар категорияи синтаксисии модалият, замон ва шахс ифода меёбад. Маҳз ҳамин категорияҳо ба ҷумла, ки асоситарин воситаи мубодилаи афкор аст, ранги возеҳӣ ва муҳиммият мебахшанд» [167, 80]. Ибора бошад, таъкид мекунад,-ӯ аз калимаҳои мустақилмаънои аз ҷиҳати грамматикӣ ва маъно алоқаманд сохта мешавад. Мувофиқи ин меъёр ибора ва ҷумла ҳамчун воҳидҳои мустақили наҳв, ки ҳар кадом аломату хусусиятҳои грамматикии худро доранд, дар алоҳидагӣ бояд мавриди баррасӣ қарор дода шаванд. Ба андешаи мо, назарияи синтаксисии В. В. Виноградов дар бобати муқаррар намудани мафҳуми ибора ҳамчун категорияи асосии грамматикӣ, ифодаи муносибатҳои наҳвӣ, ки дар байни ҷузъҳои ибора ба вуҷуд меояд ва муайян кардани воситаи алоқа дар байни ҷумла ва ибора на танҳо дар забоншиносии рус, балки дар забоншиносии умумӣ низ такони ҷиддие бахшид. Маҳз, дар заминаи назарияҳои амиқ ва бунёдии академик В. В. Виноградов қариб дар тамоми забонҳо, аз ҷумла забони тоҷикӣ ибора ва ҷумла воҳидҳои мустақили наҳв эътироф шуда, омӯзиши онҳо ба таври алоҳида ба роҳ монда шудааст.

Дар таълимоти В. В. Виноградов ба масъалаи хусусиятҳои таркиби ибора, қоидаҳои ташкили он таваҷҷуҳи беандоза зоҳир шудааст. Ӯ таъкид менамояд, ки дар ташаккули ибора ба ҷуз воситаҳои алоқа ва муносибатҳои наҳвӣ, инчунин сохти морфологии калимаи асосӣ, ки марбути ҳиссаҳои гуногуни нутқ аст, нақши бузург дорад.

Бояд гуфт, ки хизматҳои В. В. Виноградов дар масъалаи ба таври нав ташаккул ва инкишоф додани назарияи ибора дар илми забоншиносии умумӣ хеле бузург аст.

Масъалаи омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ибора дар забони адабии ҳозираи рус аввалин бор ба таври ҷиддӣ дар монографияҳои профессор Н. Н. Пропокович «Ибораҳои сифатӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик» [245] ва «Ибора дар забони адабии ҳозираи рус» [246] ба миён гузошта мешавад. Муаллиф ҳангоми таҳқиқи ин масъала дар заминаи маводи тозаи забоншиносии умумӣ андешаҳояшро роҷеъ ба хелҳои ибораҳои наҳвӣ такмил дода, оид ба масъалаҳои умумии назарияи ибора бештар мулоҳиза меронад ва ба мақоми ибора дар низоми синтаксис ва тарзи усулу таҳқиқи он, дараҷаи омӯзиши ибора дар забоншиносии рус ва умумӣ, масъалаҳои назариявии ибора, асосан, муносибати ибора бо калима, бо ҷумла ва ҳаҷму қолаби ибора, дар бораи сохтори маънои ибораҳои сифатӣ маълумоти муфассал пешниҳод менамояд. Ба фикри мо, таҳқиқот ва ковишҳои илмии Н. Н. Пропокович оид ба масъалаи ибора, бахусус, ибораҳои сифатӣ на танҳо дар афкори грамматикии забони русӣ, инчунин дар баррасии масъалаҳои мубрами назарияи наҳви забонҳои гуногун, аз ҷумла забони тоҷикӣ таъсири мусбат гузоштааст.

Нуфузи ин ё он усули таҳқиқи наҳв бештар ба он вобаста аст, ки то кадом дараҷа категорияҳо ва ҷанбаҳои наҳвӣ барои кашфи ягонагии дохилии наҳв аз ҷиҳати илмӣ ёрӣ мерасонад. Чунин андешаҳои муҳим дар асари таҳқиқотии забоншиноси рус Золотова Г. А. «Ибораҳои феълӣ ва навъҳои он дар забони адабии ҳозираи рус» [187] ба таври мукаммал таҳқиқ ва баррасӣ шудааст. Муаллиф дар асари «Очеркҳо оид ба вазифаҳои синтаксис дар забони русӣ» [189] зимни баррасии ин масъала се навъи муҳимтарини вазифаи наҳвиро муқаррар менамояд, аз ҷумла мустақилона амал кардани наҳв, ба сифати ҷузъи сохтори воҳиди коммуникативӣ амал кардани воҳиди наҳвӣ ва ба сифати ҳиссаи тобеи ҷузъи сохтор амал кардани воҳиди наҳвӣ. Дар таълимоташ Г. А. Золотова собит месозад, ки: «Ҷумла ва ибора масъалаҳои асосии назарияи наҳв, вале қисматҳои гуногуни он, сатҳи мухталифи он мебошад. Ҷумла воҳиди асосии робитаи (коммуникативии) забон, воситаи ташаккул, ифода ва ахбори фикр мебошад, аммо ибора воҳиди

номинативӣ, воситаи нишонаи ашё, ҳодисаҳо, равандҳо буда, фақат ба воситаи ҷумла ба системаи коммуникативии забон дохил мешавад» [189; 66].

Умуман, ба назари мо, асару рисолаҳои Г. А. Золотова дар омӯхтан ва коркарди масъалаҳои назариявииибораи забони русӣ арзиши баланд доранд.

Чунон ки дар боло таъкид шуд, дар хусуси он ки ибораҳои феълӣ дар шаклҳои тасрифӣ ё ғайритасрифӣ меоянд, фикрҳои гуногун мавҷуд аст. Мувофиқи ақидаи профессор П. А. Лекант, ки ба назарияи таълимоти академик В. В. Виноградов пайравӣ менамояд: «Дар ибораҳои феълӣ ҷузъи асосӣ метавонад ҳам бо феълҳои тасрифӣ ва ҳам ғайритасрифӣ ифода ёбад» [209; 31].

Дар ин бобат В. В. Виноградов қайд мекунад, ки «Ба ибораҳои феълии **фалсафаро омӯхтан, ба сурудхонӣ машғул шудан** ва монанди инҳо шаклҳои предикативии онҳо **фалсафаро меомӯзам, ба сурудхонӣ машғул мешавам** дохил мешаванд [167; 11].

Забоншиноси рус В. А. Добромислов [172] дар асарҳои ба соҳаи наҳв бахшидашудааш бо пайравӣ аз таълимоти В. В. Виноградов ибораҳоро дар таркиби ҷумлаҳо дар шакли тасрифӣ баррасӣ намудааст.

Дар забоншиносии тоҷик низ оид ба ин масъала ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Профессор Ш. Рустамов моҳияти ин масъаларо дарк намуда, дар мақолаи «Масъалаҳои мубоҳисавии ибора ва аъзои ҷумла» муътақид аст, ки «Ибораҳои феълӣ мисли ҳама гуна ибораҳо ва калима дар ҷумла ҳамчун материал дар вазъиятҳои гуногун бо шаклҳои гуногун истифода мешавад» [77; 92].

Дар робита ба ин масъала А. Мирзоев ба таври мушаххас таъкид менамояд, ки «барои ибораҳои феълӣ дар кадом шакли сиғаи феълӣ омадани калимаи асосӣ аҳамият надорад-ибораҳо ба шаклҳои сиғаи феълӣ сару кор надоранд. Бинобар ин тағйир ёфтани шакли берунии калимаи асосӣ сохт ва моҳияти ибораро дигар намекунад» [63; 223].

Ҳамин тариқ, нуқтаи назари забоншиносони рус А. А. Шахматов, А. М. Пешковский, М. Н. Петерсон, В. П. Сухотин, В. В. Виноградов, П. А. Лекант,

В. А. Добромислов ва забоншиносони ватанӣ Ш. Рустамов ва А. Мирзоевро роҷеъ ба масъалаи дар шакли тасрифӣ омадани ибораҳои феълиро ҷамъбаст намуда, андешаҳои онҳоро дар таҳқиқоти худ ҳамчун асоси назариявӣ мавриди истифода қарор додаем.

Маълум аст, ки солҳои охир забоншиносон ба масъалаи таҳқиқи муқоисаи забонҳо таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамоянд. Дар асари забоншинос В. С. Смола роҳу воситаҳои таҳвили таркиботи масдарии забони русӣ бо забони тоҷикӣ дар қиёс мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф барои муқоисаи таркиботи масдарии забони русӣ бо таркиботи масдарии забони тоҷикӣ ба сифати меъёри асосӣ ибораро интихоб кардааст ва ба ӯ имкон даст додааст, ки хусусиятҳои сохториву семантикии таркиботи масдарии забони русиву тоҷикиро аз нигоҳи илмӣ то андозае дуруст муайян кунад. Ин аст, ки зимни таҳлили мавод муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки аввал таркиботи масдарии забони русиро муайян намуда, сипас роҳу воситаҳои ба забони тоҷикӣ баргардониш шудани онҳоро дар сатҳи лексикиву грамматикӣ ошкор созад. Бо вуҷуди ин, ба фикри мо, дар таҳқиқоти забоншиноси рус В.С. Смола баъзе норасоиҳо дар таҳлилу баррасии ибораҳои забони тоҷикӣ, ки аз ҷониби мутарҷимон ғалатҳои зиёд роҳ ёфаанд, ба мушоҳида мерасад.

Бояд гуфт, ки масъалаҳои наҳви забони адабии муосири форсӣ, ки аз рӯйи сохти грамматикиаш ба забони тоҷикӣ қаробат дорад, дар як қатор асару мақолаҳои шарқшиносони рус Л. С. Пейсиков [237], И. К. Овчинникова [231], Ю. А. Рубинчик [257] ва дигарон таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Дар асари Л. С. Пейсиков «Масъалаҳои наҳви забони форсӣ» [237] сохтори ибораи наҳвӣ ва сохтори ҷумлаҳои содаву саръзоҳои он дар забони форсӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ дар таълимоти хеш оид ба масъалаи ибораҳои забони форсӣ ҷиддӣ машғул гардида, перомуни як қатор масъалаҳои баҳсноку ҳалношудаи проблемаи ибора андешаҳои муфиде пешниҳод месозад. Албатта, дар забоншиносии умумӣ чӣ тавре ки маълум аст, баҳси оё ибора аз ҷумла ҷудо мешавад ё ба он дохил мегардад, то ба ҳол як фикри амиқи илмӣ ба миён наомадааст. Л. С.

Пейсиков ба ин масъала дахолат карда, андеша дорад, ки «Ин баҳс барои таълимоти ибора чандон зарурат надорад, фақат будани нишонаҳои сохтории ибора имконият медиҳад, ки ибора ба сифати воҳиди мустақили наҳв дониста шавад» [237; 15].

Муаллиф дар асоси маводи забоншиносии умумӣ муътақид аст, ки на ҳама пайвасти калимаҳо ибора шуда метавонанд. Ӯ дар таълимоташ оид ба наҳви забони форсӣ доираи муҳокимаашро васеъ намуда, роҷеъ ба навъу воситаҳои алоқаи наҳвӣ, аз рӯи калимаи асосӣ ба хелҳо ҷудо кардани ибораҳои наҳвӣ, хусусиятҳои сохториву грамматикӣ ва маъноӣ, нишонаҳову дараҷаи васл шудани ҷузъҳои ибораҳои алоқаҳои наҳвӣ, робитаи дутарафаи мафҳумҳои аъзоҳои ҷумла, ибора, гурӯҳи наҳвӣ, тарзҳои алоқаи ҷумла ва монанди инҳоро ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ менамояд.

Дар ишора ба ин масъала забоншинос А. Мирзоев қайд мекунад: «Асари «Масъалаҳои синтаксиси забони форсӣ»-и Л. С. Пейсиков дар таҳқиқи проблемаи ибора дар забоншиносии эронӣ як ҷунбиши бузурге ба вуҷуд овард, ки дар натиҷа дар забоншиносии забонҳои эронӣ, ба таҳқиқи илмии проблемаи ибора ба таври ҷиддӣ даст задаанд ва тадриҷан асару рисола ва мақолаҳои сершуморе ба табъ расиданд [65; 66].

Л. С. Пейсиков қайд мекунад, ки «ибораҳо бояд аз рӯи алоқаи наҳвиашон ба гурӯҳҳо ҷудо шаванд.Ӯ таъкид мекунад, ки ибораро аз лиҳози калимаи асосӣ, ки ба ягон ҳиссаи нутқи мустақилмаъно мансуб аст, низ метавон тасниф кард. Аз ин нигоҳ ибораро ба чунин гурӯҳҳои лексикиву грамматикӣ ҷудо кардааст: «ибораҳои исмӣ, ибораҳои сифатию сифати феълӣ ибораҳои ҷонишинӣ, ибораҳои феълӣ ва ибораҳои зарфӣ [237; 17].

Ба андешаи мо, ин гурӯҳбандӣ дуруст менамояд, зеро пайдоиши пайвастаҳои тобеи калимаҳо натиҷаи тафсили вожаи ҳиссаҳои нутқи мустақилмаъност. Маҳз аз ҳамин ҷо дар заминаи мансубияти морфологии ҷузъи асосӣ таснифоти гурӯҳбандии лексикиву грамматикии ибораҳо ба вуҷуд омадааст, чунончи: ибораҳои феълӣ, ибораҳои исмӣ, ибораҳои сифатӣ, ибораҳои шуморагӣ ва ғайра.

Дар ҳақиқат, таҳқиқи ибора дар забони форсӣ яке аз масъалаҳои муҳимми забоншиносии умумӣ маҳсуб ёфта, омӯзиш ва баррасии он тавaҷҷуҳи аксари олимонро ба худ ҷалб кардаст. Асари дигаре, ки дар бораи наҳви забони форсӣ баҳс мекунад, рисолаи И. К. Овчинникова «Ибораҳои номӣ дар забони форсӣ ва имконоти принсипи таснифоти онҳо» [231] мебошад. Муаллиф зимни таҳлилу баррасии ибораҳои номӣ дар забони форсӣ қайд кардааст, ки: «Иборaи номӣ чунин воҳиди наҳвиест, ки дар нутқ вазифаи номии батафсил ва ё умумии ашё ва ҳодисаю воқеиятро ифода карда, ғайр аз калимаҳои ёвар ва ҳиссачаҳо, аз ду ҳиссаи нутқ, ки аз ҷиҳати маъно ва грамматикӣ муттаҳид шудаанд, сурат мегирад» [231; 37]

Бояд гуфт, ки дар асару мақолаҳое, ки аз ҷониби профессор И. К. Овчинникова роҷеъ ба ибораҳои номии забони муосири форсӣ баррасӣ шудаанд, баробари муваффақиятҳо баъзе нуқсонҳо низ роҳ ёфтаанд. Ӯ доираи мафҳуми ибораро дар забони муосири форсӣ васеъ намуда, дар баробари изофату пешоянд, тартиби калима ҳиссачаву пайвандак, интонатсия ва калимаҳои эзоҳиро низ ба сифати воситаҳои алоқаи грамматикии ибора ба қалам овардааст. Ба ибораҳои наҳвӣ инчунин таркибҳои чида, калимаҳои таркибӣ ва амсоли ин гуна мисолҳоро дохил кардааст, ки ба андешаи мо, хилофи назарияи иборашиносӣ мебошанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки асару мақолаҳои: И. К. Овчинникова ва Ю. А. Рубинчик дар атрофи наҳви забони муосири форсӣ аз аҳамият холӣ нест. Аммо ёдовар шуд, ки муҳимтарин масъалаҳои мубрами ибораи забони форсӣ дар асарҳои ин олимон то кунун ба таври пурра таҳқиқ нашудааст. Ва як қатор масъалаҳои мубрами ибораи забони форсӣ, ки аз ҷониби олимони ин соҳа мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, баҳсталабанд. Ба ин бевосита асару таҳқиқотҳои И. К. Овчинникова мисол шуда метавонад.

«Ҷойи таассуф аст, ки иброз медорад А. Мирзоев,-худи соҳибони забони форсӣ ҳанӯз ба таҳқиқи ибораҳои синтаксисии забони хеш машғул нашудаанд. Агар соҳибони забон ин проблемаи бузург ва муҳимми

синтаксисро мавриди баррасӣ қарор медоданд, ба камоли боварӣ метавон гуфт, ки ин амал натиҷаҳои дилхоҳи илмӣ дода метавонист» [65; 66-67].

Муҳаќќиќи забони форсӣ Ҳумоюн Фаррух дар асари ҳафтҷилдаи худ дар ќатори вижагиҳои забони адабии ҳозираи форсӣ баъзе фактҳои муҳимми наҳвии осори классикиро низ ќайд мекунад [310].

Ҳамин тавр, баррасии адабиёти забоншиносии умумӣ ва, махсусан, забоншиносии рус собит месозад, ки аз замонҳои қадим то имрӯз олимони забоншинос ба масоили мубрами ибора диққати бештаре зоҳир намуда, асару мақолаҳои зиёде ба табъ расониданд, ки онҳо дар ҳалли масъалаҳои назариявии ибора ҳамчун сарчашмаҳои боэътимод хидмат хоҳанд кард. Дар забоншиносии рус роҷеъ ба таҳқиқи проблемаи ибора ҳамчун воҳиди мустақили синтаксис асару мақолаҳои сершуморе нашр шудаанд, ки он чи дар танзими таълимоти ибора ва чи дар омӯхтани дигар масъалаҳои наҳв нақши бузург гузоштаанд.

### 1.3.Таҳқиқи ибора дар забоншиносии тоҷик

Таҳқиқи ибора дар забоншиносии тоҷик, асосан, аз нимаи дувуми садаи бист оғоз мегардад. Дар ин давра олимону забоншиносон ба масъалаи ибораҳои наҳвӣ ҳам аз лиҳози хусусиятҳои луғавию грамматикӣ ва ҳам аз ҷиҳати сохтор, хел ва тобишҳои маъноӣ аҳамияти ҷиддӣ дода, вобаста ба масъалаҳои дар боло матраҳшуда як қатор корҳоро ба анҷом мерасонанд.

Ш. Рустамов муҳиммияти омӯзиши масоили ибораро дар забони тоҷикӣ зарур шуморида, қайд мекунад: «Илми забоншиносии тоҷик дар зарфи 20-25 соли охир (асри XX) ба дараҷаи шинохтанашаванда пеш рафт. Ибора ҳамчун қисми махсуси синтаксис дар таълими забон ҷорӣ ва дар китобҳои дарсӣ дохил шуд. Дар нашри минбаъдаи синтаксис ба ибора боби алоҳида ҷудо карда шуд, ки дар ин боб хусусиятҳои асосӣ ва таърифи ибора, муносибати ибора ба калима ва ҷумла, муносибатҳои синтаксисии ҷузъҳои ибора, хелҳои алоқаи синтаксисӣ ва тарзи ифодаи онҳо дар ибора, қоидаҳои ташкили ибора, хелҳои ибора, сохти ибора таҳлил шудаанд. Таҳқиқи ибора дар таълими забони тоҷикӣ дар мактабҳои миёна ва олӣ, дар илми

забоншиносии тоҷик тағйироти ҷиддӣ ва таҳаввулоти илмиро ба вуҷуд овард» [77; 105].

Масъалаи омӯзиши ибора дар забоншиносии тоҷик, асосан, аз ибтидои солҳои 60-уми қарни гузашта мавриди баррасӣ ва таҳқиқи амиқ қарор мегирад. Дар ин давра аввалин мақола оид ба масъалаи омӯхтани ибора дар забони тоҷикӣ аз ҷониби Ш. Н. Ниёзӣ зери унвони «Аҳамияти ибора дар тадқиқ ва таълими забони тоҷикӣ» [70] ба чоп мерасад, ки масъалаи омӯхтани ибора дар забони тоҷикӣ аввалин бор чун масъалаи илмӣ ба миён гузошта мешавад. Муҳаққиқ дар мақолаи хеш таърифи ибора ва хелҳои луғавию грамматикии ибора, ҳамчунин тафовути байни ибора аз ҷумларо ба риштаи таҳқиқ кашида, ниҳоят, аҳамияти омӯзиши ибораро дар забони тоҷикӣ махсус таъкид кардааст.

Баъдан дар давраи на чандон тӯлонӣ ба олимони иборашинос А. Мирзоев, С. Абдураҳимов ва М. Акрамов муяссар гардид, ки дар атрофи мавзӯъҳои ибораҳои феълӣ, исмӣ ва сифатӣ диссертатсияҳои номзадӣ дифоъ намоянд [219; 118; 122].

Аз солҳои 60-уми асри XX сар карда, дар забоншиносии тоҷик роҷеъ ба ибораҳои наҳвии забони тоҷикӣ асару мақолаҳои ҷудогонае чоп шуданд, ки онҳо дар таҳқиқи вазифаҳои наҳвии ибораҳои феълӣ ба сифати мавод аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ доранд.

Х. Ҳусейнов дар асари монографии «Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон дар забони адабии тоҷик» [106] роҷеъ ба ибораҳои феълӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудааст. Ӯ дар рафти баррасии масъала ибораҳои феълиро ба се гурӯҳ: ибораҳои феълии тасрифӣ, ибораҳои феълии ҳол ва ибораҳои масдарӣ ҷудо намуда, ҳар кадоме онҳоро дар алоҳидагӣ баррасӣ ва таҳлил кардааст [106;79]. Бо вуҷуди ин, дар таҳқиқоти Ҳ. Ҳусейнов баъзе норасоиҳо ба мушоҳида мерасад. Ӯ дар таҳлили мавод баъзе аз таркибҳоро ба ибораи масдарӣ мушобеҳ донистааст, ки ба андешаи мо, онҳо ибора набуда, синтагмаҳо мебошанд.

Асари дигаре, ки дар ин давра дар хусуси масъалаҳои наҳв баҳс мекунад, «Ибораҳои изофӣ дар забони тоҷикӣ» ном дошта, ба қалами А. Халилов тааллуқ дорад [93]. Ӯ оид ба ин масъала бори аввал даст задааст ва чунин ба мушоҳида мерасад, ки дар таҳлилу баррасии ин гурӯҳи ибораҳо ба баъзе камбудиҳо, аз ҷумла омехташавии ибора бо аъзоҳои ҷумла, тобеъ шудани ибора ба аъзоҳои ҷумла, ҷудо кардани алоқаи калимаҳо ба пайвасту тобеъ ва ғайра роҳ додааст.

Иштибоҳи дигари муаллиф ҳангоми баррасии ибораҳои изофӣ дар он аст, ки ӯ дар таҳлили муносибатҳои наҳвии ибораҳо бештар ба семантикаи ҷузъи тобеъ аҳамият дода, ба тобишҳои маънои ҷузъи асосӣ тамоман руҷӯъ накардааст.

Дар ин давра як силсила мақолаҳои М. Н. Қосимова, аз қабили «Ибораҳои изофии масдарӣ» [48], «Мухтасар оид ба ибораҳои изофии номӣ» [53] аз чоп мебароянд, ки дар онҳо муаллиф дар хусуси ибораҳои масдарӣ ва баъзе хусусиятҳои сарфию наҳвии ибораҳои исмии изофӣ маълумоти батафсил додааст.

Дар мақолаи А. Мирзоев зери унвони «Доир ба ибора ҳамчун воҳиди мустақили синтаксис» [61] бори нахуст дар забоншиносии тоҷик перомуни масъалаҳои назариявии ибораҳои наҳвӣ, аз ҷумла мафҳуми ибора, сохтори ибора, ибораҳои сода ва мураккаб, муносибати ибора бо ҷумла, бо синтагма, бо калима, бо ибораи фразеологӣ, бо таркиб, алоқаи калимаҳо дар ибора ва ҷумла, муносибати наҳвии ҷузъҳои ибора, таснифоти луғавию грамматикии ибораҳо маълумотҳои муфассал оварда мешаванд.

Дар солҳои 70-уми асри XX таҳқиқи ибораҳои синтаксисӣ, аз ҷумла ибораҳои феълӣ диққати олимони забоншиносро ба худ ҷалб кард. Дар монографияи А. Мирзоев «Ибораҳои феълии замонӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик» [63] масъалаи омӯхтани ибораҳои феълӣ аввалин бор ба таври ҷиддӣ ба миён гузошта мешавад. Дар ин асар дар хусуси сохт ва маънои ибораҳои феълӣ, дараҷаи омӯхта шудани ибораҳои феълӣ, хелҳои ибораҳои феълӣ, муносибати замонии ибораҳои феълӣ ва дигар масъалаҳои

марбут ба ибораҳои феълӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор мегирад. Аз ин рӯ, таълимоти А. Мирзоевро доир ба ибораҳои феълӣ дар раванди баррасии масъалаҳои мубрами ибораҳои феълӣ ҳамчун сарчашмаи боэътимод ба асос гирифтан мумкин аст.

Дар рисолаи доктории А. Мирзоев «Масъалаҳои ибора дар забони тоҷикӣ» [65] муаллиф дар бобати таърихи омӯзиши ибора, дараҷаи омӯхтани он, таҳқиқи ибора дар забоншиносии умумӣ, забони тоҷикӣ, махсусан, ибора дар асарҳои забоншиносӣ, услубшиносӣ, маданияти сухан, лаҳҷашиносӣ, муқоисавӣ ва инчунин қолаббандии ибора дар забони тоҷикӣ маълумоти кофӣ пешниҳод намудааст, ки он донишҳои моро дар атрофи масъалаҳои омӯзиши ибора ғанӣ мегардонад.

Соли 1986 ҷилди дуюми «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» [17] ба табъ расид, ки дар он ибораҳои феълӣ бори нахуст чӣ аз ҷиҳати сохтор ва чӣ аз ҷиҳати маъно нисбатан пурратар таҳқиқ шудааст: «Ибораҳои феълӣ аз ҷиҳати сохт ва ифодаи муносибати синтаксисӣ мураккабтарин, сернавътарин ва серистеъмолтарин гурӯҳи ибораҳои синтаксисии забони адабии ҳозираи тоҷик мебошанд» [17; 77].

Мавриди зикр аст, ки дар забоншиносони тоҷик ғояи назарияи ибора коркард шуда, ба ин воҳиди муҳими наҳвӣ таваҷҷуҳи зарурӣ равона карда шуд. Дар ин давра омӯзиши проблемаи ибора дар маркази диққати олимон қарор гирифта, вобаста ба омӯзиши он асару мақолаҳои ҷудогонае нашр гардид. Аз ҷумла, асари профессор В.С.Расторгуева «Очеркҳо оид ба диалектологияи тоҷик» [248] дар омӯхтани масъалаҳои наҳви шеваҳои забони тоҷикӣ аз аҳамият холӣ нест. Муҳаққиқ дар асараш пайвастҳои масдарӣ, сифати феълӣ, таркибҳои пешояндиву номӣ, пасояндиву номиро дар таркиби ҷумлаҳо таҳлил намуда, хулосаи илмӣ мебарорад, ки минбаъд назарияи ӯ дар рушди масъалаҳои забони тоҷикӣ нақши бузург мебозад. Асари профессор В. С. Расторгуева аз нахустин тадқиқотҳоест, ки роҷеъ ба хелҳои алоқаи муайянкунанда бо муайяншаванда, хусусият, мавқеъ ва

маънои ин алоқаҳо, аломатҳои хоси онҳо ва монанди инҳо маълумоти дақиқ пешниҳод менамояд.

Дар давраи солҳои 60-80-уми асри XX дар забоншиносии тоҷик якчанд асару таҳқиқотҳое ба майдон омаданд, ки онҳо ба таҳлили забону услуби асарҳои ҷудогонаи нависандагони тоҷик бахшида шуда буданд: Н. Маъсумӣ, [59], Р. Ғаффоров [23], Б. Камолиддинов [40], Х. Ҳусейнов [107], С. Иброҳимов [190] ва дигарон. Дар баъзе аз ин асарҳо аз хусуси ибораҳои наҳвии забони асари нависанда низ иҷмолан сухан меравад. Масалан, Носирҷон Маъсумӣ дар асари худ «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик» [59] дар қисмати баъзе хусусиятҳои наҳвии «Марги судхӯр», доир ба ибораи сифатӣ ва ибораи масдарӣ маълумотҳои баарзиш пешниҳод кардааст [59; 356-365].

Н. Масъумӣ дар хусуси ибораҳои масдарӣ маълумот дода, дар забони «Марги судхӯр» ниҳоятдараҷа кор фармуда шудани ибораи масдариро махсус таъкид кардааст. «Дар Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик ќайд мекунад Н. Маъсумӣ,-то ҳол ибораи масдариро танҳо бо ҷумлаҳои мураккаби тобеи сабаб ва маќсад алоќаманд медонанд.Аммо дар ҳаќиќат дар забони тоҷикӣ ибораҳои масдарӣ ба якчанд хели ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дахл доранд» [59; 361].

Р. Ғаффоров дар асари хеш «Забон ва услуби Раҳим Ҷалил» [21] ҳарчанд ба масъалаи ибораҳои фразеологӣ бисёртар таваҷҷуҳ зоҳир намуда бошад ҳам, дар бораи ибораи наҳвӣ низ ба таври иҷмолӣ маълумот додааст.

Б. Камолиддинов дар асари «Забон ва услуби Ҳаким Карим» [37] дар боби хусусиётҳои наҳвии забони ҳикояҳо оид ба ибораҳо: ибораҳои номию сифати феълӣ ва масдарӣ маълумот додааст [37; 115-122]. Зимни таҳқиқи забони асар Б. Камолиддинов ба хулосае омадааст, ки дар ҳикояҳои Ҳаким Карим се қолаби ибораҳои масдарӣ мавриди корбурд қарор гирифтааст. Ибораҳое, ки тавассути алоқаҳои пешояндӣ ва пасояндӣ сохта шудаанд, бештар сурат гирифтааст.

Бояд гуфт, ки роҷеъ ба ин масъала А. Мирзоев муътақид бар он аст, ки Б. Камолиддинов ҳангоми баррасии ин навъи ибораҳо ҳудуди ибораҳои масдариро ҳангоми таҳлили ҷумлаҳои асар **як нафар деҳқон пас аз маҷлис ба ман кор доштани худро арз кард. Ҳатто бачагони шӯх ҳам баъд аз омадан аз мактаб хӯрокашонро чала-чулпа хӯрда, ба сӯи каналковӣ давиданд. Қосимро дидан замон воқеаи порсоларо ба хотир овард** дуруст таъйин накардааст. Дар ин ҷумлаҳо,-таъкид менамояд А. Мирзоев,- воҳидҳои **ба ман кор доштани худ, омадан аз мактаб, Қосимро дидан** ибораҳои масдарианд. Таркиби **пас аз маҷлис**, пешоянди таркибии **баъд аз** ва вожаи пасояндойиди **замон** ба ҳайати ибораи масдарӣ намедароянд. Воҳиди **пас аз маҷлис** худ узви мустақили ҷумла (ҳоли замон) аст. Аз нигоҳи ибора ҷузъи тобеи ибораи феълии **пас аз маҷлис арз кардан** мебошад. Пешоянди **баъд аз** ва пасоянди **замон** ба сифати воситаи алоқаи грамматикии байни ибораи масдариву хабари ҷумла хидмат мекунанд [65; 167].

Ба андешаи мо, А. Мирзоев ҳудуди ибораҳои масдариро дар ҷумлаҳои боло дуруст муайян намуда, муносибати маъноиву грамматикии ҷузъҳои ибораҳои масдариро ба таври саҳеҳ нишон додааст, зеро ки ибора маҳз дар дохили ҷумла ҳангоми баррасии аъзои он дар воқеъ ба ду ҷузъ тақсим мешаванд, ки ҳар кадоме аз онҳо аъзои мустақили ҷумларо созмон медиҳанд. Дар ибораҳои феълӣ бошад, ба фикри мо, ҷузъи асосӣ бештар ба вазифаи хабар омада, ҷузъи тобеи он ба вазифаи аъзоҳои гуногуни ҷумла меояд. Дар дохили ҷумла ҷузъҳои ибораҳои феълӣ метавонанд аз якдигар дур бошанд, вале ин ҳолат ба муносибати миёни ҷузъҳо халал ворид намесозад.

Дар асари Х. Ҳусейнов «Забон ва услуби «Одина»-и устод Айнӣ» [107] роҷеъ ба ибораҳои наҳвӣ боби алоҳидае ҷудо карда шудааст. Муаллиф ҳангоми баррасии ин масъала ибораро ҳамчун воҳиди наҳвӣ таъриф намуда, хелҳои луғавию грамматикии онро таъйин кардааст [107; 134].

Ќайд кардан лозим аст, ки на дар ҳама ҳолатҳо алоқаи байни ду калимаи мустақилмаъно ибораро ташкил мекунад. Аз дигар ҷониб, гурӯҳҳои

луғавию грамматикии ибора на аз рӯйи маъно, балки аз рӯйи аломати морфологии калимаи асосӣ муайян карда мешавад. Аз таҳлили асари мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Х. Ҳусейнов бештар ба таҳлили ибораҳои масдарӣ, сифати феълӣ ва феъли ҳолӣ пардохта, дар хусуси хусусиятҳои услубии дигар навъи ибораҳо маълумот надодааст. Муаллиф дар баррасии ин масъала бештар ба маънову вазифаи наҳвии ибораҳои дар боло зикршуда таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ҳамчунин муродифи наҳвии онҳоро дар мисоли ҷумлаҳои пайрави ҳол нишон додаасту халос.

Дар асари С. Иброҳимов «Хусусиятҳои забони осори Қорӣ Раҳматуллои Возеҳ» [190] роҷеъ ба ибора, махсусан ибораҳои масдарӣ маълумотҳо оварда шудааст. Муаллиф ибораҳои масдарии забони асарро таҳлил намуда, ба хулосае омадааст, ки ибораҳои масдарӣ аз вижагиҳои хоси услубии забони осори Қорӣ Раҳматуллои Возеҳ маҳсуб меёбад. Инчунин муаллиф зимни баррасии ибораҳои масдарӣ ба масъалаи вазифаи наҳвии онҳо махсус таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба вазифаи мубтадо, пуркунандаи бевоситаю бавосита ва ба вазифаи ҳол омадани ин навъи ибораҳоро ба қалам додааст ва таҳлили мавод собит намуд, ки муҳаққиқ ҳудуди ибораҳои масдариро дуруст таъин кардааст. Бо вуҷуди ин, ба фикри мо, як камбудии асар, дар он аст, ки муаллиф дар хусуси ба вазифаи муайянкунандаву хабар омадани ибораҳои масдариро қайд накардааст.

Асари дигаре, ки ба масъалаҳои ибораҳои фразеологии давраи мавриди пажӯҳиш баҳс мекунад, рисолаи Р. Игамбердиев «Хусусиятҳои услубӣ ва нақши ибораҳои фразеологӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ [191] мебошад. Муаллиф ҳангоми таҳқиқи маводи асар хулосаи дуруст баровардааст, ки ибораҳои фразеологӣ дар ифодаи вижагиҳои бадеиву услубии забони «Бадоеъ-ул-вақоеъ» нақши намоён дошта, густариш ёфтану маҳбуби хонандагон гардидани ин асари безаволро маҳз забони ширини он, ки саршори воситаҳои тасвири бадеиянд, ҳамаҷониба таъмин кардааст» [191; 5]. Таҳлили маводи забони асар собит менамояд, ки ибораҳои наҳвӣ дар ташаккул додани ибораҳои фразеологӣ мақоми аввалиндараҷа доранд.

Азбаски мавзӯи таҳқиқ ба масъалаи ибораҳои фразеологӣ тааллуқ дорад, муаллиф дар хусуси ибораҳои наҳвӣ камтар маълумот дода, бештар ба таҳлилу тасвири ибораҳои фразеологӣ даст задааст. Новобаста ба ин муаллиф муътақид бар он аст, ки дар байни ибораҳои синтаксисӣ ва ибораҳои фразеологӣ алоқаи устувори грамматикӣ мавҷуд буда, дар ошкор намудани хусусиятҳои луғавию грамматикии якдигар мусоидат менамоянд.

Иборасозӣ инчунин ба маданияти сухан низ робитаи зич дорад, чунки ибора дар натиҷаи бунёди қонуну қоидаи грамматикии забон сохта мешавад. Ибора ҳамчун воҳиди наҳвӣ ду ҷиҳати муҳим: сохтор ва маъноиро доро мебошад ва ҷузъҳои он бояд аз нигоҳи таносуби маънавӣ ва мантиқӣ бо ҳам созгор бошад. Р. Ғаффоров дар асараш «Нависанда ва забон» [23] роҷеъ ба алоқаи ибора, бахусус, ибораҳои озоду устувор бо маданияти сухан мулоҳиза ронда, қайд кардааст, ки ибораи устувор маҳз дар заминаи ибораи озод ташаккул ёфта, бо мурури гузариши вақт маънои маҷозӣ пайдо мекунад. Тобишҳои маъноии ибораи устуворро, ки тавассути воситаҳои тасвири бадеӣ, аз ҷумла ташбеҳ, тавсиф, тазод, киноя сурат мегирад, маҳз ибораи озод созмон медиҳад.

Масъалаи робитаи ибора бо маданияти сухан ҳамчунин дар асари Ш. Рустамов «Забон ва замон» [76] таҳлилу баррасӣ шудааст. Муаллиф зимни баррасии масъала дуруст қайд кардааст, ки як гурӯҳи исмҳои мураккаб аз ибораҳои феълӣ ва таркибҳои феълӣ сохта шудаанд, чунончи: мӯзадӯз, моҳигир, найнавоз, пахтачин ва ғайра. «Дар забони тоҷикӣ қайд мекунад, ӯ исмҳои муракаб, ки аз исм ва феъли таркибӣ бо ёридиҳандаи **кардан** сохта шудаанд, ба мисли **ҳикоянақлкунӣ, нақшасупоришкунӣ, дастархонпаҳнкунӣ** басо фаровон истифода мешаванд. Чунончи, исми **базмтамошокунӣ** бо исмҳои **базмковӣ**, **базмёбӣ** истифода шудааст [76; 115].

Дар ҳақиқат, ақидаи Ш. Рустамов дар ин бобат чандон мувофиқи матлаб нест. Чунончи, М. Шукуров қайд кардааст: «Мо ба ин ақида шарик шуда наметавонем. Ба назари мо, устоде монанди Айнӣ ин маъниро ба шакли

дигаре, ба шакли сабуктару равонтаре метавонист истифода кунад. Пайи ҳам омадани се калимаи мураккабе, ки асоси феъл доранд (базмковӣ, базмёбӣ, базмтамошокунӣ) низ, ба фикри мо, ҳусни ҷумларо костааст. Чунин калимаҳо дар забон ҳар чи камтар бошанд, беҳтар аст. Дар бисёр мавридҳо маъниро бо ибора ифода кардан беҳтар аз он аст, ки калимаи сеҷузъаву чорҷузъа созем. Ба назари мо, **дарс тайёр кардан** аз **дарстайёркунӣ**, **кор пеш бурдан** аз **корпешбарӣ**, **чой хӯрда нишастан** аз **чойхӯрданишинӣ**, **шаҳр рафта омадан** аз **шаҳррафтаоӣ** беҳтар аст» [113; 111-112].

М. Шукуров дар атрофи чунин вожаҳо бар забоншиносон дуруст эрод гирифта, чунин қайд кардааст: «Забоншиносон мегӯянд, ки ҳамаи ин гуна калимаҳо аз рӯйи қоида сохта шудаанд ва дар сохти онҳо ягон қоида халал надидааст. Ин гап, албатта дуруст аст. Вале як чизро фаромӯш кардан мумкин нест. Ғайр аз ин қойида чизи дигаре ҳам ҳаст, ки онро ҳусни сухан, эстетикаи забон мегӯем. Шаклан, аз рӯйи сохт ба қоида мувофиқ омадани калима ягон меъёри қабулдошт набояд бошад. Калимаҳои чорҷузъаи боло, чи онҳое, ки аз матбуоти ҷорӣ ва чи онҳое, ки аз устод Айнӣ оварда шуданд, ба назари мо, ба талаботи ҳусни сухан ҷавоб гуфта наметавонанд. Ин навъҳои калимасозӣ забонро фақат ба сӯйи дурுштӣ ва номавзунӣ мебарад» [113; 114]. Мо низ комилан тарафдори андешаҳои М. Шукуров мебошем, чунки ақидаҳои ӯ оид ба муносибати калима бо ибора комилан дуруст ва ҳақ аст.

Муносибати ибора ба маданияти сухан дар асару мақолаҳои Б. Камолиддинов ба таври васеътар мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Махсусан, дар асарҳои ӯ «Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён» [39] «Хусусиятҳои услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ» [40] ва асарҳои дар солҳои охир таълифнамудаи ӯ, ки масъалаҳои маданиянти суханро дар бар гирифтааст, муҳаққиқ роҷеъ ба масоили ибора низ дар алоҳидагӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Мавсуф дуруст қайд мекунад, ки ҳар вожаву ибора дар ҷумла бояд дар мавқеи хеш истифода шаванд. Ин аст, ки ӯ кушиш бар он намудааст, ки суфтатарин навъи ибораҳоро мутобиқ ба меъёри забони адабӣ дар килки таҳқиқи муродифоти наҳвӣ бикашад.

Чунон ки маълум аст, муносибатҳои синтаксисие, ки пешоянду пасоянд тавассути калимаҳои мутақилмаъно ифода мекунанд, дар ҷумла дар доираи ибора ба вуҷуд меояд. Дар чунин маврид пешоянду пасояндҳо дар байни вожаҳои мустақилмаъно ҳамчун воситаи алоқаи грамматикӣ зоҳир мешаванд. Ҷойи таассуф аст, ки аксарияти олимони соҳаи лаҳҷашиносӣ дар таҳқиқоташон ба бандаки изофии (-и) ҳамчун воситаи алоқа дахл намуда, пешоянду пасояндҳо, ки ҳамчун воситаи алоқаи грамматикӣ маъмуланд, аз доираи назари онҳо берун мондааст. Дар бахши наҳви асарҳои лаҳҷашиносӣ муаллифон роҷеъ ба сохтори ҷумлаи содаву мураккаб маълумотҳои басо мухтасарро рӯйи кор овардаанд. Дар боби ҷумлаҳои сода муҳаққиқон бештар масъалаҳои зеринро мавриди баррасӣ қарор додаанд, аз ҷумла: тартиби калима дар ҷумла, ҷойи аъзоҳои ҷумла, алоқаи муайянкунандау муайяншаванда, алоқаи мувофиқат, таркиботи изофӣ, пасоянду бандакҷонишинӣ, артиклӣ, ҳамчунон ибораи масдарӣ, сифати феълӣ ва феъли ҳолӣ.

Дар асари лаҳҷашинос Ғ.Ҷӯраев «Лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон» [108] ба масъалаҳои ибора ва ҷумла бобҳои алоҳида бахшида шудааст. Муаллиф дар бахши ибора дар хусуси сохтору маънои баъзе гурӯҳҳои луғавию грамматикии ибораҳо дар заминаи маводи лаҳҷа хулосаҳои илмӣ бароварда, ҳамзамон онҳоро бо маводи забони адабии ҳозираи тоҷик муқоиса кардааст. Муаллиф зимни таҳқиқи хелҳои ибора, ба ибораҳои феълӣ махсус таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ибораҳои феълиро вобаста ба маънои наҳвиашон ба хелҳои гуногун ҷудо намудааст. Бартарии таҳқиқоти Ғ. Ҷӯраев аз дигар асарҳои лаҳҷашиносӣ дар он аст, ки бори нахуст дар асари таҳқиқшуда гурӯҳҳои луғавию грамматикии ибораҳо аз рӯйи алоқаи грамматикиашон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст [108; 150-159].

Мавриди зикр аст, ки дар байни асарҳои ба соҳаи лаҳҷашиносӣ бахшидашуда асари Р. Ғаффоров «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» [24] мақоми хосса дорад. Асар дар заминаи тасвири яклухт ва системанок сурат гирифтааст. Дар он воҳидҳои ҳар ду ќисмати синтаксис-ибора ва ҷумла

ќиёсан бо забони адабии ҳозираи тоҷик, забони адабии пешина ва шеваҳои дигар таҳќиќ шудааст. Муаллиф ҳангоми баррасии масъалаҳои наҳви забони тоҷикӣ, асосан, кӯшиш намудааст, ки нишонаҳои хоси фарққунандаи сохтору маънои наҳвию воҳиду унсурҳои ҷумлаи содаи лаҳҷаҳои ҷануби забони тоҷикиро муқаррар созад. Ин аст, ки мавсуф масъалаҳои ибораи исмӣ, сараъзо, аъзои пайрави ҷумла, аъзои чидаи ҷумла, тартиби калима, аъзои туфайлии ҷумла, мухотаб, хелҳои ҷумлаи сода аз лиҳози маъно, муносибати лаҳҷаҳои ҷанубӣ бо забони адабӣ ва лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикиро дар заминаи назарияи забоншиносии умумӣ дар бунёди маводи фаровони лаҳҷа амиқ ва ҳамаҷониба мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Бо вуҷуди ин, ба андешаи мо, дар асари мазкур проблемаи ибора на дар алоҳидагӣ, балки дар дохили ҳар аъзоҳои ҷумла таҳлилу тасвир шудааст, ки дар натиҷа ибора дар чашм ҳамчун воҳиди номустақили нутқ расида, дар дохили аъзоҳои ҷумла маҳлул гардидааст.

Ба андешаи А. Мирзоев, аз таҳқиқотҳои лаҳҷашиносони тоҷик асареро пайдо кардан душвор аст, ки дар он синтаксиси ибораҳо чун қисми мустақили грамматика пурра таҳқиқ шуда бошад. Ибора дар он асарҳои лаҳҷашиносоне, ки кам ё беш мавриди назар қарор гирифтааст, на бо системаи муайян, балки вобаста ба майлу рағбати муаллиф бо усулу сабки мухталиф таҳқиқ шудааст [65; 194].

Ҳаминро гуфтан лозим аст, ки дар байни ибораҳои наҳвӣ ва ибораҳои фразеологӣ алоқаи зичи дуҷониба мавҷуд аст ва таҳқиқ ва омӯхтани ибораҳои фразеологӣ барои муайян кардани вижагиҳои хоси ибораҳои синтаксисӣ ёрии бузург мерасонад. Омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ дар тӯли солҳо диққати олимони ин соҳаро ба худ ҷалб карда буд. Масалан, дар луғату фарҳангҳои пешин ва муосири форсу тоҷик, аз ҷумла «Луғати фурс» (асри X1), «Силоҳ-ул-фулус» (асри XIV), «Шарафнома»(асри XV), «Кафш-ул-луғот валиистилоҳот» (асри XVI), «Фарҳанги ҷаҳонгирӣ»(асри XVII), «Бурҳони қотеъ» (асри XVII), «Фарҳанги Рашидӣ» (асри XVII), «Баҳори Аҷам» (асри XVIII), «Чароғи ҳидоят»(асри XVIII), «Ғиёс-ул-луғот»(асри XIX), «Фарҳанги

Онандроҷ»(асри XIX), «Фарҳанги забони тоҷикӣ»(асри XX), «Луғати тоҷикӣ-русӣ» (асри XX) ва ғайра роҷеъ ба ибораҳои фразеологӣ маълумот ва маводҳои зиёдеро дастрас кардан мумкин аст.

Масъалаи таҳқиқ ва омӯзиши ҷиддии ибораҳои фразеологӣ дар забоншиноси тоҷик асосан, аз солҳои 60-уми асри XX оғоз мегардад. Дар ин давра як қатор асару мақолаҳо ва таҳқиқотҳои забоншиносони тоҷик, аз ҷумла Носирҷон Маъсумӣ, Муллоҷон Фозилов, Раззоқ Ғаффоров, Ҳомид Маҷидов, Светлана Хушенова, Раҳим Саидов ва дигарон аз чоп баромаданд, ки дар онҳо тафовути ибораҳои фразеологӣ аз ибораҳои синтаксисӣ, фарқи воҳиди фразеологӣ аз калима, сарчашмаҳои пайдоиши ибораҳои фразеологӣ ҳамаҷониба тадқиқ карда шудаанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ибораҳои синтаксисӣ аз ибораҳои фразеологӣ аз ҷиҳати сохтор ва аз ҷиҳати вазифа низ куллан фарқ мекунад, чунки ибораҳои синтаксисӣ ҳамчун воҳиди гуфтор, вобаста ба тақозои фикр ва мавзӯи сухан дар ҷараёни нутқ аз рӯйи қолаби муайян ташаккул меёбад. Ибораҳои фразеологӣ бошад, ҳамчун воҳиди луғавӣ ва ҳамчун маводи тайёри захираи луғавии забон дар гуфтор ва хат истифода мешавад.

Ҳамин тавр, аз натиҷаи таҳиқотҳои баанҷомрасида дар забоншиносии тоҷик бармеояд, ки то имрӯз танҳо мавқеи ибораҳои фразеологӣ, ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои аслӣ, забон ва услуб, хел ва воситаи алоқаи калимаҳо ва хусусиятҳои лексикӣ ва морфологии забони тоҷикӣ дар заминаи маводи насри классикӣ мавриди тадқиқ қарор гирифтаанду бас. Омӯхтани матолиби наҳви таърихи забони насри асрҳои XV-XVI, махсусан, ба ташаккули ибораҳои синтаксисӣ, хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ, муродифоти навҳии ибораву ҷумлаҳо, алоқаи калимаҳо бо ду воситаи грамматикӣ дар заминаи маводи насри классикии давраи мазкур кам таваҷҷуҳ шудааст.

## 1.4. Баррасии ибораҳои феълӣ дар осори асрҳои миёна

Калимаҳо дар ибора байни худ ба воситаҳои гуногуни грамматикӣ муносибатҳои наҳвӣ пайдо менамоянд. Дар ифодаи муносибатҳои наҳвии ибора наќши бандаки изофӣ, пешоянду пасояндҳо ва алоќаи ҳамроҳӣ ниҳоят калон аст. Агар ин воситаҳои грамматикиро дар ташаккули ибора сарфи назар намоем, таркибёбии ибора ѓайриимкон мегардад. Махсусан, пешоянду пасояндҳо ва алоќаи ҳамроҳӣ дар ташаккулёбию шаклгирии ибораҳои феълӣ ва ифодаи муносибатҳои наҳвӣ маќоми аввалиндарача доранд. Албатта, фаромўш набояд кард, ки наќши асосӣ дар ташкили ин навъи ибораҳо ба феълҳо тааллуќ дорад. Маҳз феъл ҳамчун чузъи асосии ибораҳои феълӣ дигар ҳиссаҳои нутќро ба воситаи пешоянду пасояндҳо ва алоќаи ҳамроҳӣ тобеъ намуда, ибораи феълиро ташкил медиҳанд.

Воситаи ифодаи муносибатҳои наҳвии калимаҳо дар таркиби ибораҳои феълии забони насри асрҳои XV-XVI гуногун буда, аз насри забони адабии ҳозира бо баъзе чиҳатҳо фарќ мекунад. Ибораҳои феълии насри ин давра, ки муносибатҳои гуногуни наҳвиро ифода мекунанд, аз чиҳати маъно ва шакл бисёр мутафовитанд. Гуногунии шаклу маъно ба воситаҳои грамматикӣ ва ҳиссаҳои таркиби ибора сахт марбут аст. Яке аз ин воситаҳои грамматикӣ алоќаи вобастагӣ мебошад, ки дар ташаккул додани ибораҳои феълӣ маќоми вижа доранд. Ибораҳои феълӣ дар забони насри асарҳои давраи таҳќиќшаванда аз рўйи сохтору ифодаи маънои грамматикӣ дар байни дигар гурўҳҳои луғавию грамматикии ибораҳо навъи сермаҳсултарин ба ҳисоб меравад.

Чӣ тавре ки дар муќаддимаи диссертатсия ишора гардид, аз тарафи мо интихоб шудани таҳќиќи забони асарҳои мансури давраи мазкур, пеш аз ҳама дар он буд, ки осори классикии точик, ки дар асрҳои XV-XVI таълиф шудаанд /бештар таҳќиќи лексика ва морфология дида мешавад/, аз чиҳати забон хеле кам таҳќиќ гардидааст. Сонияն, дар ин давра «аксар муаллифоне, ки дар ҳаёт ва эчодиёти худ ба мардум наздик буданд, манфиати мардум,

тартиботи ноодилона ва беҳбудии зиндагиро тарафдорӣ намуда, ба тартиботи мавҷудаи ҷамъиятӣ  ва синфҳои ҳоким каму беш ба назари танќидӣ нигоҳ мекарданд, услуби соданависиро пеш гирифта буданд» [44; 22]. Аз ин рӯ, тарафдорони чунин равия забони осори худро дар заминаи бойигарии забони зинда такмил дода, анъанаи содабаёнии назму насри асрҳои X-XI-ро низ як андоза давом медоданд. Масалан, «Баҳористон» -и Ҷомӣ, «Бадоеъ-ул-ваќоеъ»- и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, «Чаҳор гулзор»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, «Футувватномаи султонӣ» ва «Ахлоқи Муҳсинӣ» -и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Туҳфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ, «Латоиф-ут-тавоиф»-и Алии Сафӣ ва насри таърихии «Аҷоиб-ул-маќдур фи ахбори Темур» -и Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ аз зумраи он асарҳоеанд, ки бо забони содаву равон иншо шудаанд ва омӯхтани сарфу наҳви онҳо барои омӯхтани таърихи забони тоҷикӣ маводи бою фаровоне медиҳад. Ба ѓайр аз равонии забон сабки баёни осори насрии ин давра бо шеваи сода ва дилпазир нигориш шуда, дар онҳо ҷанбаи ахлоќӣ ва тарбиявӣ маќоми хосса дошт. Ба ин гурӯҳ «Баҳористон»-и Ҷомӣ, «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи Муҳсинӣ» -и Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва «Латоиф-ут-тавоиф»-и Алии Сафӣ шомил буданд. Оид ба услубу забони асарҳои мазкур гуфтаҳои зиёди олимонро иќтибос овардан мумкин аст. Масалан, ба аќидаи адабиётшинос муҳаќќиќи аҳвол ва осори Зайниддин Маҳмуди Восифӣ профессор А. Н. Болдирев ин асар [«Бадоеъ-ул-ваќоеъ»-А. Ѓ.] бо хусусиятҳои забону услуб, захираи бойи луѓавӣ, тарзу усулҳои воситаҳои гуногуни алоќаи калимаҳо, сохтору ташкили ибора ва ҷумла дар насри адабиёти классикии асрҳои XV-XVI мавќеи намоёнро ишѓол менамояд [142; 3].

Чунон ки аз далелҳои забон маълум гашт, дар забони давраи таҳќиќшаванда ибораҳои феълӣ бештар бо ду навъи воситаи грамматикии алоқа, яъне алоқаи вобастагӣ (пешоянду пасояндҳо) ва алоқаи ҳамроҳӣ сурат мегиранд. Дар забони ҳозира чун ќоида маќоми пешоянд дар сохтани ибораҳои феълӣ басо калон аст, чунки бештарини ибораҳои феълӣ ба воситаи пешояндҳо ташаккул меёбанд [17; 78].

Ба воситаи пешояндҳо исм, ҷонишин, масдар ва дигар ҳиссаҳои нутќ ба феъл тобеъ шуда, муносибатҳои гуногуни наҳвиро ифода мекунанд. Дар алоќаи вобастагӣ ҳамаи гурӯҳҳои пешояндҳо кор фармуда мешаванд. Пешояндҳои аслии **ба, дар, аз, бар, бо, барои, то, то ба, бе, ҷуз (ҷуз аз, ҷуз ба, ба ҷуз, ҷуз бар)** дар насри ин давра дар алоќаманд намудани ҷузъҳои ибораи феълӣ ба таври фаровон истифода мешаванд. Дар насри ин давра пешояндҳои **андар, бе, ҷуз (ҷуз аз, ҷуз ба, ба ҷуз, ҷуз бар)** нисбат ба дигар пешояндҳои аслӣ камистеъмолтаранд. Камистеъмол будани пешояндҳои мазкур дар насри асри XI низ ќайд шудааст [50; 190-191]. Пешояндҳои аслӣ дар таркиби ибораҳои феълӣ бо калимаҳои алоҳида маъноҳои объекти амал, сӯй, макон, замон, сабаб, маќсад, ҳамроҳӣ, воситаи иҷро, мутобиќат, муносибат, маҳдудӣ, сарчашмаи амал ва монанди инҳоро мефаҳмонанд. Дар сарчашмаҳои давраи мавриди пажӯҳиш пешояндҳо ҳамчун воситаи алоқа дар таркиби ибораҳои феълӣ омада, муносибатҳои гуногуни наҳвиро ифода мекунанд ва мавқеи калимабандии онҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ хеле барҷаста аён мегардад.

Пешоянди **ба** сӯй, макон, объекти амалро мефаҳмонад: Сиддиқ **ба масҷид рафта** хоҷаи канизакро талабид [329; 70]. *

Агар калимаи тобеъ ҷонишинҳои **ин, он, ӯ, эшон** бошад, пешоянди **ба** дар насри ин давра баъзан шакли қадимаи **худ-“бад”**-ро нигоҳ доштааст: ...тамоми мамлакату салтанати худро дар халосии ту **бад-эшон бахшам** [336; 933].

Як хусусияти хоси ибораҳои феълии забони насри ин давра дар он аст, ки дар бисёр ҳолатҳо тобиши объектӣ маҳз ба туфайли ҷузъи тобеъ пурзӯр шуда, муносибати асосии ибора ба ҳисоб меравад. Чунин ҳолат дар забони

---

*Ҳамин нуктаро бояд зикр кард, ки ибора ҳамчун воҳиди ҷудогонаи забонӣ дар нигоштаву таҳқиқоти олимони соҳа дар шаклҳои гуногун, яъне шаклҳои тасрифӣ ва масдарию қолаби грамматикӣ оварда мешавад. Бо такя ба ин равиш мо низ дар таҳқиқи худ дар мавриди констектуалӣ, яъне дар таркиби ҷумла ва матн будани он, ҳамон шакли тасрифӣ ва дар ҳолати ба таври ҷудогона овардани ибора шакли масдарӣ ва қолаби грамматикии онро меорем.

«Бадоеъ-ул-вақоеъ» бисёр кор фармуда мешавад ва, аз ин рӯ, хоси услуби «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ҳисобидан мумкин аст. *Муқоиса кунед: Вай **ба атрофу ҷонибаш нигоҳ кард** [1126]-муносибати макон. Подшоҳ **ба Хайхул ислом...нигоҳ кард** [1126]-муносибати объектӣ.*

Пешояндҳои аслӣ дар забони асарҳои таҳқиқшаванда, асосан, ба вазифаҳои маъмули худ истеъмол ёфтаанд. Инчунин дар байни пешояндҳои **ба, аз, бар, дар, бо** ҳолатҳои зиёди ба вазифаи ҳамдигар кор фармуда шудан доранд, ки он пеш аз ҳама ба семантикаи феълҳо ва маънои ҷузъи номӣ, ки пешоянд бо он омадааст, зич алоқаманд аст. Аз ҷониби дигар, ҳодисаи муродифшавии пешоянд хоси шева буда, эҳтимол, бо таъсири он дар насри классикӣ роҳ ёфта бошад, ки ин гуна ҳолатҳо дар шеваҳои имрӯзаи забони тоҷикӣ низ ба мушоҳида мерасад [248; 56-57].

Дар насри ин давра бештар пешояндҳои **ба, аз, дар, бо, барои** ва пасоянди **–ро** ҳолатҳои зиёди муродифи ҳамдигар шудан доранд:

***ба / барои**: Вайро мусоҳибе буд, **ба дидани вай рафт** [336; 320];*

***ба / бо**: Он девона **ба корд заминро кофт** [336; 320];*

***ба / аз**: Рӯзе Ҳазрати Амир **ба роҳе мерафт**[338; 19];*

***ба / назди**: Баъд аз намози хуфтан бағоят гурусна **ба вай даромад** [338; 320]. Рӯзе он мард **ба Искандар даромад** [329; 320];*

***дар / барои**: Ду зан **дар тифле даъво карданд** [338; 320];*

***аз / бо**: **Аз роҳи Ҳиндустон** ба зиёрати Каъба ...**мутаваҷчеҳ шавем** [336; 320];*

***бар /барои**: Дар ҳамин маҷлис иншо намояд ва ҳар як **бар вай муаммое мехонем**.*

Пасоянди **–ро** дар насри ин давра чун муродифи пешоянди **аз** барои ифодаи муносибати пуркунандагии сарчашмаи амал истифода шудааст: ...**пиразанеро пурсиданд** *[336; 1268]*.

Бояд қайд кард, ки дар забони асарҳои ин давра алоқаи вобастагии иборҳо чун дар забони ҳозира аз рӯйи иштироки воситаҳои грамматикӣ

/пешоянду пасояндҳо / дар алоќамандии ҷузъҳои ибора ҳатман иштирок менамоянд. Дар сурати ин воситаҳо мавҷуд набошанд, дар он ҳолат маънои ибора ноќис ва ё вазифи наҳвии калима дигар мешавад. Масалан, дар мисолҳои зер ихтисор кардани пешоянд ё пасоянд мумкин нест: *…ҳама рӯз* ***аз назди Пайѓамбар (с) омада*** *[338; 24]- ҳама рӯз* ***назди Пайѓамбар (с) омада. Худоро сирр****и ин* ***боз намой****[336; 829]-* ***Худо сирр****и ин* ***боз намой.***

Дар як ќабил ибораҳои осори насри давраи таҳќиќ ҷузъи тобеи ибораҳо, асосан, пас аз ҷузъи асосӣ меояд. Пеш аз ҷузъи асосӣ омадани ҷузъи тобеъ дар ќолаби ибораҳои зерин дар забони адабии ҳозираи тоҷик маъмул нест: Фаридун гуфт: « Ќаноат табоъи баҳоим сарафканда аст ва **нишастан дар кунҷе** …чун хаёли саҳоб гузаранда аст [347; 139].

Дар ифодаи ѓайриҳатмии алоќаи вобастагӣ воситаҳои грамматикии алоќаи вобастагӣ дар муносибати наҳвии ҷузъҳои ибора факултативӣ буда, метавонанд ширкат кунанд ва ё афтанд, лекин барќарор кардани ин пешоянду пасояндҳо хеле осон аст. Дар ин бора фикри М. Н. Ќосимова ҷолиб аст: «Ҳодисаи афтидани пешоянду пасоянд чи дар забони давраи таҳќиќишаванда [асри XI - А.Ѓ.] ва чи дар забони ҳозира мавҷуд аст, хусусан инро дар забони гуфтугӯӣ бисёр мушоҳида кардан мумкин аст» [50; 42]. Масалан, дар мисолҳои зерин дар сурати аз таркиби ибораи феълӣ вогузор шудани пешояндҳои **ба**, **аз, бар**, **дар, бо** маънои ибора дар ҷумла халал намебинад: *Чун Амри Лайс* ***ба Нишопур омад****, лашкариёни ӯ дар манозили мардумон фуруд омаданд [338; 95]. Билохира… ба бозор даромада, ѓулому канизаке ва асбоби зебу зинати хона* ***аз гилему мис харидам*** *[336; 477]. Чун мизбон* ***бар канори хон нишинад*** *ва худро дар миён бинад [329; 40].****Дар ҳамон шаб иттифоќ намуда****…дар мироти руъёи ин факир чунин намуданд [336; 157]. Баъд аз чанд рӯз шабе дар мадрасаи Улуѓбек Мирзо* ***бо ҷамеъ аз ёрон нишаста*** *будем [336; 303].*

Ё дар ин мисолҳо пешояндҳои **ба, то** ва **то ба** –ро барќарор кардан мумкин аст*: Дар ин асно аъробӣ* ***(ба) берун омада*** *ноќаи худро кушта дид [338; 21]. Аз рӯйи замин то об панҷоҳ газ буд ва умќи он* ***(то) яксаду панҷоҳ***

***газ*** *миќдор* ***обро бармекашид*** *[336; 349]….васияти ҷавонмардӣ ва мурувваташ* ***аз Ќоф то (ба) Ќоф фуру гирифта*** *[347; 169].*

Пешояндҳои аслӣ дар забони ин давра ҳамчун воситаи алоќа дар таркиби ибораҳои феълӣ, асосан, чунин муносибатҳои наҳвиро сурат додаанд:

***ба ҳокими Басра додан*** -муносибати объектии таъинот: *Дар хотираҳо нишаста буд, ки чун яҳудӣ он сафолро* ***ба ҳокими Басра дод*** *[329; 53].*

***бар рӯйи пӯст нишастан***-муносибати ҳолии макон: *Пайваста Исмоил* ***бар рӯйи он пӯст нишастӣ*** *ва баъд аз ӯ ёдгор ба фарзанди ӯ Ќидор расид [346; 1132].*

***дар муме ниҳодан***-муносибати объекту макон: *Ин ду байт он ҷост, гуфт ва коғаз* ***дар муме ниҳода*** *бар себе таъбия карда, аз мармари об ба андарун фиристод [341; 196].*

***ба дандон шикастан***-муносибати объектии воситаи иҷрои амал: *Рӯзе шоҳзодае бағоят соҳибҷамол аз авлоди Темур дар маҷлиси Эшон ќитаъае наботи мисрӣ* ***ба дандон бишикаст*** *[338; 173].*

***дар ќафо бастан***-муносибати макону объект: *Ва сари ӯро шикаста ду даст* ***дар ќафо баста****, чандонаш заданд, ки шаби ид бар дуҳул назаданд ва ӯро бо уќубати тамом аз хона берун карданд [338; 413].*

Азбаски пешояндҳо ва пасояндҳои аслӣ хеле ќадимианд, маънои бисёр умумӣ ва абстракт пайдо кардаанд, барои аниќтару хубтар ва равшантар ифода кардани муносибатҳои масоҳа, замон, объекту маќсад ва ғайра инкишофи сохтори пешояндҳо бо роҳи пайдоиши пешояндҳои нав сурат гирифтааст. Пешояндҳои номӣ натиҷаи ҳамин ҷараёни таҳаввулу инкишофи забони адабии тоҷиканд, ки дар алоќаи калимаҳо бо пешояндҳои аслӣ омада, вазифаҳои гуногуни наҳвиро ба уҳда гирифтаанд.

Дар забони насри давраи таҳќиќшаванда пешояндҳои номии таркибии изофӣ аз рӯйи дараҷаи истеъмолашон баъд аз пешояндҳои аслӣ ќарор мегиранд. Маълум аст, ки агар пешояндҳои аслӣ маънои умумӣ дошта бошанд, пешояндҳои таркибӣ бо ҳиссаҳои номии нутќ сурат гирифта, маънои

пешояндҳои аслиро конкрет менамоянд. Онҳо ҳам дар шакли сода ва ҳам дар шакли таркибӣ бо пешояндҳои аслӣ барои ифодаи аниќу саҳеҳтари муносибатҳои наҳвии калимаҳо дар забони ин давра маќоми хосса доранд. Дар алоќаи вобастагии калимаҳо дар осори насрии ин давра пешояндҳои изофии номии зерин вомехӯранд: **пеши, назди, паси, сӯйи, мисли, ҷиҳати, монанди, баҳри, даруни, зери, миёни, наздики, баробари, муќобили** ва ѓайра. Ин пешояндҳоро аз рӯйи семантика ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст. Гурӯҳи якум пешояндҳои изофии номие мебошанд, ки дар таркиби ибораҳои феълӣ муносибати масоҳавиро ифода мекунанд ва гурӯҳи дуюми ин пешояндҳо, ки дар алоќаи вобастагии калимаҳо истифода шудаанд, аз рӯйи семантика муносибатҳои синтаксисии ѓайри масоҳавиро ифода менамоянд ва доир ба вижагиҳои грамматикии онҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ дар боби сеюми диссертатсия маълумоти пурра дода шудааст.

Дар забони насри давраи мавриди назар ибораҳои феълие, ки ба воситаи алоқаи пасояндӣ ташаккул меёбанд, сермаҳсул нестанд. Дар забони адабии муосири тоҷик доираи истифодаи ибораҳои феълӣ тавассути пасояндҳо низ васеъ нест, чунки худи пасояндҳое, ки вазифаи пайвасткунӣ доранд, камшуморанд.

Дар забони насри асрҳои XV- XV1 ҳамчун ќоида барои ифодаи муносибати амалу объект  пасоянди **–ро** корбаст шудааст. Пасояндҳои **барин, ќати**, ки дар забони ҳозира мавриди корбурд ќарор гирифтаанд, дар забони ин давра дар таркиби ибораҳои феълӣ вонахӯрданд.

Пасоянди **–ро** инчунин дар забони ин давра барои алоќаи  пуркунанда ва хабаре, ки бо калимаҳои **боистан, муҳим, зарур** ифода шудааст, омада, ба шахсе далолат мекунад, ки ба ӯ чизе лозим ё нолозим аст: ....***маро ин дору намебояд*** *[336; 1071]. Абулќосимро* ***ба Ѓазнин бояд рафт*** *[336; 1029].*

Ќайд кардан бамаврид аст, ки дар забони  насри асрҳои пештар хабар дар ин гуна ҳолатҳо дар шакли масдари пурра омадааст, аммо дар забони насри ин давра, бахусус, дар забони «Бадоеъ-ул-ваќоеъ» фаќат дар шакли масдари нопурра омадааст: *Туро дар ин амр як сол сабр бояд кард[474].*

Ин пасоянд дар забони осори давраи таҳқиқшаванда дар таркиби ибора бо ҳамаи гурӯҳҳои семантикии исмҳо, ҷонишинҳои шахсӣ, масдар ва, умуман, бо тамоми калимаҳое, ки маънои предметӣ зоҳир мекунанд, васл шуда метавонанд: *Ва **остинашро бурида** бар сар ниҳодам [341; 210]. Яке аз ёрон он **китобро бардошта** бигшуд [341;314]. Алқисса, ҳазрати султон **шоҳвафоширо талабида** истимолоти бисёр намуданд [338; 485].*

Пасоянди **-ро** дар забони адабии пешинаи тоҷик яке аз воситаҳои сервазифаю сермаъно маҳсуб аст. Чунон ки Р. Ғаффоров таъкид кардааст, пасоянди **–ро** «дар назму насри классикӣ дар қатори иҷрои вазифаҳои зиёде барои ифодаи мубтадо (субъект-А. Ғ.) низ хизмат кардааст» [164; 30].

Дар осори хаттии давраи таҳқиқ пасоянди **-ро** дар таркиби ибора барои ифодаи пуркунанда хизмат кардааст. Дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» пасоянди **-ро** дар ифодаи муносибатҳои наҳвии калимаҳо **4504** маротиба истифода шудааст ва **4085**-тои он дар алоқаи пуркунандаи бевосита омадааст ва аксаран аз забони адабии муосири тоҷик дар ин бобат тафовути ҷиддие ба назар намерасад: *...**дари** хонаи **мадрасаро бартофтан** [84]. **дастори худро** ба сари вай **ниҳодан** [1186]. ...**инҳоро ёфтан** [30]. ....**Ҳофизро гуфтан** [1046]. ....**Миракро фармудан** [951]. **…маро гуфтан** [1046].*

Дар насри забони ин давра аз пасояндҳои дигар пасоянди **боз** /ҳарчанд кам бошад ҳам/ ба мисли забони имрӯза муносибати замониро фаҳмонида барои алоќаманд кардани тобеъкунанда ва тобеъшаванда дар таркиби ибора ва дар ҷумла барои алоќамандии хабару ҳол меояд: *Эй сиёҳрӯй ва эй номарди бетамиз, шарм намедорӣ ва **аз кай боз** ту **чунин шудаӣ**? [336; 988].*

Яке аз хусусиятҳои хоси ибораҳои феълии забони асарҳои давраи таҳќиќшаванда дар он аст, ки алоқаи калимаҳо бо ду воситаи грамматикӣ сурат гирифтаанд, ки чунин хусусият дар забони адабии ҳозираи тоҷик низ ба назар мерасад. «Мavoди худи забони тоҷикӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки масъалаи алоқаи вожаҳо бо ду воситаи грамматикӣ хоси забони тоҷикӣ буда, таърихи қадима дорад. Масалан, чунон ки муҳаќќиќон ќайд мекунанд. дар сарчашмаҳои қадимтарини забони тоҷикӣ, аз ҷумла дар «Ёдгори

Бузургмеҳр», ки дар асри V милод офарида шудааст, ибораҳое вомехӯранд, ки бо ду воситаи грамматикӣ сурат гирифтаанд [65; 148].

Дар хусуси бо ду воситаи грамматикӣ сурат гирифтани ибораҳои феълӣ забоншиносон дар асару мақолаҳояшон андешаҳои ҷолибро пешниҳод кардаанд. Бахусус, А. Каримова роҷеъ ба ин масъала дар мақолааш зери унвони «Роҷеъ ба як таркиботи муайянкунанда дар забони тоҷикӣ» дахл карда, ибораҳое, ки ба воситаи пасоянду бандакҷонишин, изофию пешояндӣ, изофию пасояндӣ, пешоянду пасояндӣ, ҷуфти пешояндӣ, пасоянду бандакҷонишинӣ ташаккул ёфтаанд, маълумотҳои муайяне овардааст, ки дар баррасии ин масъала аз аҳамият холӣ нест [201; 114-116].

Дар алоќаи пешояндиву пасояндӣ пешоянди аслии **аз** бо пешоянди аслии **боз** якҷоя корбаст шудаанд. Дар насри ин давра, мисли насри осори пешина пасоянди **боз** ҳамчун ќонун бо пешоянди **аз** меояд: *Ҷамъе аз ҳаромиён, ки* ***аз Табрез боз дар камин буданд*** *[336; 488]. То ман дар ин хонаам ва нек* ***аз бадӣ боз медонам****, сад хурӯсро дидаам, ки сар буридаанд [338; 73].*

Пешоянди **аз** якҷоя бо пасоянди **боз** дар забони насри ин давра, ба мисли забони имрӯза ҳамчун меъёр барои ифодаи муноситбати замонӣ кор фармуда мешавад.: *Абу Айюб дар ҷавоби он маҳрам гуфт, ки бозе аз хурӯсе пурсид, ки* ***аз хурдӣ боз*** *дар хонаи бани Одамӣ ва эшон ба дасти худ обу донаи ту* ***муҳайё мекунанд*** *[336; 73].*

Тавре ки дар боло ишора шуд, ибора, одатан, дар атрофи як калимаи мустақилмаъно, ки меҳвари ибора маҳсуб меёбад, ташкил меёбад. Хосияти сохтории ибора дар аксар ҳолат бо сохти морфологии калимаи асосии он муайян карда мешавад, аз ин ҷиҳат алоқаи предикативӣ барои ибора хос нест.

Маводи фароҳамомада собит намуд, ки дар забони асрҳои XV- XV1 ибораҳое дучор мешаванд, ки аз рӯйи робитаи калимаи асосӣ бо калимаи тобеъ ба ин ё он ҳиссаи нутқ мансубият дорад. Ин гуна ибораҳо тавассути воситаҳои гуногуни алоқа сурат гирифта муносибатҳои гуногуни наҳвиро ифода кардаанд. Масалан, дар иборан **мурғе бипаридан** ҷузъи асосӣ аз

феъли ҳаракат таркиб ёфта, маънои самти ҳаракати амалро аз поён ба боло ифода кардааст: *Ногоҳ **мурге бипариду** овоз кард [329; 51].* Дар ибораи мазкур алоқаи артиклӣ мисли алоқаи изофӣ ҳамчун воситаи алоқа намоён мешавад. Дар забони сарчашмаҳои давраи мавриди пажӯҳиш ҳамчун воситаи алоқа сурат гирифтани артикли **–е** ҳодисаи маъмул буд: «Дар забони адабиёти классикӣ вазифаи иборасозии артикли ***–е*** ба вазифаи иборасозии бандаки изофӣ дар бисёр мавридҳо монанд аст. Баъдтар ин вазифа, асосан, ба зиммаи бандаки изофӣ меафтад: коре бузург-кори бузург ва ғ. [17; 27].

Дар як гурӯҳи ибораҳои феълӣ исмҳои макон ба сифати ҷузъи тобеъ омада, феъли **ниҳодан** ҳамчун ҷузъи асосӣ муносибати макону объектро якҷоя ифода мекунанд: Исмоил пӯсти онро бардошт ва ба хона овард ва пеши модари худ Хоҷар ***бар замин ниҳод** [346; 145].*

Дар ибораи **аз доманаш бурида**, ки ҷузъи асосӣ аз феъли амал таркиб ёфтааст, муносибати объекти воситаи иҷрои амал ифода гардидааст: *Ва алифворе **аз доманаш бурида** бар миён бастам.[334; 210].*

Дар ибораи **бар асби лоғаре нишастан** муносибати ҳолии макон ба таври барҷаста ифода шудааст: *Ногоҳ сипоҳиеро дид, ки **бар асби лоғари** ланге **нишаста** буду аз пеши ӯ бигузашт [338; 86].*

Ибора бо феълҳои **афтодан** ва **бархостан** муносибати маконро бо тобиши объектӣ ифода кардааст: *Ғулом **дар пайи Абуалӣ афтода** ва гуфт: ҳазор ҷони ман фидои ту бод [336; 812]. Темур **аз ҷой бархоста** мар ӯро дар канор гирифт ва бо рӯйи кушода пазира шуд [334; 38].*

Ибораҳои феълӣ дар сарчашмаҳои хаттии асрҳои XV-XVI ба воситаи алоқаи ҳамроҳӣ низ ташаккул ёфтаанд. Ба феъл гурӯҳҳои гуногуни луғавии калимаҳо бо роҳи алоқаи ҳамроҳӣ алоқаманд гардида, ибораҳои феълиро ташкил медиҳанд.

Алоқаи ҳамроҳӣ, чунин навъи алоқаи наҳвист, ки дар он тобеияти як калима ба калимаи дигар на ба воситаи пешоянду пасоянд ё ин ки бандаки изофӣ , балки бо ҷой, бо вазифаи грамматикӣ ва бо маънои худ ифода меёбад. Хуллас, дар сурат гирифтани ибораҳои феълиии алоқаи ҳамроҳӣ пеш аз ҳама

маънои луғавӣ ва тартиби ҷойгирии ҷузъҳои ибора аҳамияти калон дорад. Калима ва ибораҳое, ки бе нишондиҳандаи шакли грамматикӣ ба феъл тобеъ мешаванд, хеле зиёданд.

Дар сарчашмаҳои хаттии давраи таҳқиқ вобаста ба хусусияти грамматикии феъл бештар зарф, исм, сифат, шумора, ҷонишин, сифати феълӣ ва феъли ҳол ва таркибҳои гуногун бо алоқаи ҳамроҳӣ тобеъ гардида муносибатҳои гуногуни наҳвиро ифода кардаанд.

1. **Ибораҳои феълии алоқаи ҳамроҳӣ бо зарф**. Бо феъл дар алоқаи ҳамроҳӣ аз ҳама бештар зарфҳо тобеъ мешаванд ва ин ба хусусияти грамматикии зарф вобаста аст, зеро зарф тағйирёбанда буда, изофат ва пешоянду пасоянд гирифта наметавонад ва аз ин рӯ, бо калимаҳои дигар аксар дар алоқаи ҳамроҳӣ меояд [17; 177].

Ибораҳои феълии алоқаи ҳамроҳӣ, ки ҷузъи тобеъашон зарф аст, дар насри ин давра ба таври фаровон вомехӯрад. Дар ташаккул додани ин навъи ибораҳо зарфҳои гуногун иштирок мекунанд. Ифодакунандаи муносибати наҳвӣ низ пеш аз ҳама ҷузъи тобеъ мебошад, ки амали ҷузъи асосиро аз ҷиҳатҳои гуногун шарҳ медиҳад. Ба феълҳои гуногунмаъно зарфҳо тобеъ шуда, вобаста ба маънои ҷузъҳои ибора муносибатҳои гуногунро бо тобишҳои иловагии маъноӣ ифода кардаанд.

**Ифодаи муносибати ҳолии замонӣ.**

Ба сифати ҷузъи тобеъ зарфҳои замон омада, замони ба вуқӯъ омадани амалро ифода кардаанд: *...**имрӯз** иҷозат **фармудан** [336;819]. . ...**пештар** бо мо **хондан** [336; 861]. ...**имрӯз** аз он дар...берун хоҳед **рафтан** [336; 795].*

Ба сифати ҷузъи тобеъ дар насри ин давра зарфҳое низ ба феълҳо тобеъ шудаанд, ки муносибати замониро бо тобиши тарз ифода кардаанд: *...**гоҳ-гоҳ он ду мурғ** минқорҳои худро **месоиданд** [336; 891]. ...**замон-замон** бар худ **сиҳат зиёда меёфт** [336; 804].*

Дар насри ин давра зарфҳои навъи **ногоҳ, ҳамеша** ва амсоли инҳо бо алоқаи ҳамроҳӣ ба феълҳо тобеъ шуда, муносибати замонии амали ғайричашмдошт ва ё доимиро ифода кардаанд: ***Ногоҳ** Мавлоно Халил аз дари*

*хона* ***даромад*** *[336; 923]. Фақир* ***беихтиёр хандон шудам*** *[329; 60].* ***Ногоҳ*** *мурғе* ***бипарид*** *[336; 100].*

**Ифодаи муносибати микдору дарача.**

Зарфҳои миқдору дарача ба сифати чузъи тобеъ омада, чун чузъи асосӣ, асосан, феълҳои таркибии номӣ корбаст мешаванд. Чузъи тобеъ афзунӣ ё камии андозаи амалу ҳолатро нишон медиҳанд. Дар ин навъи ибораҳои феълӣ чузъи тобеъ бештар дар ҳолати ҳамшафат меояд, вале дар ҳолати дистантионӣ (дур) воқеъ гардидани чузъҳо низ мушоҳида мегардад:

*...****бисёр дашном додан*** *[336; 1023].* ***... бисёр дер кардан*** *[336; 818]. Ҳатулғоят* ***муболаға мабдул нашудан*** *[336; 277]. ...* ***бештар майл намудан*** *[336; 772]. Аминуддавла* ***тамом*** *ба вай* ***мутаваччеҳ гардидан*** *[336; 790]. ...ва* ***он рӯз*** *қариб чиҳил кас* ***беҳуш шуда****, эшонро ба дӯш аз он мачлис берун оварда буданд [336; 458]. Ва муқаррар шуд, ки* ***ҳар рӯз як ғазал навишта,*** *ба арзи чаноби хоча гузаронида шавад [336; 566]. Мутааччиб шуда, пеш омада* ***ќадре*** *аз он* ***об бичашид****[347; 130].*

Зарфи **бисёр** дар насри ин давра баъди чузъи номии феъл низ омадааст:

*…****муболаға бисёр намудан*** *[336; 912]..* ***….таҳсину офарин бисёр кардан*** *[329; 923]. Ҳароина ҳамчунин бояд* ***ғами мазҳабу миллат хӯрдан*** *аз аҳамми муҳимоти дин аст [336; 605]. ... аз он* ***бисёр ҳаросонидан*** *[336; 155].*

Зарфи ***бағоят*** дар таркиби ибораҳои феълӣ бо феъли ҳол омада муносибати сабабу дарачаро ифода кардааст: *Чунин гӯянд, ки хоча* ***бағоят ошуфта гардид*** *[336; 482].*

**Ифодаи муносибати ҳоли тарз.**

Дар насри ин давра зарфҳои тарз ба феълҳо вобаста шуда муносибати тарзи рӯй додани амалро ифода кардаанд. Вобаста ба маънои луғавии чузъҳо ин қабил ибораҳои феълӣ муносибати ҳоли тарзро бо тобишҳои дигари маъноӣ ифода кардаанд.

Зарфҳои навъи **зор-зор, оҳиста** ва амсоли инҳо бо феълҳои амалу ҳаракат вобаста шуда, тарзи ба вучуд омадани амалро бо тобиши вазъият нишон додаанд: *… ба кору бори худ* ***зор-зор бигиристан*** *[338; 60]. ...****зор-зор***

***гиристан** [336; 933]. ... **саросема** аз дарахт **афтодан** [336; 855]. ...бисёреро ба дӯш **беҳуш** аз масҷид **берун бурдан** [336; 86].*

Гурӯҳи муайяни сифатҳои зарфшуда бо алоқаи ҳамроҳӣ ба феълҳо тобеъ шуда муносибати ҳоли тарзро бо тобиши муайянкунандагӣ ифода кардаанд: ***... нек нигоҳ кардан** [336; 815]. ......**хуб бохтан** [336; 861]. ...**бад бозӣ кардан** [336; 866]. ...**ғамгину малол нишастан** [336; 799]. ... **бемалол** хона **рафтан** [336; 799]. ...сар **бараҳна савор шудан** [336; 172].*

Зарфҳои навъи **дафъа-дафъа** ба феълҳои ҳаракату амал тобеъ шуда, ибораҳои феълиеро сурат додаанд, ки муносибати тарзро бо тобиши тартиби воқеъ шудани амал ифода мекунанд: *...**дафъа-дафъа** дар коғази ҳарири хитоӣ **печидан** [336; 387-388].*

Зарфҳои навъи **савора, дуаспа** ва амсоли инҳо ба феълҳои ҳаракат тобеъ гашта ибораҳои феълии ҳамроҳии тарзро бо тобиши воситаи иҷрои амал ташкил додаанд: *... ҳамроҳи Мир **савора рафтан** [336; 840]. ...**аспсавор** аз дарвоза **даромадан** [336; 1213]. ...**дуаспа** бар сари ман **тохтан** [336; 750].*

Бо зарфҳои **зуд, як-як, гурӯҳ-гурӯҳ, хандон-хандон** тарзи воқеъ шудани амал ифода мегардад: *Ман **зуд баргаштаму** оҳиста роҳилаҳоро мекашидем [329; 82]. Ҳоким аз он сухан барошуфт ва **хандон-хандон** дар он ошуфтагӣ **гуфт** [329; 33]. Пас ходим **як-як** хонаҳоро дар **кушоду** Саъид даромад [329; 988]...**.як-як** аз наздики он саг **бигзаранд** [336; 855]. Чуқ-чуқ ва **гурӯҳ-гурӯҳ расида** [336; 43].*

**Ифодаи муносибати ҳолии монандӣ.**

Дар ин гуна ибораҳои феълӣ ба сифати ҷузъи тобеъ зарфҳое корбаст шудаанд, ки ба воситаи пасвандҳои –**вор, -сон, -осо** сохта шудаанд. Ин гурӯҳи ибораҳо дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» серистеъмоланд: *Якчанд рӯз муҳлат намоед, то дар машқ машаққати беҳад намоему **ғаввосвор** дар баҳри муҷоҳидат **дароем** [886]. Он олиҳазрат нахоҳад тофт ва **соявор** дар пайравиву итоати офтоби оламтоби он ҳазрат хоҳад **шитофт** [1323]. Ва*

***ломалифвор** бар саҳфаи авзои худ ... **зоҳир сохтанд** [885]. **Кабксон майл** ба кӯҳсори адам **намуда** [673].*

Дар насри ин давра чун ҷузъи тобеъ зарфҳои навъи **килксифат, камонсифат, консифат** хеле зиёд истеъмол шудаанд. Чунин навъи ибораҳо дар забони «Бадоеъ-ул-вақоеъ» бисёр кор фармуда мешавад ва, аз ин рӯ, хоси услуби «Бадоеъ-ул-ваќоеъ» шуморидан мувофиќи матлаб аст. Зарфҳои мазкур дар дигар асарҳои таҳќиќшудаи насрии ин давра дучор нашуд. Ин навъи зарфҳо бо алоқаи ҳамроҳӣ бештар ба феъл тобеъ шуда, муносибати монандиро ифода кардаанд: *Ангушти худро **килксифат** дар он хун **зада**... [880]. Шиками ӯро **консифат шикофтанд** [853]. Онро **камонсифат хам гардонида** [880]. ...**парисифат** аз назари мардум **ғоиб гардид** [195].*

**Ифодаи муносибати ҳолии масоҳавӣ.**

Дар насри ин давра зарфҳои макон бо роҳи алоқаи ҳамроҳӣ тобеъ шуда, муносибати ҳолиро бо тобиши макону масоҳат ифода кардаанд: *Бифармуд, то канизакро **берун овarданд** [329; 63]. **Иттифоқан** ҳам дар он рӯз халифа ба шикор **берун омад** [338; 103].Мутааҷҷиб шуда, **пеш омада** ќадре аз он об бичашид[347; 130].*

Бо зарфи макон, исмҳои мушаххасу ҷомеъ ва феълҳои ҳаракат сӯи воқеъ шудани амалро ифода менамояд. Ҳам феълҳои монда ва ҳам гузаранда ба сифати ҷузъи асосии ибораҳо омада метавонанд: *Мавлоно Муҳаммад **пеш давида** дар бағал гирифта ҳаракате кард, ки Мир аз ханда бар замин ғалтид [336; 341]. **Мир даромада,** он ғуломбачаро дар лат кашиданд [336; 309]. **Он ҷамоат даромада**, касеро наёфтанд [336; 310]. Дар ин асно **мардуми Ироқ омада** [336; 260].*

**Ифодаи муносибати ҳолии сабабу мақсад.**

Ба сифати ҷузъи тобеи чунин ибораҳои феълӣ дар насри ин давра зарфҳои иқтибосии арабӣ корбаст шудаанд: ***Билохира** ба понсад хонӣ **фурӯхтам** [336; 476]. Аждаҳоро **ба шир майл бисёр мебошад** [336; 816]. **Дафъа-дафъа** дар коғази ҳарири хитоӣ **печида*** [336; 387-388].*

Ин қабил ибораҳои феълӣ дар сарчашмаҳои хаттии мавриди назар дар ҳолати ҳамшафат (контактӣ) ва фосиладор (дистантӣ) омадаанд: Ибораҳои феълии ҳамшафат: ***Имрӯз иҷозат фармоӣ*** *[336; 819]*. ***Пагоҳтар омада*** *[336; 75]*. ***Имшаб тамом шуда****.... [336; 1256]*. ***Зор-зор гиристан*** *гирифтанд [329; 933]. То ин илмро* ***камоянбағӣ ба даст наёрад*** *[336; 799]*.

Ибораҳои феълии ҷузъҳояшон дар ҳолати фосиладор (дистантӣ) омада: *... анқариб миёни мо* ***муфориқат воқеъ шуд*** *[336; 105]*. ***Ногоҳ*** *аз ҳаво ғаливоже* ***расид*** *[336; 872]*. ***Оҳиста*** *ба ман* ***гуфт*** *[336; 1024]*.

2. **Ибораҳои феълии алоқаи ҳамроҳӣ бо исм.**

Ба воситаи алоқаи ҳамроҳӣ ба феъл тобеъ шудани исмҳо аз ҷиҳати луғавӣ нисбатан маҳдуд аст. Тартиби калима ва ягонагии шаклу маъно моҳият ва асоси ибораҳои феълии алоқаи ҳамроҳиро ташкил мекунанд. Ҳарчанд ки ибораҳои феълии алоқаи ҳамроҳӣ аз ҷиҳати сохти грамматикӣ шабеҳи якдигаранд, яъне аз рӯи як қолаб сохта мешаванд, вобаста ба маънои луғавию грамматикии ҷузъҳо муносибатҳои гуногуни наҳвиро ифода мекунанд. Зарфҳо, сифатҳо, феъли ҳол, сифати феълӣ, шумора, ҷонишинҳо ва таркибҳои шуморавию нумератив ба феълҳои амалу ҳолат, ҳаракат ва вазъият тобеъ шуда, муносибатҳои гуногуни наҳвиро ифода менамоянд.

**Ифодаи муносибати ҳолии замонӣ.**

Дар насри ин давра исмҳои ифодагари мафҳуми замонӣ бо алоқаи ҳамроҳӣ ба феълҳо тобеъ шуда, муносибати замониро ташкил додаанд. Дар созмон ёфтани ибораҳои мазкур, чунон ки дар боло ишора рафт, ҳамаи ҳиссаҳои мустақили нутқ иштирок мекунанд, аммо дараҷаи истифода, ифодаи тобишҳои маъно ва миқдори сохти онҳо баробар нест. Маънои замонии чунин ибораҳои феълӣ ба маънои луғавии исми ба вазифаи ба маънои луғавии исми ба вазифаи ҷузъи тобеъ омада вобаста аст.

---

* Феъли **печидан** ба мазмуни феъли бавоситаи «печонидан» омадааст

а) Бо эзоҳдиҳандаи шумораи миқдорӣ миқдори аниқи вақти амалро нишон медиҳад: *Ва* ***саду панҷоҳ сол*** *аз умри ӯ* ***гузашта*** *буд [338; 22]. Имом*

*зане бихост ва* ***сад канизаки*** *ороста ба хилъатҳои гаронмоя* ***фиристод*** *[336; 988]. Рӯзе ҳамроҳи Мир* ***савора мерафт*** *[336; 840].*

б) Бо исми умр ва пасванди **–ҳо** ибора миқдори номуайяни муддати замони амалро бо тобиши маънои доимӣ нишон медиҳад: ***Умрҳо ранҷи*** *талаб* ***бурданд,*** *то ба матлуб расид [329; 72].* ***Умрҳо*** *дар ҳавои фазои салтанату подшоҳӣ* ***парвоз менамудам*** *[329; 75].*

в) Бо эзоҳдиҳандаи шумораи тахминӣ миқдори тахмин ва номуайянии вақти ба вуҷуд омадани амалро мефаҳмонад: *Ва ҳарчанд дар он* ***ду-се рӯз*** *табъи вай гил* ***талабид*** *ва хотираш ба он кашид [338; 57].*

г) Баъзе ибораҳои ифодагари ченаки вақт дар таркиби ибораҳои феълӣ яклухт чун ҷузъи тобеъ истифода шудаанд: ***Намози шом****... он ҳасуд ба хонаи ман* ***даромад*** *[336; 747].*

ғ) Ибора бо исми шаб ва артикли номуайянии ***-е*** амал ва замони номуайяни бавуҷудоии онро нишон медиҳад: ***Шабе*** *марди самарқандии нохушовоз ва бадоҳат барои Мирзо «Шоҳнома»* ***мехонд*** *[338; 85].*

**Ифодаи муносибати ҳолии макони.**

Доираи ифодаи муносибати маконӣ дар ибораҳои феълии алоқаи ҳамроҳӣ исму феъл дар насри ин давра хеле маҳдуд аст. Танҳо баъзе исмҳои макон бо феълҳои ҳаракат бо роҳи алоқаи ҳамроҳӣ имконияти тобеъ шудан доранд:

*Бархез ва* ***Табрез рав*** *[336; 806]. Хоҷаро мусоҳибе буд, ки* ***тамоми рубъи маскун сайр карда буд*** *[336; 807]. Эй мабхут, чӣ шавад, ки равӣ ба махдумӣ арз дорӣ, ки* ***писари қозии Систон омада,*** *доияи мулозимат дорад [336; 729]. Ҳофиз Ғиёсиддин дид, ки* ***Мир танҳо нишаста****, фурсат ғанимат дониста, мутаваҷҷеҳ шуд [336; 729].*

Ин муносибати маъноӣ дар насри ин давра бештар бо роҳи алоқаи вобастагии пешояндӣ сурат мегирифт.

**Ифодаи муносибати ҳолии андоза.**

Дар насри ин давра як қабил исмҳои ифодагари андоза ба сифати ҷузъи тобеи ибораҳои феълӣ омада, муносибати андоза зоҳир кардаанд: *...**шаммае***

*баён* ***фармоянд*** *[336; 633]. Чӣ бошад, агар* ***ушре қироат фармоянд*** *[336; 251].*

**Ифодаи муносибати пуркунандагӣ.**

Дар ибораҳои феълии алоқаи ҳамроҳӣ, ки ҷузъи тобеъ исмҳои моддӣ мебошад, исм объекти бевоситаро нишон медиҳад, ки амали бо феъли гузаранда ифода шуда ба он нигаронида шудааст. Алоқаи чунин феълҳо бо исм ҳатмӣ буда, мавҷудияти он аз маънои луғавии ҷузъи асосӣ сар мезанад. Ин қабил ибораҳои феълӣ муносибати пуркунандагиро ба таври умумӣ ва номуайян ифода менамоянд [17; 188].

Дар забони насри ин давра исми номуайян аксаран бо артикли –е истифода шудааст: *Ба сари роҳ медавид ва* ***ашке мерехт*** *ва оҳе мекашид [329; 78].* ***Ҷамъе нишаста*** *буданд ва сухани камолу нуқсони риҷол дарпайваста [329; 90].* ***Ҷамъе*** *аз рафиқон хандон пеш* ***омаданд*** *[338; 21]. Баъд аз соате ходим омаду* ***чароге афрӯхта*** *ва як даста калид овард [338; 57].* ***Шӯре ангехта*** *писари амми ту дар ҳоли гуноҳ [338; 81].*

Ибора бо калимаи **як** замони ба вуҷуд омадани амалро аз бобати миқдор таъин менамоянд: ***Як рӯзу як шаб*** *ва рӯзи дигар то ба шаб* ***роҳ буриданд*** *[329; 81].*

Дар китобҳои дарсӣ қайд шудааст, ки пуркунандаи бевоситаи суратнаёфта ҳамеша бо хабари феълии ҷумла ҳампаҳлу меояд [30; 115]. Дарвоқеъ, ин пуркунандаҳо ҳамеша имконияти ҳампаҳлу омадан доранд, вале мувофиқи талабу мароми сухан ва дигар ҳолатҳои услубӣ онҳо дар ҳолати дур низ омада метавонанд: ***Сипаре*** *аз пӯлод* ***сохтанд*** *[336; 797].* ***Қосиде*** *ба ҷониби Бухоро* ***равона гардид*** *[336; 807].*

Ин гуна ибораҳои феълӣ дар шакли мураккаб низ омадаанд: *Чаҳор дарахт…карам фармуданд [336; 51].*

Феъли **намудан** дар таркиби ибораҳои феълии алоқаи ҳамроҳӣ муносибати объекти бевоситаро ба таври умумӣ нишон медиҳад: ***Карам намуда,*** *арзи ҳолро иншо мефармояд, шояд ки аз баракати анфоси эшон он шухи каттолро Худои таъоло раҳме* ***карам фармояд*** *[336; 488].*

3. **Ибораҳои феълии алоқаи ҳамроҳӣ бо шумора.**

Дар насри сарчашмаҳои хаттии давраи таҳқиқ теъдоди ин навъи ибора хеле кам аст. Дар ибораҳои мазкур шумораҳои миқдорӣ ба сифати ҷузъи тобеъ воқеъ гардида, феълҳои **гуфтан, шунидан, куштан** ҳамчун ҷузъи асосӣ муносибати пуркунандагиро бо тобиши миқдорӣ ва дараҷа ифода мекунад: *Чун Фирдавсӣ **шаст ҳазор байт бигуфт** ва ба ҳазрати султон арз намуд, бағоят мақбул афтод [336; 459]. Эй азизон, он чӣ Шумо фармудед, баёни воқеъ аст, аммо фақир, ки ба ин вилоят омадам, **як-ду калима** аз мардуми шумо **шунидам** [336; 472].*

**4. Ибораҳои феълии алоқаи ҳамроҳӣ бо ҷонишин.**

Дар насри асрҳои XV-XVI баъзе ҷонишинҳои ишоратию саволӣ бо роҳи алоқаи ҳамроҳӣ ба феълҳои гуногунмаъно тобеъ шуда, ибораҳои феълиро ташкил додаанд, вале теъдоди онҳо чандон зиёд нест. Ин қабил ибораҳои феълӣ аз ҷиҳати ифодаи муносибати наҳвӣ ҳам маҳдуданд. Дар онҳо, асосан, муносибатҳои ҳолӣ ва объектӣ мушоҳида гардид.

**а) Ифодаи муносибати ҳолии тарз.** Ба сифати ҷузъи тобеи ибораҳо ҷонишинҳои ишоратии навъи **чунин, ончунон** ва чун ҷузъи тобеъ феълҳои гуногун омада, муносибати тарзи воқеъ шудани амалро ишора кардаанд: ***...чунин нақл мекунанд** [336; 559]. Ман **ончунон нахоҳам бохт** [336; 864]. Он ҷамоъат ҳайрон шуда, **хандон гардида**, даст аз ӯ боздоштанд [336; 320].*

**б) Ифодаи муносибати ҳолии миқдор.** Ба сифати ҷузъи тобеъ ҷонишини номуайянии хели ***чанд*** истифода шудаанд: *Агар мактубе навишта шавад, ки аз он меваҳо **якчанд ирсол намоянд** [336; 111].*

**в) Ифодаи муносибати ҳолии замон.** Чун тобеъшаванда дар насри ин давра ҷонишини саволии **кай** истифода шудааст: *Ту **кай** аз ман **талаб намудӣ** [336; 472].*

**г) Ифодаи муносибати пуркунандагӣ.** Ба сифати ҷузъи тобеъ ҷонишинҳои саволӣ ва ишоратии хели **ин, он** омада, муносибати пуркунандагиро ба таври умумӣ нишон додаанд: *Бо ман **чӣ мегӯӣ?** [336;*

*740]. ...**ин бигуфт** [336; 1056]. **Чун** он **бидид** [336; 815]. **Шуморо** кадом **хуш омад**? [336; 938].*

Як хусусияти хоси ин гуна ибораҳои феълӣ /тобеъкунанда ва тобеъшаванда/ дар забони насри ин давра он аст, ки ҷузъи асосӣ метавонад боз ҷонишинҳои энклитикӣ /бандакҷонишинҳо/ гирад: *Чун дар баробари вай расид, раъша **бар андомаш афтоду аз фарќ то доманаш ларза гирифт**[338; 159].*

**5. Ибораҳои феълии алоқаи ҳамроҳӣ бо феъли ҳол.**

Дар насри асрҳои XV-XVI феъли ҳол бо роҳи алоқаи ҳамроҳӣ бо феълҳои гуногун тобеъ шуда, ибораҳои феълиро ташаккул додаанд. Дар ин қабил ибораҳои феълӣ, асосан, муносибати ҳоли тарз мебошад ва вобаста ба хусусияти луғавию грамматикии ҷузъҳо тобишҳои зайли маъноӣ зоҳир кардаанд:

**Ифодаи муносибати тарзи вуқуъи амал**: *Чун канизак таваҷҷуҳу майли хотири ӯро ба ҷониби онҳо донист... **наззоракунон** ба канораи ҳавзаи дарс **истод** [336;705]. Боз ҳамон ғаливож бо ғаливожи дигар **парвозкунон** бар рӯйи ҳаво **пайдо шуд** [336; 872]. Мирзо **хандазанон** ба боғ **даромад** [336; 1171]. Диданд, ки шахсе нишаставу **пойҳо**и худ **овехта** ва Ҳазрати Мавлоно истода, такя бар асо дорад [336;624].*

**Ифодаи муносибати тарз бо тобиши восита ва ҳолату вазъият**: ***Афтону хезон** худро ба ин ҷо **расонидем** [336; 488]. **Зан-занону каш-кашон ...расидем** [336; 1036]. Мардум **ҳама** гирёну нолон **...рафтанд** [336; 932]. **Тарсон** дар кунҷи хона **нишаст** [336; 321]. Порсо аст, ки ин **оташ афрӯхта** ва матои сабзи ҳазрати махдумиро сӯхта [336; 567].*

**Ифодаи муносибати сабабию мақсадӣ**. Ба сифати ҷузъи тобеи чунин ибораҳои феълӣ дар насри ин давра зарфҳои иқтибосии арабӣ корбаст шудаанд: ***Иттифоқан** бар дари охтахона **мегузаштам** [336; 905]. **Лоҷарам** он подшоҳи соҳибкарамро ба хотир **гарон омада** [336; 830]. **Тавъан** ва рағбатан **қабул намуд** [336;800]. ...**эъҷобан..фармон дод** [336; 824].*

## Натиҷагирӣ аз боби I

Аз таҳқиқи масъалаҳои назарияи ибора бармеояд, ки таҷзияи табиату вижагиҳои ибора барои забон имкониятҳои тоза меорад ва метавонад онҳоро дар таълими забон корбаст намуд. Аз таҳлилу баррасии таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва роҳҳои инкишофи ибораҳои феълии забони тоҷикӣ метавон чунин натиҷагирӣ кард:

1. Таҳқиқотҳое, ки ба алоқаи калимаҳо ва ё масъалаҳои гуногуни забони тоҷикӣ бахшида шудаанд, доир ба ибора ба ин ё он муносибат аз маълумоти ҷузъӣ иборатанд.

2. Бо вуҷуди он ки баъзе паҳлӯҳои ин масъала аз ҷониби забоншиносони хориҷиву ватанӣ баррасӣ шудаанд, ҳанӯз бисёр масоили ин соҳаи забоншиносӣ, махсусан, масъалаҳои назарияи он ба пуррагӣ таҳқиқ нагардидааст. Фақат маълумотҳои тозаро оид ба муҳиммияти омӯзиши масъалаи ибораҳои феълӣ дар нигоштаҳои А. Мирзоев пайдо кардан мумкин аст.

3. Омӯзиши ибораҳои забони тоҷикӣ собит намуд, ки вай аз вожаҳои мустақил ташаккул ёфта, баҳри сохтани ҷумла ба сифати маводи муҳим хидмат мекунад. Ибора ҳамчун қисмати наҳви забони тоҷикӣ, на фақат ҳуқуқи мавҷудият, балки бояд мавзӯи таваҷҷуҳи махсуси забоншиносону муҳаққиқон қарор дошта бошад. Таълимоти ибора, махсусан, ибораҳои феълӣ грамматикаи забони тоҷикиро бо тобишу ҷилоҳои фаровони муносибатҳои наҳвӣ ғанӣ гардонидааст ва мегардонад.

4. Дар ибораҳои феълӣ раванди инкишофи забон ва таҷдиди пайвасти он ба таври возеҳу равшан намоён мегардад. Бо гузашти солҳо қолабҳои ибораҳои феълӣ, барои он ки ба табиати забон дар ифодаи аниқтари маъноиву фикр ҷавобгӯй бошанд, ба тағйироти намоён дучор мешавад ва ба ин васила инкишофу такмили доимии забонро нишон медиҳанд.

5. Маводи сарчашмаҳои хаттии мавриди пажӯҳиш нишон дод, ки ибораҳои феълии ин давра бештар ба воситаи алоқаи пешоянду пасояндӣ ва алоқаи ҳамроҳӣ сурат мегирифтааст.

6. Аз таҳлили асарҳои таҳќиќшуда маълум гардид, ки ибораҳои феълӣ дар ин давра ба воситаи алоқаи ҳамроҳӣ сохта мешавнд.  Бо роҳи алоқаи ҳамроҳӣ дар суратёбии ибораҳои феълӣ бештар зарфҳо, исмҳо, сифатҳо, шумора ва таркибҳои шуморавӣ, феъли ҳол, сифати феълӣ корбаст шудаанд.

7. Омӯзишу таҳлили масоили таърихи ибораи забони тоҷикӣ зарур буда, вай имконият медиҳад, ки бисёр паҳлуҳои забони адабии кунунии тоҷикӣ низ ҳал гардад ва ҷараёни инкишофи он саҳеҳу дақиқ муайян шавад.

Ҳамин тариқ, он фикру мулоҳизаҳое, ки перомуни масъалаҳои таҳқиқи назарияи ибора ва роҳҳои асосии ташаккули ибораҳои феълӣ дар забони тоҷикӣ ибрози андеша шуд, метавон гуфт, ки ибораи феълӣ ҳамчун воҳиди мустақили навъҳои ибора ба ҳисоб рафта, он сарчашмаи муҳими рушди синтаксиси забон буда, сазовори таҳқиқу омӯзиши ҷиддист.

# БОБИ II. ИБОРАҲОИ ФЕЪЛӢ БО ПЕШОЯНДҲОИ АСЛӢ

**2. Матолиби муқаддимотӣ.** Зимнан бояд қайд кард, ки алоқаи калимаҳо дар ибора яке аз масъалаҳои асосии наҳв маҳсуб меёбад, чунки нақши воситаҳои алоқаи калимаҳо дар омӯхтани вижагиҳои сохтори ибораҳои феълӣ аҳамияти бузург дорад. Таҳлил ва тасвири воситаҳои алоқаи калимаҳо дар насри давраи таҳқиқ собит намуд, ки дар ташаккул ва сохтани ибораҳои феълӣ пешояндҳои аслӣ ва номӣ сермаҳсулу серистеъмоланд.

Пешояндҳои аслӣ дар ҷараёни алоқа ва муносибати наҳвии калимаҳо мақоми махсус доранд ва дар вазифаи воситаи алоќа омадани як ќабил исмҳо, ҷонишинҳо ва зарфҳо таърихи қадимӣ доранд. Пешояндҳои аслӣ, чунон ки ишора шуд, дар ифодаи муносибатҳои наҳвии калимаҳо хеле сермаъноянд. Махсусан, дар сарчашмаҳои хаттии давраи таҳқиқ ба сабаби қатъӣ муайян шудани ҳудуди истифодаи онҳо ва ивази вазифа маънои грамматикии пешояндҳои аслӣ гуногун ва доманадор буд.

Дуруст аст, ки ҳар як пешоянди аслӣ маънои умумии марказӣ дорад ва тобишҳои маъноии он ба ин ё он андоза ба ҳамон маънои марказӣ робита дорад, вале пешояндҳои аслии содаро ба гурӯҳҳои маъноӣ ҷудо кардан мушкил аст. Аз ин рӯ, вазифаи ҳар як пешояндро ба таври ҷудогона муайян кардан ба мақсад мувофиқтар аст. Дар ибораҳои феълӣ маънои пешоянд чи вобаста ба маънои ҷузъи тобеъ, ки бо он пайваст шудааст ва чи вобаста ба маънои он ҷузъи асосие, ки ба тавассути пешоянд калимаи тафсилдиҳандаро ба худ тобеъ намудааст, равшан мегардад.

Дар ҳақиқат, дар забони осори ин давра феълҳое ҳастанд, ки пешоянд ва ё пасоянди муайянеро талаб мекунанд ва робитаи онҳоро метавон вобастагии пешояндӣ номид. Пешоянду пасояндҳо бо ҳиссаҳои номии нутќ ва ҳиссаҳои дигари нутќ, ки ба вазифаи исм омадаанд, корбаст шудаанд. Алоќаи пешоянду пасояндӣ чи дар забони адабиёти классикӣ ва чи дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ чун ќоидаи маъмул дар таркиби ибораҳои феълӣ байни тобеъкунандаву тобеъшаванда сурат мегирад. Ин фикрро гуфтаҳои зерини М. Н. Ќосимова тавќият медиҳад:” Ҳамчун ќоида бо кадом

пешоянд ё пасоянд омадани ҷузъи тобеъро ҷузъи тобеъкунанда талаб мекунад” [50; 21]. Чунончи, феълҳои **тарсидан, ранҷидан** ва амсоли инҳо ҳамеша ҷузъи тобеи худро бо пешоянди **аз** алоқаманд мекунанд ё феълҳои гузаранда ҳамеша объекти муайянро тавассути пасоянди –**ро** тобеъ мекунанд, вале на ҳамаи феълҳо ва ё ҳиссаҳои дигари нутќ, ки дар вазифаи тобеъкунанда меоянд, тобеъшавандаи худро бо пешоянди муайян талабгоранд. Дар пайвастҳои навъи **ҳарфи ба ќасд тарккарда**, **пой бар фаллоќ, гуфтугӯ дар Самарќанд** низ истилоҳи вобастагӣ мувофиќ нест**.** Аз ин ҷиҳат, аз ҷониби А. Мирзоев, С. Абдураҳимов, М. Акрамов, Ҳ. Солиев ва таҳќиќгарони наҳви забоншиносӣ аз рӯйи воситаи алоќа ном бурдани хелҳои алоќаи калима дуруст аст.

Ҳамин тавр, машҳуртарин ва хосатарин анвои алоќаи калимаҳо дар ибора алоќаи изофӣ, пешояндӣ, пасояндӣ ва ҳамроҳӣ мебошанд [17; 248; 63; 50; 94; 2; 237; 290; 122; 123].

Вазифа ва мавқеи истифодаи пешояндҳои аслии сода дар насри асри XV1,- таъкид мекунад муҳаққиқ Б. Шарифов, «бо мавқеи дар забони ҳозираи тоҷик доштаашон, асосан мутобиқат доранд» [110; 185], вале бо баъзе хусусиятҳои махсусан дар ҷанбаи ҳамвазифагӣ ва ифодаи тобишҳои маъноӣ тафовутҳо низ ба назар мерасад. Масалан, дар забони осори давраи пажӯҳиш ҳамвазифа будан ё ба ҷойи якдигар кор фармуда шудани пешояндҳои **ба** ва **дар**, **ба** ва **бо** ҳодисаи умумӣ ба шумор рафта, ба таври фаровон мавриди корбурд қарор гирифтаанд. Аммо чунин тарзи ифода дар забони адабии ҳозираи тоҷик доираи истифодаи маҳдуд дорад. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ҳодисаи ба ҷойи якдигар мавриди корбурд қарор гирифтани пешояндҳои **ба** ва **дар, ба** ва **бо** бештар дар забони лаҳҷаву шеваҳо ба таври васеъ ба мушоҳида мерасад [228; 36].

Ифодаи муносибатҳои гуногуни наҳвӣ дар таркиби ибораҳои феълии асрҳои XV-XVI бо пешояндҳо нисбат ба забони адабии ҳозираи тоҷик чандон фарқе надоранд. Дар забони сарчашмаҳои давраи мазкур дар аксар маврид ҷузъи асосии ибораҳои феълӣ бо шаклҳои тасрифнашавандаи феълӣ низ

меоянд ва дар бисёр мавридҳо бо феълҳои тасрифӣ мувофиқат мекунанд: *Сарии Сақатӣ Ҷунайдро коре фармуд ва мӯҷиби дилхоҳӣ вай ба он қиём намуда,* ***когазпорае*** *ба вай* ***андохт*** *[329; 27]. Гӯянд, ки дар ҳангоми ҷавонӣ ҷавоне Содиқ ном ӯро* ***дар ҳавзи обе андохта*** *ва дасташро маҷрӯҳ сохт [341; 142].*

Таҳлилу баррасии маводи осори хаттии асрҳои XV-XVI, аз ҷумла «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи Муҳсинӣ»-и Ҳусайни Воизи Кошифӣ, «Туҳфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ, «Латоиф-ут-тавоиф»-и Алии Сафӣ, «Чаҳор гулзор»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва насри таърихии «Аҷоиб-ул-мақдур фӣ ахбори Темур»-и Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ нишон дод, ки дар сарчашмаҳои мазкур ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои аслӣ ва номиву таркибӣ ба таври фаровон мавриди корбурд қарор гирифтаанд.

Пешояндҳои аслӣ дар ташаккул додани ибораҳои феълӣ нақши бузург доранд, зеро ки аксарияти ибораҳои феълӣ ҳам дар насри давраи мавриди назар ва ҳам дар забони адабии ҳозираи тоҷик ба воситаи пешояндҳо сохта мешаванд: «Пешояндҳо, ҳамчун калимаҳои ёридиҳанда, маънои мустақили луғавӣ надоранд. Пешояндҳо ҳамеша бо исмҳо, ҷонишинҳо, шумораҳо робита пайдо карда, муносибати синтаксисии онҳоро нисбат ба дигар калимаҳо (феълҳо, исмҳо, сифатҳо, ҷонишинҳо ва зарфҳо нишон медиҳанд» [63; 37].

Маълум аст, ки пешояндҳо ҳиссаҳои ёридиҳанда буда, муносибатҳои наҳвии байни ҷузъҳои асосиро дар таркиби ибора ифода намуда, дар якҷоягӣ бо онҳо дар забон алоқаи гуногуни воқеияти объективӣ: пуркунандагӣ, ҳолии сабаб, мақсад, натиҷа, замон ва ғайраро ифода мекунанд. Пешояндҳо фақат дар ибора ва ҷумла нақши ёрирасонии худро иҷро намуда, маъно ва вазифаи грамматикӣ пайдо мекунанд, чунки «маънои луғавии пешояндҳо ба маънои грамматикиашон баробар аст» [149; 383].

Умуман, дар ибораҳои феълӣ маънои пешоянд ҳам вобаста ба маънои ҷузъи тобеъ, ки бо он пайваст шудааст ва ҳам вобаста ба маънои ҷузъи асосие, ки ба воситаи пешоянд калимаи тафсилдиҳандаро ба худ тобеъ намудааст, равшан мегардад.

Ҳамин тариқ, доираи истеъмоли пешояндҳои аслӣ дар таркиби ибора ва ҷумла хеле фарох аст, чунки онҳо умумимаъно ва абстракт мебошанд. Азбаски пешояндҳои аслӣ дар ташаккули ибораҳои феълӣ хусусияти махсус зоҳир менамоянд, таҳлилу тасвири онҳоро ба таври алоҳидагӣ зарур шуморидем.

## 2.1. Ибораҳои феълӣ бо пешоянди ба.

Пешоянди **ба** дар алоқаи калимаҳо яке аз пешояндҳои сермаъно, серистифода ва сервазифаи ҳам забони насри классикӣ ва ҳам забони адабии ҳозираи тоҷик буда, барои ифодаи муносибатҳои гуногуни пуркунандагӣ, ҳолӣ, муайянкунандагӣ бо тобишҳои гуногуни маъноӣ хизмат кардааст. Ин пешоянд дар ташаккули аксари навъҳои ибора воситаи фаъоли алоқа маҳсуб меёбад [16. 289; 17, 81; 228; 11; 24,110; 63, 73; 2].

Дар забони адабии пешинаи тоҷик ҳам пешоянди **ба** хеле сермаъно ва сервазифа будааст [273, 95; 162, 4; 181, 109; 50, 22; 44, 84; 110;188; 5, 76; 19, 24] ва дигарон.

Мувофиқи таҳқиқоти А. Алиев «пешоянди **ба** дар забони адабии пешинаи тоҷик, махсусан, дар забони «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ аз лиҳози доираи истифода ва маъно дар ҷои аввал меистад. Ин пешоянд вобаста ба маънои луғавии ҷузъҳои ибора муносибатҳои гуногуни наҳвиро ифода кардааст. Пешоянди **ба** дар асар, хусусан, дар алоқаи аъзои гуногуни ҷумла ба хабар хеле серистифода ва сермаъно будааст» [5; 76].

Бояд гуфт, ки андешаю муҳокима ва хулосаҳои Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар хусуси ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ, махсусан, пешоянду пасояндҳо на фақат дар афкори забоншиносии ӯ, инчунин дар таърихи афкори забоншиносии муосир мақом ва арзиши баланд дорад. Чӣ тавре ки Д. Хоҷаев

мегӯяд: «Дар гули савуми гулзори якуми «Чаҳор гулзор», ки «Дар ташреҳи (шарҳи) ҳуруфи муфрада, мураккаба ва тағйиру табдили баъзе ҳуруф» ном дорад, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ доир ба пешоянди (ҳарфи) ба қайду эзоҳе овардааст, ки имрӯз ҳам аз нигоҳи илми забоншиносии муосир муҳимму ҷолиб мебошад» [98; 41]. Дар ин дастури таълимӣ вижагиҳои пешоянди **ба** аз ҷониби Ҳасани Ҳисорӣ бисёр мушаххасу густурда баён гардидаанд.

Бояд тазаккур дод, ки тобишу ҷилоҳои маънои пешоянди **ба** инчунин дар забони форсӣ низ то андозае муайян шудааст. Муҳаққиқи наҳви забони форсӣ Л. С. Пейсиков роҷеъ ба маънову муносибатҳои гуногуни пешоянди **ба** маълумотҳои комил додааст [237; 43].

Дар асари В. С. Расторгуева тобишҳои зиёди маъноии пешоянди **ба** дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ нишон дода шудааст [248; 56].

Дар сарчашмаҳои хаттии давраи таҳқиқ пешоянди **ба** дар таркиби ибораҳои феълӣ зиёда аз **860** маротиба дучор гардид ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ин пешоянд аз ҷиҳати доираи истифода аз пешояндҳои сермаънову сервазифа маҳсуб меёбад.

Тобишҳои маъноии пешоянди **ба** инчунин дар фарҳангу луғатҳои ҷудогона аз назари луғатсозон дур намондааст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» 12 тобиши маънои пешоянди **ба** тафсир шудааст [319; 216].

Дар «Ғиёс-ул-луғот»-и Муҳаммад Ғиёсиддин 25 тобишу ҷилоҳои маънои пешоянди **ба** муайян шудааст [312; 106], ки ҳамчун сарчашмаи муҳим донишҳои моро дар хусуси маънову хусусиятҳои грамматикии пешоянди **ба** ғанӣ мегардонад.

Дар забони насри ин давра ибораҳои феълӣ, ки ба воситаи пешоянди **ба** ташаккул ёфтаанд, муносибатҳои гуногуни наҳвиро ифода кардаанд.

Дар доираи ибораҳои феълӣ ин пешоянд дар ифодаи муносибатҳои пуркунандагӣ (объектӣ) ва ҳолӣ бештар корбаст шудааст. Ибораҳои феълӣ, ки бо пешоянди **ба** сурат гирифтаанд, муносибатҳои маъноии зайлро ифода кардаанд:

**1) Ифодаи муносибати пуркунандагӣ.** Пешоянди **ба** яке аз ифодагарони муносибатҳои гуногуни пуркунандагӣ ҳам дар забони адабӣ ва ҳам шеваҳои он мебошад. Дар насри асрҳои XV-XVI ҳам пешоянди **ба** дар ин вазифа хеле вофир ба назар мерасад. Исмҳои гуногунмаъно, ҷонишинҳои исмӣ ба феълҳои амалу ҳаракат, исми амал ва баъзе сифатҳо бо пешоянди **ба** тобеъ гашта, муносибати пуркунандагиро бо тобишҳои маъноии зайл сурат додааст:

**а) Ифодаи муносибати пуркунандагии равон шудани амал.**

Дар ин гурӯҳи иборахо исмҳои гуногунмаъно, ҷонишинҳо ҳамчун тобеъшаванда омада, феълҳои амалу ҳаракат ба сифати ҷузъи асосӣ воқеъ мегарданд: *Неши худро **ба захм фуру бурд** [336; 540]. Тири вай **ба синаи кӯдаке омад** [336; 934]. Чун дар ин вақти дилписанд фарзанди арҷманд Зиёвиддин Юсуф... **ба омӯхтани муқаддамоти** каломи араб **иштиғол намуд** [329; 25]. Дасташ **ба об нарасида**...афтод [336; 1026]. Хуш-хуш ин хабар **ба подшоҳи** вақт **расид** [341; 63].*

Дар ифодаи ин муносибати наҳвӣ ҳам феъли монда ва ҳам гузаранда ҷузъи асосии ибораи феълиро ташкил менамоянд: *Искандари Румӣ дар овони ҷавонӣ **ба ҳиллаи тамом** ҳисореро **бикушод** ва ба вайрон кардани он фармон дод [329; 33]. Сарии Сақатӣ Ҷунайдро коре фармуд ва **ба мӯҷиби дилхоҳӣ** вай ба он **қиём намуда,** коғазпорае ба вай андохт [329; 27]. Падараш **ба ниёбати** қуззот **қиём менамуд**, аммо ӯ дар он кор дахл накард [341; 231]. Як даст дар таҳи қаноре дармеоварду **ба дасти дигар гиребонашро гирифта,** аз замин бардошта, бар паси сар меандохт [336;667];*

Дар насри давраи таҳқиқ ҷузъи асосии ибораҳои ин гурӯҳ бештар бо феълҳои ёридиҳанда сурат мегирифтааст: *Ва ҳар ду монанди сарву шамшод, ки аз таҳрики боди сабо **ба якдигар мутамоил гардида**, даст дар гардани якдигар карданд [336; 575]. Аҳёнан, майл **ба фанни мусиқӣ намуда**, қонуни истеъдодро ба чанг гирифтӣ [341; 50]. Акнун, ки мурғи рӯҳаш хурӯси ирҷиъӣ*

*шунида, кабксон майл* ***ба кӯҳсори адам намуда*** *[336; 673]. Ин сайидзода беақлӣ карда ва* ***ба ин қаландар ҷанг сохта*** *пойи худро зоеъ сохт [336; 642].*

Тобеъкунанда феъли гузаранда бошад, аз рӯйи моҳияти луғавию наҳвӣ вай объекти бевоситаро талаб мекунад. Дар чунин ҳолат объекти бевосита дар насри ин давра бештар пас аз объекти бевосита ва камтар пеш аз он омадааст: *Агар онро* ***ба гардани гове зананд*** *[336; 1257]. Ба ҳар кадом асп…инъом фармуда [336; 454]. Амир аз он сухан бихандиду даҳ ҳазор динор* ***ба вай инъом фармуда*** *[338; 87]. Он олиҳазрати салтанатмаобӣ ба ҳар кадом аспи* ***ба зину лаҷом ва сарупои муносиб инъом фармуда*** *[336; 454]. Пойи маро аз сутуни хайма гузаронидаанду занҷир* ***ба ду сари пойи ман гузоштанд*** *[336; 1102].*

Ҷузъи асосии феъли таркибии номӣ бошад, дар насри ин давра дар байни ҷузъи номӣ ва феъли ёвар омадааст: *Чун панҷоҳ рӯз тамом шуду вақти он расид, ки Мавлоно* ***ба кеши яҳудӣ нақл кунад*** *[336; 130]. Дар замони кашидани камонаш аз чиллахонаи қавси* ***фалак забон ба таҳсини ӯ гушодӣ*** *ва дар вақти гушодани тир аз гӯшаҳо овози зеҳ баромадӣ [336; 40].*

Тобиши маънoӣ дар чунин ибораҳо вобаста ба ҷузъи тобеъ гуногун буда метавонад. Чунин ҳолат дар забони «Бадоеъ-ул-вақоеъ» хеле зиёд ба назар расид. Чунончи, бо феъли **расидан** ҳам муносибати пуркунандагӣ (…чун хабар **ба Мирзо …расидан** /1168/) ва ҳам муносибати ҳолии макон (…**ба хонаҳо хабар расонидан** /1215/ ) сурат гирифтааст.

**б) Ифодаи муносибати пуркунандагии (объектии) таъинот.** Дар ин вазифа ҳам пешоянди **ба** дар насри давраи таҳқиқшаванда серистеъмол аст. Ҳамчун ҷузъи асосӣ феълҳои навъи **доштан, таъйин намудан, додан, инъом кардан, гуфтан, навиштан, шунидан** ва ба сифати ҷузъи тобеъ исмҳо ва ҷонишинҳои шахсӣ омадаанд. Ибораҳои мазкур аз ҷиҳати сохт аз ду ё се калима таркиб ёфтаанд: *Ҳокими он диёр ҳар рӯз як ман шароб ва як ман гӯшт муқаррар карда буд, ки* ***ба ӯ медоданд*** *[341; 184]. Ва ривоят кардаанд, ки чун Маъмунуррашид духтари худ Уммулфазлро* ***ба Имом Муҳаммади Тақӣ дод***

*[346; 20]. Ҳамчунон ки молик гӯспандонро* ***ба шӯбон супурда*** *то аз дарандаҳо ва доми зиёнкорон нигоҳ дорад[347; 273].*

Дар забони насри асрҳои XV-XVI ҷузъи асосии ибораҳо бо феъли **фиристодан** дар ифодаи маънои таъинот бештар ба кор рафтааст. Ибораҳо бо феъли мазкур объектеро ифода мекунад, ки предмети дигар барои он таъин ва муқаррар шудааст: *Малики Ҳинд* ***ба халифаи Бағдод туҳфаҳо фиристод*** *[329; 38]. Дар «Наводир»-и Саълабӣ оварда, ки яке аз акобири дин* ***ба подшоҳе туҳфае фиристод*** *ва пайғом дод [338; 65]. Рӯзе малики Миср* ***ба Қайсари Рум*** *пайғом* ***фиристод*** *[347; 134].*

Дар насри ин давра феъли мазкур дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб бештар ба кор рафтааст. Феъли **фиристодан** ба вазифаи феъли якуми хабари сарҷумла омада, **гуфтан**-ро талаб мекунад ва ҷумлаи пайрав онро пурра менамояд: *Маро мири Қурайш фиристод, ки имшаб маҳал аст [338; 65].*

Дар ифодаи тобиши объекти таъинот маънои луғавии ҷузъи асосӣ нақши муҳим дорад. Феъли **кардан,** ки дар забони миёнаи форсӣ-тоҷикӣ чун ёридиҳанда истеъмол мешуд [88; 132], бо ҷузъҳои номӣ дар таркиби ибораҳои феълии насри ин давра ба таври фаровон омада, феъли таркибии номӣ сохтааст: *Амир аз он сухан бихандиду даҳ ҳазор динор* ***ба вай инъом кард*** *[338; 87]. Дар хабар аст, ки Худои таоло* ***ба Довуд ваҳи кард,*** *ки қавми хешро бигӯй, ки подшоҳи Аҷамро бад нагӯяд [329; 45]. Ва фармуд, то сад ҳазор дирам силаи ин ҷавоб оварданду* ***ба худдоми Имом таслим карданд*** *[338; 45].*

Дар ин қабил ибораҳо ба сифати ҷузъи тобеъ бештар исмҳо ва ҷонишинҳои шахсӣ мавриди корбурд қарор гирифта, феълҳои амал чун ҷузъи тобеъ объекти таъинотро ифода кардаанд. Феъли **навиштан** ба сифати ҷузъи асосии ибораҳо серистеъмол аст: *Фозиле* ***ба яке аз дӯстони*** *соҳибрози худ нома* ***менавишт*** *[329; 82]. Саълабӣ оварда, ки Искандар* ***ба подшоҳи Ҳинд навишт:*** *гумон мебарам, ки ту аз ашрорӣ [338; 53]. Бифамуд, то ин калимотро* ***ба оби зар навиштанд*** *[347; 127]. Пеш аз ин ҳангом шайх Иброҳим бад-ӯ дарпайваста, калиди аҳолими қаламрави хеш* ***баasташ***

***супурда** ва тавқи бандагӣ ба гардан ниҳода, дар сафи хидматгузорон истода буд [334; 105]. Вазири Ҳурмузи писари Шопур **ба вай нома навишт,** ки бозаргонони дарё бори ҷавоҳир бисёр овардаанд [329; 52]. Он дӯст рӯзе **ба вай руқъае навишту** он ваъдаро ба ёди ӯ дод [338; 80].*

Агар ҳамчун ҷузъи асосӣ феълҳои амал сурат гиранд, ибора маънои таъинотро бо тобиши тарзи иҷрои амал ифода мекунад: ***...ба эшон хусумат дошт** [336; 455]. **...ба номи Аминуддавла** китобе **тасниф намуд** [336; 800].*

Бояд гуфт, ки ифодаи муносибати пуркунандагӣ бо тобиши таъинот ба воситаи пешоянди **ба** дар таркиби ибораҳои феълӣ ба таври фаровон дучор омад. Феъли **гуфтан*** ба сифати ҷузъи асосӣ дар таркиби ин гуна ибораҳо серистеъмол аст: *..фақир **ба он азиз гуфтан** [336;968]. ...**ба Ғиёсиддин Муҳаммад гуфтан** [336;1033]. ...**ба амир гуфтан** [334;96]. ...**ба пайѓамбар гуфтан** [336;1095].*

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик, махсусан дар забони халќӣ муносибати таъинотро ифода кардани феълҳои **додан** ва **гуфтан** аз ҷониби муҳаќќиќон ќайд шудааст [248;55].

Дар насри асарҳои таҳќиќшаванда чунин ифодаи маъно бо феълҳои **додан, инъом кардан, фармудан** низ ба кор рафтааст: *Дар хотирҳо нишаста буд, ки чун яҳудӣ он сафолро **ба Ҳокими Басра дод** [329; 53]. Ва Мансур чандон бихандид, ки ба пушт афтод ва бар он ҷавоб Имомро офарин гуфту даҳ ҳазор дирам силаи анҷаб **ба худдоми Имом дод** [338; 34]. Амир аз он сухан бихандиду даҳ ҳазор динор **ба вай инъом кард** [338; 87]. Гӯянд рӯзе мавлоно Ҳусайни Кошӣ матлае **ба мир** хонда **мефармуданд** [341; 89].*

Дар осори насрии давраи таҳқиқ феъли **намудан** чун феъли мустақил ба сифати тобеъкунанда фаровон истифода шудааст: *Хонаи худро **ба шайх***

---

* Мувофиқи таҳқиқоти Н. Д. Ѓарибова таъинотро ифода кардани пешоянди **ба** бо феъли **гуфтан** маҳз дар давраи адабиёти классикӣ ба вуҷуд омадааст [162; 5].

***намуда**...[336; 983]. Худро **ба вай намоям** [336; 81]. Куличаҳоро **ба аҳли***

***олам менамояд** [336; 1251].*

Ин феъл дар шакли ёридиҳандаи феълӣ низ барои ифодаи таъинот ба кор рафта, вобаста ба маънои феъл давомнокии амалро ифода кардааст: *Аз он ҷамоат ҷудо шуда, ба он ду **қасида шурӯъ намудам** [336; 10]. **Ба Хизр** алайҳиссалом, **изҳори ин намуд** [336; 789].*

Агар калимаи тобеъ ҷонишинҳои **ин, он, ӯ, эшон** бошад, пешоянди **ба** дар насри ин давра баъзан шакли қадимаи **худ-“бад”**-ро нигоҳ доштааст: Чунин тарзи ифода дар **157** ҳолат ба назар расид: *Ӯро макушу **бад-ӯ супор** [338; 27]. Халифаро ин сухан хуш омад ва писарашро **бад-ӯ бахшиду** хасмро хушнуд гардонид [338; 27]. Пешвою муқтадии он вилоят буданд ва ҳоло муодари ӯ Амир Абдулфаттоҳ дар шаҳри худ **бад-он кор машғул аст** [341; 75].*

Шакли дигари ин ҷонишин **бад-он** нисбат ба шакли **он** камистеъмол аст. Инро Н. Маъсумӣ дар забони осори Аҳмади Дониш низ қайд кардааст: «Ҷонишинҳои шахсӣ ва ишоратии **ӯ, ин, он**, ки дар забони адабии тореволютсионии тоҷик бештар ба шакли пайвасти бо пешоянди **ба** ва афзудани овози **«д»** низ кор фармуда мешуданд **/бад-ӯ, бад-ин, бад-он/,** дар Аҳмади Дониш камтар дучор мешаванд» [59; 20].

**в) Ифодаи муносибати пуркунандагӣ (объектии) машғулият.** Ба сифати ҷузъи асосӣ бештар феълҳои ифодакунандаи амалу ҳаракати навъи **машғул шудан, машғул будан, машғул кардан, машғул сохтан, машғулӣ доштан, шурӯъ кардан** ва монанди инҳо сурат гирифта, исмҳои маънӣ ва масдар чун ҷузъи тобеъ воқеъ мегарданд: *Рӯзе эшонро талабид ва фармуд, ки ҳалолро хӯред ва **ба касби ҳалол машғул шавед** [346; 40]. Баъд аз он **ба сипоҳигарӣ машғул шуда**, дар хидмати Дурмушхон, ки лалаи ман буд, ба сар мебурд [341; 138]. Маро рухсат медиҳед, ки **ба муоличаи ӯ машғул шавам** [338; 148]. Падараш косагар буда, худ низ дар авоил **бад-он шуғл машғулӣ мекард** [334; 202].*

Ин муносибати маъноӣ дар «Латоиф-ут-тавоиф» дар шакли **шуғл мегирифта** низ мустаъмал аст: *Аз деҳқонзодагони Тӯс буда ва дар мабодии ҳол* ***ба амри зироат шуғл мегирифта*** *[194].*

Аз мисолҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар забони насри ин давра нақши пешоянди **ба** чун воситаи алоқа хеле калон аст. Ин воситаи наҳвӣ дар ташкили ибораҳои феълие, ки маънои пуркунандагӣ бо тобиши машғулият доранд, ҷойи марказиро ишғол менамояд: *Мегӯянд, ки вай* ***ба деҳқонӣ машғул мебуд*** *[346; 107]. Гоҳе* ***ба шеър машғулӣ мекунад*** *[334; 89]. Аз Кошон аст ва* ***ба тиҷорат машғулӣ дорад*** *[341; 73]. Дар ҷавонӣ* ***ба заргарӣ иштиғол дошт*** *[341; 127]. Подшоҳ ба ҳоли ӯ напардохту худро* ***ба ҷойи дигар машғул сохт*** *[338; 90]. Ва шеър гузаронид ва султон ӯро бинавохту* ***ба назми «Шоҳнома» машғул сохт*** *[338; 90].*

Дар «Туҳфаи Сомӣ» ин навъи ибораҳо дар шакли ноқис низ мустаъмаланд: ***Ба табобат машғул*** *ва дар он илм расоил пардохта [94].*

**г) Ифодаи муносибати пуркунандагии (объектии) ивази предмет.**

Ташкили ибора бо феъли ёридиҳандаи **гардидан** дар забони осори давраи таҳқиқ ва умуман забони адабии пешина серистеъмол аст. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ин феъл нисбат ба муродифаш-**шудан** камтар кор фармуда мешавад. Дар ин хусус, андешаи Р. Ғаффоров ҷолиб аст: «Ин ду феъли ёридиҳанда (**гардидан** ва **шудан**-А. Ғ) муродиф бошанд ҳам, аз ҷиҳати хусусияти услубӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд: **гардидан** ба хилофи **шудан** бештар характери китобӣ дорад. Дар шеваи ҷанубӣ ба сифати ёридиҳандаи хабарҳои номӣ истифода шудани феъли **гардидан** ба махсусияти ин реша-дар он бештар маҳфуз мондани хосияти таърихӣ марбут аст [24, 87].

Дар ин қабил ибораҳои феълии асарҳои давраи таҳқиқшаванда тобеъкунанда бо феълҳои хели **мубаддал гаштан**, **мубаддал шудан** ва ҷузъи тобеъ бо исмҳои ҳолат муносибати пуркунандагии табдил (иваз)-и предметро ба таври барҷаста ифода кардаанд: *Намехоҳам, ки фардо бинои муҳаббати мо халал гираду дӯстии мо* ***ба душманӣ бадал гардад*** *[329; 71]. Чун он мараз* ***ба сиҳҳат мубаддал гардид*** *[336; 970].*

Феълҳои **шудан** ва **гардидан** дар таркиби ибораҳои феълӣ омада, барои ташкили шакл ва ифодаи категорияҳои грамматикии феъл /тарзи мафъулӣ, намуди давомдор/ хизмат мекунанд: *Султон бихандиду он қабз* ***ба баст мубаддал шуд*** *[338; 218]. Баъд аз он ки шабошаб* ***ба шаб мубаддал шуд*** *[341; 308]. Агар ѓарази вай ҳосил нашавад,* ***дӯстӣ ба душманӣ мубаддал гардад*** *[346; 308]. Ва агар ғарази вай ҳосил нашавад,* ***дӯстӣ ба душманӣ мубаддал гардад*** *[346; 152].*

Дар як қабил ибораҳои феълии забони насри «Латоиф-ут-тавоиф» исмҳои маънӣ ба сифати ҷузъи тобеъ омада, феъли **гаштан** чун ҷузъи асосии ибора муносибати пуркунандагии табдилро нишон медиҳанд: *Ранги Ҳорун аз* ***зардӣ ба сурхӣ гашт*** *аз ғояти ғазаб [ 40]. Ранги Ҳорун* ***аз сурхӣ ба сиёҳӣ гашт****, азбаски тираву ғализ шуд [41].*

Исми макони **ҷо** бо пешоянди **ба** омада бо хусусияти релятивии худ вазифаи воситаи алоқаро иҷро намудааст. Ибораҳои феълие, ки бо ин пешоянд корбаст гардидаанд, ивазшавиии исми ба худ омадаро ба исми дигар ифода кардаанд: *Маро* ***ба ҷойи худ хобонид*** *[336; 577]. Султон Ҳусайн Мирзо ҳар гоҳ ба сафар мерафт, Мирзо Шоҳғарибро* ***ба ҷойи худ доруға мегузошту*** *мегуфт [336; 1263]. Вайро биталабу* ***ба ҷойи ман савганд деҳ****, то хотири он мард қарор гирад [329; 95]****. Ба ҷои об гулоб*** *ва ба ҷои ҷав мағзи пиставу бодоми қандӣ ба ту* ***медиҳад*** *[329; 1305]. Чун халоиқ ин ҳолатро бидиданд ва ин мақолотро шуниданд, фиғон баркашиданд ва ба ҳой-ҳой ба гиря даромаданд ва* ***ба ҷои об хун аз дидаи*** *мардум* ***равона гардид*** *[338; 932]. Баъд аз ӯ писари Аҳмад* ***ба ҷойи вай нишаст****[338; 77].*

Ҳам дар забони осори давраи таҳќиќ ва ҳам дар забони адабии ҳозира феъли **задан** дар таркиби ибораҳои феълӣ дар ифодаи чунин тобиши маъно серистеъмол аст: *Инро ба ҷойи ӯ бикуштанд ва онро* ***ба ҷойи ин тозиёна заданд*** *[329; 67]. Ва дар ҷиргаи умарои азим даромад ва* ***ба ҷойи Амир Алишер мухр зад*** *[341; 238].*

Феълҳои ёридиҳанда низ ҳамчун ҷузъи асосии ибораҳои феълӣ доираи фарохи истеъмол доранд: *Дар хидмати Мавлоно Лисонӣ мебуд, балки*

*мавлоноро* ***ба ҷойи фарзанд буд*** *[341; 238]. Агар ман* ***ба ҷойи подшоҳ будам****е, бад-ин ҷурме, ки аз ӯ савор шуда, ӯро сиёсати балеғ фармудаме [338; 67]. Ва султон ӯро барои истирзом хотири туркманхотун* ***ба ҷойи Низомулмулк насб кард*** *[338; 190]. Он ду касро ҳолате ориз шуд, ки* ***ба мурдан розӣ шуданд*** *ва чора надоштанд [336; 55].*

**ғ) Ифодаи муносибати пуркунандагӣ (объектӣ) бо тобиши макон.**

Пешоянди **ба** дар ифодаи чунин маъно дар насри ин давра хеле фаъол аст ва он объекти амалу ҳолатеро алоқаманд мекунад, ки майлу хоҳиш ва орзуи субъект мебошад. Ба сифати ҷузъи асосӣ, асосан, феълҳои навъи **майл доштан, розӣ кардан, шавқ доштан, қарор додан** истифода мешаванд. Исмҳои амал, конкрет, макон, ҷонишинҳои исмӣ ва масдар ҷузи тобеи ибораҳои мазкурро ташкил медиҳанд: *Муддаӣ* ***ба талаби баргҳо рафт*** *ва мункир мунтазир биншаст [336; 134]. Қозии Бағдод* ***ба азимати масҷиди*** *одина* ***пиёда омад*** *[329; 82]. Фавқе ба ҷиҳати тамошо ба ҷиҳати мудоро назди ӯ ҷамъ мешуданд ва ӯ* ***ба тариқи бузургон нишаста****, ба қисмати ош ишорат мекунад [341; 63].*

Муносибати пуркунандагиро бо тобиши макон ифода кардани пешоянди **ба** дар забони адабии ҳозира дар китобҳои дарсӣ ва осори таҳќиќотии доир ба ибораҳои феълӣ  ќайд нашудааст. Сабаб шояд дар он бошад, ки ин пешоянд дар ташкили ибораҳои феълии маънои пуркунандагӣ-макон ниҳоят кам истеъмол мешавад. Дар ин хусус андешаҳои Р. Л. Неъмонова ќобили таваҷҷуҳ аст: «Дар забони адабии имрўза барои нишон додани ҷой нормаи истеъмол пешоянди **дар** мебошад. Аммо дар адабиёти классикӣ дар ифодаи макон пешоянди **ба** бисёр истифода мешуд [228; 12].

Дар забони насри ин давра ибораҳои феълие, ки бо пешоянди **ба** муносибати объекту маконро мефаҳмонанд, серистеъмол мебошанд. Ҳам феълҳои монда ва ҳам гузаранда ба сифати ҷузъи асосӣ омада метавонанд: *Баъд аз он* ***ба хидмати*** *Соҳибқирони мағфур* ***сарфароз шуд*** *[341; 118]. Пас назди Имом омад ва чун* ***ба хилватхона****и ӯ* ***қадам ниҳод*** *[338; 47]. Баҳром ба*

*дари хайма расид, тир **ба камон ниҳода** наъра зад [347; 206]. Аммо Ёқутро майл **ба хат навиштан буд** ва Ҳиндухоҷаро завқи тир андохтан [336; 879].*

**д) Ифодаи муносибати пуркунандагии (объектии) восита.** Дар як қабил ибораҳои феълӣ, ки бо пешоянди **ба** сурат гирифтаанд, ифодаи муносибати объекти воситаи иҷрои амал мушоҳида мегардад. Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ чунин муносибати наҳвӣ бештар ба воситаи пешоянди **бо** сурат мегирад [16; 291]. Таҳлили мисолҳо нишон медиҳанд, ки дар забони насри ин давра муносибати наҳвии воситаи иҷрои амал зиёдтар бо пешоянди **ба** сурат мегирифтааст: Исмҳои конкрет ба сифати ҷузъи тобеъ омада, феълҳои гуногунмаъно чун ҷузъи асосии ибора воќеъ мегарданд: *Баъд аз чанд рӯз ҷамъе туркон ба боргоҳи ӯ даромаданду ӯро **ба шамшер пора-пора карданд** [338; 159]. Қариб ба даҳ қизилбош ӯро **ба шамшер** дар пойи минбар **пора-пора карданд** [336; 1060]. Бифармоянд онро **ба миқроз бибуранд**у дар миёни он ду «вов» гузоранд [336; 886]. Чашми худро **ба рӯймоле барбаст** [336; 810]. Ва кафтори бевиқор дар он шикор аз ҳавли мӯйҳояш **ба теғ баста** паноҳ ба саги тозӣ меовард [336; 786].*

Дар забони «Бадоеъ-ул-ваќоеъ» басомади пешоянди **ба** дар ифодаи воситаи иҷрои амал 362 ва басомади пешоянди **ба** дар ин вазифа 7 мебошад: *Он девона **ба корд заминро кофт** [391]. ...онро **ба сӯзан наметавон дӯхт** [639]. Пеш аз он ки пурсанд, **ба забони туркӣ бунёд кард**[ 414].*

Дар вазифаи воситаи иҷрои амал пешоянди **ба** дар ибораҳои феълӣ дар насри асри XI низ қайд гардидааст [50; 113].

Аз рӯйи ақидаи Р.Л. Неменова «дар ифодаи воситаи иҷрои амал ҷойи пешоянди **ба**-ро гирифтани пешоянди **бо**, ки маънои нахустинаш ифодаи муносибати ҳамроҳӣ буд, таърихан ҳодисаи дигар буда, ба давраҳои нисбатан наздики тараққии забони тоҷикӣ характернок аст» [228; 35-36].

Дар вазифаи воситаи иҷрои амал омадани пешоянди **ба**-ро дар насри асри X1 муҳаққиқи таърихи забон Р. Ҷӯраев низ қайд кардааст [181; 113].

Ба фикри мо, ба вазифаи воситаи иҷрои амал серистеъмол будани пешоянди **ба** дар насри асрҳои XV-XVI бо таъсири забони гуфтугӯии

мардуми ҳамон давра низ алоқаманд аст ва ин навъ дифференсиатсия нашудани маъноҳои грамматикии пешояндҳои **бо** ва **ба** дар лаҳҷаҳои кунунии забони тоҷикӣ низ мушоҳида мешавад.

Забоншинос С. Ҳалимов дифференсиатсия нашудани вазифаҳои грамматикии пешоянди **ба** ва **бо-**ро дар таъсири назм донистааст [100; 59].

Дар иборaҳои феълии сарчашмаҳои хаттии ин давра пешоянди **ба** дар вазифаи воситаи иҷрои амал бо предмете меояд, ки амал ба воситаи он иҷро мегардад. Ба сифати ҷузъи асосӣ, асосан, феълҳои гузаранда ва чун ҷузъи тобеъ исмҳои гуногунмаъно корбаст шудаанд: *Рӯзе рақибе ба ӯ расида, ба якдигар афтоданд ва* ***ба теғи тез*** *бо якдигар бунёди* ***ҷанг карданд*** *[341;242]. Филҳол сари ӯро* ***ба миқроз*** *аз тан* ***ҷудо карданд*** *[336; 640].*

Агар ҷузъи тобеи ин гуна иборaҳои феълӣ исми хос бошад, ҷузъи асосӣ бештар бо феъли бавосита ифода гардидааст: *Девони худро, ки* ***ба Мавлоно Султоналии Машҳадӣ нависонд****а буд, бахшид [338; 65]. Ҷаъфар аз Абдумалик рӯйгардон шуд ва ба Мусъаб пайваст ва* ***ба рӯйи Абдумалик теғ кашид*** *[338; 65].*

Пешоянди **ба** дар доираи тобиши воситаи иҷро вобаста ба семантикаи ҷузъи асосӣ ва тобеъ тобишҳои иловагии маъно низ зоҳир мекунад. Воситаи иҷрои амалро бо тобиши тарзи амал ифода мекунад: *Рӯзе шоҳзодае бағоят соҳибҷамол аз авлоди Темур дар маҷлиси эшон қитъае наботи мисрӣ* ***ба дандон бишикаст*** *[338; 173].* ***Ба табарзин шикастанд****у баромаданд ва меҳмонхонаро кофтанд, ҳеч наёфтанд [336; 1138]. Абӯҳошими суфӣ гуфтааст, ки кӯҳро* ***ба нӯги сӯзан*** *аз бех* ***баркандан*** *осонтар аст аз занги кибр аз дил бияфкандан [329; 27]. Лекин омадам, ки ҳамд гӯям Худойро барои ту, ки ту ӯро* ***ба банд андохта*** *[338; 114]. Занбӯр ба суръати ҳарчи тамомтар аз пайи куланг парвоз кард ва худро ба вай расонид ва* ***ба захми неш*** *ҳарду чашмашро* ***кӯр кард*** *[338; 65].*

**е) Ифодаи пуркунандагии (объектии) муносибат.** Иборaҳои феълие, ки бо пешоянди **ба** дар ифодаи маънои грамматикии мазкур ташаккул ёфтаанд, дар насри ин давра фаровон истифода шудаанд. Ин гуна иборaҳо

объекти амалу ҳолатро ифода мекунанд, ки майлу хоҳиш ва орзуи фоил мебошад. Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои навъи ***майл доштан, розӣ шудан, шак доштан, қарор додан*** ва чун ҷузъи тобеъ исму ҷонишинҳои предметӣ ва масдар истифода шудаанд: ***Ба Мир*** *Шоҳвалӣ Кӯкалтошӣ* ***ошноӣ доштед*** *[336; 1103]. Аждаҳоро* ***ба шир майл*** *бисёр* ***мебошад*** *[336; 816]. Ёқутро* ***майл ба хат навиштан буд*** *[336; 879]. Мирзоро* ***ба вай*** *бисёр* ***муҳаббат буд*** *[336; 1263]. Он ду касро ҳолате ориз шуд, ки* ***ба мурдан розӣ шуданд*** *ва чора надоштанд [336; 55].* ***Ба рафтани*** *ҳаммомаш* ***розӣ шуд*** *[336; 991].*

Иборaҳои феълие, ки бо пешоянди **ба** муносибати пуркунандагиро бо тобиши муносибат ифода мекунанд, асосан, бо забони адабии ҳозираи тоҷик мутобиқат доранд. Ба сифати ҷузъи асосӣ бештар феълҳои ифодакунадаи амалу ҳолат омада метавонанд. Ба сифати ҷузъи тобеи ин навъи ибораҳо бештар исмҳои конкрет, амалу ҳолат истифода мегарданд: *Дӯстон* ***ба маломати ӯ бархостанд****, аммо ҳеҷ суд надошт [329; 60]. Гӯш* ***ба ман дор****у фармони ман ба ҷо ор [329; 90]. Модари Мутаваккил* ***ба Ҳазрати Имом иродати тамом дошт*** *[329; 46]. Марде фозили хуштабъ ва дарвешмашраб буда, иродати беш аз пеш* ***ба Ҷомӣ дошта*** *[341; 135]. Ва фарзанди* ***худро ба фармони дӯст қурбон кард*** *[346; 25].*

Дар як гурӯҳ ибораҳои феълии насри ин давра маънои муносибату муомила хеле барҷаста ифода шудааст: *Волидаи Муҳаммад Амин, ки зани Ҳорун аст,* ***ба Ҳорун гила кард*** *[338; 288]. Баъд аз он* ***майл ба шоирӣ карда****, шеъри бисёр ҷамъ кард [341; 203].* ***Ба малики Ҳирот навишт*** *ва Анвариро талаб кард [338; 112]. Қубод мӯбадро* ***бад-он сухан таҳсин кард*** *[338; 142]. Ва ҳар ду монанди сарву шамшод, ки аз таҳрики боди сабо* ***ба якдигар мутамоил гардида****, даст дар гардани якдигар карданд[336; 575].*

Як хусусияти хоси ин гуна ибораҳои феълӣ /тобеъкунанда ва тобеъшавнда/, ки муносибати объектро бо тобиши муносибат ифода мекунанд, дар забони насри ин давра он аст, ки ҷузъи тобеъ аксаран баъд аз ҷузъи асосӣ воқеъ мегардад. Чунин ҳолат дар забони насри ин давра ба таври фаровон дучор меояд. Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои гуногун омада, исмҳои

ифодакунандаи мафҳуми конкрет ҳамчун ҷузъи тобеъ сурат мегиранд: *Ќаноат кардан **хурсанд шудан ба чизе** аз хислатҳои чорпоён аст [338; 56].*

**ё) Ифодаи муносибати пуркунандагии (объектии) ҳамроҳӣ** *

Ифодаи муносибати пуркунандагии ҳамроҳӣ дар ибораҳои феълии насри асрҳои XV-XV1 ба воситаи пешоянди **ба** дар қиёси забони адабии ҳозираи тоҷикӣ зиёдтар аст. Дар ин гурӯҳи ибораҳои феълӣ ба сифати ҷузъи асосӣ бештар феълҳои ифодагари амалу ҳолат ва чун ҷузъи тобеъ исм ва ҷонишинҳои предметӣ корбаст шудаанд, ки дар иҷрои амал шарику ҳамроҳанд: Мирзо Бобур Лутфӣ то дарвозаи шаҳр ***ба Ҳаким Анварӣ ҳамроҳӣ намуд*** *[338; 168]*. ***Ба ман ҳамроҳ шуда****... то ба саҳрое расидем [336; 1098]. Ногоҳ Шоҳтайиб, ки аз хулафои Шайх Зайниддини Хофӣ буд, ба он маҷлис даромад ва **ба Хоҷа Шамсиддин Муҳаммад ҳамроҳӣ кард** [338; 169]. Шоире, ки **ба ӯ ҳамроҳӣ мекард**, дар он муддат ба аёдат наомад [338; 160]. Ва алтофи бениҳоят намуданду фақирро **ба дарс ҳамроҳ оварда**, дар вақте ки ҳама аҳли дарс ҳозир буданд [336; 212].*

Дар як гурӯҳ ибораҳо пешоянди **ба** маънои объекти ҳамроҳиро далолат мекунад. Феълҳое, ки ба сифати ҷузъи асосӣ сурат мегиранд, вобаста ба семантикаи ҷузъи тобеъ муносибати пуркунандагиро бо тобиши ҳамроҳӣ хеле равшану барҷаста ифода мекунанд. Ба сифати ҷузъи тобеъ исмҳои шахс ва ифодакунандаи мафҳуми шахс серистеъмоланд: *Вақте дар фасли баҳор, ки мардум  чорпоёнро ба алаф сар дода буданд, бомдоде **ба Қубод ҳамроҳӣ мекард**  [336; 142]. **Ба Хоҷа** Низомулмулк **машварат карда**...[336; 1206]. Бародари шумо ҳамеша **ба хуштабъону зарифон суҳбат медорад** [336;*

---

*Ин вазифаи грамматикии пешоянди **ба**-ро дар забони адаби ҳозираи тоҷикӣ, асосан, пешоянди **бо** ба уҳда дорад [16; 291].

*1167]. Мавлоно Фасеҳ дар хонаи Хатиб **ба Ҳофиз** Қазоқи Қонунӣ асбоби **муошират муҳайё сохтанд** [336; 574].*

Маънои ҳамроҳиро ифода кардани пешоянди **ба** аз ҷониби Хоҷа Ҳасани Нисорӣ низ таъкид гардидааст: **бо** (ба) –мусоҳибат, маънии суҳбат ва

ҳамроҳӣ пайдо мекунад. Чунончи, «**Ба фалон рафтам** ва чашм ба рухаш ошност», яъне «**Бо фалон рафтам** ва чашм ба рухаш ошност» [345, 23].

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик, махсусан дар забони шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ муносибати пуркунандагӣ-ҳамроҳиро ифода кардани пешоянди **ба** аз ҷониби муҳаќќиќони соҳа ќайд гардидааст [24, 111].

**ж) Ифодаи муносибати пуркунандагии (объектии) қиёс.** Як гурӯҳ ибораҳое, ки бо пешоянди **ба** сурат гирифтаанд, муносибати пуркунандагиро бо тобиши қиёс мефаҳмонанд.

Дар «Чаҳор гулзор» Хоҷа Ҳасани Нисорӣ муносибати ташбеҳиро ифода кардани пешоянди **ба** зикр ёфтааст. Дар ифодаи муносибати ташбеҳӣ, ба андешаи Нисорӣ, пешоянди **ба** бо пешояндҳои **монанди**, **мисли, чун** ҳамвазифа мегардад: **Бо (ба)**-ташбеҳия баъди мушаббаҳ дар аввали мушаббаҳ –биҳӣ, воқеъ шавад» [345; 19].

Дар ин қабил ибораҳо ба сифати ҷузъи тобеъ исму ҷонишинҳо ва чун ҷузъи асосӣ исму ҷонишинҳо ба калимаҳои **нисбати**, **ташбеҳи** омадаанд:
*Гуфт: Зиндагонии подшоҳ дароз бод, на мард ба амал бузургу шариф гардад, балки амал* ***ба мард бузургу*** *шариф* ***гардад*** *[329; 42]. Ва дар баъзе таворих ин ҳикоятро* ***ба Султон Санҷару амир*** *Муиззӣ* ***нисбат карданд*** *[329: 104]. Агарчи нисбат ба Мавлоно аз ӯ чанд беравишӣ сар зад,* ***нисбати шеъре чанд бемаънӣ*** *ба ӯ* ***карда*** *[341; 213].*
Дар ин мисолҳо калимаи **нисбати***[*] на чун пешоянд, балки ҳамчун калимаи мустақили ибора ба маънои «муносибат доштан, монандӣ доштан» омадааст.

---

[*]Дар баъзе шохаҳои услуби забони адабии ҳозираи тоҷик, махсусан, дар услуби рӯзноманигорӣ истифодаи васеи калимаи **нисбати** чун пешоянд **ба ҷойи, нисбат ба** маъмул гаштааст ва чунон ки забоншиносон, барҳақ, таъкид карданд, ғалати маҳз аст.

**з) Муносибати пуркунандагии маҳдудӣ**. Дар насри ин давра як қабил феълҳои таркибии номӣ, ки ҷузъи асосии онҳо сифатанд, ҷузъи номии онҳо ба воситаи пешоянди **ба** худ калимаҳои дигарро тобеъ кардаанд, ки дар байни

ҷузъҳои ин қабил ибораҳои феълӣ муносибати пуркунандагии маҳдудӣ мушоҳида мегардад: *Як нафъ **ба дӯстон расонидан** ва он ба саховат **ҳосил шавад** [346; 26]. Ҳеҷ аҳаде аз вай **ба Мир наздиктар набуд** [336; 632]. ...**ба фаќир лозим шуда буд** [336; 80].*

**2) Ифодаи муносибатҳои ҳолӣ.** Пешоянди **ба** дар ташаккули ибораҳои феълӣ, ки дар байни ҷузъҳои он муносибатҳои ҳолӣ мушоҳида мегардад, серистеъмол аст. Феълҳои ҳаракати амал, вазъият ба сифати ҷузъи асосӣ омада, исмҳои макон ва ифодакунандаи мафҳуми макон чун ҷузъи тобеъ воқеъ мешаванд. Вобаста ба маънои ҷузъи асосӣ ва ҳиссаи тобеъ ин пешоянд дар доираи ибораҳои феълӣ дар насри асрҳои XV-XVI муносибатҳои ҳолиро бо тобишҳои маъноии зер сурат додааст:

**а) Ифодаи муносибати ҳолии самти ҳаракату амал.** Ба сифати ҷузъи асосӣ ин гуна ибораҳои феълӣ бештар феълҳои ҳаракат ва чун ҷузъи тобеъ исмҳои ифодагари макон ва ҷонишинҳои предметӣ омадаанд: *Сиддиқ **ба масҷид рафта** хоҷаи канизакро талабид [329; 70]. Ва дар зиёфат кардан ва **ба зиёфат рафтан** шарте ва адабе чанд аст [346; 170]. Пеш аз ин ба ду сол **ба ҳаҷ рафта** ба тавофи Ҳарамайни шарифайн мушарраф гашт [341; 87].Чалабӣ **ба хона**и мавлоно Шайх Ҳусейн **меравад** [336; 1167]. ....**ба** фалон **деҳ мебояд рафт** [336; 1062].*

Таркибҳои феълии **берун рафтан**, **дарун рафтан** дар сарчашмаҳои хаттии давраи таҳқиқ мустаъмаланд. Ибораҳои феълие, ки ҷузъи асосии онҳо аз феълҳои мазкур таркиб ёфтаанд, амалеро мефаҳмонанд, ки ба самти дохил ва беруни предмет равона шудаанд: *Иттифоқан рӯзе Ҳорун **ба шикор берун рафт** ва Асамӣ бо вай буд [329; 79]. Ва маншаи ин масал он аст, ки ҷамъе аз аъроб иттифоқ карда, аз қабилае **ба шикор берун рафтанд** [338; 119]. Чун фӯта басту **ба ҳаммом дарун рафт**, ҳаммомӣ фӯтадорро бифармуд [338; 87].*

Ќобили ќайд аст, ки дар ифодаи муносибати макон вобаста ба матн маънои пешоянди **ба** муайян мешавад. Барои исботи ин гуфта мо ибораи **ба ҳаммом дарун рафт**-ро аз мисоли боло таҳлил мекунем. Дар ин ќолаб ба

макон равон шудани амал бо ёрии воситаҳо ифода мешавад: а) бо ёрии феъл: феъли ифодаи мазкур аз ҳисоби феълҳои ҳаракат аст, ки он, умуман, ба сӯйе равон шудани амалро ифода кардааст. Масалан: **ҳаммом дарун рафт**. Бо вуҷуди он ки ибора ноќис аст, маълум аст, ки барои ба вуҷуд омадани маънои матлуб феъл яке аз меъёрҳо ба ҳисоб меравад; б) бо ёрии пешоянд. Омадани пешоянди **ба** дар аввали ин ќолаби грамматикӣ онро на танҳо шаклан пурра мекунад, балки барои барҷаста ифода шудани маъно низ ёрӣ мерасонад. Ба ин маънӣ, пешоянди **ба** дар ин гуна мавридҳо ду хусусият дорад: ифодаро аз ҷиҳати шакл пурра мекунад ва сабаби пурратар ифода шудани маънои матлуб мешавад.

Дар як гурӯҳи ибораҳо феъли **баромадан** ба сифати ҷузъи асосӣ омада, равон шудани амалро ба боло, баландӣ, фавќ нишон медиҳад: *Султони Хуросон **ба минбар баромада** ба ќатли Сайид фармон дод [346; 25].*

Ҳолати муродиф шудани пешоянди **ба** бо пешоянди **аз** дар ифодаи муносибати самти амал дар насри давраи мавриди назар ҳодисаи маъмул аст: *Иттифоќан ҳам дар он рӯз Холида **ба шикор берун омад** [338; 103].*

Вобаста ба маънои феъл як гурӯҳи муайяни ибораҳои феълии пешояндӣ метавонанд, дар шакли алоқаи пешояндӣ ва ё алоқаи ҳамроҳӣ оянд. Дар китобҳои дарсии мактабҳои олӣ «Забони адабии ҳозираи тоҷик» [30; 46] ва «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» [17; 85] мисолҳои навъи **кӯча баромадан** зери алоқаи ҳамроҳӣ дода шуданд ва, ба фикри мо, дуруст аст, зеро «афтидани пешоянд тарзи алоқаро тағйир медиҳад, чунки гурӯҳбандии навъҳои алоқа аз рӯйи шакли ифодаи онҳо сурат мегирад» [289; 41]. Агар калимаи тобеъкунанда амалҳои натиҷаи ҳаракатро ифода кунад, дар таркиби чунин ибораҳои феълӣ омадани пешоянди **ба** ҳатмӣ аст: *Баъд аз муддате амирзода ба тамошо савор шуда **ба боѓе расид**[347; 182].*

Вобаста ба ҷузъи асосӣ як гурӯҳи муайяни феълҳо ифодагари ҳаракат дар алоқаи калимаҳо бо пешоянди **ба** озод буда, гоҳо меоянд ва гоҳо меафтад. М. Н. Қосимова дуруст ќайд мекунад, ки «ҳангоми афтидани пешоянд ва ё пасоянд дар пуркунандаву ҳол алоќаи синтаксисии онҳо бо калимаи

тобеъкунанда дигар намешавад, зеро ба осонӣ пешоянду пасояндро барќарор кардан мумкин аст» [50; 41-42].

Дар забони насри ин давра мисолҳоеро пайдо кардан мумкин аст, ки дар онҳо як гурӯҳи муайяни феълҳо /феълҳои ҳаракат/, ба мисли **омадан, фиристодан, рафтан, бурдан** ва ѓайра метавонанд имконият диҳанд, ки дар баъзе иборахои феълии муносибати ҳолӣ пешоянди **ба** ифода нашавад: *Чун он бузурги саҳоба (ба)* ***корвонгоҳ омад****, Сувайбитро надид [338; 21]. Баъд аз он Фирдавсиро (ба)* ***Мозандарон фиристод*** *[336; 467].*

Пешоянди **ба** дар таркиби ибора бо феъли **расидан** муносибати ҳолии самти амалро ифода кардааст: *Чун Мир* ***ба Ҳарӣ расид****, подшоҳу аркони давлат ва аъёни мамлакат мавридашро ба анвоъи таъзиму табҷил талаққӣ намуданд [341; 298].*

Муносибати наҳвӣ дар иборахои феълии навъи боло ба маънои ҷузъи тобеъ низ сахт марбут аст: агар ҷузъи тобеъ исми ғайримакон бошад, дар байни ҷузъҳои ибора муносибати ҳолии макон бо тобиши объектӣ сурат мегирад: *Чун* ***ба тахаллус расид*** *[336; 169]. ...****ба дарси*** *ин фақир* ***ҳозир мешаванд*** *[336; 171].*

Бо феълҳои **даромадан, гузаштан, андохтан** ва амсоли инҳо пешоянди **ба** равона шудани амал ба ҷойе ва ё ҷой гирифтани предметро ба ҷойе ва ё ба сатҳи чизе нишон медиҳад: *Рӯзе Амир Алишер* ***ба ҳуҷраи ӯ даромад*** *он манзилро чун хотири маҳзуни аҳли дил аз матлаъи дунявӣ холӣ дид [341; 74]. Имом* ***ба он маҷлис даромаду*** *уламо ақволи худ арз карданд ва ҳеҷ сухан дараҷаи қабул наёфт [338; 43]. Анӯшервони Одил* ***ба роҳе мегузашт****, пиразане ҷавзин мекошт [336; 1250]. ...худро* ***ба тарафи Ҳинд андохт*** *[341; 55]. Филфавр бадеҳае бигӯй, то бар тир баста ва* ***ба лашкари Санҷар андозанд*** *[338; 133].*

М. Исматуллоев дуруст тазаккур додааст, ки дар забони тоҷикӣ як гурӯҳ феълҳое ҳастанд, ки моҳияти лексикӣ ва грамматикии онҳо дар ҷумла дар сурате (пурра-Ғ.А.) муайян мегардад, ки агар онҳо дар назди худ пуркунанда ва ҳол дошта бошанд [33; 19].

Аз ин рӯ, алоқаи пешояндӣ дар чунин ибораҳо алоқаи қавӣ ба ҳисоб меравад. Чунин феълҳо дар алоқаи ҳатмӣ объекти бевосита ва ҳолро талаб мекунанд: *Баъд аз ин фатҳ пой* ***ба маснади*** *салтанат* ***ниҳода*** *ҳокими аксари билоди Эрон гашт [341; 62]. Ноие буд, чун* ***найро ба даҳон монда****, аз вай боде зоҳир шуда [336; 418]. Зарҳоро* ***ба хазинаи*** *подшоҳ* ***баред*** *ва ба ҷойи он ниҳед [336; 888].*

Гурӯҳи муайяни ин қабил ибораҳо - ибораҳои феълии мураккаб мебошанд: *Амир Алишер дар сари хиёбони Ҳирот* ***қариб ба тахт тарҳи иморат****и работе* ***андохта буд*** *[336; 555].*

Дар як гурӯҳи ибораҳо исмҳои номи топонимҳо ба сифати ҷузъи тобеъ дар қолаби ибораҳои мазкур серистеъмоланд: *Рӯзе Мавлоно* ***ба маҳаллаи яҳудон рафт****у ахбори аъёни эшонро ҷамъ кард [338; 129]. Охир ґӯрие пойафзор пӯшида, пиёда* ***ба Ѓазнин рафту*** *аз он золим додхоҳӣ кард [338; 60]. Мир Қонунӣ* ***ба Астаробод рафта*** *ва ошиқи ин ҷавон вайро бадроҳе дода [336; 1083].*

Дар таркиби ин гуна ибораҳо феъли **омадан** серистеъмол аст. Худи семантикаи феъли мазкур муносибати равон шудани амалро аз самте ё ба самте хеле барҷаста ифода кардааст: *Ҷунайд гӯяд, ки рӯзе* ***ба хонаи Сарӣ омадам*** *[329; 27]. Баъд аз он рӯзе* ***ба дари пардасаро омад****у хост, ки дарояд [329; 52]. Дар охир,* ***ба Машҳади*** *муқаддасаи Разавия* ***омад*** *[341; 184]. Охир аз он ҷо* ***ба Ироқи Аҷам омада*** *дар Кошон иқомат фармуд [341; 109]. Басрӣ бархосту зарфе баргирифт ва* ***ба бозор омад****, ки барои меҳмон панир гирад [338; 197].*

Як хусусияти хоси забони насри ин давра дар он аст, ки шаклҳои феълӣ, бахоса шаклҳои тасрифшаванда, аз ҷиҳати миќдор, маъно ва вазифаи грамматикӣ дар сохти феъли забони насри асрҳои XV-XVI мавќеи намоён доранд. Хусусияти барҷастаи онҳо аз ин иборат аст, ки чун идомаи меъёрҳои пешина дараҷаи олии грамматиконидашуда, абстраксияи грамматикиро аз сар гузаронида, маъно ва тобишҳои ҷудогонаи грамматикиро ифода менамоянд.Чунин ҳолатро дар таркиби ибораҳои феълие, ки ҷузъи асосии

онҳоро фелҳои ҳаракату амал ташкил додаанд, зиёдтар дучор омадан мумкин аст. Ибораҳои феълие, ки бо пешоянди **ба** корбаст шудаанд, феълҳои ҳаракати **бурдан, фиристодан, бозгаштан** ба сифати ҷузъи асосӣ воќеъ гардида, маънои сӯйи ҳаракатро сурат додаанд: *Шиблиро қаддасаллоҳу таоло сирруҳу шӯре афтод,* ***ба бемористон бурданд*** *[329; 20]. Баъд аз он ӯро шинохт ва* ***ба хона бурд*** *ва камоянбаѓӣ ба ҳоли ӯ пардохт [338; 197]. Сарҳанг ӯро* ***ба хонаи худ бурда*** *ташард (сахтӣ) менамуд [347; 226]. Ҳаҷҷоҷ бихандид, фармуд, то вайро даҳ хазор дирам доданду* ***ба диёраш фиристоданд*** *[329; 42]. Имом Қосим бинни Ҳасанро* ***ба майдон фиристод*** *[346; 127]. Дар санаи исно ва ашара ва тисъамиа умароро* ***ба Курдистон фиристода****, ҳокими он мулкро ба доираи итоат даровroutданд [341; 49]. Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ яке аз умарои худро баъд аз фатҳи Хуросон волии он вилоят сохту худ* ***ба Бухоро бозгашт*** *[338; 72].*

Дар насри таърихии ин давра, махсусан забони «Аҷоиб-ул-макдур фи ахбори Темур» -и Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ пешоянди **ба** дар ифодаи муносибати ҳолӣ бо тобиши самту ҳаракати амал серистеъмол аст. Доираи истифодаи феъли **шитофтан** дар ин навъи ибораҳо хеле фарох аст: *Лашкарони Туқтамиш тоб наёварда, рӯй бартофтанд ва темуриён ҳамчунон* ***ба дунбол шитофтанд*** *[16]. Шоҳмансур ба қасди Зайнулобиддин* ***ба Шероз шитофт*** *[29]. Ин бигуфт ва рӯй бартофту* ***ба сӯйе шитофт*** *[69].*

Дар як қабил ибораҳои феълӣ феълҳои ҳаракати **даромадан** ва **даровардан** ба сифати ҷузъи асосӣ ба таври фаровон истифода шудаанд: *Рӯзе он мард* ***ба Искандар даромад*** *[329; 42]. Дар айёми ӯ аксари Фаранг* ***ба ҳайати тасарруфи*** *ӯ* ***даромада*** *[341; 63]. Чун он атийяро* ***ба*** *як* ***дарвозаи*** *Тӯс* ***даровардаанд****, тобути Фирдавсиро аз дигар дарвоза берун бурданд [336; 109]. Маро* ***ба манзили*** *худ* ***даровард****у дар ҳуҷрае, ки наздик ба ҳарами ӯ буд, бинишонд [336; 109]. Моро* ***ба боѓчае даровард****, ки харбуза кишта буд [336; 1043].*

**б) Ифодаи муносибати ҳолии тарзу тариқат ва ҳолати иҷрои амал.**

Дар ибораҳои феълии насри асрҳои XV-XV1 пешоянди **ба** дар сурат додани ифодаи муносибати ҳолии тарзу тариқат ва ҳолати ичрои амал серистеъмол аст. Ҷузъи асосӣ бо феълҳои ифодагари амалу ҳаракат ва ҷузъи тобеъ бештар бо исмҳои маънӣ ифода ёфтааст: *Дар шуҳури санаи исно ва хамсина ва тисаъмиа ба дасти яке аз маҷҳулин* ***ба захми корд кушта шуд*** *[341; 66]. Дар он ҳангом ки* ***ба роҳзанӣ мепардохт****, ба иқтизои ботини хеш дар зоҳир низ роҳи савоб аз хато нашинохт ва дар биёбоне гумроҳ монда… [334; 7]. Ҳоҷӣ Муҳаммадро дар Қарабоғи Табрез ба ҳукми Арғунхон* ***ба қатл расониданд*** *[338; 191]. Шайх* ***ба таъҷил берун омаданд*** *[336; 791]. Хоҷаи ман ӯро* ***ба ҷавру*** *ситам* ***ҳалок кард*** *[336; 775].*

Муносибати ҳолии масоҳавӣ дар як ќабил ибораҳо тавассути ҷузъи асосӣ бо тобиши самту сӯйи макони амал ифода мешавад. Феъли **омадан** чун ҷузъи асосӣ воқеъ гардида, ба сифати ҷузъи тобеъ исмҳои макон ё ба мафҳуми макон алоқаманд ифода мешаванд. Ҷонишини **худ** дар таркиби ҷузъи тобеъ серистеъмол аст. Дар забони насри ин давра феъли **омадан** дар таркиби ибораҳои феълӣ ниҳоят серистеъмол аст. Замони гузашта ба туфайли матн давомдории амалро ифода мекунад: *Дар замони Мирзо Бобур фақеҳе донишманди самарқандӣ Мавлоно Маид ном* ***ба Ҳирот омада буд*** *[336; 170]. Баъд аз чанд гоҳ ки аз он тафриқаҳо вопардохт,* ***ба хонаи худ омада,*** *ҷамеи фарзандонро дид [336; 775].*

Дар «Туҳфаи Сомӣ» ва «Ахлоќи Муҳсинӣ» ҷузъи тобеи ин қабил ибораҳоро топонимҳо ташкил додаанд: *Падарони эшон* ***ба Хуросон омада,*** *дар Сабзвор сокин шуданд [341;72]. Дар авоили ҷавонӣ* ***ба Ироқ омада,*** *ба воситаи лутфи табъ ба маҷлиси Султон Яъқуб афтод [341;82]. Аслаш аз вилояти Халхол аст, аммо аҷдодаш аз он ҷо* ***ба Қазвин омадаанд*** *[341; 150]. Дар авохири умр* ***ба Кошон рафт*** *ва дар он ҷо фавт шуд [341; 229]. Дар авохири умр* ***ба Қазвин омада*** *ва дар он ҷо вафот ёфт [341; 275]. Овардаанд, ки Абдуллои Тоҳир* ***ба ҳукумати Хуросон омада*** *дар Нишопур нузул фармуд [347; 178]. Ѓуломи* ***ба Ҳинд омада*** *дарҳол бистарӣ гашт[347; 276].*

Агар ҷузъи асосии ибора аз феъли **расидан** таркиб ёфта бошад, амал ба самте нигаронида шудааст. Дар ин ҳолат ибораҳои мазкур интиҳои амалро ифода мекунанд. Ба сифати ҷузъи тобеъ, асосан, исмҳои ифодакунандаи мафҳуми ҷойю маҳал ва макон истифода шудаанд: *Бори дигар* ***ба мулозимати*** *он* ***ҳазрат расид*** *[341;55]. Чун* ***ба Бағдод расиданд****, ҷавони хуросонӣ бемор шуд [338; 232]. Баъд аз се рӯз* ***ба Кӯсу расидем****, ки қасабаест дар понздаҳфарсангии Хуросон [336; 1042]. Шумо ба ин фолиз дароеду харбуза менӯшед, то ман* ***ба саҳро расида****, баргардам [336; 1043]. Темур* ***ба Табрез расида****, ба ғорату яғмо даст кушуд [341; 51]. ...вақте дар ҳавои гарм* ***ба дари боғе расид*** *[347; 150].*

Дар як қабил ибораҳои феълӣ калимаи **андарун** бо эзоҳдиҳанда ва бе эзоҳдиҳанда ба сифати ҷузъи тобеъ омада, амалеро далолат мекунад, ки дар даруни предмет ба вуқӯъ меояд. Чунин ибораҳо дар «Туҳфаи Сомӣ» бештар мустаъмаланд. Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои ҳаракат воқеъ мегарданд: *Аз шохи дарахте, ки аз девор берун омада буд,* ***ба андаруни боғ рафтанд*** *[175]. Ин ду байт он ҷост, -гуфт ва коғаз дар муме ниҳода, бар себе таъбия карда, аз мармари об* ***ба андарун фиристод*** *[193].*

Дар наси асри XI мустаъмал будани калимаи **андаруни** қайд шуда, таъкид шудааст, ки калимаи **андаруни** дар насри ин давра маънои дохилро ифода кардааст [50; 31].

**Ифодаи муносибати ҳолии замон**. Дар сурат додани ибораҳои феълии замонӣ пешоянди **ба** дар сарчашмаҳои хаттии давраи таҳқиқ фаровон истифода шудааст.

Дар китобҳои дарсӣ ва дигар асарҳои илмӣ тобишҳои замонии пешоянди **ба** дар дохили ибора ва ҷумла зикр ёфтааст [17; 30; 228; 273; 162; 63; 110; 5; 19; 20].

Ин муносибати маъноиро пешоянди **ба** дар забони адабии классикӣ фаровон ифода мекард [181; 127].

Дар забони насри асрҳои XV-XVI ибораҳои феълие, ки бо пешоянди **ба** корбаст шудаанд, ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои гуногунмаъно ва чун ҷузъи

тобеъ исмҳои ифодагари мафҳуми замону ҷараёни амал сурат додаанд: *Исфаҳонист, дар авоил* ***умр ба табоҳӣ сарф мекард*** *[341; 117]. Гӯянд, умри ӯ* ***ба сад сол расида*** *буд [341;190]. Аввал он ки аз даҳони ӯ овозе берун меояд, ки бандагони Худой* ***ба вақти намоз ҳозир мешаванд*** *[338; 257].*

Дар як қабил ибораҳои феълӣ пешоянди **ба** муносибати замониро ифода кардааст. Феълҳои амал чун ҷузъи асосӣ воқеъ гардида, исмҳои ифодакунанди вақту ҳангом, номҳои моҳу сол, шабонарӯзӣ ба сифати ҷузъи тобеъ воқеъ гардидаанд: Маҳз маънои замонӣ дар ин навъи ибораҳо тавассути ҷузъи тобеъ равшан ифода мешавад: *Фақире* ***шабе ба хоб дид****, ки пой бар боли Ҷабраил дораду намоз мегузорад [338; 161]. Он муддаӣ* ***дар аснои тозиёна хӯрдан*** *нолаву фарёд мекард,* ***бетоқатӣ менамуд*** *[336;329]. Оре, пеш аз ин* ***ба як моҳ*** *фалон мард* ***беморие дошт****, ки илоҷаш мунҳасир дар он бехи дарахт буд [338; 134]. Ва муддати макс дар он каъбаи амал ва мақсади риҷол* ***ба як моҳ кашид*** *[336; 422]. Ғозӣ,* ***ба маҳал расидед,*** *ки ман ба талаби мисли шумо берун омада будам [336; 1069].*

**в) Ифодаи муносибати ҳолии андозаю миқдор**. Дар ибораҳои феълии муносибати андозаю миқдор пешоянди **ба** дар насри асрҳои XV-XVI ба таври фаровон истифода шудааст. Дар ин навъи ибораҳо чӣ тавре ки дар забони адабии ҳозираи тоҷик мушоҳида мешавад, ҳам ҷузъи асосӣ ва ҳам тобеъ аз ҷиҳати луғавӣ маҳдуд мебошад. Ба вазифаи ҷузъи асосӣ бештар феълҳои амал, ба монанди **расидан, фурӯхтан**, **ситонидан**, **харидан** ва ғайра корбаст шудаанд. Исмҳои гуногунмаъно, таркибу ибораҳои исмии бо шумора ва шумораҳо ҷузъи тобеи ибораҳоро ташкил додаанд: *Умраш* ***ба ҳаштоду як расид*** *[341;160]. Умри вай* ***ба сад сол мерасад*** *[336;1259]. Қуввати ҳофизаи ӯ ба мартабае буд, ки* ***ба як бор хондан*** *сӣ байт* ***ёд мегирифт*** *[341;134]. Ман ба панҷсад дирами нуқра дасторе гирифтам ба ҷиҳати шарифтарин аъзои худ,* ***ба ҳазор динор*** *зари сурх канизаке* ***харидаӣ*** *[336; 45]. Ва ту* ***ба ҳазор динор*** *зари сурх канизаке* ***харидаӣ*** *аз барои хасистарин аъзои худ [338;45]. Марде ҳофизу қориям ва «Қуръон»-ро* ***ба даҳ қироат мехонам*** *[338; 225].*

Оид ба муносибати ҳолии андозаву миќдор ҳаминро ќайд кардан ҷоиз аст, ки ин муносибати наҳвӣ дар таркиби ибораҳои феълии забони «Бадоеъ-ул-вақоеъ» -и Восифӣ бисёр кор фармуда мешавад ва, аз ин рӯ, хоси услуби «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ҳисобидан мумкин аст. Дар дигар асарҳои таҳќиќшудаи насрии ин давра ифодаи чунин муносибат нисбатан маҳдудтар аст. Дар ин қабил ибораҳои феълӣ ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои амалу ҳолат ва чун ҷузъи тобеъ исмҳои гуногунмаъно истифода шудаанд: *Туро* ***ба қадре риоят*** *ва* ***тарбият хоҳад кард*** *[6]. Қуръонро* ***ба ҳафт ривоят ёд дорам*** *[629***]. ...ба тамомӣ шарҳ дод*** *[787]. Аз вай* ***ба ҷон ранҷид*** *[783].*

Ин гуна ибораҳои феълӣ дар насри ин давра бештар дар шакли мураккаб корбаст шудаанд. Ба сифати ҷузъи тобеъ дар ин мавридҳо калимаи модалии **қариб** бо пешоянди **ба** ва шумораҳо омада, миқдори тахминии ҳолатро ифода кардаанд: *Аз ѓазалиёти Хусрави Деҳлавӣ ва ҳазрати махдумӣ...****ќариб ба сад ѓазал интихоб намуда*** *шуд [336; 253]. ...****ќариб ба ҳазор кас ҷамъ шуда*** *буд [336; 1304]. Ашъори ӯ қариб* ***ба даҳ ҳазор*** *байт* ***мерасад*** *[341;204]. Дар пеши тахти равон* ***қариб ба даҳ ҷавон сурохиҳои*** *тиллову нуқра...****ба даст гирифта*** *[336; 554].*

**г) Ифодаи муносибати ҳолии ҳолат**. Дар насри ин давра як гурӯҳ ибораҳои феълӣ, ки ба воситаи пешоянди **ба** сурат гирифтаанд, муносибати ҳолии ҳолатро бо тобиши дороӣ ифода кардаанд. Ин ибораҳои феълӣ бештар дар шакли мураккаб корбаст гардидаанд. Ҷузъи тобеи ин гурӯҳи ибораҳо бо ибораҳои исмии пешояндӣ ва ҷузъи асосӣ феълҳои гуногунмаъно мебошанд: *Яке аз эшон* ***чӯбе ба даст гирифт****у дар миёни ғоити ӯ мезад [338; 236]. ...аз саҳро* ***омад беле ба даст*** *[336; 1044]. ...****чароге ба даст*** *ба масҷид* ***даромад*** *[336; 1083]. Ҷамъе* ***даромаданд чӯбҳо ба даст*** *[336; 1083].*

Ҷузъи тобеи ибораҳои феълии навъи боло аз қолаби ибораҳои сифати феълӣ бо вогузор шудани ҷузъи асосӣ-сифати феълӣ ба вуҷуд омаданд ва аз ин рӯ, яклухт як узви ҷумла мешаванд [77; 83].

Ҷузъи тобеи ин қабил ибораҳо дар насри давраи таҳқиқ дар шакли пурра низ дучор шуданд: ***корде ба даст гирифтан*** *[336; 321]* ***даст ба сина***

***ниҳодан** [336; 218] ва амсоли инҳо**:** Он нозанин лунги сиёҳе баста ва **тақияи гулгун ба сар ниҳода**... бода **меполуд** [336; 197]. Чун даромад, девона пеши дарро гирифту **корде ба даст гирифта** гуфт [336; 321]. Хоҷа **даст ба сина ниҳода** гуфт [338; 218].*

ғ) **Ифодаи муносибати холии хилоф.** Бо пешоянди **ба** ифода ёфтани муносибати ҳолии хилоф аз ҷониби муҳаққиқони забони адабии тоҷик нишон дода нашудааст. Дар ин вазифа истифода шудани пешоянди **ба** –ро Р. Ғаффоров дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ зикр карда, дар ин бобат «ин шева анъанаи забони адабии пешинаро пурра нигоҳ доштааст» [24, 60] -гуфта таъкид кардааст. Дарвоқеъ, дар ифодаи муносибати ҳолии хилоф пешоянди **ба** дар насри ин давра ба назар расид. Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои амалу ҳолат ва чун ҷузъи тобеъ исмҳои маънӣ мавриди корбурд қарор гирифтаанд: *Он дӯст рӯзе **ба вай руқъае навишт**у он ваъдаро ба ёди ӯ дод [336; 80]. Ба ин ҳама бадбахтӣ **ба Амир Алишер** дар ғояти суи мизоҷ ва бадӣ буду Мирро бисёр **иҳонатҳо мерасонид** [336; 544].*

**д) Ифодаи муносибати ҳолии сабаб.** Дар насри сарчашмаҳои давраи таҳқиқ пешоянди **ба** дар ташаккули иборахои феълӣ дар ифодаи муносибатҳои ҳолии сабаб низ истифода шудааст.

Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар «Чаҳор гулзор» ин тобиши маъноиро қайд карда, пешоянди **ба**-ро бо пешоянди **барои** ҳамвазифа медонад: **бо**-и иллат (пешоянди **ба**) ва он маънии **барои** пайдо кунад. Чунончи, «Ба хотири шумо омадам» ва «Ба дидори ӯ рафтам», яъне «Барои хотири шумо омадам» ва «Барои дидори ӯ рафтам» [345; 24].

Дар ин қабили иборахо ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои амалу ҳолатҳои гуногун ва чун ҷузъи тобеъ бештар исмҳои маънӣ ва масдар корбаст шудааст: *Аҳёнан, майл ба фанни мусиқӣ намуда, қонуни истеъдодро **ба ҷанг гирифтӣ** [341; 50]. Ҷавонро **ба дуздӣ гирифтанд**у пеши Ҳорунаррашид бурданд [338; 94]. Баъд аз се рӯз боз ӯро **ба ятимӣ гирифта** оварданд [336; 618]. ...ба дасти яке аз маҷҳулин **ба захми корд кушта шуд** [341; 66]. Писари амме доштам, ки шахсеро **ба ноҳақ бикушт**у бигрехт [338; 81]. Ӯро **ба қатл***

***расонеду** баъд аз он моли ӯро биттамом дар ҳавзаи тасарруф дароред [338; 70]. Котибе **ба саҳв ё ба хато то-ро йо навишта** будааст [336; 831]. Эй подшоҳ, ин писараки ман **ба захми тири** ту **ҳалок шуда**, доди ман бидеҳ [336; 934].*

**е) Ифодаи муносибати ҳолии мақсад**. Дар сарчашмаҳои хаттии давраи таҳқиқ пешоянди **ба** дар ташаккули ибораҳои феълии муносибати ҳолии мақсад серистеъмол аст. Дар ташкили ҳоли мақсад ширкат доштани пешоянди **ба** дар дар забони адабии классикӣ зикр гардидааст [181; 50; 110; 5; 19].

Дар забони адабии кунунии тоҷик ҳам «воситаи асосии грамматикии ифодаи ҳоли мақсад пешояндҳо ба шумор мераванд» [17; 87], вале дар «Грамматикаи академӣ» дар ин вазифа омадани пешоянди **ба** қайд нашудааст. Дар боби ибораи ҳамин асар бо пешоянди **ба** сурат гирифтани муносибати мақсад бо як мисол зикр гардидаасту бас.

Ташкили ҳоли мақсад бо пешоянди **ба** дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ пурратар зикр шудааст ва таъкид шудааст, ки «танҳо бо исмҳои конкрет ва феълҳои **рафтан, омадан, фиристодан** воқеъ мегардад» [24; 174].

Дар баъзе таҳќиќот, махсусан дар асари таҳќиќии ба ҳамин давра бахшидаи Г. Камолова  муносибати маќсадро ифода кардани пешоянди **ба** дар таркиби ҷумла зикр ёфтааст: Мавлонохоҷа, ки иҷозат гирифта **ба Ѓиждувон равон шуданд,** то ки **ба Ѓиждувон расида** зиёрат карда...ба риёзиёт машѓул шуданд [44; 73].

Ба фикри мо, пешоянди **ба** дар ҳар ду ќолаби ибораҳои феълӣ на маънои маќсад, балки ба маънои самти равон шудани амал ба сӯйе, маконе далолат кардааст, чунки семантикаи хабарҳои феълӣ онро рад мекунанд. Аммо дар масъалаи “агар пешоянди **ба** бо пешоянди **барои** муродиф шавад, муносибати пуркунандаги (объекти)-и тобиши маќсад ифода меёбад”, андешаи Г. Камолова дуруст аст: Охир ваќт ёфта ќалмоќонро дар хоб баста гирифта **ба шумо овардам** [44; 73].

Дар насри давраи мавриди назар пешоянди **ба** барои ифодаи муносибати ҳолии мақсад хеле фаровон истифода шудааст Дар ибораҳои феълии муносибати ҳолии мақсад ҳамчун тобеъкунанда бештар феълҳои ҳаракату амали навъи **рафтан, фиристодан, талабидан** ва амсоли инҳо ва чун ҷузъи тобеъ исмҳои моддӣ ва маънии гуногун ва мақсад истифода шудаанд: *Аз ҷумла, он ки* ***ба дукони полондӯзе рафта*** *ва гуфта, ки полони Амир Алишерӣ мехоҳам [341; 177]. Овардаанд, ки яке аз мулук* ***ба дидани дарвеше рафт*** *[347; 179]. Қозӣ дар ғазаб шуд ва кас* ***ба талаби ӯ фиристод,*** *ки тозиёна занад [338; 220]. Ва эшонро* ***ба меҳмондорӣ*** *ба хона* ***талабида*** *[336; 85]. Мир Наҷми Сонӣ, ки аъзами дастури Соҳибқирони мағфур буд, бар он вилоят даст ёфт,* ***ба қатли ом фармон дод*** *[341;179]. Ҳофиз се рӯз ӯро* ***ба нону комих****, яъне обгома* ***меҳмон кард*** *[338; 106]. Рӯзе дарвеш* ***ба дидани вай омада,*** *ӯро ба ғояти зору низор ёфт [346; 137].*

**ё) Ифодаи муносибати ҳолии мутобиқ ва мувофиқи иҷро шудани амал.**

Пешоянди **ба** дар насри ин давра бо исмҳои гуногун омада, мутобиқ ва мувофиқи чизе иҷро шудани амалро ифода кардааст. Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои ҳаракату амал ва исму ибораҳои исмии бо шумора чун ҷузъи тобеъ омадаанд: *Ҳазрати Хоҷа давоту қалам ва қитъае коғаз пеши ин камина фиристоданд ва фармуданд, ки ин ҷома* ***ба қомати шумо омадааст*** *[336; 326]. Эй Мир, шумо чаро* ***ба ояти Қуръон амал намекунед?*** *[336; 619].*

Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар «Чаҳор гулзор» тобишҳои маъноии пешоянди **ба**-ро шарҳ додааст. Мавсуф қайд мекунад, ки **бо**-и зоид (пешоянди **ба**)-и зарфият маънои **дар** пайдо мекунад. Чунончи, «Ба хонаи ӯ рафтам» ва «Ба гӯши ӯ гуфтам», яъне «Дар хонаи ӯ рафтам» ва «Дар гӯши ӯ гуфтам» Осафӣ гӯяд, байт:

***Ба Каъба рафтаму*** *шавқи дарат фузуд он ҷо,*

*Ба гиря омадаму ҷои гиря буд он ҷо [345;22].*

Д. Хоҷаев ақида дорад, ки пешоянди **ба** дар мисоли мазкур самти ҳаракатро фаҳмонидааст, на макони воқеъгардии амалро [98; 42].

Ба фикри мо, ақидаи Д. Хоҷаев саҳеҳ менамояд, зеро дар мисоли мазкур пешоянди **ба** ба маънои аслии худ самти ҳаракати амал омадааст.

Дар бештари ин мисолҳо пешоянди **ба** бо пешоянди **барои** муродиф аст. Б. Шарифов чунин муносибатро соҳибият бо тобиши сабаб номида, дар «Бадоеъ-ул-ваќоеъ» ду бор вохӯрдани онро зикр кардааст [110; 188].

Мо ба зиёда аз 35 ҳолат дучор шудем, ки пешоянди **ба** чун муродифи пешоянди **барои** муносибати ҳолии маконро ифода кардааст: *Агар пурсанд, ки* ***ба меҳмонӣ рафтан*** *чӣ бурдӣ ва чӣ овардӣ [341; 177]. Вайро мусоҳибе буд* ***ба дидани вай рафт*** *[341; 205]. Шабе марди самарқандии нохушовоз ба бадоҳанг* ***ба Мирзо «Шоҳнома» мехонд*** *[338; 85]. Дар «Наводир»-и Саълабӣ оварда, ки яке аз акобири дин* ***ба подшоҳе туҳфае фиристод*** *[338; 65]. Ва манро* ***ба меҳмондорӣ талабида,*** *аз барои ин камина пустини хуб ва сарупойи муносиб... карам намуда [336; 85]. Дар ҷавонӣ* ***ба таҳсили фазоили нафсонӣ муваффақ гашт*** *ва дар назми ғазалу муаммо аз фузалои замон даргузашт [341; 209].*

## 2. 2. Иборaҳои феълӣ бо пешоянди дар.

Пешоянди **дар** дар ибтидои ташаккули забони адабии тоҷик камистеъмол буда, он бештар дар шакли қадимаи худ –**андар** истифода мешудааст. Масалан, Л. П. Смирнова дар Язык «Та'рихи Систан» бештар истифода шудани шакли **андар**-ро ба қалам додааст [273; 100], вале шакли **дар** ба тезӣ серистеъмол гардида, доираи истифодаи шакли **андар**-ро танг кард.

Пешоянди **дар** дар ифодаи муносибатҳои наҳвӣ сермаъно аст. Б. Сиёев дар насри асри X, махсусан дар забони «Таърихи Табарӣ» дучор омадани ин пешояндро ќайд кардааст [88;119].

М. Н. Қосимова дар насри асри XI дар ифодаи макону сӯй ва бо пешоянди **ба** ҳаммаъно шудани онро нишон додааст [50; 190].

Р.Ҷӯраев дар насри асри XI серистеъмол будани пешоянди **дар**-ро зикр кардааст [181; 117].

Муҳаќќиќи хусусиятҳои морфологии забони «Маҷмўъ-ут-таворих» Г. Камолова дар ифодаи маънои макон, замон, вазъият ва шуғл омадани пешоянди **дар**-ро дар асари мазкур ишора кардааст [44; 75].

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик пешоянди **дар** вобаста ба маънои луғавии ҷузъҳои таркиби ибораҳои феълӣ муносибатҳои гуногуни наҳвиро ифода мекунад [17; 96-103].

В. С. Расторгуева дар асари «Очерки по таджикской диалектологии» дар хусуси пешоянди **дар** навиштааст: «пешоянди **дар**, асосан, барои ифодаи маънохои макон, самту сўй, замон ва маќсад истифода мешавад [248; 56-57].

Дар забони насри асрҳои XV-XVI ин пешояд, асосан, дар шакли **дар** вохўрда, аз ҷиҳати маъно, вазифа ва ифодаи муносибатҳои наҳвӣ серистеъмол аст. Шакли **андар** [варианти пешоянди **дар**] дар сарчашмаҳои хаттии осори хаттии асрҳои XV- XVI, асосан, дар забони осори манзум вомехўрад. Доир ба корбурди пешоянди **андар** дар забони насри ин давра Б. Шарифов муътаќид аст, ки: «пешоянди **андар**, ки асрҳо дар нормаи забони адабӣ буд, дар насри асар («Бадоеъ-ул-ваќоеъ»-А.Ѓ.) ҷой надорад-ба ҷуз дар порчаҳои назмӣ, ки дар 900 саҳифаи номбурда 54 маротиба истеъмол гардидааст» [110; 203].

Ин пешоянд дар забони адабии ҳозираи тоҷик доираи маҳдуди истеъмол дошта, махсусан дар каломи назм серистифодааст [228; 9].

Оид ба сервазифагии пешоянди **андар** дар асрҳои 1Х-Х М. Н. Қосимова чунин мегўяд: «Яке аз калимаҳои серистеъмол, ки дар забони асрҳои 1Х-Х мансуби ҳиссаҳои гуногуни нутқ буда, вазифаҳои мухталифи грамматикӣ дошт, калимаи **андар** аст. Чунон ки аз мисолҳо аён аст, дар осори асрҳои IX-X калимаи **андар** ҳам калимаи мустақил, ҳам пешванди калимасоз, ҳам пешоянду пасоянд будааст» [51; 273].

Ғаффор Ҷўраев дар «Очерки забони дарии Афғонистон» оид ба хусусияти грамматикии пешоянди **андар** қайд мекунад: «Пешоянди **андар** варианти нисбатан қадимаи **дар** ҳисоб ёбад ҳам, аз ҷиҳати ифодаи маънӣ ва вазифаҳои синтаксисӣ мисли **дар** нест, чунки он, асосан, хоси назм буда, дар

наср аҳён-аҳён ба назар мерасад. Дар мисоли зерин **андар** на ба макон, балки ба объекти амал, ки мақсади субъектро ифода менамояд, ишора кардааст: *Ӯ **даст андар кор шуд**, то бо эстэфода аз ин мавзӯъ зарбае ба ҳариф бэзанад* [109; 164].

Пешоянди **дар** дар насри ин давра бештар дар ифодаи муносибатҳои гуногуни ҳолӣ омада, дар баробари ин барои ифодаи муносибатҳои наҳвии пуркунандагӣ ва муайянкунандагӣ хизмат кардааст.

**1) Ифодаи муносибатҳои ҳолӣ.** Дар забони насри ин давра пешоянди **дар** дар ташаккул додани ибораҳои феълии муносибатҳои ҳолӣ аз пешояндҳои сермаҳсул ва серистеъмол ба шумор меравад. Ин пешоянд баробари ифода кардани муносибатҳои ҳолӣ, тобишҳои гуногуни маъноро низ ифода кардааст.

**а) Ифодаи муносибати ҳолии макон.** Пешоянди **дар** қароргоҳ ва макони фоил ё мафъулро ифода кардааст. Ҷузъи асосӣ аз феълҳои амалу ҳолат таркиб ёфта, исмҳои макон ва калимаҳое, ки ба мафҳуми макон алоқаманданд, чун ҷузъи тобеъ воқеъ мегарданд. Феъли **нишастан** ба сифати ҷузъи асосӣ доираи васеи истеъмол дорад: *Бархосту силоҳ баст ва **дар хонаи зин нишаст** [329; 72]. Шахсе **дар паҳлуи ӯ нишаста** буду ба гӯшаи чашм навиштаи вайро мехонд[329; 82]. Чунонки, рӯзе Саййидбек **дар хайма нишаста** буда ва шеъри арабӣ мехонда ва тарҷумаи онро мегуфта [329;157]. Чун аз ин қисса чанд рӯзе гузашт, Махрама ва Нуаймон **дар масҷид нишаста** буданд [341;56].*

Феъли **нишастан** дар таркиби ибораҳои феълӣ дар шакли **биншондан** ба маънои макони воќеъ шудани амал низ мустаъмал будааст: *Башар бархост ва ёронро **дар хона биншонду** худ берун омад, ки删 мармар чизе хӯрданӣ пайдо кунад [338; 236].*

Пешоянди **дар** бо исмҳои маконе, ки эзоҳдиҳанда надоранд, маънои маконро ба таври умумӣ нишон медиҳад. Ибораҳои бо ин пешоянд аз рӯи миқдор зиёд буда, аз ҷиҳати маъно гуногунанд. Ба сифати ҷузъи асосӣ бештар феълҳои ҳаракати **гузаштан, гаштан** омада метавонанд. Ин ибораҳо

нишон медиҳанд, ки амал дар дохили предмет воқеъ гардидааст: *Рӯзе Имом* ***дар роҳе мегузашт*** *[338; 48]. Рӯзе Ҳаким Анварӣ* ***дар бозор****и Балх* ***мегузашт*** *[338; 167]. Чун Фирдавсӣ аз Боғдод мурочиат намуд, ба Тус даромад,* ***дар бозор мегашт,*** *кӯдаке бо овози ҳазин мехонд [336; 470].*

Баъзе феълҳо, ба монанди **омадан, даромадан, андохтан, даровардан** ҳатман макони воқеъшавии худро талаб мекунанд ва алоқаи байни макону амал дар ин ҳолат алоқаи ҳатмӣ мебошад. Ин гуна феълҳо нишон медиҳанд, ки фоил ба маҳалле равон аст ва ё ба макone медарояд ва ё объектро ба ҷое мебарад: *Аз шаҳр рӯ ба он деҳа карданд ва* ***дар боѓи ӯ омаданд*** *[338; 203]. Ҷомаи худ баргирифтаму ба Аштар пайвастам ва ҳар ду савор шудему* ***дар роҳ даромадем*** *[329; 84-85]. Гӯянд, ки дар ҳангоми ҷавонӣ ҷавоне Содиқ ном ӯро* ***дар ҳавзи обе андохта*** *ва дасташро маҷрӯҳ сохт [341; 142]. Он ҷамоатро ба куштан тарғибу таҳрис карда,* ***дар ин боѓ даровард****а... [336; 106].*

Дар ифодаи муносибати макон ба сифати ҷузъи тобеъ исмҳои маънию ҷонишинҳое, ки ба макон алоқамананданд, низ истифода шудаанд. Ҷузъи асосӣ ҳам ғайр аз феълҳо бо зарфҳои андозаю миқдор ва калимаҳои ифодагари ҳолату мавҷудият ифода шудааст: *Чун Соҳиб Аббод онро мутолиа кард, дид, ки аксари муншаот хоси ӯст, ки* ***дар*** *он* ***мактуб дарҷ кардааст*** *[336; 79].* ***Дар ин хона*** *хонадухтарон* ***бисёранд****[336; 79].*

Дар насри ин давра, махсусан дар «Ахлоќи Муҳсинӣ» ҳолати пеш аз ҷузъи тобеъ воќеъ гардидани ҷузъи асосӣ низ ба мушоҳида расид: *Фаридун гуфт: «Ќаноат табоъеи баҳоим сарафканда аст ва* ***нишастан дар кунҷе*** *аз иќтизои диноят ҳиммати аҷоиз аз кор вомондаи фурсат ваќтро ки чун хаёли сахоб гузаранда аст, ѓанимат бояд шумурд [139]. Тагбанде* ***зоҳир шуд дар вай гиреҳе*** *[ 186].*

Чуноне ки мебинем, дар мисолоҳои мазкур, ки ибораҳои феълӣ тавассути пешоянди **дар** ташаккул ёфтаанд, ҷузъи асосӣ мавќеи перепозитивиро ишѓол намудааст, яъне пеш аз ҷузъи тобеъ омадааст, вале ин

тарзи ифода дар забони тоҷикӣ ҳодисаи на он ќадар маълум ба шумор меравад [112; 48].

Пешоянди **дар** дар насри асрҳои XV-XVI бо исмҳои макон ва ё предметҳои ифодагари макони нисбӣ омада, ҷой, мавқеъ ва маҳали воқеъшавӣ ё ҷойгиршавии маконеро нишон медиҳад, ки амалу ҳаракат ва ҳолат дар он макон воқеъ гаштааст ва ё ҷараёни амалу ҳаракат аз он мавқеъ шурӯъ шудааст. Феълҳои ҳаракат ва амалу ҳолат ба сифати ҷузъи асосӣ омада, исмҳои ифодакунандаи мафҳуми макон чун ҷузъи тобеъ воқеъ гардидаанд: *Носири Бухороӣ шоире фозил ва дарвешмашраб буд ва* ***умр дар саёҳат гузаронида*** *[338; 199]. Файласуфе* ***дар саҳрое сайр мекард*** *[338; 245]. Рӯзе* ***дар чаҳорбоғи Шоҳрухия*** *он оли ҳазрат ба нӯки корд харбуза* ***нӯш мекард*** *[336; 1258]. Шоҳ Қосим* ***дар кӯча порае роҳ рафт*** *[336; 1081]. Мирзо* ***дар Астаробод ҳоким буд*** *[336; 1205].* ***Дар ҳафт иқлим*** *ва ҳафт қалам* ***бемонанд буд*** *[336; 1263]. Рӯзе Имом* ***дар роҳе мегузашт*** *[338; 48]. Рӯзе Ҳаким Анварӣ* ***дар бозори Балх мегузашт*** *[338; 48].*

Агар ҷузъи тобеъ аз исмҳои ифодагари ғайри макон бошад, пешоянди **дар** муносибати маконро бо тобиши объектӣ ифода мекунад. Ҷузъи асосии ибораҳо аз феълҳои гуногунмаъно ташкил ёфта, исмҳои ифодакунандаи номи ашё ба сифати ҷузъи тобеъ воқеъ мегарданд: *Ногоҳ гирдбоде пайдо шуду дастори Мавлоноро дар ҳам печида* ***ба ҳаво*** *боло* ***бурд*** *[338; 254]. Ҳар ду ҷомаро* ***дар об фурӯ бурданд*** *[336; 1095]. Ва ба ривояте дастораш* ***дар гарданаш карданд****у ба қабилаи худ бурданд [338; 21]. Пас бархосту бо иттифоқи Муҳаммад назди Имом Ҳусайн омаду* ***якдигарро дар канор гирифтанд****у он ғубор муртафеъ шуд [338; 31].*

Феъли **печидан** *д*ар таркиби иборaҳои феълии мазкур ба маънои феъли бавосита (печонидан) муносибати макониро бо тобиши пуркунадагӣ хеле барҷаста ифода кардааст: *Баъд аз чанд рӯз ӯро* ***дар буриё печида*** *сӯхтанд [341; 118]. Валлоҳ, агар тамоми дунё* ***дар жандае печида*** *будӣ, кирои гиристан набудӣ [338; 31].*

Як гурӯҳ ибораҳое, ки ба воситаи пешоянди **дар** сурат гирифтаанд, муносибати ҳолиро бо тобиши самту ҳаракат мефаҳмонанд. Феълҳои **даромадан, гирифтан, даровардан, андохтан** ба сифати ҷузъи асосии ибора сурат гирифта, ҷузъи тобеъ, асосан, бо исмҳои ифодагари мафҳуми макон ва зарфи макон ифода меёбад: *Имом* ***дар он маҷлис даромаду*** *уламо аҳволи худ арз карданд [338; 43]. Баъд аз замоне яке аз ҷаҳор кас* ***дар ин хайма даромаданд*** *[336; 1132]. Дар ин гуфтугӯ будем, ки мардум* ***дар ҳаммом даромадан гирифтанд*** *[336; 1025].*

Яке аз хусусиятҳои хоси ибораҳои феълии ин давра дар он аст, ки вобаста ба ҷузъи тобеъ, махсусан, исмҳои ғайримакон ба сифати ҷузъи тобеъ омада, ба ибора тобиши иловагӣ мебахшанд. Ибораҳои феълии муносибати ҳолии маконӣ, ки ҷузъи асосиашон аз феълҳои амал ва ҳолат ташкил ёфтаанд, исмҳои ифодакунандаи ғайримаконӣ ва калимаҳои исмшуда чун ҷузъи тобеъ муносибати маконро бо тобиши маънои пуркунандагӣ сурат додаанд: *Раво надоштам, ки* ***дар ин ҳолат хуни ӯ бирезам*** *ва нияти ҳақро бо ғарази ботил биёмезам [338; 64]. Араберо курдон* ***дар роҳе ғорат карданд*** *ва ҳар шутуру гӯсфанду матое, ки дошт, бурданд [338; 071].*

Назари К. Қаландаров дар хусуси пешоянди **дар** ва истифодаи он дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ низ қобили таваҷҷуҳ аст: «Дар насри хаттии асрҳои XV-XVI пешоянди **дар** бо ҷонишинҳои ишоратӣ дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави пуркунанда доираи васеи истеъмол дорад: Ҳоло маслиҳат дар он менамояд, ки бо иттифоқ аз барои ӯ қасидае гӯем [46; 92].

Пешоянди **дар** чун муродифи пешоянди **ба** истифода шудааст. Р. Ғаффоров дуруст таъкид кардааст, ки «ифодаи ҳоли макон бо пешоянди **дар** дар ифодаи маъноҳои мазкур ба забони адабии имрӯза хос нест. Ин ҳодиса махсуси забони классикист [24; 143].

Воқеан, дар насри давраи таҳқиқшаванда чунин муносибати маъноӣ бо пешоянди **дар** ба таври фаровон кор бурда шудааст: *Рӯзе Хоҷа Насири Тӯсӣ* ***дар роҳе савора мерафт*** *[338; 126]. Эшонро* ***дар меҳмонхона даровардем***

*[336; 1113]. Овардаанд, ки Султон Санҷари Мозӣ* ***дар деҳе мегузашт*** *[347; 126]. Чун гоме чанд бирафт ва бозгашт ва* ***дар маҷлис омада*** *нишаст [346; 253].*

Ин ќабил ибораҳо дар забони «Ахлоќи Муҳсинӣ» низ дучор меоянд. Феълҳои ҳаракати **даромадан**, **рафтан** ба сифати ҷузъи асосӣ омада, исмҳои макон чун ҷузъи тобеъ муносибати самти амалро хеле ифода кардаанд: *Инон боз кашида аз маркаб пиёда шуд ва* ***дар боғ даромад*** *[ 182]. Ваќте рикобдори ӯ* ***дар боғ рафт*** *ва яке хӯшаи ангур бе иҷозати боғбон бозхонд [208].*

Ҳодисаи муродифшавии пешоянди **дар** бо пешоянди **аз** дар ифодаи муносибати ҳолии макон дар насри ин давра ба мушоҳида расид: *Вақте ки машғули хариду фурӯш буд,* ***дар ақиби*** *вай* ***даромада****, ӯро дар оғӯш гирифт [338; 13]. ...агар муосири эшон будӣ,* ***дар ақиби эшон рафта****, гушоди кори худ аз мансубҳои эшон талаб намудӣ [336; 165].*

**б) Ифодаи муносибати ҳолии замон.** Дар ташкили ибораҳои феълии муносибати замонӣ мавқеи калимаи тобеъ бағоят калон аст, зеро калимаи тобеи ибора, ки бо мафҳуми замон алоқаманд аст, ба тамоми ибора тобиши замонӣ мебахшад. Исмҳои ченаки калону хурдӣ воҳиди вақт дар ифодаи мафҳуми замонӣ бо пешоянди **дар** бениҳоят серистеъмоланд.

Дар насри сарчашмаҳои асрҳои XV-XVI пешоянди **дар** барои ифодаи муносибатҳои ҳолии замон серистифода аст. Ҷузъи тобеи ин гуна ибораҳоро исмҳо ташкил кардаанд. Ибораҳои феълие, ки ҷузъи тобеи онҳо аз исмҳо ташкил ёфтаанд, аз бобати маъно замони ба вуҷуд омадани амалу ҳодисаро ифода мекунанд: *Рӯзе* ***дар фасли тобистон*** *Султон* ***нишаста*** *буд ва магаси бисёр ҳуҷум карда буд ва музоҳимат мерасонд [338; 217]. Мехоҳам, ки даҳ рӯз дар қасри хоси Хусрав бошам ва* ***шабҳо дар он ҷо хоб кунам*** *[338; 155]. Рӯзе* ***дар фасли баҳор*** *бо ҷамъе ёрон ба саҳро* ***берун рафта буд*** *[338; 222].*

Исмҳое, ки бо пешоянди **дар** ба амалҳо тобеъ шуда муносибати ҳолии замонро ифода мекунанд, аз ҷиҳати маъно гуногунанд, вале дар байни онҳо исмҳои ченаки ваќт номҳои фаслҳои солу моҳу ҳафта, исмҳои ҳиссаи рӯзу шаб миќдоран зиёд ва серистеъмоланд: *Махдумӣ* ***дар тобистон*** *ва зимистон*

*қабои пурпунба* ***мепӯшиданд*** *[338; 623].* ***Дар фасли баҳор*** *ману ӯ бар боме* ***будем*** *[338; 273].* ***Дар ин асно*** *шахсе* ***тои Урмақӣ овард*** *[336; 64].*

Исмҳои ченаки воҳиди вақт бештар бо калимаи дигар эзоҳ меёбанд. Исмҳои **рӯз** ва **шаб** аксар ҳиссаи шабонарӯз (ҳолат)-ро ифода намоянд, метавонанд бе эзоҳдиҳанда ба феъл тобеъ гарданд: *Ва* ***дар он шаб*** *Рашидро фурсати он набуд, ки ҳамроҳи Отсиз* ***берун равад*** *[338; 182]. Ва ҳол он ки* ***дар шабонарӯзе чандин бор*** *дар намоз ва ғайри намоз бар ман* ***салавот мефиристӣ*** *[338; 128].* ***Дар он шаб*** *бар фақир* ***яқин шуд****, ки Мавлоно Ҳусейни Воизро мартабаи вилоят буда [336; 1092].*

Агар ин исмҳо санаи муайян ё ченаки муайяни вақтро ифодагар бошанд, ҳамеша бо эзоҳдиҳанда меоянд: *Иттифоқан, Ҳазрати Қозиро* ***дар синни навадсолагӣ*** *мутақозии ишқ гиребон гирифта ба сари кӯйи* ***маломат ва расвоӣ кашид*** *[341; 151]. Ва* ***дар он маҳал*** *босираи мавлоно* ***заиф шуда*** *буду пойҳои ӯ дард мекард [338; 127]. ...вай* ***дар ҳамон вақт*** *пагоҳтар* ***омада****, он маконро шуғл намуда, чандон ҳаблу тааллул мекард, ки вақти дарси эшон фавт мешуд [336; 75].*

Иборaҳои феълии замонӣ бо пешоянди **дар** ва исмҳои ченаки воҳиди вақт ва давраи синну сол аз бобати маъно амал ва замони ба вуҷуд омадани онро ифода мекунанд: ***Подшоҳ****и мазкур* ***дар синни панҷоҳсолагӣ буда****, оқибат бо иллати маризии тоун фавт шуд [341; 282].* ***Дар овони ҷавонӣ*** *ба Шероз рафта, назди аллома Девонӣ* ***таҳсил намуд*** *[338; 106].* ***Дар чиҳилсолагӣ*** *ишқи хондан* ***пайдо кард*** *[338; 106]. Рӯзе* ***дар айёми кӯдакӣ*** *падар ӯро ба бозор фиристод, ки* ***каллаи пухта орад*** *[338; 48].*

Муносибати замонӣ бо пешоянди **дар** бо исмҳои чараёни амалу ҳолат низ ифода меёбад: Ќариб панҷоҳ байт **дар он сайр гуфта** буд *[336; 861].* ***Дар роҳ*** *ѓазале* ***фармуд*** *[336; 612]. Шунидам, ки Абдумуталлиб ва писараш Аббос ва писараш Абдуллоҳ* ***дар охири умр нобино шуданд*** *[338; 48].* ***Дар он маҳал*** *такбири намоз* ***гуфта*** *ва араб сурра ба дасти рост гирифта [338; 48].*

«Исми **пеш**, ки дар асл маънои масоҳа дорад, дар ибора бо пешоянди **дар** муносибати замониро нишон дода метавонад» [17; 98]. Ва ин дар насри

давраи таҳќиќ ҳам истифода шудааст: *Туро ...умри ѓариба* ***дар пеш бисёр аст*** *[336; 6]*.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик қайд мекунад, - А. Мирзоев, -доираи ифодаи муносибати замонӣ ба воситаи пешоянди **дар** бисёр васеъ мебошад. Исмҳое, ки бо ин пешоянд дар дохили ибораҳои феълӣ муносибати замониро нишон медиҳанд, аз рӯйи миқдор зиёд ва аз ҷиҳати маъно гуногунанд [63; 39].

Дар сарчашмаҳои хаттии давраи таҳқиқ ба сифати ҷузъи тобеъ масдарҳо низ истифода шудаанд, вале теъдоди чунин ибораҳо камтар аст. «Дар ифодаи маънои замонии ин ибораҳо шакли феълӣ низ аҳамияти муайян дорад [17; 103]. Масалан, чунин ҳолатро дар ҷумлаҳои зерин мушоҳида кардан мумкин аст: *Ба баҳои кам бихариданд ва чанд рӯз* ***дар хизона нигоҳ доштанд*** *[338; 76].* ***Дар бозгаштан*** *ба ҷониби дигар* ***нигоҳ мекард*** *[336; 903]*.

Муносибати ҳолии замон бошад, дар ҷумлаи «*Навкарон* ***дар чуб овардан эҳтимол мекарданд****»* *[336;560]* нисбат ба муносибати пуркунандагӣ пурқувваттар аст.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ибораҳои феълие, ки ҷузъи тобеъашон масдар аст, машҳуранд ва онҳо муносибатҳои мухталифи наҳвиро ифода менамоянд, вале ин хели ибораҳо дар забоншиносии тоҷик ҳанӯз пурра таҳқиқ нашудаанд, «ҳол он ки омӯхтани ин хели ибораҳо аҳамияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад» [63; 57].

Ин қабил ибораҳои феълӣ, ки ҷузъи тобеъашон масдар аст, дар таърихи забони тоҷикӣ, аз ҷумла дар насри асри XV-XVI низ истифода шудаанд, вале теъдоди чунин ибораҳо дар насри ин давра камтар аст. Ибораҳои феълии мазкур аз рӯйи сохташон бештар мураккабанд, чунки масдар, ки маънои басе умумӣ дорад, ҳатман эзоҳдиҳанда мегирад. Дар сарчашмаҳои мавриди назар ин навъи ибораҳо дар шакли сода низ дучор шуданд: ***Дар баргаштан*** *ба пои болохонае* ***расидем*** *[336; 1114].* ***Дар зиёфат кардан*** *ва ба зиёфат рафтан шарте ва* ***адабе чанд аст*** *[346; 87]*.

Аз мисолҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки масдар чун ҷузъи асосӣ дигар аъзои ҷумларо ба худ вобаста карда, воҳиди наҳв -ибора сохтааст. Таркиби ибора аз калимаҳои ҷудогона иборат мебошад, ки онҳо бо ҳамдигар бо воситаи алоќаи вобастагии пешояндӣ алоќаманд шудаанд. Аз ин ҷост, ки муайян кардани воситаҳои алоќаи байни ҷузъҳои ибора, аниќ намудани мавќеи онҳо дар ташкил гардидани ибора масъалаи баѓоят муҳим мебошад.

Дар забони «Бадоеъ-ул-ваќоеъ» ибораҳои феълии ифодагари маънои замон бо ҷузъи тобеи исмҳои ҳолат ва ҷараёни амал ба таври фаровон дучор мешаванд. Ибораи феълӣ бо ҷузъи тобеи амалу ҳолат амалеро нишон медиҳад, ки дар ҳамон як муддати ваќти муайян иҷрои амали як муддати ваќти муайян иҷрои амали зикршаванда, яъне амали дигар ба вуҷуд омадааст*: Ќариб ба панҷоҳ байт* ***дар он сайр гуфта*** *буд [861]. Мо* ***дар умри худ*** *се маҷлис* ***тафарруҷ ва мувоҳида намудем*** *[1162]. ...****дар роҳ ѓазале фармуд*** *[612].*

Чун ҷузъи тобеъ дар ин ќабил ибораҳои феълӣ калимаҳои **аввал, ибтидо, охир, хотима** ва амсоли инҳо низ омадаанд*: Шуморо* ***дар аввал*** *ба ман ҳамин* ***муомила боист кард*** *[809].* ***Дар ибтидо ѓуломи*** *Абўалӣ* ***будаам*** *[811]. ..****дар охири маҷлис*** *...****инъом фармуд*** *[1145].*

**в) Ифодаи муносибати ҳолии сабаб.** Ифодаи муносибати ҳолии сабаб бо пешоянди **дар** дар таърихи забони тоҷикӣ таърихи дерин дошта бошад ҳам, муҳаққиқони забони муосири тоҷикӣ ин вазифаи пешоянди **дар**-ро зикр накардаанд. Дар грамматикаи академӣ ва китобҳои дарсӣ барои мактабҳои олӣ бо пешояндҳои аслии **аз, ба, бо, бинобар** ва пешояндҳои изофии **барои** ташаккул ёфтани ҳоли сабаб қайд гардидааст [17; 295]. Ташаккули ибораҳои феълии ифодагари муносибати ҳоли сабаб бо пешоянди **дар** [бо шакли қадимтари он-**андар**] дар Язык «Таʼрихи Систан» аз ҷониби Л. П. Смирнова ишора шудааст [273; 100].

Дар насри асрҳои XV-XVI пешоянди **дар** дар ибораҳои феълӣ бо исмҳои амалу ҳолат омада, сабаби воқеъ гардидани амалу ҳолатро бо тобиши

иловагии пуркунандагӣ нишон додааст. Ин гуна муносибати маъноии калимаҳо бо ин пешоянд барои забони ҳозираи тоҷикӣ ва шеваҳои он ҳам бегона нест [24; 182].

Муҳаќќиќони забони адабӣ дар масъалаи маънои сабабро ифода кардани пешояндҳои аслӣ назари мухталиф доранд. М. Исмтуллоев бар он аќида аст, ки пешояндҳои **аз, бо, барои, бинобар** дар ифодаи маънои сабаб дар таркиби ҳоли сабаб истифода мешаванд. Ш. Рустамов ѓайр аз инҳо боз пешоянди **ба**-ро ба ин вазифа шомил донистааст. Дигар ин ки ќайд мекунад Р. Ѓаффоров «дар ин вазифа дар шеваи ҷанубӣ пешояндҳое истифода мешаванд, ки дар забони адабӣ дучор намешаванд. Чунончи, **бахши** ва **боистан** аз ҷумлаи онҳоанд» [24; 167]. Дар бораи бо пешоянди **дар** ифода кардани маънои сабаб аз ҷониби муҳаќќиќони соҳа ягон маълумоте дода нашудааст. Ҳол он ки пешоянди **дар** дар забони адабии классикӣ барои ифодаи маънои сабаб низ мустаъмал аст.

Ҳамин тавр**,** дар осори давраи мавриди таҳќиќ гурӯҳи нисбатан хурди ибораҳои феълие, ки бо пешоянди **дар** сурат ёфтаанд, муносибати сабабиро ифода мекунанд. Ҷузъи асосии ин ибораҳо аз феълҳои гуногунмаъно ташкил мегардад. Ба вазифаи ҷузъи тобеъ, асосан, исму ҷонишинҳо меоянд: *Арабро курдон* ***дар роҳе ғорат карданд*** *[338; 107]. ...ангуштарини подшоҳи Балх* ***дар ҳарамсарои*** *ӯ* ***гум шуд*** *ва подшоҳ бағоят малул гашт [338; 154].*

Дар насри давраи таҳқиқ пешоянди **дар** бо исмҳои амалу ҳолат омада, сабаби воқеъ гардидани амалу ҳолатро ифода кардааст ва ин муносибати маъноии калимаҳо бо пешоянди мазкур дар забони адабии имрӯза ва шеваҳои он низ ба мушоҳида мерасад: ***Дар торикӣ*** *роҳ* ***ѓалат карда****, ба ҷониби дигар роҳ рафтем [336; 1038]. Ҳазор Юсуфи Мисриро* ***дар орзуи рӯйи ӯ*** *монанди Яъқуб* ***дида сафед гардида*** *буд [336; 867]. Маро* ***дар ин гиря*** *ва изтироб* ***маъзур доред*** *[336; 710]. Ду зан* ***дар тифле даъво карданд*** *[338; 27]. Мирзо волаву шайдои ӯ буда,* ***дар ишқи вай зор-зор мегирист*** *[336; 649].*

Ибораҳое, ки бо пешоянди **дар** муносибати ҳолии сабабро ифода менамоянд, феълҳои амалу ҳолат ба сифати ҷузъи асосӣ сурат гирифта,

исмҳо, ҷонишинҳо чун ҷузъи тобеъ воқеъ мегарданд: *Ишорат ба маѓоке карданд, ки* ***дар он ҷо гурехта*** *буду ба миқдори алафи тоза худро пӯшонида [338; 21]. Яке аз муқаррабони Умар* ***дар он маҷлис бонг*** *бар ӯ* ***зад*** *[338; 66]. Шоҳо, шаҳриёро* ***дар уқубат таъхир кардан*** *ва дар сиёсат таваққуф фармудан добу суннати салотин ва дар мисли ин муҳимот тааммулу тадбир намудан аз ҷумлаи воҷиботи дин [336; 751. ...ва* ***дар сиёсат таваққуф фармудан*** *добу суннати салотин ва дар мисли ин муҳиммот тааммулу тадбир намудан аз ҷумлаи воҷиботи дин [336; 751].*

**г) Ифодаи муносибати ҳолии мақсад**. Дар ифодаи муносибати ҳолии мақсад омадани пешоянди **дар** дар забони адабии ҳозираи тоҷик (ғайр аз шеваҳои он) қайд нагардидааст. Таҳқиқгарони насри асри XVI Г. Камолова ва Б. Шарифов ҳам дар ифодаи муносибати ҳолии мақсад омадани ин пешояндро ба қалам надодаанд [44; 110]. Фақат дар таҳқиқоти А. Алиев [5], ки ба масъалаи хел ва воситаҳои алоқаи калимаҳо дар заминаи насри ин давра бахшида шудааст, чунин муносибатро ифода кардани пешоянди **дар** махсус таъкид гардидааст [5; 85].

Таҳқиқу таҳлили маводи бадастоварда нишон дод, ки пешоянди **дар** барои ифодаи муносибати ҳолии мақсад ба таври фаровон корбаст шудааст. Ба сифати ҷузъи асосӣ бештар феълҳои ифодакунандаи амалу ҳаракатҳои гуногун ва чун ҷузъи тобеъ, асосан, исмҳои маънӣ ва масдарҳо омадаанд:
*Салтанати худро* ***дар халосии ту*** *бад-эшон* ***бахшам*** *[336;933]. Ман* ***дар халосии он духтар тадбире кардам*** *[336; 1131].* ***Дар итмоми он эҳтимом*** *ва* ***саъй****и тамом* ***менамуд*** *[336; 555]. ...****дар дафъи вай тадбире мекунам*** *[336; 746].*

Дар байни ҷузъҳои баъзе ибораҳои феълии навъи боло ифодаи муносибати маќсад бо тобиши пуркунандагӣ ба назар мерасад*:* ***Дар куштан****и ин рофиза* ***саъй намоем*** *[336; 1056].* ***Дар халоси****и мо* ***саъй намоед*** *[336; 1030]....****дар ҳалоки худ мекушӣ*** *[336; 1049].*

Дар насри давраи таҳқиқшаванда муродиф шудан ё ба ҷойи якдигар омадани пешоянди **дар** бо пешояндхои дигари аслӣ, махсусан, пешоянди

**барои** ҳодисаи маъмул буд. Пешоянди **дар** чун муродифи пешоянди **барои** муносибати ҳолии мақсадро хеле барҷаста ифода кардааст: *Ду зан* ***дар тифле даъво карданд****у назди Ҳазрати Амир омаданд [338; 107]. Ман ба эъроз ҳоли худро пӯшидам ва* ***дар ихфои ҳол кӯшидам*** *[336; 976].*

**ғ) Ифодаи муносибати ҳолии вазъият.** Дар насри адабиёти ин давра ибораҳои феълие бо пешоянди **дар** ба назар расиданд, ки муносибати ҳолии ҳолату вазъиятро ифода кардаанд. Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои ифодагари амалу ҳолат ва чун ҷузъи тобеъ исмҳои ифодагари ҳолату вазъият омадаанд. Ин қабил ибораҳои феълӣ амалу ҳолатеро нишон медиҳанд, ки он дар вазъияти калимаи бо пешоянд омада воқеъ шудааст: *Шаҳобиддин Исҳоќро талабид ва* ***дар хилват*** *он хатро ба дасти вай* ***дод*** *[336; 1265]. Мирзо* ***дар ҳоли мастӣ фармуданд*** *[336; 197]. Аблаҳе сӯзане* ***дар хона гум карда*** *буд [338; 308]. Чун угтой Қоон (писари Чингиз-А.Ѓ)* ***дар шаҳри*** *Исфаҳон* ***қатли ом кард*** *[338; 201].* ***Дар рӯйи ҳаво*** *кабӯтарон* ***дар парвоз дид*** *[336; 1056].*

**2) Ифодаи муносибати пуркунандагӣ.** Пешоянди **дар** дар доираи ибораҳои феълӣ дар ифодаи муносибатҳои гуногуни пуркунандагӣ серистеъмол аст [17; 273; 228; 24; 5; 19] ва диг.

Дар забони насри давраи мазкур ин пешоянд дар ифодаи муносибатҳои пуркунандагӣ ба таври фаровон корбаст шудааст. Ин қабил ибораҳои феълӣ вобаста ба маънои ҷузъи асосӣ ва тобеъ муносибати пуркунандагиро ифода кардаанд: *Асири каманди ишқи ӯ гардид, то кор ба ҷое расид, ки ӯро* ***дар занҷир кашиданд*** *[338; 82].* ***Дар шеър гуфтан зеҳн****и хуб* ***дорад*** *[341; 73]. Нишонаи ҳирсу ҳарос он аст дар таом хӯрдан, ки як луқма* ***дар даҳон гузоштаву мехоянд*** *[341; 267]. Худойро шукри бисёр гуфту* ***дар куштани боз таассуф мехӯрд*** *[336; 73].Ќазоро каждуме* ***дар пероҳан****и ӯ* ***афтода*** *буд ва ҳар соат амирро мегазид[347; 128].*

Дар таркиби ибораҳои феълӣ пешоянди **дар** муносибати пуркунандагиро бо тобишҳои маъноии зайл сурат додааст:

**а) Ифодаи муносибати пуркунандагӣ бо тобиши макон**. Доираи истеъмоли ибораҳои феълии бо пешоянди **дар** дар ифода намудани

муносибати пуркунандагӣ бо тобиши макон ба таври васеъ мебошад ва ин гурӯҳи иборaҳо, ки дар сарчашмаҳои хаттии давраи мавриди назар вомехӯранд, одатан аз ду ва зиёда калимаҳо таркиб меёбанд. Ин иборaҳо бидуни тағйироти шаклу маъно дар забони адабии ҳозираи тоҷик истифода мешаванд ва намунаҳои онҳоро дар асарҳои манзум ва мансури адибони муосир мушоҳида кардан мумкин аст: *Ҳаҷҷоҷ бо вай сухан мегуфту вай сар* ***дар пеш андохта*** *буду назар ба замин дӯхта [329; 55]. Миёнбанде ё рӯймоле* ***дар гардани ӯ андохтан*** *ва сафои назари дарвеши кардан [346; 70]. Омаданд бародарони Юсуф, баъд аз он ки ӯро* ***дар чоҳ андохтанд****, назди падари худ шабонгоҳ ва бардурӯғ мегиристанд [338; 133].*

Дар ин ќабил иборaҳои феълӣ ба сифати ҷузъи асосӣ, асосан, феълҳои амалу ҳолат сурат гирифта, исмҳои ифодакунандаи мафҳуми номи ашё ва ҷонишинҳо ҳамчун ҷузъи тобеъ воқеъ мешаванд: *Ва ҳарчанд кори номуродӣ* ***дар раҳаш афкананд*** *[346; 140]. Яке аз зурафо аз он ҳалво гирифту* ***дар он равған афканд****[338; 264]. Пас бархосту бо иттифоқи Муҳаммад назди Имом Ҳусейн омаду якдигарро* ***дар канор гирифтанд****у он ғубор муртафеъ шуд [338; 31]. Ва бо худ лаълпораи қимате доштам, онро* ***дар пораи чарме гирифта*** *дар бозуи худ баста будам [336; 474].*

Феъли **ниҳодан** чун феъли мустаќил дар таркиби ин гуна иборaҳо серистеъмол аст: *Бар рӯйи курсӣ давиду ду ангушт* ***дар даҳон ниҳода,*** *сафир кашид [336; 556]. ...ӯро* ***дар замбаре ниҳода*** *пеши подшоҳ овარданд[336; 1020]. ...ангуштарӣ ва гӯшвора дар вай карда* ***дар баѓал ниҳодам*** *[333; 1127].*

Дар ин ќабил иборaҳои феълӣ ҳам феъли монда ва ҳам гузаранда ба сифати ҷузъи асосӣ мустаъмаланд: *Иброҳим эшонро* ***дар киштӣ нишонд*** *ва дар миёнаи дарё бурд [346; 16]. Вай* ***дар қубби худ нишаста*** *буд, ки аз адим сахт буданд [338; 17]. Хоҷа Маҷдуддин Муҳаммаду Мавлоно Абдулвосеъ ва фақир* ***дар гӯшае нишаста*** *будем [336; 528]. Ба муҷарради хондани ин рубоӣ шӯре* ***дар маҷлис афтода*** *ва подшоҳро кайфияте даст дод [336; 1145]. Аз баландӣ* ***дар поён ғалтонданд*** *[336; 1083].*

**б) Ифодаи муносибати пуркунандагии самти амал.** Ибораҳои феълие, ки муносибати пуркунандагии самти амал ба объектро ифода мекунанд, дар сарчашмаҳои хаттии ин давра серистеъмоланд. Ба сифати ҷузъи асосӣ феъли ***задан*** серистифода аст. Дар ибораҳое, ки феъли ***задан*** ба сифати ҷузъи асосӣ меоянд, амали бархӯрди ду ашё барҷаста ифода мегардад: *Оташ **дар дукон задам** ва рӯй ба дарвоза равон шудам [341; 210]. Махрама асои худ бикашиду ба қуввати тамом **бар фарқи Усмон зад**, чунон ки сари ӯ бишикаст [338; 24]. Ва паҳлавон даст **дар он панҷара зада**, худро муҳкам сохт [336; 657]. Ҷамоъати мастон ӯро дар лат кашиданд ва сари ӯро шикаста, ду даст **дар қафо баста**, чандонаш заданд [336; 413]. Дид, яке аз ҳозирон, ки бо вай нисбати хешӣ дошт, ҷоми зарин **дар бағал ниҳод** [329; 47]. Ва намади ӯро бистадам ва остинашро бурида **дар сар ниҳодам** [341; 210].*

**в) Муносибати пуркунандагӣ бо тобиши сабабу мақсад**. Ҷузъи асосӣ аз феълҳои гуногунмаъно таркиб ёфта, исмҳои шахс ва предметҷонишинҳо чун ҷузъи тобеъ воқеъ мегарданд: *Баъд аз он ба дарди шикам бимирӣ ва чун туро **дар қабр ниҳанду** сад хирвор хок бар болои ту резанд [338; 151]. Эй азизон, маро **дар ин гиря**ву изтироб **маъзур доред** [336; 710].*

Ифодаи муносибати пуркунандагӣ бо тобиши адресат дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» [17] зикр нагардидааст, ғолибан аз он ки ин муносибати маъноиро бештар пешоянди **ба** ба уҳда дорад. Р. Ғаффоров муътақид аст, ки «ифодаи сӯйи амал бо пешоянди **дар** дар забони адабии пешина хос буд» [24, 112], ки мо ба ин ақида мувофиқем.

Ба сифати ҷузъи асосӣ бештар феъли **нигоҳ кардан** ва чун ҷузъи тобеъ исмҳои моддӣ ва предметҷонишинҳо сурат гирифтаанд: *Халифа хотами ӯро талабиду **дар нақши он нигарист** [338; 199]. Аспсавор аз дарвозаи дар меомад ва берун мерафт ва **дар мурдаҳо нигоҳ мекард** [336; 1213]. Лаҳзае гузашт, шахсе дари гармхонаро гушод ва **дар мо нигоҳе кард** [336; 1023].*

**г) Ифодаи муносибати пуркунандагӣ бо тобиши таъинот**. Дар як гурӯҳи ибораҳо, ки бо пешоянди **дар** сурат гирифтаанд, муносибати

пуркунандагӣ бо тобиши таъинот ифода гардидаст. Чунин иборахо дар насри давраи таҳқиқшаванда камистеъмол буда, миқдори муайянро ташкил менамоянд. Дар ин ќабил иборахо феълҳои гуфтору нутқ ба сифати ҷузъи асосӣ омада, исмҳои маънӣ ва узви инсон чун ҷузъи тобеъ воқеъ мегарданд: *Эшон **дар якдигар нигаристанду** ҳар як ба дигаре ҳавола карданд [338; 159]. Мавлоно Қатилӣ, ки афзали фузалои Ироқу Хуросон буд, **дар гӯши фақир гуфт** [336; 59].*

**ғ) Ифодаи муносибати пуркунандагии муҳокима, шуғл, аломат**. Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои гуногун ва чун ҷузъи тобеъ исмҳои ифодагари амалу ҳолат, номи шуғл омадаанд. Ин қабил иборахо дар «Туҳфаи Сомӣ» ба таври фаровон ба кор рафтааст: *Мусавӣ аст ва **дар авоили ҳол** ба талаби илм **машѓул буд**, аммо ошиқӣ ӯро аз он кор баровард [73]. Падараш косагар буда, худ низ **дар авоил бад-он шуғл машѓулӣ мекард** [74].*

Дар сарчашмаҳои дигари осори давраи таҳќиќ чунин муносибати наҳвиро ифода кардани пешоянди **дар** вомехӯрад: *...**дар таърифи шароб гуфта** [336; 728]. ...**дар беаќлӣ** худро **бар чароѓ дошт**[346; 89]. Ќуръонро **дар оҳанге мехонд** [338; 170].*

**д) Ифодаи муносибати пуркунандагии восита ва тарзи иҷрои амал.**

Дар насри давраи таҳқиқшаванда иборахои феълие, ки муносибати пуркунандагии восита ва тарзи иҷрои амалро мефаҳмонанд, серистеъмоланд. Пешоянди **дар** чун муродифи пешоянди **бо** дар ифодаи муносибати восита ва тарзи иҷрои амал зиёд истифода шудааст. Дар иборахои зерин феъли **печида** ба маънои феъли бавоситаи **печонидан** корбаст шудааст: *Баъд аз чанд рӯз ӯро **дар бӯриё печида** сӯханд [341; 31]. Валлоҳ, агар тамоми дунё **дар жандаи ӯ печида** будӣ, кирои гиристан накардӣ [338; 31]. Онҳоро **дар когази** ҳарири Багдодӣ **печида** [336; 391].*

*Ороста беруни сарое дидем,*

***Дар мадҳи худованди** саро **печидем** [329; 118].*

## 2. 3. Ибораҳои феълӣ бо пешоянди аз.

Дар доираи ибораҳои феълӣ пешоянди **аз** яке аз воситаҳои сермаъно ва серистифодаи забони тоҷикӣ мебошад. Н. Д. Ѓарибова сермаъно будани пешоянди мазкурро таъкид кардааст [162; 4].

Л. П. Смирнова дар Язык «Та'рихи Систан» ба зиёда аз 7 тобиши маъноии ин пешоянд ишора кардааст [273; 72].

М. Н. Қосимова маънои зиёди грамматикӣ доштани пешоянди **аз**-ро дар насри асри XI қайд кардааст [50; 24].

Г. Камолова дар забони «Маҷмўъ-ут-таворих» доир ба тобишҳои маъноии пешоянди **аз** маълумот дода, ќайд мекунад, ки ин пешоянд дар асар тобишҳои сарчашмаи оѓози амал, объекти муҳокима ва фикр, аз як ҳолат ба ҳолати дигар гузаштан, аз ҷойе гузаштан ва омадан, муќоиса, ифодаи ҷузъ ва кулл, аз маводе сохта шудани ашё ва сабабро ифода кардааст [44; 71-72].

А. Алиев муътақид бар он аст, ки дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ пешоянди **аз** барои ифодаи муносибатҳои гуногуни ҳолӣ: масоҳавӣ, макониӣ, сабабӣ, пуркунандагӣ ва муайянкунандагӣ хизмат кардааст [5; 70].

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик тобишҳои зиёди маъноро ифода кардани пешоянди **аз** қайд шудааст [17; 228; 248; 63; 24; 122].

Р. Л. Неменова дар асари «Предлоги в таджикском языке» зикр кардааст, ки вобаста ба маънои луғавии исму феълҳо ин пешоянд муносибатҳои ҳолии масоҳавӣ, самти амал аз дохил ба берун, сарчашмаи амал ва ғайраро ифода кардааст [228; 9-11].

Дар насри давраи таҳқиқ низ дар таркиби ибораҳои феълӣ доираи истифода ва вазифаҳои грамматикии пешоянди **аз** васеъ буда, дар ифодаи муносибатҳои гуногуни ҳолӣ ва пуркунандагӣ корбаст шудааст.

1) **Ифодаи муносибати ҳолӣ.** Пешоянди **аз** дар доираи муносибати ҳолӣ тобишҳои зайли маъноӣ зоҳир кардааст.

**а) Ифодаи муносибати ҳолии масоҳавӣ**. Дар насри ин давра ибораҳое, ки бо пешоянди **аз** муносибати масоҳавиро мефаҳмонанд, ҷузъи

асосиашон аз феълҳои ҳаракати **омадан, гаштан, рафтан, овардан** таркиб ёфтааст. Дар ин қабил ибораҳо феълҳои ҳаракат чун ҷузъи асосии ибораҳо серистеъмоланд: *Охир **аз он ҷо** ба Ироқи Аҷам **омада**, дар Кошон иқомат фармуда [341; 109]. Марде **аз ҳаҷ боз омада** буд [338; 268]. Фақир рафта **аз корвонсаро боқиро оварда,** ба баззоз фурӯхтам [336; 978].*

Исмҳои топонимӣ ва дорои мафҳуми макони навъи Туркистон, Ғазнин, Самарқанд, Озарбойҷон, Ҳиндустон, Бухоро, Нишопур, Қаршӣ дар забони насри ин давра ба сифати ҷузъи тобеъ серистеъмоланд. Муносибати масоҳавӣ, бо исмҳои макон ва ё предметҳои ифодагари макони нисбӣ омада, ҷой, мавқеъ ва сарчашмаи маконеро нишон медиҳад, ки амалу ҳаракат аз он мавқеъ шурӯъ шудааст ё амали роҳу самти ҳаракатро ифода менамоянд: *Ва дар баъзе таворих чунон мазкур аст, ки Наср бинни Аҳмад **аз Бухоро омад** [329; 104]. Шахсе гуфт: он ҷавонро Мақсуди Хаммор мегӯянд, ки дар ин рӯзҳо **аз Шаҳрисабз омада** [336; 196]. Хоҷа кас фиристод, то Саййидро банди гарон бар пой ниҳода, **аз Сабзавор** ба Ҳирот **овардaнд** [338; 14].*

Феъли **фикандан** дар таркиби ибораҳои феълӣ ба сифати ҷузъи асосӣ серистеъмол буда, макони содиршавии амалро ифода мекунад: *Ҷиҳози зоти алвоҳи сафоинро **аз кӯҳи кӯҳон фиканда,** бо сорбонони ҳамл ҳамла меовардaнд [336; 36].*

*Аз сифла ними макрамат уммед доштан,*

*Киштӣ **ба мавҷи луҷҷаи ҳирмон фикандан** аст [329; 155].*

Феълҳои ёридиҳандаи **берун рафтан, берун кардан** дар таркиби ибораҳои феълӣ ба сифати ҷузъи асосӣ равон шудани амалро аз дохил ба берун ифода мекунанд: *Ман ба муҳимме **аз хайма берун рафтам** [338; 14]. Алассабоҳ, ки султони қалъаи чаҳорум сар **аз кунгураи** уфуқ **берун кард** [341; 58]. Чанд навбат баъзе абётро баъд аз итмом писанд накарда **аз он ҷо берун карда** [341; 174]. Чун подшоҳи Ҳабаша Сайфзиязанро, ки подшоҳи Яман буд, **аз Яман берун кард** [338; 62].*

Дар як қабил ибораҳои феълии насри ин давра ҷузъи тобеъ пас аз ҷузъи асосӣ-феъл низ омадааст. Дар як ҳолат воситаи грамматикии алоқаи наҳвиро

/пешоянди **аз**/ ҷузъи тобеъкунанда-муайяншаванда қабул мекунаду дар препозится меистад ва дар ҳолати дигар алоқаи наҳвиро /алоқаи ҳамроҳӣ/ ҷузъи тобеъшаванда қабул карда, он ҳам дар препозитсия меистад, зеро ин хусусияти хоси алоқаи пешояндист: *Эшон* ***бахилӣ мекунад дар мадҳ*** *ва* ***ҷавонмардӣ мекунад дар ҳаҷв*** *[336; 217]. Марде зариф* ***ба деҳе расид аз вилояти Ғур*** *[338; 239]. Чун Фирдавсӣ* ***аз Ғазнин рафт ба Ҳарӣ*** *[336; 467].*

Пешоянди **аз** барои ташкили ҳоли макон дар забони адабии ҳозираи тоҷик мақоми хосса дорад. Тамоми муҳаққиқоне, ки оид ба ҳол ва хелҳои ҳол таҳқиқот ба анҷом расонидаанд, ҳамин ҷиҳати онро қайд кардаанд. Ин пешоянд дар ифодаи муносибати ҳолии макони хосса чи дар забони насри адабиёти классикӣ ва чи забони адабии ҳозираи тоҷик низ нақши асосӣ мебозад. Пешоянди **аз** бо маънои макони хосса дар шеваҳои забони тоҷикӣ низ фаровон ба назар мерасад. Дар ин бобат чунин мулоҳизаи Раззоқ Ғаффоров қобили диққат аст: «Пешоянди **ай // аз** дар ташкили ҳоли макони хосса дар таркиби ибораҳое, ки аз калима ва ибораҳои **боло, поён, ису, усу, берун, дарун, дур, наздик, ин тараф, ун тараф** ва ғайра ҷузъҳои ҳатмӣ доранд, бештар истифода мешаванд. Калима ва ибораҳои мазкур дар ин маврид ба сифати як навъ воситаи алоқа байни исм ва феъл-хабар воқеъ шуда боиси ташаккули ибораҳои феълӣ мегарданд» [24; 137].

Дар осори давраи мавриди таҳқиқ, махсусан дар забони «Латиф-ут-тавоиф» ибораҳои феълӣ бо пешоянди **аз** дар ифодаи маънои макони хосса серистеъмол аст: *Нуаймон даромаду дасти ӯ бигрифт ва* ***аз масҷид берун овард*** *[22].Шахсе* ***аз боме бияфтод*** *ва бар гардани Мавлоно омад [129]. Бар ин шарт қарор доданд ва султон бо ҷамъе аз муқаррабон* ***аз шаҳр берун омада****, рӯй дар саҳро ниҳоданд [129].Нуаймон аз ҷойи худ бархосту пеши Махрама омад [23].*

Дар забони насри ин давра барои ифодаи муносибати макон ба сифати ҷузъи тобеъ ҷонишинҳое, ки исмҳои маконро ишора мекунанд, истифода шудаанд. Ҷонишини саволии **куҷо** дар ин вазифа нисбатан серистеъмол аст. Чунин навъи ибораҳо хоси услуби Восифӣ буда, дар дигар сарчашмаҳои

давраи таҳқиқ кам дучор омад: *Эй фалон,* ***аз куҷо меоӣ*** *ва хабар чӣ дорӣ [360]. Эй мард, ту қайи мори аъфиро* ***аз куҷо овардаӣ****? [804].*

Тобеъкунанда метавонад аз ҷонишинҳои шахсӣ иборат бошад*:* ***Аз вай даргузашта*** *ба ҷӯйи обе расидам [336; 1064].* ***Аз вай бигурехт*** *ва Солеҳ баъд аз он бифармуд, то бад-он шакл оҳан сохтанд [346; 223].*

Ҳамчун ҷузъи тобеъ дар насри ин давра баъзе зарфҳои макон ҳам истифода шудаанд: *Камина* ***аз қафо омада…****[341; 169]…****аз дарун*** *овозе* ***шунидан*** *[336; 818].*

Муносибати маъноии калимаҳои алоқамандшуда ба маънои луғавии калимаи асосӣ ва ҷузъи тобеъ вобаста аст. Агар ба сифати ҷузъи тобеъ исмҳои ифодагари макони нисбӣ оянд, дар ибораи бо пешоянди **аз** ташаккулёфта муносибати масоҳавӣ бо тобиши маънои объект мушоҳида мешавад. Дар забон насри ин давра мисолҳоеро пайдо кардан мумкин аст, ки ин муносибати наҳвиро ба таври барҷаста ифода кардаанд: *Шамшерро* ***аз ғилоф берун кашид*** *[336; 813]. Ва танобе аз миён боз карду дар гардани қозӣ афканд ва хост, ки ӯро* ***аз минбар фурӯ кашад*** *[338; 280]. Искандар дар ғазаб шуду бифармуд, то ӯро* ***аз он асп фурӯ кашиданд*** *[338; 280]. Бибӣ устураи тез* ***аз остин баровард*** *[336; 773]. …ҷамоати хуниёни хуношому муддаиёни дурушти нофарҷом маро* ***аз зиндон баровардa****, банд карда, ба пеши Сулаймоншоҳ оварданду аз вай талаби ҳукм ба куштани ман карданд [336; 755].*

Амали замони гузашта ба маънои феълҳо вобастааст, ки онҳо табиатан давомнокии амалро ифода мекунанд, ба ин гурӯҳ феълҳои **ниҳодан, намудан, донистан, доштан, гузаштан афтодан**, **кандан**, **гардидан** дохил мешаванд: *Гадоеро харитаи орде* ***аз остини жанда афтода*** *ва гум шуда буду ӯ мегирист [338; 31]. Шахсе* ***аз боме бияфтод*** *ва бар гардани Мавлоно омад [338; 129]. Дар роҳи Кӯҳдистон* ***аз асп афтода*** *ва он духтар корде ба даст гирифта [336; 1131]. Шоҳ Қосим* ***аз мо ғоиб гардид*** *[336; 527]. Ту он меваро* ***аз дарахт канда будӣ*** *ё аз замин бардошта будӣ? [336; 768].*

Феъли ёридиҳандаи **кандан** дар насри давраи таҳқиқ дар шакли сохта **баркандан** низ мустаъмал аст: *Сари ӯро **аз тан барканда** ва болҳои ӯро дарҳам печида дар даруни дег афганад [336; 873].*

Муносибати масоҳавӣ дар ин гурӯҳи иборахо ба воситаи ҷузъи асосӣ ва тобиши маънои объект ба туфайли ҷузъи тобеъ сурат мегирад. Баъзе феълҳо, аз қабили **берун омадан**, **афтодан, гузаштан, даромадан, баровардан** макони содиршавии худро талаб мекунанд ва ин макон бо пешоянди **аз** дар алоқаи ҳатмии устувор ба ҷузъи асосӣ тобеъ мегардад: *Дид, ки ридо **аз дӯши муборакаш афтода** ва як ҷониби ӯ хоколуд шуда [338; 9]. Ва баъзеҳоро арра бар сар ниҳода, дуним месохтанд ва баъзеро **аз бағал овехта** санг бар по баста аз миён қалам мекарданд [336; 618]. Одилшоҳ ҷоми зарин **аз таркаш баровaрда**, дар зери он дошт, то замоне, ки пури об шуд [336; 753].*

Агар тобеъкунанда феъли гузаранда бошад, алоқа бо пешоянди **аз** нисбатан ғайриҳатмӣ буда, барои равшанӣ ва возеҳи баён зикри таркиби пешоянди **аз** лозим меояду бас: *Ҷамъе кӯронро дид, ки мехостанд **аз об бигзаранд** [338; 241]. Амир Наҷми Сонӣ бо ҳаштод ҳазор қизилбоши авбош **аз оби Ому гузашта** [336; 156].*

Дар осори сарчашмаҳои хаттии ин давра муносибати масоҳавӣ инчунин дар иборахое дучор гардид, ки ҷузъи асосӣ феълҳои ҳаракат буда, исмҳои амал ба сифати ҷузъи тобеъ сурат мегиранд. Чун ҷузъи тобеъ, асосан, исмҳои навъи ҷомеъи **маҷлис, маърака, хидмат, мулозимат, тӯй** ва амсоли инҳо омадаанд.

Зарфи **берун** дар таркиби ҷузъи асосӣ доираи фарохи истеъмол дорад. Зарфи **берун** дар асл исм аст. Вале дар забони тоҷикӣ ба гурӯҳи зарф гузаштааст. Ин зарф ҳангоми бо пешоянди **аз** омадан хусусияти исмӣ низ намоён мекунад. Зарфи **берун** ба мафҳуми макон алоқаманд аст, бо исмҳои ифодакунандаи макон омада, макони самти равиши амалро аз дохил ба берун мефаҳмонад: *Ва чун **аз ҳаммом берун омад**, бист ҳазор дирам ба ҳаммомӣ дод [336; 108]. Бидон, ки фақр ҷавҳарест, ки **аз кони** вилоят **берун омада** [346; 47]. Ӯ аз ҷумлаи хулафои номии нурбахшия аст ва дар ҷавонӣ **аз он ҷо***

***берун омада*** *ва дар Шероз раҳли иқомат андохтааст [341; 133]. Ман ба муҳимме* ***аз хайма берун рафтам****[338; 14].*

Шакли **берун овардан** низ дар таркиби ибораҳои феълии ин гурӯҳ ба таври фаровон вомехӯрад: *Баъд аз фароғ он шахс ҳашт дирам* ***аз киса берун оварду*** *яке се қурс [338; 26]. Ӯро* ***аз Машҳад берун оварда*** *[336; 1083]. Ин мариз дид, ки море* ***аз он ҷо берун оварду*** *бар гирди хона сайр намудан гирифт [336; 338].*

Дар осори хаттии ин давра чи тавре ки дар боло ишора рафт, ҳолати ҷузъи асосии ибораи феълӣ метавонад пеш аз калимаи тобеъшаванда воқеъ гардад: *Ҳамеша бар аҳли маҳаллаи худ собиқам* ***дар берун омадан аз масҷид,*** *зеро ки ман ҳамеша мутааххири эшонам дар дарун шудан ба масҷид [338; 246].*

Ҳамчун ҷузъи тобеъ дар таркиби ин ќабил ибораҳо зарфи **ҷой** ҳам серистеъмол аст: *Аштар* ***аз ҷой бархосту*** *истиқбол кард ва салом гуфту даст бӯсид [329; 74]. Нуаймон* ***аз ҷойи худ бархосту*** *пеши Махрама омад [338; 23]. Зарифе* ***аз ҷой бархосту*** *чароѓ бардошт ва маҷлисро барҳам зад [336; 228]. Темур* ***аз ҷой бархоста*** *мир ӯро дар канор гирифт [334; 24].*

Дар як гурӯҳ ибораҳо тобиши пуркунандагӣ пурзӯр шуда, чун муносибати асосии алоқаи ҷузъҳо зоҳир мегардад. Феъли **бардоштан** ба сифати ҷузъи асосӣ сермаҳсул аст. Ибора бо феъли **бардоштан** амали ҳаракат ба болоро ифода кардааст: *Вай доман* ***аз мӯза бардошт****, ки ин низ аз он аст [329; 48]. Аммо чун Иброҳим овози ѓайб шунид, корд* ***аз ҳалқи Исмоил бардошт*** *[346: 61]. Яке аз ҳозирон* ***аз он пораи санг бардошт*** *[338; 98]. Филҳол занҷир* ***аз пойи ман бардоштанд*** *[336; 1103].*

Дар забони насри давраи таҳќиќ муносибати масоҳавӣ инчунин дар ибораҳое мушоҳида гардид, ки ҷузъи асосӣ феълҳои ҳаракат ва ҷузъи тобеъ бо исми амал ифода шудаанд. Чун ҷузъи тобеъ, исмҳои навъи **масҷид, маҷлис, маърака, хидмат, мулозимат, тӯй** ва ѓайра исифода гардидаанд: *Нуаймон даромаду дасти ӯ бигрифт ва* ***аз масҷид берун овард*** *[336; 22].* ***Аз маҷлиси*** *Мирзо ҳар ду* ***берун омаданд*** *[336;639]. Он кас* ***аз маърака берун***

***рафта**, мутаваҷчеҳи гирифтани Мирзо шуд [336;1174]. ...**аз мулозимат баргашт** [336;552].*

Дар сарчашмаҳои хаттии давраи мавриди назар, махсусан, дар забони «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ҷузъи тобеъ баъзан дар байни ҷузъи асосӣ, ки бо феълҳои таркибии номӣ ифода шудааст, омадааст: *Чун ин амрест ѓайримуътад якбор **даст аз даҳон бардоштам**[1069]. Алассабоҳ, ки хусрави ховар сар **аз даричаи машриқ баровард** [1174].*

Яке аз хусусияти хоси ибораҳои феълии насри ин давра он аст, ки пешоянди **аз** имконияти муродифшавӣ бо пешоянди **бо**-ро дорад. Муродиф шудани пешоянди **аз** ва **бо** дар забони тоҷикӣ ҳодисаи дерина аст. Он ҳанӯз дар забони насри асри XI мушоҳида мешавад [273; 96].

Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои ҳаракат омада, исмҳои ифодакунандаи мафҳуми номи маҳал чун ҷузъи тобеъ воқеъ мегарданд. Пешоянди **аз** дар яке аз вазифаҳои пешоянди **бо** роҳи самти ҳаракатро нишон додааст: *Бояд ки **аз роҳи Бағдод равӣ** ва Ҷунайдро зиёрат кунӣ [336; 790]. **Аз роҳи Ҳиндустон** ба зиёрати Каъба ... **мутаваҷҷеҳ шавем** [336; 379].*

Дар як гурӯҳ ибораҳои феълӣ пешоянди **аз** бо пешояндҳои **ба, то, то ба, бар** якҷоя омада, муносибати масоҳавиро ифода кардааст. «Пешоянди **аз** дар якҷоягӣ бо пешояндҳои аслии **то** ва **ба** ва гурӯҳи алоҳидаи исмҳо ибораҳое месозад, ки аз бобати сохту маъно мураккабанд. Ин ибораҳои мураккаб аз рӯйи сохту маъно навъи алоҳидаро ташкил мекунанд ва дар сохтани онҳо пешояндҳои ҷуфти **аз..то, аз…то ба, аз**…**ба** иштирок мекунанд» [17; 92]. Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои амалу ҳаракат ва чун ҷузъи тобеъ исмҳои макон бештар истифода шудаанд. Пешоянди **аз** бо пешоянди **ба** дар ибораҳое меояд, ки сар шудан ва равона гардидани амалро дар масоҳат нишон медиҳанд. Ибораҳое, ки бо ҷуфти пешояндҳои **аз…ба** сурат гирифтаанд, дар дохили ин навъи ибораҳо муносибати макони оғозу интиҳои равон гардидани амалро хеле рӯшан ифода менамоянд ва оид ба иборабандии ҷуфти пешояндҳо дар як қатор асару рисолаҳо ишораву қайдҳо оварда шудаанд [17, 92; 228, 8; 63, 67; 19, 91].

Дар «Чаҳор гулзор» Хоҷа Ҳасани Нисорӣ оид ба ин навъи пешоянд чунин нукта зикр ёфтааст: «…баъди **то** -и интиҳо қабли исм ё феъл билфатҳ воқеъ мешавад, бекор бошад. Чунончи, «Аз Машриқ то ба Мағриб» ва «Аз Рум то ба Ҳинд» [345; 22].

Дар ҷумлаҳои боло, ба фикри мо, пешояндҳои **аз** ва **то ба** ба таври ҷуфт **аз…то ба** омада, пешоянди **аз** ибтидои амал ва пешоянди **то ба** маънои интиҳои амалро ифода кардааст. Илова бар ин, ҳиссаи **то ба** ба интиҳои самти иҷрои амал тобиши маънои таъкидӣ мебахшад.

Роҷеъ ба ҷуфти пешояндҳои **аз…ба** дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» таъкид шудааст: «Агар пешоянди **аз** бо пешоянди **ба** дар шакли ҷуфт истифода шаванд, ибора шаклу маънои мураккаб пайдо мекунад. Ибора бо пешоянди **аз** ибтидо ва бо пешоянди **ба** интиҳои амалро мефаҳмонад» [17; 109].

Ибораҳои феълие, ки бо ҷуфти пешояндии **аз…ба** ташкил меёбанд, дар забони насри асрҳои XV-XVI истеъмоли фаровон доранд. Ибораҳои мазкур сарчашмаи оғоз шудану равон гардидани амалро дар масоҳат нишон медиҳанд: *Пойи пиёда **аз Табас ба Ироқ омада**, ҷиҳати муҳимсозӣ ва бо умарову вузаро ва ӯрдуи муалло ба ҷиҳати ибром ошно шуд [341; 310]. Дар он замон ҷавоне соҳибҷамол ва шоирпешаву зариф **аз Кобул ба Самарқанд омада** буд [338; 175]. Пас тан ба фармони қазо дода ва гардан ба ҳукми қадар ниҳода, **аз қалъа ба зер омада** [334;15]. Абдулло гирён-гирён **аз хонаи вай берун омада** ва наздики Муҳаммад Аслам рафт [347; 179]. Уштури ман маро дар як шаб **аз Марв ба Нишопур расонид** [346; 247].*

Ин гурӯҳи ибораҳо, махсусан, дар забони «Бадоеъ-ул-вақоеъ» доираи фарохи истеъмол доранд. Аксари ҷузъи асосии ин навъи ибораҳо эзоҳдиҳанда қабул менамоянд. Хусусан, топонимҳо, исмҳои ифодакунандаи номҳои маҳал дар таркиби ин гурӯҳи ибораҳо ба сифати ҷузъи тобеъ серистеъмол аст: *Шайхзода Ансорӣ мефармуд, ки Ҳофиз Ғиёсиддин **аз вилояти Озарбойҷон ба вилояти Хуросон омад** [626]. Вай **аз Нишопур ба Ҳирот омада** [1160]. **Аз Ҳарӣ ба Тӯс омад** ва «Шоҳнома»-ро гирифта, ба*

*Табаристон рафт [640]. Охир* ***аз Ироқ ба Хуросон рафт*** *ва аз он ҷо мутаваҷҷеҳи Ҳинд шуд [341;190].*

Шаклҳои феълӣ, махсусан шаклҳои тасрифшаванда, аз ҷиҳати миќдор, маъно ва вазифаи грамматикӣ дар сохти ибораҳои феълии забони насри асрҳои XV-XVI мавќеи калонро ишѓол мекунанд: *Мирзо Манучеҳр ҷавоне соҳибҷамол ва хуштабъ аз авлоди амир Темур* ***аз шаҳр ба хиёбон мерафт*** *[338; 200]. Хоҷа кас фиристод, то Саййидро банди гарон бар пой ниҳода,* ***аз Сабзавор ба Ҳирот овардананд*** *[338; 194]. Пас мункир дасти муддаӣ гирифта, аз маҳкама ба хона овард [338; 134].*

Дар ин ќабил ибораҳо пешоянди **аз … ба** маънои макони амалро аз поён ба боло, фавќ, баландӣ ифода кардааст: *Рӯзи ҷумъа баъд* ***аз намоз ба минбар баромад*** *[338; 294].*

Дар як ќабил ибораҳои феълии насри ин давра равон шудани макони амал аз боло ба поён ифода гардидааст: *Оқибат ба залозили қаҳр ва навозили даҳр* ***аз он кӯҳ ба зер хоҳанд афтод*** *[329; 46].* ***…аз болохона ба кӯча фуруд омадем*** *[329; 46]. Ва Алӣ баъд аз қироат* ***аз минбар ба зер омад*** *[294; 91].*

Пешоянди **аз** бо пешоянди **ба** дар ибораҳое меояд, ки сар шуданд, равон гардидани амалро дар масоҳат нишон медиҳанд: *Яке аз аҳли Басра ҳикоят кардааст, ки* ***аз Басра*** *сафар кардам ва* ***ба деҳе расидам*** *[338; 284]. Чун Хоҷа Ҳусейн* ***аз вилояти Туркистон ба вилояти Хуросон ташриф овард*** *[336; 1121].*

Дар ташаккули ибораҳои феълие, ки бо пешоянди **аз…то** сурат мегиранд, бештар исмҳои макону амал ва ифодагари номи ашё ба сифати ҷузъи тобеъ омада, феълҳои амалу ҳаракату ҳолат чун ҷузъи асосӣ воқеъ мегарданд. Дар ин ибораҳо муносибати пуркунандагӣ бо тобиши ибтидою интиҳои дараҷа ифода меёбанд: *Вусъати мулкаш* ***аз Қандаҳор то Бангола****, ки аз ақсои мамолики Ҳинд аст,* ***расид*** *[341; 59]. Хатое аз ӯ дар вуҷуд омадааст, ки* ***аз Машриқ то Маѓриб*** *аз он* ***пур шудааст*** *[338; 100]. Дар он асно маркаби мӯбад, ки шаб алафи бисёр хӯрда буд, ба дафъи зайл қавоими худро* ***аз дум то сум биёлуд*** *[338; 142].*

Ҷузъи тобеи чунин иборахо, ки мафҳуми масоҳати васеъ ва умумиро далолат мекунанд, аксаран, бо калимаҳои равшангари маъно тавзеҳ ёфтаанд: *Фузалои оламро **аз дари Рум то ақсои Ҳинд**…**иҳонат мерасонед**? [338; 963]. **Аз Ҳинд то ѓояти Рум…сайр кардем** [336; 345]. ..ҷавонмардӣ ва мурувваташ **аз Ќоф то ба Ќоф фурӯ гирифта** [346; 169].*

Пешоянди **аз** якҷоя бо пешоянди **то ба** дар насри асрҳои XV-XVI, асосан, дар ифодаи муносибати макон истифода шудаанд ва ҳиссаи **то ба** ба интиҳои макон таъкид мебахшад: *Дар Ҳирот касби камол карда буд ва ба тариқи саёҳат аз он ҷо ба Ироқ ва **аз Ироқ то ба Шарвон афтода** [341; 144].. **… аз Моҳ то ба моҳист** [336; 341].. **… аз Қоф то ба Қоф рафта** буд [336; 756]. …**аз маѓриб то ба машриқ иҳонат мерасонад** [336; 1328]. ….**аз масчиди ҷомеъ то ба он ҷо расидам** [336; 1012]. …васияти ҷавонмардӣ ва мурувваташ **аз Ќоф то ба Ќоф фурӯ гирифта** [347; 169].*

Истифодаи пешоянди **аз** якҷоя бо пешоянди **бар**, **аз…бар** дар забони насри ин давра маҳдуд аст: *Ва аз ин хона бад-он хона ва **аз ин бом бар он бом мегурезӣ**? [329; 256]. Нардбоне бибару **аз роҳи бом** нимаи шаб **бар Ҳодӣ дарой** [336; 46]. **… аз осмон бар замин омадӣ** [336; 23]. Мир **аз ханда бар замин афтид** [336; 561]. **Аз хазинадор ҳазор мисќол** зари сурх бигиру **бар он афзой** [338; 68].*

Пешоянди **аз** бо иборахое низ омадааст, ки ҷузъи асосӣ исми шахс ва ҷузъи тобеъ исми макон буда, ба маконе мансуб будани исмеро фаҳмонидааст. Дар ин гуна иборахо муносибати масоҳавӣ –муайянкунандагӣ ифода ёфтааст: *Чун ин қитъа ба Убайди Зоконӣ расид, барои тааррузи Салмон **аз Қазвин ба Баѓдод рафт** [338; 166]. Кисро аз ин таъбир мутағаййир шуду **аз оламе ба оламе рафт** [338; 228].*

Ҷузъи тобеи ин қабил иборахо, ки мафҳуми масоҳати васеъ ва умумиро нишон медиҳанд, одатан бо калимаи таъингари ҳадди муайян ва ё бо калимаҳои равшангари маъно тавзеҳ ёфтаанд: ***Аз дари Рум то аќсои Ҳинд** …**иҳонат мерасонед** [338;319]. Устухони пушт ва синаи ӯ **аз ҷо рафта***

*[336; 1262]. Сулаймон ибни Абдумалик* ***аз тоъун гурехт*** *[338; 53]. Девонае дар шаҳри Бағдод* ***аз кӯдакон мегурехт*** *[338;319].*

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик бо таъсири забони гуфтугӯӣ дар ин қолаби иборахо якҷоя бо пешоянди **аз** пасоянди номии **гирифта** низ омадааст, ки аз рӯйи асолати забони классикӣ зарурате надорад [35; 70; 149].

**б) Ифодаи муносибати ҳолии замон**. Пешоянди аслии **аз** дар забони тоҷикӣ барои ифодаи маънои замон серистеъмол ва сермаъно аст. Чунин тобиши маъноро ифода кардани пешоянди **аз** дар асарҳои доир ба забони тоҷикӣ низ ќайд ёфтааст [71; 248; 228; 63 ва диг.]. Дар таркиби ибораҳои феълӣ пешоянди **аз** дар насри сарчашмаҳои давраи таҳқиқ дар ифодаи замони вуқӯъи амал серистеъмол аст. Маълум аст, ки пешоянди **аз** худ маънои замонӣ надорад [63; 60]. Маънои замонӣ ба туфайли ҷузъи тобеъ, ки бештар бо исмҳои мафҳуми замон дошта, аз қабили шаб, рӯз, аввал, давраи синну сол ва амсоли инҳо сурат мегирад.

Ибораҳои феълии бо пешоянди **аз**, ки ҷузъи тобеъашон аз исмҳои замон таркиб ёфтаанд, амалеро ифода мекунанд, ки ибтидои он ба ягон муддати вақти муайян рост меояд: *Султонмуҳаммад ...* ***аз шашмоҳагӣ бар арикаи салтанат хоҳад монд*** *[336; 7]. Чун шаш моҳ* ***аз замони шоҳ Исмоил гузашт****, шабе ҷамъе ёрон дар бандахонаи фақир буданд [336; 1072]. Бародари Амир Зайнулобиддин Амир Алиасѓар  фармуданд, ки* ***аз ин таърих ду моҳ шуд*** *[336; 1091].*

Агар ҷузъи тобеи ибораҳои феълии бо пешоянди **аз** исми мафҳуми умумии вақт бошад, ибора аз рӯйи сохт мураккаб буда, эзоҳдиҳандаҳо, асосан, ҷонишинҳои ишоратӣ мебошанд ва унсури ҳатмии ибораҳои феълӣ ба шумор мераванд. Ба сифати ҷузъи асосии иборахо феълҳои ифодакунандаи амалу ҳаракат воқеъ мегарданд: *Чун аз ин қисса* ***чанд рӯзе мегузашт****, Махрима ва Нуаймон дар масҷид буданд [338; 23].  Махдумо,* ***аз он вақт****, ки шумо ба ин шаҳр ташриф овардед, зикри маҳомиду фазоили шумо* ***дар афвоҳи хавоссу авом афтода*** *[336; 96]. Хабар дар шаҳр афтод, ки* ***аз рӯзи растохез хабар медод*** *[336; 1207]. Машҳур аст,* ***ки аз гузашти***

***Ҳазрати Юсуф*** *ба ҳусну латофати вай ҳеҷ кас* ***нишон намедиҳад*** *[336; 649].*

Дар иборахои феълии забони насри ин давра пешоянди **аз** дар шакли ҷуфт бо пешоянди **то** дар ифодаи муносибати замонӣ истифода шудааст. Ин қабил иборахои феълӣ аз рӯйи сохт мураккаб мешаванд: ***Аз он вақт …то ғоят*** *ҳеҷ кас* ***аз уҳдаи ҷавоби*** *он камоянбағӣ* ***берун наёмада*** *[336; 135].* ***Аз вақте ки Қуръон нозил шуда****, то ғоят ҳеҷ кас* ***инчунин коре накарда*** *[336; 589].*

Дар ифодаи муносибати замон бо пешояндҳои **аз…то ба** дар насри ин давра, махсусан забони «Бадоеъ-ул-ваќоеъ» як мисол ба назар расид: *…**аз он ваќт то бад-ин ѓоят** касе камони даъвии ӯро* ***накашида*** *[336; 589].*

Дар байни иборахои феълиии бо пешоянди **аз** замони иҷрои амал аз ҷиҳати миќдор таъин карда мешавад. Ин навъи иборахо дар осори давраи таҳќиќ доираи истифодаи маҳдуд доранд, дар онҳо ба сифати ҷузъи асосӣ, аксар феъли ***гузаштан*** истифода мешавад: *Чун* ***аз ин ќисса чанд рӯзе мегузашт****, Махрима ва Нуаймон дар масҷид буданд [338; 23].Ва* ***саду панҷоҳ сол аз умри ӯ гузашта*** *баъд дар охири умр нобино шуда буд [338; 22].*

**в) Ифодаи муносибати ҳолии сабаб**. Пешоянди **аз** дар забони асарҳои таҳќиќшаванда калимаеро дар таркиби иборахои феълӣ тобеъ кунондааст, ки он сарчашмаи ҳиссиёту амалро ифода мекунад. Ҷузъи тобеи ин қабил иборахои феълӣ амалу ҳолатеро ном мебарад, ки он вобаста ба мафҳуме, ки дар ҷузъи тобеи ибора ифода ёфтааст, бавуқӯъ омадааст ё ба вуқӯъ меояд. Дар чунин иборахои феълӣ муносибати сабабӣ бо тобиши объект мушоҳида мегардад: *Аммо чунон маълум мешавад, ки ҳазор байт* ***аз ашъори Риёзин Зовамро дуздида*** *ва ба номи худ карда [341; 83]. Аз ҷумла, ба воситаи ҳасби ҷоҳ ҳукм бар қатли бародарон ва падари бегуноҳ намуда,* ***аз оқибати ваҳим*** *ва мутовиати деви раҷим* ***наяндешид*** *[341; 63].*

Ҷузъи тобеи ин қабил иборахои феълӣ бо исмҳои **куштан, тарс, ҳасад, ханда, рашк, шарм, ҳайбат, ғафлат, ранҷидан** ифода мегардад: *Дар шуҳури санаи исно ва хамсина ва тисъамиа ба дасти* ***яке аз маҷҳулин кушта шуд***

*[341; 66]. Бино бар он хотири ҷамъи аркони давлат ва аъёни ҳазрат* ***аз ӯ ранҷида*** *буд [341; 117]. Дар ҳолате ки подшоҳ* ***аз ҷоми ѓафлат беҳуш афтода*** *буд, ҳукми қатли ӯ ҳосил намуд [341; 58]. Наздик буд, ки ғулом* ***аз тарсу*** *хиҷолат* ***беҳуш гардад*** *[329; 29]. Баъд аз он подшоҳ* ***аз куштани тутӣ пушаймон шуд*** *[341;768].*

Мавриди зикр аст, ки пешоянди **аз** дар забони адабии пешина дар таркиби ҷумлаҳои сода барои нишон додани муносибатҳои наҳвӣ низ истифода мешудааст. К. Қаландаров чунин ақида дорад, ки дар забони адабии пешина бештар дар забони «Гулистон» ҷумлаҳои содае вомехӯранд, ки дар онҳо бо ёрии пешоянди **аз** як предмет ба предмети дигар муқоиса карда мешавад: *Тавонгарӣ* ***ба қаноат беҳ аз бизоат****. Нони худ хӯрдану нишастан* ***беҳ аз камари зарин*** *ба* ***хидмат бастан*** ва ғайра [46; 26].

Таҳлили мисолҳои насри ин давра нишон дод, ки ибораҳои феълие, ки бо пешоянди **аз** маънои муқоисаи як предмет бо предмети дигарро ифода мекунанд, вонахӯрд. Чунин муносибат, яъне муқоисаи як предмет бо предмети дигар, одатан, ба воситаи пешоянди **монанди** сурат гирифтааст. Корбурди пешоянди **монанди** хоси услуби «Бадоеъ-ул-ваќоеъ» буда, дар дигар асарҳои таҳќиќшудаи насри ин давра истеъмоли пешоянди мазкур маҳдудтар аст: *Ҳаво ба мартабае гарм буд, ки тоби ҳарорати Офтоб он ҳилро* ***монанди кӯҳи Тур сиёҳ сохта буд*** *[336; 759]. Дар бозор ҷавоне дидам,* ***монанди офтоби ховарӣ бар саманди ноз дар ҷилвагарӣ*** *[336; 759]. Дар гӯшаи боғ як ғоре буд****, монанди саъбони Мусо даҳон боз карда*** *[336; 288]. Ногоҳ сиёҳие азим ба назараш даромад,* ***монанди манори дудхӯрда*** *аз пой* ***даромада*** *ё худ чанори аз беху бун баромада [336; 815].*

**2) Ифодаи муносибати пуркунандагӣ**. Дар насри асрҳои XV-XV1 пешоянди **аз** чун воситаи алоќаи грамматикӣ дар доираи ибораҳои феълӣ бештар дар ифодаи муносибати пуркунандагӣ истифода шудааст. Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои гуногунмаъно ва чун ҷузъи тобеъ исм ва ҷонишинҳои предметӣ омадаанд. Вобаста ба маънои ҷузъи асосӣ ва ҷузъи тобеи ибораҳои

феълӣ пешоянди мазкур дар доираи муносибати пуркунандагӣ тобишҳои зайли маъноиро сурат додааст.

**а) Ифодаи муносибати пуркунандагии сарчашмаи ба даст овардани маълумот.** Ин қолиби ибораҳо сернавътарин ва серистеъмолтарин гурӯҳи ибораҳои наҳвии забони сарчашмаҳои давраи мавриди назар маҳсуб меёбанд. Тобеъкунанда амалро мефаҳмонад ва ҷузъи тобеъ манбаъ ва сарчашмаи амалро равшан месозад. Ба сифати ҷузъи асосӣ бештар феълҳои навъи **пурсидан, суол фармудан, нақл кардан, навиштан, фиғон бардоштан, дарёфтан, илтимос намудан** (**кардан**) ва чун ҷузъи тобеъ исму ҷонишинҳои шахсӣ истифода шудаанд: *Шахсе* ***аз вай пурсид****, ки ғараз аз ин чист? [341; 63]. Акобир* ***аз шайх Наҷмуддин илтимос карданд****, ки пешнамозӣ кунад [338; 122]. Акнун* ***аз ту илтимос дорам****, ки маро ҳилате омӯзӣ, ки ин занро бихоҳам ва маҳбубаи ман талоқ нашавад [338; 138]. Дар «Кашфулғамма» аз китоби «Насруддурар» нақл карда, ки* ***аз Имом суол карданд*** *[338; 33].*

Агар ҷузъи тобеъ исми ғайришахс бошад, пешоянди **аз** дар хусуси он ашё ё исми амал пурсиш ва маълумот гирифтанро нишон медиҳад: *...аз хона пурсидан [336; 1044].*

**б) Ифодаи муносибати пуркунандагии манбаъ, сарчашмаи амал, муҳокима ва фикр.** Чунин вазифаи грамматикии пешоянди **аз** хеле қадимӣ буда, забоншиносон аз давраи забони миёнаи форсӣ шурӯъ шудани онро қайд кардаанд [162; 3]. Ҷузъи асосӣ бештар бо феълҳои навъи **пурсидан, ҳикоя кардан, ҳикоят шунидан, оят шунидан, нақл кардан** ва ҷузъи тобеъ бо исмҳои гуногунмаъно ва ҷонишинҳои шахсӣ ифода меёбад. Дар ин вазифа пешоянди **аз** бо пешоянди **дар бораи** муродиф аст: ***Аз муаллим пурсид****... [338; 192]. Мансур* ***аз Имом пурсид****... [338; 34].* ***Аз боғбон пурсиданд****... [336; 768]. Амири Араб* ***аз бевафоӣ ва беэътибории дунё ҳикоят мепардохт*** *[336; 363].* ***Аз эшон ҳикоёту назоир шунидан*** *матлаб аст ва латоифи зарофатомез исғо намудан матлуб [336; 604].* ***...аз эшон ҳикоёт****у назоир* ***шунидан*** *матлуб аст [336; 604]. Шиаи мо касест, ки итоати Худо кунад ва* ***аз Сӯфиёни Саврӣ нақл кард*** *[341; 33].*

**в) Ифодаи муносибати пуркунандагии аз маводе сохтани ашё**. Як гурӯҳи ибораҳои ифодакунандаи муносибати пуркунандагӣ, ки бо пешоянди **аз** сурат гирифтааст, аз маводе сохта шудани ашёеро ифода мекунад. Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои **дӯхтан, сохтан** омада**,** исмҳои ифодакунандаи мафҳуми моддӣ ҳамчун ҷузъи тобеъ сурат мегиранд: *Порчае **аз коғаз бисоз**у бар синаи худ часпон [338; 277]. Як ҷониби чоҳро миқдори ҷӯйча то қаъри чоҳ канданд ва ба шакли остине **аз чарм дӯхта**, дар он ҷӯйча ниҳода, муҳкам сохтанд [336; 350].*

**г) Ифодаи муносибати пуркунандагӣ бо тобиши сабаб**. Дар ибораҳои феълии бо пешоянди **аз** муносибати пуркунандагӣ бо тобиши маънои сабабу ҳолат ва вазъият серистеъмоланд. Дар ин гурӯҳи ибораҳо ба сифати ҷузъи тобеъ исмҳои гуногунмаъно, ҷонишинҳои предметӣ ва ба сифати ҷузъи асосӣ бештар феълҳои амалу ҳаракати конкрет истифода мешаванд. Ҳам феълҳои монда ва ҳам феълҳои гузаранда ҷузъи асосии ибора шуда метавонанд: *Мутаваҷҷеҳи ӯ шуд ва ӯ **аз Ҳазрат гурехт**у дар ақиби мардум пинҳон гашт [338; 13]. Ман дар камоли қаллошӣ ва ифлосам ва **аз қарзгоҳ гурехта**, ҷилои ватан шуда, ба ин ҷо омадам [336; 97]. Дар вақте ки ҷаноби шайхулисломи Табрез **аз тарси шоҳ Исмоил гурехта** ба вилояти Хуросон омад [336; 71]. ...**аз ташнагӣ бетоқат гашта** ҳар тараф менигарист [347; 149].*

Доираи истифодаи ҷузъи асосӣ аз ҷиҳати гурӯҳи луғавӣ ниҳоят васеъ мебошад. Ин ибораҳо муносибати сабабиро бо тобиши сарчашмаи амалу ҳолат ифода мекунанд: *Барои Худо, лаҳзае бош, то пӯстине пайдо кунам, ки **аз сармо афсурда гаштам** [338; 235]. Дар замоне ки мавлонои мушорунилайҳ аз Хуросон, **аз ҷафову изои қизилбошон фирор намуда**, ба Самарқанд омаданд [336; 72]. Аҳли маҷлис **аз ӯ ба танг омаданд** [338; 240]. Ду кас аз эшон **аз бетоқатии гуруснагӣ пӯстинҳои худро фурӯхта** хӯрданд [336; 90]. Ва дар соли саду даҳум **аз ҳиҷрат вафот ёфта** ва дар вақти вафот ҳафтоду ҳафтсола буда [338; 160].*

**ғ) Ифодаи** муносибати **пуркунандагӣ бо тобиши маънои ҷудоӣ**. Дар насри ин давра ибораҳои феълие низ бо пешоянди **аз** истифода шудаанд, ки муносибати пуркунандагиро бо тобиши маънои ҷудоӣ ифода кардаанд: *Овардаанд, ки подшоҳ Ќубод рӯзе дар шикор* ***аз лашкар ҷудо афтод*** *[347; 149]. …****даст*** *аз* ***пойи мир гузашт*** *[336; 1260]. ...филҳол занҷир* ***аз пойи ман бардоштанд*** *[336; 1103].*

Дар ин ќабил ибораҳо феъли **ҷудо шудан, ҷудо гаштан** ҳамчун ҷузъи асосӣ серистеъмол аст*: Мир пойи худро чунон бар он дар зад, ки пас банд* ***аз зулфин ҷудо шуд*** *[336; 576].* ***Аз он ҷамоат ҷудо шуда,*** *ба он ду қасида шурӯъ намудам [336; 10]. Ин дохили нойираи меҳнатро, ки* ***аз васли дӯстон ҷудо гашта*** *[336; 116]. Паҳлавонро* ***аз гург ҷудо созам*** *[336; 660].*

**д) Ифодаи** м**уносибати пуркунандагӣ бо тобиши маънои маҳдудӣ.** Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои гуногунмаъно ва чун ҷузъи тобеъ исм ва ҷонишинҳои предметӣ истифода шудаанд: *Аммо дар унфувони шабоб даст* ***аз суҳбати шайх****у шоб* ***боздошта****, мутаваҷчеҳи бӯстони адам шуд [334; 57]. Чун* ***аз мо баргаштӣ*** *ва ба душмани мо пайвастӣ [338; 69]. Ӯро* ***аз худ хушнуд гардонед*** *[336; 932].*

**е) Ифодаи** муносибати **пуркунандагии (объектии) восита.** Ҷузъи асосии ин гуна ибораҳои феълӣ бештар бо феълҳои гузаранда ва ҷузъи тобеъ бо исмҳои гуногун ифода ёфтаанд. Ҷузъи тобеъ амалеро ном мебарад, ки амал ба воситаи он воқеъ шудааст: *Ва алифворе* ***аз доманаш бурида*** *бар миён бастам [341; 210]. ...****аз шоху санг*** *роҳҳо ва гузарҳо* ***маҳкам сохта*** *[336; 1319].*

**ё) Ифодаи муносибати пуркунандагӣ бо тобиши макон**. Дар як қисми ибораҳои феълии бо пешоянди **аз** суратёфта муносибати пуркунандагӣ бо тобиши маконӣ истифода шудааст. Дар ин навъи ибораҳо ба сифати ҷузъи тобеъ исмҳои конкрет, шахс ва ҷонишинҳои шахсӣ омада, феълҳои ифодакунандаи амалу ҳолат ва вазъият чун ҷузъи асосӣ воқеъ мегарданд. *Маъруз дошта шуд, ки: Мирзо Шоҳғариб дар ҳини хурдӣ* ***аз бахши хиргоҳ афтода,*** *устухони пушту синаи ӯ аз ҷо рафта, букрӣ шуда буд [336; 1262].*

*...ҷамъе **аз пой фитода** барҷой ниҳоданд [334; 14]. Шамъро дид, ки ба поён расида ва равған **аз шамъдон** бар рӯйи гилем **чакидан гирифта** [336;576].*

Ибора бо феълҳои гузаранда ва монда муносибати пуркунандагиро бо тобиши макон ба таври барҷаста ифода мекунанд. Феълҳои **бардоштан, бархостан** ба сифати ҷузъи асосӣ омада, равоншавии макони амалро ба боло, фавқ, баландӣ ифода мекунанд: *Ба дасти дигар гиребонашро гирифта, **аз замин бардошта**, бар паси сар меандохт [336; 668]. Араб **аз тарси наълайни ҳазрати Амир бархост**у намозе аз рӯйи таъаннӣ гузорд [338; 97]. Темур **аз ҷой бархоста**, мар ӯро дар канор гирифт [334; 14]. Мирзо қабул намуданд ва **аз ариқаи подшоҳӣ бархоста**, ба даруни ҳарамсаро даромаданд [336; 1170].*

Баъзан феъли **бардоштан** дар таркиби ибора ба сифати ҷузъи асосӣ ба маънои ғайриаслӣ –нест кардан, нобуд сохтан, куштан истифода шудаст:*Ва ба нерӯи умаро, ки бад-ӯ гаравида буданд, эшонро **аз миён бардошт** [341; 52].*

**ж) Ифодаи** м**уносибати пуркунандагии эзоҳӣ.** Ба сифати ҷузъи тобеи ин гуна ибораҳои феълӣ предмете меояд, ки маънои умумӣ ва васеъ дорад ва бо пешоянди **аз** тавзеҳ ёфта аз чӣ иборат буданашро муайян мекунад. Ин гуна ибораҳои феълӣ дар шакли мураккаб корбаст шудаанд: *Ва ҷузвдони кӯҳнае доштам, **рахтҳои тилло** ва тиллоолотро **аз даствона**ву халхол ва ангуштариву **гӯшвора дар вай карда** [336; 1127]. Ин занаки маккора тамоми аҳли Хуросонро **аз шоҳу гадо дар ҷуволи ғурур карда** [336; 1341]. ...қадаҳе моломол **аз оби анор оварда** ба дасти Баҳром дод [347; 151].*

Яке аз хусусиятҳои хоси ин пешоянд дар забони насри ин давра муродиф шудани он бо пешояндҳои дигари аслӣ ва пасоянди **-ро** мебошад:

Пешоянди **дар:** *Оқибатуламр, ҳар дуро куштаву пӯст пури коҳ карда, **аз дарвозаи Малик овехтанд** [336; 1213]. Чун қариб ба субҳ шуд, ғулғула зоҳир гардид, ки **аз сақфи кунҷи работ равзанест** [336; 607].*

Пешоянди **бо**: *...**аз роҳи Бағдод равӣ** [336; 790]. **Аз шоху санг роҳҳо… маҳкам сохта** [336; 1157].*

Пешоянди **дар бораи*:*** ***Аз Ҳаҷҷоҷи золим*** *низ* ***ҳикояте фармоянд*** *[336; 1253].* ***Аз Анӯшервон****и одил* ***манқул аст,*** *ки подшоҳи Аҷамро меҳмонӣ мекард [336; 1252].*

Пасоянди **-ро*:*** *....****аз ӯ авф фармоед*** *[336; 1268]. ...* ***аз гуноҳаш бахшиш намоед*** *[336; 1168].*

Бо пасоянди **–ро** алоқаманд шудани чунин навъи ибораҳо дар насри ин давра ба мушоҳида расид: *Мирзо* ***гуноҳи Мавлоно Огаҳиро авф фармуданд*** *[336; 1268]. Мавлоно Огаҳӣ* ***гуноҳашро ба ман бахшед*** *[336; 1268].*

Бояд гуфт, ки як хусусияти муҳимми пешоянди **аз** дар насри асрҳои XV-XV1 иштироки он дар ташкили ҳамаи навъҳои ибора мебошад:

-ибораи **исмӣ***: Рӯзе Ҳазрати Имом Ҳасанро* ***ҷамъе аз ашроф*** *меҳмон шуданд [338; 29]. ...****аз дуд пӯстин****...дар бар карда [336; 371];*

-ибораи **сифатӣ***: Пас бифармуд , то дар тамоми мамолик бигарданд, то вайронаҳо ва гулханҳо касе пайдо кунанд, ки* ***аз ӯ бузургтар*** *одаме набошад [336; 29];*

-ибораи **ҷонишинӣ***:* ***Баъзе аз фузало*** *се эътироз ба Аёз карданд [338; 29].* ***Баъзе аз ҷамоати муониддин*** *ба арзи Ҳофизи Тутӣ расониданд [336; 72].* ***Баъзе аз ҷамоа****... ба арз расониданд [285; 72];*

-ибораи **шуморагӣ***: Ҳар гунаҳкоре, ки овarданд, аввал* ***дувоздаҳ аз ин*** *мезаданд [336; 1076];*

-ибораи **зарфӣ***: Салмон* ***дуртар аз эшон*** *намоз мегузорд [336; 29];*

-ибораи **феълӣ***: Пас худро* ***аз шутур андохт*** *ва ба ҳар сӯ давид ва аз шутур нишон наёфт [338; 310]. Салмон коғазу давоту қалам* ***аз ҷой баровард*** *[338; 180].*

Ҳамин тавр, пешоянди **аз** дар забони насри ин давра ҳамчун воситаи алоқаи тобеъкунанда ва тобеъшаванда дар ибора вазифа ва мақоми муайян дорад. Муносибати наҳвӣ ва тобишҳои маъноии ин пешоянд, асосан, мутобиқи забони адабии пешинаи форс-тоҷик буда, дар забони кунунии тоҷик бо баъзе тағйироти ҷузъӣ мустаъмаланд. Яке аз хусусиятҳои хоси

пешоянди **аз** дар забони насри ин давра ҳодисаи муродиф шудани он бо пешояндҳои **дар, бо, ба, дар бораи** ва пасоянди **–ро** мебошад.

### 2. 4. Иборaҳои феълӣ бо пешоянди бар.

Пешоянди **бар** дар насри асрҳои XV-XV1 дар ташаккули иборaҳои феълӣ серистеъмол будааст. Ин пешоянд дар доираи иборaҳои феълӣ, асосан, муносибатҳои ҳолӣ ва пуркунандагиро ифода мекунад. Дар ташаккули иборaҳои феълие, ки дар байни ҷузъҳои он муносибати ҳолӣ мушоҳида мегардад, пешоянди **бар** нисбатан серистеъмол буда, ин вазифаро ҳанӯз дар забони миёнаи форсӣ шакли қадимтари он-**apar** ба уҳда доштааст [200; 75].

Р. Л. Неменова дуруст ќайд кардааст, ки «пешоянди **бар** дар баробари нишон додани муносибати масоҳавӣ, инчунин тобишҳои дигари маъноро низ ифода менамояд: тобишҳои маънои ҳаракат дар сатҳу бари предмет маънои амали таъинот ва амсоли инҳо [228, 17].

М. Н. Ќосимова ҳам таъкид намудааст, ки пешоянди **бар** дар насри асри XI маънои сӯй, сарчашмаи амалро ифода мекунад [50; 22].

Г. Камолова муътаќид бар он аст, ки дар забони «Маҷмӯъ-ут-таворих» ин пешоянд ду тобиши маъно: ба сӯйи макон ва сатҳи предмет равона шудани амал ва ба аќидае пайрави карданро ифода кардааст [44; 74].

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин маъноҳои пешоянди **бар** қайд гардидааст: 1. ишора ба сӯй, тараф, ба сӯи… ба тарафи…; 2. дар, дар рӯи, дар болои; 3. барои…, дар ҳаққи…, дар пеши…, дар назди…, ба якдигар…, ба ҳамдигар [319; 141].

Вазифаи пешоянди **бар** дар асару мақолаҳои ҷудогона қайд гардида бошад ҳам [16; 17; 228; 2; 5; 200; 19] таҳлил ва тасвири вазифаҳои ин пешоянди сервазифа ва серистеъмоли забони адабии пешинаи форс-тоҷик пурра ва ҳаматарафа ба мушоҳида намерасад.

Тавсифи вазифаи ин пешоянд дар забони адабии ҳозираи тоҷик вобаста ба таҳқиқи иборaҳо тасвир ва дар назм серистеъмол будани он таъкид шудааст [17; 113-116].

Пешоянди **бар** дар сарчашмаҳои давраи таҳқиқ дар таркиби иборҳои феълӣ 165 маротиба дучор омада, асосан, муносибатҳои ҳолӣ ва пуркунандагиро ифода кардааст.

**1) Ифодаи муносибати ҳолӣ**. Дар ифодаи муносибатҳои ҳолӣ пешоянди **бар** дар насри ин давра вобаста ба маънои ҷузъи асосӣ ва ҳиссаи тобеъ тобишҳои маъноии зайлро сурат додааст:

**а) Ифодаи муносибати ҳолии макони содиршавии амал**. Дар ин қабил ибораҳои феълӣ ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои ифодагари амалу ҳолат ва чун ҷузъи тобеъ исмҳои макон ва ё макони нисбӣ омадаанд: *Пас бо ҳазрат мусобиқат кардем ва* ***ман бар ӯ пешӣ гирифтам*** *[338; 10]. Миёни ману ӯ чизе воқеъ шуду* ***бар ман хашм гирифт*** *[338; 9]. ....бар тоқчаҳо ҷустан гирифт [336; 82]. Халоиқ* ***бар замин ғалтидан гирифтанд,*** *гиребонҳо пора-пора карданд [336; 46].*

Феъли **нишондан** ба сифати ҷузъи асосии ин навъи ибораҳо серистеъмол аст. Дар забони «Латоиф-ут-тавоиф» ин феъл бисёр кор фармуда шудааст. Ибораҳои феълие, ки бо феъли **нишондан** сохта шудаанд, тобиши маънои касеро ба ҷойе шинодан ифода шудааст. Ба сифати ҷузъи тобеъ, асосан, исмҳо ва ҷонишинҳо мавриди корбурд қарор гирифтаанд: *Маро бихонду бо худ* ***бар хон нишонд*** *[265]. Маро бихонду бо худ* ***бар хон нишонд*** *[265]. Пас Ҳазрат вайро* ***бар дӯши муборакӣ худ нишонда,*** *аз ин гӯшаи хуҷра ба он гӯша мерафт [11]. Бинобар он Убайдуллохон ҷаноби Кучкунҷихонро* ***бар тахти хонӣ нишонда,*** *пеши ӯ сар фаровард [ 47].*

Ибораҳои феълие, ки ҷузъи асосии онҳо аз фелҳои ҳаракат ташкил ёфтаанд, муносибати ҳолиро бо тобиши равон шудани амал ба маконе ифода мекунанд: *Пас* ***бар бемор даромаду*** *бар болини ӯ нишаст [338; 285]. Рӯзе яке аз котибони девон* ***бар Ҳаҷҷоҷ даромаду*** *баъзе муҳиммот арз кард [338; 14].*

Дар як қабил ибораҳо вобаста ба семантикаи ҷузъи асосӣ маънои макони содир шудани амал ба таври барҷаста ифода шудааст: *Ба сабаби вафоти вай он буд, ки рӯзе султон* ***бар хиргоҳ тире андохт*** *[329; 110]. Аз акси хештан саҷҷода* ***бар об андохта*** *[336; 190]. Соябони абрро* ***бар фазои***

***ҳавои хомун барафрохт** [336; 82]. Айёр филҳол пеши Ҳотам **бар замин афтод** [347; 174]. Бар шохи дарахте **бар ҷилва даромаданд** [336; 889].*

Агар ба сифати ҷузъи тобеи чунин ибораҳои феълӣ исмҳои ифодагари мафҳумҳои ғайримакон ояд, дар ибора муносибати ҳолии макон бо тобиши объектӣ (пуркунандагӣ) мушоҳида мегардад. Ин навъи ибораҳои феълӣ дар насри ин давра хеле серистеъмоланд: *Ин байтро **бар тахтапорае навишту** ба об сар дод [329; 67]. Аҳолии вилояти Хуросон номи худро **бар он шаҷара навишта** буданд [336; 1202]. ...**бар ҳошияи** он **китоб нигошт** [336; 899]. ... **бар коғазпорае** чизе **навишт** [336; 794]. ...**ба** бозу **баста дорам** [336; 1032].*

Ибора бо феълҳои **падид овардан, аён гаштан, зоҳир шудан, намудан** макони зоҳиршавии амалу ҳолатро нишон медиҳад: *Нишони сад ҳазор ситора **бар курраи хок падид овардӣ** [336; 736]. ...**бар синаи сипеҳр аён гашта** [336; 488]. Ва монанди ашк ӯро дар назари мардум ҷуз обрӯй **бар хок рехтан** ҳеҷ ҳунар не [336; 98].*

Пешоянди **бар** дар ташаккули чунин маъно дар осори давраи таҳқиқшаванда серистеъмол аст. Ба сифати ҷузъи асосӣ ҳам феълҳои монда ва ҳам гузаранда истифода шудаанд. Феъли **навиштан (набишта)** ба сифати ҷузъи асосии ибораҳо серистеъмол аст: *Барои Худо нишонро **бар коғази** хурдтар **навис**, ки дар вақти хӯрдан ташвиш камтар ёбам [336; 60]. Баъд аз он Мавлоно Зиёи Муаммоӣ ин муаммиётро бе ном **бар варақе навишта**, ба дасти ин фақир дод [336; 132]. **Бар пушти вай набишта**....[329; 65]. Давоту қалам талабиду **бар коғазпорае чизе навишт** [336; 794].*

Дар як ќабил ибораҳои ин гурӯҳ муносибати тарзи иҷрои амал ифода шудааст: *Алҳосил ба ҳини савор шудан ӯро аз асп фурӯ кашиданд ва сари ӯро бурида **бар найза карданд** [336; 794]. Ин рубоиро **бар тир бастанду** дар қалъа андохтанд [338; 181]. Пас филҳол бархосту шамшер **бар миён баст** ва мутаваҷҷеҳи диёри Ғур шуд [338; 60]. Пире дид зунноре **бар миён баста** ва беле дар даст гирифта дарахте мешинонд [347; 182]. Мехохам, ки ин ғазалро **бар дарвозаи шаҳр овезам**, то шуҳрат кунад [338; 176]. Дар вай*

*бодаи гулгун рехта ё дилҳои зангхӯрдаи пурхори булбулон аст* ***бар шохи гул овехта****[336; 12].*

Дар доираи ин гурӯҳи иборaҳо феъли **нишастан** серистеъмол аст*:*Дар ин ќабил иборaҳо муносибати макон ифода ёфтааст: *Ман беруни Кӯфа,* ***бар боми сарое****, ки ба саҳро мушриф буд,* ***нишаста*** *будам [346; 63]. Абҳаре, ки аз даҳонаш бӯйи нохуш меомад,* ***бар болинаш нишаста*** *буд [329; 93]. Дуюм, он ки* ***бар ду зону нишинад****, чунончи, дар намоз менишинад [346; 228].*

Феълҳои ҳолат ба сифати ҷузъи асосӣ дар таркиби ин гурӯҳи иборaҳо ба таври фаровон истифода шудааст: *Чун маро диданд,* ***бар пой хостанд*** *ва таъзим ба ҷой оварда, ишорат ба ҳулус карданд [336; 736]. Пас, устоди шадд* ***бар пой хезад*** *ва фарзандро бар дасти чапи худ нигоҳ дорад [346; 99]. Ва пеши модари худ Ҳоҷар* ***бар замин ниҳод*** *ва аҳвол бар шарҳ бозгуфт [346; 99]. Гуфтанд аз дарахти анҷир боз кард ва* ***бар пасу пеши*** *худ* ***ниҳод*** *[346; 85].*

Пешоянди **бар** дар дар асарҳои таҳќиќшудаи насри ин давра равона шудани амали фоилро бар боло ва бар сатҳ нишон додааст. Ба сифати ҷузъи асосӣ бештар феълҳои ҳаракат ба кор рафтааст. Ин маънӣ дар ҷумлаҳои зерин, ки дар ҳайати онҳо иборaҳои мавриди назар дида мешавад, равшан маълум аст: *Баъд аз берун рафтан ба ғуломи худ фармудааст, ки ба куштанаш қиём намуда, сари ӯро* ***бар бом бароварда****, дар чоҳи хонаи ман андохт [336; 748].*

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик ҳамин гуна муносибати маъноиро пешояндҳои **ба** ва **дар** ба уҳда гирифтаанд, вале аз рӯи аломати забон ва мантиқи баён ин муносибати маъноӣ беҳтар мешуд, ки имрӯз бо пешоянди **бар** сурат бигирад, зеро дар ин вазифа нисбат ба муродифҳои худ бартарии маъноӣ дорад: Масалан, устод Айнӣ дар ҷумлаи **Лӯбиёҳои сабзи ҳанӯз сахт нашударо бар замин рехт** хеле бамаврид пешоянди **бар**-ро истифода кардааст. Дар мисоли навъи **бар замин ниҳодан**, **афтодан, чакидан, нишастан** низ истеъмоли пешоянди **бар** нисбат ба муродифҳояш **ба, дар** бартарии маъноӣ дорад ва бояд имрӯз дар ин вазифа аз нав серистеъмол

гардад: ... ***бар он девор бардавид*** *[336; 1184].Чӯбро* ***бар бом партоб кард*** *[336; 1225]. Шамъро дид, ки ба поён расида ва равған аз шамъдон* ***бар гилем чакидан*** *гирифт [336; 309].*

**б) Ифодаи** муносибати **ҳолии бар сатҳи предмет равона шудани амал ва ё дар сатҳ ҷойгиршави предмет**

Дар иборaҳои феълии насри асрҳои XV-XVI пешоянди **бар** равона шудани амали фоилро бар боло ва ё бар сатҳ нишон додааст: *Ҳамчун кабки дарӣ* ***бар он девор бардавиду*** *аз вай халос шуд [336; 1174]. Маро ҳолате даст дод, ки пораи ҳалво, ки дар даст доштам,* ***бар замин афтод*** *[336; 1089].*

Пешоянди **бар** дар насри ин давра, бахусус, дар ифодаи муносибати маънои бар сатҳи предмет равона шудани амал ва ё дар сатҳ ҷойгиршавии ашё серистеъмол аст: Феъли **ниҳодан** ба сифати ҷузъи асосӣ доираи васеъи истеъмол дорад: *...**бар боми ќасраш ниҳод** [336; 1064]. Синаи худро* ***бар пушти вай ниҳод*** *[336; 1225]. Шахсе...**бар ќуллаи кӯҳе нишаста** [336; 1195]. Дастори Мавлоно* ***бар замин афтод*** *[338; 332].*

Як хусусияти хоси пешоянди **бар** дар забони насри ин давра он аст, ки ин пешоянд дар ифодаи муносибати ҳолӣ бо тобиши дохили предмет кам истифода мешавад ва ин дуруст аст, зеро ин вазифаи пешоянди **дар** аст: *Чун берун омадам, дидам, ки* ***бар замин*** *хуни бисёр* ***рехта*** *[329;167]. Баъд аз ин Фатҳ пой* ***бар маснади салтанат ниҳода*** *ҳокими аксари билоди Эрон гашт [341; 62]. Аъробӣ луқмаро* ***бар хон ниҳод*** *ва даст бозкашид [286; 98]. Обе* ***бар деги нуқсони ӯ фишонанд*** *[336; 108].*

**в) Ифодаи муносибати ҳолии сӯйи ҳаракати амал**.

Р. Ғаффоров дуруст таъкид кардааст, ки «истифодаи пешоянди **бар** дар ташкили ҳоли макони сӯй махсуси забони адабиёти классикист» [24; 144]. Ин нуктаро мисолҳои зиёди бадастовардаи мо низ тасдиқ менамояд. Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои ҳаракат ва чун ҷузъи тобеъ исмҳои ифодагари макон ва ё ба мафҳуми макон алоқаманд корбаст шудаанд. Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои ҳаракат ва чун ҷузъи тобеъ исмҳои ифодагари макон омада, мафҳуми самти амалро ба боло, баландӣ, фавќ мефаҳмонанд: *Фармуд, то*

*тифле ҳамроҳӣ ӯ **бар бом бурданду** дар баробари ӯ бидоштанд [338; 28]. Андеша кард, ки агар ин фил як зӯри дигар кунад, ӯро **бар ҳаво бурда,** бар замин мезанад [336; 662].*

Агар ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои ифодакунандаи ҳаракат, амали мушаххаси ҷисмонӣ, амалу ҳолату вазъият омада бошанд, исмҳои макон, моддӣ чун ҷузъи тобеъ муносибати макониро бо тобиши пуркунандагӣ ифода мекунанд: *Чун ба он ҷо расид ва **бар боғистони он ҷо мегузашт**, дид, ки се кас нишастаанд [329; 106].*

**г) Ифодаи муносибати ҳолии дар даври предмет.** Муносибати ҳолии дар даври предметӣ ё маконе воқеъ гаштани амал дар насри асрҳои XV-XVI бештар ба воситаи пешояндҳои таркибии **бар гирди, бар даври, бар атрофи** ва монанди инҳо сурат мегирад. Ҷолиб аст, ки чунин муносибати наҳвӣ дар доираи иборaҳои феълӣ бо шакли содаи пешоянди **бар** низ ифода ёфтааст: *Халқе **бар вай ҷамъ мешаванд** [336; 318]. Халоиқ **бар вай издиҳом менамуданд** [336; 898].*

**ғ) Ифодаи муносибати ҳолии тарзи иҷрои амал.** Дар чунин ибораҳои феълӣ бо пешоянди **бар** ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои амалу ҳолат ва чун ҷузъи тобеъ бештар исмҳои шахс ва ифодагари узви бадан истифода шудаанд: *Санг бардошт ва **бар эшон ҳамла кард** [329; 28]. Мавлоно Ҳотифиро хабар шуд, ба истиқболи он ҳазрат шитофта омад ва рӯйи ниёз **бар замин ниҳод** [341; 175]. Баъд аз падар пой **бар тахти салтанат ниҳод** ва дасти эҳсону инъом баркушод [341; 59].*

Агар ба сифати ҷузъи асосии ибораҳо феъли **афтодан, рехтан** сурат гирад, муносибати ҳолӣ бо тобиши тарзи иҷрои амал хеле равшан ифода мешавад. Вобаста ба семантикаи феъли асосӣ ибора маънои самти амалро ба поён, зер нишон додааст: *Оқибат ба залозили қаҳр ва навозиши даҳр аз он кӯҳ **ба зер хоҳанд афтод** [329; 46]. Хоҷае бемор шуд **ва бар бистари мараз афтод** ва он беморӣ имтидод ёфт [338; 166]. Он мурда **бар рӯй афтода буд** [336; 1068]. Эй халифа, ангуштарӣ сохтам...аз дасти ман **бар сангдон афтод** [347; 156]. Чун берун омадам, дидам, ки **бар замин хуни** бисёр **рехта***

*[329; 167]. Обҳо **бар он суфра**и чиркин **рехт** ва он пирхурӯси нимхом бар замин афтод [338; 258]. Хон аз дасташ хато шуду косаи оши гарм **бар симот рехт** [338; 29].*

Агар ҷузъи тобеи чунин иборахо исмҳои ифодагари ашё бошад, дар байни ҷузъҳои ибора муносибати ҳолии тарз бо тобиши объектӣ мушоҳида мешавад: *Махрама асои худ бикашиду ба қуввати тамом **бар фарқи Усмон зад**, чунон ки сари ӯ бишикаст [338; 23]. Пас ба дасти худ даҳ тозиёнаи хасмона **бар пушту паҳлу** ва синаи ӯ **бизад** [338; 148]. Модараш **бар бом рӯю мӯй меканду** пистон ба вай менамуд [338; 28].*

Ба сифати ҷузъи тобеъ исмҳои макон (зарфҳои макон) оянд, ибора муносибати ҳолии тарзи вуќӯи амалро бо тобиши макон мефаҳмонад ва ба туфайли маънои луѓавии ҷузъи номӣ феъли **гирифтан** давомнокии амалро ифода мекунад: *Дастҳои маро **бар ќафо бастан гирифтанд** [336; 1075].*

Ба сифати ҷузъи тобеъ калимаҳои навъи **услуб, тарз, тариқ, намат, васила, наҷҳ, ваҷҳ, минвол, сурат, тартиб** ва амсоли инҳо бо ҷонишинҳои **ин, ҳамин** омада, муносибати тарзу тариқи иҷрои амалро ифода кардаанд: *Ва қатли вай **бар ин ваҷҳ қарор ёфта** буд, ки ӯро дар ҳавзи об мукаррар ғӯта диҳанд, то вақте ки бимирад [338; 78]. Агар на ҳаққи суҳбати қадим будӣ, **бар ин тарз туро сиёсат мекардам** [338; 83]. Ва Ғиёсиддин Муҳаммад ҳам **бар ин наҷҳ сохта** [336; 1128].*

Агар ҷузъи тобеъ ифодагари ашё бошад, дар байни калимаҳои алоќамандшуда муносибати ҳолии тарзи иҷрои амал бо тобиши объект мушоҳида мешавад: *Сарашро **бар найза карданд** [336; 1107]. Ҳар замон сар **бар найза мегузаронидагд** [336; 1062].Сурати маѓруби Мир ончунон такя **бар асое зада ситода** [336; 908].Сина **бар як чӯб ниҳода** [338; 28]. Тоҷ бар сар ниҳода [336; 653]. Даст бар сар ниҳода [336; 563].*

**д) Ифодаи муносибати ҳолии сабаб**. Пешоянди **бар** вобаста ба семантикаи ҷузъҳои ибораҳои феълӣ тобишҳои гуногуни маънои иловагӣ (ғайр аз маъноҳои аслии грамматикии худ) –ро низ падид меорад. Нишон додани муносибати сababӣ ҳам яке аз маъноҳои иловагии пешоянди **бар** ба

шумор меравад. Калимаҳои бо ин пешоянд омада ҷузъи тобеи ибораҳои феълиро ташкил медиҳанд, аз бобати гурӯҳҳои маънӣ гуногун нестанд: ба ин гурӯҳи калимаҳо масдар ва баъзе исмҳои амалу ҳолат ва ё ба мафҳуми амал алоқаманд, медароянд. Зикр бояд кард, ки на пешоянди **бар** ва на ҷузъҳои тобеи ибораҳои феълии бо ин пешоянд омада ба сари худ маънои сабабӣ надоранд. Маънои сабабӣ ба туфайли семантикаи ҷузъи асосӣ - феъл зоҳир мегардад. Чунин қолиби ибораҳо дар «Латоиф-ут-тавоиф» ба таври фаровон вомехӯрад: *Табиберо дидам, ки ҳар гоҳ ба гӯристон расидӣ, ридо* ***бар сар кашидӣ*** *[96]. Яке* ***бар дигаре даъво кард****, ки ин мард маро гаидӣ гуфт [ 132]. Вақте ки ҷон меканд, он зан* ***бар болини ӯ мегирист****у мегуфт [251]. Шахсе пеши қозӣ омаду* ***бар касе даъво кард*** *[221]. Ду тан пеши қозӣ Шурайҳ омаданд ва яке* ***бар дигаре*** *моле хатир* ***даъво мекард*** *[133].*

**е) Ифодаи муносибати ҳолии мақсад.** Миқдори ибораҳое, ки муносибати ҳолии мақсадро ифода мекунанд, дар насри ин давра хеле кам аст. Дар ин қолаби ибораҳои феълӣ маънои мақсад тавассути семантикаи феъл сурат мегирад. Ба сифати ҷузъи тобеъ, асосан, исмҳо ва ҷонишинҳо сурат гирифтааст: *Мир Наҷми Сонӣ, ки аъзами дастури Соҳибқирони мағфур буд, бар он вилоят даст ёфт,* ***бар қатли ом фармон дод*** *[341; 179]. Баъд аз он ки ёрон аз ҷомашӯйӣ фориғ шуданд, дар саҳро ҷомаҳоро* ***бар офтоб андохтанд*** *[338; 302]. Ман ин адлро* ***бар исботи ин даъво ҳамроҳ дошта бошам*** *[336; 899].*

**ё) Ифодаи муносибати ҳолии шуғл.** Дар насри ин давра як қабил ибораҳое, ки ба воситаи пешоянди **бар** сурат гирифтаанд, муносибати ҳолии шуғлро бо тобиши муносибат ифода кардаанд. Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои амалу ҳолат омада, исмҳои ифодагари шуғл чун ҷузъи тобеъ сурат мегиранд: *Дар авоил* ***бар бозаргонӣ шуғл меварзид*** *[341; 201]. Дар авоил* ***бар мушкфурӯшӣ иштиғол менамуд*** *[336; 264]. Ӯ* ***бар мансаби*** *китобдорӣ* ***интисоб дошт*** *[336; 1011].*

**2) Ифодаи муносибати пуркунандагӣ.** Пешоянди **бар** дар осори давраи таҳқиқ дар ифодаи муносибатҳои пуркунандагӣ низ хеле серистеъмол

аст ва ҷузъҳои алоқаманд аз ҷиҳати маъно гуногунанд. Ва ибора вобаста ба маънои луғавии ҷузъҳо муносибати пуркунандагиро (объектиро) бо тобишҳои маънои зайл ифода кардаанд:

**а) Ифодаи муносибати пуркунандагии таъйинот**. Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои ифодакунандаи мафҳуми амал ва чун ҷузъи тобеъ исмҳои шахс, ҷонишинҳои ифодагари шахс истифода шудаанд: *Дар ин сухан буд, ки лашкариёни вай расидан ду* ***бар вай салом гуфтанд*** *[329; 51]. Хурде, ки* ***бар бузурге истило орад****, сазои ӯ куштан аст [338; 66]. Муҳаммадмуъмин дар байти зер мегӯяд, ки аз ноҳамвориҳои замона ва масоибе ба иллати интисоб ба ту* ***бар ман ворид кардаанд*** *[341; 22].*

**б) Ифодаи муносибати пуркунандагии равон гардидани амал бар сатҳи чизе.***

Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои гуногунмаъно омада, чун ҷузъи тобеъ

______________

* Дар ин муносибати наҳвӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ҷойи пешоянди **бар**-ро пешояндҳои **ба** ва **дар** гирифтаанд [50; 219].

исмҳо ва ҷонишинҳои предметӣ сурат гирифтаанд: *Зарифе шахсеро дид, ки мӯйи бисёр* ***бар рӯйи ӯ дамида буд*** *[338; 87]. Он чӯбҳо, ки* ***бар тани ман меомад,*** *таҳаммул мекардам [338; 119]. Чӯбро* ***бар соқи пойи ӯ расонад*** *[336; 641].*

**в) Ифодаи муносибати пуркунандагӣ бо тобиши маҳдудият.**

Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои гуногунмаъно ва чун ҷузъи тобеъ бештар исмҳои ифодагари шахс ва ҷонишинҳои шахсӣ омадаанд: ***Бар банда …зиндони*** *дӯзах* ***гашта*** *. [336; 118]. Абӯалии Даққоқ гӯянд, ки дар охири умр чандон дард* ***бар вай падид омада*** *буд. [329; 30]. Пас имон* ***бар вай арза карда*** *ва вай имон овард Лашкари сармо тохтан оварда ва хавфи бисёр* ***бар ман голиб шуда*** *ва намози хавфро шароит бисёр аст [338; 112]. Шавҳари ман кор* ***бар ман танг сохта*** *[336; 940].*

Давомнокӣ ва мулкаратии амали замони гузаштаро баъзе феълҳои таркибии номӣ ҳам фаҳмонида метавонанд. Дар ин сурат, ба замми маънои луѓавии ҷузъи номӣ давомнокии амалро феълиҳои **ѓолиб будан, ќарор додан**

ва ѓайра ифода мекунанд.**Ҷ**узъи тобеи ин гуна ибораҳо дар чунин муносибати маъноӣ бо ҷонишинҳои ишоратии **ин, он, ҳамин, ҳамон** омада, бар эзоҳи ҷумлаҳои пайрав меоянд. Ин ибораҳо аз ҷиҳати сохт сода буда, дар насри ин давра серистеъмоланд: *Бадр аст, мазоҳу мутойиба* ***бар вай ѓолиб буда*** *ва аз ӯ ахбори зарифа дар ин боб марвист [338; 20].* ***Бар ин қарор доданд,*** *ки дар ин ҳезумҳо оташ зананд [336; 1066].*

**г) Ифодаи муносибати пуркунандагии қиёс.** Муносибати пуркунандагии қиёсу монандӣ дар ибораҳои феълӣ дар насри ин давра бештар тавассути шаклҳои таркибии пешоянди **бар,** аз қабили **бар мисоли, бар мисли** сурат гирифтааст.

Дар насри ин давра шаклҳои содаи пешоянди **бар** ҳам муносибати пуркунандагӣ ва ҳам қиёсу монандиро ифода кардааст. Ин гуна ибораҳои феълӣ аз рӯйи сохт мураккабанд: *Суҳбати пайкиро* ***бар суҳбати вай тарҷеҳ карда*** *[336; 151]. Ӯро* ***бар худ муќаддам донista*** *[336; 437]. Чун ба ҳоли худ омад, ташнагӣ* ***бар вай фаромӯш гашта*** *[336; 1070]. Яке аз он ки суҳбати пайкеро* ***бар суҳбати*** *вай* ***тарҷеҳ карда*** *[336; 1070]. Дар рӯзи ҷанг дар талаби мамотро* ***бар ҳаёт муқаддам медоштанд*** *[336; 1107].*

Дар ин қабил ибораҳои феълӣ ҷузъи тобеъ бештар объекти дигарро ба худ тобеъ менамояд, ки бе зикри он ба ҷузъи асосӣ алоқаманд шуда наметавонад: *Ӯро* ***бар шуарои*** *Хуросон* ***тарҷеҳ менамуд*** *[336; 968].*

**ғ) Ифодаи муносибати пуркунандагии сарчашмаи амал**. Дар ибораҳои феълии забони асарҳои насри ин давра пешоянди **бар** чун муродифи пешоянди **аз** сарчашмаи амалу ҳолатро нишон додааст. Б. Шарифов зикр кардааст, ки «пешоянди **бар** нисбат ба пешоянди **аз** дар ифодаи вазифаи сарчашмаи амал сермаъно буда, ҳам мафҳуми сарчашма ва ҳам муносибати амалро бо амалиёти тарафайни объектӣ дарҷ кардааст, ки ин хусусиятро пешоянди **аз** пурра инъикос карда наметавонад» [110; 191]. Ба сифати ҷузъи асосӣ бештар феълҳои **гумон бурдан, хабар доштан, иттилоъ ёфтан** ва шакли сифати феълӣ истифода шудаанд: *Ғуломе* ***бар вай арз кард,*** *ки чун оҳанги ғино кардӣ, мурғ аз ҳаво даровардӣ [329; 77]. Шахсе пеши қозӣ*

*омаду **бар касе даъво кард** [338; 221]. ...**бар канизак гумон бурданд** [336; 712]. Ва ҳеҷ кас бар ин сир иттилоъ надошту аномилаи хотир **бар ҳалли ин мушкил намегузошт** [336; 544];*

**д) Ифодаи муносибати пуркунандагӣ бо тобиши макон.** Ба сифати ҷузъи асосӣ, асосан, феълҳои амалу ҳаракат ва чун ҷузъи тобеъ исмҳои шахс ва ҷонишинҳои ифодагари шахс омадаанд. Намунаи онҳоро бо феъли асосӣ дар мисолҳои зерин дидан мумкин аст:

*бо феъли **нишастан**: Дид, ки бар дари сарои худ **бар маснади тадрис нишаста** [329; 84]. Чунон ки рӯзе Сайидбек **бар хон нишаста** буда ва шеъри арабӣ мехонда ва тарҷумаи онро мегуфта [341;157]. Ногоҳ сипоҳиеро дид, ки **бар асби логар**и ланге **нишаста** буду аз пеши ӯ бигузашт [338; 86];*

*бо феъли **ниҳодан:** Ӯ дар зери манзар истода буд ва гӯш **бар овоз ниҳода** [329; 70]. Ва он сураву руқъаро пеши вай **бар замин ниҳодам** [329; 66]. Ва подшоҳ дар хилват муқаррар карда буд, ки нарҳои гӯсфандонро алоҳида пухта буданд ва **бар он табақ ниҳода** ва сар пӯшида [338; 130]. Қариб ба дувист одам бар гирди он хайма ҷамъ гашта, чашм **бар сӯроххо ниҳода**, назора мекарданд [336; 687];*

*бо феъли **гузоштан:** ...ки аз ғояти суръат ҳангоми ҳаракат **бар замин гузошта** [336; 736];*

*бо феъли **гузаштан:** Дар айёми хилофати худ дар канори кӯчаҳои Мадина мегашту **бар дари хона-хона мегашт** [329; 73];*

*бо феъли **афкандан**: Алқисса, ҳазрати Иззат партави таҷаллӣ **бар Тур афканда** ва кӯҳ аз асари он пора-пора шуд [346; 133]. Агар пурсанд, ки ридо **бар гардан афкандан** чӣ маънӣ дорад [329; 143];*

*бо феъли **афшондан:** Он руқъаҳо **бар эшон афшонданд** [329; 64];*

*бо феъли **ниҳодан**: Солеҳ фармуд, то он тоҷ **бар сари Мӯсо ниҳод** [346; 133]. Мутаваккил ҳам дар он рӯз даҳ ҳазор мисқол зари сурхи маскук дар ҳамён карду муҳри хосаи худ **бар он ниҳод** [338; 46];*

*бо феъли **андохтан**: Баъд аз он ки ёрон аз ҷомашӯйӣ фориғ шуданд, дар саҳро ҷомаҳоро **бар офтоб андохтанд** [338; 265];*

*бо феъли* ***хондан:*** *Кӯдаке дар мактабхона* ***бар муаллим мехонд*** *[338;291];*

*бо феъли* ***чаконидан****: Луқмаи нонро дар ҷуғрот зада, порае* ***бар замин чаконида*** *ва порае дар канори худ андохт [336; 323];*

*бо феъли* ***ғалтидан:*** *Паҳлавон Маҳмуди Туроби Валӣ аз муҷаррадону мунфаридони рӯзгор буд, ки* ***бар бистари мараз ғалтида*** *[338; 202]. Мир аз ханда* ***бар замин ғалтид****у гуфт [336; 561];*

*бо феъли* ***омадан****: Санге* ***бар сараш омад****у бишикаст [338; 115].*

*бо феъли* ***нишастан:*** *Рӯзе дар девони вазорат* ***бар маснади ҳукумат нишаста*** *буд [338; 191]. Рӯзе ба ҳашамату таҷаммул* ***бар тахти равон нишаста*** *буд [338; 103]. Чун* ***бар замин нишастам,*** *аз бозор овози ғавғое баромад ва нидое ба гӯш расид [336; 1055];*

*бо феъли* ***рехтан:*** *Ва обҳо* ***бар он суфраи чиркин рехт*** *ва он пирхурӯси нимхом бар замин афтод [338; 258]. Пир корде бикашиду хикро саросар бидарид ва тамоми асалҳоро* ***бар хок рехт*** *[338; 310].Чун хост, ки он ҷомро бар лаб расонаду оташи ташнагиро ба ӯ фурӯ нишонад, он боз боли худро бар он ҷом зада, обро ба тамомӣ* ***бар замин рехт*** *[336; 753];*

*бо феъли* ***кашидан:*** *Эй боз, ҳаргиз ҳеч ҷо дидаӣ ва ё аз ҳеч кас шунида, ки бозеро* ***бар сих кашида*** *бошанд ва бар оташ гардонида [338; 73]. Ва* ***бар девори*** *хонаи ӯ се сурат* ***кашида*** *дидам [338;252];*

*бо феъли* ***расидан****: Сари чӯби писари Аламдор* ***бар замин расида****, аз дасти вай бияфтод [345; 635];*

*бо феъли* ***задан****: Солеҳ он асоро* ***бо санг зад*** *[346; 222]. Пас бо дасти худ даҳ тозиёнаи хасисона* ***бар пушту паҳлу ва синаи ӯ бизад*** *[338; 148]. Зариф* ***ҳалқа бар дар зад*** *[338; 275];*

*бо феъли* ***афтодан****: Дар ин асно чашми Шоҳтаййиб* ***бар тоқи хона афтод*** *[338; 169]. Он мурда* ***бар рӯй афтода*** *буд [336; 1068].. Шер ҳам даст бар синаи Мавлоно расонид, чунонки дастори Мавлоно* ***бар замин афтод*** *[336; 542].*

Дар таркиби ибораҳои феълии гурӯҳи мазкур исмҳои конкрету узви бадан ба сифати ҷузъи тобеъ ва феъли **ниҳодан** ба сифати ҷузъи асосӣ омада бошад, ибора ба объект равона шудани амалро ифода мекунад. Ин навъи ибораҳо одатан ду объект: объекти бевосита ва бавоситаро қабул менамоянд: *Он гоҳ ба талоқ савганд хӯрд, ки қозиро* ***бар гардани худ савор кунад*** *[338; 82]. Абӯалии Даққоқ гӯянд, дар охири умр чандон дард* ***бар вай падид омада*** *[329; 30]. Султон як бор* ***бар эшон ғолиб омада****, боз ҳукумат ба онон муқаррар дошта буд [334; 13]. Фақирро* ***бар вай раҳм омада*** *[336; 217]. Он мард қабул кард ва доман барзад ва ӯро* ***бар пушт гирифт*** *ва ба об даромад [338; 224].*

**е) Ифодаи муносибати пуркунандагӣ бо тобиши бархӯрди ду ашё**. Дар ин навъи ибораҳо феъли **задан** ба сифати ҷузъи асосӣ омада, исмҳои ифодакунандаи узви бадан ва баъзе исмҳои конкрет ҳамчун ҷузъи тобеъ воқеъ гардида, амалеро нишон медиҳанд, ки бар дохили предмет равона шудааст: *Ҳоҷиби дуввум даст* ***бар синаи вай заду*** *нагузошт, ки дарояд [329; 52]. Баъд аз он бифармуд, ки об* ***бар рӯйи ӯ заданд*** *[329; 61]. Бардошт ва* ***бар пешонии он рофизӣ зад****, ки мағзҳои ӯ парешон шуд [336; 1018].*

Дар забони насри ин давра чунин ибораҳо дар таркиби ҷумлаҳои пайрави натиҷа низ бештар ба мушоҳида мерасад. Калимаи ҳамнисбати ***чунон*** ба дараҷаи амали сарҷумла ишора мекунад ва ҷумлаи пайрав натиҷаи амалро ифода мекунад: *Мир пои худро чунон* ***бар он дар зад****, ки пас банд аз зулфайн ҷудо шуд [336; 576]. Маймун чунон таппончае* ***бар рӯйи Мавлоно зад,*** *ки нишони панҷаи ӯ қариб ба як моҳ ба чеҳрааш зоҳир буд [336; 866]. Кор то ҷое расид, ки* ***бар якдигар корд кашиданд****. [336; 205].*

*ё)* **Ифодаи муносибати пуркунандагии зам кардани чизе бар чизе**. Пешоянди **бар** дар асар муносибати пуркунандагии зам кардани чизеро бар чизе нишон додааст: *Дид ҳасире афканда ва мусаллое* ***бар он густарда*** *ва Имом рӯй бар қибла нишаста [338; 47]. Понсад тангаи дигар* ***бар он андозам*** *[336; 1156]. Нисфи он ададро* ***бар он меафзоям*** *[336; 1278].*

Яке аз вазифаҳои дигари пешоянди **бар** дар насри давраи таҳқиқшаванда он аст, ки ин пешоянд дар ҷумла бо пешоянди **аз** муродиф шуда, муносибати пуркунандагиро бо тобишҳои гуногун ифода мекунад Чунон ки М. Н. Қосимова қайд мекунад: «Пешоянди **бар** чун муродифи пешоянди **аз** дар насри асри XI низ мустаъмал будааст [50; 189].

Нишон додани муносибати пуркунандагӣ бо тобиши сарчашмаи амалу ҳолат яке аз вазифаҳои пешоянди **бар** дар насри ин давра ба шумор меравад. Дар ин вазифа омадани пешоянди **бар**-ро Б. Шарифов низ ишора кардааст ва фикри ӯ дар ин бобат ҷолиб аст, ки: «пешоянди **бар** нисбатан (нисбат ба пешоянди **аз** дар ҳамин вазифа- Ғ. А.) сермаъно буда, ҳам мафҳуми сарчашма ва ҳам муносибати амалро бо амалиёти тарафайни объектӣ дарҷ кардааст, ки ин хусусиятро **аз** пурра ифода карда наметавонад» [110; 189].

Дар баъзе иборахои феълӣ пешоянди **бар** чун муродифи пешоянди **аз** сарчашмаи амалро бо тобиши макон ифода кардааст. Ин ќабил иборахо бештар дар забони «Бадоеъ-ул-ваќоеъ» дучор омад*: Ногоҳ* ***бар забони вай*** *маъни яке аз асҳоби пайѓамбар* ***гузошт*** *[1056]. ...****бар забони ҳикматфишони*** *...он ҳазрат* ***гузошт*** *[911]. ...агар ...****бар саҳрои Чину Мочин гузарад*** *[415].*

Ба сифати ҷузъи асосӣ бештар феълҳои навъи **гумон бурдан**, **хабар доштан, иттилоъ ёфтан** ва шакли сифати феълӣ ва сифатҳо истифода шудаанд: *....****бар канизак гумон бурданд*** *[712]. Аммо* ***бар берун рафтан****аш ҳеҷ кас* ***иттилоъ наёфт*** *[748]. Табиати аксар аҳли олам ва авлоди бани Одам* ***бар истеҳсоли ин фоида*** *маҳсуру* ***мақсур аст*** *[ 731].*

Дар насри ин давра пешоянди **бар** чун муродифи пешоянди **бо** низ истеъмол шудааст. Дар ин вазифа пеш аз ҳама муносибати пуркунандагиро бо тобиши ҳамроҳӣ нишон додааст. Ба сифати ҷузъи тобеъ исмҳои шахс ва ҷонишинҳои нафсӣ ва шахсӣ омадаанд: *Баққоле* ***бар пиёдарави Айнулқуззот ҷанг карда*** *[336; 1078]. Ҳар чӣ аз лавозими ин амр бошад,* ***бар худ бигиред*** *[336; 531].*

Дар насри ин давра ҳолати муродиф шудани пешоянди **бар** бо пешоянди **барои** низ ба мушоҳида мерасад. Феълҳои амалу вазъият ба сифати ҷузъи асосӣ омада, муносибати пуркунандагиро бо тобиши мақсад ифода мекунад: *Чун кор **бар бемор танг омад** [329; 107]. Ва халқи шаҳр тамом ба деҳ омаданд, то **бар ӯ намоз гузоранд** [338; 203]. Кор **бар вай мушкил шуд** [336; 457]. Ҳофиз, шумо хотир ҷамъ оред, ки мо аввал баҳои ғуломи шуморо **бар худ қарор дода**, ин кор кардем [336; 1045].*

Дар сарчашмаҳои хаттии асрҳои XV-XVI қайд мекунад,- К. Қаландаров,- як навъ ҷумлаи пуркунандае мавҷуд аст, ки ҷонишинҳои ишоратӣ ба вазифаи пуркунандаи бавосита омада, бо пешоянди **бар** сурат меёбад ва ҳатман воқеъ гардидани ҷумлаи пайрави пуркунандаро талаб мекунад: Ҳирсаш **бар он дошт**, ки маҳораш гирифта ва ба хонаи худ равон шуд. **Бар ин қарор доданд,** ки дар ин ҳезумҳо оташ зананд [46; 145].

Хулоса, пешоянди **бар** дар осори хаттии ин давра яке аз пешояндҳои серистеъмол ва сервазифа буда, ҳамчун муродифи пешояндҳои **ба, дар, аз, барои, бо** дар доираи ибораҳои феълӣ муносибатҳои гуногуни ҳолию объектиро ифода кардааст. Сервазифа гардидани ин пешоянд аз давраи миёнаи забони форсӣ сар шуда [199; 25] дар ибтидои давраи нави инкишофи забони адабӣ вазифаҳои наҳвии ин пешоянд афзуда, дар асрҳои минбаъда яке аз пешояндҳои сермаъно, сервазифа ва серистеъмоли забони классикии форс-тоҷик шуда мемонад [232; 80]. Дар давраи инкишофи кунунии забони тоҷикӣ муродифҳои ин пешоянд вазифаҳои наҳвии онро маҳдуд намуда, аксар вазифаи онро ба уҳда гирифтаанд ва дар забони ҳозираи тоҷикӣ шакли содаи ин пешоянд дар наср хеле маҳдуд гаштааст.

## 2 .5. Ибораҳои феълӣ бо пешоянди бо.

Дар сохтани ибораҳои феълӣ наќши пешоянди **бо** калон аст. Ин пешоянд аз пешояндҳои сермаъно буда, вобаста ба маънои луғавии ҷузъҳои ибора ва мавқеи он дар ҷумла тобишҳои гуногуни маъно зоҳир менамояд.

Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар шарҳи пешоянди **бо** чунин нуктаи ҷолиб пешниҳод кардааст: «Бидон, ки **бо** калимаест, ки дар порсӣ барои мусоҳибат

дарояд, чунончи «Фалон бо фалон рафт», «Фалон бо фалон омад» Чунон ки аз ин мисолҳо аён аст, Нисорӣ ин пешояндро чун воситаи ифодаи муносибати ҳамроҳӣ донистааст [345; 47].

Тобишҳои маънoии пешоянди **бо** дар китобҳои дарсӣ ва асару таҳќиќоти Л. П. Смирнова, М. Н .Ќосимова, Б. Шарифов, Г. Камолова, А. Мирзоев, А. Алиев ва дигарон зикр ёфтааст [17; 30; 273; 50; 110; 44; 63; 5].

А. Мирзоев қайд кардааст, ки маънои аслии пешоянди **бо** дар ибора пеш аз ҳама нишон додани муносибати ҳамроҳӣ ва воситаи иҷрои амал мебошад [63; 77].

Ибораҳои феълие, ки ба воситаи пешоянди **бо** ташкил ёфтаанд, аз ҷиҳати сохт одатан аз ду ва се калима ташкил ёфтаанд. Инчунин доираи истеъмоли ин пешоянд дар осори хаттии асрҳои XV-XVI ба таври гуногун воқеъ гардидааст. Масалан, пешоянди **бо** дар таркиби ибораҳои феълӣ нисбат ба пешояндҳои **барои, бе, ҷуз, то** ва **то ба** ҳам аз ҷиҳати маъно ва ҳам аз ҷиҳати дараҷаи истифода серистеъмол аст.

**1) Ифодаи муносибати пуркунандагӣ**. Дар забони насри ин давра пешоянди **бо** дар таркиби ибораҳои феълӣ дар ифодаи муносибати пуркунандагӣ доираи васеи истифода дорад. Тобеъкунанда бо феълҳои гуногунмаъно ва ҷузъи тобеъ бо исму ҷонишинҳо ифода гардидааст: ***…бо қаландар ҷанг кунам*** *[336; 636]. Аз муҳташамони шаҳри Табрез аст ва пайваста* ***бо ҷавонони*** *сода* ***муоширaт менамуд*** *[341; 236]. Марде ямании дидам, ки пеши Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф истода буду* ***бо ӯ мунозира мекард*** *[338; 90].*

Дар ин ќабил ибораҳо ҷузъи тобеъ эзоҳдиҳандаи гуногун гирифта метавонад, ки баъзе аз онҳо унсури зарурии ибора маҳсуб меёбанд: *Табъаш ба ҳазл моилу роғиб буд ва бад-ин восита* ***бо ҳуккому акобир мусоҳибат менамуд*** *[341; 224]. Мазмун он ки якчанд рӯз* ***бо эшон мусоҳиб шудем*** *[336; 105].*

Дар ибораҳои феълие, ки ҷузъи асосӣ феъли таркибии номӣ аст, пешоянди **бо** дар ифодаи муносибати пуркунандагӣ бештар истифода

шудааст: *Ба ҳар кас ҳар руқъа, ки афтод,* ***бо вай*** *ба мазмуни он* ***муомала карданд*** *[329; 64].* ***Бо ҳар кас дар мубоҳаса*** *ва мунозара* ***мешуд*** *[336; 666]. ...****бо мо ошноӣ накарда*** *[336; 612].*

Дар ифодаи ин маънӣ феълҳои гуногун ба сифати ҷузъи асосии ибора сурат гирифта, исми шахс, масдар ва ҷонишинҳои шахсӣ чун ҷузи тобеъ ба таври васеъ истифода мешаванд: *Дид, яке аз ҳозирин, ки* ***бо вай*** *нисбати* ***хешӣ дошт,*** *ҷоми заррин дар бағал ниҳод [329; 47]. Пас гӯем: ҳар кас мисроъи робеъ бигӯяд****, бо ӯ суҳбат медорем*** *[329; 107]. Ман* ***бо ӯ*** *бисёр* ***суҳбат доштаам*** *ва шеъри ҳам бо ҳам хондаем [341; 186].*

Хусусияти хоси пешоянди **бо** он аст, ки дар байни тобеъкунандаву тобеъшаванда омада муносибати ҳамроҳиву муносибат ва ҳолату вазъиятрро мефаҳмонад: *Хост, ки* ***бо ӯ суҳбат дорад*** *ва зарофате кунад [338; 130].* ***Бо ӯ дуруштӣ карду*** *сахту суст гуфт [338; 103]. Лиҳозо дар айёми сибо* ***бо подшоҳи*** *мазкур дар як мактаб чизе* ***хондаанд*** *[341; 298]. Рӯзе Искандар* ***бо сарҳангони хеш барнишаста*** *буд [329; 56]. Рӯзе Султон Ҳусайн Мирзо* ***бо Мир Алишер*** *дар хилвате* ***нишаста*** *буданд [336; 545].*

Дар сохтани ин навъи ибораҳо ёридиҳандаҳои феълӣ ба сифати ҷузъи асосӣ доираи фарохи истеъмол доранд: *Алқисса,* ***бо он пир равон шуда,*** *ба пойдевори қасре расиданд [336; 518]. Рӯзе он подшоҳро* ***бо вай*** *дар мармаре иттифоқи* ***мулоқот афтод*** *[329; 44]. Бар хилофи ғизолон* ***бо сагсифатони*** *дун* ***мулоқот мекард*** *[341; 290]. Чун Султоншоҳ* ***бо ӯ мулоқот кард****, аз рӯйи имтиҳон ва табъозмоӣ гуфт [338; 182].*

Дар доираи муносибати пуркунандагӣ дар таркиби ибораҳои феълӣ пешоянди **бо** дар сурат додани тобишҳои маъноии зер ширкат кардааст:

**а) Ифодаи** муносибати **пуркунандагии (объектии) таъинот.**

Истифодаи ин навъи ибораҳо дар насри ин давра васеъ аст. Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои навъи **гуфтан, улфат гирифтан** ва чун ҷузъи тобеъ исмҳои гуногунмаъно ва ҷонишинҳои предметӣ истифода шудаанд: *Ҳакиме* ***бо писари*** *худ* ***гуфт*** *[329; 40]. Ҳаҷҷоҷ* ***бо вай*** *сухан* ***мегуфт*** *[329; 55]. Бушри Хофиро муриде* ***бо вай гуфт*** *[329; 31].* ***Бо вай гӯй****, то кай равем, шоша кунем*

*[336; 518]. Фирдавсӣ **бо худ гуфт**, кори ман аз пеши вай гушоише ёбад [336; 240]....ту **бо ман** инчунин **душманӣ мекунӣ** [336; 766]. Шоҳқосим **бо мутааллиқони худ** дар киштӣ **нишаста**...мутаваҷҷеҳи Самарқанд шуданд [336; 43].*

**б) Ифодаи муносибати пуркунандагӣ бо тобиши ҳамроҳӣ.** Дар ифодаи муносибати пуркунандагӣ бо тобиши ҳамроҳӣ пешоянди **бо** дар насри асрҳои XV-XVI аз пешояндҳои серистеъмол аст. Дар забони адабии муосири тоҷик пешоянди **бо** бештар дар таркиби ибораҳои номӣ барои ифодаи муносибати ҳамроҳӣ серистеъмол аст. Табиати наҳвии чунин ибораҳо, чунон ки С. Абдураҳимов ќайд мекунад, ҳанӯз «пурра таҳќиќ нашудааст» [2; 149].

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик «доираи истифодаи ҷузъи асосӣ дар ин гуна ибораҳо нисбат ба ҷузъи тобеъ аз ҷиҳати луғавӣ хеле фарох аст» [17; 104]. Маводи бадастоварда собит намуд, ки дар осори насрии давраи таҳќиќ дар баъзе мавридҳо наќши ҷузъи тобеъ дар ифодаи маънои ҳамроҳӣ калон аст: *Бо чанд тан аз ҷавонони диловез дар шаҳри Табрез **бо Савсанӣ сайр мекардам** [336; 314]. Ӯро садо заданд, биёмад ва **бо ҳам** он қурсҳоро **хӯрданд** [338; 26]. Яке аз ёрони ин фақир ...**бо ҷамъе ёрон** ба хонаи фақир **омаданд** [336; 491].*

Дар сохтани ибораҳои феълие, ки муносибати пуркунандагиро бо тобиши ҳамроҳӣ ифода мекунанд, ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои ифодагари амалу ҳолат ва чун ҷузъи тобеъ исму ҷонишинҳои предметӣ истифода шудааст. Ибораҳои зерин одатан аз ду калима таркиб меёбанд: *Асмаъӣ гӯяд: **бо кариме ошноӣ доштам**, ки ҳамвора ба тавақќӯъи караму эҳсон ба дари хонаи вай мерафтам [329; 65]. Ва **бо худ лаълпора**и қимате **доштам,** онро дар пораи чарме гирифта, дар бозуи худ баста будам [336; 474].*

Тобиши маънои ҳамроҳӣ дар насри ин давра дар таркиби ибораҳои феълӣ бештар бо феълҳои **ҳамроҳ будан, ҳамроҳ шудан, ҳамроҳ овардан** низ ифода мешавад: *Ошиқпешагӣ ва соҳибмазоқии ӯ то ба ҳаддест, ки рӯзе **бо падараш ҳамроҳ буд,** дучори ҷавоне мешаванд [341; 262]. Зарифе **бо***

***арабе ҳамроҳ шуд*** *[338; 130]. Эй Яҳё, сабаб чист, ки дар маҷлиси ман заҳр* ***бо худ ҳамроҳ овардаӣ****? [336; 856].*

**в) Ифодаи муносибати пуркунандагии муштарак**. Дар ифодаи муносибати пуркунандагии муштарак пешоянди **бо** дар насри ин давра серистеъмол аст. Ҷузъи асосии ин ибораҳо бо феълҳои гуногунмаъно, ҷузъи тобеъ бо исмҳои ифодакунандаи номи ашё, амалу ҳолат ва ҷонишинҳо ифода мешавад: *Шерғозие* ***бо гева намоз мегузорд*** *[338; 242]. Амир гуфт …****бо ёрон тановул кунем*** *[336; 381]. Он кӯдак доим* ***бо он мурғак бозӣ мекард*** *[338; 15]. Овардаанд, подшоҳе буд,* ***бо маймун шатранҷ мебохт*** *[336; 866]. Ва дар хиргоҳе нишаста, сар бараҳна карда****, бо амир шатранҷ мебохт*** *[336; 381]. Ё ин ки даъво кунад, ки ман* ***бо фалон қимор ғоибона бохтаам*** *ва ӯ дар адои ваҷҳ таълил мекунад [341; 137].*

**г) Ифодаи муносибати пуркунандагии восита**. Дар ифодаи муносибати пуркунандагии воситаи иҷрои амал пешоянди **бо** дар сарчашмаҳои хаттии давраи мавриди назар камистеъмол аст. Ин муносибати грамматикӣ дар насри ин давра бештар бо пешоянди **ба** ифода шудааст. Раванди муродифи ҳам шудани пешоянди **бо** ва пешоянди **ба** дар давраи ҳозираи забони тоҷикӣ ҳам идома дорад [228; 36].

Дар насри ин давра, махсусан дар забони «Бадоеъ-ул-вақоеъ» дар вазифаи иҷрои амал пешоянди **бо** танҳо дар ҳашт мавриd ба қайд гирифта шуд: *Он хоҷа барҷаст ва сари дасти ӯро* ***бо устура бигирифт*** *[774]. Онро камонсифат хам гардонида* ***бо бирешиме барбаст*** *[880]. Ҳофиз Қазоқ ин савтро* ***бо қонун бунёд кард*** *[ 576]. Шоми қирфомро…****бо кулоҳи сурх****…ба ҷилва* ***даровард*** *[ 1325].*

**ғ) Ифодаи муносибати пуркунандагии (объекти) муроҷиат**. Дар осори хаттии ин давра пешоянди **бо** дар ифодаи муносибати пуркунандагии (объекти) муроҷиат серистеъмол аст. Тобеъкунанда феълҳои амали хоҳиш буда, исмҳои гуногунмаъно чун ҷузъи тобеъ сурат мегиранд: *Эй мард,* ***бо гева намоз гузордан*** *раво нест, иода кун, ки намозе надорӣ [338; 576]. Пас,* ***бо Салмон оғози итоб кард****, ки худатро марде фозилу доно мегӯӣ [338; 576].*

*Боғбон **бо маймун ишорат карда**, филҳол ба адои тамом ба оташ кардан машғул шуд [336; 871].*

**д) Ифодаи муносибати пуркунандагии табдил**. Як гурӯҳи ибораҳо бо пешоянди **бо** муносибати пуркунандагиро бо тобиши табдил ифода мекунанд, аммо доираи истеъмоли онҳо маҳдуд аст: *Имом фармуд, ки равғани гӯсфанд **бо гулоб биёмезанд** ва бар он думал ниҳанд, то дард сокин шаваду сар бигшояд [338; 46].*

**2) Ифодаи муносибати ҳолӣ.** Дар ифодаи муносибати ҳолии сарчашмаҳои хаттии давраи таҳқиқ пешоянди **бо** серистеъмол нест.

Дар ибораҳои феълии муносибати ҳолӣ феълҳои ифодакунандаи ҳолату вазъият ва амал ба сифати ҷузъи асосӣ омада, исмҳо, ҷонишинҳои шахсӣ ба сифати ҷузъи тобеъ воқеъ мегарданд. Дар ин навъи ибораҳо маънои муносибати ҳолӣ маҳз ба туфайли ҷузъи тобеъ зуҳур меёбад. Ибораҳои феълие, ки ба воситаи пешоянди **бо** ташаккул ёфтаанд, муносибатҳои ҳолиро бо тобишҳои зайл сурат додааст:

**а) Ифодаи муносибати ҳолии тарзу ҳолат.** Қисме аз ибораҳои феълии бо пешоянди **бо** вобаста ба маънои луғавии ҷузъҳо муносибати ҳолату вазъиятро бо тобиши тарз ифода карда метавонанд. Ҷузъи асосӣ бо феълҳои гуногунмаъно ва ҷузъи тобеъ бо исмҳои моддӣ ва ифодагари ҳолату вазъият ва ҷонишин ифода гардидаанд: *Кӯдак **бо овози** ҳазин **мехонд** [336; 470]. Касе дар масҷид **бо кашф намоз мегузорид** [341; 325]. Бо чанд тан аз ҷавонони диловез дар шаҳри Табрез **бо Савсанӣ сайр мекардем** [341; 314].*

Дар як қабил ибораҳо феъли **рафтан** ба сифати ҷузъи асосӣ омада, тариқи иҷрои амалро хеле барҷаста нишон додаанд: *Сӯфии даъватхорае **бо ҷамъе муридон** ба ҷойе **мерафт** [338; 267]. Аёс ибни Муовияи Музанӣ хурдсол буд ва норасида, ки дар Шом **бо пире** ба дорулқазо **рафт** [338; 290]. Вай низ бихандиду **бо рафиқон** бад-он қабила **рафт** [338; 21].*

**б) Ифодаи муносибати ҳолии қиёсу андоза.**

Теъдоди чунин ибораҳои феълӣ дар насри ин давра нисбатан маҳдудтар аст. Ба сифати ҷузъи асосӣ феҳои амалу ҳолат омада, чун ҷузъи тобеъ

исмҳои гуногунмаъно ва предметҷонишинҳо истифода шудаанд: *Ва Имом фармуд, ки фақр **бо мо беҳтар аст** аз ғано бо дигарон ва қатл **бо мо беҳтар аст** аз ҳаёт бо дигарон [338; 47]. Мегӯянд, ки ту **бо ман мушобаҳат**и тамом **дорӣ** [336; 1270].*

Дар насри давраи таҳқиқ ифодаи муносибати замонӣ бо пешоянди **бо** дар таркиби ибораҳои феълӣ ба мушоҳида нарасид.

Таҳлили маводи бадастоварада собит намуд, ки дар насри ин давра пешоянди **бо** дар таркиби ибораҳои номӣ дар вазифаи мубтадо хеле серистеъмол будааст. Хусусияти наҳвии чунин ибораҳо дар асару мақолаҳои Р. Ғаффоров, Ш. Рустамов, С. Абдураҳимов, А. Мирзоев А. Солиев, М. Исматуллоев, Н. Бозидов, А. Алиев ва диг. таҳқиқу баррасӣ шудааст [24; 77; 2; 63; 266; 35; 11; 5].

Дар масъалаи кадом вақт яклухт мубтадо шумуридани ибораҳои номӣ қайди зерини профессор Р. Ғаффоров ҷолиб аст: «дар ин маврид ба кадом шакл ифода ёфтани хабар аҳамияти ҳалкунанда дорад: вай ҷамъ бошад, ҷузъҳои ибора якҷоя мубтадоро ифода мекунанд, дар сурати ба шакли танҳо воқеъ гаштани он ҳиссаи тобеъ хусусияти пурраи вобастагии синтаксисӣ зоҳир намуда, вазифаи пуркунандаро адо менамояд [24; 46].

Ба фикри мо, дар сурати дар шакли ҷамъ омадани хабар ин пайвандакҳоро яклухт мубтадо гуфтан мумкин аст ва агар хабар дар шакли танҳо омада, фақат амали як предметро ифода намояд, он гоҳ ҳиссаи тобеъро пуркунанда гуфтан ҷоиз аст. Баъзе омилҳо, масалан, дар байни онҳо омадани калимаҳои дигар, дар таркиби изофӣ ё бо ҷонишини нафсию бандакҷонишин омадани ҳиссаи дуюм ва монанди инҳо имкон намедиҳад, ки ин гуна мубтадоҳоро чида номем: ***Бо ҷавонон**и содарӯйе дар хилват **сар оварда**, аз захми корде, ки аз ӯ хӯрда, сардафтари мусофирони адам гашта [341; 277]. Шарафи зотро **бо ҷаҳоне сифоту** камолот **ҷамъ сохта** ва алами иннака-л-ало хулуқин азим барафрохта [341; 72].*

## 2.6. Иборахҳои феълӣ бо пешояндҳои барои (аз барои), то, то ба, бе, ҷуз (ҷуз аз, ҷуз ба, ба ҷуз, ҷуз бар).

Азбаски дар сарчашмаҳои хаттии давраи мавриди назар пешояндҳои **барои, то, то ба, бе, ҷуз (ҷуз аз, ҷуз ба, ба ҷуз, ҷуз бар)** нисбат ба пешояндҳои фавқуззикр камистеъмоланд, таҳлилу тасвири онҳоро дар як банд зарур шуморидем.

### 2. 6. 1.Пешоянди барои (аз барои).

Дар таркиби иборахҳои феълӣ пешоянди **барои (аз барои)** дар шакли сода камтар ва дар шакли таркибӣ бо пешоянди **аз** (**аз барои**) дар сарчашмаҳои хаттии асрҳои XV-XVI дар ифодаи муносибатҳои наҳвии мақсадӣ, пуркунандагӣ ва сабабӣ истифода шудааст. Доираи ифодаи муносибати мақсадӣ дар доираи иборахҳои феълӣ нисбат ба муносибатҳои объектӣ ва ҳолӣ фарохтар аст.

Пешоянди **барои** дар насри давраи таҳқиқ дар шакли сода 86 маротиба дучор гардиду бас. Пешоянди аслии **барои** ҳам дар забони осори классикӣ ва ҳам дар забони адабии ҳозираи тоҷик серистеъмол аст. Дар «Грамматикаи забони адабиии ҳозираи тоҷик» ифодаи муносибатҳои гуногуни наҳвӣ бо пешоянди **барои** таъкид шудааст [17; 111].

А. Мирзоев пешоянди **барои**-ро дар қатори пешояндҳои аслӣ дохил намуда, чунин изҳори ақида кардааст: «Пешоянди **барои** дар асл муносибати мақсаду таъинотро нишон медиҳад, вале гоҳо вобаста ба маънои луғавии ҷузъҳои ибора ва мазмуни тамоми ҷумла муносибати замониро низ ифода мекунад»[63; 165].

«Дар забони дарӣ,- қайд мекунад Ғ. Ҷӯраев, пешоянди аслии изофии **барои** (**бароэ**) мисли дигар пешояндҳои аслии тасвиршуда маънои мустақили лексикӣ надорад. Як аломати хоси пешоянди **барои** дар он аст, ки он дар ифодаи таъинот ва нишон додани шахс ҳама гуна шаклҳои бандакҷонишинҳоро қабул карда метавонад» [109; 167].

М. Ќосимова ќайд мекунад, ки «пешоянди аслии изофии **барои** дар алоќаи вобастагии  калимаҳои насри асри XI серистеъмол аст [50; 25].

Дар хусуси истеъмоли пешоянди **барои**, **аз барои** мулоҳизаҳои Б. Шарифов ќобили диќќат аст: «пешоянди таркибии **аз барои** тобишҳои сабабу маќсаднокиро равшантар ва ќувватноктар ифода намояд, **барои** онро ба тариќи умумию сатҳӣ дар бар мегирад. Ѓайр аз ин , **аз барои** дар матн тобиши таъкидиро дорад, ки инро дар семантикаи **барои** ҳис кардан душвор аст» [110; 195], ки мо низ ба ин андешаи муҳаќќиќ комилан мувофиќем.

Маводҳои бадастомада собит намуд, ки дар насри давраи таҳќиќ, махсусан дар забони «Бадоеъ-ул-ваќоеъ» истифодаи пешоянди **аз барои** нисбат ба пешоянди **барои** дар ифодаи муносибатҳои гуногуни наҳвӣ васеътар аст, чунки дар матнҳои асар агар пешоянди **барои** 48 маротиба истифода шуда бошад, пас пешоянди **аз барои** 174 маротиба дучор омад. Дар дигар асарҳои таҳќиќшавандаи насри ин давра чунин ҳолатро мушоҳида кардан мумкин аст.

Мувофиқи ишорати боло пешоянди **барои (аз барои)** муносибатҳои ҳархелаи наҳвиро бо чанд тобиши маъно ифода менамояд, ки яке аз инҳо муносибати мақсад мебошад.

**а) Ифодаи муносибати мақсадӣ.** Дар ифодаи чунин муносибати наҳвӣ пешоянди **барои (аз барои**) дар осори мансури давраи таҳќиќ серистеъмол аст. Иборaҳои феълӣ бо пешоянди **барои** ва шакли таркибии он **аз барои** муносибати соф мақсадиро ифода мекунанд. Ба сифати ҷузъи тобеъ исмҳои маънии ифодагари амалу ҳолат ва масдарҳо ва чун ҷузъи асосӣ феълҳои гуногунмаъно корбаст шудаанд: *Шумо* ***аз барои чӣ кор ќадам ранҷа фармудаед*** *[336; 334]. ...**аз барои он талбидам** [336; 615]....**барои таклифи** амри ҷавон **ташриф намуда буданд** [336; 936]. Хосу оми он диёр сайди ӯ шуданд ва ҳарчанд **аз барои ӯ туҳфа**ву ҳадя **бурданд** [338; 271].*

Дар ин ќабил иборaҳо исми амал дар вазифаи ҷузъи тобеъ васеъ истифода мешавад ва дар ин маврид муносибати маќсадӣ хеле барҷаста намоён мешавад: *Ҳар кӣ табақе ё косае ҳамехарад, гумон барам, ки барои он харад, ки таоме дар он табақу коса кунанд ва **барои ман фиристад** [338; 271]. Имом зане бихост ва сад канизаки ороста ба хилъатҳои гаронмоя*

***барои ӯ фиристад*** *[338; 28]. Амир писари Ҳорун вакиле ба наххосхона фиристад, ки* ***барои ӯ*** *канизаки ҷамила* ***бихарад*** *[338; 271]. Дастпаймоне лоиқ сомон кун, то арӯси ҷамила аз аъёни қабила* ***барои ту хостгорӣ кунам*** *[338;56]. Хоҷаи мунъиме* ***барои худ мақбарае сохт*** *[338; 224].*

Исмҳои шахс дар таркиби ибораҳои феълии насри ин давра ба сифати ҷузъи тобеъ серистеъмоланд. Феълҳои гуногунмаъно чун ҷузи асосии ин навъи ибораҳо корбаст шудаанд: *Овардаанд, ки Насри Сомонӣ фармуд, ки* ***аз барои Абӯалӣ курсие сохта*** *[336; 792]. Мавлоно Фасеҳ дар хонаи хатиб* ***барои Ҳофиз*** *қазоқоқи Қонунӣ* ***асбоби*** *муошират* ***муҳайё сохтанд*** *[336; 574].*

Дар як ќабил ибораҳои феълие, ки бо пешоянди **барои** маънои маќсадиро ифода мекунанд, феълҳои ёридиҳанда ба сифати ҷузъи асосӣ доираи истеъмоли васеъ доранд: *Баҳроми хуношом* ***аз барои забту ҳифзи он қалъа*** *аз кавокиб* ***муҳраи милтиқ тайёр мекард*** *[338; 684]. ...чизе* ***намеёбанд барои соф кардан*** *[336; 579]. Муншаоти хоҷагиро, ки* ***аз барои вай иншо карда,*** *чун бағоят ғарибу бадеъ буд, китоби худро ба он зебу зинат додаем [336; 672]. Иброҳим* ***барои гулхантобӣ камар баста*** *[336; 334]. ...****барои таклифи*** *амри ҷазо* ***ташриф намуда*** *буданд [336; 936]. Мир фармуд, ки дар ҷавори хонаи худ* ***аз барои вай*** *ҷой* ***таъин намуданд*** *[336; 708]. Ва туро* ***аз барои он гирифтам****, ки ману ту мардону занонро ғассолӣ намоем ва авқот гузаронем [336; 744]. Хадиҷабегим* ***аз барои кашфи ин роз*** *ба вай* ***муқаддамот омӯхта,*** *ӯро ба хонаи Мир фиристод [336; 708].*

Маводи бадастомада нишон дод, ки дар давраи таҳқиқ, махсусан дар забони «Бадоеъ-ул-вақоеъ» шакли таркибии **аз барои** бештар истифода шудааст. Чунонки Б. Шарифов дуруст ќайд мекунад: «дар истеъмоли ин ду пешоянд (**барои, аз барои**-А. Ғ.) таваҷҷуҳи муаллиф бештар ба шакли таркибӣ будааст» [110; 195].

Дар ин қабил ибораҳо пешоянди **аз барои** дар таркиби ибораҳои феълӣ омада, муносибати мақсадиро бо тобиши таъйинот ифода мекунад. Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои гуногунмаъно омада, исмҳои шахс, ҷонишинҳои шахсӣ ҳамчун ҷузъи тобеи ибораҳои мазкур сурат мегиранд: ***Аз барои вай мактубе***

***мебояд**, ки аз он ниҳолҳо ирсол намояд [336; 126]. Ҷаноби Мавлоно **аз барои ин камина матлае фармуданд,** бисёр хуб воқеъ шуда [336; 199]. Панҷоҳ қитъа **аз барои сараш** ва панҷоҳи дигар аз барои он сири дигар **мураттаб гардид** [336; 215].*

**б) Ифодаи муносибати пуркунандагӣ.** Ибораҳое, ки муносибати пуркунандагиро мефаҳмонанд, дар насри ин давра доираи фарохи истифода доранд. Феълҳои муносибат ва ҳолат ба сифати ҷузъи асосӣ омада, бештар исмҳои шахс ва ҷонишинҳо ҳамчун ҷузъи тобеъ воқеъ мегарданд. Ин ибораҳо, асосан, аз ду ва се калима таркиб ёфта, муносибати пуркунандагиро бо тобиши маънои таъинот ифода мекунанд: *Дар мактубе, ки **аз барои** мутолибаи **Анварӣ менавишт** [329; 112. Ва онро ба сад ҳазор динор **барои подшоҳ харидем** [329; 52]. **Аз барои табаррук** пушти худро бар синаи Ҳазрат **часпонид** [338;14]. Он кас, **ки барои ман** оварда, ба панҷсад дирами нуқра бар сар **ниҳодӣ** [338;14].*

Ибора бо феълҳои **гуфтан**, **навиштан, талабидан** ва **фармудан** муносибати пуркунандагиро бо тобиши таъинот ифода мекунанд: *Рӯзе **барои ҷавонон ғазале гуфта** будам ва дар пеши дукон ба ӯ арз кардам [341;210]. **Аз барои вай мактубе навишта….** [336;478]. Туро **аз барои он талабидам**, риши ту калоғе гирам [336;477]. Маълум шуд, ки шумо **аз барои чӣ** кор **қадам ранҷа фармуда** [336;584].*

**в) Ифодаи муносибати сабабӣ.** Як қисми хурди ибораҳо бо пешоянди **барои** муносибати наҳвиии сабабиро бо тобиши таъйинот ифода мекунад. Ба сифати ҷузъи асосӣ, асосан, феълҳои ҳаракат, ҳолат ва муносибат омада, исмҳои амал ва баъзе ҷонишинҳои ишоратӣ ҳамчун ҷузъи тобеи ибораҳо сурат мегирад: *Шарм медорам **аз барои ин миќдор мулк савор шудан** ва таваҷҷуҳ ба тасарруфу тасхири он намудан [347; 136]. Ба арз расонд, ки фалонноймон **аз барои мулозимон аспе ниёз фиристода** [336;326]. Султонро заминбӯс бирасон ва бигӯ, ин хидмат банда **аз барои номи боқӣ карда**, на аз барои моли фонӣ [336;461]. **Аз барои** ӯ саночае сохт, ки аз касри биҳишт **ёд медод** [336;1161].*

Бояд гуфт, ки дар насри ин давра шакли **баҳри** низ ба мушоҳида расид, аммо ин пешоянд нисбат ба пешоянди **барои (аз барои)** камистеъмолтар аст. Сабаб он ки пешоянди **баҳри** хоси каломи манзум буда, дар наср камтар истифода мешавад.

Дар ин хусус Н. Маъсумӣ чунин қайд мекунад: «Дар насри классикӣ дар баробари пешояндҳои **барои**, **аз барои** пешоянди **баҳри** низ кор фармуда мешуд ва бо вазифаю моҳияти худ ҳамчун муродифи пешоянди **барои** хизмат мекард [58; 138].

Ибораҳои феълие, ки бо пешоянди **баҳри** (аз баҳри) ташаккул меёбанд, феълҳои ҳаракату ҳолат ба сифати ҷузъи асосӣ омада, исмҳои гуногунмаъно ва ҷонишинҳо ҷузъи тобеи ин гурӯҳи ибораҳоро ташкил медиҳанд. Ҳам феълҳои монда ва ҳам гузаранда ҷузъи асосии ибора шуда метавонанд: *Якчанд байт аз он* ***аз баҳри хотир киштисифат*** *ба соҳили* ***баён омад*** *[338;37]. Кайвон* ***аз баҳри сайди моҳиёнаш*** *ҳар шаб аз акси сипеҳр ба кавокиби сурфае* ***дам сохтӣ*** *[336;36].*

Дар ифодаи муносибати пуркунандагӣ бо пешоянди мазкур ҷонишинҳои шахсӣ низ доираи фарохи истифода доранд. Дар ин гурӯҳи ибораҳо муносибати пуркунандагӣ бо тобиши таъинот ба таври барҷаста ифода гардидааст: ***Аз барои мо*** *аҷаб қатори шутур* ***овардаӣ*** *[329; 98]. Ва аз хизонаи Мирзо* ***барои ӯ ҷома гирифта*** *буд ва савор кард [338;170].*

**2. 6. 2. Пешоянди то.**

Ибораҳои феълӣ бо пешоянди **то** дар насри ин давра серистеъмол аст. Баъзе хусусиятҳои грамматикӣ ва тобишҳои маъноии ин пешоянд дар китобҳои дарсӣ ва асару тадқиқоти муҳаққиқон зикр гардидааст [16; 17; 18; 30; 228; 262; 63; 3; 5; 19].

Муносибатҳои макон ва замонро ифода кардани пешоянди **то** дар насри асри XI зикр ёфтааст [50; 23]

Аз рӯйи тадқиқоти Р. Ҷӯраев дар насри асри XII (дар «Асрор-ул-тавҳид») шакли содаи пешоянди **то** вонахӯрдааст [181; 127].

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик муносибатиҳои масоҳавӣ ва замониро ифода кардани пешоянди **то** зикр шудааст [17; 107].

Дар асари Д. Хоҷаев зикр шудааст, ки «Хоҷа Ҳасани Нисорӣ панҷ вазифаи ин калимаро дар иборати порсӣ: аввал **то**-и интиҳоия, дувум –**то**-и ибтидоия, савум-**то**-и зинҳория, чаҳорум –**то**-иллат (сабаб) ва ниҳоят панҷум **то**-и таъкидро таъкид кардааст [98; 48].

Дар мисолҳое, ки дар «Чаҳор гулзор» таҳлил шудаанд, калимаи **то** на ҳамчун пешоянд, балки чун пайвандаки тобеъкунанда маъноҳои грамматикии замон, шарт ва мақсадро ифода кардааст ва андешаҳои Д. Хоҷаев дар масъалаи муайян кардани тобишҳои маъноӣ дурустанд.

Аммо дар мисоли якум **то**-и интиҳоя, ки барои интиҳои ғоят дарояд. Чунончи, **Аз алиф то ё хонд**: **Аз Араб то Аҷам сер кард**, ба андешаи мо, пешоянди **то** дар якҷоягӣ бо пешоянди **аз** дар шакли **аз…то** муносибати макони ибтидо ва интиҳои амалро дар масоҳат нишон додааст. Ин шакли пешоянди таркибӣ дар забони «Бадоеъ-ул-вақоеъ» дар ифодаи маънои макони ибтидо ва интиҳои амал: ***Аз рӯйи замин то об панҷоҳ газ буд*** *ва умқи он яксаду панҷоҳ газ ва он миқдор обро бармекашиданд [349]* ва дар «Туҳфаи Сомӣ» ба ҳамин маъно: *Вусъати мулкаш* ***аз Қандаҳор то Бангола****, ки аз ақсои мамолики Ҳинд аст,* ***расид*** *[59]* мустаъмал аст.

Дар сарчашмаҳои хаттии давраи мавриди назар дар таркиби ибораҳои феълӣ дар ифодаи муносибати ҳолии замон пешоянди **аз** дар шакли ҷуфт бо пешоянди таркибии **то ба** низ омадааст: ***Аз он вақт то бад-ин ғоят*** *касе камони даъвии ӯро* ***накашида*** *[336;893].*

Пешоянди **то** дар забони насри ин давра дар ифодаи муносибатҳои замонӣ ва масоҳавӣ истифода шудааст: *Ман шаб* ***то саҳар Ќуръон мехонам*** *[336;893].*

**1) Ифодаи муносибати ҳолӣ.** Пешоянди **то** дар ифодаи ин муносибати наҳвӣ серистеъмол аст. Ин пешоянд муносибати ҳолиро бо тобиши маънои зайл сурат додааст:

**а) Ифодаи муносибати ҳолии масоҳат.** Пешоянди **то** дар ифодаи муносибати ҳолии масоҳат бо исмҳои макон интиҳои хати ҳаракати амалиёти субъектро нишон медиҳад: *Он ки **то сари бозор ҳамроҳи ман ой** [338;256]. Мо ҳам **то Астаробод ҳамроҳӣ шумоем** [336;1082].*

Дар ифодаи маънои масоҳат пешоянди **то** дар забони «Бадоеъ-ул-ваҳоеъ» бештар дар як ҷумла бо пешоянди **аз** истифода шудааст. Дар шакли холис дар ифодаи ҳолии макон ҳамагӣ **7 бор** ба назар расиду бас. Дар якҷоягӣ бо пешоянди **аз** бошад **37** бор қайд гардид. Ба сифати ҷузъи асосӣ ғайр аз феълҳо калима ва таркибҳои ифодагари андозаю миқдор ва ченаки масофа низ омадаанд. Дар осори давраи таҳқиқ ин қолаби иборахо бештар дар «Бадоеъ-ул-ваҳоеъ» ба назар расид: *...**аз Ҳирот то он ҷо 30 фарсах аст** [606]. **.... аз дари Рум то ақсои Ҳинд ... касе нест** [1090]. Чунончи машҳур буд, ки **то аз модар зода** ғубори масъият бар домани исматаш нанишаста [562].*

**б) Ифодаи муносибати ҳолии замон.** Пешоянди **то** дар насри давраи мавриди назар чун ифодагари муносибати ҳолии замон серистеъмол аст. Хусусан, дар шакли холис маънои замониро нисбат ба муносибати масоҳавӣ зиёдтар ифода кардааст. Чи тавре ки дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» ќайд шудааст: «Бо пешоянди **то** ҳамаи исмҳои ифодакунандаи маънои замонӣ ё бо маҳфуми замонӣ алоқаманд васл шуда метавонанд» [17; 108].

Дар иборахои феълии бо пешоянди **то**, ки муносибати замониро мефаҳмонанд, феълҳои гуногунмаъно ба сифати ҷузъи асосӣ омада, исмҳои замон, зарфҳои замон, исмҳои ҳиссаи рӯзу шаб, номи фаслҳои сол, исмҳои ифодагари ченаки вақт ва масдарҳо ҳамчун ҷузъи тобеъ сурат мегиранд: *Ғулом рафту **то охири зӯҳр пайдо нашуд** [338;257]. Арабе ғуломе ба хоҷаи басрӣ фурӯхт ва он хоҷа ӯро ба саққоӣ муқаррар кард ва **рӯз то шаб об мекашид** [338;297]. Ман шаб **то саҳар қуръон мехонам** [336;1210].*

Пешоянди **то** дар якҷоягӣ бо пешоянди аслии **аз** дар ифодаи муносибати ҳолии замон истифода шудааст, вале теъдоди чунин мисолҳо

нисбатан камтар аст: ***Аз намози пешин то намози шом шино карда*** *[336;170].* ***Аз хуруҷи зулол то духӯли шом… мутолаа менамуд*** *[336;405].*

**2. 6. 3. Пешоянди то ба.**

Дар асарҳо ва рисолаҳои илмӣ танҳо муносибати масоҳатии пешоянди **то ба** қайд шудааст, ки зикри номгӯйи ин сарчашмаҳо дар бахши ибораҳои феълии бо пешоянди **то** қайд шудааст. Ҳамин нуктаро бояд таъкид кард, ки дараҷаи истеъмоли пешояндҳои аслии таркибӣ, ки аз пешояндҳои аслии **ба, бар, дар, аз ва то, ҷуз** сохта мешаванд, дар алоќаи наҳвии вобастагии калимаҳои таркиби ибораҳои феълии забони давраи мавриди таҳќиќ маҳдудтар аст.

Дар асоси баррасии маводи насри давраи таҳқиқшаванда маълум гардид, ки пешоянди **то ба** ба ғайр аз муносибати масоҳавӣ, инчунин маъноҳои замониро низ ифода мекардааст. Оид ба муносибати замониро ифода кардани пешоянди **то ба** дар баъзе асару мақолаҳои муҳаққиқони сарфу наҳви забони тоҷикӣ қайду ишораҳо зикр ёфтааст. Масалан, дар асари А. Мирзоев «Ибораҳои феълии замонӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик» роҷеъ ба пешоянди **то ба** чунин нукта зикр гардидааст: «Пешоянд **то ба** аз пешояндҳои духӯра буда, вобаста ба семантикаи ҷузъҳои ибора муносибати масоҳавию замониро ба таври мувозӣ нишон медиҳад. Аз ҷиҳати грамматикӣ пешоянди **то ба** муродифи пешоянди аслии **то** мебошад. *Муқоиса:* ***то ба рӯз нишастан – то рӯз нишаста»*** [63; 72].

**а) Ифодаи муносибати масоҳат.** Дар насри ин давраи пешоянди таркибии **то ба** дар ифода намудани муносибати масоҳатӣ нисбат ба пешоянди **то** серистифода аст. Пешоянди **то ба** вобаста ба семантикаи ҷузъҳои ибора муносибати масоҳавиро нишон медиҳад: *…**то ба хона омадан** [346; 128]. …**то ба Ҳирот сӣ фарсах будан** [336; 606]…**то ба он ҷо панҷоҳ газ будан** [336; 349].*

Дар ифодаи муносибатҳои синтаксисӣ ин пешоянд муродифи пешоянди **то** мебошад, вале онҳо бо баъзе хусусиятҳои худ фарқ мекунанд:

«Доираи истеъмол ва имконияти пайваст шудани пешоянди **то ба** ба ҷузъи асосӣ ва ҷузъи тобеъ, яъне бо гурӯҳҳои муайяни семантикии калимаҳо маҳдуд аст. Бо исмҳои амалу протсесси бевосита ва ченаки воҳиди вақт қариб пайваст намешавад. Муносибати масоҳавӣ ва замонӣ ба воситаи пешоянди **то** рӯшантар ифода мегардад ва таркибҳои бо ин пешоянд нисбат ба таркибҳои бо пешоянди **то ба** дар он аст, ки вай ба маънои интиҳоюю ҳудуди масоҳату замони амал як оҳанги тобиши таъкидию қатъият мебахшад» [17; 109].

**б) Ифодаи муносибати ҳолӣ бо тобиши самту сӯй**. Ибораҳои феълие, ки ҷузъи асосии онҳо аз феълҳои ҳаракат иборат аст ва исмҳои конкрету топонимҳо чун ҷузъи тобеъ воқеъ мегарданд, муносибати масоҳавӣ бо тобиши самт, сӯй ба таври омехта ифода гардидаанд. Дар ин гурӯҳи ибораҳо феълҳои **рафтан, омадан** ва **расидан** ба сифати ҷузъи асосӣ воқеъ мегардад. Ибораҳо бо феълҳои **рафтан, расидан** амалеро мефаҳмонанд, ки ба самте, сӯйе нигаронида шудааст. Пешоянди **то ба** ба ибора тобиши таъкидӣ бахшидааст: *Овардаанд, ки дар шаҳри Бангола, ки аз муаззами билоди Ҳинд аст, подшоҳе буд, Чиполшоҳ ном, ки ситу садои адли ӯ* ***аз Қоф то ба Қоф рафта*** *буд ва дабдабаи ҳашамату тантанаи шавкаташ тамоми олам фурӯ гирифта [336;756]. ...**то ба хона омад** [347;128].*

Дар насри ин давра феъли **расидан** ба сифати ҷузъи асосии ин навъи ибораҳо серистеъмол аст. Ба сифати ҷузъи тобеъ бештар исмҳои мафҳуми номи маҳал истифода мешаванд. Ин ибораҳо аз ду ва се калима таркиб меёбанд: *Аз ғояти улувви фитрат ва ниҳояти шиддати шуҳрат эҳтиёҷ ба тақрири ҳол надорад, чи партави фазоили ӯ Шарқ* ***то ба ақсои Ғарб расида*** *[341;159]. Аз масҷиди ҷомеъ* ***то ба он ҷо расидан қариб*** *ба панҷоҳ сар* ***дидем*** *[336;1062].*

Пешоянди **то ба** дар таркиби ибора бо исмҳои ченаки воҳиди вақт омада, амалеро нишон медиҳад, ки то ягон вақти муайяне ва ё амалу ҳаракати дигаре давом кардааст: *Алқисса, он шаб аз ин навъ ҳикоят бисёр гузашт,* ***то ба вақти нақораи саҳар нишаста*** *буданд [336;1031]. Муқаррар аст,* ***то***

***пушт ба замин нарасонанд**, маҳсуб нест [336;14]. Ин шахс нисфи худро ғариб муҳофизате мекард, **то ба синни чаҳордаҳсолагӣ расид** [336;1259]. Биё, **то ба саҳро хиромем** ва гулҳову лолаҳо ва райҳон мушоҳида намоем [336;517].*

**в) Ифодаи муносибати пуркунандагӣ.** Дар насри давраи таҳқиқшаванда ибораҳои феълие, ки бо пешоянди **то ба** муносибати пуркунандагиро мефаҳмонанд, серистеъмол нестанд. Дар ин навъи ибораҳо муносибати пуркунандагӣ бо тобиши ҳолату вазъият, масофа ва ғайра ба таври омехта ифода мешавад: *Гӯянд, бебокии ӯ **то ба ҳадде расида** буд [341; 200]. ... ё аз шавқи лаъли маҳвашон ҷайби худ **то ба доманаш дарида**, чоки гиребонаш менамуд [336;641]. Чун шаб бар сар дошта омад, ману Ғиёсиддин Муҳаммад дари дарвозаро **то ба миёнаш хокрез кардем** [336; 1112].*

**2. 6. 4.Пешоянди бе.**

Дар ташаккули ибораҳои феълӣ пешоянди **бе** дар насри асрҳои XV - XVI нисбатан камистеъмол буда, аз ҷиҳати ифодаи муносибатҳои наҳвӣ бой нест. Аз рӯйи ақидаи Хоҷа Ҳасани Нисорӣ пешоянди содаи **бе** дар асри XVI дар забони осори манзум дар қолаби **абе** истифода мешудааст, ҳарчанд ки ӯ ба сифати шоҳид намунаҳои назмро аз осори Фирдавсӣ ва Саъдӣ овардааст [345, 40].

Дар таҳқиқоти Л. П. Смирнова, Р. Ҷӯраев, Г. Камолова, Р. Ғаффоров ва М. Н. Қосимова дар ифодаи маънои набудани касе (чизе) ва аломати он омадани пешоянди **бе** зикр ёфтааст [273; 181; 44; 24; 50].

Тобиши маънои тарзи амал доштани пешоянди **бе** дар таҳқиқоти мазкур ном бурда нашудааст. Б. Шарифов дар боби пешояндҳои «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ва Г. Камолова дар ќисмати пешояндҳои «Маҷмӯъ-ут-таворих» ин пешояндро умуман, зикр накардаанд.

Дар таҳқиқоти ба забони адабии ҳозираи тоҷик алоқаманд инчунин дар сурат додани муносибати ҳолии тарзи амал омадани пешоянди **бе** собит шудааст: [17, 117; 5,100; 109,167] .

Н. Д. Ѓарибова дар таҳқиқоти худ пешоянди **бе**-ро маҳсули давраи адабиёти классикӣ арзёбӣ кардааст [162; 6].

Дар рисолаи Ғ. Ҷӯраев қайд шудааст, ки дар забони дарӣ «пешоянди **бе** аз бобати ифодаи маънову иҷрои вазифа ниҳоят маҳдуд буда, ба набудани чизе ва ё воқеъ нагардидани коре ишорат менамояд. Маънии он ба андозае мавҳум аст, ки бештар ба пешванд шабоҳат дорад: Мактубҳоэ, кэ ба модарам навэштам, низ бе ҷавоб монд [109; 167].

Ба ин андеша мо низ мувофиқем, чунки таҳлили маводи давраи таҳқиқ собит сохт, ки дар ташаккулёбии ибораҳои феълӣ нақши ин пешоянд басо хира ба назар мерасад: *Мири мазкур бинобар асбобе, ки шарҳаш тӯле дорад,* ***бе найли мақсуд мурочиат фармуд*** *[341; 115]. Оинаи ихлосро* ***бе занг дошта*** *[336;676]. ...бигӯй чуноне ки расан боз бе мизон натавонад рафт [346; 115].*

Дар осори хаттии ин давра, бахусус басомади пешоянди **бе** 35 буда, он, асосан, барои ифодаи муносибатҳои пуркунандагӣ ва ҳолӣ истифода шудааст.

**1) Ифодаи муносибати пуркунандагӣ.** Пешоянди **бе** муносибати пуркунандагиро бо тобишҳои маънои зер ифода кардааст:

**а) Ифодаи муносибати пуркунандагии истисно**. Пешоянди **бе** дар таркиби ибораҳо ба сифати воситаи алоқа муносибати пуркунандагии истисноро ифода мекунад. Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои ифодагари ҳолату ҳаракат омада, чун ҷузъи тобеъ исмҳо ва ҷонишинҳои шахсӣ омадаанд. Ибораҳо бо ин пешоянд амалеро мефаҳмонанд, ки бе ширкати ҷузъи тобеъ иҷро мешавад: *Заҳмати бисёр кашида, аммо ба воситаи он ки муҳиммоти ҷузвию куллии дорулмулки Шероз* ***бе ӯ сомон намеёбад*** *[341; 78]; Шабе шишаи сиёҳӣ* ***бе вуқуфи ӯ*** *бар фарҷии сафеди вай* ***бирехт*** *[338;129]. Сеюм он, ки либос* ***бе такаллуф мепӯшӣ*** *[338;135]. Ва ё* ***бе иштироки он воқеъ гардидан****и он имконпазир аст [336;571]. Ва* ***бе Шумо*** *Амир Алишер аз ин хидмат* ***як зарра мамнун нест.*** *Суҳбат* ***бе шароб*** *...даст ба ҳам* ***намедиҳад*** *[336; 571].*

**2) Ифодаи муносибати ҳоли тарз.** Дар асар пешоянди **бе** дар ифодаи муносибати ҳолии тарз низ серистеъмол аст. Ба сифати ҷузъи тобеъ исмҳои маънӣ омадаанд: *Ва дили нодон дар паси забони ӯст, яъне бе мушоварати дил ва* ***бе тафаккур сухан гӯяд*** *ва ҳар чӣ ба дилаш расад, бе тааммул ба забон орад [338;117]. Ба худ гуфтам:* ***бе тағйири либос рафтан муносиб нест*** *[346;1123].*

Агар ҷузъи тобеъ исми ғайришахс бошад, ибора муносибати пуркунандагиро бо тобиши тарз ба таври барҷаста ифода мекунад: *Паҳлавон тӯйи пироҳан таҳбанде ба миён баста, фараҷҷии яктаҳ пӯшида,* ***бе кафш*** *мутаваҷҷеҳи* ***Мирзо гардид*** *[336;661]. Оинаи ихлосро* ***бе занг дошта*** *[336;676].*

Дар насри ин давра аксаран ҷузъи тобеъ исми маънӣ буда, дар иҷрои амал мададу васотат надоштани шахсро ифодагар аст. Дар ин навъи ибораҳо муносибати ҳоли тарз бо тобиши объект зуҳур меёбад: ***Бе имдод*** *ва муовинати ман роҳ* ***ба мақсад барӣ*** *[336;974].* ***Бе рухсати*** *подшоҳ ба сарҳад одам* ***фиристодаанд*** *[336;549].*

**2. 6. 5. Пешоянди ҷуз.**

Дар насри асрҳои XV-XV1 дар алоќаи калимаҳо пешоянди аслии **ҷуз** ҳам мустаъмал аст. Дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» дар робита ба ин масъала таъкид шудааст, ки: «ибораҳои феълии бо пешоянди **ҷуз** хоси забони китобӣ буда, бештар дар назм истифода мешавад [17; 118].

Дар насри ин давра, махсусан, дар «Баҳористон» ва «Бадоеъ-ул-вақоеъ» истифодаи пешоянди **ҷуз** ба сифати воситаи алоқа **25** бор ба қайд гирифта шуда, асосан, дар ифодаи муносибати пуркунандагӣ бо тобиши маҳдудияту истисно омадааст. Ҷузъи асосӣ феъл (хабар) ҳамеша дар шакли инкор омадааст, ки маънои грамматикии пешоянди **ҷуз** онро талаб мекунад:

***Ҷуз роҳи ӯ напӯяд****, ҷуз васли ӯ наҷӯяд,*

***Ҷуз назди ӯ нагӯяд****, ҷуз рӯи ӯ набинад [329; 26].*

*Валлоҳ, ки дар вай* ***ҷуз ба гӯшаи чашм нигоҳ накардам*** *[329; 61]. Бо дарвешон ёр нест ва бо муътақидон* ***ҷуз бар сари инкор не*** *[329;78]. Фа-аммо дар урфи ҷумҳур* ***ҷуз вазну қофия*** *дар он* ***муътабар нест*** *[329;102].*

Дар забони «Бадоеъ-ул-вақоеъ» пешоянди **ҷуз** дар таркиби ибораҳои феълӣ маънои ягонагии предметро ифода мекунад: *Сухан* ***ҷуз мутобиқи муқтазо****и ҳол* ***нагуфта*** *[76]. Хусрави субҳ оинафом* ***ҷуз нағмаи таҳсини ӯ насарояд*** *[674]. Дар ин панҷ рӯз ҳарчанд рахши саъйи мо дар майдони баён ҷавлон намуд,* ***ҷуз мақтаи як қасида*** *аз он қасоид* ***натавонист паймуд*** *[250].*

Чунин маъноро, яъне ягонагии предметро ифода кардани пешоянди **ҷуз** дар насри асри XI низ ќайд шудааст: …туро ҷуз нек нахоҳам [50; 23].

Дар осори хаттии насри асрҳои XV-XVI доираи корбурди пешояндҳои **ба ҷуз, ҷуз ба, ҷуз бар** дар таркиби ибораҳои феълӣ нисбатан маҳдудтар аст, сабаб дар он аст, ки ин пешояндҳо хоси каломи манзум буда, дар наср камтар мавриди истифода қарор мегиранд.

Таҳќиќи ибораҳои феълии бо пешояндҳои **ба ҷуз, ҷуз ба, ҷуз бар** дар насри давраи таҳќиќ нишон дод, ки аз онҳо пешоянди **ба ҷуз** хоси услуби Восифӣ буда**,** пешояндҳои **ҷуз ба, ҷуз бар** бештар дар «Баҳористон», «Латоиф-ут-тавоиф» ва «Ахлоќи Мӯҳсинӣ» корбаст шудаанд.

Дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» пешоянди **ба ҷуз** дар таркиби ибораҳои феълӣ мустаъмал буда, асосан, муносибати пуркунандагии истисноиро ифода кардааст: *Он аспе буд, ки* ***ба ҷуз шоҳро саворӣ намедод*** *ва рамидан оғоз кард [587]. Дар ҳамёни ту ҳеч порагӣ ва дарзе нест,* ***ба ҷуз ин наметавонад буд*** *[478].*

Як хусусияти хоси пешоянди **ба ҷуз** дар таркиби ибораҳои феълии «Бадоеъ-ул-ваќоеъ» дар он аст, ки ҷузъи асосии ибораҳои мазкур бештар бо феъли инкорӣ ифода меёбанд: *….****ба ҷуз тариќ****и муфораќат…* ***махласе наёфт*** *[337]. …об дар вай* ***ба ҷуз сароб набуд*** *[340]. Аспе буд,* ***ба ҷуз шоҳро саворӣ намедод*** *[337]. Худ* ***ба ҷуз изҳори шукр****у сабр* ***чорае надид*** *[883].*

Пешояндҳои **ҷуз ба** (варианти чаппаи **ба ҷуз**) ва **ҷуз бар** дар насри давраи таҳқиқ, бахусус «Баҳористон» ва Ахлоќи Мӯхсинӣ» сермаҳсул буда, бештар барои ифодаи ҳудуду сарчашмаи ҳолат ва тобиши маънои истисноӣ истифода шудааст. Ҷузъи асосии ибораҳои мазкур ҳамеша бо феълҳои инкорӣ ифода мешаванд, чунки семантикаи пешояндҳои мазкур чунин хусусиятро талаб мекунанд. Ба сифати ҷузъи тобеъ исмҳо ва дигар ҳиссаҳои номии нутќ сурат гирифтаанд: *Валлоҳ, ки дар вай* ***ҷуз ба гӯшаи чашм нигоҳ накардам*** *[329; 61]. Ва бо мӯътақидон* ***ҷуз бар сари инкор не*** *[329; 78]. ...аз ибодати шастсола , зеро ки натиҷаи ибодат* ***ҷуз ба омил бирасад*** *[347; 142]....ва интизоми аҳволи мардум* ***ҷуз ба адл мумкин нест*** *[347; 143]....марде рафиќи наҷот ҷуз ба тариќи субот рӯй наменамояд [347; 141].*

Таҳлили маводи фароҳамоварда собит сохт, ки пешояндҳои аслӣ дар таркиби ибораҳои феълии насри ин давра бо феълҳои **омадан, расидан, рафтан, даромадан, даровардан, баромадан, баргаштан, гирифтан, гуфтан, намудан, фармудан, додан, буридан, задан, ниҳодан** ва ғайра омада, муносибатҳои синтаксисиро бо тобишҳои гуногуни маъно ифода кардаанд:

**Ҷадвали басомади феълҳо бо пешояндҳои аслӣ дар таркиби ибораҳои феълӣ**

**Ҷадвали 1**

| № | Феълҳо | Пешояндҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ба | дар | аз | бар | бо | барои (аз барои) | то | то ба |
| 1 | Омадан | 48 | 16 | 38 | 16 | 12 | 18 | 14 | 8 |
| 2 | Расидан | 68 | 6 | 9 | 6 | 5 | 2 | 2 | 7 |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3 | Рафтан | 66 | 8 | 25 | 6 | 12 | 16 | 18 | 12 |
| 4 | Даромадан | 22 | 18 | 24 | 12 | 6 | 11 | 12 | 10 |
| 5 | Даровардан | 18 | 14 | 15 | 13 | 6 | 4 | 8 | 6 |
| 6 | Баромадан | 28 | 22 | 12 | 10 | 4 | 8 | 16 | 14 |
| 7 | Баргаштан | 12 | 8 | 18 | 4 | 2 | 4 | 6 | 4 |
| 8 | Гирифтан | 8 | 4 | 32 | 8 | 14 | 10 | - | - |
| 9 | Гуфтан | 74 | 14 | 12 | 16 | 26 | 16 | 3 | - |
| 10 | Намудан | 18 | 15 | 12 | 16 | 4 | - | - | - |
| 11 | Фармудан | 16 | 14 | 10 | 18 | 4 | 8 | - | - |
| 12 | Додан | 48 | 32 | 14 | 12 | 8 | 6 | 2 | - |
| 13 | Буридан | 16 | 10 | 8 | 6 | 24 | 4 | 2 | 1 |
| 14 | Задан | 23 | 18 | 23 | 18 | 14 | 8 | 4 | 2 |
| 15 | Ниҳодан | 2 | 44 | 6 | 28 | 2 | 2 | - | - |
| 16 | Гурехтан | 2 | 4 | 4 | - | 2 | 4 | | 2 |
| | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 17 | Тарсидан | - | 2 | 2 | 4 | - | 6 | - | - |
| 18 | Бозгаштан | 18 | 6 | 28 | 8 | 3 | 2 | 8 | 2 |

## Натиҷагирӣ аз боби II

Дар ҳақиқат, таҳқиқи наҳви осори гаронбаҳои давраи классикӣ, махсусан, сарчашмаҳои хаттии мавриди назар собит намуд, ки таќрибан ҳамаи пешояндҳои аслӣ дар ташакилу сурат гирифтани ибораҳои феълӣ иштирок мекунанд. Аз таҳлилу баррасии ибораҳои феълии сарчашмаҳои хаттии осори ин давра, ки тавассути пешояндҳои аслӣ сурат гирифтаанд, метавон чунин натиҷагирӣ кард:

1. Таҳлили маводи бадастомада нишон дод, ки дар осори мансури ин давра пешояндҳои аслӣ дар таркиби ибораҳои феълӣ вобаста ба мақом ва вазифаи истеъмолашон, асосан, ба мавқеи дар забони адабии ҳозираи тоҷик доштаашон мутобиқат мекунанд.

2. Дар сохтани ин гурӯҳи бузурги ибораҳо пешояндҳои аслии **ба, аз, дар, бар, бо, барои (аз барои), бе, то, то ба, ҷуз (ба ҷуз, ба ҷуз бар, ба ҷуз аз)** иштирок кардаанд, ки аз онҳо пешояндҳои **ба, аз, дар, бар ва бо** серистеъмолтаранд.

3. Хусусияти муҳимме, ки дар тарзи ифодаи онҳо ба мушоҳида расид, ин ба ҷойи якдигар ё ин ки ба вазифаи ҳамдигар кор фармудани онҳост. Ҳодисаи муродифшавии пешояндҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ, пеш аз ҳама дар байни пешояндҳои дар**, бар**, **бо, ба, аз** рух додааст. Яке аз сабабҳои муродиф шудани пешояндҳои мазкур, ба фикри мо, эҳтимол дар он бошад, ки онҳо аз ҷиҳати маъно (семантика) ба ҳам наздиканд, яъне пешоянди дар маънои макон ва **ба** бошад, маънои сӯйро ифода мекунад. Ин тарзи ифода дар забони адабии ҳозираи тоҷик низ вомехӯрад, яъне пешоянди **дар** ба таъкиди сӯй дар дохили макон ба ҷойи ба дар асарҳои Айнӣ ба таври фаровон мавриди корбурд қарор гирифтааст ва ба ин васила ӯ дар ин масъала анъанаи

забони адабии классикиро бевосита давом додааст. Сабаби дигари ба вазифаи ҳамдигар омадани пешояндҳо, ба фикри мо, ба сермаъноии онҳо низ вобаста аст.

4. Дар забони сарчашмаҳои хаттии ин давра феълҳое ҳастанд, ки пешоянд ё пасоянди муайянеро талаб мекунад ва алоқаи онро метавон вобастагии пешояндӣ номид. Чунончи, феълҳои ***тарсидан***, ***ранҷидан*** ва монанди инҳо ҳамеша ҷузъи тобеи худро бо пешоянди **аз** алоқаманд мекунанд, ё феълҳои гузаранда ҳамеша объекти муайянеро тавассути пасоянди **–ро** тобеъ мекунанд, вале на ҳамаи феълҳо ва ё ҳиссаҳои дигари нутқ, ки дар вазифаи тобеъкунанда меоянд, тобеъшавандаи худро бо пешоянди муайян талабгоранд.

5. Таҳлили ибораҳои феълии осори насри асрҳои XV-XV1 собит намуд, ки пешояндҳои аслӣ чун воситаи алоқа дар ташаккули ибораҳои феълӣ аҳамияти хосса доранд. Алоқаи калимаҳои таркиби ибораҳои феълӣ тавассути ин гурӯҳи пешояндҳо дар забони тоҷикӣ, ки дар он, асосан, шакли аналитикӣ амал мекунад, яке аз сермаҳсултарин тарзи алоқаи калимаҳо ба шумор меравад.

# БОБИ III. ИБОРАҲОИ ФЕЪЛӢ БО ПЕШОЯНДҲОИ НОМӢ ВА ПАСОЯНД

**3. Матолиби муқаддимотӣ.** Дар ташаккули ибораҳои феълӣ дар насри асрҳои XV-XVI пешояндҳои номӣ мавқеи махсус доранд. Дар забоншиносӣ собит шудааст, ки пешояндҳои номӣ маҳсули давраҳои нисбатан нави забон буда, онҳо, асосан, аз ҳиссаҳои номии нутқ ба вуҷуд омадаанд [17; 30; 63; 77; 2; 5] ва «дараҷаи пешояндшавии ҳамаи калимаҳои номӣ як хел нест, қариб ҳамаи калимаҳое, ки ҳамчун пешояндҳои номӣ ё ҳиссаҳои номии пешояндҳои таркибӣ истифода мешаванд, комилан ба ин категория (пешояндҳо-Ғ.А.) нагузаштаанд. Баъзеи онҳо ҳамчун исм ва баъзеи дигарашон ҳамчун пешоянд серистеъмол мебошанд. Ин далели он аст, ки ба вазифаи пешоянд омадани онҳо ба давраҳои гуногун вобаста мебошад» [77; 143].

Теъдоди пешояндҳои аслӣ, ки аз забони давраи миёна мерос мондаанд, хеле каманд ва қатъи назар аз он ки онҳо дорои маъноҳои аслӣ ва маҷозӣ мебошанд, дар ҳеҷ сурат талаби рӯзафзуни одамон ва пайдоиши муносибатҳои нави наҳвиро қонеъ карда наметавонистанд. Аз ин рӯ, пайдоиши пешояндҳои номӣ, қабл аз ҳама, ба қонуният ва тамоили инкишофи забон ва, бахусус, раванди озод кардани пешояндҳои аслӣ аз сервазифагию сермаъноии онҳо ва пайдоиши муносибатҳои нав ба нави байни ашё ва ҳодисоти олам вобастагии қавӣ дорад. Пешояндҳои номӣ аз пешояндҳои аслӣ, пеш аз ҳама, бо нигоҳ доштани маънои луғавии худ фарқ мекунанд. Гузашта аз ин, муваффақиятҳои фаъолияти аҳли ҷомеа, ошкор шудан ва дарккунии алоқа ва муносибатҳои боз ҳам пурқувваттар ва нозуктари байни ашё ва ҳаводиси олам дар ҳар гуна забон, хусусан, дар забони тоҷикӣ, ки забони аналитикӣ аст, воситаҳоеро талаб мекарданд, ки он воситаҳо муносибатҳои навро ҳар чи аниқтару возеҳтару пурратар ифода намояд.

Профессор Ш. Рустамов дуруст таъкид кардааст, ки ба категорияҳои ёридиҳандаҳо, аз ҷумла пешояндҳо гузаштани калимаҳои номӣ дар забони адабии тоҷик ҳодисаи характернок мебошад [77; 143].

Инчунин, ҳақ ба ҷониби таълифгарони «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» аст, ки навиштаанд: «Муқаррар намудани меъёр ва шароити ба пешояндҳои номӣ гузаштани калимаҳои мустақилмаъно, ки аз ҳодисаи бисёр маъмули забони тоҷикист, аз ҷумлаи масъалаҳои душвори забони тоҷикӣ мебошад» [16; 293].

Дар баъзе забонҳо ҷараёни гузариши калимаҳои мустақил ба гурӯҳи пешояндҳо то андозае тадқиқ шудаанд, вале дар забоншиносии тоҷик ба ҷуз мақолаҳои мубоҳисавии ҷудогона роҷеъ ба ин масъала таҳқиқи ҷиддие ба назар намерасад. Дар асарҳои таҳқиқотии ба таърихи забони адабии тоҷикӣ бахшидашуда низ пешояндҳои номӣ ба таври муфассал баён нашудаанд, яъне ибораҳо бо пешояндҳои номӣ ҳамчун навъи махсуси алоқа дар забоншиносӣ тадқиқи ҷиддӣ нашудааст. Дар ин бора ғайр аз маълумоти меъёрии (нормативи) китобҳои дарсӣ чизи дигаре ба назар намерасад. Дуруст аст, ки баъзе масъалаҳои ин алоқа дар тасвири аъзои ҷумла дар нақши дигар тасвир шудаанд, вале ба таври яклухту мушаххас ин масъала тадқиқи ҷиддиро мунтазир аст. Баъзе масъалаҳои ин навъи алоқа ҳанӯз баҳсталабанд. Гуногунандешӣ дар ин масъала, асосан, дар номбурди воситаҳои алоқа ба назар мерасад.

Мусаллам аст, ки пешояндҳои таркибии номӣ низ монанди пешояндҳои аслӣ барои ифодаи муносибатҳои умумӣ, абстрактӣ (замонӣ, масоҳавӣ, сабабӣ ва ғайра) байни предметҳо ва ё барои нишон додани чунин муносибатҳои предметҳо нисбат ба амал, ҳолат ва аломат хизмат мекунанд. Пешояндҳои номӣ аз дигар пешояндҳо, пеш аз ҳама, ба нигоҳ доштани маънои луғавии худ фарқ мекунанд. Маънои грамматикӣ ва луғавии пешояндҳои номӣ нишон додани муносибати калимае бо калимаи дигаре мебошад. Маънои грамматикии пешояндҳои номӣ аз нишон додани муносибати тобеии исму ҷонишинҳо бо калимаҳои дигар иборат бошад,

маънои луғавии онҳо муносибати мантиқӣ –маъноии байни калимаҳои алоқамандшударо нишон медиҳад. Маънои хоссаи пешояндҳои номӣ аз нишон додани тобиши муайяни маъноӣ, ки дар ин муносибати наҳвӣ мавҷуд аст, иборат аст.

Ҳамин тавр, пешояндҳои номиро низ чун дигар пешояндҳо ба гурӯҳи воситаҳои алоқаи калимаҳо дохил намудан мумкин аст, зеро маънои луғавии онҳо ба маънои грамматикашон асосан баробар аст.

Пешояндҳои номиро дар забоншиносии рус бо истилоҳи «калимаҳои нимёвар» ном бурда, В. Н. Ярсева навиштааст: «дар ҳақиқат, калимаҳои ёвар ё нимёвар ҳамчун қисми таркибии луғавии забон, вазифаеро иҷро менамоянд, ки он бар вазифаи баъзе шаклҳои грамматикӣ баробар аст ва ё ба ҳар ҳол дар ифодаи маънои категориявии грамматикӣ ёрӣ мерасонанд» [294; 46].

Албатта, қайд кардан бамаврид аст, ки ибораҳои феълии бо пешояндҳои номӣ нисбат ба ибораҳои феълии бо пешояндҳои аслӣ шаклу воситаҳои зиёд доранд, ҷиҳати ифодаи муносибати синтаксисӣ низ фаровонанд.

Роҷеъ ба пешояндҳои номӣ ва сервазифагии онҳо дар рисолаи Б. Шарифов низ маълумот дода шудааст. Ӯ дуруст қайд мекунад, ки дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» -и Восифӣ, «Ҳабиб-ус-сияр» ва «Таърихи Систон» ва умуман, дар асарҳои насри пешина пешояндҳои номӣ чандон фаъол набуданд. Аз ин рӯ, ҳодисаи синоними ҳамдигар шудани онҳо на танҳо хоси асарҳои насрии классикист, балки натиҷаи такмилёбии инкишофи забон аст, ки то ҳол идома меёбад» [110; 185-204].

Л. П. Смирнова дар «Таʼрихи Систан» доир ба масъалаҳои наҳви асар боби алоҳида ҷудо кардааст ва дар қатори масъалаҳои дигар дар бораи хусусиятҳои асар оид ба пешояндҳои номӣ низ маълумот медиҳад [273; 65].

Маълум аст, ки пешояндҳои номӣ ва номии таркибӣ бо маънои аслии луғавии худ то андозае алоқаманданд, бинобар ин сермаъно шуда наметавонанд. Аз ин рӯ, онҳо бо гурӯҳи муайяни луғавии калимаҳо алоќа

пайдо мекунанд ва аз ин ҷиҳат бар хилофи пешояндҳои аслӣ муносибатҳои гуногуни наҳвиро ифода карда наметавонанд. Ба назари мо, ибораҳои феълии ин гурӯҳро низ ба ҳар як пешоянд ва ё бо ҳар як гурӯҳи наҳвиашон алоҳида муоина кардан мувофиқтар аст.

## 3.1. Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои номии изофӣ ва номии таркибӣ

Дар забони адабии тоҷик, махсусан, дар сарчашмаҳои хаттии осори насрии асрҳои XV–XV1 пешояндҳои номӣ дар ташаккули ибораҳои феълӣ ва ифодаи муносибатҳои гуногуни наҳвӣ сермаҳсулу серистеъмоланд. Онҳо ҳам дар шакли сода ва ҳам дар шакли таркибӣ бо пешояндҳои аслӣ барои ифодаи аниқу саҳеҳтари муносибатҳои наҳвии калимаҳо дар забони ин давра мақоми хосса доранд. Тақрибан дар ҳамаи асару мақолаҳои ба пешояндҳои номӣ бахшидашуда таъкид шудааст, ки «онҳо (ҷузъи номии пешояндҳои номӣ - Ғ. А.) маънои грамматикии пешояндҳои аслиро аниқтар ва пурратар менамоянд» [17; 228; 162; 77; 63; 2; 5; 20 ].

Дар алоќи вобастастагии ҷузъҳои ибораҳои феълӣ пешояндҳои изофии номӣ бештар истифода шудаанд. Ба ќатори ин пешояндҳои изофии номӣ, ки дар осори насрии ин давра вомехӯранд, пешояндҳои **пеши, назди, паси, сӯйи, монанди, мисли, ҷиҳати, бахри, даруни, ҷониби, зери, миёни, наздики, баробари, гирди, гирдогирди, муќобили (муќобалаи), сари, лаби, дари, болои, рӯйи, паҳлуи, ќафои, пушти, дунболи, ҳангоми, ваќти, маҳалли, муҷиби, сабаби, шабеҳи, амсоли, ѓайри** дохил мешаванд. Ин пешояндҳо аз рӯйи семантика дар таркиби ибораҳои феълӣ, асосан, муносибатҳои ҳолӣ ва пуркунандагӣ (объектӣ)-ро мефаҳмонанд.

Муносибати наҳвӣ дар таркиби ибораҳои феълии ин давра тавассути пешояндҳои номии таркибӣ низ ифода меёбад. Бояд гуфт, ки пешояндҳои номии таркиби изофӣ аз рӯйи дараҷаи истеъмолашон дар забони ин давра баъд аз пешояндҳои аслӣ ќарор мегиранд. Ҳатто дар насри асри XI чунон ки М. Н. Ќосимова ќайд мекунад, ин гурӯҳи пешояндҳо аз рӯйи дараҷаи истеъмол баъд аз пешояндҳои аслӣ меистанд [50; 34].

Новобаста ба ин дар насри асарҳои таҳқиқшавандаи асрҳои XV-XVI пешояндҳои номии таркибии изофӣ фаровон корбаст шудаанд ва дар забони ҳозира низ, бо истиснои баъзе пешояндҳо, **ба монанди бар сабили, ба муқтазои, ба савби, ба масобаи, дар ҷавори, бар ваҷҳи, бар сақфи, бар фарози, дар силки, дар мулозимати, дар ҳасби, дар садади, дар ғояти, дар билоди, дар андаруни, аз пешони, аз ғояти, аз сақфи** ин пешояндҳо хеле серистеъмоланд.

М. Н. Қосимова зимни таҳлили баъзе ҷиҳатҳои забони насри асри XI дар бораи пешояндҳои номии таркибӣ фикри дуруст баён намудааст: «Дар сохти пешояндҳои номии таркибии изофӣ роли пешояндҳои аслии **ба, бар, дар, аз, то** калон аст. Маҳз ба воситаи ҳамин пешояндҳо ва калимаҳои мустақил /бештар исм ва баъзан зарф/ пешояндҳои номии таркибии изофӣ сохта мешаванд [50; 29].

Ҳамзамон яке аз вижагиҳои хоси забони асарҳои ин давра боз дар он аст, ки тақрибан ҳамаи пешояндҳои аслӣ дар ташкилу сурат гирифтани пешояндҳои таркибӣ ширкат меварзанд. Ҳатто дар дохили пешояндҳои таркибӣ пешояндҳои мазкур муродифи ҳамдигар шуда метавонанд, ки ин давоми анъанаи классикист [273; 95].

Пешояндҳои номӣ, махсусан, дар сурат додани муносибатҳои гуногуни ҳолӣ серистеъмоланд. Ҳар як пешояндҳои номиро дар алоҳидагӣ аз назар мегузаронем.

### 3.1.1. Пешояндҳои пеши, дар пеши, ба пеши, аз пеши, бар пеши

Пешоянди номии **пеши** дар ташаккули ибораҳои феълии насри адабиёти классикӣ, аз ҷумла насри асрҳои XV–XV1 серистеъмол буда, вобаста ба ҷузъи асосӣ муносибатҳои гуногуни наҳвиро ифода мекунад. Дар насри давраи мавриди назар пешоянди **пеши** ҳам дар шакли сода (**пеши-**195 маротиба)* ва ҳам бо пешояндҳои аслии **дар, ба, аз, бар** (**дар пеши** 95 б.), **ба**

---

*Эзоҳ: минбаъд дар қавсайн басомади пешояндҳо дар таркиби ибораи феълӣ бо адад ва дар шакли кутоҳи **«б»** оварда мешавад.

**пеши** (83 б.), **аз пеши** (37 б.), **бар пеши** (8 б.) дар ифодаи муносибатҳои макону масоҳат истифода шудааст.

**а) Ифодаи муносибати ҳолии макон**. Шакли содаи он **пеши** ва ашколи бо ҷузъи **ба** ва **дар** /**ба пеши**, **дар пеши**/ бо исмҳои макон, ашё ва ашхос омада, ба сӯйи он равона будан ва ё дар пеши он воқеъ гаштани амалу ҳолатро нишон медиҳанд. Тобеъкунанда бештар бо феълҳои ҳаракату ҳолат ифода гардидааст. Ибораҳои феълие, ки ба воситаи пешояндҳои мазкур сохта мешаванд, наздикии предметро нишон медиҳанд: *Филҳол як сар гӯсфандро кушту* ***пеши ман овард*** *ва маро қитъае аз он хуш омад [329; 67]. Вай бихариду баҳои вай тамом бидод ва* ***пеши маъшуқааш фиристод*** *[329; 70]. Шоҳпур бар бадеҳа ин рубоӣ гуфт ва навишту* ***пеши хоҷа фиристод*** *[338; 192].****Ба пеши духтар****и ам* ***бозгашт*** *[329; 72].*

Ќайд кардан ҷоиз аст, ки пешоянди **пеши** ва шаклҳои таркибии онҳо **ба пеши**, **дар пеши**, ки муродифи ҳамдигар гаштаанд, одатан, ба маќсади такрор накардани айни як шакл мавриди корбурд ќарор гирифтаанд: *Пас ҳар ду ҳамроҳ* ***пеши халифа рафта*** *қиссаро бозгуфтанд [329; 29].* ***Ба пеши эшон рафта*** *ва салом кард [338; 194]. Марде бахил, ки даъвои зарофат мекард, рӯзе* ***дар пеши эшон нишаста*** *буд [338; 174]. Пас фармуд, шахсе онро* ***ба пеши рӯи худ гирифта,*** *мутаваҷҷеҳи он ҷонвар гардид [336; 817].*

Аз ҷониби дигар, пешояндҳои мазкур дар насри ин давра бештар ба нутќи гуфтугӯйӣ характернок буда, дар нутќи адабӣ-китобӣ каматар дучор меоянд. Ҳам фелҳои монда ва ҳам гузаранда ба сифати ҷузъи асосӣ омада метавонанд: *Он мардак ба гармхона даромад ва* ***аз пеши мо гузашта*** *мутаваҷҷеҳи пархоб шуд [336; 926]. Деҳқоне риши дароз дошту аз вилояти Ғур* ***пеши Мирзо Бобур омад*** *[338; 93]. Қариб ба даҳ толибилми ғарибӣ хуросонӣ дар ғояти парешонӣ ва ифлос* ***пеши ин фақир омада*** *[336; 74]. Ва он сураву руқъаро* ***пеши вай бар замин ниҳодам*** *[329; 66].* ***Пеши вай биншасту*** *ба дасти муборак хокро аз китфи вай дур фуровард [338; 9].*

*Овардаанд, ки дар аҳди Нушервон золиме заиферо таппонча зад ва* ***пеши Нушервон омада*** *арз намуд [347; 209]. Деҳқоне* ***пеши Мансури халифа омаду*** *аз дасти омили золиме шикоят кард [338; 61].*

Иборахои феълӣ бо пешоянди **ба пеши** амалеро ифода мекунад, ки ба самту сӯйи предмет ё ба маконе равона гардидааст. Феълҳои **овардан, омадан, фиристодан, ниҳодан** ба сифати ҷузъи асосӣ омада, исмҳои шахс, конкрет ва ҷонишинҳо чун ҷузъи тобеъ сурат мегиранд: *Кори эшон ба ҷойе кашид, ки ҷамъи касир* ***ба пеши Амир Алишер*** *ба додхоҳӣ* ***омаданд*** *[336; 549]. Чун Мири Араб* ***ба пеши Ҷонибек*** *Султон* ***омад****, дид, ки як лаҳзаи дигар таъхир мешуд [336; 163].*

Шакли **аз пеши** гузаштани амал ва ё шахсро ба ҷое ва ё воқеъ гаштани амалро аз наздикии ашё ё шахсе нишон додааст: *Дар китоби «Сафватуссафва» оварда, ки шахсе* ***аз пеши Имом гузашт****, дар ҳоле ки Имом бо асҳоб таъом мехӯрду салом накард [338; 36]. Ҳар зани ҷамила, ки дар ҳарам дорӣ,* ***аз пеши худ*** *бараҳна* ***бигузарон,*** *то сирри кор бар ту равшан шавад [338; 228]. Қосиде* ***аз пеши подшоҳ омад*** *[336; 782]. Он мард* ***аз пеши мо гузашта*** *[336; 1023].*

Дар таркиби чунин иборахои феълӣ ҷузъи **аз** ҳатмӣ ва таъинкунандаи асосии муносибати наҳвии ибора маҳсуб меёбад. Муқоиса шавад:

*Қосиде* ***аз пеши подшоҳ омад.***

*Қосиде* ***пеши подшоҳ омад****.*

Дар шаклҳои таркибӣ пешоянди **пеши** ҷузъи **аз** аксаран ҳатмӣ буда, вогузор шудани он мумкин нест: *Дар «Кашфулғамма» оварда, ки Абӯ Ҳанифаи Кӯфӣ* ***аз пеши Имом Ҷаъфари Содиқ берун омад*** *[338; 38].* ***… аз пеши қозӣ берун омаданд*** *[336; 927].*

Дар насри ин давра пешояндҳои таркибии номии **дар пеши** ва **ба пеши** бештар чун муродифи якдигар дар таркиби иборахои феълӣ корбаст шудаанд: *Ба Ироқ омад ва мири мазкур бинобар он ки табли бозе бузург* ***дар пеши зин мебаст*** *[341; 87]. Навбате* ***дар пеши*** *яке аз* ***ҳукком гуфта буд*** *[341; 94]. Ҳорун бифармуд, то муддаиро ҳам* ***дар пеши ӯ андохтанд*** *[341;*

*329]. Чун **ба пеши Маън расид,** бифармуд, то онро бигирифтанд [329; 67]. Ғиёсиддин Муҳаммад музди ҳаммомро **ба пеши ҳаммомӣ ниҳода** берун кардем [336; 1025].*

Дар алоқаи калимаҳо дар асарҳои мансури ин давра пешоянди **пеши** дар шакли **пешони**, ки маънии охир ва нуқтаи интиҳои масофаеро ифода мекунад, низ мустаъмал будааст: *Моҳчучук **дар пешони хона менигарист** [336; 1133]. Ногоҳ **аз пешони кӯча** касе **пайдо шуд** [336; 1133]. Боғбон дид, ки ҷавоне **аз пешони боғ мехиромад,** дар хашм шуд ва ба ҷониби вай равон гардид [336; 802]. Эй бародар, ман **дар пешони боғ** меваҳо **дидам** ва аз он хӯрдам, маро ин кайфият пайдо шуд [336; 803]. Якчанд рӯз болохонаро махсуси ин камина соз ва хонаи **пешони дуконро** аз барои меҳмонон **гилем андоз** [336; 584].*

**б) Ифодаи муносибати пуркунандагӣ.** Пешоянди **пеши** вобаста ба ҷузъҳои тобеъкунанда ва тобеъшаванда дар ифодаи муносибати пуркунандагӣ низ истифода шудааст. Дар ин маврид ба сифати тобеъкунанда ҳиссаҳои номии нутқ серистеъмоланд:

**1) Ифодаи муносибати пуркунандагӣ бо тобиши маҳдудӣ.**

*Охир он шаҳзода он дарвеши вафокешро **пеши хеш талаб дошт** ва марҳами лутфе бар ҷигари реш ниҳод [341; 193]. **Пеши муншиёни** моҳир...**якрӯза кор аст** [336; 330]. Нозукии мизоҷаш **пеши шумо маълум аст** [336; 530].*

**2) Ифодаи муносибати объектӣ бо тобиши қиёсӣ**. *Хуршеди бекарон...пеши вай чун холи кавокиб **дар пеши офтоб будӣ** [336; 226]. Қуттоси баҳри латиф **пеши он маҳосини касиф дар назар ноқису лаклака меояд** [336; 896].*

Дар насри асрҳои XV-XVI дар ташаккулиибораҳои феълии муносибати пуркунандагӣ пешоянди **дар пеши** серистеъмол аст. Пешоянди номии таркибии **дар пеши**, асосан, маънои соф пуркунандагиро мефаҳмонад: *Ба Ироқ омад ва мири мазкур бинобар он ки табли бозе бузург **дар пеши зин мебаст** [341; 87]. Навбате **дар пеши яке аз хукком гуфта** буд [341; 94].*

*Охир он шаҳзода он дарвеши вафокешро* ***пеши хеш талаб дошт*** *ва марҳами лутфе бар ҷигари реш ниҳод [341; 193]. Бар замири мунир махфӣ ва маҳҷуб нахоҳад буд, ҷамъи касир* ***дар пеши ин фақир сабақҳо доранд*** *[336; 566].*

Дар сарчашмаҳои давраи таҳќиќ ба вазифаи пешояндҳои номӣ, асосан, зарф ва исмҳо бештар истифода мешаванд. Гурӯҳи муайяни калимаҳо, ки аз ҷиҳати баромадашон исманд, барои равшантар кардани маънои пешояндҳои аслӣ вазифаи воҳидҳои релятивиро иҷро мекунанд. Дар ин бора андешаи В.В. Виноградов ҷолиб аст: «исмҳо бештар дар мавридҳои ҳолшавӣ ба гурӯҳи калимаҳои релятивӣ  мегузаранд» [149; 51].

Дар забони насри ин давра исмҳои зерини **пеши, назди, зери, таҳти, сӯйи, болои, ҷониби, лаби, тарафи, миёни** ҳамчун воҳиди релиятивӣ бештар корбаст шудаанд.

Агар ҷузъи тобеъ аз исмҳои шахс бошад, ибора бо пешоянди **пеши** маконеро ифода мекунад, ки дар назди, қарибии чизе ё касе ба вуҷуд омадааст. Ин қабил ибораҳо дар «Баҳористон» доираи васеи истеъмол доранд: *Гунаҳгореро* ***пеши халифа овroutdанд*** *[54] Занеро аз ҷамоате, ки бар Ҳаҷҷоҷ хурӯҷ карда буданд,* ***пеши вай овардаnд*** *[52]. Ҳазор байт бигуфту* ***пеши султон овард*** *[108]. Пас ҳар ду ҳамроҳ* ***пеши халифа рафтанду*** *қиссаро бозгуфтанд [329; 29]. Пиндоштам, ки табиб пеши бемор фиристодаам, ман худ бемор* ***пеши табиб фиристода*** *будаам [329; 29].*

Пешоянди **пеши** ва шаклҳои таркибии он **аз пеши**, **ба пеши** дар асл муродифи пешояндҳои **назди, ба назди, дар назди, дар ҳузури** буда, бештар дар таркиби ибораҳои феълии насри ин давра муносибати пуркунандагиро бо тобишҳои гуногуни наҳвӣ ифода менамояд. Ин ќабил ибораҳо макони амалеро ифода мекунанд, ки дар ќарибии предмет ба вуҷуд омадаанд: *Зуляминайн бандагӣ арз кард, вақте ки сари Исо* ***дар пеши худ ниҳод*** *[338; 70]. Халқе бепоён* ***аз пеши ман давон гузаштанд*** *[338; 1089]. Инро имшаб нигоҳ мебояд дошт ва сабоҳ* ***пеши мир бурд*** *[336; 1099].*

**в) Ифодаи муносибати муайянкунандагӣ-масоҳавӣ**. Тобеъкунанда исм бошад, ибора муносибати муайянкунандагӣ–масоҳавиро ифода кардааст:

*Хонаи* ***пешони…дуконро…гилем андоз*** *[336; 1136]. Ин худ яқин аст, ки шамъ* ***пеши ман*** *то субҳ* ***месӯзад*** *[336; 513].*

**3.1.2. Пешояндҳои назди, наздики, ҳузури ва шаклҳои таркибии онҳо ба назди, ба наздики, аз назди, аз наздики, дар назди, дар наздики, дар ҳузури.**

**Ифодаи муносибати макону масоҳат**. Дар насри ин давра барои ифодаи муносибатҳои макону масоҳат пешояндҳои **назди, наздики** ва шаклҳои таркибии онҳо **ба назди** (20 б.), **ба наздики** (8 б.), **аз назди** (12 б.), **аз наздики** (6 б.), **дар назди** (14 б.**), дар наздики** (9 б.), **ба ҳузури** (5 б.), **дар ҳузури** (3 б**.)** низ истифода шудаанд.

Пешояндҳои **назди** ва **наздики** бо ҳам баробармаъно буда, дар забони ин давра дар таркиби ибораҳои феълӣ кор фармуда мешаванд. Инро ҳам гуфтан бамаврид аст, ки дар забони ин давра пешоянди **назди** нисбат ба пешоянди **наздики** серистеъмол аст. Дар забони сарчашмаҳои насри асри XI акси ин ҳолро дидан мумкин аст, яъне пешоянди **наздики** назар ба **назди** серистеъмолтар будааст [50; 28]. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик низ серистеъмол будани пешоянди **назди** назар **ба наздики** дар китобҳои дарсӣ ва осори таҳќиќӣ ќайд шудааст [17; 24; 228; 63].

Дар ин навъи ибораҳо феълҳои ҳаракат ба сифати ҷузъи асосӣ омада, исмҳои макон, конкрет ва шахс ҳамчун ҷузъи тобеъ сурат мегиранд. Ибораҳое, ки ба воситаи пешояндҳои **назди, наздики** сохта мешаванд, мисли пешоянди **пеши** наздикии предметро ишора мекунанд:

*бо пешоянди* ***назди****: Гӯянд дар он маҳал қитъае гуфта ва* ***назди амири*** *мазкур фиристод [341; 70]. Касе* ***назди ӯ фиристоду*** *аз рӯйи ниёзмандӣ истилоҷ кард [338; 46]. Касе* ***назди Ибни Сирин омад****, ки ба хоб чунон дидам, ки хуни бисёр аз бинии ман рафт [338; 160]. Рӯзе Мавлоно Зулӣ ном касе* ***назди эшон омада*** *буд [336; 178]. Охир ин калимоти Қуръонӣ навишт ва* ***назди халифа фиристод*** *[338; 61];*

*бо пешоянди* ***наздики:*** *Чун* ***ба наздики он*** *хитта* ***расид****, қуттоъи тариқ ҳар чӣ дошт, бибурданд [329; 107]. Имом Муҳаммад Ҳусайни*

*Шайбонӣ **наздики Рашид омада** расид [347; 178]. Он турк **наздики Ҳабибӣ омад** ва пурсид ва ӯ ҷавоб дод, ки барраҳо аз гӯсфандон аст [341; 313].*

Алоқаи калимаҳо бо пешоянди **ҳузури** ва шакли таркибии он **ба ҳузури, дар ҳузури.** Ин пешоянд нисбат ба пешояндҳои фавқуззикр дар насри давраи мавриди назар ба таври фаровон истифода шудааст:

*бо феъли **мутойиба кардан**: Ва саҳоба низ **дар ҳузури он Ҳазрат** бо якдигар **мутойиба мекарданд** ва Ҳазратро ба ханда меоварда [338;7];*

*бо феъли **хандонидан**: Усайд ибни Хузайр аз кибори ансор аст ва аз қабилаи Хироҷ, саҳобаро **дар ҳузури он Ҳазрат** бисёр **механдонид** [338; 78];*

*бо феъли **овардан:** Аммо халифа фармуд, ки хушнависонро ҷамъ карданд ва **ба ҳузури вай оварданд** [336; 463];*

*бо феъли **иншо намудан**: Фақир он нишонро **дар ҳузури ҷамъи касир иншо намудам** [336; 370].*

Таҳлили мавод собит намуд, ки пешоянди мазкур дар шакли **ҳуззори** (18 б.) ва **ба ҳуззори** (10 б.) дар насри ин давра ба мушоҳида расид: *Баъд аз он рӯй **ба ҳуззори маҷлис кард** [336; 906].*

Пешоянди **дар ҳузури** бо феълҳои ҳолат ва исмҳои ифодакунандаи шахс амалеро мефаҳмонад, ки дар наздикии объект воқеъ гардидааст:

*Ба сиҳат расида, ки Усайд ибни Ҳузайр, ки аз кибори ансор аст ва аз қабилаи Хироҷ, саҳобаро **дар ҳузури он Ҳазрат бисёр механдонид** [338; 17].*

### 3.1.3. Пешояндҳои дар ҷавори, миқоруни.

Дар ифодаи муносибати наҳвии макону масоҳат дар насри давраи таҳқиқшаванда пешояндҳои **дар ҷавори** (8 бор) ва **миқоруни** (5 бор) низ мустаъмаланд: *Он шахсе, ки **миқоруни эшон нишаста**...[336; 550]. Мир фармуд, ки **дар ҷавори хонаи худ** аз барои вай ҷой **таъин намуданд** [336; 708].*

### 3.1.4. Пешояндҳои дар домани, ба домани, ба пойи, бар пойи, дар пойи, дар пояи, ба пояи, дар зии, дар поёни.

Ибораҳои феълии пешояндии муносибати макону масоҳа дар насри ин давра ба воситаи пешояндҳои номии изофии **дар домани**...(18 б.), **ба**

**домани**…(10 б.), **ба пойи**…(25 б.), **бар пойи** (8 б.), **дар пойи** (14 б.)**, дар пояи** (16 б.), **ба пояи** (9 б.), **дар поёни** (6 б.), **дар зии** (5 б.) сурат гирифтаанд. Ин пешояндҳо бештар бо исмҳои моддӣ омада, дар қисмати поёнии онҳо воқеъ гардидани амалро ифода кардаанд: ***Ба домани кӯҳе расид**, дар ғояти бузургиву баландӣ, ки сар ба фалаки лоҷвардӣ кашида буд [336; 752].* ***Дар зии азалату ҷалоли** мо …**саъю кӯшиш мабзул медорад** [336; 696].*

Пешоянди **дар пойи** ва муодили он **дар пояи** аз бобати вазифаи наҳвӣ шабеҳи пешояндҳои **дар зери, дар таги** мебошад. Пешояндҳои мазкур бештар бо исмҳои моддӣ ва бо мафҳуми макон алоқаманд меоянд. Феълҳои ифодакунандаи мафҳуми кору ҳолат ҳамчун ҷузъи асосӣ воқеъ шуда, макони амалеро нишон медиҳанд, ки дар наздикии сатҳи предмет ба вуҷуд омадааст. Ин иборaҳо аз ҷиҳати сохт дукалимагӣ ва баъзан секалимагӣ мешаванд:

*бо феъли **машғул шудан**: Пас **дар пойи сутун** ба намоз **машғул шуд** [338; 19];*

*бо феъли **афтодан:** Авлоду ақрабои ӯ **дар пойи ӯ афтоданд** ва қисса бозгуфтанд [338; 148];*

*бо феъли **мондан:** Ва касе парвои муҳимми вай накард ва муддате он банд **бар пойи ӯ бимонд** [338; 194];*

*бо феъли **кушодан:** Бифармуд, то банд **аз пойи ӯ бикшоданд** [338; 194];*

*бо феъли **омадан:** Ва бемуҳобо қадам дар миёни маҷлисе ниҳоду **ба пойи минбар омад** [338; 280];*

Дар забони «Бадоеъ-ул-вақоеъ» феъли ***ниҳодан*** ба сифати ҷузъи асосӣ дар таркиби ин қабил иборaҳо серистеъмол аст:

*Мавлоно Шаҳоб сар **дар пойи Мавлоно Носириддин Муҳаммад ниҳода**…[710]. Тайфур, ки паҳлавонро дид, фарёд баркашиду сар **дар пойи паҳлавон ниҳода**, рӯи худро ба кафи пояш молид [745].*

Пешояндҳои **аз пайи, дар пайи** дар насри давраи таҳқиқшаванда ғайр аз муносибатҳои макону масоҳат дар ифодаи муносибатҳои сабабу мақсад низ истифода шудаанд. Р. Ғаффоров, асосан, пешоянди макон будани онҳоро

зикр карда, дар ифодаи ҳоли сабаб дар шева омадани шакли **аз пайи**-ро низ қайд кардааст [24; 170].

Дар насри ин давра пешоянди **аз пайи** дар ифодаи муносибати мақсадӣ серистеъмол аст*:*

*бо феъли* ***нишастан****: Ҳеҷ аз он беҳтар нест, ки доман аз ӯ дарчинӣ ва* ***аз пайи кори худ нишинӣ*** *[338; 78]. Дар долони работ* ***аз пайи истироҳат нишаста*** *будем [336; 606];*

*бо феъли* ***давидан****: Сабаб он ки шахсе дар ин боғ буда, ин ҷамоат, ки даромадаанд, аз тарс дар гурез шуда, ҷамъе* ***аз пайи ӯ давида****, ӯро гирифта, сар бурида [336; 1066];*

*бо феъли* ***фиристодан****: Дар охир кори ӯ ба ҷойе расид, ки мардуми шаробхона ӯро* ***аз пайи мояҳтоҷи*** *худ ба бозору шаҳр* ***мефиристонанд*** *[341; 184]. Чун мардум маро сайд кунанд, бар сари дасти эшон ором гирам ва чун маро* ***аз пайи сайде фиристанд*** *[338; 73]. Мирзо маро* ***аз пайи муҳимме фиристоданд*** *[336; 552];*

*бо феъли* ***тохтан****: Итифоқан****, аз пайи сайде тохта*** *ва ба ҷойе расид, ки роҳи баргаштан гум карданд [336; 752];*

*бо феъли* ***расидан****: Сӯйи чорбоғи вай равон шудему* ***ба пойи девораш расидем*** *[336; 109];*

*бо феъли* ***мутароққиб будан****: Иттифоқан, дузде гурехта буда ва ҷамъе* ***дар пайи вай муддате*** *мутарассиду* ***мутароққиб буданд*** *[336; 791].*

Ибора бо пешоянди **дар пайи** маънои мақсадро бо тобиши объектӣ низ ифода мекунад. Ба сифати ҷузъи асосӣ, асосан, феълҳои ҳолат омада, исмҳои мафҳуми шахс чун ҷузъи тобеъ воқеъ мегарданд: *Мавлоно Шиҳоб сар* ***дар пайи Мавлоно*** *Носириддин Муҳаммад* ***ниҳода*** *[336; 788]. Подшоҳ* ***дар пайи вай*** *асп* ***андохта*** *ба суръати тамом метохт, то ғояте, ки он оҳу аз назари вай ғоиб гардид [336; 786].*

### 3.1.5. Пешояндҳои дари, ба дари, бар дари, аз дари, дар дари.

Дар таркиби иборaҳои феълии насри ин давра як ќабил пешояндҳои номие низ истифода шудаанд, ки хоси забони давраи классикӣ буда, баъзеи онҳо дар китобҳои дарсии забони адабии ҳозираи тоҷикӣ зикр нашудаанд, вале дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ва дар осори устод Айнӣ қисман истифода шудаанд .

Ба ин гурӯҳ пешояндҳои номии **дари**, **ба дари**, **дар дари**, **аз дари**, **ба дари**-ро дохил намудан мумкин аст. Ибораҳое, ки бо пешояндҳои номии **дари** (40 б.), **ба дари** (44 б.), **бар дари** (34 б.), **аз дари** (24 б.), **дар дари** (8 б.) сурат гирифтаанд, дар даромадгоҳ ва ё дар даруни маконе қарор гирифтан ё рӯй додани амалро ифода кардаанд:

*бо феъли* ***даромадан****: Ногоҳ марде ғариб ва соҳибвуҷуд бо чанд ғулом* ***аз дари масҷид даромад*** *[338; 280]. Ногоҳ Мавлоно Халил* ***аз дари хона даромад*** *[336; 923]. Дар ин сухан будем, ки ғулом занҷире ба даст* ***аз дари хона даромад*** *[336; 1037];*

*бо феъли* ***расидан****: Як бор* ***ба дари хонаи*** *вай* ***расидам*** *[329; 65]. Дар бозори Бағдод* ***ба дари дӯконе расидам****, ки рӯ ба рӯйи корвонсарое буд [338; 255]. Намози хуфтан буд, ки* ***ба дари дарвозаи Малик расидем*** *[336; 1112];*

*бо феъли* ***омадан****: Зарифе* ***ба дари хонаи*** *бахиле* ***омад*** *[338; 225];*

*бо феъли* ***овардан****: Боборо ҳоли ғарибе даст доду дил ба марг ниҳод ва ӯро* ***ба дари боғ оварда****, халоиқ гиря мекарданд [336; 24];*

*бо феъли* ***рафтан****: Асаъмӣ гӯяд: бо кариме ошноӣ доштам, ки ҳамвора ба таваққуъи караму эҳсон* ***ба дари хонаи*** *вай* ***мерафтам*** *[329; 65]. Ҷамъе аз зурафои Басра* ***ба дари Робияи Адавия рафтанду*** *гуфтанд [338; 253].*

Дар забони «Баҳористон» ин пешоянд дар таркиби ибораҳои феълӣ сермаҳсул буда, асосан, муносибати ҳолиро бо тобиши масоҳат ифода кардааст: *Баъд аз он рӯзе* ***ба дари пардасаро омаду*** *хост, ки дарояд [52]. Шоире ба таваққӯъи фоида* ***ба дари хонаи Маъни Зоида омад*** *[63].* ***Ба дари сарое*** *бузург* ***расидам,*** *даромадам [63].*

Бояд зикр кард, ки дар шаклҳои таркибӣ ҷузъи **дари** бештар дар алоқаи суст буда, он танҳо ба ибора тобиши маъноӣ мебахшад: *Шоҳ Қосими Анвор,*

*қаддаса, сирраҳу, нузул фармуда, бар сабили гашт* ***ба дари боғи*** *мазкур* ***расиданд****, дарро баста ёфтанд [341; 175]. Як бор* ***ба дари хонаи*** *вай* ***расидам*** *[329; 65];* ***Ба дари хонаи*** *мулло Порсо* ***расид*** *[285; 586]. ...****ба дари сарое расидем*** *[336; 1132].*

Шакли содаи пешоянди номии изофии **дари** дар забони «Бадоеъ-ул-вақоеъ» бештар дар таркиби ибораҳои исмӣ омада, муносибати муайянкунандагӣ –масоҳавиро ифода кардааст: *Борҳо ба мардуми* ***дари хона гуфта буда*** *[690]. Дузде қуфли* ***дари хонаи мадрасаро*** *бартофта, ҳар чӣ ёфта, бурда [820].*

### 3.1.6. Пешояндҳои сари, бар сари, дар сари, ба сари, аз сари, бар болои, дар болои, дар рӯйи, бар рӯйи, аз рӯйи, бар рӯйи, бар фарқи, бар нӯги, дар миёни

Дар ташаккули ибораҳои феълии пешояндӣ барои ифодаи муносибатҳои макону масоҳат пешояндҳои таркибии номии изофии навъи **сари** (76 б.), **бар сари** (86 б.), **дар сари** (45 б.), **ба сари** (26 б.), **аз сари** (27 б.), **бар болои** (46 б.), **дар болои** (8 б.), **дар рӯйи** (26 б.), **бар рӯи** (50 б.), **аз рӯйи** (77 б.), **бар рӯйи** (38 б.), **бар фарқи** (8 б.), **бар нӯги** (28 б.), **дар миёни** (36 б.), **дар асари** мавриди корбурд қарор гирифтаанд.

Шаклҳои навъи **бар болои, бар рӯйи**, **бар сари** дар таркиби ибораҳои феълӣ бо исмҳои макон ва ё ашёе омадаанд, ки амал дар сатҳу болои он воқеъ мегардад ва ё ба он равона шудааст:

*бо феъли* ***рафтан:*** *Аммо дар ҳар чанд рӯз тавба мекарду боз* ***ба сари кори*** *худ* ***мерафт*** *[341; 262]. Он амир* ***ба сари Мокон рафту*** *ӯро бикушт [338; 73];*

*бо феъли* ***даргузаштан****: Кифоят кард аз ту пазируфтани маъунат узрхоҳиро, яъне мо* ***аз сари гуноҳи ту даргузаштем****, ҳоҷат ба узрхоҳӣ нест [338; 73];*

*бо феъли* ***ҳозир шудан****: Арабе бар сари хони халифа ҳозир шуд [338; 102];*

*бо феъли* ***омадан****: Қутайъӣ бархосту* ***бар сари болин****и ӯ* ***омад*** *ва набзаш бигирифт [338; 148].* ***Бар сари хиёбон****и Хуросон* ***омада,*** *овоз баровард [336; 340];*

*бо феъли* ***овардан:*** *Рӯзе Хоҷа Пирмуҳаммад бифармуд, то Сайиидро ба он банди гарон* ***бар сари девон оварданд*** *[338; 194]. Аҳли маҷлис якбора ғулғула бунёд карданду* ***бар сари мулло ҳуҷум оварданд*** *[336; 286];*

*бо феъли* ***ниҳодан:*** *Фармуд, ки ӯро* ***бар сари роҳи*** *Абӯалӣ* ***ниҳоданд*** *[336; 804].*

Ибора бо феълҳои **нишастан, нишондан** макони ба вуҷуд омадани амалу ҳолатро нишон медиҳад. Исмҳои мафҳуми моддиёт ҷузъи тобеи ин гурӯҳи ибораҳоро ташкил медиҳанд:

*бо феъли* ***нишастан****: Арабе бағоят ќабеҳулваҷҳ ва қабеҳулманзар* ***бар сари хони Имом Ҳусейн нишаст*** *[338; 97]. Чун бедор шудам, аврати соҳибҷамоле дидам, ки* ***бар сари ман нишаста*** *ва ба рӯймоле ашк аз рӯйи ман пок мекунад [336; 562]. Дидем, ки* ***дар сари суффа*** *шахсе* ***нишаста*** *дар ғояти азамат ва қариб ба панҷоҳ ӯзбак пеши ӯ даст пеш гирифта[336; 584]; Рофизӣ* ***бар сари девор нишаста*** *буд ва суннӣ ба вай гил медод [336; 531];*

*бо феъли* ***нишондан****: Гаронҷоне* ***бар сари болин****и беморе* ***нишонда*** ва дар охир пурсид *[338; 230]. Он кӯдакро талаб намуд ва* ***бар сари зону****и худ* ***нишонда,*** *шогирдонро фармуд, ки оғози мубоҳиса кунанд [336; 397].*

Дар як гурӯҳи ибораҳои феълӣ муносибати пуркунандагӣ бо тобиши макони сатҳи предмет ба таври омехта ифода шудааст: *Ёрон* ***бар сари ӯ омаданд*** *ва мулоҳиза карданд [338; 203].* ***Бар сари ман дорӣ****, ки паҳлавонро ба замин назанӣ [336; 353]. Фил* ***бар сари паҳлавон шабехун бурда*** *ва паҳлавон хабардор гардид [336; 357];*

Пешоянди номии **сари** ва шаклҳои таркибии он **бар сари, ба сари, дар сари** дар таркиби ибораҳои феълӣ предмет ва ё маконеро нишон додаанд, ки дар наздикии амал воқеъ ё ҷараён гирифтааст ва ё ба назди он нигаронида шудааст:

*бо феъли **хазидан**: Тифле ширхора **ба сари новардон хазид**, вақте ки модараш ғофил буду дасташ ба вай намерасид [338; 228];*

*бо феъли **расидан**: Дар он асно **ба сари кӯҳе расиду** ҷамъе кӯдаконро дид, ки бо ҳам бозӣ мекарданд [338; 228];*

*бо феъли **омадан**: Хабар дорӣ, ки бахте ҷавон **бар сари ман омада** ва хоҷазодае пурмоли соҳибҷамол бо вай ақд хоҳад кард [336; 286]. Пас ба чанд шутури ҷавон ӯро бихариданд ва **бар сари ӯ омаданд**, то ба қабилаи худ баранд [338; 20];*

*бо феъли **дидан**: **Бар сари чашма** аждаҳое **дид** кушта ва аз тоб афтода [336; 753];*

*бо феъли **пӯшидан**: Он ғулом **сари дегчаро пӯшида** ва ҳезуме дар зери он гузошта, рафт [336; 851].*

Дар як қабил ибораҳои феълӣ муносибати сабабӣ ифода шудааст. Ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои амалу ҳолат ва исмҳо ва ҷонишинҳои шахсӣ ҳамчун ҷузъи тобеъ сababи содиршавии амалро мефаҳмонанд: *Сартароше рӯзе **сари хоҷае метарошид** [336; 226]. Алҳосил, ки дар ҳини савор шудан ӯро аз асп фурӯ кашиданду **сари ӯро бурида** бар найза карданд [336; 173].*

Дар насри ин давра ибораҳои феълие, ки бо пешояндҳои мазкур сурат мегиранд, муносибати самти амалро низ ифода мекунанд: *Абӯлайно **бар сари болин**и гаронҷоне **омад** [338; 230]. Биё, то **бар сари бисот равем** [336; 865].*

### 3.1.7. Пешояндҳои бар болои, ба болои, дар болои, дар рӯйи, аз рӯйи, бар рӯйи

**а) Ифодаи муносибати ҳолӣ**. Ибора бо пешояндҳои **бар болои** (75 б.), **ба болои** (74 б.), **дар болои** (56 б.), **дар рӯйи** (46 б.), **аз рӯйи** (85 б.), **бар рӯйи** (36 б.) дар насри ин давра серистеъмоланд. Ин пешояндҳо асосан, муносибати ҳолиро бо тобишҳои ҳархела ифода мекунанд.

Ибораҳои феълии бо пешояндҳои мазкур амали дар сатҳи предмет бавуҷудомадаро ифода мекунанд. Феълҳои ҳаракату ҳолат ба сифати ҷузъи асосӣ омада, исмҳои ифодакунандаи мафҳуми ашё, макон ё ба мафҳуми макон алоқаманд, чун ҷузъи тобеъ воқеъ мешаванд:

*бо феъли **хостан**: Баъд аз он панҷ ман нон ва панҷ ман ҳариса ва понздаҳ ман анор **бар болои он** ва дар охир дилам **шарбате хост** [338; 150];*

*бо феъли **андохтан:** Дар кавора даромад, баргҳои токро **бар болои вай андохтам** [336; 1134];*

*бо феъли **рехтан**: Баъд аз он ба дарди шикам бимирӣ ва чун туро дар қабр ниҳанд, сад хирвор хок **ба болои ту резанд** [338; 151];*

*бо феъли **гузоштан**: Ва шамъро **бар болои сар**и ғуломбачае **гузошт**у пустини худро бар болои вай пӯшиду берун омад [338; 575];*

*бо феъли **афтодан**: Мирзо худ дар маънӣ ба он розӣ нест, ки чашми ғайре **бар рӯйи ӯ афтад** [336; 650].*

Агар феълҳои амалу ҳаракат чун ҷузъи асосӣ воқеъ шаванд, ибора амалеро ифода менамояд, ки ба самте, сӯйе нигаронида шудааст:

*Биё **то болои пушта равем** ва ба кори худ машғул шавем [336; 518]. Ва ин шутурро омӯхта буд, ки **бар болои сепояе бармеомад**у халқи азим бар гирди маъракаи вай ҷамъ меомаданд [336; 865].*

Дар як гурӯҳи ибораҳое, ки ҷузъи асосиашон аз феъли мондаи **нишастан** ва ҷузъи тобеъашон исмҳои моддӣ мебошанд, муносибати макону объект якҷоя ифода меёбад. Ибора бо феъли мазкур макони амалеро мефаҳмонад, ки дар наздики предмети дигар воқеъ гардидааст:

*Подшоҳро гирдболише буд аз атласи хитоии ҳафтранг, ки дар шаб **ба болои он нишаста** [336; 648]. **Дар болои дукон хуҷрае сохта** буд [336; 1136].*

Шаклҳои навъи **бар болои, дар болои, бар рӯйи, бар болои, бар сари** ва амсоли инҳо ба исми макон ё ашё меоянд, ки амал дар сатҳу болои он воқеъ ё равона шудааст:

*бо феъли **фармудан**: Ва аз он ҷумла, рӯзе Ҳазрати Расул **бар болои минбар** ваъз **мефармуд** [336; 18];*

*бо феъли гузоштан: Ӯ ба хона омаду дар зери мусаллое, ки **бар болои он намоз мегузорд,** эҳтиёт кард [336; 161];*

*бо феъли* ***даромадан****: Филҳол он махрам кабӯтаронро сар дод ва эшон* ***бар болои сар****и он ду лашкар ба парвоз* ***даромаданд*** *[336; 63];*

*бо феъли* ***баромадан****:* ***Бар болои қаср баромад****, дид, ки мурғе дар ғояти бузургӣ бар гӯшаи бом нишаста [336; 643];*

*бо феъли* ***омадан****: Ва ин шутурро омӯхта буд, ки* ***бар болои сепоя бармеомад****у халқи азим бар гирди маъракаи вай ҷамъ меомаданд [336; 454];*

*бо феъли* ***ниҳодан****: Подшоҳ фармуд, ки дари хазоини карам гушоданд ва он миқдор, ки матлаби вай буд,* ***бар болои ҳам ниҳоданд*** *[336; 465];*

Бояд тазаккур дод, ки пешояди **бар болои** барои ифодаи маънои бар сатҳи болои ашё воқеъ гардидани амал бо пешояндҳои **ба болои** ва **дар болои** муродиф мебошад.

Аммо, ба фикри мо, ба ҷойи пешоянди **бар болои** кор фармудани пешояндҳои **дар болои** ва **аз болои** хилофи меъёр аст, зеро ки семантикаи пешоянди **бар болои** инро рад мекунад: *Чунон ки кафи пойи худро ба синаи вай мегирам ва болопӯшро* ***бар болои ӯ андохтам*** *[336; 875].*

Ҳодисаи дар як ҷумла такрор омадани пешоянди **бар болои** хоси забони Восифӣ буда, дар дигар асарҳои таҳќиќшудаи ин давра ба мушоҳида нарасид: *Ва шамъро* ***бар болои сари ғуломбача гузошту*** *пӯстини худро* ***бар болои вай пӯшиду*** *берун омад [336; 575];*

Дар баъзе асарҳои таҳқиқӣ қайд шудааст, ки гӯё шакли **бар рӯйи** дар забони адабии пешина барои ифодаи ҳоли макон дучор нашудааст. Таҳлили маводи бадастоварда, бахусус, «Бадоеъ-ул-вақоеъ» собит намуд, ки пешоянди **ба рӯйи** дар ифодаи маънои маконӣ дар забони адабии пешина мустаъмал будааст:

*бо феъли* ***пайдо шудан****: Ногоҳ боз ҳамон ғаливож* ***бар рӯйи ҳаво пайдо шуд*** *[872]. Дид, ки он тӯтӣ* ***аз рӯйи ҳаво пайдо шуд*** *ва дар минқори худ ниҳоли заифе гирифта, монанди фариштаи раҳмат пеши вай фуруд омад [762];*

*бо феъли* ***баромадан****: Ногоҳ шахсе* ***бар рӯйи*** *фарши* ***айвон баромада,*** *бар паси дари гунбад омад [336; 1039];*

*бо феъли* ***нишастан:*** *Рӯзе бо ҷамъе аз фузалову зурафо* ***бар рӯйи курсии иморат нишаста*** *буданд [336; 297];*

*бо феъли* ***чакидан гирифтан****: Шамъро дид, ки ба поён расида ва равған аз шамъдон* ***бар рӯи гилем чакидан гирифта*** *[336; 703];*

*бо феъли* ***дидан:*** *Ва* ***дар рӯйи ҳаво*** *кабӯтарон дар* ***парвоз дид****, даст бар ҳам задан гирифт [336; 556];*

*бо феъли* ***гардидан****: Ду ёри ҳамнафас ба якдигар ҳузуре доштанд, ки ногоҳ* ***аз рӯйи ҳаво*** *тӯтие* ***падид гардид*** *[336; 757];*

*бо феъли* ***бастан****: Дар рӯйи рони ӯ дашнае зоҳир шуд, ки онро ба рифода* ***ба рӯи рони*** *худ* ***баста****, дар тезиву тундӣ, ки агар онро ба гардани гове зананд, ҳоил нашавад [336; 1065].*

Дар сурати ба сифати ҷузъи тобеъ омадани ҷонишинҳо ибора бо пешоянди **бар рӯйи** ва **дар рӯйи** маънои пуркунандагиро ифода мекунад: *Баъд аз он саг пой бардошту* ***бар рӯйи ӯ бавл ка****рд [338; 83]. Ва ба Мусъаб пайваст ва теғ* ***бар рӯйи Абдумалик кашид*** *[338; 69]. Зане омаду дар баробари ман истоду* ***дар рӯйи ман назар мекард*** *[338; 86].*

Агар ба сифати ҷузъи тобеъ исмҳои маънӣ оянд, дар байни калимаҳои алоқамандшуда муносибатҳои ғайримасоҳавӣ мушоҳида мегардад:

**-ифодаи** муносибати **сабабӣ**: ***…аз рӯйи ғазаб гуфтан****[336; 856];*

***-ифодаи муносибати мақсадӣ****: Паҳлавон Ҳиндухоҷа* ***аз рӯйи даъво*** *ба вилояти Хуросон* ***омада*** *[336; 892]. Боз ба ҷониби ман* ***аз рӯйи эҳтиёт нигоҳе кард*** *[336; 872];*

***-ифодаи муносибати тарзу мутобиқат****: ….****аз рӯйи фаросат дарёфтам*** *[336; 871]. Дар ин қазия* ***аз рӯйи муҷиби шаръи Муҳаммадӣ таҷовуз наменамоям*** *[336; 776].*

**б) Ифодаи муносибати пуркунандагӣ**. Бо феъли **нишастан** ва исмҳои конкрет муносибати пуркунандагиву макони якҷоя ифода ёфтааст: *Хонаро хилват сохтему* ***бар болои сари Мавлоно*** *Райҳонӣ* ***нишастем*** *[336; 1147]. Чун омаду* ***бар болои курсӣ нишаст****, рӯй ба ҷониби осмон кард [336; 793].*

Пешояндҳои **бар болои**, **ба болои** бо феълҳои гуногунмаъно муносибати пуркунандагиро бо тобиши маҳдудият, таъинот нишон медиҳад:

*бо феъли **ниҳодан**: Порае аз ин вараҳи сафед ва порае аз он сиёҳ аст, чун **бар болои ҳам мениҳад**, сурати хатте пайдо мешавад [341; 263];*

*бо феъли **гузоштан**: Ӯ ба хона омаду дар зери мусаллое, ки **бар болои он намоз мегузорд**, эҳтиёт кард [338; 161]. Ва шамъро **бар болои сари ғуломбача гузошт**у пӯстини худро бар болои вай пушиду берун омад [336; 575];*

*бо феъли **даромадан:** Филҳол он маҳрам кабӯтаронро сар дод ва эшон **бар болои сари он** ду лашкар **ба парвоз даромаданд** [338; 63];*

*бо феъли **андохтан**: Дар кавора даромад, баргҳои токро **бар болои вай андохтем** [336; 1134];*

*бо феъли **беҳуш шудан**: Мир **ба болои асп беҳуш шуд,** чунончи ӯро гирифта, фуруд овcovered [336; 587].*

### 3.1.8. Пешояндҳои зери, дар зери, аз зери, дар таги, дар тахти, дар қаъри, аз таги, аз қаъри, то зери, то қаъри.

Пешоянди **зери** (8 б.), **дар зери** (48 б.), **аз зери** (24 б.), **дар таги** (15 б.), **дар тахти** (12 б.), **дар қаъри** (9 б.), **аз таги** (6 б.), **аз қаъри** (4 б.), **то зери** (5 б.), **то қаъри** (3 б.) дар ифодаи муносибати ҳолӣ ба таври фаровон истифода шудаанд.

Аз байни ин пешояндҳо дар забони насри давраи таҳқиқшаванда пешояндҳои **ба таги** , **ба зери** ва **аз зери** серистеъмоланд. Серистеъмол будани пешояндҳои мазкур дар забони адабии ҳозираи тоҷик низ ба мушоҳида мерасад [17; 142].

Пешояндҳои номии изофии **зери, таги** ва шаклҳои таркибии онҳо **ба зери, дар зери, ба таги, аз таги** ибораҳои феълиеро ташаккул додаанд, ки амалиёти фоил аз пояи ашё ё маҳалле оғоз меёбад ва ё дар пояи зери онҳо воқеъ шудааст ва ё ба таги он равона гардидааст. Ба сифати ҷузъи тобеъ бештар исмҳои моддӣ ва ҷонишинҳои предметӣ ва чун тобеъкунанда феълҳои ҳаракату ҳолат истифода шудаанд:

*бо феъли **гузаштан**: Мурод он аст, ки ҳамчун шаҳри Миср шаҳри муаззаме дар таҳти тасарруфи ман аст ва ин ҷӯйҳои оби Нил **аз зери қасри** ман **гузарад** [338; 76];*

*бо феъли **мондан:** Ва маҷлис ба ҷойе расида, ки шароб камӣ карда, **дар таги шишаҳо** лой **монда**, мехоҳанд, ки онро соф созанду чизе намеёбанд барои соф кардан [336; 578].*

*бо феъли **ниҳодан:** Чун онро бихонд, шоирро талабиду даҳ бадра зар ба вай дод ва он чӯбро **дар зери бисоти худ ниҳод** [329; 70]. **Дар зери чаҳорпоя**и курсии Абӯалӣ чаҳор танга **ниҳоданд** [336; 793];*

*бо феъли **доштан**: Мавлоно Порсо даст дароз карду риши Хатибро гирифту **дар таги он ҷом бидоштанд** ва он шаробро соф карданд [336; 579].*

Дар забони насри ин давра ба сифати ҷузъи номӣ бештар исму ҷонишин ва дар вазифаи ҳиссаи феълӣ ёридиҳандаҳои **кардан** истеъмол шудааст. Дар забони миёна феъли **кардан** чун ёридиҳанда бо ҷузъҳои номӣ фаровон омада, феъли таркибии номӣ сохтааст.

Муҳаќќиќ Б. Сиёев дар ишора ба ин масъала таъкид менамояд: «Ҳамин тавр, аз ёридиҳандаҳои феълӣ дар забони форсу тоҷик махсусан **кардан** дар мавриди ҳамчун ҷузъи феъли муайян истифода шуданаш маънии аслиаш суст шуда, дар таркиб дар офаридани мафҳуми нав роли баѓоят муҳим дорад» [88; 132]. Дар ҳаќиќат чунин ҳолатро дар таркиби ибораҳои феълии насри асрҳои XV-XVI низ мушоҳида кардан мумкин аст ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки феъли **кардан** дар ин муддат чун ёридиҳанда, аз давраи забони миёнаи форсу тоҷик то ин давра (асрҳои XV-XVI- А. Ѓ) дар иҷрои вазифаи мазкур ба таѓйироти куллӣ дучор наомадааст. Дар таркиби ибораҳои феълии насри ин давра ба сифати ёридиҳанда омада, дар сохтани феълҳои таркибии номӣ серистеъмол аст: *Рӯзи дуюм он чӯбро **аз зери бисот берун кард**у бихонд [338; 68]. Дидам, ки маймун ба ҷунбиш даромаду сари худро **аз зери болопӯш берун карда** [336; 875]. Хонае буд пури ҳезум, ба ҳар навъ, ки буд худро **дар***

***зери ҳезумҳо ҷо кардам*** *[336; 1065]. Ӯро бар рӯи бистар* ***дар зери пойи*** *худ* ***ҷой кардам*** *[336; 874].*

Дар «Латоиф-ут-тавоиф» пешояндҳои номии таркибии **аз қаъри**, **дар қаъри** серистеъмол буда, 18 маротиба дар таркиби ибораҳои феълӣ вохӯрд: *Ва хуҷраеро, ки дар он мол бисёр буд, аз нақду ҷинс холӣ кард ва* ***аз қаъри чоҳ бадар бурд*** *[274]. Ҳама дар ин корвонсарост ва* ***дар қаъри он чоҳ пинҳон аст*** *[275]. Дар саҳрое бар сари чоҳе расиданд, ки* ***дар қаъри он оби зулол буд*** *[309].*

### 3.1.9. Пешояндҳои паҳлуи, лаби, гирди, паси, қафои ва шаклҳои таркибии онҳо дар паси, бар канори, ба гирди, ба паси, дар лаби, дар гирди, ба лаби, ба канори, ба қафои, бар пушти, бар заҳри, ба дунболи, дар паҳлуи, аз қафои, аз паси, аз пайи, дар пайи.

Пешояндҳои номии изофии **паҳлуи** (12 б.), **лаби** (10 б.), **гирди** (8 бор), **паси** (6 б.), **қафои** (5 б.), **дар паси** (44 б.), **бар канори** (36 б.), **ба гирди** (39 б.), **ба паси** (26 б.), **дар лаби** (46 б.), **дар гирди** (44 б.), **ба лаби** (24 б.), **ба канори** (18 б.), **ба қафои** (28 б.), **бар пушти** (14 б.), **бар заҳри** (25 б.), **ба дунболи** (18 б.), **дар паҳлуи** (32 б.), **аз қафои** (24 б.), **аз ақиби (**14 б.), **аз паси** (34 б.), **аз пайи** (22 б.), **дар пайи** (14 б.) дар асл пешояндҳои масоҳавӣ буда, дар ташаккули ибораҳои феълӣ корбаст шудаанд.

Пешояндҳои номии изофии **паси**, **қафои** ва шаклҳои таркибии онҳо- **дар паси, бар паси, бар қафои, аз қафои, бар пушти, ба дунболи, аз дунболи** аз рӯйи маъно муродифи ҳамдигаранд ва бо исмҳои макону ҷонишинҳои предметӣ омада, макони ҷойгиршавӣ, бавуқӯъоӣ ва дар паси ҷойе ё шахсе равона шудани амалу ҳолатро нишон медиҳанд: *Арабе* ***дар ақиби қорӣ намоз мегузорд*** *[338; 107]. Ғуломон* ***аз пайи чӯб давиданд*** *[338; 216]. Султон* ***аз қафои ӯ мерафт*** *[336; 1284].*

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик пешоянди макону масоҳат будани пешояндҳои фавқуззикр таъкид шудааст [17; 157]. А. Мирзоев дар ифодаи муносибати замонӣ  [63; 143] ва Р. Ғаффоров дар шеваи ҷанубӣ дар ифодаи ҳоли сабаб омадани пешоянди **аз пайи**-ро қайд кардаанд [24; 170].

Дар насри давраи мавриди назар ҳам пешояндҳои таркибии **аз пайи, дар пайи** ғайр аз муносибати макону масоҳат дар ифодаи муносибатҳои сабабу мақсад низ истифода шудаанд: *Дар долони Работ* ***аз пайи истироҳат нишаста*** *будем [338; 606]. ...**дар пайи илм ранҷу заҳмати беҳуда мебурдаед** [336; 921]. Мирзо маро **аз пайи муҳиме фиристодаанд** [336; 552].*

Таркиби **ба заҳри**, ки чун муродифи пешояндҳои зикргардида дар насри ин давра дар таркиби иборaҳо корбаст шудааст, камистеъмол буда, дар забони ҳозира истифода намешавад: *...**бар заҳри он қасида навишта** [336; 959]. ..**бар заҳри** рубоии **вай навишт** [336; 841].*

Пешояндҳои номии таркибии **дар паҳлуи, дар паси** бо феълҳои ҳолату вазъият дар таркиби ибораҳои феълӣ омада, макони амалеро нишон медиҳанд, ки дар қафои ашё воқеъ шудааст: *Шахсе **дар паҳлуи ӯ нишаста** буду ба гӯшаи чашм навиштаи вайро мехонд [329; 82]. Фирдавсӣ биёмад ва **паҳлуи Асҷадӣ бинишаст** [338; 195]. Абӯлайно зарифи Бағдод ва Ибни Мукаррам зарифи Миср дар маҷлиси яке аз ҳукком **паҳлӯи ҳам нишаста** буданд [338; 218].*

Шаклҳои мазкур вобаста ба матн тобишҳои яккаратӣ, давомдорӣ ва натиҷаи амалро дар замони гузашта ифода мекунанд: *Ва дар баставу соҳибаш **дар паси дар нишаста** ва аз ҳеч links мармар роҳе ва манфазе не [336; 607]. Мурғе чанд бирён карда ва пора сохта, **паҳлуи меваҳо ниҳода** ва болои дӯкон хонаест [338; 255]. Паси **дари ҳавлӣ хокрез буда** [336; 1138]. Подшоҳ **дар пайи вай асп андохта**, ба суръати тамом метохт, то гояте, ки он оҳу аз назари вай гоиб гардид [336; 739]. Эшон дар кор буданд, ки касе **бар паси дар омад** [336; 1041].*

Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои **дар қафои, дар паси, аз паси**, **дар ақиби**, **аз ақиби** сермаҳсуланд. Ин пешояндҳо маънои соф маконӣ доранд. Ба сифати ҷузъи тобеъ бештар исмҳои моддӣ, амал, ҷонишинҳои шахсӣ истифода мешаванд:

*Вақте ки машғули харидуфурӯш буд,* ***аз ақиби вай даромада,*** *ӯро дар оғӯш гирифт [338; 13]. Бархезу ба хаймаи ман дарою* ***дар паси парда бинишин*** *[338; 75]. Ман худро наздики эшон* ***дар паси дарахте пинҳон намудам*** *[336; 70].*

Феъли **гузоштан** дар шакли замони ҳозираи **гузордан** дар насри ин давра, махсусан дар забони «Латоиф-ут-тавоиф» серистеъмол аст. Исмҳои мафҳуми шахс ба сифати ҷузъи тобеъ корбаст шудаанд: *Арабе* ***дар ақиби қорӣ*** *намоз* ***мегузорд*** *[107]. Шабе* ***дар ақиби Пайғамбар*** *(с)* ***намоз гузорду*** *сабоҳ ба он сарвар гуфт [316]. Иттифоқан рӯзи дигар* ***дар ақиби*** *ҳамон* ***қорӣ намоз гузорд*** *[107].*

Ибора бо пешояндҳои **дар дунболи, дунболаи, аз дунболи** маънои амалеро нишон медиҳад, ки аз қафои амали предмети дигар ба вуҷуд меояд: *Чуби якдигарро харротӣ карда, тасмае* ***дар дунболаи он кашиданд*** *[336; 1076].*

Ибора бо пешоянди **пушти** ва шаклҳои таркибии он **ба пушти**, **бар пушти** дар забони адабии ҳозираи тоҷик серистеъмол аст [17; 125].

Ин ибораҳо аз рӯйи сохт ду ва секалимагӣ буда, макони амалеро нишон медиҳанд, ки дар қафои пушти предмет ба вуҷуд омадааст:

*бо феъли* ***набиштан****:* ***Бар пушти вай набишта****, ки ҳамроҳи руқъа суррае понсад динор дар вай [329; 65];*

*бо феъли* ***андохтан****: Баъд аз се рӯз болише* ***бар пушти гов андохта****, он авратро савор карданд [336; 642];*

бо феъли **бастан:** *Ду каворои ангур харид, якеро* ***бар пушти ман баст*** *[336; 658];*

*бо феъли* ***додан****: Оқибатуламр, китобҳои худро дар ҷуволе карду* ***ба пушти ҳаммомие дода*** *мутаваҷҷеҳ шуд [336; 608].*

**Ифодаи муносибати пуркунандагӣ**. Пешояндҳои таркибии **дар паси, қафои, дар қафои, дар ақиби, пушти, ба пушти, ба дунболи, ба дунболаи, дар дунболаи** дар насри давраи мавриди назар сермаҳсуланд. Ибораҳои

феълие, ки бо пешояндҳои мазкур сурат мегиранд, асосан, муносибати пуркунандагиро бо тобиши макон якҷоя ифода мекунанд.

Пешояндҳои **дар паси**, **бар паси**, **дар ақиби, дар қафои, ба пушти, ба дунболи, ба дунболаи, дар дунболаи** амалеро нишон медиҳанд, ки аз ақиби амали предмети дигар ба вуҷуд меояд.

Ҷонишинҳои шахсӣ ба сифати ҷузъи тобеъ омада, феълҳои амал чун ҷузъи асосӣ воқеъ мегарданд:

*бо пешоянди* ***дар ақиби****: Марде* ***дар ақиби эшон намоз мегузошт*** *[336; 107]. Дигаре* ***аз ақиби вай омаду*** *гуфт [338; 107]. Талҳақ дузону зада буду ҷамъе* ***аз ақиби ӯ истода*** *буданд [338; 216];*

*бо пешоянди* ***дар паси****: Дузд ҷомаҳоро* ***дар паси дар ниҳод*** *ва ҷорӯбе он ҷо дид [338; 107]. Шоҳ, як рӯз ман* ***дар паси пушти Мавлоно*** *Огаҳӣ* ***нишаста*** *будам [336; 646];*

*бо пешоянди* ***бар паси****: Эшон дар кор буданд, ки касе* ***бар паси дар омад*** *[336; 541];*

*бо пешоянди* ***қафои****: Яминуддавла бехуд гашта барҷасту аз даре, ки* ***қафои вай буд****, берун давид [336; 421];*

*бо пешоянди* ***аз қафои****: Темуриён бо шамшери хуншифон* ***аз қафои душман тохта****, ба хоки ҳалокашон нишонданд [334; 13].*

*Шумо имрӯз аз он даре, ки* ***аз қафои шумост****, берун хоҳед рафт [336; 795]. Яминуддавла бехуд гашта барҷасту аз даре, ки* ***қафои вай буд,*** *берун давид [336; 797].*

*бо пешоянди* ***дар қафои****: Дидем шахсе бар аспи ёбӯе савор ду даст дар пеш баста ва касе* ***дар қафои ӯ нишаста*** *[336; 1138];*

*бо пешояндҳои* ***ба дунболи, ба дунболаи, дар дунболаи****: Турк* ***ба дунболи вай давид*** *[336; 650]. Ва фақиру Ғиёсиддин Муҳаммад* ***ба дунболаи Мир Қурайш шитофтему*** *ӯро дар гӯшаи боғ ёфтем [336; 542].*

Агар пешоянди **ба қафои** бо феъли **задан** дар таркиби ибораи феълӣ сурат гирад, амали бархӯрдани ду ашё ба таври барҷаста ифода мегардад: *Баъд аз ин Мир пойи худро* ***ба қафои Биноӣ зад*** *[336; 615].*

Дар насри давраи мавриди назар ибораҳои феълӣ бо пешояддҳои **дар паҳлуи, бар паҳлуи** дар ифодаи муносибати пуркунандагӣ серистеъмоланд. Феълҳои ҳаракат, макон, амал ба сифати ҷузъи асосӣ омада, исмҳои шахс ва ҷонишинҳои шахсӣ ҳамчун ҷузъи тобеъ сурат мегиранд. Ибораҳои феълии бо пешоянди мазкур дар асл амалеро нишон медиҳад, ки дар тарафҳои гуногуни ашё ба вуҷуд омадааст: *Шахсе* ***дар паҳлуи ӯ нишаста*** *буду ба гӯшаи чашм навиштаи вайро мехонд [329; 82]. Бинавишт, ки агар на* ***дар паҳлуи ман дузде****-зан бамузде* ***нанишаста*** *будӣ ва навиштаи маро намехондӣ, ҳамаи асрори худ бинавиштаме [329; 82].*

Бо феълҳои ҳолат маънои канорро ифода мекунад. Дар ифодаи ин маъно пешоянди **паҳлуи** бо калимаи **канори** ҳаммаъност: *Рӯзе Ҷаъфар ибни Яҳё ибни Холиди Бармакӣ дар саҳро* ***паҳлуи Ҳорунаррашид меронд*** *[338; 70]. Араб дар қаҳр шуду қатъи намоз кард ва асое чанд* ***бар паҳлуи қозӣ зад*** *[338; 107]. Қозизода* ***дар паҳлуи Амир Атоуллоҳ афтода*** *буд [336; 625]. Абӯалӣ даст* ***бар паҳлуи вай расониду*** *эҳтиёт кард [336; 801].*

**3.1.10. Пешоянди ба лаби.**

Пешоянди **ба лаби** аз зумраи пешояндҳои сермаъно ва серистеъмол буда, ҳам дар забони адабӣ ва ҳам дар забони гуфтугӯ ба таври васеъ истифода мешавад. Ибора бо пешоянди **ба лаби** макони амалеро ифода мекунад, ки дар як канори ашё воқеъ мегардад. Ба сифати ҷузъи тобеъ, асосан, исмҳои макон омада, феълҳои макон ва ҳаракат ҳамчун ҷузъи асосӣ воқеъ мегардад:

*бо феъли* ***нишастан****: Чун ду фарсанг аз шаҳр баромадам,* ***бар лаби обе*** *дар сояи дарахте* ***нишаста*** *[338; 256]. Аврате дидам бар дари он сарой,* ***бар лаби ҷӯйи*** *обе* ***нишаста*** *[336; 974]. Дар он вақт Мирзо* ***бар лаби оби Мурғоб*** *хаймаву хиргоҳ зада* ***нишаста*** *буд [336; 1023];*

*бо феъли* ***рафтан****: Рӯзе бо ҷамъе ёрон ва шогирдон* ***ба лаби обе рафта*** *[338; 202];*

*бо феъли* ***фуруд омадан****: Ва чун* ***бар лаби Ҷайҳун фуруд омад,*** *бағоят малулу маҳзун буд [338; 183]. Чун корвон* ***ба лаби оби Ҷайҳун фуруд омаданд,*** *ман ба гӯшае рафтам [336; 464].*

Ибора бо феъли **расидан** интиҳои амалро ифода мекунад*: Ғулом бел бар даст ба боғча даромад ва* ***бар лаби ҷӯй расид*** *[336; 1044]. Чун* ***бар лаби оби*** *Ҷайҳун* ***расиданд****, Абӯалӣ гуфт, ки мунҳол аст, ки ман дар нишаста****,*** *таом мехӯрдам [336; 483].*

### 3.1.11. Пешояндҳои дар миёни, аз миёни, то миёни, дар миёнаи, аз миёнаи.

Дар насри асрҳои XV-XVI дар ифодаи муносибатҳои макону масоҳат пешоянди номии **миёни** (46 б.), **миёнаи** (6 б.) ва шаклҳои таркибии онҳо – **дар миёни** (80 б.), **аз миёни** (10 б.), **то миёни** (3 б.), **дар миёнаи** (18 б.), **аз миёнаи** (6 б.) дар таркиби ибораҳои феълӣ истифода шудаанд. Ин ибораҳо бо пешояндҳои зикршуда вуқӯи амал ё ҷойгиршавии ашёву шахсро дар байни чизе нишон медиҳанд. Ҷузъи тобеъ аз ду калимаи дар алоқаи пайваст омада ва тобеъкунанда бештар бо исмҳои амал ва ё феълҳои таркибие, ки ҷузъи номиашон исми амал аст ва ё ба сифатҳо ифода гардидааст, ифода мешавад: *Аксар ба ҳаҷви мардум забон мекушуд ва аҳоҷие, ки* ***миёни ӯ*** *ва Воҳиди Қумӣ* ***воқеъ шуда****, машҳур аст [341; 189]. Аммо дар* ***миёни шуаро*** *ба кутубат* ***машҳур аст*** *[341; 189].*

Пешояндҳои **дар мобайни, дар миёнаи, аз миёнаи** воқеъ гардидани амалро дар мобайни ашё ё макон ифода кардаанд:

*бо феъли* ***ангехтан****:* ***Миёни ду қавм****и эшон* ***ҷангҳо ангехта*** *шуду хунҳо рехта гашт [329; 73];*

*бо феъли* ***ёфтан****: Дар вақте ки ӯ аз хидмати Соҳибқирон берун омад, ҳам* ***дар миёни боғчаи*** *давлатхона* ***фурсат ёфт*** *[341; 117];*

*бо феъли* ***воқеъ шудан****: Охир, ба воситаи ҷанге, ки* ***миёни яке аз авлоди*** *Султон Ҳусейн Мирзо ва салотини узбак* ***воқеъ шуд****, кушта гашт [341; 200];*

*бо феъли* ***расондан:*** *Валлоҳ, ман он шахсро, ки дастам гирифта буд, гуфтам, ки маро* ***аз миёни мардум*** *ба мавзеи холӣ* ***расон*** *[338; 22];*

*бо феъли* ***гузоштан****: Сире, ки* ***дар миёни ману ту гузаштааст****, имрӯз ифшои он макун [338; 24];*

*бо феъли* ***гирифтан****: Ғулом низ ба ӯ овехт ва* ***миёни эшон ғавғо боло гирифт*** *[338; 258];*

*бо феъли* ***дидан****:* ***Дар миёни он деҳ*** *нобиноеро* ***дидам****, ки сабӯе пуроб дар дӯш ва чароғе бар даст дошт [338; 284];*

*бо феъли* ***бастан****: Танобе биёваред, то* ***бар миёни худ бандам*** *ва ба чоҳ фурӯ равам [338; 275];*

*бо феъли* ***баромадан****: ....****аз миёнаи чорсӯ*** *ғалоғулаву* ***машғала баромад*** *[336; 1088];*

*бо феъли* ***гуфтан****:* ***Дар мобайни дарвозаи*** *Ироқ ва Фирӯзобод мавзеъест, ки онро Ҷарғаланг* ***мегӯянд*** *[336; 892];*

*бо феъли* ***даровехтан****: Хонае ба назараш даромад, дар ғояти вусъату бузургӣ,* ***дар миёнаи хона*** *аз сақфаш шаддаҳои марворид* ***даровехта*** *[336; 519];*

*бо феъли* ***будан: Дар миёнаи хона*** *косаи* ***шире буд*** *[336; 803];*

*бо феъли* ***нишастан****:* ***Дар миёнаи боғ*** *дарахти санавбар буд, ки дар сояи он ҳазор одам* ***менишастанд*** *[336; 1207];*

*бо феъли* ***зоҳир шудан****: Шаби моҳтобӣ буд****, дар миёнаи бом*** *равғане* ***зоҳир шуд*** *[336; 519].*

### 3.1.12. Пешояндҳои даруни, дар даруни, дар андаруни, ба даруни, аз даруни.

Пешояндҳои **даруни** ва шаклҳои таркибии он **дар даруни, дар андаруни, ба даруни, аз даруни** дар насри ин давра, асосан, муносибати ҳолиро ифода мекунанд. Дар ин гурӯҳи ибораҳо имконияти пайваст шудани пешояндҳо бо гурӯҳи луғавӣ васеъ аст. Ибораҳо бо пешояндҳои мазкур муносибати ҳолиро бо тобишҳои гуногун ифода мекунанд.

Ибора бо пешояндҳои мазкур макони равона шудан ва ё воқеъ гардидан ё самти ҳаракати амалро ифода кардаанд. Феълҳои **даромадан, даровардан, бастан, ғунҷидан** ба сифати ҷузъи асосӣ омада, исмҳои макон, ҷонишинҳо чун ҷузъи тобеъ сурат мегиранд:

*бо феъли **даромадан**: Фӯтадор **даруни ҳаммом даромада** дарҳол берун давид [336; 1025]. Баъд аз мутолиаи он қитъа **ба ҳаммом даромадем** ва дар даруни гармхона нишаста, дар ба рӯи худ аз ғайр бастем [336; 1023];*

*бо феъли **даровардан**: Даст **дар даруни декча даровард** ва мурғро берун оварда бар табақе ниҳод [336; 1088];*

*бо феъли **бастан**: Эй аблаҳ, боистӣ, ки ресмонро **дар даруни қорура мебастӣ** [338; 3078];*

*бо феъли **ғунҷидан**: Дар он санъат ба мартабае моҳир буд, ки дувоздаҳ қуфл аз фӯлод сохта буд, ки **даруни пӯст**и писта **мегунҷид** [341; 318].*

Ибора бо феълҳои навъи ***андохтан, ёфтан, дидан, тарсидан, гузоштан*** рӯй додани ҳолату амалро дар дохили предмет нишон медиҳад:

*бо феъли **андохтан**: Ва сабаби вафоти вай он буд, ки рӯзе султон **аз даруни хиргоҳ тире андохт** [329; 110]. **Даруни сарояш** чоҳест, дар он чоҳ **меандозӣ** [336; 745];*

*бо феъли **ёфтан**: Аммо чун малахон онро хӯрда буданд ва **дар даруни эшон нузҷе** тамом **ёфта будааст** [338; 149]. Чун онро шикофтам, **дар даруни вай** порае лаъл **ёфтам** [336; 476];*

*бо феъли **дидан:** Ин подшоҳро **даруни дарвоза дида,** муроот карда, дар хона бурд [336; 1260];*

*бо феъли **тарсидан**: Тантанаи нолаву нафир ба чархи асир расониданд, чунончи Мирзо **дар даруни ҳарам** аз ғиреви эшон **тарсида** пурсиданд, ки воқеа чист ва боиси ин машғала кист [336; 550];*

*бо феъли **гузоштан**: Паҳлавон фармуд, ки мафраши ҷомахоби ӯро **дар даруни хайма** дар паҳлуи сутун **гузоштанд** [336; 663].*

*Пешоянди* **беруни** *ва шакли таркибии он* **дар беруни** *воқеъ гардидани амалро дар беруни маконе нишон медиҳад: Маликзодае аҳмақ **беруни шаҳр***

***мегузашт*** *[338; 303].* ***Дар беруни Боғи*** *Зоғон Амир Халил бо ятимони худ* ***ҳуҷум намуда*** *[336; 639].*

### 3.1.13. Пешояндҳои ҷониби, ба ҷониби, аз ҷониби, сӯйи, ба сӯйи, дар тарафи, ба тарафи, ба савби.

**Ифодаи муносибати ҳолӣ**. Муносибати самти ҳаракати субъект ба маконе дар насри забони асрҳои XV-XV1 бо пешояндҳои **ҷониби** ( 30 бор), **ба ҷониби** (70 б.), **аз ҷониби** (34 б.), **сӯйи** ( 22 б.), **ба сӯйи** (18 б.), **дар тарафи** ( 8 б.), **ба тарафи** ( 9 б.), **ба савби** ( 20 б.) ифода шудаанд. Ибораҳои бо пешояндҳои мазкур муносибатҳои гуногуни наҳвиро ифода мекунанд.

Муносибати самт ва сӯйи амал ба маконеро мефаҳмонанд. Ба сифати ҷузъи тобеъ бештар исмҳои макон омадаанд:

*бо феъли* ***гузаштан****: Аз Астаробод Домғон, ки муқаррари ӯ буд,* ***ба ҷониби даште,*** *ки маскани туркманон аст,* ***гузашт*** *[341; 56];*

*бо феъли* ***шитофтан****: Подшоҳ ... лашкари ҳумоюн ҷамъ оварда,* ***ба ҷониби ӯ шитофт*** *[341; 60]. Дар ғурраи айёми ҷавонӣ баъд аз хуруҷи таҳтушшуои туфулисти нодонӣ* ***ба савби Хуросон шитофта*** *[341; 166]. Баъд аз як ҳафта ин фақир ба қадре сиҳатӣ ёфт****, ба ҷониби Тошканд шитофт*** *[336; 383];*

*бо феъли* ***доштан****: Чун рӯйи таваҷҷуҳ* ***ба ҷониби касби соири камолот дорад*** *[341; 277];*

*бо феъли* ***гузаронидан****: Гоҳе ба тиҷорат* ***ба ҷониби Ҳинд меравад*** *ва авқот аз он ваҷҳ мегузаронад [341; 204];*

*бо феъли* ***парвоз кардан****: Куланг* ***ба ҷониби ҳаво парвоз кард*** *[338; 65].*

*бо феъли* ***омадан****: Марде шоирам ва* ***аз ҷониби Тӯс омадам*** *[338; 195];*

Ибора бо пешоянди **аз ҷониби** самти амалеро мефаҳмонад, ки аз маконе сар шуда, ба предмете равона шудааст:

*бо феъли* ***андохтан****: Рӯзе Мутаваккил камони гурӯҳае ба даст дошт, бундуқае* ***ба ҷониби гунҷишке андохт*** *[338; 82];*

*бо феъли* ***расидан****: Намози дигар буд,* ***ки аз ҷониби Ҳирот корвоне расид*** *ва саромади он корвон Айни Ҳалавӣ буд [336; 720].*

Муносибати субъектро ифода менамояд**:**

*бо феъли* ***равон шудан****: Ва худ* ***ба савби вилояти*** *Синд* ***равон шуд*** *[329; 67].* ***Ба сӯи чорбоғи*** *вай* ***равона шудему*** *ба пойи девораш расидем [336; 1099];*

*бо феъли* ***афрӯхтан****: Дид, ки* ***дар ҷониби Садафхона машоил афрӯхтанду*** *овози ғавғо меояд [336; 650].*

*бо феъли* ***буридан:*** *Бо ҳам шарту гарав дар миён меоварданд ва* ***аз ҷониби ин фақир*** *шартро* ***мебуриданд*** *[336; 491];*

*бо феъли* ***воқеъ шудан****: Ин дуруштӣ ва нохушӣ* ***аз ҷониби ин камина воқеъ шуд*** *[336; 64].*

**Ифодаи муносибати пуркунандагӣ**. Пешоянди **ҷониби** ва шаклҳои таркибии он **ба ҷониби, аз ҷониби, дар ҷониби** дар асл маънои соф маконӣ дошта, ба сӯй ишора мекунад. Аммо вобаста ба ҷузъи тобеъ он метавонад муносибати пуркунандагиву макониро ба таври омехта ифода намояд. Ин пешоянд дар забони насри ин давра ба таври фаровон корбаст шудааст. Доир ба серистеъмолии ин пешоянд дар забони насри асри XI ќайди М. Н. Ќосимова ҷолиби диққат аст: «Оид ба пешоянди **ҷониби** ҳаминро ќайд кардан ҷоиз аст, ки дар забони «Сафарнома» -и Носири Хусрав бисёр кор фармуда мешавад ва, аз ин рӯ, хоси услуби «Сафарнома» ҳисобидан мумкин аст. Дар дигар асарҳои тадќиќшудаи насрии ин давра истеъмоли пешоянди мазкур нисбатан маҳдудтар аст» [50; 28].

Дар насри асарҳои давраи таҳќиќшаванда пешоянди **ҷониби** бештар дар забони «Туҳфаи Сомӣ» кор фармуда мешавад. Дар ин ҳолат ба сифати ҷузъи тобеъ, асосан, исмҳои шахс ва предметҷонишинҳо омада, феълҳои ҳаракату вазъият ва ҳолат чун ҷузъи асосӣ воқеъ мегарданд: *Агар аз ҷониби шиъиён сухан мегӯям, сунниёнро бад меояд [134]. Ва агар* ***аз ҷониби аҳли суннат ҳарф мегӯям****, имомеро хотир меранҷад [135]. Дар унфувони ҷавонӣ рӯйи таваҷҷуҳ* ***ба ҷониби иктисоби фазоили нафсонӣ оварда*** *[159]. Баъд аз андак замоне ҳубби ватан ӯро* ***ба ҷониби Ҳирот кашид*** *[178].*

Истифодаи пешоянди мазкурро дар ифодаи муносибати пуркунандагӣ дар таркиби ибораҳои феълии забони «Бадоеъ-ул-ваќоеъ»-и Восифӣ дучор кардан мумкин аст: *Дидам, ки сари дегчаро кушод ва боз* ***ҷониби ман нигоҳе кард*** *[457]. Ва ин турфатар, ки ҳар бозӣ, ки Мавлоно Соҳиб мекард, он маймун* ***ба ҷониби Бобо Ҷамол нигоҳе мекард*** *[865]. Ин дуруштӣ* ***аз ҷониби камина воқеъ шуд*** *[65]. Ва ин фақири ҳақирро ба Мавлоно Соҳиби Доро* ***аз ҷониби волида хешии наздик буд*** *[266].*

Дар насри ин давра пешоянди номии таркибии **ба савби** дар таркиби ибораҳои феълӣ ба маънои сӯй корбаст шудааст: *Фирқае ливои азимат* ***ба савби Самарқанду Бухоро меафроштанд*** *[336; 41].*

Дар таркиби ибораҳои изофӣ баъзе пешояндҳои фавқуззикр муносибати муайянкунандагӣ–масоҳавиро ифода кардаанд: *Тӯтии* ***даруни қафас тапидан гирифт*** *[336; 757].*

**3.1.14.** Пешоянди **баробари, дар баробари.**

Пешоянди **баробари (дар баробари)** ќайд мекунад, -Р. Ѓаффоров «нисбат ба забони адабӣ камистеъмол буда, асосан, бо масдар ва исмҳои амал ба кор бурда мешавад» [24; 158].

Пешоянди **дар баробари** дар насри ин давра дар таркиби ибораҳои феълӣ бо исмҳои шахс, ҷонишинҳои шахсӣ омада, вобаста ба маънои луѓавии ҷузъҳо муносибати объектии ҳамроҳиро ифода мекунанд: *Ва он ду подшоҳзода дар бешаи Астаробод* ***дар баробари якдигар истоданд*** *[341; 58]. Фармуд, то тифле ҳамзоди ӯ бар бом бурданду* ***дар баробари ӯ бидоштанд*** *[338; 28]. Бадавӣ омаду* ***дар баробари вай нинишаст*** *[338; 108]. Дар баробари иморати ту кушке зарнигор ва* ***дар баробари гови*** *ту сад гов* ***бидиҳам*** *[338; 1250].*

Исми **гардан** чун ҷузъи номии пешоянд вақте истифода мешавад, ки ба маънои маҷозӣ ояд*:…он амр* ***ба гардани фақир …афтод*** *[338; 947].*

**3.1.1. Пешояндҳои ҳангоми, вақти, маҳалли ва шаклҳои таркибии онҳо дар вақти, дар замони, ба вақти, ба муҷарради, аз замони, дар ҳини, дар айёми, дар аснои, дар даври, дар айни, дар маҳалли.**

Дар сарчашмаҳои хаттии давраи таҳқиқ бо пешояндҳои номии **ҳангоми** (8 б.), **вақти** (9 б.), **маҳалли** (5 б.) ва шаклҳои таркибии **дар вақти** (38 б.), **дар замони** (36 б.), **ба вақти** (20 б.), **ба муҷарради** (18 б.), **аз замони** (8 б.), **дар ҳини** (12 б.), **дар айёми** (16 б.), **дар аснои** (18 б.), **дар даври** (10 б.), **дар айни** (6 б.), **дар маҳалли** (5 б.), ки маънои соф замонӣ доранд, асосан, муносибати ҳолии замонӣ ифода шудааст.

Бояд гуфт, ки дар сарчашмаҳои хаттии давраи мавриди назар доираи истифодаи пешояндҳои номии таркибии замонӣ нисбат ба пешояндҳои номии замонӣ фарохтар аст. Аз ҷумла, қисми зиёди пешояндҳои номии таркибии замонӣ бо пешояндҳои изофӣ ташаккул ёфтаанд. Дар ин сурат ҷузъи тобеи ибора маҳз тавассути бандаки изофӣ робита пайдо мекунанд. Яке аз унсурҳои муҳимми таркиби пешояндҳои номӣ бандаки изофӣ маҳсуб меёбад.

Ба андешаи мо, пешояндҳои номие, ки маънои соф замонӣ доранд, нисбат ба пешояндҳои аслӣ дар ифода намудани муносибати замонӣ бартарии маъноӣ доранд, чунки ҷузъи номии аксари ин пешояндҳо калимаҳое мебошанд, ки дар семантикаи онҳо маънои замон ҷойгир аст.

Ибораҳои феълие, ки бо пешояндҳои мазкур сурат мегиранд, муносибати замониро бо тобишҳои гуногуни маъноӣ ифода мекунанд.

Ибораҳои феълии бо ин пешояндҳо суратёфта замони ба вуҷуд омадани амалро нишон медиҳанд. Ба сифати ҷузъи тобеъ бештар исмҳои замон ва амал сурат гирифта, феълҳои гуногунмаъно чун ҷузъи асосӣ воқеъ мегарданд. Агар ҳамчун ҷузъи тобеъ исмҳои мафҳуми замондошта оянд, ҷузъи номии ин пешояндҳо як навъ таъкидро ифода мекунад ва зикри он ҳатмӣ нест: ***Дар маҳалли хондани*** *мисраи сонӣ ба ҳар ду даст домони худро гирифта* ***меҷунбонид*** *[341; 66]. Музаффар Ҳиравӣ* ***дар замони маликони*** *Ҳирот* ***қасидагӯй****е забардаст* ***будааст*** *[338; 163].* ***Дар замони қадим шахсе буд****, кадхудо намешуду мегуфт, ки аз макри занон андеша мекунам [336; 990]. Алқисса,* ***то вақти субҳидам*** *Котибиро* ***машғул доштанд*** *ва*

*нагузоштанд, ки ба шеър машғулӣ намояд [336; 1163]. Мавлоно Порсо* ***то вақти чошт дар хоб шуд*** *[336; 580].*

Агар ба сифати ҷузъи тобеъ исми мафҳуми ѓайризамон ояд, муносибати замонӣ маҳз туфайли ҷузъи номии пешоянд ҷилвагар мешавад: ***Дар аснои мева хӯрдан*** *ќадре ба дасти пир дод [347; 182]. Араб* ***дар аснои чиз хӯрдан сар бароварду*** *араберо дар баробари худ нишаста дид [338; 108]. Ин аломати* ***вақти намози тарсоён аст,*** *ки бар боми гунбади худ навозанд [338; 124]. Аз ҳакиме пурсиданд, ки* ***вақти таом хӯрдан кай аст****? [338; 145]. Ин ангурро нигоҳ доред,* ***вақти ангур овардан мегирист*** *[336; 1133]. Мулозимонро дар Хуросон хешованде Ғиёсиддин Муҳаммад ном буда ва* ***дар замони Шайбонихон корҳои ғариб карда*** *ва умури аҷиб ба сафҳаи зуҳур оварда [336; 1105].*

Ибораҳои феълӣ, ки бо пешоянди **вақти** ва шаклҳои таркибии он **дар вақти, дар вақте ки, аз вақте ки** сурат мегиранд, асосан, маънои замонӣ доранд. Пешоянди **дар вақти** соф замонист. Дар ифодаи маънои замон серистеъмол будани пешоянди **дар ваќти** дар шеваи ҷанубӣ зикр ёфтааст [24; 157].

Дар ин ќабил ибораҳои феълӣ ифодакунандаи муносибати замонӣ худи пешоянди таркибии **дар вақти** мебошад. Дигар на ҷузъи асосӣ ва на ҷузъи тобеъ (ғайр аз миқдори хеле ками исмҳо) маънои замонро нишон дода наметавонанд. Дар ибораҳои феълӣ дар ифодаи муносибати замонӣ пешояндҳои **ба вақти** ва **дар вақти** баробармаъно мебошанд. Ибора бо пешояндҳои **ба вақти** ва **дар вақти** замони амалеро мефаҳмонад, ки дар давоми муддате ё дар давоми амал ва раванди дигаре воқеъ гардидааст:

*бо феъли* ***бастан****:Агар пурсанд, ки калимоте, ки устод* ***дар ваќти миён бастан*** *ба шогирд* ***мехонад*** *[346; 56];*

*бо феъли* ***гуфтан****: Ва одати он донишманд он буд, ки* ***дар вақти дарс гуфтан*** *сари худ* ***меҷунбонид*** *[329; 84];*

*бо феъли* ***ёфтан****: Барои Худо нишонро бар коғази хурдтар навис, ки* ***дар вақти хӯрдан ташвиш камтар ёбам*** *[336; 60].*

*бо феъли* ***омадан:*** *Мавлоно Порсо* ***ба вақти субҳидам*** *ба хонаи худ* ***омад*** *[336; 705]. Баъд аз чанд рӯз он шахс* ***дар вақти сабоҳ омад,*** *хандон, ба мартабае, ки наздик буд, ки ғаш кунад [336; 874];*

*бо феъли* ***даромадан****: Баъд аз се рӯз* ***ба вақти чошт*** *ба бозори Нишопур* ***даромадем*** *[336; 1085];*

*бо феъли* ***ҳозир шудан****: Чун* ***ба вақти дарс ҳозир шуданд*** *ва ҷузвҳоро баровраданд, ҷониби махдумӣ фармуданд [336; 1178].*

*бо феъли* ***суҳбат кардан****: Мир Алишер ҳамон рӯз ба мулозимати Мавлоно Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ расид ва* ***дар вақти*** *бо ӯ* ***суҳбат кардан*** *таассуротеро, ки аз суҳбати Қозизода гирифта буд, ба Мавлоно* ***ҳикоят кард*** *[336; 540];*

*бо феъли* ***гузаронидан****:* ***Дар вақти иншо гузаронидан****и ин шеъри қасида ҳар байт, ки* ***хонда мешуд****, ҷаноби хоҷа иқди ангушт мегирифт [336; 101];*

*бо феъли* ***гуфтан: Аз вақти ин қасидаро гуфтан*** *ҳеҷ кас аз уҳдаи ҷавоби ӯ камоянбағӣ берун наёмада [336; 1198];*

*бо феъли* ***бехудӣ кардан****:….ки Ҳофиз Басир* ***дар вақти хонаводагии вай*** *бағоят бетоқатӣ ва* ***бехудӣ мекард*** *[336; 25];*

*бо феъли* ***нозил шудан****:* ***Аз вақте ки Қуръон нозил шуда,*** *то ғоят ҳеҷ кас инчунин коре накарда [336; 589];*

*бо феъли* ***ҳозир шудан****: Аввал он ки аз даҳони ӯ овозе берун меояд, ки бандагони Худой* ***ба вақти намоз ҳозир мешаванд*** *[338; 257].*

Дар «Футувватномаи султонӣ» ибораҳои феълие, ки бо пешоянди **дар вақ́ти** ифода меёбанд, ҷузъи тобеи онҳоро, асосан, масдарҳо ташкил додаанд: *…****дар вақ́ти сухан гуфтан хандон будан*** *[78]. …****дар вақ́ти пӯшидан*** *дасти рост* ***ба остин кунанд*** *[81]…****дар вақ́ти таом хӯрдан сар нахоранд*** *[80]….****дар вақ́ти рафтан видо****и ёрон* ***кардан*** *[83].*

### 3. 1.16. Пешоянди ба муҷаррадӣ.

Пешоянди **ба муҷарради** дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» [17] зикр нашудааст. Дар баъзе асарҳо чун пешоянди архаистӣ ба қалам омадааст, вале устодони сухани муосир онро истифода кардаанд. М. Исматуллоев истифодаи ин пешояндро дар осори Айнӣ зикр кардааст [35; 105].

Бо пешоянди **ба муҷарради** ҳам муносибати замонӣ ва ҳам муносибати сабабӣ ифода меёбад. Ҷузъи тобеи ибораҳои бо пешоянди мазкурро масдар ва ибораҳои масдарӣ ташкил додаанд. Ин ибораҳо замони амалҳои пайи ҳам (яъне амали ҷузъи тобеъ ва амали ҷузъи асосӣ)-ро бо тобиши маънои сабабу натиҷа ифода менамояд, вале фосилаи ба вуҷуд омадани амалҳо ниҳоят хурд аст. Пешоянди **ба муҷарради** дар насри ин давра, бахусус, дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» 14 бор дучор гардид: ***Ба муҷарради гуфтан**и ин сухан аз ҷой меҷасту **ар-ар мекашид** [1307]. Ман ин муаммои мушкил бар вай хондам, **ба муҷарради хондан шикофт** [503]. Дар он кӯча даромадам, **ба муҷарради даромадан**и он ҳаромзода маро диду **фарёд баровард** [1063]).*

Пешоянди **ба муҷарради** варианти **бо муҷарради** низ дорад, аммо шакли **бо муҷарради** хоси забони адабии ҳозира буда, дар сарчашмаҳои хаттии давраи таҳқиқ вонахӯрд.

Пешоянди **ба муҷарради** тибқи мушоҳидаҳои мо дар шеваҳои ҷануби забони тоҷикӣ ҳанӯз мустаъмал аст ва ҳаққи дар забони адабии тоҷик серистеъмол шудан дорад.

Муносибатҳои замонӣ дар сарчашмаҳои хаттии давраи таҳқиқ инчунин бо пешояндҳои номии ғайриизофии **баъд аз, пеш аз, қабл аз, пас аз** ифода шудааст. Дар насри ин давра пешоянди **баъд аз** серистеъмол аст: ***Баъд аз ҳафтод сол** ба хотири шумури эшон **расид**, ки шоир мебояд шуд [341; 318]. **Баъд аз муддате** бар сари он **рафт** [338; 133]. **Баъд аз он ӯро бишинохт** ва ба хона бурд [338; 197]. **Баъд аз фатҳ…зинда намегузорад** [336; 1129]. **Пеш аз омадани Шумо** фалон кас **омада буд** [285; 65]. **Баъд аз муддате** берун **наомад** [336; 1144].*

**3.1.17. Пешояндҳои ҷиҳати, муҷиби, баҳри, ба сабаби, ба воситаи, ба ҷиҳати, аз ҷиҳати, ба ғояти, ба иллати, ба туфайли, бар сабили, аз ғояти, аз камоли, ба қасди, ба расми, баҳри , аз баҳри.**

Дар насри давраи таҳқиқшаванда барои ифодаи муносибати сабабу мақсад пешояндҳои номии **ҷиҳати** (56 б.), **муҷиби** (6 б.), **баҳри**(22 б.), **ба сабаби** (9 б.), **ба воситаи** (23 б.), **ба ҷиҳати** (68 б.), **аз ҷиҳати** (8 б.), **ба ғояти** (5 б.), **ба иллати** (6 б.), **ба туфайли** (4 б.), **бар сабили** (3 б.), **аз ғояти** (5 б.), **аз камоли** (5 б.), **ба қасди** (15 б.), **ба расми** (32 б.), **баҳри** (5 б.), **аз баҳри** (13 б.) истифода шудааст:

*бо пешоянди **ба сабили**: Баъд аз он, **бар сабили истироҳат** бар суффаи дукони даллоке **баромада** нишастем [341; 314]. Ҷоҳиле **бар сабили таарруз** ҳакимеро **гуфт** [338; 143]. Чун Унсурӣ аз Фирдавсӣ ин мисраъ шунид, **бар сабили таааҷҷуб** дар ёрон **нигарист** [338; 40];*

*бо пешоянди **дар ғояти**: Охир **аз ғояти пирӣ** ва шикастагӣ **гӯшагир гашта**, ҳам дар он ҷо рахти зиндагӣ ба хонаи ҷовидонӣ кашид [341; 193]. Гӯянд: Амид-волии Тӯс чорбоғе **дар ғояти хубӣ сохта** буд [338; 194]. Зеро ки муслиҳе **дар ғояти қувват аст** [338; 143].*

Ин пешояндҳо бо ашё ва ё ҳолате омадаанд, ки боиси вуқӯи амалу ҳолати тобеъкунанда гардидааст: *Чиҳил ҳазор дирами дигар бигиру ҳамроҳи эшон бибар, то ба **ҷиҳати фикри маишат ғуборе** бар хотири эшон **нанишинад** [329; 61]. Хоҷа **ҷиҳати шумо мутараддид** ва мақдами шуморо **мутарассиданд** [336; 250].*

Дар иборaҳое, ки бо пешоянди **ба расми** сурат гирифтаанд, ба сифати ҷузъи тобеъ исмҳои гуногунмаъно, предметҷонишинҳо ва ба сифати ҷузъи асосӣ феълҳои амалу ҳаракат васеъ истифода мешаванд.

Дар ин навъи иборaҳо пешоянди **ба расми** ба предмет ё ҳолате омада, маънои маќсадро ифода кардааст:

*бо феъли **омадан**: Дар муддати чиҳил рӯз Муфрад **ба расми қадим омад** ва сиҳат ёфт [336; 639]. Дар охири маҷлис Паҳлавон Муҳаммад Абусаид **ба расми касби ҳаво** аз маҷлис **берун омад** [336; 650]. Бегоҳ чаҳор*

*байт гуфта шуда буд, ки ҷамъе аз ёрон* ***ба расми меҳмонӣ*** *ба бандахона* ***омаданд*** *[336; 1164];*

*бо феъли* ***овардан:*** *Баъд аз муовадат дурре чанд шаҳвор ва марвориде чанд обдор* ***ба расми туҳфаи*** *он шаҳриёр* ***оварда*** *буд [334; 128]. Убайдуллохон* ***ба расми таъзияпурсии Хоҷа Порсо*** *ба шаҳр ташриф* ***меоваранд*** *[336; 230];*

*бо феъли* ***додан****: Ҳоҷати аввал он ки ҳазор динор* ***ба расми қарз*** *ба ин мард* ***диҳӣ*** *[338; 262];*

*бо феъли* ***савор шудан****: Рӯзе* ***ба расми гӯйбозӣ*** *ба аспе тозӣ* ***савор шуда*** *буд, ки онро ба сӣ ҳазор динори сурх баҳо карда буданд [338; 186];*

*бо феъли* ***баромадан****: Рӯзе ин ҳар ду мунозир* ***ба расми шикор баромада,*** *аз лашкар ҷудо омаданд [336; 1195];*

*бо феъли* ***рафтан****: Эшон ба хонаи баъзе аз муқаррабони султон Ҳусейн Мирзо* ***ба расми аёдат рафтанд*** *[338; 172];*

Шаклҳои **аз камоли** ашё ва ҳолатеро ишора мекунанд, ки он ба дараҷае расидааст ва боиси рух додани амалу ҳолати калимаи тобеъкунанда гардидааст: *Дар вилояти Бухоро табибе буд, ки* ***аз камоли ҳамоқат*** *бодинҷонро боз* ***нашнохтӣ*** *[336; 798]. Ман* ***аз камоли эъроз фаромӯш карда будам****, ки туро аёдати устоди охунд фиристодаам [336; 522].*

Бо пешояндҳои номии **дар ғояти, дар ниҳояти, дар камоли, ба ниҳояти** муносибати ҳоли андозаю миқдор ифода шудааст: *Охир* ***аз ғояти пирӣ*** *ва шикастагӣ* ***гӯшагир гашта****, ҳам дар он ҷо рахти зиндагӣ ба хонаи ҷовидонӣ кашид [341; 193]. Ва бо вуҷуди ин захомату ҷасомат* ***дар ғояти чустӣ ва чолокӣ буд*** *[336; 902]. Дар ин ки мусаммо ба вай* ***дар ғояти балодат ва ҳамоқат мебошад*** *[336; 556].*

Ба сифати тобеъкунанда бо чунин пешояндҳо дар насри ин давра ҳиссаҳои номии нутқ, махсусан, исмҳо фаровон истифода шудаанд. Дар ин гуна алоқамандиҳо муносибати муайянкунандагӣ бо тобиши андозаю миқдор мушоҳида мешавад. Ин гуна ибораҳо дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» доираи фарохи истеъмол доранд:

*Дид, ки мурғе* ***дар ғояти парешонӣ омада*** *(с.84). Дастори муъаккаф* ***дар ғояти бузургӣ бар сар ниҳода*** *[623]. Сарупое* ***дар ғояти такаллуф равона гардонид*** *[66].*

Дар насри ин давра, одатан, дар байни ҷузъи асосӣ ва ҷузъи тобеъ бандаки хабарӣ ё феълӣ ёвар омада, ҷузъҳои ибора дар ҳолати дистантӣ (фосиладор) воқеъ шудаанд: *Мирзоро чуҳрае буд Бадра ном* ***дар камоли ҳусну малоҳат*** *[336; 134б].* ***Ба канори он чинорест*** *дар ғояти баландӣ [336; 98б]. Домоде дошт Абдумуқим ном* ***дар камоли ҳусну малоҳат*** *[336; 134б]. Зане буд* ***дар ғояти ҳусну ҷамол*** *[336; 98].*

**Ифодаи муносибати пуркунандагӣ**. Пешоянди **бар канори** муносибати пуркунандагиро бо тобиши маконӣ ба таври омехта ифода мекунад. Ибораи феълии бо пешоянди **бар канори,** пеш аз ҳама, объекти амалеро мефаҳмонад, ки **дар канори** ашё ба вуҷуд омадааст. Ба сифати ҷузъи тобеи ибораҳо исмҳои моддӣ, шахс, ҷонишинҳои шахсӣ истифода мешаванд. Ибораҳои феълие, ки бо пешоянди **бар канори** сохта мешаванд, маънои канорро ифода мекунанд:

*бо феъли* ***афтодан****: Лекин толеи ту қавӣ буд, ки* ***бар канори Даҷла*** *ба чанги ман* ***афтодӣ,*** *то андаке дил ба ту пардохтам [338; 167];*

*бо феъли* ***гузаштан****: Рӯзе дар авоили фасли баҳор Хоҷа Аҳмад ибни Хофӣ, ки Ҳиндӣ лақаб дошт,* ***аз канори хандақ****и Ҳирот* ***мегузашт*** *[329; 75];*

*бо феъли* ***гаштан****: Вақте Сиддиқи Акбар, разияллоҳу анҳу, дар айёми хилофати худ* ***дар канори кӯчаҳо****и Мадина* ***мегашт*** *[338; 69];*

*бо феъли* ***рехтан:*** *Ғулом баргашту табақи ошро батамом* ***дар канори Хусрав рехт*** *[338; 338].;*

*бо феъли* ***нишастан****: Чун мизбон* ***бар канори хон нишинад*** *ва худро дар миён бошад [338; 40]. Дид, ки дар боғ* ***бар канори замине нишаста*** *ва онро белдорон ҳамвор мекарданд [338; 218].*

*бо феъли* ***гузоштан****: Ин сухан гуфтанду китобро* ***бар канори тоқ гузоштанд*** *[336; 315];*

*бо феъли* ***андохтан****: Луқмаи нонро дар ҷуғрот зада, порае бар замин чаконида ва порае* ***дар канори худ андохт*** *[336; 323]. Фақирро муроот карда, ба хонае даровард ва* ***бар канори ҳавз гилеме андохт****у моҳазар ҳозир сохт [336; 1089].*

*бо феъли* ***расонидан****: Мавлоно Халили Саҳҳоф замон-замон даст* ***бар канори мулло мерасонид*** *[338; 533].*

Пешоянди **дар гирди** муродифи пешояндҳои **дар атрофи**, **дар гирдогирди** буда, муносибати пуркунандагиро бо тобиши масоҳат ифода мекунанд. Дар ибораҳое, ки ҷузъи тобеашон исми конкрет аст, муносибати объектӣ бо тобиши масоҳат ифода мешавад. Ин ибораҳо амали дар гирду атрофи ашё ба вуқӯъ омадаро ифода мекунанд:

*бо феъли* ***доштан****: Ошиқи ҷавоне шуда, шабу рӯз дар хидмати ҷавон аст ва шабҳо* ***дар гирди кӯйи ӯ пос медорад*** *[341; 102];*

*бо феъли* ***набудан:*** *Ва дар маҳалле, ки ҳанӯз сабзаи узори хат* ***бар гирди рухсори ӯ набуд*** *[341; 290];*

*бо феъли* ***гаштан:*** *Ҷаллод бо теғи бараҳна* ***гирди сари ӯ мегашт*** *[338; 216];*

*бо феъли* ***чарондан:*** *Аз хирқаи худ ҷунбандагон мечинад ва шутурон* ***гирди ӯ мечаранд*** *[338; 50];*

*бо феъли* ***ҷамъ шудан****: Рӯзе Мавлоно Дарвеш дар сари Чорсуқи шаҳри Ҳирот истода буд ва халқи азим* ***дар гирди ӯ ҷамъ гашта*** *[338; 316];*

*бо феъли* ***гардонидан****: Одилшоҳ дар ғазаб шуда, он бозро* ***бар гирди сар гардонида,*** *чунон бар замин зад, ки боз ҳалок шуд [336; 753];*

*бо феъли* ***баромадан****: Эшон низ ба сахра ва ришханд* ***гирди вай баромада*** *[291; 6].*

Ибораҳои феълии бо пешоянди **гирдогирди, дар гирдогирди** нисбатан камистеъмол мебошанд:

*Ҳаким гӯяд, ки чун Имом мутаваллид шуд, дидам, ки мурғони сабз* ***гирдогирди ӯро гирифтанд*** *[338; 48]. Тамоми ахбори яҳуд ҷамъ шуданду* ***гирдогирди ӯ даромаданд*** *[338; 130].*

**3.1.18. Пешоянди бинобар.**

Муносибати сababӣ дар асар бо пешоянди номии ғайриизофии **бинобар** (3 б) ба мушоҳида расид. Ин пешоянд хоси забони «Бадоеъ-ул-вақоеъ» буда, дар дигар асарҳои насри ин давра доираи истифодаи маҳдуд дорад. *Ин нишон низ **бинобар мултамаси шайхи мушорунилайҳ навишт**а шуд [695]. **Бинобар рафъи мазанна** Махдуми маъзарати **бисёр намуд** [596].*

**3.1.19. Пешояндҳои ба қасди, аз баҳри, ҷиҳати, баҳри.**

Бо пешояндҳои мазкур муносибатҳои зайл ифода шудааст:

а) пешоянди **ба қасди** маънои мақсадро ифода мекунад: *Рӯзе хабар овrouted, ки он ду **қасди муҳорибаи якдигар кардаанд** [336; 62]. Дасти муборак биёзиду наълайн бардошт ва **қасди рафтан кард** [338; 19]. Зеро ки чун эшон **аз қасди мо хабар ёбанд**, ҳар ду ба ҳам иттифоқ карда, ба ҷониби мо шитобанд [338; 62]. Султон Муҳаммад Баҳодурхон **ба қасди шикор мутаваҷҷеҳ**и канори Оби Парак **гардид** [336; 1176].*

б) Пешоянди **ҷиҳати, аз баҳри, баҳри** дар сарчашмаҳои давраи таҳқиқ, бахусус дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» доираи васеи истифода доранд Дар дигар сарчашмаҳои ин давра истеъмоли онҳо маҳдудтар аст. Ин пешояндҳо дар таркиби ибораҳои феълии асар маънои сабабу мақсадро ифода кардаанд: *Ё Амиралмуъминин, мо назди ту **ба ҷиҳати он омадем,** ки амри ҳақро ба мо расонӣ [336; 27]. Як ҳафта **ҷиҳати яроқ муҳлат талабид** [338; 534]. Ва **аз баҳри ташҳир** бар хари бараҳна **савор карда бошанд** [336; 512]. ...**баҳри имтиҳон** дар зери пардаи кофурии субҳ **нуҳуфта** [336; 725]. Шаҳпари худро **ҷиҳати мизроб пеши вай кашидӣ** [23]. ....**аз баҳри** байъи теғи хунрези худ **муштарӣ талаб менамуд** [1326]. Ва насри тоир **аз баҳри ошёни эшон парҳои худро канда**...[889].*

**3.1.20. Пешоянди ба вифқи.**

Таркиби **ба вифқи** дар маънои пешояндҳои боло муносибати обеъекту пуркунандагиро ифода кардааст: *Мавлоно Фазлӣ ҷавоби он арзадоштро аз забони подшоҳ **бар вифқи матлуби** вай **ҷавоб гуфта**, ба арзи ҳумоюн расонид [336; 829].*

**3.1.21. Пешояндҳои монанди, мисли, шабеҳи, амсоли, мисоли, ба масобаи, бар сони, бар мисли, аз мисли, ба мисли, дар мисли, бар амсоли, дар амсоли, ба манзалаи, ба зайли, ба гунаи**

Дар насри давраи таҳқиқшаванда барои ифодаи муносибатҳои қиёсу монандӣ пешояндҳои номии изофии **монанди** (153 б.), **мисли** (117 б.), **шабеҳи** (4 б.), **амсоли** (6 б.), **мисоли** (4 б.)**, ба масобаи** (22 б.)**, бар сони (**5 б.), **бар мисли** (4 б.)**, аз мисли** (2 б.), **ба мисли** (5 б.)**, дар мисли** (4 б.)**, бар амсоли** (5 б.)**, дар амсоли** (4 б.)**, ба манзалаи** (1 б.)**, ба гунаи** (1 б.) ва пешояндҳои номии ғайриизофии **чун** (80 б.)**, ҳамчун** (7 б.)**, ҳамчу (**3 б.)**, «чу»** (1 б.) истифода шудаанд.

Доир ба пешоянди **монанди, мисли** ҳаминро ќайд кардан ҷоиз аст, ки дар забони «Бадоеъ-ул-ваќоеъ» -и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ бисёр кор фармуда мешавад ва, аз ин ҷиҳат, хоси услуби «Бадоеъ-ул-ваќоеъ» ҳисоб донистан мумкин аст. Дар дигар сарчашмаҳои тадќиќшудаи насри ин давра истеъмоли пешоянди мазкур нисбатан маҳдудтар аст. Иборaҳо бо пешояндҳои мазкур дар насри ин давра тарзу тариқи вуқӯъи амалу ҳолат ва аломатро дар заминаи қиёсу монандӣ ва муқобалаи ашё, амал ва аломати он ифода мекунанд:

*бо феъли* ***гардонидан****:* ***Мисли ман касе*** *аз мисли чунин ҷойе, ки майдони ҷанг аст,* ***рӯй нагардонад*** *[338; 62];*

*бо феъли* ***нахонда****: Ҳеҷ кас* ***мисли Ҳофиз Басир нахонда*** *[336; 25];*

*бо феъли* ***бардоштан****: Он тири суханро* ***монанди лола аз замин бармедошт*** *[336; 1152];*

*бо феъли* ***ғалтидан****: ...****шабеҳи моргазидае*** *паҳлу ба* ***паҳлу мeғалтидам*** *[336; 503];*

*бо феъли* ***ғолиб шудан****: Заъф бар ман ба масобае ғолиб шудааст, ки ба намози ҷумъа ҳозир наметавонам шуд [338; 127]. Як чашми вай* ***ба масобаи донаи ангур*** *аз парда* ***берун омада*** *[336; 980].*

*бо феъли* ***бардавидан****:* ***Ҳамчу кабки дарӣ*** *бар он девор* ***бардавид*** *[338; 1174];*

*бо феъли* ***даромадан****: Саҳни майдон* ***мисли кӯраи симоб дар ларза даромад*** *[338; 670];*

*бо феъли* ***гардидан:*** *Фармуд, то сипаре аз фӯлод сохтанду онро сайқал зада****, монанди оина гардониданд*** *[336; 797];*

*бо феъли* ***будан****: Ва тибои аксари салотини рӯзгору хавоқини олимиқдорро* ***ба мисли ин суратҳо майли*** *бисёре* ***мебошад*** *[336; 896].*

Ибораҳои феълӣ  бо пешоянди **ба манзалаи, ба гунаи, ба зайли** дар насри ин давра серистеъмоланд. Ибораҳое, ки дар ин ќолаб сохта мешаванд, хоси забони «Бадоеъ-ул-вақоеъ» буда, дар дигар асарҳои таҳќиќшудаи ин давра истеъмоли маҳдуд доранд. Ин ќабил ибораҳо барои ифодаи муносибати қиёсу монандӣ пешоянди **ба манзалаи, ба гунаи, ба зайли** низ истифода шудаанд. Феълҳои гуногунмаъно ба сифати ҷузъи асосӣ омада, исмҳои амал, моддӣ, ҷонишинҳо ҳамчун ҷузъи тобеъ сурат мегиранд: *Устоди нодиракори тақдир лаъли обдори оташкирдори дурахшандаи меҳрро* ***ба гунаи ламаоти анвор пардохт*** *[105]. Нахли солхурдаи ќомати вай* ***ба манзалаи хошаест****, дар таги риши вай ситода [896].  …****ба зайли афву игмоз пўшонидан*** *[435].*

Дар забони адабиии ҳозираи тоҷик истифодаи пешоянди **ба манзалаи,** асосан, дар лаҳҷаву шеваҳо ба мушоҳида расид. Тавре ки Р. Ғаффоров қайд мекунад: «Пешоянди **ба манзалаи** дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ҳоло ҳам мустаъмал аст [24; 200].

**3.1.22. Пешоянди ба сони.**

Пешоянди **ба сони**, ки бештар хоси назм аст, дар насри давраи таҳқиқшаванда ба чашм расид:  *Чун Севинҷхоҷахон он номаро бидид,* ***ба сони нома*** *бар худ* ***бипечид*** *[336; 378]. Тоқи айвонаш* ***ба сони абруи хубон тоқ буд*** *[336; 704].*

Дар сарчашмаҳои хаттии ин давра ба сифати тобеъкунанда ғайр аз феълҳо исмҳо низ корбаст шудаанд. Дар байни чунин пайвастаҳо муносибати муайянкунандагӣ –қиёсӣ мушоҳида мегардад:

*Эй Чамандар, зебое, абрукаманде, **лабҳо чу қанде** [336; 1306]. Ин шахс аҳмақ аст, ки силаи **чун шумо подшоҳеро** хор дошт [336; 461]. Маҷлисе **ҳамчун базми Кайковус ороста** [336; 440].*

Ҷузъи асосии чунин пайвастаҳо бо сифатҳо низ ифода гардидаанд: Дар чунин ифодаҳо сифатҳо ё хабари номӣ шудаанд, ё ба сифати ҷузъи номии хабарҳои таркибӣ истифода шудаанд:

*Оҳуе падидор шуд **монанди чашми хубон дилнавозу диловез** [336; 738]. Он тоқ **ба масобаи тоқи абруи** хубон **сиёҳ** гардад [336; 1249]. Даҳони эшонро **монанди гулҳои нил кабуд сохта** буданд [336; 306].*

Пешоянди **мисли** дар насри ин давра дар ифодаи муносибати ҷудокунӣ низ истифода шудааст: *Устодони ин санъатро **мисли Дӯстӣ ва Барноча ва Ҷаъфаралиро** дар водии ҳайрат **меандохт** [336; 865].*

**3.1.23. Пешояндҳои ба тариқи, ба ҳукми, ба василаи, ба ҳасби, ба муқтазои, дар тариқи, аз тариқи, бар тариқи.**

Муносибати тарзу тариқа ва ҳолату тарзу тариқаи амалро пешояндҳои таркибии номии изофӣ нисбатан кам ифода кардаанд. Дар ин вазифа дар насри асрҳои XV-XV1, асосан, пешояндҳои таркибии номии изофии **ба тариқи** (31 б.), **ба ҳукми** (53 б.), **ба василаи** (16 б.), **ба ҳасби** (14 б.), ба **муқтазои** (22 б.), **дар тариқи** (9 б.), **аз тариқи** (6 б.), **бар тариқи** (18 б.) истифода шудаанд:

*бо феъли **ёфтан**: Аммо дар шеъри ӯ ба мӯҷибулмаонӣ фӣ батни шоир **ба ҳасби зоҳир** маъонӣ **кам меёфт** [341; 242];*

*бо феъли **ғоиб шудан**: Ҳар гоҳ **ба ҳасби зарурат ғоиб шудем** [338; 67];*

*бо феъли **надоштан:** Шурайҳ аз уламои бузурги тобеин аст ва **ба ҳасби зоҳир ҷамоле чандин надошт** [338; 92];*

*бо феъли **оҷиз будан**: Ҳамаи уқало **дар тариқи дафъи вай** мутаҳаййиру **оҷиз буданд** [336; 797];*

*бо феъли **амал намудан**: Ними шаб буда, ки нимашон расида ва кутвол **ба муқтазои фармуда амал намуда** [336; 1206];*

*бо феъли **рафтан**: Намози пешин **ба тариқи маъҳуд** ба мулозимати Мир **рафтам** [336; 522].*

*бо феъли **ихтиёр кардан**: **Ба ҳукми зарурат** сафар **ихтиёр кардам** ва муддати як сол монанди колбади беҷон ба гирди ҷаҳон мегардидам [336; 869].*

*бо феъли **муомала намудан**: Эй махдум, шумо ба ин каминаи худ **ба тариқи шаръ муомала намоед** [336; 205].*

**3.1.24. Пешояндҳои дар силки, дар назари, дар мақоми, дар садади, дар доираи.**

Пешояндҳои **дар силки** (41 б.), **дар назари** (18 б.), **дар мақоми** (34 б.), **дар садади** (22 б.), **дар доираи** (14 б.) дар насри ин давра ҳолати вуқӯъи амалро ифода менамоянд:

*бо феъли **будан**: Маро бигузор, то боқии умр **дар силки мулозимони ту бошам** ва ҷавоҳири мадоеҳ дар пои ту пошам [329; 113]. Дар хидмати ҳазрати Соҳибқирони мағфур **дар силки парвоначиён мебуд** [336; 309];*

*бо феъли **кашидан:** Ин қитъаро **дар силки назм кашида** назди Мир фиристод [341; 145]. Ва ба ин бадеҳа қадру манзалати Унсурӣ азим бияфзуд ва ин қисса ба тафсил дар китоби «Маҳмуд ва Аёз» **ба силки назм кашида** шуд [338; 179];*

*бо феъли **овардан**: Дар авохири умр маснавие ба исми Соҳибқирони мағфур **ба силки назм оварда** [341; 83]. Рисолаи назме ба исми ман дар баҳри «Лайлӣ ва Маҷнун» **дар силки назм овард** [341; 228];*

*бо феъли **даромадан**: Сипас, **дар силки умаро даромад** ва аз он муҳим муоф гардид [341; 66];*

*бо феъли **даровардан**: Зикри эшон баъд аз ин **дар силки таҳрир дармеояд** [341; 90]. Акнун қалам бардор ва он гавҳарро **дар силки он ду гаҳвар**и дигар **дарор!** [336; 463];*

*бо феъли **гардонидан**: Ба воситаи касби фазилати тавозӯъ касри насф ба он фурӯд омадааст, ки худро **дар силки ин тоифа мунхарит гардонидааст** [338; 112];*

*бо феъли будан: Чунон ки аз кутуби муфассали таворих маълум мешавад, ӯ ба бародари худ Бойқаромирзо, ки баъд аз фавти падар* ***дар садади тарбияти ӯ буда,*** *мансуб аст [341; 53];*

*бо феъли* ***андохтан****: Котибиро дар маҷлиси подшоҳ* ***дар доираи хиҷолат****у шармандагӣ* ***андозед*** *[336; 1162];*

*бо феъли* ***нишастан****:* ***Дар мақоми иззату*** *ҳурмат* ***нишаста*** *буданд [336; 822];*

*бо феъли* ***сӯхтан****: ...****дар назари акобир*** *ин китобро* ***бисӯзам*** *[336; 589];*

*бо феъли* ***шудан****: Подшоҳ* ***дар садади таҳқиқу тафтиш****и он* ***шуданд*** *[336; 655].*

### 3.1.25. Пешояндҳои ғайри, ба ғайри, ба ғайр аз, ғайр аз, дар ғайри.

Муносибати истисноӣ дар осори давраи таҳқиқшаванда, асосан, ба воситаи пешояндҳои номии **ғайри** (21 б.)**, ба ғайри** (38 б.)**, ба ғайр аз** (33 б.), **ғайр аз** (8 б.)**, дар ғайри** (6 б.) ифода шудааст. Ба сифати ҷузъи тобеъ исмҳои шахсу маънӣ, ҷонишинҳо омадаанд.Дар сурати ба тарзи манфӣ воқеъ гаштани тобеъкунанда объекте ифода мешавад, ки дар иҷрои амал танҳо вай иштирок дорад ё аломат ва амале, ки тобеъкунанда дорад, маҳз барои он таъйин шудааст: *Мирро ҳеҷ чора* ***намонд, ба ғайри савор шудан*** *[336; 586]. Мебояд, ки* ***ба ғайр аз ман*** *ва Мирзо* ***ҳеҷ кас*** *дар ҳаммом* ***набошад*** *[336; 1346]. Хабар дар шакли мусбат ояд, шахсе ё ашёе ифода мешавад, ки дар иҷрои амал истисно аст:* ***… ба ғайри Хоҷа Осафӣ ва Малолӣ*** *аксар* ***шуаро гуфтанд*** *[336; 451]. Аҳли маҷлис ҳама* ***ба ғайри Мирзо берун давиданд*** *[336; 633].*

### 3.1.26. Пешояндҳои бо вуҷуди, бар хилофи.

Муносибати хилофӣ дар насри давраи таҳқиқшаванда ба воситаи пешояндҳои номии изофии **бо вуҷуди, бар хилофи** ифода шудааст. Ин ибораҳо ва калимаи эзоҳдиҳанда сохти мураккаб доранд:

*бо пешоянди* ***бо вуҷуди****: Ибни Абдулбир дар «Истиъоб» оварда, ки Суҳайби Румӣ* ***бо вуҷуди фазлу вараъ*** *таййибату* ***мазоҳи бисёр кардӣ*** *[338; 18]. Бо вуҷуди он мотами ҷонсӯз халқ* ***аз ханда*** *бар замин* ***ғалтиданд*** *[336;*

*1208]. Паҳлавон Муҳаммад Абӯсаид **бо вуҷуди маҳорату камол дар фанни куштӣ** дар ҷомеи улуму фунун ва **фазоил фариди аср**у ваҳиди даҳр **буда** [336; 644];*

*бо пешоянди **бар хилофи**: Ба шукронаи он, ки ту ба ҷойи ман нестӣ, ӯро зарар нарасонед, ки кори ман **бар хилофи кори ту бошад** [338; 67]. Ва ту **бар хилофи қавли Худо**и таъоло эшонро **маззамат мекунӣ** [338; 83].*

**3.1.27. Пешояндҳои ҳамроҳи, ба ҳамроҳи, дар ҳаққи, дар бораи, дар боби, дар силки.**

Муносибати пуркунандагӣ бо тобиши ҳамроҳӣ дар насри давраи таҳқиқшаванда бо пешояндҳои номии **ҳамроҳи, ба ҳамроҳи, дар ҳаққи, дар бораи, дар боби, дар силки** ва пешояндҳои номии ғайриизофии **нисбат ба** сурат гирифтааст. Доираи истифодаи ҷузъи асосӣ дар ин гуна ибораҳо **нисбат ба** ҷузъи тобеъ аз ҷиҳати луғавӣ хеле фарох аст:

*бо феъли **афтодан:** Охир дар Машҳади муқаддасаи разавия **ҳамроҳи шоҳзодаи** мазкур ба дасти ӯзбакон **афтод** ва ба қатл расид [341; 203];*

*бо феъли **будан**: Яке аз уммаҳоти муъминин гуфт, ки дар сафаре **ҳамроҳи Пайғамбар будам** [338; 16];*

*бо феъли **кардан**: Эй Султон, ҳазор тан аз шаётин **ҳамроҳи ту кардем** [338; 40];*

*бо феъли **бурдан**: Султон фаррошро фармуд, то шамъе бузург бо лагани заррин аз маҷлис **ҳамроҳи ӯ бурд** [338; 187];*

*бо феъли **ҳозир шудан**: Нуздаҳ динор медиҳӣ ва илло **ҳамроҳи ман** ба дорулқазо **ҳозир мешавӣ** [338; 237];*

*бо феъли **рондан**: Вақте дар фасли баҳор, ки мардум чорпоёнро ба алаф сар дода буданд, бомдоде **ҳамроҳи Қубод** рикоб бар рикоб **меронд** [338; 142];*

*бо феъли **рафтан**: Рӯзе **ҳамроҳи Мир савора мерафт** [336; 840].*

Бояд гуфт, ки пешоянди **ҳамроҳи** бо пешоянди **бо** дар масъалаи барқарор намудани алоқаи ҷузъҳои ибора ҳамвазифа бошанд ҳам, мавқеи

истифодаи он як хел нест. Пешоянди **бо** ба услуби расмӣ ва адаби китобӣ, вале пешоянди **ҳамроҳи** ба услуби гуфтугӯи хос аст . Муқоиса намоед:

*бо пешоянди* ***бо:*** *Ҳаҷҷоҷ* ***бо вай сухан мегуфту*** *вай сар дар пеш андохта буд [329; 55]. Дар ҳини ҳамон сол* ***бо Султонмурод*** *–ҳокими Ироқу Форс* ***ҷанг намуда*** *[341; 48]. Подшоҳе дар боби муҷриме* ***бо яке аз умаро машварат кард*** *[338; 67];*

*бо пешоянди* ***ҳамроҳи:*** *Маъмун яке аз хавоси худро гуфт, ки* ***ҳамроҳи Аъсамӣ бирав*** *[329; 66]. Мавлоно Биноӣ дар даргоҳи Хонӣ мансаби Маликушшуароӣ ёфта* ***ҳамроҳи ӯ мутаваҷҷеҳи Хуросон шуд*** *[341; 178]. Пас вайро* ***ҳамроҳи ман бурданд*** *[338; 104].*

**3.1.28. Пешояндҳои дар бораи, дар боби, дар ҳаққи.**

Дар насри ин давра ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои **дар бораи, дар боби, дар ҳаққи** серистеъмоланд. Аммо доираи истифодаи пешоянди **дар боби** чандон фарох нест. Пешояндҳои мазкур дар таркиби ибораҳои феълӣ муносибати пуркунандагиро бо тобишҳои ҳархела нишон медиҳанд:

Пешояндҳои **дар бораи, дар боби** бо исму ҷонишинҳо омада объекти муҳокимаро ифода кардаанд:

*бо феъли* ***гузаштан****: Маҷди Ҳамгар, ки зикри вай* ***дар боби шуаро гузашт****, зане дошт бағоят пиру куҳансол [338; 247];*

*бо феъли* ***бофтан****:* ***Дар боби риши вай*** *маонии ғариб* ***мебофтанд*** *ва ба покии фикрат мӯй мешикофтанд [336; 898];*

*бо феъли* ***бурдан****: Агар худованд* ***дар бораи банда занн бурдаанд*** *[336;62].*

Бо пешоянди **дар ҳаққи** ҷонишинҳои шахсӣ робита пайдо мекунанд. Феълҳои гуфтори нутқ бештар ба сифати ҷузъи асосӣ истифода шуда, муносибати пуркунандагиро бо тобиши муҳокима, ҷудокунӣ, таъинот ва таъкид ифода мекунанд:

*бо феъли* ***шудан:*** *Агар баъзе аз ситам зарифонро ба хотир расад, ки ин таърифот* ***дар ҳаққи ӯ зиёда воқеъ шуда*** *[341; 172]. Ин дуо* ***дар ҳаққи ӯ мустаҷоб шуд*** *ва ба итмоли он тавқиф ёфт [341; 173].*

Ибора бо пешояндҳои **дар боби**, **дар ҳаќќи** бо феълҳои гуногунмаъно омада, маънои ба фоидаи касе ё чизе иҷро шудани амалро мефаҳмонанд:

*бо феъли* ***гуфтан:*** *Шоире* ***дар ҳаққи ӯ*** *қитъае* ***гуфт****, ки мисраи охираш зарбулмасал шуд [338; 120]. Бинобар он ки ҳар чӣ Мавлоно Наҳвӣ* ***дар ҳаққи*** *вилояту* ***мардуми*** *вилояти* ***мо гуфта****, ҳам рост гуфтааст [336; 621-622];*

*бо феъли* ***фармудан****: Ва Ҳазрат* ***дар ҳаққи вай фармуда*** *буд, ки Нуаймон ба биҳишт равад ҳамчунон хандон [338; 24];*

*бо феъли* ***кардан****: Ман* ***дар ҳаққи ту чӣ кардам****, ки ту дар бораи ман ин душманӣ кардӣ [336; 1265]. Мавлоно Наҳвӣ гуфт: ҳар тадбире, ки* ***дар ҳаққи моён кардаанд****, ҳамааш рост ва ҳақиқат аст [336; 542];*

*бо феъли* ***гирифтан****: Мирзо Марзудро талабид ва ӯ* ***дар ҳаққи Ҳайдар сухан гуфтан гирифт*** *[336; 803];*

*бо феъли* ***гуфтан****: ...ва туро домоду писараме буд, ки* ***дар ҳаққи ӯ гуфта,*** *ки лаҳмука лаҳмӣ ва дамука дамӣ [336; 923].*

*Шакли* ***дар ҳаққи*** *тобиши нисбатдиҳӣ дорад:*

*Шумо* ***дар ҳаққи он канизак*** *аҷаб* ***зулму ситам намудед*** *[336; 712].*

Пешоянди таркибии **нисбат ба** дар насри ин давра нисбатан зиёдтар истифода шуда, муносибату нисбати шахсеро ба шахсе ифода кардааст:

*Эътиқоду иродати вай* ***нисбат ба Абӯалӣ биафзуд*** *[336; 793]. Шумо* ***нисбат ба мо ба масобае меҳмонед*** *[336; 1320].*

Дар насри давраи мавриди назар пешоянди **нисбат ба** дар шакли изофии **ба нисбати** низ дучор шуд: *Ќаландарсират бошад, яъне ному нанг ва мадҳу санои халќ* ***ба нисбати ӯ яксон бошад*** *[346; 45]. … ин мазоҳгӯии муфсид дар либоси дидмату иттибоъ* ***ба нисбати он*** *ҷаноби фалакиртибоъ ба тарзе* ***пардохта*** *[336; 373].*

**3.1.29. Пешояндҳои ба дасти, ба воситаи, ба васотати.**

Муносибати пуркунандагии воситаи иҷрои амал дар насри давраи таҳқиқшаванда бо пешоянди номии изофии **ба дасти, ба воситаи, ба васотати** ифода шудааст:

*бо феъли* ***кушта шудан****: Дар шуҳури санаи иҳдо ва арбаъина ва тисъамиа* ***ба дасти ӯзбакон кушта шуд*** *[341; 81];*

*бо феъли* ***додан:*** *Магасеро аз рӯи ҳаво бигрифту ӯро дар ҳамон қитъа печид ва* ***ба дасти ҳоҷиб дода,*** *боз ба пеши Шервоншоҳ ирсол намуд [336; 831];*

*бо феъли* ***равона гардидан****: Маблағи як сад хонӣ* ***ба дасти яке аз мулозимон****и худ* ***равона гардонид*** *[336; 66];*

*бо феъли* ***ирсол намудан****: Ин китобро филҳол* ***ба дасти доранда ирсол намоянд*** *[336; 320].*

Ибора бо пешоянди **ба воситаи** дар насри ин давра, махсусан, дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ва «Тухфаи Сомӣ» ба таври васеъ истифода шудааст. Бо ин пешоянд ба сифати ҷузъи тобеъ исмҳои гурӯҳҳои гуногуни луғавӣ, предметҷонишинҳо ва ба вазифаи ҷузъи асосӣ феълҳои гуногунмаъно сурат гирифтаанд. Ин ибораҳо муносибати пуркунандагиро бо тобиши воситаи иҷрои амал мефаҳмонанд:

*бо феъли* ***вайрон шудан****: Назар ба андешаи дигар намегумошт ва* ***ба воситаи он*** *аксари булдони Хуросон* ***вайрон шуда*** *[34; 66];*

*бо феъли* ***супурдан:*** *Баъд аз он* ***ба воситаи баъзе мардум*** *ҳазрати Соҳибқиронӣ ӯро ба Саййид Мансур* ***супоридаанд*** *[341; 157];*

*бо феъли* ***сайр мекарда****: Гӯянд, ки рӯзе Султон Ҳусайн Мирзо дар хиёбони Ҳирот дучори ӯ шуда,* ***ба воситаи марази фолиҷ*** *дар тахти равон* ***сайр мекарда*** *[3336; 200];*

*бо феъли* ***ниҳодан****: Дар авохир* ***ба воситаи шуҳрати шоириву лутфи табъ*** *пой дар доираи сипоҳигарӣ* ***ниҳод*** *[341; 201];*

*бо феъли* ***кашидан****: Охир* ***ба воситаи шумии ҳол риёзати*** *бисёр* ***кашида****, поймоли ҳаводис шуд [341; 236];*

*бо феъли* ***тарк кардан: Ба воситаи он тарки ватан карда*** *ва дар билоди Гурҷистон мебуд [336: 66];*

*бо феъли* ***гузаронидан:*** *Дар авоили ҳол* ***ба воситаи фақру парешонӣ авқот*** *ба шубонӣ* ***мегузаронид*** *[313];*

*Ҳосил он ки он миқдор тафовути фоҳиш* ***ба воситаи одамӣ*** *он гавҳар дар ҷавоҳири абёти ӯ* ***зоҳир шуда буд*** *[336; 862]. ...****ба воситаи кура****и ҳавое* ***сар зада****, ба ҳар хонае, ки дармеомад, он миқдор чӯб мехӯрд [336; 371].*

Дар сарчашмаҳои хаттии ин давра шакли **ба васотати** камистеъмол аст: *Хост, ки ин* ***ба васотати яке аз нудамои Мир бошад*** *[336; 26].*

**3.1.30. Пешояндҳои дар муқобили, дар рӯ ба рӯи.**

Дар ибораҳои феълии бо пешояндҳои баробармаъноии **дар муқобили** ва **дар рӯ ба рӯи** ба вазифаи ҷузъи тобеъ исмҳои шахс, амалу маънӣ ва макон бештар ҷонишинҳои шахсӣ меоянд. Дар ин гурӯҳи ибораҳо вобаста ба маънои луғавии ҷузъҳо муносибати пуркунандагӣ бо тобиши хилофӣ ифода гардидааст:

*бо феъли* ***додан:*** *Ва ба Ғӯр рафт, ки маро* ***дар муқобили ту*** *ҳазор гӯсфанд* ***медиҳанд*** *[329; 113];*

*бо феъли* ***гуфтан****: Дигар «Темурнома», ки* ***дар муқобили «Искандарнома» гуфта*** *ва он китобро дар муддати чиҳил сол тамом карда [341; 174];*

*бо феъли* ***даромадан****: Ва мавлоно мушорунилайҳ* ***дар муқобили эшон даромада,*** *бар ҳама фоиқу ғолиб меояд ва ин холӣ аз ғаробате нест [336; 525];*

*бо феъли* ***ҳаракат кардан****: Паҳлавон дид, ки фил* ***дар муқобили ӯ*** *ба қасди ҳуҷум омада бо шитоб* ***ҳаракат мекард****, дарҳол яктаҳи худро аз тан кашид ва дастонашро ба вай печида ба каноре ҳаво дод [336; 568];*

*бо феъли* ***ситодан:*** *Чунончи қоидаи футӯҳ аст,* ***рӯй ба рӯйи Тайфур ситода,*** *шаланг задан гирифтанд [336; 652];*

*бо феъли* ***нишондан****: Ин байтро ба ӯ ёд дода буд ва ӯро* ***дар муқобили худ нишонида*** *[336; 898].*

Пешоянди **дар муќобили** дар забони насри ин давра дар шакли **дар муќобалаи** мустаъмал аст. Ибора бо пешоянди мазкур дар таркиби ибораҳои феълӣ бо феълҳои гуногунмаъно омада маънои рӯ ба рӯро ифода кардааст:

*Дигар бор малики Ғӯр вайро талаб кард ва малики Ҳиротро* ***дар муқобалаи вай*** *ҳазор гӯсфанд* ***ваъда кард*** *[329; 113].*

**3.1.31. Пешояндҳои даруни, дар даруни, аз даруни, андаруни.**

Пешоянди **даруни** ва шакли таркибии он **дар даруни**, **аз даруни** маънои пуркунандагиро бо тобиши макон ифода мекунад. Ба сифати ҷузъи тобеъ, асосан, исмҳои макон омада, феълҳои гуногунмаъно ба сифати ҷузъи асосӣ воқеъ гардидаанд. Азбаски ҷузъи тобеъ аз исмҳои макон таркиб ёфтааст, маълум аст, ки маънои макон барҷастатар ифода шудааст. Ин иборахо муносибати пуркунандагиро бо тобишҳои зерин ифода кардааст:

Амалеро мефаҳмонанд, ки дар дохили предмет ба вуҷуд омадааст: *Дар он санъат ба мартабае моҳир буд, ки дувоздаҳ қуфл аз фӯлод сохта буд, ки* ***даруни пӯсти писта меғунҷид*** *[341; 318]. Даст дар* ***даруни дегча даровард*** *ва мурғро берун оварда бар табақе ниҳод [336; 872].*

Маънои объекту макон якҷоя ифода шудааст**:** *Чун он тӯтиро* ***дар даруни қафас бидид,*** *бар канори айвон нишасту ба он тӯтӣ ҳикоят дарпайваст [336; 757].*

Маънои объекту мақсад ба таври омехта ифода ёфтааст: *Он бабр* ***қасди даруни хона кард*** *[336; 797].*

Дар насри асрҳои XV- XV1 шакли **андаруни** низ вомехӯрад. Ин пешоянд ба вазифаи пешоянди дар омада, амалеро мефаҳмонад, ки дар дохили предмет ба вуқӯъ омадааст:

*Муфрад чӯбро мунҳариф сохта, ба соқи пойи ӯ расонид, ки устухонҳои тӯлаи пойи вай* ***дар андаруни пӯст реза-реза шуд*** *[336; 642].*

**3.1.32. Пешоянди ба расми.**

Пешоянди **ба расми** дар насри ин давра дар таркиби ибораҳои феълӣ ва ҷумлаҳо дар ифодаи муносибати пуркунандагӣ 32 маротиба вохӯрд. Дар ибораҳои феълие, ки пешоянди **ба расми** сурат мегиранд, ба сифати ҷузъи тобеъ аксар исмҳое истифода мешаванд, ки ба мафҳуми маънӣ (абстракт) пайвастагӣ доранд, аммо доираи истеъмоли ҷузъи асосӣ фарохтар аст:

*бо феъли* ***додан:*** *Ҳоҷати аввал он ки ҳазор динор* ***ба расми қарз*** *ба ин мард* ***диҳӣ*** *[338; 262]. Мир Алайка, ки аъзами умарои муқарраби Шоҳрухи Темурӣ буд, доим зари бисёр* ***ба расми қарз*** *ба мардуми фақири бемоя* ***медод*** *[338; 74];*

*бо феъли* ***талаб фармудан****: Рӯзе ин каминаро* ***ба расми зиёфату меҳмондорӣ*** *ба хона* ***талаб фармуданд*** *[336; 52];*

*бо феъли* ***овардан:*** *Дар ин асно касе тойи армаке* ***ба расми туҳфа*** *пеши хоҷа* ***овард*** *[336; 64];*

*бо феъли* ***омадан****: Рӯзе он подшоҳи олиҷоҳ* ***ба расми шикор берун омада б****уд, ки ҷамъе аз ёрон ба расми меҳмонӣ ба бандахона омаданд [336; 1164];*

*бо феъли* ***бахшидан****: Ба ин фақир* ***ба расми сила бахшид*** *[336; 1210].*

**3.1.33. Пешоянди ба мулозимати.**

Пешоянди **ба мулозимати** (12 б.) пеш аз ҳама дар таркиби ибораҳое вомехӯрад, ки муносибати пуркунандагиро бо тобиши масоҳат ба таври омехта ифода кардааст. Маънои пуркунандагиро ифода кардани ибораҳои мазкур бо пешоянди **ба мулозимати** ба он вобаста аст, ки ҷузъи тобеъ аз исмҳои шахс, ҷонишинҳои шахсӣ таркиб ёфтанд:

*бо феъли* ***омадан****: Чун Салмон бомдод* ***ба мулозимати султон омад****, фаррош аз Салмон лагани заррин талабид [338; 187]. Рӯзе дар вақти намоз* ***ба мулозимати Мирзо омад****у дар он вақт мулозимат хилофи маъҳуд буд [336; 553];*

*бо феъли* ***овардан****: Саййид Зайнулобиддини Гунободӣ, ки назди амир Темур қурбе тамом дошт ва муриди Ҳофиз буд, ӯро* ***ба мулозимати амир Темур овард*** *[336; 164];*

*бо феъли* ***расидан****: Бори дигар* ***ба мулозимати он ҳазрат расид*** *ва дар рикоби зафаринтисоб ба Табрез омад [341; 55];*

*бо феъли* ***сарфароз будан****: Дар баъзе авқот* ***ба мулозимати Соҳибқиронӣ сарфароз буд*** *[341; 80];*

*бо феъли **барафрохтан:** Дар маҳалле, ки Соҳибқирони мағфур дар он ҷо ташриф доштанд, **ба мулозимати эшон** ба азми ҷаҳонгирӣ **алам барафрохта** [341; 111];*

*бо феъли **рафтан: Ба мулозимати Дарвеш** Алишоҳ **рафта** будам ва аз он ҷо баргашта ба дарвозаи Фирӯзобод расидем [336; 553];*

*бо феъли **шитофтан**: **Ба мулозимати подшоҳ шитофтам** ва нону ҷуғрот хӯрда, ҷоҳу сарват ёфтам [336; 457].*

### 3.1.34. Пешояндҳои дар силки, дар ҷавори, ба масобаи, бар заҳри, дар садади, ба муҷарради, ба микоруни.

Дар насри давраи таҳқиқшаванда пешояндҳои номии **дар силки, дар ҷавори, ба масобаи, бар заҳри, дар садади, ба муҷарради, ба микоруни** дар таркиби ибораҳои феълӣ ва ҷумлаҳо серистеъмоланд. Доираи истеъмоли ин пешояндҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик маҳдуд аст. Дар ин навъи ибораҳо ба сифати ҷузъи тобеъ, асосан, исмҳои амалу ҳолат, конкрет, абстракт истифода мешаванд:

*бо пешоянди **дар силки**: **Дар силки фузало**и фасеҳзабону булағои масеҳбаён **интизом дорад** [341; 136]. Ба воситаи касби фазилати тавозӯъ касри насф ба он фурӯд омадааст, ки худро **дар силки ин тоифа мунхарит гардонидааст** [338; 124];*

*бо пешоянди **дар ҷавори**:...Ин қасидаро ёрон мебояд, ки ҷавоб гӯянд ва фармуд, ки **дар ҷавори девонахона** аз барои Мавлоно Котибӣ ҳуҷра **таъин фармуданд** [336; 1161];*

*бо пешоянди **ба муҷарради**: Дар он кӯча даромадем, **ба муҷарради даромадан** он ҳаромзода маро диду **фарёд баровард** [336; 1063];*

*бо пешоянди **бар заҳри**: Ӯ **бар заҳри мактуби Нӯҳ** ин оят **навишт**, ки эй Нӯҳ, бо мо муҷодала ва мухосама кардӣ [338; 72]. Ҳар кас аз уҳдаи ҷавоби ин қасида камоянбағӣ берун ояд, тамассуки бандагии худ **ба заҳри он қасида навишта** [336; 959].*

Ибора бо пешоянди **ба масобаи** маънои монандкуниро ифода мекунад: *Севум, таркибе, ки тановули он пушту камарро қавӣ созаду тақвияти боҳ*

*кунад,* ***ба масобаи шаҳват биронад*** *[338; 72]. Халоиқ ҳама ба дунболи ман мутаваҷҷеҳ шуданду сангу кулӯх* ***ба масобаи борон*** *бар сари ман* ***меборид*** *[336; 1063].*

**3.1.35. Пешояндҳои ба арзи, ба самъи.**

Пешояндҳои **ба арзи, ба самъи** барои ифодаи муносибати пуркунандагӣ бо тобиши таъйинот корбаст шудааст. Ба сифати ҷузъи асосӣ, асосан, феълҳои амалу ҳолат омада, исмҳои шахс, мафҳумҳои ифодакунандаи шахс, ҷонишинҳои шахсӣ ҳамчун ҷузъи тобеъ воқеъ мегарданд:

*бо пешоянди* ***ба арзи****: Хоҷа бихандиду сухани ӯро ба арзи султон расонид [338; 182]. Ва ин азизе, ки ин ҷо ҳозиранд,* ***ба арзи подшоҳ расонида,*** *ки ин кор бефоида аст [336; 589];*

*бо пешоянди* ***ба самъи****: Ин бадеҳаро* ***ба самъи султон расонид*** *[338; 195]; Ҷамъе аз аҳли сиъоят ин ҳикоятро* ***ба самъи Мирзо расониданд*** *[338; 74]. Ин матлаъ* ***ба самъи Санҷар расид****у кинаи Рашид дар дил гирифт [338; 18].*

Бояд тазаккур дод, ки дар таркиби ибораҳои феълии насри ин давра як зумра пешояндҳои номие низ истифода шудаанд, ки, асосан, хоси забони давраи классикӣ буданд ва баъзе онҳо дар китобҳои дарсии забони адабии ҳозираи тоҷикӣ зикр нашудаанд, вале дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ва дар осори нависандагони муосир, аз ҷумла С. Айнӣ, С. Улуғзода, Ф. Муҳаммадиев, Ҷ. Икромӣ, Р. Ҷалил ва Ҳ. Карим қисми ками онҳо мушоҳида шудаанд. Ин пешояндҳо: **ба василаи, ба муқтазои, ба савби, ба иллати, ба қасди, ба расми, ба масобаи, ба муҷарради, ба васотати, бар фарқи, бар маснади, бар соири, бар ҷаҳди, бар авҷи, бар сабили, бар ваҷҳи, бар замири, бар сақфи, бар фарози, дар ҳавза, дар ҷавори, дар зии, дар ғояти, дар силки, дар камоли, дар мулозимати, дар мақоми, дар ҳасби, дар садади, дар таҳти, дар адами, дар билоди, дар васфи, дар андаруни, аз пешони, аз ғояти, аз лавҳи, аз ҷавори, аз сақфи, аз силки, миқоруни, аз**

**ҷавори** ва ѓайра дар таркиби ибораҳои феълӣ, асосан муносибати ҳолӣ ва пуркунандагиро бо тобишҳои гуногуни маъно сурат бахшидаанд.

### 3.2. Ибораҳои феълӣ бо пасоянд.

Дар забони насри асрҳои XV-XV1 ҳамчун ќоида дар ифодаи муносибатҳои наҳвии амалу объект дар таркиби ибора ва ҷумла пасоянди **–ро** кор фармуда мешавад. Пасояндҳои **барин, ќати**, ки дар забони ҳозира кор фармуда мешаванд, дар забони ин давра дар таркиби ибораҳои феълӣ вонахўрд. Доир ба хусусиятҳои грамматикии пасоянди **-ро** дар таркиби ҷумла ва ибора муҳаққиқон дар асарҳои худ бевосита ва ё бавосита маълумот додаанд [237; 230; 231; 233; 50; 63; 2; 5; 110; 8; 24; 47; 122; 35; 36; 266; 20; 56].

Доир ба пасоянди **–ро** ҳамчун воситаи алоқаи байни ибора дар байни олимон ақидаҳои мухталиф мавҷуд аст. Баъзе забоншиносон ақида доранд, ки гўё пасоянди **–ро** дар ташаккули ибораҳо нақш намебозад, яъне ин пасоянд мисли пешоянду пасояндҳои дигар воситаи наҳвии байни ҷузъҳои ибора маҳсуб намешавад. Аз ҷумла, Л. С. Пейсиков қайд карда буд, ки: «Муносибати грамматикии пасоянди **–ро** танҳо дар ҷумла намоён мешавад» [237; 34].

А. Мирзоев муътақид аст, ки: «…пасоянди **–ро** хусусияти иборасозӣ низ дорад. Вақте ки ҷузъи тобеи ибора исми хос ва ё ҷонишини шахсист, пасоянди **–ро** чун воситаи алоқаи грамматикӣ зоҳир мегардад [63; 221].

Дар ишора ба ин масъала М. Н. Ќосимова ќайд мекунад, ки: «Дар забони насри асри XI ҳамчун ќоида барои ифодаи муносибати амалу объект пасоянди **–ро** кор фармуда мешавад [50; 36].

Муқоисаи забони сарчашмаҳои хаттии давраи мавриди назар ба ҳолати имрўзаи забони адабии ҳозираи тоҷик собит сохт, ки воситаи асосии алоқаи байни ҷузъи асосии ибораҳои феълӣ бо калимаи тобеъ ягона аст, он дар ҳар ду давра ҳам пасоянди **–ро** ба шумор меравад.

Ин пасоянд дар таркиби ибораҳои феълӣ ҳамчун воситаи алоқа муносибатҳои гуногуни наҳвиро ифода мекунад. Пасоянди **–ро** бештар

мафъули бевоситаро ба феъл алоқаманд намудааст. Ин вазифаи асосии пасоянди **–ро** маҳсуб меёбад: *Пас **вайро нишониданду** моида кашиданд [329; 93]. Пас аъробӣ даст дароз карду **полударо хӯрдан гирифт** [329; 80]. Яке аз ёрон **он китобро бардошта** бигшуд [341; 314]. Аз шаҳри Табрез аст ва **Қуръонро ҳифз карда** ва қонуну шутарғурро бад наменавозад [341; 155].*

Дар вазифаи пуркунандаи бевосита кор фармуда шудани пасоянди **–ро** чи дар осори давраи пажӯҳиш ва чи дар забони адабии ҳозираи тоҷик ба вижагии хоси услуби ин ё он адиб зич алоќаманд аст. Дар ин хусус фикри Б. Камолиддинов ќобили таваҷҷуҳ аст: «Дар вазифаи обеъкти бевосита кор фармуда шудани пасоянди **–ро** аз як тараф, як дараҷа алоќамандии услуби забони новелаҳои нависандаро бо адабиёти классикӣ тасдиќ намуда, такомулоти таърихии забони адабии тоҷикро нишон диҳад, аз тарафи дигар, дар тасвири лаҳзаҳои лирикӣ чун воситаи таъсирбахш ќимати услубӣ пайдо мекунад, бинобар ин дар ҳикояҳои лирикӣ ё дар тасвири лаҳзаҳои изтиробангез бештар дучор мекунем" [37; 138].

Чунин ҳолатро дар ибораҳои феълии насри ин давра мушоҳида кардан мумкин аст: *Ва ба касе нахондам, агар **инҳоро ёбед** [336; 30]. **Сарупои** хосаи **худро каромат фармуданд** [336; 42]. **Он маймунро ҳолатеву изтиробе пайдо шуд**, ки ман аз мушоҳидаи он наздик будам [336; 872]. Ва ҳофизи Каломуллоҳ**, хатро хуб менавишт** ва ҷавоне бофаҳм буд [341; 314]. Алассабоҳ **ин назмро навишта**, ба ҳузури хоҷа рафта шуд [336; 477]. Мавлонои мушорунилайҳ **куллиёти Мавлавиро гирифта**, ба хона рафтанд [336; 633]. **Найро бисёр хуб менавозад** ва хати настаълиқро нек менависад [336; 520]. Аз Бухоро меоям ва хабар ин аст, ки хонаи **шуморо горат карданд** ва писари шуморо гирифта, ба изову ҷафояш машғул шуданд [336; 626].*

Пасоянди –**ро** дар насри ин давра бо ҳиссаҳои номии нутќ васл шуда, муносибатҳои гуногуни наҳвиро ифода мекунад. Пасоянди мазкур, асосан, объекти бевоситаро ифода мекунад: *Ва **остинаашро бурида** бар сар ниҳодам [341; 210]. Аксари **кутубро мутолиа карда** ва агарчи каммимияти*

*фазилаташ чандоне набуд, аммо кайфияти баҳсе ҳосил шуд [341; 213]. Баъд аз хоҷа* ***тосро*** *ба тамом* ***пеши ман ниҳод*** *[338; 33].* ***Дастори худро*** *бар сари вай* ***ниҳоданд*** *[336; 1186].*

Дар таркиби ин ќабил иборахо ҷонишинҳои шахсӣ ба сифати ҷузи тобеъ серистеъмоланд: *Чун бо худ омад,* ***ӯро*** *бар он калимот* ***маломат карданд****, ки аз тариқи ақл набуд [338; 146]. Аввал, бо абдулбатн, ки барои луқмае ва камтар аз он* ***туро фурӯ гузорад*** *[338; 33]. Пас* ***ӯро*** *аз базми хоси худ* ***биронд*** *[338; 84]. Боз Ҳазрат* ***ӯро пайдо кард*** *ва бигрифту даҳон бар даҳонаш ниҳод ва фармуд [338; 13]. Шавқи сухан* ***ӯро инон гирифта****, ба ҷониби ғизолони мушкбӯй ва анбармӯй кашид [341; 232]. Фақир* ***онро гирифта*** *берун омад [336; 477].* ***Ӯро гирифта*** *пеш баред [336; 657].*

Дар таркиби ибораҳои феълиҳолӣ омадани объекти бевоситаи суратнаёфта ба мушоҳида расид: *Бар канори дарё* ***якдигарро канор гирифта*** *ҳар кадом ба ҷонибе равон гардиданд [336; 43]. Пас бархосту бо иттифоқи Муҳаммад назди Имом Ҳусейн омаду* ***якдигарро дар канор гирифтанду*** *он ғубори муртафеъ шуд [338; 31].*

Дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» [17] оид ба вазифаи грамматикии пасоянди **–ро** чунин нуктаи дуруст таъкид шудааст: «Пасоянди **–ро** дараҷаи баланди абстраксияи грамматикиро аз сар гузаронидааст. Вай маънои луғавӣ надорад, нисбат ба дигар пасояндҳо серистифода бошад ҳам, на ҳамеша ҳамчун воситаи грамматикии иборасоз намоён мешавад. Ин пасоянд хусусияти худро ҳамчун воситаи алоқаи грамматикии байни ҷузъҳои ибора, одатан, дар ҷумла зоҳир мекунад. Бинобар ин дар ҷумла дар як маврид ҳамчун воситаи алоқаи грамматикии байни ҷузъҳои ибора ва дар мавриди дигар ҳамчун артикл воқеъ мегардад» [17, 23].

Пасоянди **–ро** кам бошад ҳам, мафъули бавоситаро ба феълҳо вобаста намудааст. Дар забони муосири тоҷикӣ чунин шакл гирифтани ибораҳои феълӣ аксаран ба ибораҳои феълии пешояндӣ сурат мегирад [17; 172].

Ба сифати ҷузъи асосӣ дар ин навъи ибораҳо бештар феълҳои навъи **гуфтан, фармудан, хукм кардан** омада, ба сифати ҷузъи тобеъ бештар

исмҳои шахс ва ҷонишинҳои предметӣ истифода шудааст. Ин ибораҳо муносибати пуркунандагиро бо тобиши таъинот ифода менамоянд: *Пиёдараве* ***Ҳофизро гуфт*** *[336; 1046]. Халифа* ***ӯро ҳабс фармуд*** *ва Касир дар он банд бисёр монд [338; 61]. Ҳазрати султон Муҳаммадамини* ***Миракро… фармуд*** *[336; 951]. Фузалои* ***оламро… иҳонат мерасонад*** *[336; 963];*
*Дидам, ки бар як ҷониби боғ иморатесту* ***аврате маро ишора мекунад*** *[336; 1066]. Мавлоно* ***ҷавонро дуо мекарда*** *ва ниёз мепошида [341; 261];*

Пасоянди **–ро** бо феълҳои навъи **маълум шудан, хуш омадан** ва амсоли инҳо ибораҳои феълиеро сурат медиҳад, ки натиҷаи амал ба мафъул равона шудааст: *Ҳазрати* ***подшоҳро*** *... чӣ гуна* ***маълум шуд*** *[336; 857].*

Пасоянди **–ро** дар насри ин давра объекти бавоситаро ба феъли модалии **боистан** алоқаманд кардааст, ки ба ӯ чизе лозим аст: *Баъд аз он ки ҳар рӯз* ***ӯро маблаге коғаз мебояд****, ки шеъри худ мусаввада кунад [341; 292]. ...****маро ин дору намебояд*** *[336; 1071]. ….****маро рухи ту намебояд*** *[336; 474]. ….****туро дар ин амр*** *як сол* ***сабр бояд кард*** *[336; 474].*

Бояд таъкид кард, ки дар насри асрҳои пешин ҷузъи асосӣ – феъл дар ин гуна ҳолатҳо дар шакли масдари пурра меомадааст [230; 386].

Дар насри давраи мавриди назар дар шакли масдари ноқис истифода шудан бештар мушоҳида мегардад: ***Шуморо*** *дар аввал* ***бо ман*** *ҳамин муомала боист кард [336; 89].*

Пасоянди **–ро** дар насри ин давра бо исмҳо омада, ба фоидаи шахсе ё барои касе ё чизе равона гардидани амалро ифода кардааст: *Махтума ва* ***мафтуҳаро суҳбате сохтанд*** *[336; 1090].*

Пасоянди **–ро** дар насри ин давра чун муродифи пешоянди **аз** дар ташаккули ибораҳои феълие корбаст шудааст, ки муносибати пуркунандагии сарчашмаи амалро ифода кардааст: ***Ҳакимеро пурсиданд****, ки одамизод кай ба хӯрдан шитобад [329; 39].* ***Бузургмеҳрро пурсиданд****, ки кадом подшоҳ покизатар [329; 41].* ***Пиразанеро пурсиданд****, ки деҳ мехоҳӣ [336; 1269];*

Пасоянди **–ро** дар насри ин давра дар таркиби ибораҳои феълӣ дар ифодаи муносибати объектӣ бо тобиши муайянкунандагӣ корбаст шудааст.

Ба сифати ҷузъи асосӣ дар ин ҳолат, асосан, феълҳои таркибии номӣ истифода шудаанд ва ҷузъи тобеъ ҳиссаи номии феълро аз ягон ҷиҳат муайян месозад: *Чун ин* ***каминаро чашм*** *ба ҷамоли бокамоли он ҷавон* ***афтод*** *[336; 192].* ***Ҳар киро қадам*** *ба дарвоза…* ***расидӣ*** *[336; 387]. …занону фарзандони* ***мусулмонро пардаи номус дарид*** *[336; 549].*

Як хусусияти хоси ин гуна ибораҳои феълӣ дар насри ин давра он аст, ки ҷузъҳои ибора дар ҳолати дистактӣ воқеъ гашта метавонанд:

***Халифаро сухан****и ӯ* ***хуш омад*** *[329; 54].* ***Ғаливожро*** *аз рӯйи ҳаво* ***назар*** *бар вай* ***афтод*** *[329; 873].*

Чунин тарзи ифодаи ибораҳои феълӣ чун идомаи муқаррароти забони классикӣ дар насри муосири тоҷикӣ ба назар мерасад: Темурмаликро аз дидани ин ҳол дил тапид [331; 60].

Истифодаи пасоянди **–ро** дар ифодаи муносибати сабабию мақсадӣ замонӣ ва маконӣ дар асарҳои пешина мушоҳида шудааст [248; 273; 181; 110; 230; 231; 276; 277; 5; 20 ва диг.], аммо ин муносибати наҳвӣ баъдҳо, аз ҷумла дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» бо ёрии пешояндҳо ифода шудаанд. Дар насри ин давра муносибати сабабию мақсадӣ бештар ифодаҳои устувор мушоҳида гардид.

Дар ин гуна мавридҳо пасоянди **–ро** маънои қадимии худ **Radi** – ро нигоҳ доштааст: ***Қазоро он рӯҳи муҷассам*** *ва он унсури мукаррам монанди ғизоли чашми хубон …* ***логару низор гардид*** *[336; 904].*

Дар забони адабии пешина истифодаи пасоянди **–ро** дар таркиби ибораҳои феълӣ чандон характернок набуд, аммо дар таркиби ҷумлаҳо ҳодисаи муқаррарӣ буд. Масалан, ҳодисаи бо мубтадо омадани пасоянди **–ро** зикр шудааст [230; 231; 181; 50; 5 ]. Дар забони насри давраи мавриди назар дар се мисол чунин тарзи ифода ба назар расид: *Некройро аз камоли лутфу ҳулқе, ки дошт,* ***даъвати вайро қабул карда,*** *ба хонаи вай даромад [336; 782].* ***Достони Фирдавсиро*** *ончунонки олиҳазрати ҳақоиқпаноҳи фазилатдастгоҳӣ дар «Баҳористон»* ***овардаанд*** *[336; 454].*

Дар чунин ҷумлаҳо пасоянди **–ро** берун аз муқаррароти забони адабист ва муҷиби омадани он пурра равшан нест ва, ба андешаи мо, чун аломати ишорат саҳм дорад.

Чунон ки Р. Ғаффоров ишора кардааст, пасоянди **–ро** дар назму насри классикӣ дар қатори иҷрои вазифаҳои зиёде барои ифодаи мубтадо (субъект- Ғ.А.) низ хизмат кардааст [24, 30].

Чунин тарзи алоқа дар сарчашмаҳои хаттии давраи таҳқиқ хеле зиёд ба назар расид. Пасоянди **–ро** дар чунин маврид бо калимае, ки ба хабар тобеъ аст, омада, нишон медиҳад, ки шахс дорои чизе мебошад: *Овардаанд, ки яке* ***аз аъёни Бухороро духтаре буд*** *[336; 580] …..**порсоро ошиқе буд*** *[336; 580] ….**ӯро мулозиме буд*** *[336; 539. ….**Худойро бандагоне ҳастанд*** *[336; 790].*

Дар баъзеи чунин иборaҳо пасоянди **–ро** на чун воситаи робита, балки чун ҳиссаи нидои калимаҳои туфайлӣ омадааст: ***Худойро,*** *ман дар ин вилоят исму* ***расме дорам*** *[336; 820].*

Пасоянди **–ро** дар асар барои ифодаи муносибати ҳолии макон низ ба назар мерасад: *Ҳосил, ки* ***Убайдуллоҳхонро савор гардонида****, қоиди амноми он лашкар ва охизи азиммаи он аскар гардида [336; 521]. Алқисса,* ***Мир Қурайш ғуломеро фиристода,*** *ки бикаро хабар диҳад аз омадани худ [336; 934].*

Дар забони насри асри XI қ́айд мекунад М. Н. Қ́осимова : «Як хусусияти хоси ин гуна ибораҳои вобастагӣ/муайянкунандаву муайяншаванда дар забони афсонаҳо он аст, ки ҷузъи асосӣ метавонад боз ҷонишинҳои энклитикӣ /бандакҷонишинҳо гирад» [50; 38]. Чунин тарзи алоқа дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» дар як ҳолат ба мушоҳида расид: *…яъне досро, ки иборат аст аз дол аст, бустонаш [336; 957].*

Дар забони насри ин давра бо ҷонишинҳои шахсӣ, ишоратӣ, нафсӣ-таъкидӣ омадани пасоянди **–ро** бештар ба назар мерасад. Ибораҳо бо ҷонишинҳо ва пасоянди **–ро** муносибати макони воқеъ шудани амал, иҷрои бевоситаи амалро дар лаҳзаҳои гуногун мефаҳмонад. Ин ибораҳо, асосан, аз ду ва ё секалима таркиб ёфта, бештар шакли сода доранд:

*бо ҷонишини* ***ман****: Ҳар кӣ* ***шутури маро*** *ба ман* ***орад*** *[329; 95]. Шумо маро фиреб додед ва* ***маро бозӣ дода****, ба доми худ даровардед [336; 574].*

*бо ҷонишини* ***ту****: Агар хоҳӣ, ба як зарбати панҷа* ***ҷони туро биситонам*** *[329; 138]. Имрӯз ҳақиқати ҳоли ту маълум шуд, ки* ***туро парвои ман набуда*** *[336; 987];*

*бо ҷонишини* ***вай****: Ҳаҷҷоҷ бихандид, фармуд, то* ***вайро даҳ ҳазор дирам доданд****у ба диёраш фиристоданд [329; 52]. Некрой аз камоли лутфу хулқе, ки дошт,* ***даъвати вайро қабул карда****, ба хонаи вай даромад [336; 782];*

*бо ҷонишини* ***ӯ****: Марде, ки* ***ӯро ҳазор гӯсфанд меарзад****,* ***туро ройгон намеарзад*** *[336; 113]. Аммо* ***ӯро ҳиммат баланд афтода****, тарки он кор карда ва он чӣ дорад, дар миён дорад [341; 264]. Фақир гирён шуда, ба хона рафта тахти равоне оварда,* ***ӯро ба хона бурдам*** *[336; 488];*

*бо ҷонишини* ***худ:*** *Маро ҳиллае биёмӯз, ки чун бар кашокаши саг дармонам,* ***худро бираҳонам*** *[329; 133]. Муҳибалӣ бародари Ҳасаналии Маддоҳ аз Ироқ омада, ба қасди он ки интиқоми* ***бародари худро*** *аз Мирзо Байрам* ***кашад*** *[336; 1072].*

Дар сарчашмаҳои хаттии давраи таҳқиқ пасоянди **-ро** дар таркиби ибораҳои феълӣ бештар дар ифодаи муносибати пуркунандагӣ (объектӣ) мавриди корбурд ќарор гирифтааст. Дар таркиби ибораҳои феълии осори хатиии давраи таҳќиќ ин пасоянд дар ифодаи муносибатҳои наҳвии калимаҳо **5504** маротиба истифода шудааст ва **5085**-тои он дар алоқаи пуркунандаи бевосита мебошад ва аксаран аз забони адабии муосири тоҷик дар ин бобат тафовути ҷиддие ба назар намерасад: *..**дари мадрасаро бартофтан** [336; 84]. ...**дастори худро ниҳодан** [336; 1186]. ...**инҳоро ёфтан** [336; 30] ва ѓайра.*

Пасоянди **-ро** дар насри асрҳои XV-XV1 барои алоқаи пуркунандаи бавосита (275 б.) бо хабар истифода шудааст. Дар ин вазифа пасоянди **-ро** бештар бо феълҳои навъи **гуфтан, ҳукм кардан, пурсидан** омада, ба адресати амал далолат кардааст. Ҳамчун ҷузъи тобеъ бештар исму ҷонишин истифода гардидааст:*…**ҳакимеро пурсидан** [329; 39]. ….**ҳофизро гуфтан***

*[336; 1064]. ...**мирро фармудан** [336; 951]. ... **маро гуфтан** [329; 1282]. ... ӯро ҳабс фармудан [338; 61] ва ѓайра.*

Пасоянди **-ро** бо феълҳои навъи **маълум шудан, хуш омадан** ва амсоли инҳо ба пуркунандаи бавоситае далолат кардааст, ки натиҷаи амал ба он равона шудааст: ***подшоҳро…чӣ гуна маълум шуд*** *[336; 857].*

Пасоянди **–ро** ҳамчунин шахсеро бо феълҳои хели **салом расонидан, таъзим намудан** ва монанди инҳо алоқаманд намуда, тобиши таъинотро далолат кардааст:

***Фузалои оламро…иҳонат мерасонид*** *[336; 963]. ...* ***аврате маро ишора мекунад*** *[336; 1066] ....****эшонро бисёр таъзим намуданд*** *[336; 916].*

Аз таҳлили мавод маълум гардид, ки ибораи феълӣ метавонад дар ќолабҳои гуногуни грамматикӣ истифода шавад. Масалан, ибораи **дарахтонро шинондан** дар шакли масдарии **шинондани дарахт** ва алоќаи ҳамроҳии ***дарахте шинондан*** низ мустаъмал аст. Чунин ҳолатро дар «Ахлоќи Муҳсинӣ» дучор намудем: *Ба ҷиҳати он ки ваќте ман ин* ***дарахтонро мешинондам****, писари амири Балх ба ин ҷо расид ва маро дар* ***шинондани дарахт*** *сарзаниш кард [150].Пире дид зунноре бар миён баста ва беле дар даст гирифта* ***дарахте мешинонд*** *[182].*

Дар насри давраи мавриди таҳқиқ пасоянди **-ро** дар ифодаи муносибати муайянкунандагӣ низ истеъмол шудааст. Дар сарчашмаҳои ин давра робитаи байни муайянкунандаву муайяншаванда 88 бор ба қайд гирифта шуд. Истифодаи пасоянди **-ро** дар ифодаи муносибати муайянкунандагӣ дар насри асрҳои XV-XV1 собит месозад, ки чунин тарзи алоқа «ҳамчун нормаи маъмул» [24; 25] дар забони насри ин давра истифода мешудааст: *Сӯфие* ***дигареро сифат карда*** *ва сифате аз рӯйи шиносоию маърифат оварда [329; 58].* ***Маро*** *аз* ***ҷамъ сохтан****и он мол мақсуд* ***он буд****…[336; 888].*

Дар асарҳои пешинаи забони адабии тоҷик пасоянди **–ро** дар ифодаи муносибатҳои сабабу мақсад, замон ва макон [230; 231; 273] низ истифода мешудааст, аммо ин муносибатҳои наҳвӣ баъдҳо, аз ҷумла дар насри асрҳои

XV-XV1 бо ёрии пешояндҳо ифода ёфтаанд ва ҷойи пасоянди **-ро** дар ин вазифа танг карда шудааст.

Дар насри ин давра муносибати сабабу мақсад бештар дар ифодаҳои устувор ба мушоҳида расид: *Аммо* ***ӯро ҳиммат баланд афтода****, тарки он кор карда ва он чӣ дорад, дар миён дорад [341; 264].* ***… ин каминаро*** *чашм бар* ***ҷамоли … он ҷавон афтод*** *[341; 192].* ***Ҳар киро қадам*** *…ба дарвоза* ***расидӣ*** *[336; 387]. Ҷавон аз рӯйи меҳрубонӣ ва ширинзабонӣ* ***ӯро пурсиши гарм намуда*** *пурсид [347; 172].*

Пасоянди **-ро** дар осори хаттии давраи таҳқиқшаванда чун давраҳои пешина бештар дар ифодаҳои устувор, ки майли ба зарф гузаштан доштанд, мушоҳида гардид.

Пасоянди **–ро** дар таркиби феълҳои **ҷазм шудан, гумон шудан, мазана шудан** омада, муносибати фоил ва мафъулиро ба таври умумӣ нишон додааст: ***Абӯалиро ҷазм шуд****, ки манзури вай ҳамон духтар аст [336; 806]. Баъд аз лаҳзае* ***амир Алишерро гумон шуд****, ки паҳлавон маст шуда, ба хонаи худ рафта бошад [336; 651].* ***Подшоҳро мазана шуд,*** *ки магар он ҷамоа таарруӯзе ба он писар намуда бошад [336; 935].*

Пасоянди **–ро** дар таркиби ибораҳои феълӣ бо феъли **талабидан** омада, муносибати пуркунандагиро бо тобишҳои маъноии даъват кардан, назди худ хондан ба таври барҷаста ифода кардааст: *Он ҳазрат* ***ӯро талаб карда*** *ва фармуданд: Аз барои мо чӣ гуфтаӣ? [341; 199]. Рӯзи дуюм он чӯбро аз зери бисот берун карду бихонд ва* ***шоирро талабиду*** *сад ҳазор дирами дигар ба вай дод [329; 68].* ***Боғбонро талабиданд*** *ва бо вай гуфтанд, ки он мева заҳри қотил аст [336; 767].*

Ин навъи ибораҳо дар «Ахлоќи Муҳсинӣ» ба таври фаровон мустаъмал аст: *Алќисса, шоҳи Яман* ***ӯро талабида*** *ба мавоиди хусравона мустазҳир сохта [176]. …ва дар ин вило султони вилояти Яман* ***маро талабида*** *ва ваъдаи молу матоъи фаровон намуда [174].*

Агар амалҳо дар лаҳзаи нутқ иҷро шаванд, хабари сарҷумлаю ҷумлаи пайрав бо замони ҳозира-оянда сиғаи хабарӣ ифода мешавад: *Ва* ***туро дар сояи дарахте нигоҳ медорад****, ки аз Тӯбӣ хабар медиҳад [336; 1305].*

Пасоянди **–ро** дар таркиби исмҳои шахс бо феъли **даромадан** омада, амалеро мефаҳмонад, ки ба маконе ё ҷое ворид шудааст. Феъли **даромадан** ба мақсади таъкид кардан ду бор такрор шуда омадааст: *Ба муҷарради даромаданаш ҳамон ҳол, ки Мавлавиро аз даромадани Чалабӣ рӯй дода буд,* ***Чалабиро низ аз даромадани раис*** *ҳамон ҳолат* ***воқеъ гардид*** *[336; 1193].*

Дар насри ин давра аз пасояндҳои дигар пасоянди **боз** ба назар расиду бас. Ба сифати ҷузъи тобеи ибораҳое, ки бо пасоянди **боз** сурат мегиранд, исмҳои гуногунмаъно ва ҷонишинҳо сурат гирифта, феълҳои гуногунмаъно ба сифати ҷузъи асосӣ воқеъ мешаванд. Ибораҳои феълие, ки бо пасоянди **боз** ифода меёбанд, муносибати замони вoќеъ шудани амалро таъкид мекунанд: *Абӯ Айюб дар ҷавоби он маҳрам гуфт, ки бозе аз хурӯсе пурсид, ки* ***аз хурдӣ боз*** *дар хонаи банӣ Одамӣ ва эшон ба дасти худ обу донаи ту* ***муҳайё мекунанд*** *[338; 73]. Ман ба куштани ту чунон якҷиҳат нестам, ки ба ҳеҷ ваҷҳ* ***аз он боз наистам*** *[338; 125]. Ҷамъе аз ҳаромиён, ки* ***аз Табрез боз дар камин буданд*** *[285; 488]. ……****аз Ҳирот боз дар камин буданд*** *[336; 478]. Ҳар сабоҳ аз хона берун кардӣ ва ба саҳро бурдӣ ва шабонгоҳ* ***аз саҳро боз овардӣ*** *[347;; 222].*

Бояд қайд кард, ки Б. Шарифов ҳиссаҳои **ойин, сифат** ва **мисол**-ро бо истилоҳ калима-пасоянд ном бурдаст [110, 205]. Мо ин морфемаҳоро чун пасванди калимасоз меҳисобем ва онҳоро дар боби ибораҳои феълии алоқаи ҳамроҳӣ тасвир кардаем.

Хулоса, пасоянди **–ро** дар насри ин давра дар доираи ибораҳои феълӣ яке аз воситаҳои сервазифаи наҳвист. Ин пасоянд дар забони асараҳои насрии ин давра вазифаҳои гуногуни наҳвиро ба уҳда доштааст, вале вазифаи асосии он муносибати пуркунандагӣ, бахусус, пуркунандагии бевосита мебошад.

### 3.3. Ибораҳои феълӣ бо пешоянду пасоянд.

Дар забони асарҳои мансури асрҳои XV-XVI ба ѓайр аз алоќаҳои наҳвии пешояндӣ ва ҳамроҳӣ боз як хели дигари алоќаи грамматикии наҳвӣ, яъне дар як маврид бо ду воситаи алоќаи наҳвӣ пайваст шудани ҷузъҳои ибора мушоҳида мегардад. Алоќаи калимаи асосӣ бо ҷузъи тобеъ дар ин навъи ибораҳои феълӣ дар як ваќт ҳам бо пешоянд ва ҳам бо пасоянд зоҳир мегардад. Чунон ки Р. Ѓаффоров барҳаќ таъкид мекунад: «Ин ҳодиса, яќин вобаста ба он аст, ки бо мурури замон дар натиҷаи ба вазифаи муайяни грамматикӣ истифода шудани пешояндҳо доираи истифодаи пасояндҳо беш аз пеш тангтар ва мавќеи ба кор бурдани онҳо бо категорияҳои махсуси синтаксисӣ муайян ва устувор гаштааст. Ин аст, ки ҳангоми истеъмоли ду воситаи грамматикӣ бо айни як пуркунанда ё ҳол роли асосиро дар ифодаи муносибати грамматикӣ пешоянд бозӣ мекунад» [24; 119-120]. Мо низ ба ин андеша мувофиќем, чунки дар мисолҳои бадастомада ибораҳои феълие, ки бо пешоянд муносибатҳои граммматикиро ифода мекунанд, пасоянд ин маъноро тавќият дода, барои равшанатар ифода кардани муносибати грамматикӣ ёрӣ мерасонад.

Ќайд кардан ҷоиз аст, ки ин тарзи ифода, дар забони пешина бахусус дар давраҳои аввали таҳаввули он ҳодисаи тамоман муќаррарӣ ба ҳисоб рафта, тадриҷан дар забони асарҳои мансури асрҳои XV-XVI маҳдуд гаштааст ва баъдан аз забони адабӣ батамом соќит шуда бошад ҳам, дар шеваҳои забонамон ҳанӯз мавриди корбурд ќарор дорад.

Будани алоқаи пешояндиву пасояндӣ дар забони тоҷикӣ ҳодисаи тасодуфии наҳвӣ набуда, таърихи дуру дароз дорад. Чунончи, дар забони осори адабии асрҳои IX-X ва минбаъда дучор шудани таркибҳои ба мисли ба боғ андар, ба шаб андар аз ҷумлаи суфиёнро тадқиқгарони таърихи забон қайд кардаанд [273; 102-103].

Истифодаи ин шакли ифода дар осори хаттии асри XIV, бахусус «Нузҳат-ул-арвоҳ» зиёд ба назар мерасад: Он, ки дар пеши назари ҳимматаш…дар пеши дасташ моли сомит **ба гуфт андар омада** [ 23].

Дар забони насри асри XI, хусусан дар забони «Сиёсатнома» кор фамудани алоќаи пешоянду пасоянд ҳодисаи маъмул буд. Ин хусусияти дар таркиби аъзоҳои ҷумла ва ибора, якҷоя омадани  пешоянду пасояндро шарќшиноси муосири фаронсавӣ Ж. Лазар чунин ќайд кардааст: «Дар забони ин асар / «Сиёсатнома» -А. Ѓ./ пасоянди **боз** ҳарчанд кам бошад ҳам / ба мисли забони имрўза муносибати замонро фаҳмонида барои алоќамандии хабару ҳол меояд [298; 363-371].

Боз як ҳодисаи ҷолиб он аст, ки дар забони гуфтугӯ алоқаи пешояндиву пасояндӣ шаклҳои гуногуни зоҳиршавиро дорост. Аз ҷумла, бо баъзе пешояндҳои асливу номӣ истифода шудани пасоянди **–ро** дар шаклҳои **–а** (баъди ҳамсадо), **-ра** ва **–я** (баъди садонок) хоси забони гуфтугӯии умумист. Аммо чунин ҳолатро дар насри давраи мавриди назар дучор накардем.

Ҳамин тавр, бо ду воситаи грамматикӣ /пешоянду пасоянд/ сурат гирифтани ибораҳои феълӣ яке аз навъҳои камистеъмолтарини воситаи грамматикӣ ба ҳисоб рафта, ҳам дар забони насри ин давра ва ҳам забони адабии ҳозира доираи маҳдуди истифода дорад. Ба воситаи он муносибатҳои наҳвии ҷузъҳои ибораҳои феълӣ пешоянду пасоянд якҷоя омада, амалу объектро ба ҷузъи асосӣ алоќаманд мекунанд. Хусусияти хоси ин гуна ибораҳо дар он аст, ки воситаи грамматикии ҷузъҳо тавассути пешояндҳои аслӣ /**ба, аз, то, бар, ҷуз/** ва пасоянди **боз** сурат мегирад.

Таҳлил ва тасвири ҳаматарафаи маводи давраи таҳқиқшаванда собит намуд, ки ибораҳои феълие, ки бо ду воситаи грамматикӣ ташаккул ёфтаанд, серистеъмол нестанд. Сабаб он аст, ки ба воситаи пешоянду пасояндҳо алоқа бастани калимаҳо дар забони гуфтугӯ ва шеваҳои забони тоҷикӣ зиёд ба назар мерасад ва ин навъи алоқаро бисёре аз муҳаққиқони асарҳои диалектологӣ ба қалам додаанд, чунон ки В. С. Расторгуева дуруст қайд кардааст, тадқиқгарон дар ҳангоми гирд овардани мавод доир ба шева ба пешоянду пасояндҳо диққати даркорӣ надодаанд [248; 55-60].

Дар сарчашмаҳои хаттии давраи таҳқиқ бо ду воситаи алоқа сурат гирифтани иборахои феълӣ ба қайд гирифта шуд. Ин ҳолат дар байни пешоянди **аз** ва пасоянди **боз** бештар ба мушоҳида мерасад.

Дар шеваи ҷанубӣ бо ду воситаи грамматикӣ –пешоянд ва пасоянд сурат гирифтани хелҳои гуногуни ҳол ҳодисаи маъмул аст. Дар ишора ба ин масъала Р.Ѓаффоров ќайд кардааст, ки «дар шеваи ҷанубӣ бисёр ҳолҳои замон мавҷуданд, ки бо ду воситаи грамматикӣ –пешоянд ва пасоянд сурат ёфтаанд. Дар шеваи ҷанубӣ чунин пешоянду пасояндҳо ба сифати ҷуфт дар ташкили ҳоли замон ба кор бурда мешаванд: **ай (аз)** бо пасоянди **боз** : **ай хаму боз итари касал шида бърафтъм**…[24, 161-162].

Ибораҳое, ки ба воситаи пешоянди **аз** ва пасоянди **боз** ташаккул меёбанд, муносибати замониро ифода мекунанд. Ибора бо исмҳои замон миқдори муддати вақтеро нишон медиҳад, ки дар давоми он ба амал омадааст. Бояд тазаккур дод, ки дар мисолҳои зерин  бо пасоянди **боз** ҳамчун ќонун пешоянди **аз** меояд: *Бозе аз хурӯсе пурсид, ки* ***аз хурдӣ боз*** *дар хонаи банӣ Одамӣ ва эшон ба дасти худ обу донаи ту* ***муҳайё мекунанд*** *[338; 73]. То ман дар ин хонаам ва* ***аз хурдӣ боз медонам****, ки сад хурӯсро сар буриданд [338; 75]. Ман ба куштани ту чунон як ҷиҳат нестам, ки ба ҳеҷ ваҷҳ* ***аз он боз наистам*** *[336; 1378].*

Бо ду воситаи алоқа сурат гирифтани ибораҳои феълӣ дар ифодаи тобиши замон дар сарчашмаҳои хаттии пешина низ характернок аст:

***Аз он вақт боз*** *ки бар он нур* ***назар доштанд****, аз ҳоли якдигар хабар доштанд [340; 36].*

Ибора бо ҷонишини **кай** одатан дукалимагӣ мешавад ва аз рӯйи маъно ба ибораҳои боло баробар аст. Хусусияти фарқкунандаи ибораҳои мазкур дар он аст, ки дар ибора алоқаи байни ҷузъҳо тавассути пасоянди **боз** равшантар зоҳир мегардад: *Эй сиёҳрӯйи ҳез ва эй номарди бетамиз, шарм намедорӣ ва* ***аз кай боз*** *ту* ***чунин шудаӣ****? [336; 988].*

Дар ин ќабил иборaҳо ба вазифаи пасоянд калимаҳое меоянд, ки ҳанӯз маънои равшани луғавӣ зоҳир мекунанд, вале дар вазифаи пасоянд маънои луғавии худро суст намуда, абстраксияи грамматикӣ пайдо мекунанд. Алоқаи наҳвии пасояндҳо бо ҷузъҳои ибора суст аст, бинобар ин аз наомадани онҳо сохт ва маънои ибора зарар намебинад. «Дар забони адабӣ бо таъсири нутқи гуфтугӯӣ як гурӯҳи иборaҳое пайдо шудаанд, ки аз рӯи хусусияти калимабандии ҷузъҳо ба гурӯҳи иборaҳои алоқаи пешояндиву пасояндӣ медароянд. Дар сохтани ин иборaҳо се воситаи грамматикӣ иштирок менамоянд: **пешоянд…пасоянд…пешоянд**. Ба сифати пасоянд калимаи **гирифта** ва таркиби **сар карда** истифода мешавад. Алоқаи синтаксисии пасоянд чандон устувор нест: *Аз нисфи тахтапул гирифта то болои ҳавз бомҳо ҳама пури одам буд. Аз курта сар карда то парвоз ба коинот расиданд» [17; 27]. Мирхоҷӣ қасида гӯянд, ки Унсӣ тахаллус мефармояд ва ҳамаи шуарои қасидагӯ пеши эшон дасти таслим бар сина доранд ва худро пеши эшон аз ҷумлаи камина шогирдон мешуморанд [336; 142].*

Аз таҳлили  мисолҳо маълум гардид, ки воситаҳои ифодаи алоќаи вобастагӣ пешоянд, пасоянд, пешоянду пасоянд ва тартиби калима ба шумор меравад.

**Ҷадвали басомади феълҳо бо пешояндҳои номӣ ва номии таркибӣ дар таркиби иборaҳои феълӣ**

**Ҷадавали 2**

| **№** | **Пешояндҳо** | **Сарчашмаҳо** | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **Бадоеъ-ул-ваќоеъ** | **Баҳористон** | **Латоиф-ут-тавоиф** | **Футувват номаи** | **Ахлоќи Муҳсинӣ** |
| 1 | пеши | 169 | 30 | 82 | 14 | 30 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2 | монанди | 153 | 2 | 2 | 2 | 2 |
| 3 | мисли | 117 | 3 | 6 | 3 | 12 |
| 4 | ба ҷиҳати | 70 | 8 | 6 | 5 | 15 |
| 5 | бар сари | 69 | 10 | 40 | 26 | 34 |
| 6 | аз рӯйи | 68 | 4 | 5 | 12 | 12 |
| 7 | ба ҷониби | 60 | 6 | 6 | 2 | 12 |
| 8 | ҷиҳати | 58 | 5 | 3 | 2 | 9 |
| 9 | дар даруни | 42 | 2 | 6 | 3 | 2 |
| 10 | зери | 39 | 6 | 12 | 7 | 2 |
| 11 | дар миёни | 36 | 10 | 31 | 23 | 20 |
| 12 | ба ҳукми | 34 | 3 | 9 | - | 8 |
| 13 | ба дари | 32 | 11 | 17 | 5 | 21 |
| 14 | бар рӯйи | 30 | 8 | 7 | 9 | 4 |
| 15 | ба расми | 30 | - | 6 | 1 | 6 |
| 16 | ба ѓайри | 29 | - | - | 2 | 4 |
| 17 | дар замони | 28 | 4 | 10 | 1 | 5 |
| 18 | дар паси | 26 | 2 | 5 | 2 | 4 |
| 19 | ба воситаи | 25 | 4 | 2 | 12 | 5 |
| 20 | бар канори | 24 | 6 | 7 | 2 | 5 |
| 21 | назди | 14 | 2 | 58 | 3 | 28 |
| 22 | дар силки | 23 | 2 | - | - | 1 |
| 23 | бар лаби | 23 | 3 | 2 | - | 3 |
| 24 | аз аќиби | 22 | 4 | 13 | 2 | 3 |
| 25 | дар ваќти | 22 | 10 | 11 | 17 | 11 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 26 | аз ҷониби | 22 | 2 | 3 | 2 | - |
| 27 | дар ҳаќки | 20 | 1 | 8 | 6 | 8 |
| 28 | ба мулозимати | 12 | 3 | 7 | 1 | 1 |
| 29 | аз пайи | 19 | 2 | 1 | 2 | 5 |
| 30 | ба ќадри | 18 | 1 | 1 | 2 | - |
| 31 | бар гирди | 18 | 5 | - | 3 | 4 |
| 32 | дар ниҳояти | 17 | 1 | - | - | - |
| 33 | дар камоли | 17 | 3 | 1 | 3 | - |
| 34 | дар паҳлуи | 17 | 4 | 8 | 1 | 1 |
| 35 | ба масобаи | 22 | - | 2 | 2 | 4 |
| 36 | ба муҷарради | 18 | 4 | 2 | - | 1 |
| 37 | ба пойи | 14 | 1 | 1 | 3 | 3 |
| 38 | ҳамроҳи | 13 | 8 | 2 | 2 | 2 |
| 39 | дар боби | 13 | - | 4 | 2 | 10 |
| 40 | аз баҳри | 12 | 1 | 1 | - | 1 |
| 41 | дар миёнаи | 12 | 6 | 2 | 6 | 2 |
| 42 | дар аснои | 10 | 8 | 7 | - | 8 |
| 43 | ба ќасди | 8 | 2 | 2 | 1 | 3 |
| 44 | дар ҷавори | 5 | - | - | 1 | 1 |
| 45 | дар муќобили | 4 | 3 | 1 | 1 | 1 |
| 46 | бар сабили | 3 | 2 | 13 | - | - |

## Натиҷагирӣ аз боби III

Аз таҳлили ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои номӣ ва пасояндҳо метавон чунин натиҷагирӣ кард:

1. Пешояндҳои номӣ ҳам дар шакли сода: **пеши, сари, рӯйи, назди, дари, миён**…ва ҳам дар шакли таркиби: **ба пеши, дар пеши, ба сари, аз сари, ба рӯйи, дар рӯйи, аз рӯйи, бар рӯйи**… дар ташкилу сурат додани ибораҳои феълии насри ин давра мавриди корбурд ќарор гирифтаанд.

2. Вижагиҳои хоси пешояндҳои таркибии номӣ дар осори давраи пажӯҳиш ва забони адабии ҳозираи тоҷик аз он иборат аст, ки маънои пешояндҳои аслиро конкрет ва равшан менамоянд.

3. Дар сарчашмаҳои хаттии осори давраи таҳќиќ ба вазифаи пешояндҳои номӣ, асосан, зарф ва исмҳо бештар корбаст шудаанд.

4. Хусусияти хоси пешояндҳои номӣ боз дар он аст, ки онҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ муродифи ҳамдигар шуда метавонанд.

5.Дар алоқаи пасояндии ибораҳои феълӣ, асосан, пасоянди **–ро** ва **боз** таҳлил гардидааст. Зимни таҳлили мавод маълум гардид, ки пасоянди **-ро** дар ташаккули ибораҳои феълӣ бо муносибатҳои гуногуни наҳвӣ дар насри ин давра мақоми бузург дорад. Бо вуҷуди ин, вазифаи асосии ин пасоянд дар таркиби ибораҳои феълии осори хаттии ин давра ифода кардани пуркунандаи бевосита мебошад.

6. Хусусияти муҳимми ибораҳои феълии насри ин давра боз дар он аст, ки алоқаи вожаҳо бо ду воситаи грамматикӣ сурат мегирад. Дар алоқаи пешоянду пасояндӣ бештар пешоянди **аз** бо пасоянди **боз** омада, муносибати замониро сурат додаанд. Ин навъи ибораҳо, махсусан, дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ва «Латоиф-ут-тавоиф» ба таври фаровон корбаст шудааст.

7. Дар ташаккули ибораҳои феълии осори давраи мавриди пажӯҳиш, асосан, қолабҳои пешоянд+феъл+исм, пешоянд+феъл +ҷонишин ва пешоянд +феъл+зарф нисбат ба дигар қолабҳои феълӣ сермаҳсуланд.

8. Ибораҳои феълие, ки тавассути воситаҳои гуногуни наҳвӣ, аз ҷумла пешояндҳои номӣ, номии таркибӣ ва пешоянду пасояндӣ ташаккул ёфтаанд, ифодагари муносибатҳои пуркунандагӣ ва ҳолӣ мебошанд. Онҳо дар баробари тобишҳои гуногуни маъно шаклу қолабҳои гуногун доранд, ки тавассути ҷузъҳо ва воситаҳои алоқаи грамматикӣ пайдо мешаванд

# БОБИ IV. БАРРАСИИ ХУСУСИЯТҲОИ МАЪНОИИ ИБОРАҲОИ ФЕЪЛӢ

**4. Матолиби муқаддимотӣ.** Ибораҳои наҳвиро на танҳо аз рӯйи сохт ва воситаи грамматикӣ, инчунин аз ҷиҳати маъно ҳам таҳқиқ мекунанд. Моҳияти грамматикии ибораҳои феълӣ маҳз дар ягонагии сохту маънои он зоҳир мегардад. Ташаккули ибораҳои феълӣ на фақат ба хусусияти морфологии вожаи асосӣ ва калимаи тобеъ, инчунин ба хусусиёти лексикии онҳо робитаи зич дорад, чунки хосияти луғавию грамматикии ҷузъҳо яке аз омилҳои асосии ташаккули ибора маҳсуб меёбад. Ин нуктаро аксари забоншиносон низ таъкид кардаанд: «Дар ташкили ибора на фақат сохти морфологии калимаҳо, ки барои муносибат пайдо кардан воситаи муайяни алоқаи синтаксисӣ талаб мекунад, балки инчунин маънои луғавии калимаҳо низ мақоми бузург дорад. Маънои луғавии калимаҳо омили муҳимми пайваст шудани ҷузъҳои ибора ва шарти асосии ифодаи муносибатҳои мухталифи синтаксисӣ ба шумор меравад» [63; 9].

Бинобар ин, ҳангоми таҳқиқи ибораҳои феълии насри осори давраи мавриди назар ба эътибор гирифтани ҷиҳати маъноии ҷузъҳои онҳоро талаб менамояд, зеро ибораҳои феълӣ аломатҳои ашё, ҳодисаҳо, ҷараёни воқеаву ҳодисаҳои муҳити атрофи моро инъикос намуда, на фақат пайвастҳои грамматикӣ, инчунин пайвасти луғавию маъноӣ низ мебошанд.

Маънои луғавии вожаҳо омили муҳимми алоқаманд шудани ҷузъҳои ибораҳои феълӣ ва шарти асосии ифодаи муносибатҳои гуногуни наҳвӣ маҳсуб меёбанд. Бинобар ин, ибораҳои феълӣ на танҳо дар дохили ҷумла ҳамчун унсури сохти он, инчунин берун аз он ҳам чун воҳиди луғавию семантикӣ омӯхта мешаванд.

Ҷузъҳои ибораҳои феълӣ байни якдигар ҳамеша дар муносибати муайяни маъноӣ мебошад, яъне маъноии ибораҳои феълӣ аз маънои ҷузъҳои он ба вуҷуд меояд. Хусусияти маънои наҳвии байни ҷузъҳо бештар ба маънои луғавии калимаҳои дохили ибораи феълӣ муайян мегардад.

Чи тавре ки дар боло ишора рафт, дар таснифоти маънoии феъл, ки дар таркиби ибораи феълӣ ба сифати ҷузъи асосӣ сурат мегирад, ҳанӯз як қоида ё меъёри муайяни ҷудо кардани гурӯҳҳои маъноӣ мавҷуд нест: «…шиносоӣ бо вазифаҳои асосии забон нақши гуногун доштани воҳидҳои забонро вобаста ба мақсад ва хусусияти истифодабарии онҳо, роҳҳо ва тарзи мухталифи ифодаи маънои воҳидҳои забониро муайян мекунад ва, инчунин, бо назардошти махсусияти ин ё он функсияи забон таҳлили маънои ин ё он воҳиди забонро муқаррар мекунад» [13; 69].

Дар забони сарчашмаҳои хаттии асрҳои XV-XVI доираи маънои феъл дар таркиби ибораҳои феълӣ нисбат ба ҳамаи ҳиссаҳои нутқ фарохтар, дараҷаи амалиётнокӣ ва муассирии онҳо бештар аст, зеро он ба сухан бештар фаъолӣ, характернокӣ ва муассирӣ бахшида, дар фаҳми кас оид ба ҳодисаҳо таассуроти пурра пайдо мекунад. Аз ин ҷиҳат, ибораҳои феълӣ дар забони сарчашмаҳои хаттии ин давра гурӯҳи калонеро ташкил карда, ҳамчун воситаи забонӣ ва услубӣ нақши муҳим мебозанд.

Ин аст, ки муаллифони сарчашмаҳои хаттии давраи мавриди назар ба калимаву таркибҳо ва ибораҳои феълӣ аҳамияти махсус дода, шаклҳоеро интихоб карда гирифтаанд, ки онҳо нисбат ба ҳама воҳидҳои дигари забонӣ пуртаъсиртар, ба характери ҳодисаҳо мувофиқтар мебошанд.

Аз ҷониби дигар, дар забони сарчашмаҳои хаттии ин давра нисбат ба пешина як дараҷа равонтар шудани сохтори наҳвии забони адабӣ, сода шудани тарзи баён ва бе суханпардозиҳои зиёдатӣ айнан баён шудани фикр торафт пурра, суфта ва саҳеҳтар гардидани шаклҳо ва қоидаҳои наҳвӣ аз ҳарвақта дида бештар қувват гирифта, дар амал ҷорӣ мешуд.

Пеш аз ҳама, дар забони адабии давраи мавриди назар, агар услуби махсуси қисме аз шаклҳои алоҳидаро ба инобат нагирем, тарзи баёни печ дар печ вобаста ба ин иборасозию ҷумласозиҳои мураккаби душворфаҳм, ки ба пурра фаҳмидани фикр халал расонад, ба мисли пештара барин характернок нест.

Дар натиҷаи дигаргуншавии шароити иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маишӣ, сиёсӣ, ҷуғрофӣ рафта-рафта калима, истилоҳот, шаклҳои грамматикӣ, фарқҳои фонетикӣ, махсусан оҳанг ҳам дар забони адабӣ ва ҳам забони гуфтугӯӣ зиёдтар шуданд.

Ҳамин ақидаро Т. Зеҳнӣ инкишоф дода, чунин мегӯяд: «Яъне аз асри XV сар карда ба осори пурқиммати Абдурраҳмони Ҷомӣ, Зайниддин Восифӣ (Бадоеъ-ул-вақоеъ) ва осори шоироне, ки дар тазкираҳои Хоҷа Нисори Бухороӣ ва Мутрибии Самарқандӣ (асри XVI), Малеҳо (асри XVI) зикр ёфтаанд, инчунин тавассути «Куллиёти Сайидои Насафӣ», «Таърихи Муқимхонӣ» (асри XVII) ва монанди инҳо забонамон аз ҷиҳати таркиби луғавӣ ва баён услуби хос касб карда, ташаккул ва такомул ёфтан гирифт» [31; 7].

Ибораву ҷумласозиҳо аз рӯйи усули муқарраршудаистодаи соданависӣ торафт равону равшан шуда, ба хислатҳои услубии забони умумихалқӣ беш аз пеш наздикӣ пайдо мекунад. Чунин ҳолатро, махсусан дар «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»- и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, «Чаҳор гулзор»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, «Футувватномаи султонӣ», “Ахлоқи Муҳсинӣ-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Тухфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ, «Латоиф-ут-тавоиф»-и Алии Сафӣ ва монанди инҳо мушоҳида кардан мумкин аст.

Модом ки ибораҳои феълӣ воситаи мухталифи алоқа ва гурӯҳҳои ҳархелаи лексикию грамматикии вожаҳоро дар бар мегиранд, вобаста ба ин маъноҳои зиёди луғавию грамматикиро ифода менамоянд.

Таҳлили маводи сарчашмаҳои хаттии давраи мавриди назар собит сохт, ки дар таркиби ибораҳои феълӣ, асосан, гурӯҳи семантикии феълҳо, амсоли феълҳои ҳаракат, амал, ҳолат, муносибат, тағйирёбии ҳолату вазъият ва ғайра ба сифати ҷузъи асосӣ омада, исм, сифат, шумора, ҷонишин, масдар, ҳол, сифати феълӣ ва зарф чун ҷузъи тобеъ воқеъ мегарданд.

Бояд тазаккур дод, ки ибораҳои феълӣ яке аз гурӯҳҳои мураккабтарин ва гуногунтарини ибораҳои синтаксисии забони тоҷикӣ маҳсуб меёбанд.

Ибораҳои феълӣ яке аз ҳамин гуна гурӯҳҳо мебошанд, ки калимаи асосиашон аз феълҳо таркиб ёфта, ҷузъи тобеи онҳо ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ мутаалliқанд. Феъл дар низоми (системаи) ҳиссаҳои нутқ дар ташаккули ибораҳои феълӣ ниҳоят фаъол мебошад. Дар таркиби ибораҳои феълӣ бо феъл исм, сифат, шумора, ҷонишин, масдар, ҳол, сифати феълӣ ва зарф пайваст шуда метавонанд. Дараҷаи пайваст шудан, тарз ва шаклҳои алоқа, инчунин муносибатҳои маъноии ин гурӯҳи калимаҳо бо феъл мухталифанд. Дар байни ҷузъҳои ибораҳои феълӣ ҳам маънои луғавӣ ва ҳам маънои грамматикӣ, баробари муносибатҳои наҳвӣ мавқеи муҳим доранд. Бинобар ин ҳангоми таҳлили ибораҳои феълӣ ҳам маънои луғавӣ ва ҳам маънои грамматикии феълҳо ба назари эътибор гирифта шудааст, чунки маънои луғавӣ ҳарчанд асосӣ бошад ҳам, дар таркиби ибораҳои феълӣ вай бо маънои грамматикӣ зич алоқаманд аст.

Забоншинос О. С. Ахманова дар ишора ба ин масъала қайд менамояд: «Маънои грамматикӣ ҳам дар шакли мундариҷа ва ҳам дар шакли ифода бидуни маънои луғавӣ ҷудо буда наметавонад. Вале, маънои луғавӣ гарчанде асосӣ бошад ҳам, дар калима бо маънои грамматикӣ алоқаманд аст ва бидуни он ифода намешавад. Бад-ин ҷиҳат маънои луғавӣ ва маънои грамматикӣ хусусияти асосии калима ба шумор мераванд» [128; 68].

Аз ин лиҳоз, дар ин қисмати диссертатсия тобишҳои маъноии феъл дар робита бо хусусиятҳои луғавию грамматикӣ дар таркиби ибораҳои феълӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Маълум аст, ки дар муайян кардани хусусиятҳои маъноии ибораҳои феълӣ ҷузъи асосии он феълҳо мақоми аввалиндараҷа доранд.

Ин ҷиҳати нозуки масъаларо ба инобат гирифта, муҳаққиқи эронӣ Парвиз Нотили Хонларӣ, барҳақ, таъкид кардааст: «...бисёре аз матолиби марбут ба наҳв, яъне сохтмони ҷумла, дар форсӣ вобаста ба он аст ва то сохтмони феъл дуруст шинохта нашавад, наметавон баҳси дақиқу комиле дар хусуси ҷумла ба миён овард» [96; 3].

Мо низ ин нуктаи нозукро ба инобат гирифта, дар боби мазкур бо истифода аз усулу тарзҳои муайяни таҳқиқоти забоншиносӣ хусусиятҳои маъноии феълро дар таркиби ибораҳои феълии насри асрҳои XV-XVI мавриди баррасӣ қарор додем. Қайд кардан лозим аст, ки муқоисаи ҳаматарафаи ибораҳои феълии забони насри ин давра ба забони адабии ҳозираи тоҷик  нишон медиҳад, ки забони тоҷикӣ дар ин муддат, яъне дар асрҳои XV-XVI то имрӯз ба тағйироти куллӣ дучор нагаштааст. Дар забони насри асарҳои ин давра фақат доираи баъзе шаклу воситаҳои грамматикӣ маҳдуд гашта, шаклу воситаҳои дигар ба вуҷуд омадаанд. Вале фонди луғавӣ ва сохти грамматикии забони тоҷикӣ, ки чун асоси он қарнҳо боз хизмат мекард, ба тағйироти бузург дучор нашуда, вазифаи худро дар ин давраи дурударози таърихӣ муваффақона иҷро карда омада истодааст.

Дар рафти таҳлилу баррасии ин масъала инчунин вижагиҳои хоси ибораҳои феълӣ дар таркиби матн, муносибатҳои маъноии феълҳои сермаъно, баррасии маънои аслӣ ва маҷозии феълҳо, муайян намудани гурӯҳҳои маъноии ибораҳои озоди синтаксисӣ дар муқойиса бо ибораҳои фразеологӣ низ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, зеро як феъл метавонад дар шаклҳои гуногун (сода, сохта, таркибӣ) тобишҳои зиёди маъноро фаро гирад.

Дар ин қолаби ибораҳои феълӣ феълҳои ҳаракату амал, ҳолату вазъият мафҳуми таъсири ҳаракат, амалиёт, тағйири аломатро фаҳмонида, баробари ин маънои зиёди луғавию грамматикиро ифода кардаанд. Ин феълҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ метавонанд дар шаклҳои гуногун якчанд тобишҳои маъноро ифода кунанд. Масалан, дар насри асарҳои таҳқиқшаванда вожаи **печида** ба мазмуни феъли **печонидан** ба таври фаровон ба кор рафтааст. Чунин навъи ибораҳо хоси услуби Восифӣ буда, дар дигар сарчашмаҳои давраи мавриди назар кам дучор омад: *Онҳоро* ***дар коғази*** *ҳарири бағдодӣ* ***печида*** *[391]. Магасро гирифтам,* ***дар коғаз печида*** *аз шохаҳои дарахт мисли атторон рехта [830]. Гӯй, ки хозини тақдири явоқити руммонӣ гиребони дӯшизагони боғро* ***дар ҳарири хитоӣ печида*** *[130].*

Дар асар дар шакли **бипечид** ба маънои тоб хӯрдан, ҳалќа задан низ дучор омад: *Чун Мир Садруддин Юнус инро шунид,* ***бар худ бипечид*** *[516].*

Дар «Туҳфаи Сомӣ» ва «Латоиф-ут-тавоиф» ба мазмуни феъли печонидан ба кор рафтааст: *Баъд аз чанд рӯз ӯро* ***дар бурё печида*** *сӯхтанд [341; 31]. Валлоҳ, агар тамоми дунё* ***дар жандаи ӯ печида*** *будӣ, кирои гиристан накардӣ [338; 31].*

Дар «Баҳористон» феъли **печидан** ба маънои машғул шудан дучор омад:

*Ороста берун сарое дидем,*

***Дар мадҳи худовандӣ*** *саро* ***печидам*** *[118].*

Ҳамин тавр, дар байни дигар гурӯҳҳои луғавию грамматикии ибораҳои сарчашмаҳои хаттии асрҳои XV- XVI ибораҳои феълӣ ҳам аз рӯи сохт ва ҳам аз рӯи маъно навъи бойтарин ва серистеъмолтарин ба шумор меравaнд. Доираи истифодаи ҳам ҷузъи асосӣ (феъл) ва ҳам ҷузъи тобеъ аз бобати ҳайати луғавӣ бисёр васеъ мебошад.

Таҳқиқи ибораҳои феълӣ ба ҷуз муносибатҳои наҳвӣ ба назар гирифтани ҷиҳатҳои маъноии ҷузъҳои онҳоро низ талаб мекунад, зеро маънои луғавии калимаҳо омили муҳимми пайваст шудани ҷузъҳои ибора ва шарти асосии ифодаи муносибати гуногуни наҳвӣ мебошанд. Ҷузъҳои ибораҳои феълӣ байни якдигар ҳамеша дар муносибати муайяни маъноӣ мебошанд, яъне маънои ибора аз маънои ҷузъҳои он ба вуҷуд меояд. Характери муносибати наҳвии байни ҷузъҳо бештар ба маънои луғавии калимаҳои дохили ибораҳои феълӣ муайян мегардад. Инчунин дар ин қисмати диссертатсия ба масъалаи тобишҳои маъноии пешояндҳо ва хусусиятҳои зоҳиршавии онҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ, мавқеи пешвандҳо дар ташаккули феълҳои сохта дар ифодаи маъно низ таваҷҷуҳи даркорӣ зоҳир шудааст.

Маводи фароҳомоварда собит намуд, ки дар таркиби ибораҳои феълӣ ба сифати ҷузъи асосӣ, асосан, феълҳои ҳаракат, амал ва ҳолату вазъият ва амсоли инҳо омада, исмҳо, ҷонишинҳо, шумора, зарф, сифати феълӣ, феъли

ҳол чун ҷузъи тобеъ сурат мегиранд. Азбаски дар доираи ибораҳои феълӣ тобишҳои гуногуни маъно мавҷуданд, ҳар яке аз ин тобишҳои маъноро дар алоҳидагӣ аз назар мегузаронем:

## 4.1. Вижагиҳои маъноии феълҳои ҳаракат дар таркиби ибораҳои феълӣ.

Доир ба маънои гуногун доштани феълҳои ҳаракату амал С. Ҳалимов фикрашро чунин баён мекунад: «Маънои ҳаракату амал хеле гуногун аст: худи амале, ки барои таъсир расонидан ба объект равона карда шудааст /*хат **навиштан**...*/, ҳолат /***хобидан**...*/, ҷой дигар кардан дар масофаву масоҳат /***давидан**...*/, ҳодисаҳои гуногуни садо баровардан /***гап задан**...*/, зуҳуроти ягон аломат ё тағйироти аломату хусусият /***гарм шудан**...*/ ва ѓ. [102; 7].

Маводи осори давраи пажӯҳиш собит намуд, ки феълҳои ҳаракат дар таркиби ибораҳои феълӣ, асосан, маъноҳои барои таъсир расонидан ба объект, ҳолат, ҷой дигар кардан дар масофаву масоҳат, ҳодисаҳои гуногуни садо баровардан, зуҳуроти ягон аломат ё тағйироти аломату хусусият, ҷой ва мавқеи воқеъшавии ва паҳншавии амалу ҳолат, маънои самти ҳаракат: ҳаракат аз поён ба боло, ҳаракат аз боло ба поён, ҳаракат ба самт ва ғайраро ифода кардааст.

Ин қолаби ибораҳои феълӣ хеле серистеъмол буда, ҷузъи асосии онҳо, асосан, бо феълҳои ҳаракат, амал ва ҳолату вазъият ифода мегарданд. Дар насри ин давра ба сифати ҷузъи асосӣ инчунин гурӯҳи луғавии феълҳои мушаххаси ҷисмонӣ ё амал, гуфтору нутқ, феълҳои ҳолат, феълҳои амалу хоҳиш ва комёбишавӣ, феълҳои арзишу ченак ва ғ. ба таври фаровон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Махсусан, доираи корбурди феълҳои ҳаракату ҳолат ва амали **рафтан, омадан, гаштан, гардидан, расидан, бурдан, гузаштан, гурехтан, баровардан, андохтан, даромадан, даровардан, ниҳодан, нишастан, намудан, задан, кӯфтан, баромадан, баровардан, баркашида, гирифтан, баргирифта, барафрохта, бардавидан, барҷастан, бархостан, бардоштан, паридан, овехтан, ғалтидан афкандан/афгандан, гузаронидан, буридан,**

**хазидан, бозгаштан, бозомадан, даргузаштан, бозгардонидан, куштан, даркашидан, афшондан ва феълҳои таркибии боло рафтан, боло бурдан, боло нишастан, парвоз кардан, фурӯ омадан, фурӯ рафтан, фурӯ рехтан, фурӯ бурдан, фурӯ давидан, равон будан, равон шудан, рӯй ниҳодан, рӯй овардан, қадам бардоштан, раҳсипор будан, берун омадан, берун рафтан, фавт шудан, фирор намудан** ба сифати ҷузъи асосии ибораҳои феълӣ дар насри ин давра хеле васеъ аст. Ин феълҳо дорои вижагиҳои хоси маъноиянд ва дар забони насри асарҳои таҳќиќшавандаи ин давра низ хусусиятҳои мухталифи маъноии феълҳои мазкур ифода ёфтаанд. Дар таркиби ин навъи ибораҳо ба сифати ҷузъи тобеъ, асосан, исмҳо, ҷонишинҳои шахсӣ ва калимаҳое, ки ба вазифаи исм омадаанд, серистеъмол буда, барои пурагии маънои луғавии ҷузъи асосии ибораи феълӣ мавриди корбурд ќарор гирифтаанд.

Ҷузъи асосии феъл вобаста ба тарзи ифодаи ибораи феълӣ метавонад маъноҳои гуногунро ифода кунад. Масалан, феъли **рафтан** дар забони насри ин давра дар таркиби ибораҳои феълӣ тобишу маъноҳои аз ҷойе ба ҷойе равон шудан, тағйири макон кардан, воќеъ шудан, рӯй додан, мурдан ва ѓайраро ифода мекунад, лекин аксарияти ин маъноҳо як хел воқеъ намегардад. Чунончи, феъли мазкур дар ибораи **аз Ғазнин рафтан**–маънои тағйири макони ибтидои амал; **то ба Табристон рафтан** – маънои тағйири макони интиҳои амал; **аз Ҳирот ба Бухоро рафтан** аз ҷойе ба ҷойе равон шудан, тағйири макон кардан; **ҳамла миёни онҳо бирафт**-маънои воќеъ шудан, рӯй додан, ба амал омадан, **аз ҳаёт бирафт**-маънои вафот кардан, даргузаштан, мурдан ва ѓайраро ифода кардааст. Ќариб аксарияти фелҳои ҳаракат дар таркиби ибораҳои феълии забони насри ин давра дорои чунин хусусиятҳои хоси маъноиянд ва онҳо ба ғайр аз маънои муқаррарии худ боз барои ифодаи тобишу маъноҳои дигар низ омада метавонанд:

***рафтан*** *тағйири макони ибтидо ва оғози амал: Иттифоқан, ҳокими он диёр* ***ба ақсои он мулк рафта,*** *он арса аз мунозиъону муонидон холӣ буд [341; 63]. Пеш аз ин ба ду сол* ***ба ҳаҷ рафта*** *ба тавофи Ҳарамойни*

*Шарифайн мушарраф гашт [336; 87]. Рӯзе Ҳазрати Амир* ***ба роҳе мерафт*** *[338; 19];*

***рафтан*** *тағйири макони анҷом ва интиҳои амал: Чун фӯта басту* ***ба ҳаммом дарун рафт*** *[338; 97]. Сиддиқ* ***ба масҷид рафт*** *хоҷаи канизакро талабид [329; 73];*

***рафтан*** *равон шудан, тағйири макон кардан: Аз Ҳарӣ ба Тӯс омад ва «Шоҳнома» -ро гирифта,* ***то ба Табаристон рафт*** *[336; 467]. Аз ҷумла он ки* ***ба дукони полондӯзе рафта*** *ва гуфта, ки полони Амир Алишерӣ мехоҳам [341; 177].* ***Ба Хуросон рафта*** *ва дар он ҷо ба воситаи ҳарзагӯйӣ ба дасти Амир Абдуғанӣ, кушта шуд [341; 100];*

***рафтан*** *аз ҷойе ба ҷойе равон шудан: Аз ғариби умур он ки шабе ба хонаи дӯсте* ***ба меҳмонӣ рафта*** *[336; 467]. Бифармуд, то таомҳои гуногун тартиб доданд ва акобири шаҳрро* ***ба меҳмонӣ талабиданд*** *ва маҷлиси олӣ оростанд [336; 130]. Дар айёми ҷавонӣ* ***ба Шероз рафта****, назди алома Девонӣ таҳсил намуда [341; 106];*

***рафтан*** *ҳаракат кардан, равон шудан: Рабеъ бар мартабае аз он ҷавоб хиҷил гашт ва* ***аз маҷлис берун рафт*** *[338; 34].* ***Пеши эшон рафт*** *ва салом кард [338; 194]. Рӯзе бо ҷамъе аз ёрон ва шогирдон* ***ба лаби обе рафта*** *буд [338; 202];*

***рафтан*** *мурдан, даргузаштан, вафот кардан, марг, вафот:*

*Резад акнун хуни дил аз гунаи зардам ба хок,*
*Чун* ***равам дар хок*** *ҳам, з-ин гуна хун хоҳам гирист [329; 78].*

Чунон ки маълум аст, бояд аз рӯйи грамматикаи маъмули забони тоҷикӣ таркиби тарзи мафъулии феъл аз ҷузъҳои асосӣ аз феъли гузаранда ва феъли ёвари **гардидан / гаштан** ё **шудан** ва гоҳе **омадан** иборат бошад. Вале бар хилофи ин қоида дар насри ин давра, махсусан забони «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ба ҷойи феъли гузаранда феъли монда низ меояд:

*Аз ғароиби умур он ки шабе ба хони дӯсте* ***ба меҳмонӣ рафта шуда буд****, дузде қуфли дари хонаи мадрасаро бартофта ва ҳарчи ёфта*

*бурда...[834]. Фаќирро ба Самарќанд тарѓиб намуд ва дар баргаштани хавоќин ба ҳамроҳии вай* ***ба Самарќанд рафта шуд****[422].*

Дар иборањои **ба меҳмонӣ рафта шудан, ба Самарќанд рафта шудан рафтан** феъли монда буда, ҳамчун феъли гузаранда мавриди корбурд ќарор гирифтааст. Яъне, чун хилофи ќоидаи маъмулӣ дар насри ин давра аз феъли **рафтан**, ки феъли монда мебошад, тарзи мафъули (феъли маҷҳул) сохта шудааст.

Дар забони асарҳои таҳќиќшавандаи ин давра феъли **омадан** дар таркиби иборањои феълӣ ба сифати ҷузъи асосӣ маъноҳои рафта истода ба ҷойе расидан /муќобили **рафтан**/, содир шудан, рафтан, боридан, даромадан, пайдо шудан, ҳосил шудан, ба вуҷуд омадан, дохил шудан ва ѓайраро ифода кардааст. Ин феъл аз гурӯҳи феълҳои ҳаракат аз ҷойе ё ҳаракат ба ҷойеро ифода карда, вобаста ба ин самтҳои мухталифи ҳаракатро нишон додааст. Феъли **омадан** дар таркиби иборањои феълии забони насри ин давра хусусиятҳои мухталифи маъноиро ифода кардааст:

***омадан*** *рафтан: Шоире ба таваққӯи фоида* ***ба дари хонаи Маъни Зоида омад*** *[329; 70]. Пас ба чанд шутури ҷавон ӯро бихариданд ва* ***бар сари ӯ омаданд****, то ба қабилаи худ баранд [338; 20].*

Феъли **омадан** дар таркиби ибораи феълии насри ин давра чун феъли мустаќил гоҳ маънои аслӣ ва гоҳ маънои маҷозиро ифода мекунад. Ба ҷои барф боридан барф омадан ба кор меравад:

***омадан*** *боридан: Рӯзе* ***барфи азим меомад*** *ва боди сарди аниф меҷаст [338; 197];*

***омадан*** *ѓалтидан, задан: Шахсе аз боме бияфтод ва* ***бар гардани Мавлоно омад****, чунин ки мӯҳраи гардани ӯ қусуре ёфт [338; 129];*

***омадан*** *рафта истода ба ҷойе расидан: Чун Амир Темур вилояти Форсро мусаххар карду* ***ба Шероз омад*** *ва шоҳ Мансурро бикушт [338; 164];*

***омадан*** *ба маънои даромадан: Баъд аз чанд гоҳ ҷамъе ёрон азимати зиёрати ӯ карда, аз шаҳр рӯ ба он деҳа карданд ва* ***дар боѓи ӯ омаданд*** *[338; 203];*

***омадан** ба нишон расидан: Ногоҳ тире хато шуду **бар вай омад** [329; 954]. Тири вай **ба синаи кӯдаке омад** [338; 954];*

***омадан** ба чашм расидан, задан: Гӯсфанде аз касе бихарид ва он гӯсфанд пушкиле андохт, чунон ба зарб, ки **ба чашми роҳгузаре омаду** ӯро кӯр сохт [338; 137];*

***омадан** ҷамъ шудан: Дидам, ки марде хубсурат савор истода ва ҷамъе аз ғуломону ходимон **гирди ӯ** дар **омадаанд** [329; 45];*

***берун омадан** равон шудан аз дохил ба берун*: *Дидам, ки аламҳои сиёҳ **аз Кӯфа берун омад** [329; 63].*

Дар забони насри ин давра ҳолати ба охири феълҳо омадани –й//-е (йо-и ҳикоят) хеле мустаъмал буд. Ин пасванд дар забони осори асрҳои IX-X низ серистеъмол буд: «Ин пасванд (йо-и ҳикоят-А.Ғ.) одатан амали давомнокро ифода карда, пас аз бандакҳои феълӣ ҷой мегирифт ва шаклҳои замони ҳозира-оянда, замони гузаштаи ҳикоягӣ ва замони гузаштаи дури сиғаи хабарӣ месохт [51; 182].

Дар забони осори насри ин давра пасванди –й//е бештар дар таркиби феълҳои **омадан, баромадан, фиристодан, рафтан** дучор омада, амали давомнокро ифода мекунанд: *Марде аз аҳли бодия Зоҳир ном чун аз бодия **ба шаҳр омадӣ** [338; 13]. Охири ҳар рӯз **ба бом баромадӣ** ва рӯй ба офтоб кардӣ ва гуфтӣ [329; 23]. Ӯро бигӯй таоми ту ҳалол аст, аммо чун бар табақи ҳаром **пеши мо фиристодӣ**, яъне бар дасти зиндонбон, хӯрдани он моро раво нест [338; 35].*

Дар ин бобат ақидаи С. Ҳалимов қобили диққат аст: «Дар адабиёти классикӣ барои ифодаи амали давомнок ё такрорёфта дар замони гузашта шакли феълие ба кор бурда мешуд, ки аз шакли замони гузашта бо илова намудани морфемаи й/е сохта мешуд: рафтаме (мерафтам), рафтӣ (мерафт), рафтандӣ (мерафтанд) [102; 50-51].

Дар забони насри ин давра феъли **расидан** низ аз гурӯҳи феълҳои ҳаракат аз зумраи феълҳои сермаъно маҳсуб меёбад. Тобишҳои маъноии шаклҳои содаи ин феъл фаровон аст. Мисолоҳои таҳлилшуда исботи он аст,

ки феъли **расидан** дар таркиби иборaҳои феълӣ ба ғайр аз маънои муқаррарии худ боз маъноҳои мухталифро низ ифода мекардааст:

Феъли **расидан** дар як гурӯҳи иборaҳои феълӣ барои таъкиди таъинӣ ва итмоми амал ба кор рафтааст, чунки семантикаи феъли **расидан** маънои анҷомпазирӣ, баохиррасиро таќозо менамояд. Ѓайр аз ин тобиши маъноӣ дар чунин иборaҳо вобаста ба ҷузъи тобеъ метавонад гуногун бошад. Масалан, феъли мазкур дар шакли таркибӣ дар ибораи **ба хонаҳо хабар расонидан** ба маънои огоҳ кардан омадааст: *Аёз баъд аз муддате **ба хонаҳо хабар расонид,** дар вакте ки ҷамоати додхоҳон се каси муътабарро ба қатл расониданд [336; 649].*

Иборaҳои феълие, ки дар таркиби онҳо феъли **расидан** ҳамчун ҷузъи асосӣ омадааст, чунин тобишҳои маъноиро ифода кардааст:

***расидан*** *ба ҷойи таъиншуда омадан, ворид шудан, восил шудан: Дар ин сухан буд, ки **лашкариён расида** бар вай салом гуфтанд [329; 51]. Чун дар он барфу сармо Рашид **ба дари хонаи Адиб расид**, ҳалқа бар дар зад [329; 19]. Як бор **ба дари хона**и вай **расидам** [329; 65];*

***расидан*** пайваст шудан, тамос ёфтан: *Мурид он аст, ки аз нахуст бор, ки ҳазрати ҳақро нишон қасди ту созад, **то вай нарасад**, ба ҳеҷ чиз наёромад ва ба ҳеҷ кас напардозад [329; 18];*

***расидан*** *барои таъкиди таъинӣ ва итмоми амал: Чунон ки синни мубораки эшон **ба сиву ҳашт** сол **расид** [341; 49]. Иттифоқан, **ба ҷавони қассобе расидем** ва ҳар як дар фикр шудем [341; 314]. Ман аз он гуфтор хиҷил мешудам, **то ба Мадина расидем** [338; 14];*

***расидан*** баробар будан, ташкил додан: *Ва дар даруни он қалъа чоҳе эҳдос намуда буд, ки умқаш **ба дувист газ расида буд** [338; 348].*

Ин феъл дар шакли гузаранда /**расонидан** дар таркиби иборaҳои феълӣ ба маънои задан ва бо пешванди **ме-** маънои давомнокӣ ва такрорёбии амалро далолат мекунад: *Мирзо мулоҳиза фармуд, ки агар ин чӯбро **ба вай мерасонад**, аз ҳастии вай нишон намемонад [336; 637].*

Дар забони «Бадоеъ-ул-ваќоеъ» феъли **расидан** бештар дар таркиби ибораҳои фразеологӣ вомехӯрад. Восифӣ дар ин асар унсурҳои забон ва эҷодиёти шифоҳии халқ-идиомаҳо, зарбулмасалу маќолҳо, ибораҳои гуногуни адабиро беш аз пеш истифода карда, вобаста ба мундариҷаи идеявии асар онро ба таври махсус инкишоф ва такмил додааст: *Ва аз дасти захми пайпайи ханҷари ҳаҷру алам* ***корд ба устухон расида*** *[89].*

Дар гурӯҳи феълҳои ҳаракат феъли **бурдан** сермаъно буда, дорои хусусиятҳои хос мебошад. Яке аз хусусиятҳои хоси ин феъл чун дар забони ҳозира дар шаклҳои гуногун мавриди корбурд ќарор гирифтани он мебошад. Дар ин бора Б. Сиёев дуруст ќайд кардааст: «Хотирнишон кардан лозим аст, ки воситаҳои шаклсозу калимасози забонҳо умуман ва аз ҷумла забони тоҷик хусусан, ки имрӯз мустаъмаланд, маҳсули тараќќиёти чандинасара мебошанд. Он воситаю омилҳо дар инкишофи забони тоҷик дар марҳилаҳои муайяни такомули ин забон ба таѓйироти ҷудогонае дучор гардидаанд [88; 105].

Дар забони ҳозира ќайд мекунад С. Ҳалимов «феъли **бурдан** дорои шаклҳои морфологии **бурд, мебурд, бурда истода буд**… мебошад. Ин ҳар се шакл феъли замони гузашта мебошанд ва дар шахси сеюми танҳо омадаанд. Дар ҳамин шакл онҳо дорои маънои категорияи замон, шахсу шумора, намуд ва тарз мебошанд» [102; 35].

Ќайд кардан ҷоиз аст, ки дар забони насри ин давра аз шаклҳои боло танҳо шакли **бурдан** фаровон истифода шудааст. Доираи корбурди **мебурд** маҳдуд буда, шакли **бурда истода буд** тамоман дучор нагардид.

Дар насри ин давра феъли **бурдан** дар таркиби ибораҳои феълӣ вобаста ба тарз, усул ва таќозои услуб ҳангоми истифодабарӣ баробари маънои муќаррарии худ (интиќол додан) боз барои ифодаи маъноҳои дигар низ истифода шудааст:

***бурдан*** *ба воситаи чизе ё касеро ба ҷойе интиќол додан. Шиблиро ќаддасалоҳу таоло сирруҳу, шӯре афтод****, ба бемористон бурданд*** *[329; 20]. Он рӯз, ки дасту забонашро бурananд, мутааллиќон маро* ***ба хона бурданд***

*[334; 208]. Ҳофизро ба ҷаноби Мавлавӣ мизаннаи ташаййю пайдо шуда, эшонро* ***ба хона бурда****, маҳбус сохтанд [336; 73];*

***бурдан*** *кашидан: Ин мӯрро бинед, ки бо ин нотавонӣ бореро* ***бо ин гаронӣ*** *чун* ***мебарад****? [329; 160];*

***бурдан*** *дур кардан, аз миён бардоштан: Аз самои ѓанояш рахти ҳастӣ* ***ба саҳрои нестӣ бурд*** *[329; 61];*

***бурдан*** *гирифтан, ба даст овардан, ҳосил кардан: Валлоҳ, ин хешиест, ки сабаби он мешавад, ки ман* ***аз ту мерос барам****у ту аз ман мерос барӣ [329; 108].*

Агар ҷузъи тобеъ бо зарфи **боло** омада бошад, ибора бо феъли **бурдан** маънои ҳаракат аз поён ба болоро мефаҳмонад: *Ногоҳ гирдбоде пайдо шуд ба ҳеҷ ҷома таарруз накарду дастори Мавлоноро дар ҳам печида* ***ба ҳаво боло бурд*** *[338; 202].*

Дар забони насри асарҳои таҳќиќшавандаи асрҳои XV-XVI дар як гурўҳ ибораҳои феълӣ феъли ҳаракати **даромадан** ба сифати ҷузъи асосӣ сурат гирифта ба ибора тобиши маъноҳои дарун омадан, дохил шудан, ворид шудан, расидан, дохил кардан бахшидааст.

Феъли **даромадан** ҳам дар забони адабии пешина ва ҳам забони ҳозираи адабӣ ба маънои аслии худ ба чизе даромадан, дохил шудан, дохил гардидан, ворид шудан серистеъмол аст. Дар забони гуфтугӯ низ бештар ба ҳамин маъноҳо меояд. Дар ин хусус андешаи Н. Маъсумӣ ќобили диќќат аст: «Дар забони гуфтугӯӣ ба ҷойи ҳамаи инҳо асосан шакли **даромадан** истеъмол карда мешавад. Ғайр аз ин маънои машҳури умумиистеъмолии худ калимаи **даромадан** дар забони халқ **сар кардан**-ро ҳам дорад, ки синоними адабии он **шурӯъ намудан** ва **шурӯъ кардан** аст» [59; 131].

Дар забони насри асарҳои таҳќиќшаванда феъли **даромадан** дар таркиби ибораҳои феълӣ доираи васеи истифода дорад. Дар ин гурӯҳи ибораҳо исмҳои ифодакунандаи макон ва номи предмет **қаср, маҷлис, хона, боғ, хайма, ҳуҷра, кӯча, ҳарам, бозор, гармхона** ба сифати ҷузъи тобеъ омада, феъли **даромадан** ҳамчун ҷузъи асосӣ макони воридшавӣ ба дохили

предметро таъкид менамояд: Ин феъл ба сифати ҷузъи асосии иборахои феълӣ дар ифодаи маънои умумии ҷой ва маҳалли воқеъшавии амалу ҳолат омада, боз чунин маъноҳоро ифода мекунад:

***даромадан*** *дарун омадан: Вақте ки машғули хариду фурӯш буд,* ***аз ақиби вай даромада****, ӯро дар оғӯш гирифт [338; 13];*

***даромадан*** *дохил шудан:* ***Дар об даромадам****, чун баромадам, он лаълпораро наёфтам [338; 474];*

***даромадан*** *иҳота кардан: Дидам, ки марде хубсират савор истода ва ҷамъе аз ғуломону ходимон* ***гирди ӯ даромаданд*** *[329; 104];*

***даромадан*** *намоён шудан: Дар он асно назараш ба луқмаи вай афтад, мӯйе* ***ба чашми вай даромад*** *[329; 104];*

***даромадан*** *дохил шудан, ворид шудан: Рӯзе Амир Алишер* ***ба ҳуҷраи ӯ даромада*** *он манзилро чун хотири маҳзуни аҳли дил аз матоъи дунявӣ холӣ дид [341; 74].* ***Ба бозор даромада,*** *ғулому канизаке ва асбоби зебу зиннати хона аз гилему мис ва аспи базину лаҷом харидам [336; 477]. Рӯзе яке аз котибони девон* ***бар Ҳаҷҷоҷ даромад****у баъзе муҳиммот арз кард ва берун рафт [338; 83];*

***даромадан*** *ворид шудан:Чун* ***ба қасри Ҳорун даромад,*** *он азамату шавкат бидиду маҷлиси Ҳорунро мушоҳида кард [329; 80]. Офтобаи обе ба дасти он зан доду* ***дар хайма даромад*** *[329; 687]. Он мардак* ***ба гармхона даромад*** *[329; 102]. Рӯзе Амир Алишер* ***ба ҳуҷраи ӯ даромада*** *он манзилро чун хотири маҳзуни аҳли дил аз матоъи дунявӣ холӣ дид [341; 74];*

***даромадан*** *расидан:* ***Ба Самарқанд даромад****у худро зоҳир накард [329; 107]. Ҳам Абулайно вақте дар либоси маҳул* ***ба Исфаҳон даромад*** *[338; 115].*

Феъли **даромадан** ибораҳои феълие сохтааст, ки ҷузъи тобеи онҳоро, асосан, топонимҳо ташкил намудааст. Феъли **даромадан** дар ибораҳои зерин маънои дарун омадан, дохил шуданро ифода кардааст: *Аз бом фуруд омадаму мутанаккирвор* ***ба Кӯфа даромадам*** *ва ҳеҷ касро намешинохтам, ки пеши вай пинҳон шавам [329; 65]. Баъд аз се рӯз ба вақти чошт* ***ба бозори Нишопур даромадем*** *[336; 85].*

Агар ба сифати ҷузъи тобеъ зарфи макони **он ҷо** омада бошад, ибора вобаста ба семантикаи ҷузъи тобеъ маънои ворид шудан, дохил шудан ба маконро ба таври барҷаста нишон медиҳад: ***Ба он ҷо даромада,*** *паҳлӯ бар замин ниҳод [338; 10].*

Дар осори хатти ин давра феъли **даромадан** ба маънои **сар карда**, ки дар услуби гуфтугӯи бештар ба кор меравад, дучор мешавад: *Ҳазрати Мавлавӣ* ***ба такаллум даромада*** *ва қозизода аз ҷой бархост [336; 625].*

Дар ин ҳолатҳо феъли **даромадан** на танҳо ибтидо, балки давомияти амалро ҳам ифода мекунад. Ифодаи **сар кардан** бошад, бештар оғози амалро мефаҳмонад ва аз ин ҷиҳат дар ҳақиқат дар байни **даромадан** ва **сар кардан** як тобиши нозуки маъноӣ мавҷуд аст. Ба маънои **сар кардан** истифода шудани **даромадан** услубан ба тарзи баёни гуфтугӯӣ ҳамрангӣ пайдо кардани каломи нависандаро нишон медиҳад. Агар ин ҷумлаҳоро ба ҳам муқоиса намоем, он гоҳ дар як маврид ба маънои аслӣ –**дохил шудан**, аммо дар дар мавриди дигар ба маънои маҷозӣ **сар кардан** ва давом додан омадани калимаи **даромадан** ба осонӣ дарк карда мешавад: *Он ҳасуд бо ҷамъе аз дӯстону мусоҳибон* ***ба хонаи ман даромад*** *[329; 74]. Рӯзе Расулуллоҳ* ***ба хонаи Фотима даромаду*** *Алиро надид [329; 9].*

Дар «Баҳористон» феъли **даромадан** дар таркиби ибораҳои феълӣ ба маънои раҳсипор шудан низ мустаъмал аст: *Ҷомаи худ бар гирифтаму ба Аштар пайвастам ва ҳар ду савор шудему* ***дар роҳ даромадем*** *[329; 84].*

Ин феъл дар шакли таркибӣ ба маънои ѓайриаслӣ низ мавриди корбурд ќарор гирифтааст:

***даромадан*** *оѓози гиря кардан*: *Ман* ***ба гиря даромадам*** *[329; 84].*

Феъли **даровардан** низ ҳаракатро ифода мекунад. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ин феъл асосан ба ду маъно: 1. дохил кардан, дарун овардан; 2. баровардан, берун овардан омадааст [319; 333].

Ин феъл дорои хусусияти хоси маъноӣ буда, дар насри ин давра дар шакли сохта /баровардан/ фаровон истифода шуда, маъноҳои гуногунро ифода кардааст:

***даровардан*** *дохил кардан: Маро* ***ба манозили худ даровард****у дар ҳуҷрае, ки наздик ба ҳарами ӯ буд, бинишонд [63]. Маро* ***ба маҳфили худ даровард*** *[329; 63];*

***даровардан*** *дарун овардан: Моро* ***ба боғча даровард,*** *ки харбӯза кишта буд [329; 143]. Ӯро* ***ба маҷлиси Ҳорун даровард*** *ва дар он маҷлис Маъмун – писари Ҳорун ҳозир буд [338; 329];*

***даровардан*** *аз як ҷой ба ҷойи дигар интиқол додан: Ин чизе набувад, ки маро* ***аз як ҷой ба ҷойи дигар дароварад*** *[341; 89].*

Дар забони насри ин давра маънои ҳаракат дар таркиби ибораҳои феълӣ бо феъли **гаштан** шакли дигараш **гардидан** низ ифода меёбад. Ин феъл дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои сайру гашт, гардиш зикр ёфтааст [319; 261].

Тобишҳои маъноии феъли мазкур дар дигар фарҳангу луғатномаҳо ба маъноҳои «давр задан, роҳ рафтан, гардидан, дар ҳаракат будан» қайд гардидааст.

Дар ишора ба ин масъала забоншинос Д. Саймидднов таъкид мекунад, ки «навъи дигари ҳаракат дар забони форсии миёна ба воситаи феъли **wastan//gardidan гаштан, давр хӯрдан, баргаштан** баён ёфтааст [81; 151].

Дар «Система таджикского глагола» омадааст: «Феъли **гаштан** «давр задан», «роҳ рафтан», «чархидан», «дар ҳаракат будан», давомнокии ҳаракат ё амале, ки як ҳиссаи ҳаёти субъектро фаро гирифтааст, имкони интиқол аз ҷойе ба ҷойе ва тағйирёбии ҳолатро ифода мекунад» [251; 229].

Феъли **гаштан** дар забони насри ин давра барои ифодаи маъноҳои зерин корбаст шудааст:

***гаштан*** *гардиш ва такудав кардан:Тамоми* ***бозори Басраро бигаштам*** *ва беҳ аз об чизе наёфтам [338; 260].* ***Ба ҳар тараф мегаштем****у ҷой металбидем [338; 1079];*

***гаштан*** *давр задан: Қариб* ***ба як сол*** *дар он ҷо* ***саргардон мегашт*** *[341; 55];*

***гаштан*** *гардиш ва сайру ҳаракат намудан: Рӯзе Ҳорунаррашид* ***аз канори гӯристон мегузашт*** *[338; 316];*

***гардидан*** *гардиш ва сайру ҳаракат кардан: Либоси доноӣ бияфканду палоси расвоӣ пӯшид ва халиъулузор* ***дар кӯчаву бозори Мадина мегардид*** *[329; 61];*

***гардидан*** *ҳаракат кардан, равон шудан:* ***Аз ақиби ӯ равон гардида****, ӯро дар хоб дид [338; 10].*

Пешванди **би-** дар забони адабиёти пешина ба ҳамаи феълҳо ва шаклҳои феълии пешванди **на**-ва **ме-** доштагӣ истифода мешуд. Вале дар забони насри ин давра қоидаи истеъмоли он каме тағйир ёфта, ҳудуди истифодааш нисбатан маҳдудтар шудааст. Масалан, дар забони насри ин давра феълҳое, ки дар таркиби ибораи феълӣ бо пешванди **би-** омадааст, пешванди **на-** ва **ме-** қабул намекунанд. Ин меъёр то ҳол идома ёфта, дар забони адабии ҳозираи тоҷик феълҳое, ки пешвандҳои **на-** ва **ме-** доранд, дар ҳеҷ сурат пешванди **би-** қабул намекунанд. Чунин ҳолатро танҳо бо феълҳое, ки пешванди **бар-** доранд, дидан мумкин аст: *Кисроро гуфтанд, ки вукалои ту то аввал* ***аз нафақот нафъи худ барнагиранд*** *[338; 68].*

М. Н. Қосимова доир ба ин масъала қайд мекунад, ки: «Дар осори қадим махсусан дар луғатҳо ин пешвандро (би//бу - А. Ғ.) пешванди **бо**-и зиннат номидаанд. Ин пешванд вазифаи грамматикӣ дошта, баъзан барои даъфатан ба вуҷуд омадани амал ёрӣ мерасонад ва баъзан танҳо барои зиннат истифода мегардад» [51; 180].

Дар забони асарҳои насри асрҳои XV-XVI пешванди **би-** бештар дар таркиби феълҳои амалу ҳаракат шаклан ба таркиби асоси замони гузашта ва ҳозира даромадааст:

***гаштан*** *дар маконе, ҷойе давр задан, гардиш кардан*: *Қариб ба як сол* ***дар он ҷо саргардон бигашт*** *[341; 55]. Абӯлайно аз маҷлис берун омад ва ҳарчанд* ***дар бозорҳо бигашт****, барф наёфт [338; 231];*

***нишондан*** *касеро ба ҷойё шинодан*: *Пас* ***ӯро бинишонду*** *бифармуд то моида кашиданд [338];*

***гузаштан*** *аз ҷойе гузар кардан: ...дар канори кӯчаҳои Мадина мегашту* ***бар дари хона-хона мегузашт*** *[329; 73]. Охири кор ба кому ноком аз Астарободу Домғон****,*** *ки маҳорри ӯ буд,* ***ба ҷониби даште****, ки маскани туркманон аст,* ***гузашт*** *[341; 74];*

***гумоштан*** *таъин кардан: Султонбахт ном ғуломи сиёҳеро* ***ба дари боғ гумошт,*** *ки касеро дар боғ нагузорад [341; 193];*

***рабудан*** *чанг зада гирифтан: Чун дар камондорӣ соҳибқабза буда, ҷавонони он ҷо ӯро* ***аз дасти якдигар мерабуданд*** *[341; 193];*

***гурехтан*** *ба маънои фирор кардан бо суръат дур шудан: Имсол* ***аз вай гурехтаам*** *ва дар домани давлати ин бузург овехтаам [329; 228]. Мутаваҷҷеҳи ӯ шуд ва ӯ* ***аз Ҳазрат гурехт****у дар ақиби мардум пинҳон гашт [338; 13].* ***Аз вай бигурехтанд*** *ва Солеҳ бад аз он бифамуд, то бад-он шакл оҳан сохтанд [346; 223].Ишорат ба мағоке карданд, ки* ***дар он ҷо гурехта*** *буд [338; 21].*

Феъли ***гурехтан*** дар шакли замони ҳозираи феъли ***гурезонидан*** низ мустаъмал аст: *Дар санаи салоса ва ишруна ва тисъамиа бар сари Аловуддавлаи Зулқадр илғор фармуда* ***ӯро гурезониданд*** *[341; 49].*

Феъли таркибии **фирор намудан** ба маънои гурехтан дар насри ин давра низ дучор омад: *Панҷ навбат* ***аз Хуросон фирор намуда****, ба Нишопуру Астаробод Балху Сиистон ва Қандаҳор рафт [336; 1053].*

Феъли **ниҳодан** дар асл ба маънои гузоштан ба гурӯҳи феълҳои амал мансуб аст. Аммо таҳлили мисолҳо ба хулосае меорад, ки ин феъл дар таркиби ибораҳои феълии насри ин давра ба маънои ҳаракат низ меояд. Як хусусияти хоси феъли **ниҳодан** дар насри ин давра он аст, ки дар бештари ҳолатҳо дар шакли мустақил истифода мешавад ва чунин ҳолат дар забони ҳозира кам дучор мешавад.

***ниҳодан*** *фирор кардан, гурехтан: Аз вай даҳон кушодан ҳамон буду рӯбоҳ* ***рӯ ба гурез ниҳодан*** *ҳамон [329; 164];*

***ниҳодан*** *равон шудан: Ногоҳ боғбон огоҳ шуд: чубдасте бардошту* ***рӯй бар эшон ниҳода*** *[329; 151];*

***ниҳодан** аз ҷойе ба ҷойе равон шудан, тағйири макон кардан: Ва бино бар мухолифати ҳуккоми он ҷо **рӯй ба Астаробод ниҳод** ва он ҷо мутаваҷчеҳи Ироқ гашта [341; 391].*

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар асоси таҳлилу мушоҳидаҳои дақиқ муайян кардани хусусиятҳои маъноии феълҳои ҳаракат дар насри ин давра аҳамияти назарӣ ва амалӣ дорад. Феълҳои ҳаракат чунон ки дар забони ҳозира низ мушоҳида мешавад, вобаста ба самти воқеъ гардидани амал тобишҳои гуногуни маъноро ифода мекунанд. Феълҳои ҳаракат вобаста ба самти иҷроиши амал дар забони асарҳои таҳқиқшавандаи ин давра хусусияти хос зоҳир намуда, дар таркиби ибораҳои феълӣ барои ифодаи маъноҳои мухталиф, аз ҷумла маънои самти ҳаракат ба боло фаровон мавриди корбурд қарор гирифтаанд.

Мавриди зикр аст, ки феълҳои ҳаракате, ки дар таркиби ибораҳои феълӣ маънои самти ҳаракат ба болоро ифода мекунанд, мутаассифона дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ дар забони осори ин ё он адиб то ба ҳол ба таври таҳқиқоти алоҳида баррасӣ нагардидааст. Танҳо аз ҷониби муҳаққиқ Ж. Гулназарова нахустин бор вижагиҳои маъноии феъл дар «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ» мавриди таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Муаллиф ҳангоми баррасии ин мавзӯъ ба масъалаҳои назарияи маъно дар маъношиносӣ, таносуби маъноӣ, марзи маъноӣ, гурӯҳи луғавӣ-маъноӣ, тарз ва усулҳои таснифоти маъноӣ ва вижагиҳои маъноии феъл бештар дахл намудааст. Бояд ёдовар шуд, ки мо зимни таҳқиқи баъзе хусусиятҳои забони осори мансури ин давра андешаҳои ин муҳаққиқро роҷеъ ба вижагиҳои маъноии феъл ба асос гирифтаем.

Ж. Гулназарова ҳангоми баррасии ин масъала дуруст қайд мекунад, ки дар ифодаи маънои ҳаракат ба боло дар «Баҳористон», асосан, феълҳои **дамидан, рустан, рӯйидан, паридан, хестан, ҷастан, баромадан, бархестан, бархостан, барҷастан** ва феълҳои таркибии номии **боло омадан, боло рафтан, бар пой хостан** истифода шудаанд [13; 60-63].

Таҳлили забони осори дигари намояндагони ин давра нишон дод, ки баробари феълҳои мазкур боз дигар феълҳо, ба монанди **бардоштан, боло бурдан, боло мерафт, боло нишастан, парвоз кардан, боло ҷастан** ва ѓайра дар таркиби ибораҳои феълӣ маънои ҳаракат ба болоро ифода мекунанд.

Маънои самти иҷрои ҳаракат ба боло ба тобиши маънои пешванди **бар**, пешояндҳои **ба, бар** ва пешоянди номии **болои** низ зич алоқамандӣ дорад. Дар феълҳои сохта, ки тавассути пешванди **бар** ташаккул меёбанд, маънои ҳаракат ба боло барҷаста намоён шудааст. Тобишҳои маъноии феълҳои ҳаракати ин гурӯҳ дар фарҳангу луғатномаҳо шарҳу эзоҳ ёфтаанд. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» 8 тобиши маънои феъли **баромадан** шарҳу тафсир ёфтааст[319; 150].

Дар насри ин давра, махсусан забони «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ибораҳои феълие, ки ҷузъи асосии онҳо бо феъли **баромадан** маънои боло рафтан, баланд шуданро ифода кардааст, фаровон истифода шудааст. Ин феъл дар ќатори дигар феълҳои ҳаракат дар сохтани ибораҳои феълӣ наќши муҳим дорад. Маҳз тавассути пешванди **бар,** ки ба аввали феъл васл шудааст, маъноҳои боло рафтан, баланд шудан барҷаста намоён шудааст. Доир ба хусусияти хоси пешванди **бар** дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» чунин нукта ќайд гардидааст: «Префикси **бар** маънои ба боло, берун, бар, сатҳ ва қафо ҳаракат доштанро ба вуҷуд меовард [16; 228].

Муҳаққиқи таърихи забон Д. Саймиддинов бар он ақидааст, ки «пешванди **abar** –ҳаракат ё амал ба дарозӣ ва ё боло, ба рӯйи чизе ва ё наздик шудан ба чизе»-ро ифода мекунад» [82; 153].

Б. Сиёев доир ба пешванди **бар** чунин нуктаи ҷолиб пешниҳод кардааст: «Префикси **бар** форсии ќадим upariy форсии миёна apar дар асар («Таърихи Табарӣ»-А.Ѓ.) васеъ истифода шудааст. Ин морфема ҳам мисли дигар префиксҳо аслан бо феъл истеъмол мешавад [88; 121].

Дар асарҳои таҳќиќшавандаи ин давра феъли **баромадан** дар баробари ифода намудани маънои равон шудани амал ба боло, фавќ, баландӣ боз тобишҳои зерини маъноро ифода кардааст:

***баромадан*** боло рафтан: ***Ба болои он кӯҳ баромада*** *даруни он хона давидем, дидем, ки ду кас дар кунҷи хона нишастаанд [1082]. Ногоҳ* ***ба дарахт баромад*** *[241];*

***баромадан*** *баланд шудан: Ногоҳ шахсе* ***бар рӯйи фарши айвон баромада,*** *бар паси дари гунбад омад [1039].*

Феъли мазкур дорои хусусияти хоси маъноӣ буда, дар «Баҳористон» барои ифодаи маънои самти иҷрои ҳаракат ба боло фаровон истифода шудааст:

***баромадан*** *садо, овози баланд шудан: Алассабоҳ ғавғо* ***аз корвонсаро баромад*** *[74];*

***баромадан*** *боло рафтан, баланд шудан:* ***Ба минбар баромад****, вай бағоят фасеҳ буд [ 42]. Пас Мавлоно Аршод* ***ба минбар баромад*** *ва маҷлис гарм бигуфт [79].*

Дар забони насри ин давра муродифҳои грамматикии шаклҳои феълии замони ҳозира- оянда бештар бо ёрии вандҳои (аффиксҳои) ме-, -ӣ//е сурат мегирифт. Масалан, пасванди й//-е  дар охири феъли **баромадан** омада, маънои давомнокӣ ва такрори амалро ифода мекунад ва бо пешванди **ме-** муродиф мешавад: *Абӯалии Даққоқ гӯянд, дар охири умр чандон дард ба вай падид омада буд, ки охири ҳар рӯз* ***ба бом баромадӣ*** *[ 90];*

***баромадан*** *боло рафтан, баланд шудан: Бархост ва* ***ба он дарахт баромад*** *[338; 56]. Он гоҳ аз асп ба зер омад ва муште аз реги биёбон гирифт ва* ***бар асп баромад*** *[341; 16].*

Феъли **баромадан** бо ёрии феъли **гирифтан** дар таркиби ибораҳои феълӣ ба сифати ҷузъи асосӣ омада, давом додани амали саршударо мефаҳмонад: *Баъд аз замоне он мардро дағдағае шуд,* ***ба бом баромадан гирифт*** *[336; 989].*

Дар асари муҳаққиқон В. С. Расторгуева, А. А. Керимова низ дар ҷараёни таҳқиқу тасвири феълҳо дар бораи пешванди феълсози **бар** маълумот оварда шудааст: «Пешванди **бар** аз рӯйи баромади таърихӣ бо пешоянди **бар,**

ки ифодакунандаи ҷойгирӣ дар рӯйи ашё ё ҳаракат ба болост, тавъаманд» [251; 20-26].

Ибораи феълӣ бо пешоянди **бар** дар таркиби феълҳои зерин омада ба онҳо маъноҳои дар рӯйи ашё ё ҳаракат ба боло ва монанди инҳоро таъкид намудааст:

***баромадан*** *боло рафтан, боло баромадан: Маст* ***ба айвони масҷиди ҷомеъ баромада,*** *ба сари мардум бавл мекард [336; 255].*

Феъли **баровардан** дар насри ин давра серистеъмол буда**,** вобаста ба самти воқеъ гардидани амал маънои самти иҷрои ҳаракат ба болоро низ ифода мекунад. Ин феъл дар доираи ибораҳои феълӣ маъноҳои зайлро ифода кардааст:

***баровардан*** *баланд кардан: Сари ӯро* ***бар бом баровардa****, дар чоҳхонаи ман андохт [336; 745];*

***баровардан*** *берун кашидан: Ошиқу машуқ сина ба синаи якдигар ниҳоданду фарёд* ***аз аҳли маҷлис баровaрданд*** *[336; 576];*

***баровардан*** *боло рафтан, баланд шудан: Мирзоро* ***ба болохонае баровард*** *[336; 1110];*

***баровардан*** *берун овардан: Ва ончунон буд, ки ду кас дасторе* ***аз маҳкамаи ӯ баровардa****, даъвои ҳар як он буд, ки дастор аз они ӯст [338; 136];*

***баровардан*** *баланд кардан, бардоштан****:*** *Ва он мурдаро* ***дар сари ҳаммом баровардa*** *ниҳоданд [338; 927].*

Феълҳои ҳаракат, ки зикрашон дар поён меравад, барои нишон додани самти иҷрои ҳаракат ба боло сермаҳсуланд:

***баркандан*** *баровардан, ба боло баровардан, берун баровардан: Абӯҳошими суфӣ гуфтааст, ки кӯҳро* ***ба нӯги сӯзан баркандан*** *осонтар аст аз занги кибр аз дил бияфгандан [329; 27];*

***баркашидан*** *баланд кардан, боло кардан, баланд кашидан: Харро ба ресмон* ***бар пеши равзан баркашида*** *мазбут сохтанд [336; 255];*

***баргирифтан*** *боло бардоштан: Шоҳ Қосим* ***маро баргирифта****, бар китфи худ гузошт [336; 82];*

***барафрохтан*** *баланд, намудан, фароз кардан, баланд бардоштан:Аммо дар он ҷо бар хилофи эътиқоди аҳли Эрон нисбат* ***ба ӯ алами мазҳаби*** *испонашария* ***барафрохт*** *[341; 78]. Соябони абрро бар фазои ҳавои ҳомун барафрохт [336; 82].*

Дар китоби дарсии «Забони адабии ҳозираи тоҷик» доир ба пешванди **бар** чунин нукта ишора ёфтааст: «Префикси **бар** дар феъл маънои ба боло, бар рӯйи сатҳ ҳаракат доштанро ба вуҷуд меоварад. Масалан: омадан, баромадан, овардан- баровардан, хостан-бархостан, ҷастан-барҷастан ва ғайра [30; 305].

Ин пешванд дар баъзе феълҳо тобиши маъноие месозад, ки маънои луғавии феълҳоро дигар кунад ҳам, маънои нахустини он пешванд нигоҳ дошта намешавад:

***бардавидан****: Чун Мирзо воқиф гардид, рӯ ба гурез ниҳоду он кас дар қафояш давон то ба деворе расид ва ҳамчун кабки дарӣ* ***бар он девор бардавид****у аз вай халос шуд [336; 603].*

Таҳқиқи сарчашмаҳои хаттии асрҳои XV-XVI нишон доданд, ки феълҳое, ки маънои самти иҷрои ҳаракат ба боло доранд, дорои хусусияти хоси маъноӣ буда, дар шаклҳои гуногун мавриди истифода қарор дода шудаанд. Аз ҷумла феъли **ҷастан** ҳам дар шакли сода ва ҳам ҳам сохта дар шаклҳои замонии гуногуни феъл омада, маънои ҳаракат ба болоро ба таври барҷаста ифода кардааст.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» калимаи **ҷастан** чунин шарҳ дода шудааст: ***ҷастан*** 1. хез задан, паридан ҷаҳидан; 2. гурехтан, бадар гурехтан, бадар кардан; 3. халос шудан, раҳо шудан [320; 776].

Шаклҳои гуногуни феъли **ҷастан** дар забони насри ин давра барои ифодаи чунин тобишҳои маъно корбаст шудааст:

***частан*** *яку якбора аз ҷой хестан:**Аз ҷой бичасту** вайро ба садр нишонд ва дар сафи ниол нишаст [329; 103]. Саге **аз боме ба боме часту** боде аз ӯ раҳо шуд [338; 220];*

***барҷастан*** *хез задан, паридан, ҷаҳидан:Рӯбоҳи борикмиён зуд **аз сурох барҷасту** гурги бузургшикам дар он маҳкам шуд [329; 136]. Меше **аз ҷӯй барҷаст**, дунбаи вай боло афтид [329; 145]. Пас ба сӯйи онон, ки зери бозуяш мегирифтанд, даст баровард ва онон **аз ҷой барҷаста**, дасташ бигрифтанд [341; 178].*

Дар «Латоиф-ут-тавоиф» ба ин феъл пешванди **би-** илова шуда дар шаклҳои **бичаст** ва **бичаҳад** ба маънои «хез задан, ҷаҳидан» омада, ба ибора маънои таъкидӣ бахшидааст: *Аз суми аспи ин савор **оташе бичаст** [338; 272]. Қадре сӯхта гирифта ва дар ақиби ӯ медавам, шояд ки боридигар **оташ бичаҳад** [338; 272].*

*Феъли* ***частан*** дар шакли таркибӣ низ мустаъмал аст*: Ғарибу ғарибзодаҳоро чунончи одати маймун бошад, ба селоби фано дода ва худ **аз он маҳлака берун часта,** бағоят ғариб намуд [338; 265].*

Ин феъл дар таркиби ибораҳои феълӣ дар шакли **барҷастан** низ вохӯрда, ба маънои «зуд бархостан, аз ҷойе зуд ҷастан»-ро ифода кардааст: *Аштар **аз ҷой барҷасту** истиқбол кард ва салом гуфту даст бӯсид [329; 82]. Яминуддавла **бехуд гашта барҷасту** аз даре, ки қафои вай буд, берун давид [341; 266];*

***бархостан*** *ба по хестан, аз ҷой хестан: Ва Шиблӣ **аз бистар бархост** ва бар вай аз беморӣ асар на [329; 21]. Аштар **аз ҷой бархосту** истиқбол кард [279; 28]. Мирзо қабул намуданд ва **аз ариқаи подшоҳӣ бархоста**, ба даруни ҳамсаро даромаданд [336; 1172];*

***бархостан*** *ба ҳаракат омадан, азм кардан: **Бархезу он уштури гумшударо** суроғкунон бо он қабила бигузор ва бо ҳеҷ кас номи ман **мабар** [329; 28]. Пас имон бар вай арза кард ва вай имон овард ва Шиблӣ **аз бистар бархост** [329; 28]. Баъд аз он ки **аз хоб бархост**, бе он ки вузӯ созад, бунёди намоз кард [329; 97]. Нуаймон **аз ҷойи худ бархосту** пеши махрама омада*

*гуфт [338; 23]. Чун ворид шуд, Темур **аз ҷой бархоста**, мар ӯро дар канор гирифт ва бо рӯйи кушода пазира шуд [291; 24].*

Феъли мазкур дар шакли таркибии **бар пой хостан** низ дар сарчашмаҳои хаттии ин давра дучор гардид:*Пеши **халифа бар пой хост**, ки се чиз овардаам, ки ҷуз мулукро набояд ва ҷуз салотинро нашояд [329; 36]. Чу маро диданд, **бар пой хостанд**у таъзим ба ҷой оварданд [338; 68];*

***бардоштан** боло кардан, баланд бардоштан ба кор рафтааст: Яке аз ҳозирон **пораи санг бардошт** ва чунон ки нон пеши саг андозанд, пеши вай андохт [329; 98]. Вай доман **аз мӯза бардошт**, ки ин низ аз он аст [329; 48]. Ту он меваро аз дарахт канда будӣ ё **аз замин бардошта** будӣ? [336; 768].*

Феъли **бардоштан** дар шакли замони ҳозира ба маънои боло бардоштан мустаъмал аст: *Ин ҳардуро бардору **пеши ӯ бибар** [338; 47]. Ва он занҷирро кушод ва ба андак амал дарро **аз пошна бардошт** [336; 1038];*

***бардоштан** гирифтан: Аммо чун Иброҳим овози ғайб шунид, корд **аз ҳалқи Исмоил бардошт** [346; 61];*

***баровардан** баланд кардан:Зеро ки дурри гаронбаҳо аз қимати худ наяфтад, ҳарчанд ки кӯдаки ғаввос **аз дарё баровардa** бошад [336; 289]. Ногоҳ дидам, ки парипайкаре, ҳурманзаре, нозаниндухтаре **аз ғурфа сар баровард** [336; 974]. Сари ӯро **бар бом баровардa**, дар чоҳи хонаи ман андохт [336; 668].*

Феъли **паридан** дар таркиби ибораҳои феълӣ маънои ба ҳаво баланд шудан, ба воситаи пару бол парвоз карданро ифода кардааст: *Ногоҳ **мурғе бипариду** овоз кард [336; 51]. Ва гӯянд, ки **аз гӯшаи айвон** мусичае **парвоз карда**, худро дар канори Ҳофиз андохт ва қолаб тиҳӣ сохт [336; 25].*

Дар сарчашмаҳои хаттии ин давра дар таркиби ибораҳои феълӣ феълҳои таркибӣ ба маънои «боло паридан», баланд парвоз кардан» низ бисёр вомехӯрад: *Бозе **аз дасти Баккор** ибни Абдумалик ибни Мавон **парвоз кард** [338; 303].*

Феъли **паридан** дар «Латоиф-ут-тавоиф» дар шакли **барпарид** мустаъмал аст. Маҳз ба воситаи пешванди **бар**, ки ба аввали калима васл

мешавад, маънои самти ҳаракат ба боло барҷаста ифода шудааст: *Ногоҳ **мурғаке барпарид** ва овозе кард [338; 100].*

Аз таҳлили мисолҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки маънои ҳаракат ба боло дар ибораҳои феълӣ фақат ба воситаи ҷузъи асосӣ (феъл) ифода меёбад. Ба ғайр аз феълҳои сода ва сохтаи **дамидан, рустан, рӯйидан, паридан, хестан, ҷастан, баромадан, даромадан, бархестан, бархостан, барҷастан** ва ғайра ифодаи маънои ҳаракат ба боло чунон ки дар боло низ ишора рафт, ба воситаи феълҳои таркибии **боло омадан, боло рафтан, боло бурдан, боло давидан, боло гузаштан, парвоз кардан, бар пой хостан** низ сурат мегирад:

***боло рафтан*** *баромадан, баланд шудан: Муқаррабони салотин чун гурӯҳеанд, ки **ба кӯҳи баланд боло мераванд** [329; 46]. Рӯзе фақеҳ зани худро дид, ки ба **нардбон боло мерафт** [338; 254]. Биё то **болои пушта равем** [336; 518];*

***боло омадан*** *баланд шудан: Дидем, ки дар сабӯи азим **ба дӯши ман боло омаданд** [329; 22]. Айёр бо дасти ёрони худ ба нақб даромад ва **аз он чоҳ боло омад** [338; 274];*

***боло бурдан*** *ба восита ё ба воситаи чизеро ба боло интиқол додан: Ногоҳ гирдбоде пайдо шуду дастори Мавлоноро дар ҳам печида **ба ҳаво боло бурд** [338; 254];*

***боло нишастан*** *ба маънои дар баландӣ нишастан:Подшоҳеро гирдболише буд аз атласи хитоии ҳафтранг, ки шаб **болои он нишаста** [336; 648];*

***парвоз кардан*** *ба боло паридан:Куланг **ба ҷониби ҳаво парвоз кард** [338; 65]. Занбӯр ба суръати ҳарчӣ тамомтар **аз пайи куланг парвоз кард** [338; 65];*

***даромадан*** *ба парвоз омадан, паридан:Филҳол он маҳрам кабӯтаронро сар дод ва эшон ба болои сари он ду лашкар **ба парвоз даромаданд** [338; 63];*

***даргузаштан*** *гузашта рафтан:Он чи машҳур аст абёти он ҳазрат **аз навад ҳазор даргузашта** ва ба сад ҳазор нарасида [336; 441].*

Таҳлили мисолҳои зиёди забони насри ин давра нишон дод, ки маънои ҳаракат ба боло бештар ба воситаи феълҳои сода, сохта ва таркибии номӣ ва феълӣ сурат мегирифтааст. Агар дар феълҳои сода ин маъноро худи феъл ифода кунад, пас дар феълҳои сохта тавассути пешванди **бар** ва дар феълҳои таркибӣ ба воситаи ҷузъи номӣ ва феълӣ ин маъно ифода меёбад.

Дар забони насри асарҳои таҳќиќшавандаи асрҳои XV-XVI як гурӯҳ феълҳои ҳаракат дар таркиби ибораҳои феълӣ маънои самти ҳаракат ба поёнро ифода мекунанд. Доир ба ин навъи феълҳо дар як қатор асарҳои тадқиқотӣ маълумотҳо оварда шудаанд [59; 82; 31; 13].

Дар таркиби ибораҳои феълии сарчашмаҳои хаттии давраи мавриди назар, махсусан феълҳои ҳаракати **афтидан/афтодан, дарафтодан, рехтан, овехтан, боридан, фигандан, дарандохтан** ва феълҳои таркибии номии **фуруд омадан, фурӯ рафтан** ва ғайра ба маънои самти бо поён ҳаракат карданро ифода кардаанд:

***афтодан*** *аз боло ба поён фурӯ омадани ҳар чиз, ѓалтидан: Оқибат ба залозили қаҳр ва навозиши даҳр* ***аз он кӯҳ ба зер хоҳанд афтод*** *[329; 46]. Гадоеро харитаи орде* ***аз остини жанда афтода*** *ва гум шуда буду ӯ мегирист [338; 31]. Гӯянд дар шаби валодати ӯ чизе чун худ дар ҳаво падид омад ва чун* ***ба рӯйи замин афтод*** *[341; 24].*

Дар сарчашмаҳои хаттии ин давра шакли сохтаи феъли **афтодан-дарафтодан** низ фаровон истифода мешавад. Пешванди **дар** ба сари феъли **афтодан** омада маънои нав ҳосил мекунад. Чунин ҳолат дар забони адабии асарҳои пешина низ ба мушоҳида мерасад. Ин пешванд баробари феъли **афтодан** ба феълҳои **кашидан**, **мондан**, **расидан** ва ғайра илова гардида ба феълҳо тобиши нави маъноӣ мебахшад:

***дарафтодан*** *афтидан, ѓалтидан: Куланг* ***аз ҳаво дарафтод*** *[338; 65].*

Феъли ***афтодан*** дар шакли ***фитода*** низ дучор омад: *Аз по фитода, дигар барнахест [338; 56]. Ва монанди ҳарфест, ки ба саҳв* ***аз қалами котиб фитода*** *[336; 120];*

***даркашидан*** *нӯшидан, дам кашидан, тамом нӯшидан:Бар ин хотир қарор дода,* ***косаи ширро*** *баргирифту тамомро* ***даркашид*** *[336; 1050];*

***ғалтидан*** *афтодан, афтода ғелондан, андохтан бар замин: Дастҳои маро ба қафо бастанду сарҳои моро шикастанд ва аз ғор берун овwarданд ва аз баландӣ* ***дар поён ғалтониданд*** *[336; 1083]. Убайдуллохон, ки ин ҳикоят шуниданд, аз ханда* ***бар замин галтиданд*** *[336; 1319].*

Феъли **рехтан** дар таркиби ибораҳои феълии сарчашмаҳои давраи мавриди назар сермаъно ва серистеъмол аст. Дар таркиби ибораҳои феълӣ омада, маъноҳои гуногунро ифода мекунанд:

***рехтан*** *сарозер шудан, сарозер шудани моеъ бар рӯйи замин: Маълум шуд, ки* ***мор дар вай заҳр рехта*** *буда ва тутӣ бегуноҳ буда [336; 769]. Ва Мирзо пеш аз фиристондани Тайфур фармуда буд, ки чанд машк шароб* ***дар ҳалқи фил рехта*** *буданд [336; 661];*

***рехтан*** *ҷорӣ шудани моеъ, чакидан:Зан оғози гиря ва зорӣ карду аз шавҳар шикояти беҳад намуд ва басе* ***ашк аз дида бирехт*** *[338; 132]. Пир корде бикашиду хикро саросар бидарид ва тамоми асалҳоро* ***бар хок рехт*** *[338; 310].*

Ин феъл дар «Латоиф-ут-тавоиф» дар таркиби ибораҳои феълӣ бештар ба маънои рехтани моеъ ба дохили чизе ё касе бештар ба кор рафтааст. Исмҳои ифодакунандаи маънои узви инсон ба сифати ҷузъи тобеъ воқеъ мегарданд: *Пас бифармуд, то даҳ ман сурб оварданд ва бигудохтанду онро* ***дар гулӯи ҳокими*** *золим* ***рехтанд*** *[338; 60]. Ононро сахт биозурданд ва обу намак* ***дар гулӯяшон бирехтанд*** *ва хокистару оҳак дар комашон фурӯ бурданд [338; 24];*

***рехтан*** *пошидан: Ҳазрати хон ба масобае тираву мукаддар шуд, ки гӯё ташти хокистаре* ***бар сари вай рехтанд*** *[336; 321];*

***рехтан*** *афтодан, ғалтидан: Подшоҳе ба хоб дид, ки ҳама* ***дандонҳои ӯ бирехт*** *[338; 156].*

Феъли **рехтан** дар сарчашмаҳои хаттии ин давра, махсусан, дар «Баҳористон» ва «Бадоеъ-ул-вақоеъ» дар таркиби ибораҳои феълӣ маънӣ ва

тобишҳои нав зоҳир намуда, баробари маънои аслӣ доштан инчунин ба маънои ғайриаслии худ (маҷозӣ) низ мустаъмал аст: *Хӯрдан дар ҳазлу фисус овехтаи* ***обрӯи бузургӣ рехтан*** *аст ва ғубори зиллату орӣ ангехта [34]. Ва монанди ашк ӯро дар назари мардум ҷуз* ***обрӯй бар хок рехтан*** *ҳеҷ ҳунар не [ 98].*

Дар «Латоиф-ут-тавоиф» дар шакли сохтаи замони феъл дучор омад: *Метарсам, ки* ***пеш аз хӯрдани об хунам бирезад*** *[63]. Раво надонистам, ки дар ин ҳолат* ***хуни ӯ бирезам*** *ва нияти ҳақро бо ғарази ботил биёмезам [34].*

Ин феъл дар «Баҳористон» дар шакли сохта **бирехт** ба кор рафтааст: *Дасти ман бар қадаҳ омаду сарнагун шуд ва* ***ширҳо бирехт*** *[83].*

Дар сарчашмаҳои хаттии ин давра муродифи феъли **рехтан чакидан** низ мустаъмал буда, дар таркиби ибораҳои феълӣ ба маънои резон шудани моеот ба таври қатра-қатра омадааст: *Шамъро дид, ки ба поён расида ва равған аз шамъдон* ***бар рӯйи гилем чакидан гирифта*** *[336; 657]. Овози шарфаи об омад, ғолибан, ки сақфи обхӯри гармхона афтода,* ***аз канораи дег об мечакад*** *[336; 1025];*

***овехтан*** *овезон кардан, муаллақ намудан: Гурбае* ***дар гардани уштур овехт*** *[329; 111]. Баъд аз он ҷуволи пур аз регро* ***аз равзани хона овехта ва*** *онро ҷамъе ба як ҷониб мекашиданд [336; 657];*

***овехтан*** *часпидан, ҷанг задан: Миёни эшон ҷанг ба масобае шуд, ки* ***дар якдигар овехтанд*** *[338; 309]. Абудирос, ки Фарзадоқ номи ӯст, муҳташабро дид, ки* ***дар марде овехта*** *ва мехост, ки ӯро тозиёна занад [338; 221];*

***афшондан*** *пошидан: Мебояд, ки фардо дари дукони худро* ***оби бисёр афшонӣ,*** *ба мартабае, ки гил шавад [336; 990];*

***қай кардан*** *аз меъда бо роҳи даҳон берун андохта шудани таом: Баъд аз он даҳон бар он коса ниҳода,* ***он ширҳо қай карду*** *дар сӯрох даромад [336; 425];*

***афкандан/ афгандан*** поин, зер партофтанро ифода мекунад. Феъли ***афкандан/афгандан*** дар таркиби ибораҳои феълӣ доираи васеи истеъмол

дорад. Ба сифати ҷузъи тобеъ бештар исмҳои ифодакунандаи номи ашё воқеъ мегарданд: *Ӯро оби даҳон* ***ба ҷониби он Ҳазрат афканд*** *[336; 64]. Хусрав бифармуд, то сари шоҳинро баркананданду* ***ба саҳро афкананд*** *[336; 65]. Сари ӯро аз тан барканда ва болҳои ӯро дарҳам печида* ***дар даруни дег афганд*** *[336; 873].*

Феъли **афгандан** дар забони насри ин давра дар шакли **фиганда** низ дучор омад: *Ва ҷиҳози зоти алвоҳи сафоинро* ***аз кӯҳи кӯҳон фиганда****, бо сарбонони ҳамл ҳамла меоваранд [336; 36].*

*Аз сифла нили макрамат уммед доштан,*

*Киштӣ* ***ба мавҷи муззаи хирман фикандан*** *аст [329; 155].*

Дар сарчашмҳои хаттии пешина феъли **афгандан** бо калимаи **андар**, ки ба сари феъл ҳамчун пешванд омадааст, дар шакли **андар афгандан** мустаъмал будааст. Пешванди **андар** бо феъли **афгандан** омада, ба феъл тобиши наве бахшидааст:

***андар афгандан*** *худро ба зӯрӣ ба даруни ҷамъе дохил кардан: Ва агар бор надиҳад,* ***хештанро андарафганӣ*** *ва бо хоҳиш ва тозарру ва зорӣ пеши ин кор* ***бозшавӣ*** *[335; 174].*

Дар «Нузҳат-ул-аврох» сарчашмаи хаттии асри XIV феъли **афкандан** дар таркиби ибораҳои феълӣ дар ифодаи ҳамин маъно серистеъмол будааст: *Фатҳномаи рафъаташ касре* ***дар Корхонаи Касро афканда*** *[22].*

Феъли **андохтан** аз гурӯҳи феълҳои ҳаракат дар ифодаи маънои самти иҷрои ҳаракат ба поён сермаъно аст:

***андохтан*** *дарафкандан: Аммо Ёқутро устодаш лати бисёр карда, сари ӯро шикаста,* ***дар хона андохт*** *[329; 180];*

***андохтан*** *партофтан ба ҷойе: Гӯянд, ки дар ҳангоми ҷавонӣ ҷавоне Содиқ ном ӯро* ***дар ҳавзи обе андохта*** *ва дасташро маҷрӯҳ сохт [341; 142];*

***андохтан*** *афгандан: Бародарони Юсуф золим буданду мегиристанд, яъне омаданд бародарони Юсуф, баъд аз он ки ӯро* ***дар чоҳ андохтанд*** *[338; 133]. Чун инро шунидам, аз идбори худ дар тааҷҷуб мондам, ки қазо маро* ***ба манзили касе андохтааст*** *[329; 63].*

Феъли **андохтан** дар шакли замони ҳозира **андоз** дар насри ин давра мустаъмал аст:

***андозидан*** *афкандан, партофтан*: *Филфавр бадеҳае бигӯй, то бар тир баста ва* ***ба лашкари Санҷар андозанд*** *[338; 133]. Мехост, ки* ***ба чоҳи*** *ҳубуташ* ***андозад*** *[341; 61];*

***андохтан*** *худро ба мулки дигар андохтан, азми мулки дигар кардан: ...худро* ***ба тарафи Ҳинд андохт*** *[341; 55]. Ба иноёти бедареғ махсус буда, бидонад, ки муддате шуд, ки роёти нусрат оёти партави марҳамат* ***бар*** *ин* ***диёр андохта*** *[336; 376];*

***андохтан*** *дохил кардан, андохтан: Яке аз бузургони динро дар хоб дидам, ки* ***оби даҳон*** *даҳани ман* ***андохт*** *[341; 336]. Шоире маҳмалгӯй пеши эшон гуфт, ки дӯш Хоҷаи Хизр алайҳиссаломро ба хоб дидам, ки оби даҳони муборак* ***дар даҳони ман андохт*** *[338; 175];*

***андохтан*** *паррондан: Ва сабаби вафоти вай он буд, ки рӯзе султон* ***аз даруни хиргоҳ тире андохт*** *[329; 110]. Рӯзе Мутаваккил камони гурӯҳае ба даст дошт, бундуқае* ***ба ҷониби гунҷишке андохт*** *ва хато шуд [338; 82];*

***андохтан*** *ба маънои густурдан, паҳн кардан:****Боғе тарҳ андохта*** *онро мавзеи ба «Боғи умед» гардонид [341; 181].*

Феъли **андохтан** ба исмҳо алоқаманд шуда, феъли таркибии номӣ месозад. Ин феъл дар таркиби феълҳои номӣ чун ёридиҳанда омада, вазифаи грамматикиро адо менамояд ва азбаски маънои аслии луғавии он як андоза нигоҳ дошта шудааст, ба феъли таркибии номӣ тобиши иловагии луғавӣ мебахшад: **андохтан-тир андохтан, андохтан-назар андохтан** ва ғайра: *Аммо Ёқутро майл ба хат навиштан буд ва Ҳиндухоҷаро завқ* ***ба тир андохтан*** *[336; 879]. Ва* ***дар он саҳро*** *камон бар даст дошт ва* ***тир меандохт*** *[338; 186]. Чӯбе ба китфи Ҳайдар расонид, ки дасти Ҳайдар аз кор рафт, чунонки ӯро маҷоли* ***чӯб андохтан намонд*** *[336; 637];*

***андохтан*** *дарафкандан, андохтан чизеро ба тарафе: Султони Миср ҷамоатеро, ки оташ* ***дар хонаҳои эшон андохта*** *буданд [329; 64]. Ба муқаддасоти он оташ* ***дар хонаҳои эшон андохтанд****у бисӯхтанд [329; 64].*

*Пас худро **аз шутур андохт** ва ба ҳар сӯ давид ва аз шутур нишон наёфт [338; 60].*

Дар забони насри ин давра ин феъл дар шакли таркибӣ –**дарандохтан** , ки аз рӯйи маънӣ ва вазифа бо феъли **андохтан** баробар аст, серистеъмол аст.

Феъли **дарандохтан** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин шарҳ ёфтааст: 1. ҳаво додан, андохтан чизеро ба тарафе. 2. андохтан, ҷойгир кунондан [319; 325].

***дарандохтан*** *аз баландие (ин ҷо асп, маркаб) ба зудӣ фуромадан:*

*Худро **аз маркаб дарандохт**у пеш давид, ки рикоби Баҳромшоҳро бибӯсад [338; 60]. ...юсуфвор ба бозораш бурдам ва бар харидорон шамоилу ахлоқаш баршумурдам, ногоҳ дар зии аҳли нозанинсаворе, балки дар хонаи зин зебонигоре он ҷо расид ва ба гӯшаи чашм он ғуломро бидид ва худро **аз борагӣ дарандохт** ва дар паҳлӯи ӯ манзил сохт [329; 76]. Баданҳои куштагонро **дар майдонҳо дарандохтанд**[341; 137].*

Шарҳи аввалӣ дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» бо феъли овардаи мо мувофиқат мекунад, яъне дар ин ҳолат ба маънои ҳаво додан ба поён бо тағйири сурат омадааст.

***дарандохтан*** *паррондан*: *Ва камони пурзӯр мекашид ва **тирро аз камон дармеандохт** [341; 60].*

Дар забони насри ин давра феълсозӣ бо пешвандҳои **дар, бар, боз** ҳодисаи маъмул буд. Хусусияти муҳимми ин пешавандҳо дар он буд, ки онҳо бо тобишҳои маъноии нозуку дақиқ дар ташаккули феълҳои сохта нақши муҳим дошта, амали феълро дар таркиби ибораҳои феълӣ аз ягон ҷиҳат пурраю мукаммал мегардонданд. Баъдан, маънии луғавии ин пешвандҳо оҳиста-оҳиста суст шуда, мавқеи худро ба сохтани феъли таркибӣ вогузор кард, яъне яке аз феълҳои матлуб бо исм ва ё сифат ҳамроҳ шуда, феълҳои мураккаб сохта шудан гирифт.

Ин навъи шаклҳои феълӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ серистеъмоланд. Бо пешванди **дар, бар, боз** сохтани шаклҳои сохтаи феълӣ хоси забони классикӣ буда, баъдтар ин тамоил тавассути асарҳои Садриддин

Айнӣ ба забони адабии ҳозираи тоҷикӣ дохил шудааст. Масалан шаклҳои **барангехтан, дарангехтан, даррафтан, дарандохтан, даргузаштан, даррасидан, даргузаронидан**, **дармеовард** бештар дар асарҳои Айнӣ ба кор рафтааст. Як қисме аз ин феълҳои сохта дар таркиби ибораҳои феълӣ маънои самти иҷрои ҳаракат ба поёнро доранд:

Дар «Баҳористон» феъли **даргузаштан** дар шакли **дарнамегузарондан** дучор омад, ки ба маънои хато ё гуноҳи касеро авф кардан, бахшидан ба кор рафтааст: *Дасташ бибуред, ки ман ин гуноҳ **аз вай дарнамегузарам** [329; 54].*

Пешванди **дар** ба ин навъи феълҳо на танҳо оҳанги махсуси таъкидӣ мебахшад, инчунин аҳамияти калимасозӣ низ дорад. Дар ин масъала ҳақ ба ҷониби Н. Маъсумӣ аст, ки дар вақташ муътақид буд: «Бинобар ин дар баробари бо **дар** кор фармудани ин хели феълҳо баъзе аз онҳоро ба шаклҳои дигари синонимӣ иваз кардан ҳам мумкин аст. Агар ин гуна шакл бо таъкиди тобиши сӯй, макон ё замон омада бошад, ба синоними дигар иваз шудани он ба пешоянд низ таъсир мекунад. Масалан, аз Аҳмади Дониш «Об аз баҳр доим фаввора дар ин боғча дармеравад» (ба ин боғча меравад-ба ин боғча медарояд). Агар ин гуна тобиш мавҷуд набошад, иваз шудани феъл ба ҳеҷ кадом калима таъсир намебахшад. Чунончи, «Садо дардоданд» -садо бароварданд» [59; 235].

Дар осори хаттии асрҳои XV-XVI дар таркиби ибораҳои феълӣ шакли ***дарафканда*** низ дучор омада ба маънои андохтан, рехтан истифода шудааст: *Чун мардуми қалъа бад-он хабар ёфтанд, дарзамон бишитофтанд ва **оташу борут бад-он дарафканда** тамомиро бисӯхтанд [341; 142].*

Пешванди **дар** гоҳ мисли пешванди **бар** дар мобайни **ме-** ва феъл дохил мегардад ва бо **ме-** баробар тасриф мешавад: ***Аз вай даргузаштанд** ба ҷӯйи обе расидам дар ѓояти бузургӣ, ки он об дар боѓе медаромад [329; 1064]. Ман, ки **дар ҳар сарой медароям**, шумо аз паси ман медароед [336; 1070];*

***дарнавардидан** аз адлу инсоф даст кашидан: Доман аз ихтилоти ӯ дарчид ва бисоти инбисот **аз ӯ дарнавардид** [329; 44].*

Дар сарчашмаҳои хаттии давраи таҳқиқшаванда калимаи **фурӯ** ва **фуруд** ҳамчун феъли таркибии номӣ дар таркиби ибораҳои феълӣ серистеъмоланд. «Маънои мустақили калимаҳои **фурӯ** ва **фуруд**, **фаро** хеле суст шуда бошанд ҳам, онҳо ҳанӯз пурра ба гурӯҳи префиксҳои калимасози феъл нагузаштаанд. Бинобар ин бо феъл омадани онҳо зоҳиран ҳамчун феъли таркибии номӣ воқеъ мегардад: **фуру рафтан, фурӯ нишастан, фурӯ овардан, фурӯ бурдан, фуруд омадан, фуруд овардан»** [58; 273-274].

Таҳлили мавод гувоҳи ҳол аст, ки дар сарчашмаи хаттии давраи мавриди назар калимаи **фурӯ** ва **фуруд** дар таркиби ибораҳои феълӣ ба феъли асосӣ илова шуда, маънои ба поён равона шудани амалро хеле барҷаста ифода кардааст. Дар забони адабии ҳозираи тоҷик, махсусан дар забони гуфтугӯ ба кор рафтани ин шакли феълӣ дучор меояд: «Дар забони гуфтугӯ префикси **фурӯ** ба аввали феъли **рафтан, бурдан, шудан** омада, маънои «чӯкидан, даруну нишеб»-ро мефаҳмонад: *Боми хона фуру рафт. Ӯ ин нонро нахоида фурӯ бурд»* [31; 194 ].

Дар забони дарӣ феъли мазкур дар шакли сохта дар таркиби ибораҳои феълӣ мустаъмал аст. Пешванди **фуруд**, одатан, бо феълҳои мутаҳаррики **омадан** ва **овардан** дучор гашта, ба нуқтаи маълум равона шудани амалро мефаҳмонад: *Нахуст каландашро як-як **ба замин фуруд овард*** [109; 106].

Пешванди **фурӯ** (шакли кӯтоҳи фуруд) дар забони порсии бостон ва порсии миёна–паҳлавӣ собиқа доштааст. Парвиз Нотили Хонларӣ дар «Таърихи забони форсӣ» қайд мекунад: «47 қайдҳои фуруд, ки мухаффафи он аст, шояд дар забонҳои эронии бостон мафҳуме муодил (мусовии) нишеб доштааст. Дар паҳлавӣ, таъкид мекунад ӯ, ба сифати фуруд мондани пешванди феъл ва ҳам дар мақоми ҳарфи изофа (пешояндҳои мафъулӣ) ва ҳам қайд (зарф) ба кор рафтааст. Ва дар форсии дарӣ ҳар се мавриди истеъмол дорад: Агар биҷунбонӣ ӯро фуруафтад бар ту хурмои тару тоза» [96; 185].

Т. Зеҳнӣ, барҳақ, таъкид намудааст, ки: «Дар забони адабӣ, ҳатто дар забони тоҷикии асри XV дар байни ду шакл (фуруд/фурӯ-А. Ғ.) омезиш ба

амал омадааст. Ғайр аз ин, дар вақти тасриф **«ӯ»** -и сонӣ ва **«д»** низ меафтад. Масалан, феъли мураккаби «сар нафуровардан» [31; 196].

Дар забони дарӣ қайд мекунад Ғ. Ҷӯраев –«пешванди фурӯ ба дохили предмет равона шудани амалро мефаҳмонад ва ба феъл тобиши итмомшавӣ мебахшад: *Гиря роҳи гӯлуяшро фурӯ баст [109; 106].*

Дар забони «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ (а.IX-X) пешванди **фуруд/фурӯ** дар таркиби фелҳои ҳаракат маънои самти амал ба поёнро ифода кардааст. Онҳо ба таркибу феълҳо танҳо маънӣ илова мекунанд. Бинобар ин, ин аффиксҳо ҳамчун морфемаҳои махсус ба амали феъл танҳо ќобилияти маъноиловакунӣ дошта, дар фардӣ ба ин хусусият соҳиб намебошад. Аз ин ҷо чунин мебарояд, ки дар морфемаҳои мазкур вазифаи грамматикӣ табиати лексикии онҳоро фурӯ бурдааст. [88;107].

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» оид ба шарҳу тавзеҳи феълҳое, ки бо пешванди **фурӯ**, **фуруд** омадааст, маълумоти саҳеҳ оварда шудааст [320; 445].

Дар насри ин давра пешвандҳои **фурӯ**// **фуруд** дар таркиби феълҳо омада, тобишҳои маъноии зайлро сурат додаанд:

***фуруд омадан*** *поён омадан, ба зер омадан, фаромадан:* ***Аз бом фуруд омадам*** *[329; 65]. Вай савор буд,* ***аз асп фуруд омад*** *[329; 59]. Шоҳмуҳаммад якеро фармуд, ки* ***аз асп фуруд омад*** *[336; 1224]. Рӯзе* ***дар манзиле фуруд омада*** *буданд [336; 20];*

***фурӯ рафтан*** *ба зер рафтан, нишеб шудан, ба даруни чизе даромада рафтан, ғалтидан:* ***Ба об фурӯ рафт****, вайро мавҷ бибурд ва ба ҷойе буд, ки гӯиё ҳаргиз набуд [329; 152]. Ҳама* ***дар вартаи саргаштагӣ фурӯ рафтанд*** *[341; 57]. Ту гӯйӣ, ки чоҳи ҳавлнок аждаҳоест, аз ҷониби дум то даҳон* ***ба замин фурӯ рафта*** *[336; 351];*

***фурӯ рехтан*** *ба зер рехтан:Дар замон аз асп ба зер омада,* ***бар замин фурӯ рехтанд*** *ва аспонро ба чаро раҳо карданд [341; 14];*

***фурӯ овардан*** *аз боло ба поин овардан, фуровардан: Пас ӯро ба ба канори деворе бидошт ва деворро* ***бар вай фуруд овард*** *ва касонро бикушт*

*[341; 56]. Ин суханро, шунидам, худро ҳамчунон касе дидам, ки ӯро **аз аспи давлат фуруд оварда** бошанд [336; 512];*

***фурӯ кашидан** нигоҳ доштани чизеро аз ҳаракат, ҷилави чизеро кашидан: Ва танобе аз миён боз карду дар гардани қозӣ афканд ва хост, ки ӯро **аз минбар фурӯ кашад** [338; 280]. Искандар дар ғазаб шуду бифармуд, то ӯро **аз он асп фурӯ кашиданд** [338; 280];*

***фурӯ бурдан** даркашидан, фурӯ додан: Ва гоҳ ки дар маҷлис нишаста буданд, дод мекарданд, ки **тарёкаш фуру бурда** [341; 208]. Онопро сахт биозурданд ва обу намак дар гулӯяшон бирехтанд ва хокистару оҳак **дар комашон фурӯ бурданд** [341; 56]. Иттифоқан, як меваащ пухтаву муҳарро гашта бар замин афтода буд ва море бар вай расида, **дандон дар вай фуру бурда** ва заҳр дар вай рехта [336; 766].*

Шакли ***фурӯ бурдан*** дар каломи манзуми осори давраи мавриди назар низ бештар ба кор рафтааст:

*На ҳар садаф, ки **фурӯ бурд қатраи борон,***

*Даруни синаи ӯ гашт ҷойи дурдона [338; 37];*

***фурӯ хондан** бозхондан, нукта ба нуқта хондан, сартосар хондан:**Мавлоно хоҷа Исломиддин ин қиссаи аҷоибу ғароибро ...ба фуру хонд** [338; 56]. Мавлоно Хоча Исломиддин ... пас аз бозгашт аз Ҳиҷоз ба соли 814 (1411-12) дар яке аз билоди Рашт ба номи **Ҳоҷитархон ин шеърро,** ки муқоисаи даврони иқбол ва идбори он диёр суруда буд, **ба фурӯ хонд** [338; 56];*

***фурӯ давидан** ҳаракати зуд ба поён: Ӯ ба муносибати ҷинсият ба он тифл майл карду пас хазид то он ҷо, ки дасти модар ба вай расиду тифлро рабуд ва **аз бом фурӯ давид**у дасту пойи Амир аллаҳисссаломро бибӯсид [338; 28];*

***фурӯ нишастан** паст шудани оташи ғазаб: Аҳмад берун омаду ӯро ҳабс карду нигоҳ дошт, то вақте **ғазаби Маъмун фурӯ нишаст** [338; 71];*

***фурӯ гирифтан*** *забт кардан, муҳосира кардан: Зани беваам чаҳор тифли норасида дорам ва маро дар ин шаҳр чаҳор сароест, ки ҳамаро* ***лашкариёни ту фурӯ гирифтаанд*** *[338; 95];*

***фурӯ мондан*** *аз хондан бозмондан:Ногоҳ* ***дар миёни қироат фурӯ монд*** *ва «ҳасар» шуду муқадиён ба ҷиҳати ҳурматдошти ӯ илқои оят намекунанд [338; 71];*

***фурӯ хӯрдан*** *авф кардан, бахшидан: Имом фармуд, ки* ***хашм фурӯ хондам*** *[338; 29];*

***фурӯ гузоштан*** *авф кардан, бахшидан: Аввал, бо абдулбатн, ки барои луќмае ва камтар аз он* ***туро фурӯ гузорад*** *[338; 33];*

***фурӯ шудан*** *афтидан, фурӯ нишастан:Ва дар вабои омме, ки дар он сол* ***дар он ҷо*** *воқеъ шуда буд,* ***фурӯ шуд*** *[341; 214];*

***фурӯ мондан*** *озод шудан:Ва сар намекарду аз ғояти дардмандӣ дар тоби муҳриқ афтида буд ва аттиба* ***аз муолиҷа фурӯ монда буд*** *[338; 46];*

***фурӯ бастан*** *пӯшидан, пӯшондан: Замахшарӣ соҳиби «Кашшоф» дар хони Каъба нишаста буду* ***дар фурӯ баста*** *[338; 71]. Маломат бар он аст, ки зару дирҳами хазоинро* ***бар рӯйи мо фурӯ мебандӣ*** *[338; 124];*

***фурӯ фиристодан*** *зуд ба дохили чизе равон кардан: Чун интизор аз ҳад гузашт, касе* ***ба чоҳ фурӯ фиристоданд*** *[338; 275].*

Дар осори хаттии ин давра дар таркиби иборaҳои феълӣ шакли **фурӯ гурехтан** доираи маҳдуди истеъмол дорад. Ин ќабил иборaҳои феълӣ, ки шакли **фурӯ гурехтан** ба сифати ҷузъи асосӣ корбурд шудааст, дар «Туҳфаи Сомӣ» дучор омад. Ибораи феълӣ бо шакли **фурӯ гурехтан** маънои ба поин, нишеб фирор кардан, дур шуданро нишон додааст: *Ба итмоми таърихи наср тавфиқ ёфта, пештар аз ихтимоми таърихи манзум низоми ҳаёташ* ***аз силсилаи бақо фурӯ гурехт*** *[129].*

Дар насри ин давра як гурӯҳ феълҳои ҳаракат дар таркиби иборaҳои феълӣ маънои ҳаракат ба сӯйе (самте)-ро ифода кардаанд. Ин гурӯҳи феълҳо дар насри асарҳои давраи мавриди назар доираи васеи корбурд доранд ва вобаста ба маънои ҷузъи асосӣ (феъл) самтҳои гуногуни ҳаракатро ифода

мекунанд. Инҳо, феълҳои содаи **шитофтан, гузаштан, гузаронидан, омадан, буридан, расидан, даррасидан, гаштан, гардидан**, **хазидан** маҳсуб меёбанд, ки дар насри давраи мавриди назар доираи васеи истеъмол доранд. Ба ҳамин тарз дар таркиби ибораҳои феълии осори хаттии ин давра феълҳое, ки зикрашон дар боло рафт чунин маъноҳоро ифода мекунанд:

***шитофтан*** *шитоб кардан: Баъд аз як ҳафта ин фақир ба қадре сиҳҳатӣ ёфт,* ***ба ҷониби Тошканд шитофт*** *[336; 384];*

***гузаштан*** *гузар кардан: Вақте Сиддиқи Акбар дар аёми хилофати худ дар канори кӯчаҳои Мадина мегашту* ***ба дари хона-хона мегузашт*** *[329; 73].*

Агар ба феъли **гузаштан** пешванди **ме-** зам шавад, он гоҳ ибораҳо маънои таъкиди итмоми ҳодисаи давомноки амалро ифода мекунанд: *Рӯзе Ҳаким Анварӣ* ***дар бозори Балх мегузашт****, ҳангоме дид, пеш рафт ва сар дар миён кард [338; 167]. Рӯзе* ***дар кӯчае мегузашт*** *ва ҷамъе атфол бозӣ мекарданд [338;272]. Анушервони Одил* ***ба роҳе мегузашт****, пиразане ҷавзин мекошт [336; 1250]. Рӯзе* ***дар бозори Молик мегузашт*** *[336; 1223].Туро кай расад, ки* ***аз пеши ман бигзарӣ*** *ва салом накунӣ? [338; 128].*

***гузаронидан*** *убур кардан, чизеро аз ҷойе ба ҷойи дигаре интиқол додан: Ба лаби обе расид ва мехост, ки он гандумро* ***аз об бигузаронад*** *[338; 272];*

***омадан*** *рафтан**:** Ба таҳсил* ***ба Бухоро омад*** *ва ба шогирди сӯзангаре ошиқ шуд [329; 114];*

***омадан*** *барои таъкиди натиҷаи амали давомнок ва наздикшавӣ ба сӯй: Рӯзе он подшоҳи олиҷоҳ* ***ба расми шикор берун омада буд*** *[336; 650]. Бегоҳ чаҳор байт гуфта шуда буд, ки ҷамъе аз ёрон ба расми меҳмонӣ* ***ба бандахона меомаданд*** *[336; 861];*

***буридан*** убур кардан, гузаштан: *Як рӯзу як шаб ва рӯзи дигар* ***то ба шаб роҳ буриданд*** *[329; 74];*

***расидан*** *омадан: Як бор* ***бар дари хонаи вай расидам*** *[329; 65]. Дар ин сухан буд, ки* ***лашкариёни вай расиданд****у бар вай салом гуфтанд [329; 51].*

*Ҳолӣ ки ба ҷиҳати истилоҷ назди ту меомадам,* ***ба дари дӯкони каллапазе расидам*** *[338; 151];*

***расидан*** *ба ҷойи таъиншуда омадан: Як рӯзу як шаб ва як рӯзи дигар то шаб роҳ буриданд, то* ***ба он диёр расиданд*** *[329; 81]. Баъд аз панҷ рӯз* ***аз Бухоро мужда расид*** *[336; 346]. Зарифе* ***ба дари масҷид расид*** *[338; 222];*

***расидан*** *рафтан:* ***Ба шавҳар****и худ* ***бирас****, ки дар чашми вай сафедӣ воқеъ аст [329; 91].*

Баъзан ин феъл дар шакли замони ҳозира низ истифода шуда, маънои ба ҷойи таъиншуда омаданро далолат мекунад: Чун **ба Ѓазнин расем**, ба ёди ман деҳ [336; 470].

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» феъли **даррасидан** ба маънои «фаро расидан, расида омадан, омадан» зикр ёфтааст [319; 334].

Феъли **даррасидан** дар таркиби ибораҳои феълии насри ин давра, махсусан, дар «Латоиф-ут-тавоиф» ба таври фаровон дучор омад:

***даррасидан*** *расидан, расида омадан*: *Аъробие* ***аз бодия даррасид*** *[94]; Халифаи Баѓдод бо арабе* ***аз бодия даррасид*** *[98];*

***бурдан*** *бо восита ва ё бевосита аз як ҷо ба ҷои дигар интиќол додани касе ва ё чизеро: Чу Фирдавсӣ бишнид, оҳ кашид ва беҳуш бияфтод, ӯро* ***ба хона burданд*** *[336; 470];*

***гаштан*** *давр задан: Чун Фирдавсӣ ба Баѓдод мурољиат намуд, ба Тус даромад,* ***дар бозор мегашт****, кӯдаке бо овози ҳазин мехонд [336; 469];*

***гардидан*** *ба самте рафтан: Либоси доноӣ бияфканду палоси расвоӣ пӯшид ва халиъулузор* ***дар кӯчаву бозори Мадина мегардид*** *[329; 61];*

***хазидан*** *оҳиста ба ҷойе рафтан: Тифле ширхора* ***ба сари новдон хазид****, вақте ки модараш ғофил буду дасташ ба вай намерасид [338; 75].*

Дар «Баҳористон» феъли **бардоштан** дар таркиби ибораҳои феълӣ серистеъмол буда, баробари маънои аслии худ, инчунин ба маънои ғайриаслӣ мустаъмал аст:

**бардоштан** пеш гирифтан, раҳсипор шудан ба ҷойе: *Ин бигуфту* ***роҳи қаъри дарё бардошт*** *ва ѓукро бар соҳил танҳо бигзошт [157].*

Дар забони насри ин давра феълҳои таркибии **равон шудан, равон гаштан (гардидан), рӯй ниҳодан, қадам задан, дар роҳ даромадан, қадам бардоштан, пеш омадан, роҳи рафтан бардоштан, равон будан, пешӣ гирифтан, ташриф овардан** дар таркиби ибораҳои феълӣ ба сифати ҷузи асосӣ омада, маънои ҳаракат ба сӯйе, тараферо ба таври барҷаста нишон додаанд:

***равон шудан*** рафтан: *Пас дасти канизакро бигрифту **ба хонаи худ равон шуд** [329; 63]. Бояд, ки **аз роҳи Бағдод равӣ** ва Ҷунайдро зиёрат кунӣ [336; 790].*

Дар ибораи **аз роҳи Бағдод равӣ** пешоянди **аз** ҳамчун муродифи пешоянди **бо** мавриди корбурд қарор гирифтааст.Дар забони ҳозираи адабии тоҷик чунин ибораҳо, асосан бо пешояди **бо** сурат мегиранд.

Шакли **равон гаштан/гардидан** дар таркиби ибораҳои феълӣ омада маънои рафтан, раҳсипор шуданро ифода кардааст: *Ва ба ҷониби дари чаҳорбоғ равон гашт ва ман дар ақиби вай [336; 1038]. **Аз ақиби ӯ равон гардида**, ӯро дар хоб ёфт [338; 10]. Тӯҳафу ҳадоёи муносиб тартиб намуда қосиде **ба ҷониби Бухоро равона гардид** [336; 807]. Ва ҳар яке **ба гӯшае равон шудем** [336; 62];*

***рӯй ниҳодан*** *ба тарафе ҳаракат кардан, равон шудан: Дид, ки қурси ноне гардон-гардон аз шаҳр берун омаду **рӯй ба саҳро ниҳод** [329; 156]. Бадеъуззамон Мирзо ба тарафи Замини Довар гармсайр шуд ва бинобар мухолифати ҳуккоми он ҷо **рӯй ба Астаробод ниҳод** [341; 55]. Ва ин матоъ дар Мовароуннаҳр бештар ба даст меафтад, **рӯй ба он диёр ниҳода** ва дар он ҷо фавт шуд [341; 227]. Фирдавсӣ аз он ҷо **рӯй ба Бағдод ниҳод** [336; 468].*

***рӯй овардан*** *равон шудан ба тарафе ҷойе: Чунон ки дар ватани аслии худ натавонист буд, **рӯй ба Ироқ овард** [341; 177];*

***дар роҳ даромадан*** *равон шудан, раҳсипор шудан: Ҷомаҳои худ баргирифтаму ба Аштар пайвастам ва ҳар ду савор шудему **дар роҳ***

***даромадем** [329; 84]. Ё Расулуллоҳ, ба ҳамаи аъзои худ **ба роҳ дароям** ё чизе гирифта берун гузарам [338; 17];*

***роҳи саҳро гирифтан** ҳаракат ба самте, ҷонибе: Ҳазрати Амир малул шуду аз масҷид берун омад ва **роҳи саҳро гирифт** [338; 10];*

***раҳи рафтан бардоштан** равон шудан: Ва ин бигуфту домани суҳбат бигузошт ва бад-ин тарона **раҳи рафтан бардошт** [329; 71];*

***пешӣ гирифтан** пеш гузаштан: Пас бо ҳазрат мусобиқат кардем ва ман **бар ӯ пешӣ гирифтам** [338; 10];*

***ташриф овардан** омадан,бо омадани худ сарфароз кардан: Алассабоҳ ҳазрати Амири Араб **ба мадраса ташриф оварданд** [336; 361].*

Чи тавре ки пештар қайд карда будем, дар таркиби ибораҳои феълӣ кор фармудани шаклҳои гуногуни пешояндҳо, ҳаматарафа истифода намудани вазифа ва тобишҳои маъноии онҳо яке аз хусусиятҳои услубӣ ва забонии осори хаттии ин давра маҳсуб меёбад. Ин хусусият инъикоси яке аз ҳодисаи таърихи забони адабии тоҷик мебошад. Масалан, дар ифодаи маънои ҳаракат ба сӯйе, ба тарафе, ба ҷонибе пешоянди **ба** чи дар забони осори гузашта ва чи дар забони ҳозираи адабӣ назар ба дигар пешояндҳо сермаҳсул аст. Ин аст, ки аксари ибораҳои феълии бо пешоянди **ба** бо феълҳои ҳаракат маънои ҳаракат ба сӯйе, тарафе, ҷониберо нишон медиҳанд.

Бояд гуфт, ки пешоянди **ба** равоншавии амали феъли асосиро ба ягон тараф нишон медиҳад. Масалан, дар ибораи феълӣ ягон амал оварда шуда бошад, самти ҳаракати он ба воситаи ҷузъи тобеъ нишон дода мешавад. Ҷузъи асосӣ бошад, бо феълҳое ифода мешавад, ки мафҳуми ба ягон тараф (баландӣ, боло, фавќ) равоншавии амалро нишон медиҳанд. Масалан, дар ибораи **ба болохона баровардан**, ки феъли **баровардан** ба шарҳи сӯйи макони амал ҳаракат ё амал эҳтиёҷ дорад, ба туфайли мафҳуми макон доштани ҷузъи тобеъ /**болохона**/ маънои макон барҷаста намоён мешавад: Ӯро **ба болохона бароварданд** *[338; 232]*.

Агар дар ин сурат ба сифати ҷузъи тобеи ибора исми ифодакунандаи номи ашё сурат гирад, он гоҳ ибора маънои макону объектро якҷоя ифода

мекунад: *Ногоҳ **ба дарахт баромада**...[336; 271].* Чунин навъи ибораҳо дар забони насри ин давра фаровон аст.

Дар забони ҳозира ќайд мекунад С. Ҳалимов «Баъзе феълҳои таркибӣ аз пешоянди «ба», масдар ва феъли мустаќили ба вазифаи феъли ёвар омада сохта шудаанд: **ба хондан даромадан, ба хӯрдан даромадан** [102; 26].

Чунин ҳолат дар забони насри ин давра низ дар таркиби ибораҳои феълӣ ба назар мерасад. Феълҳои харакат дар шакли таркибӣ дар забони насри ин давра барои ифодаи маънои ҳаракат ба самте серистеъмоланд:

***қадам бардоштан*** *роҳ рафтан, равон шудан: Чун суҳбат мутамадӣ шуд, хоҷа чунон ки донӣ, **ба зарурати** баъзе ҳоҷати инсонӣ **қадам бардошт** [329; 75];*

***роҳи рафтан бардоштан*** *ба самте ҳаракат кардан: Ва ин бигуфту домани суҳбат бигузошт ва **бад-ин тарона роҳи рафтан бардошт** [329; 75]. Ин бигуфту **роҳи қаръи дарё бардошт** ва ғукро бар соҳил танҳо бигузошт [329; 132].*

Муносибати маъноии бо ҳиссаҳои асосии феъл доштаи таркибҳои феълии **берун омадан, берун овардан, берун рафтан** дар таркиби ибораҳои феълии насри ин давра ба ин тарз аст:

а) Дар як гурӯҳи ибораҳои феълӣ таркиби **берун омадан** ҳамчун ҷузъи асосӣ ба маънои аслии худ омада амали равоншавӣ аз дохил ба берунро нишон медиҳад: *Аҳмад **аз хона берун омаду** ӯро нигоҳ дошт [338; 71]. Абулайно **аз маҷлис берун омад** ва ҳарчанд дар бозорҳо бигашт, барф наёфт [338; 231]. Хоҷа **дар берун омаду** ӯро дид, ки ба фароғат нишастааст [338; 166]. Ин мариз дид, ки море **аз он ҷо берун омаду** ба гирди хона сайр намудан гирифт [338; 803].*

Ин ҳолат бештар дар ҳангоме рух медиҳад, ки ҷузъи асосӣ ба маънои реалӣ омада, исмҳои мафҳуми макон, номи ашё ба сифати ҷузъи тобеъ ба кор раванд.

б) Феъли таркибии **берун омадан** дар таркиби ибораҳои феълӣ маънои ба самте, ба макone азм гирифтан, рафтанро ифода кардааст: *Дидам, ки*

*аламҳои сиёҳ* ***аз Кӯфа берун омад*** *[329; 63]. Ӯ аз ҷумлаи хулафои номии Нурбахшия аст ва дар ҷавонӣ* ***аз он ҷо берун омада*** *ва дар Шероз раҳми иқомат андохтааст [341; 133]. Иттифоқан ҳам дар он рӯз халифа* ***ба шикор берун омаду*** *Асъомӣ дар мулозимат буд [338; 103].*

Чи тавре ки пештар ишора кардем, ҳолатҳое мешавад, ки ҷузъи асосӣ пеш аз ҷузъи тобеъ воқеъ мегардад: *Ҳамеша бар аҳли маҳалли худ собиқаи дар* ***берун омадан аз масҷид****, зеро ки ман ҳамеша мутааххири эшонам дар дарун шудан ба масҷид [338; 246].*

в) Гурӯҳи дигари ибораҳои феълӣ бо феъли таркибии **берун рафтан** маънои самти ҳаракатро бо тобиши маънои мақсад ифода мекунад. Ин қолиби ибора дар осори хаттии ин давра, махсусан дар «Латоиф-ут-тавоиф» серистеъмоланд: *Ва маншаи ин малос он аст, ки ҷамъе аз аъраб иттифоқ карда, аз қабилае* ***ба шикор берун рафтанд*** *[19]. Рӯзе дар фасли баҳор бо ҷамъе ёрон* ***ба саҳро берун рафта*** *буд [222]. Ва ҳол он ки бузургии ҷадди ман ба масобае буд, ки як бор бе он ки яроқ шикор кунад,* ***ба сайд берун рафта*** *буд [312].*

г) Бо феъли таркибии **берун овардан** ибора макони самти равиши амалро аз дохил ба берун ифода мекунад. Феъли **овардан** ба ибора тобиши маънои чизеро ё касеро бо худ аз ҷойе ба ҷойе ҳозир овардан бахшидааст: *Дар он вақт дивист кас буданд,* ***аз зиндон берун оварда*** *тобеини ӯ кунанд [341; 63]. Нуаймон даромаду дасти ӯ бигрифт ва* ***аз масҷид берун овард*** *[338; 22].*

Ибора бо феъли **берун кардан** низ дар сарчашмаҳои хатии давраи мавриди назар дучор омад: *Ва бар болои дӯкон хонаи наххосест, ки канизакони соҳибҷамоли ороста* ***сар аз аз он ҷо берун кард*** *[338; 220].*

Дар осори хаттии давраи мавриди назар як гурӯҳи феълҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ маънои баргаштан, бозгашти ҳаракат ба қафоро ифода мекунанд. Ин гурӯҳи феълҳо ҳам дар шакли сода ва ҳам мураккаб мустаъмаланд.

Феълҳои сохтаи **баргаштан**, **бозгаштан**, **бозомадан**, ки маънои ҳаракат ба қафоро ба таври барҷаста нишон медиҳанд, дар таркиби иборaҳои феълии осори хаттии ин давра сермаҳсуланд. А.З. Розенфелд муътакид бар он аст, ки пешвандҳои **бар-**ва **дар-** дар феълсозӣ фаъоланд [256; 9].

Ин масъала аз ҷониби забоншиносон Р. С. Расторгуева, А. А. Керимова низ ишора ёфтааст: «пешвандҳои **бар-** ва **боз-** тобиши маъноии ҳаракат ба қафоро ифода мекунанд» [251; 16-17].

Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ истифодаи феълҳои сохта, ки ба воситаи пешвандҳои **бар-** ва **боз-** сохта мешаванд, умумиистеъмолӣ мебошанд. Дар забони «Марги судхӯр», -қайд мекунад Н. Маъсумӣ - бисёр кор фармудани феълҳои сохта бо префиксҳои **бар-, дар-, боз-, фур**- ва ғайра характернок аст. Ин гуна шаклҳои феълӣ дар забони ҳозираи тоҷикӣ умумиистеъмолӣ мебошанд» [59; 234].

Дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» қайд шудааст, ки пешванди **боз-** «маънои феълро қувват медиҳад ва тобиши маънои такрори амал, ҳаракат ба қафо, нигоҳ доштан пайдо мекунонад» [16; 228].

Ж. Гулназарова низ ин нуктаро таъкид намудааст, ки «маънои ҳаракат ба қафо бештар тавассути феълҳои сохта ифода меёбад» [13; 82].

Хусусияти хоси пешванди **боз-**ро дар забони дарӣ ба инобат гирифта, Т. Зеҳнӣ чунин мегӯяд: «Яке аз хусусиятҳои забони дарӣ бо ҳамроҳшавии префиксҳо ба аввали феълҳои сода шакл ва маъноҳои нав гирифтан аст. Аз ҷумла префикси **боз-** ба аввали феъл омада, ба феъл маънои такрору баргардониш бахшида, мафҳуми феълро равшан мегардонад: боздоштан (ҳабс кардан), боз кардан (ҷудо кардан), бозафкандан (тарк гуфтан) аст» [31; 25].

Умуман, дар осори хаттии давраи мавриди назар феълҳои бо пешвандҳои **боз-**, **бар-** ташаккулёфта дар таркиби иборaҳои феълӣ, ки маънои ҳаракат ба қафоро мефаҳмонанд, истеъмоли васеъ доранд:

**бозгаштан** боз омадан: *Нуҳ ибни Мансури Сомонӣ яке аз умарои худро баъд аз фатҳи Хуросон волии он вилоят сохту худ* ***ба Бухоро бозгашт*** *[338;*

*72]. Чун **аз Бухоро бозгаштам**, маълум шуд, ки он амонатро ба хонаи ман насупурда буданд [336; 554];*

***бозгардидан** бозгаштан: Баъд аз он ки **аз сафар бозгардидам,** он амонатро аз ќозӣ талабидам;*

***бозомадан** гашта омадан, бозгаштан: Маро овоз доданд, ки биё, ҳеҷ ношоистае дар миён нест ва ҷуз гуфтугӯй **бар сари забон** не, ман **бозомадам** [329; 82]. Марде **аз ҳаҷ бозомада** буд [338; 268];*

***бозгардонидан** баргаштан: Зуд бошед, ки **ба кӯҳе бозгардаму** паноҳ барам [338; 54]. Нуаймон ӯро **аз ҳар тараф бозгардониду** охир ба наздики мардум бар дари масҷид бинишонид [338; 22];*

***боздодан** бозпас гардонидан: Ҳаммомӣ ва ҳозирин бихандиданду ҷомаҳо **ба вай боздоданд** [338; 88];*

***бозрафтан** рафтан, расидан, восил шудан: Он ки маро бигузорӣ, то ба саломат **ба диёри худ бозравам** [338; 316];*

***боздошта** нигоҳ доштан аз чизе, монеъ шудан: Аммо дар унфувони шабоб даст **аз суҳбати шайху шоб боздошта**, мутаваҷчеҳи бӯстони адам шуд [341; 57];*

***гаштан** ба маънои қафо рафтан: **Бозпас гашту** аз орзӯи ӯ бигузашт [329; 155];*

***баргаштан*** бозгаштан ба ҷойеро мефаҳмонад: *Ман **зуд баргаштаму** оҳиста роҳимҳоро мекашидем, то ваќти мавҷудро ба мавъиди маъҳуд расидем [329; 82]. Сафия **аз маҷлиси ҳазрат баргашту** мегирист [338; 16]. Чун **аз мулозимат баргаштам**, аз баъзе рафиқон пурсидам [336; 552].*

Дар забони асарҳои таҳќиќшавандаи асрҳои XV-XVI тобиши маънои ҳаракат аз қафо ба ҷуз феълҳои мустақил, ки дар таркиби ибораҳои феълӣ сурат меёбанд, тавассути пешояндҳои номии **дар ақиби, аз аќиби** низ сурат мегиранд. Дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» роҷеъ ба ибораҳое, ки тавассути пешояндҳои мазкур сурат гирифтаанд, чунин омадааст: «Ин ибораҳо одатан макони амалеро нишон медиҳанд, ки дар қафоию пушти предмет ба вуҷуд омадааст» [17; 144].

Дар ин гурӯҳи иборахо феъли **гузордан**, ки бештар дар забони «Латоиф-ут-тавоиф» вомехӯрад, серистеъмол аст. Ибора бо феъли **гузордан** амалеро нишон медиҳад, ки дар ќафою пушти предмет (шахс) воќеъ шудааст:

***гузоридан*** *адо кардан, ба ҷо овардан: Шабе* ***дар ақиби Пайғамбар (с) намоз гузорд*** *[16]. Дӯш* ***аз ақиби ту намоз гузордам*** *[16].*

Дар насри ин давра пешоядҳои мазкур бо шаклҳои таркибии феъл дар ифодаи чунин маъно низ мустаъмаланд: *Мутаваҷҷеҳи ӯ шуд ва ӯ аз Ҳазрат гурехту* ***дар ақиби мардум пинҳон гашт*** *[338; 13].*

Аз мисолҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар забони асарҳои мансури асрҳои XV-XVI корбурди феълҳои харакат нисбат ба дигар навъи феълҳо ҳам аз ҷиҳати тобишҳои маъно ва ҳам аз ҷиҳати доираи истеъмол навъи бойтарин ба шумор мераванд. Маънои ҳаракат дар ибораҳои феълӣ тавассути ҷузъи асосӣ (феъл) дар шаклу сохтори сиғаҳои мухталифи феълӣ зоҳир гардидааст. Дар забони сарчашмаҳои ин давра кор фармудани шаклҳои гуногуни феълҳои ҳаракат (сода, сохта, таркибӣ) ба забон ва услуби хоси ин ё он адиб зич алоқамандӣ дорад. Агар дар «Баҳористон»-и Ҷомӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ феълҳои ҳаракат тавассути феълҳои сохта ва таркибии номӣ ба кор рафта бошад, пас дар асарҳои «Туҳфаи Сомӣ»-и Соммирзои Сафавӣ ва «Латоиф-ут-тавоиф»-и Алии Сафӣ бештар феълҳои сода ва таркибҳои феълӣ мавриди корбурд қарор гирифтаанд. Ҳамчунин таъкид кард, ки феълҳои ҳаракат дар баробари маънои аслӣ дар таркиби ибораҳои феълӣ инчунин тобишҳои гуногуни маънoро низ ифода кардаанд.

### 4.2. Вижагиҳои маъноии феълҳои амал дар таркиби ибораҳои феълӣ.

Таҳлилу тасвири маводи бадастоварда нишон дод ки феълҳои ифодакунандаи мафҳуми амал низ дар таркиби ибораҳои феълии сарчашмаҳои хаттии мавриди назар серистеъмоланд. Дар бисёр мавридҳо феълҳое, ки иҷро ва корбурди онҳо ба ҳаёти ҳаррӯза тааллуқ доранд, дар онҳо маънои амал ва ҳаракат бо ҳам якҷоя ба вуҷуд меоянд. Доир ба тобишҳои маъноии ин гурӯҳи феълҳо дар адабиёти забоншиносӣ ишораҳо

низ рафтааст. Д. Саймиддинов қайд мекунад, ки баъзе аз гурӯҳи феълҳо ба монанди **киштан, коридан, даравидан, буридан, кандан, бохтан** ва **задан** якҷо бо амал маънои ҳаракатро низ ифода мекунанд [82; 151].

Ж. Гулназарова роҷеъ ба ин масъала андешаи худро чунин баён кардааст: «Дар баъзе гурӯҳи феълҳо тобишу ҷилои ҳаракат, дар баъзе гурӯҳи феълҳо тобишу ҷилои амал бештар ва дар баъзе гурӯҳи феълҳо тобишу ҷило мусовӣ – баробар аст. Гурӯҳи савумро метавон аз рӯйи маъно феълҳои амалу ҳаракат номид» [13; 77].

Ба андешаи мо, гурӯҳи семантикии феълҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ ҳам ба ҷуъзъи асосӣ ва ҳам ба ҷузъи тобеъ вобаста аст. Чунки дар ибораҳои феълӣ гурӯҳи семантикии феълҳо (амал, ҳаракат, ҳолат, сабабу вазъият ва ғ.), ки ба сифати ҷузъи асосӣ-сурат мегиранд, ҳамеша дар муносибати муайяни маъноӣ мебошанд, яъне маънои ибора аз маънои ҷузъҳои он ба вуҷуд меояд. Хусусияти тобишҳои маъноии муносибатҳои наҳвии байни ҷузъҳо бештар ба маънои луғавии калимаҳои дохили он муайян мегардад. Маънои луғавии калимаҳо бошад, омили муҳимми пайваст шудани ҷузъҳои ибора ва шарти асосии ифодаи муносибатҳои гуногуни наҳвӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷиҳат ҳангоми таснифи феълҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ аз рӯйи тобишҳои маъно ба ҷузъи асосии феъл бештар таваҷҷуҳ шудааст.

Дар сарчашмаҳои хаттии давраи мавриди назар як силсила феълҳое, ки дар таркиби ибораҳои феълӣ маънои амалу ҳаракатро якҷоя ифода мекунад, мавриди корбурд қарор ёфтаанд.

Феъли **гирифтан** яке аз феълҳои сермаъно ва серистеъмол буда, ҳаммаънои феъли **ситонидан** мебошад. Ин феъл дар таркиби ибораҳои феълӣ ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам ғайриаслӣ (маҷозӣ) мустаъмал аст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» 10 маънои феъли **гирифтан** тафсир шудааст [319; 268].

Т. Зеҳнӣ дар масъалаи маънофаринии феъли **гирифтан** таваҷҷуҳ зоҳир намуда, андешаашро ба таври зайл баён намудааст: «…умуман, феъли гирифтан- пиндоштан, фароз кардан, тасаввур карданро ифода карда, дар

дохили феълҳои таркибии номӣ феъли ёвари калимасоз шуда, гоҳ маънои аслӣ ва гоҳ маънои маҷозиро мефаҳмонад. Ба ҷои борон боридан борон гирифтан ба кор меравад» [31; 228].

Ба ҳамин тариқ, мо дар забони сарчашмаҳои осори хаттии асрҳои XV-XVI чунин тобишҳои маъноии феъли **гирифтан**-ро дар таркиби ибораҳои феълӣ мебинем:

***гирифтан*** *ба чанг овардан, қабза кардан: Як даст дар таҳи қаноре дармеоварду* ***ба дасти дигар гиребонашро гирифта****, аз замин бардошта, ба паси сар меандохт [336; 668]****.*** *Пас Имом Ҳасан ҳар* ***ду гесӯи он*** *Ҳазрат* ***ба даст гирифт*** *[336; 11];*

***гирифтан*** *ситонидан, зӯран чизеро аз касе кашида гирифтан: Деҳқоне аз вилояти Ғӯр пеши Мирзо Бобур омаду додхоҳӣ кард, ки ҳazзорони девони ту даҳ хирвор* ***ғаллаи маро сад хирвор гирифтанд*** *[336; 93];*

***гирифтан*** дастгир кардан, доштан: *Ҷавонеро* ***ба дуздӣ гирифтанд****у пеши Ҳорунаррашид бурданд [338; 94]. Ҷавонеро* ***ба дуздӣ гирифтанд*** *[329; 54];*

***гирифтан*** *мусодира кардан: Дар ин ҳикоят буданд, ки хабар омад, ки* ***Қарширо гирифта*** *қатли ом намуда [336; 668]****.*** *Ба дурустӣ, ки подшоҳ чун дароянд* ***ба деҳе ё шаҳре****, ки* ***ба қаҳр гиранд****, табоҳ созанд [338; 96];*

***гирифтан*** *иҳота кардан, фаро гирифтан бо чизе: Чун даромад, девона* ***пеши дарро гирифт****у корде ба даст гирифта буд [336; 668]****.*** *Дар беруни Боғи зоғон Амир Халил бо ятимони худ ҳуҷум намуда, муфридро* ***дар миёна гирифтанд*** *[336; 639];*

***гирифтан*** *буридан: Он хоҷа барҷаст ва сари дасти ӯро* ***бо устура бигрифт*** *[336; 774];*

***гирифтан*** *расидан, рафта расидан: Берун рафтам ва худро* ***дар канори об гирифтам*** *[336; 1264].*

Аз таҳлили мисолҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки феъли **гирифтан** дар таркиби ибораҳои феълӣ ба сифати ҷузъи асосӣ барои шарҳу тавзеҳи калимаи асосӣ низ корбаст шудааст:

***гирифтан** ба даст овардан: Фақир **онро гирифта** берун омадам [336; 472]. **Ӯро гирифта** пеш баред [336; 657]. **Куллиёти ӯро гирифта** ба хона рафтанд [336; 657];*

***гирифтан** иқдом кардан: Ва **туро аз барои он гирифтам,** ки ману ту мардону занонро ғассолӣ намоем ва авқот гузаронем [336; 744]. Он мард қабул кард ва доман барзад ва ӯро **бар пушт гирифт** ва ба об даромад [336; 224];*

***гирифтан** доштан: Он тутӣ аз рӯйи ҳаво пайдо шуд ва **дар минқори** худ ниҳоли заифе **гирифта** [336; 762]. Нуаймон даромаду **дасти ӯ бигрифт** ва аз масҷид берун овард [336; 22];*

***гирифтан** рафтан ба сӯйе ё ҷойе: Дар ин гуфтугӯ будем, ки мардум **дар ҳаммом даромадан гирифтанд** [336; 1025]. Ҳазрати Амир малул шуду аз масҷид берун омад ва **роҳи саҳро гирифт** [336; 10];*

***гирифтан** афтидан, худро афкандан худро ба замин андохта: Халоиқ **бар замин ғалтидан гирифтанд**у гиребонҳо пора-пора карданд [336; 46];*

***гирифтан** дастгир кардан, банд кардан: **Маро гирифтанд**у ба зиндон карданд [336; 81];*

***гирифтан** ба даст овардан: Рӯзе габреро мусулмон сохта буд ва дастори худ бар сари ӯ ниҳода ва аз хизонаи Мирзо **барои ӯ ҷома гирифта буд** [338; 170];*

***гирифтан** тариқи таъкиди амали фоил барои худ: Ин бигуфту **дасти ӯро гирифта** бар рӯйи зонуи худ ниҳод [336; 285];*

***гирифтан** пӯшонидан, маҳкам кардан: Чун қарор гирифт, даст дароз кардаyду **даҳони вайро сахт гирифтам** [329; 48];*

***гирифтан** безор шудан аз чизе, дилгир шудан: Дилам **аз мусулмонии худ гирифт** [338; 129];*

***гирифтан** ба маънои доштан: Пас фармуд, шахсе онро **ба пеши рӯйи худ гирифта** мутаваҷҷеҳи он ҷонвар гардид [336; 817].*

Аз таҳлили мисолҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар забони осори асрҳои XV-XVI бо ёрии феъли **гирифтан** аз шакли масдарии феъли

асосӣ феъли таркибие сохта мешавад, ки ҳамаи шаклҳои замонии он ба намуди давомноки феъл мансубанд. Феъли ёридиҳандаи **гирифтан** якҷоя бо феъли асосӣ дар таркиби ибораҳои феълӣ оғози амал, инчунин шурӯъ шуда, мутаттасил давом кардани онро ифода мекунад: *Аъробӣ даст дароз карду **полуда хӯрдан гирифт** [338; 170]. Араб ба фароғат **нону гӯшт хӯрдан гирифт** [338; 109]. Ва ман паҳрез накарда, **хурмо хӯрдан гирифтам** [338; 19]. Чунин гӯянд, ки хоҷа бағоят ошуфта гардида, суханони таҳидомезу **ҳикоёти ваҳшатангез гуфтан гирифт** [36; 66].*

Ибораҳои феълӣ дар ин қолиб, монанди забони адабии ҳозираи тоҷик, дар шеваи ҷанубӣ низ серистеъмол аст. Доир ба истифодаи ин қолиб дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ Р. Ғаффоров зикр мекунад, ки «Чунончи дар ҷумлаи **нон-а луча кардъ хърдан гърифт** ҷузъи асосии хабар феъли **хърдан** ба шумор меравад. Калимаи **гирифтан** бошанд, ин ҷо маънои асосии худро гум карда, ҳамчун модификатори феълӣ ба ҷузъи асосӣ тобиши маъноӣ илова кардаанд: **гърифтан** шурӯъ шуда, бетанаффус давом кардани онро ифода кардааст [24; 56].

Гоҳе дар ин маврид ба аввали ин феъл пешванди **фурӯ-** меояд ва ба маънои феъл тобиши таъкиду тамомият мебахшад: *Чун чашмам ба рӯйи вай афтод, ҳайбати ӯ **маро фаро гирифт** [338; 47].*

Феъли **гирондан** тарзи гузарандаи **гирифтан** буда, дар «Латоиф-ут-тавоиф» бештар корбаст шудааст. Ин феъл дар шакли **баргиранд** дучор омада, ба маънои гирифтан, доштан ба кор рафтааст: *Ҳазрат фармуд, ки Зулфиқори маро биёваред, то ин тифлро ба ду ним кунам, ки ҳар яке ниме **аз ӯ баргиранд**у тарки низоъ кунанд [338; 129].*

Феъли **гирифтан** ҳаммаънои **ситонидан**, зидди **додан** дар насри ин давра ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам ба маънои ғайримуқаррарӣ корбаст шудааст. Ин феъл дар таркиби ибораҳои феълиҳолӣ омада, ба маънои ба ҳам расидан, якдигарро ба оғӯш гирифтан омадааст: *Бар канори дарё **якдигарро канор гирифта** ҳар кадом ба ҷонибе равон гардиданд [338; 43]. Пас*

*бархосту бо иттифоқи Муҳаммад назди Имом Ҳусайн омаду* ***якдигарро дар канор гирифта*** *он ғубор муртафеъ шуд [338; 30]***.**

Дар «Баҳористон» феъли **гирифтан** дар шакли феъли сохта **баргирифт** ба маънои сар кардан, шуруъ намудан, оғоз кардан ба кор рафтааст: *Баъд аз соате хоҳари Ҷидо омаду* ***гиря баргирифт*** *ва бар занозании ман дуои бад кард [338; 76]***..**

Дар осори асрҳои XV-XVI , махсусан дар забони «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ибораҳои феълие, ки маънои соҳибият-дороиро мефаҳмонанд, ба таври фаровон корбаст шудаанд. Ба сифати ҷузъи тобеъ исмҳои ифодакунандаи мафҳуми моддӣ омада, феълҳои амал чун ҷузъи асосӣ воқеъ мегарданд. Албатта, чи дар забоншиносии тоҷик ва чи дар забоншиносии рус ин ибора ба сифати ибораи фразеологӣ низ дар истеъмол аст. Бояд таъкид кард, ки ин навъи ибораҳо вобаста ба феъли **гирифтан** сохти мураккаб дорад: **қалам ба даст гирифтан, асо ба даст гирифтан, корд ба даст гирифтан** ва ғайра. Ин феъл ду объект (бавосита ва бевосита) талаб мекунад. Маънои ибора бе объекти бевосита воҳиди фразеологиро мемонад: *Ва* ***чуби арғавонӣ ба даст гирифта*** *ба сари бозори малик меистӣ [336; 549].* ***Корде ба даст гирифта*** *гуфт, ки: агар аз ин хона берун меравӣ, туро мекушам [338; 321]***.**

Тавре ки дар боло қайд гардид, ибораи **ба даст гирифтан** бе объекти бевосита ба ибораи фразеологӣ табдил меёбад. Чунин ибораҳо дар забони адабиёти пешина ба таври фаровон истифода шудаанд ва бештар аз ҷиҳати сохт сода ва мураккаб мешаванд: *Ба ин ҳол зиндагӣ кардан мумкин нест: ду нафар ҷонсупор даркор аст, ки* ***ҷони худро ба даст гирифта*** *ба поён фуроянд, шояд қути лоямуте ёфта, барои мо орад [336; 420].*

Феъли **ситонидан** ҳаммаънои феъли **гирифтан** дар осори давраи мавриди назар серистеъмол аст. Ин феъл дар таркиби ибораҳои феълӣ омада ба маънои гирифтан, кашида гирифтан омадааст: *Вай хост, ки бар замин ниҳад ва ман хостам, ки* ***аз дасти вай бироситонам*** *[329; 75]***.** *Фӯтаи зарбофти яздӣ ба панҷоҳ танга мехарӣ ва араби тукмадоре* ***ба даҳ танга меситонӣ*** *[336; 541]***.**

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» шакли **ситадан** омадааст, ки мо ин шаклро дар сарчашмаҳои хаттии ин давра танҳо дар назм дучор намудем.

***Дар кишвари мот** миннати **ҷон ситадан**,*

*Бардоштаӣ зи гардани Азроил [329; 112]***.**

Дар забони осори асрҳои XV-XVI феъли **нишастан** аз гурӯҳи феълҳои амал дар таркиби ибораҳои феълӣ серистеъмол аст. Ибораҳои феълие, ки бо феъли мазкур сохта мешаванд, ниҳоят серистифода буда, аз ҷиҳати сохт ва тобиши маъно гуногунанд:

***нишастан** бо касе ҳамнишин шудан, ҳамсуҳбатӣ кардан истифода шудааст:Рӯзе Ҳазрати Расул (с) **бо Ҳазрати Амир (а) нишаста** буданду бо ҳам хӯрок мехӯрданд [338; 9]. Рӯзе Мансури Халифа **бо имом нишаста** буду Рабеи Ҳоҷиб истода [338; 34]. Шахсе **дар паҳлӯи ӯ нишаста** буду ба гӯшаи чашм навиштаи вайро мехонд [329; 82]. Марде бахил, ки даъвои зарофат мекард, рӯзе **пеши эшон нишаста** буду аз рӯи зарофат мегуфт [338; 174].*

***нишастан** маънои давомияти амалу ҳоли касро мефаҳмонад: Шабе дар хона **бо ҷамъе аз ёрон нишаста** будем ва гуфтугӯйи Шоҳ Исмоил дар миён буд [336; 1057];*

***нишастан*** сурини худро бар рӯйи чизе гузошта қарор гирифтан: *Вай **дар қубби худ нишаста** буд, ки аз адим сохта буданд [338; 17]. Дид, ки шахсе бар болои ҷузбуне бар қуллаи кӯҳе **бар шохи дарахте нишаста** ва поёни шохро мебурид [336; 1195];*

***нишастан*** ба маънои истодан, зистан, дар ҷойе будан, ба сар бурдан:

*Бархосту силоҳ баст ва **дар хонаи зин нишаст** [329; 75]. Чун ду фарсанг аз шаҳр баромадам, бар лаби **обе дар сояи дарахте нишаста**, таом мехӯрдам [336; 579].*

Феъли ***нишастан*** дар сарчашмаҳои хаттии асрҳои XV-XVI дар таркиби ибораҳои феълӣ дар шакли феъли гузаранда **нишондан** ба маънои касеро ба ҷойе шинонидан, ҷойгир кунонида» низ серистеъмол аст: *Он моҳро **дар иморӣ нишонд**у имориро бад-он роҳ, ки дилаш мехост, биронд [329; 79]***.** *Он кӯдакро талаб намуд **ва бар сари зонуи худ нишонда**, шогирдонро*

*фармуд, ки оғози мубоҳиса карданд ва мабҳаси гузаштаро дар миён овардананд [336; 707]. Карам намуда, агар ӯро* ***дар паси кори ӯ нишонид*** *[336; 108].*

Қайд кардан лозим аст, ки феъли **нишондан** бештар дар осори хаттии ин давра дар забони «Латоиф-ут-тавоиф»-и Алии Сафӣ дар таркиби ибораҳои феълӣ 36 маротиба дар маънои касеро ба ҷойе шинондан мавриди корбурд қарор гирифтааст: *Эй қозӣ, шавҳар маро* ***дар ҷойгоҳе танг нишонда*** *ва ман аз он ба тангам [132]. Пас Ҳазрат вайро* ***бар дӯши мубораки худ нишонда,*** *аз ин гӯшаи хуҷра бад-он гӯша мерафт [11] Ҳоким* ***ӯро нишонид*** *ва нишонро пора-пора кардаву ба захми гардане ба хурди ғурӣ дод [60]. Маро бихонду бо худ* ***бар хон нишонд*** *[338; 265].*

Пешванди **би-** ба феъли **нишондан** ҳамроҳ омада, ба ибора маънои таъкидӣ бахшидааст: *Нуаймон ӯро аз ҳар тараф бигардониду охир ба наздики мардум* ***ба дари масҷид бинишонд*** *[338; 22].*

Дар «Баҳористон» феъли **нишондан** ба маънои куштан низ мустаъмал аст: *Як теғ биронду он шамъи ҷаҳонафрӯзро* ***ба як дам бинишонду*** *рӯйи хоколуди худро дар хуни ӯ молид [329; 80].*

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик «маънои аслии ин феъл дар шаклҳои замонии феъли таркибӣ хеле суст шуда, чун феъли ёридиҳанда давомнокии амалро мефаҳмонад ва моҳиятан ба феъли ёридиҳандаи **истодан** наздик мебошад. Бо ёрии ин феъл бештар ҳолату вазъияти фоил ифода меёбад» [58; 230].

Аз ҷиҳати дигар дар забони тоҷикӣ, умуман, шакли **шистан** мустаъмал аст, вале шакли **нишастан**, ки пешванди **ни-** дорад, асосан дар форсии бостонӣ феъли сохта ҳисоб ёфта, ҳоло танҳо ба забони адабӣ-китобӣ хос аст [31; 185].

Баъзан исми **пеш**, ки аслан дорои маънои масоҳат мебошад, дар ибораҳои феълӣ маънои маќом, ҷойгоҳро нишон дода метавонад. Махсусан, дар таркиби ибораи феълӣ вобаста ба маънои луғавии феъл маънои маќом,

ҷойгоҳ, нишеманро барҷаста ифода кардааст: *Аъробӣ* ***пеш нишаста*** *ва даст дароз кард [329; 72].*

Дар насри ин давра феъли **нишастан** ба ҷуз маънои луғавӣ- сурини худро ба ҷойе гузошта қарор гирифтан инчунин маънои грамматикӣ низ зоҳир мекунад. Вобаста ба семантикаи ҷузъи тобеъ, ки аз исмҳои бо мафҳуми замон алоқаманд, монанди ченаки воҳиди вақт, номи фаслҳои сол ибора замони ба вуҷуд омадани амалро ифода мекунад: *Султон бо Аёз ва соири муқаррабону надимон ба базми айшу тараб* ***чиҳил шабонарӯз нишаста*** *буданд [338; 179]. Рӯзе* ***дар фасли тобистон*** *бо Султон* ***нишаста*** *буд [338; 217]***.** *Рӯзе Султон Ҳусайн Мирзо* ***вақти бомдод бо Мир Алишер*** *дар хилвате* ***нишаста*** *буданд [336; 545].*

Дар таркиби ибораҳои феълӣ ба сифати ҷузъи асосӣ феъли **андохтан** серистеъмол аст. Дар ин навъи ибораҳои феълӣ исмҳои макон ба сифати ҷузъи тобеъ воқеъ мешаванд:

Дар ибораи (моро) **дар лат кашидан** феъли **кашидан** ба маънои феъли **кардан** мустаъмал аст: *... он ҷамоат моро* ***дар лат кашиданд*** *[336; 927].*

Ибтидои қарни XV замони рушд, болоравӣ ва такомули забони тоҷикӣ ба шумор рафта, феълҳои доираи истифодаашон маҳдуд бо тадриҷ ба сермаъноӣ (полисемантизм) гузаштанд. Феълҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ ба сифати ҷузъи асосӣ ва ҳам ба сифати ёридиҳандаи феълӣ сермаъно гашта, вобаста ба мазмуни ибора дар дохили ҷумла тобишҳои гуногуни маъноро ифода кардаанд. Аз ҷумла, феъли **намудан**, ки маънои **нишон додан**, **изҳор кардан, намоён шудан** дошт, дар раванди ташаккули забон ва талаби мӯҷазбаёнӣ ва балоғат, инчунин раҳоӣ ёфтан аз такрорҳои бемаврид маънои наве ҳамчун муродифи феъли **кардан** ҳосил кардааст. Маънои аслӣ ва дуюмӣ доштани феъли **намудан** аз рӯйи маънои ибораи феълӣ, қарина ва таносуби калом имтиёз ва фарқ карда мешавад. Ин феъл ба маънои **кардан** танҳо дар забони адабӣ вомехӯрад: *Фақир он нишонро* ***дар ҳузури ҷамъи касир иншо намудам*** *[336; 690]. Биё, то* ***ба саҳро*** *хиромем ва* ***гулҳову лолаҳо ва раёҳин***

***мушоҳида намоем*** *[336; 517].* ***Бо ҷамъе ёрон иттифоқ намуда ба*** *мадрасаи Амир Фирӯзшоҳ, ки дар сари Чорсӯйи Аловуддин аст, омадем [336; 1057].*

Баъзан ин феъл бо пешванди **боз-** ҳамроҳ зикр ёфта, маънои кушоду равшан нишон додан ва тасвир намуданро ифода менамояд: *Ва ѓарази ман он аст, ки* ***мардуми ин асрро бознамоям*** *[336; 340].*

Дар мисолҳои зерин феъли **намудан** дар таркиби ибораҳои феълӣ тарзе истеъмол ёфтааст, ки маънои муродифи феъли ***кардан*** дар он бартарият дорад: *Дар ҳилоли ҳамин сол* ***ба Султонмурод –ҳокими Ироқу Форс ҷанг намуда,*** *музаффару машҳур шуданд [341; 48].*

Дар сарчашмаҳои хаттии ин давра ҳолати худдорӣ аз такрори як феъли **кардан**, феъли дуюмро бо феъли **намудан** иваз кардан дар таркиби ибораҳои феълӣ ба мушоҳида расид. Дар ин ҳолат дар байни феълҳои **кардан** ва **намудан** ба маънои феъли **кардан** қаробати маъноии зич мавҷуд аст: *Ва вай пеши падар* ***корҳои бузург кард*** *ва* ***асарҳои мардонагӣ фаровон намуд*** *[336; 640].*

Феъли **намудан** дар забони гуфтугӯ ҳамчун муродифи феъли **кардан** тамоман истифода намешавад. Феъли **намудан** ба маънои **кардан** бештар дар назм ва дар наср танҳо дар ҳолати худдорӣ аз такрор истеъмол меёбад.

Мусаллам аст, ки феъл бо мазмуну мундариҷаи худ аз ҳиссаҳои дигари нутқ форик аст, мафҳумҳои ҳаракат, амалу ҳолат, вазъият ва ғайраро фаҳмонида, ба ин васила маънои зиёди луғавию грамматикӣ пайдо мекунад ва аз ин ҷиҳат унсури серистеъмолу сермаънои забон маҳсуб мешавад. Масалан, феъли **задан** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [319; 429] бо 13 тобиши маъно ифода шудааст. Дар «Ғиёс-ул-луғот» [312; 390] феъли мазкур бо 25 маъно шарҳу эзоҳ ёфтааст. Ин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки дар давраҳои гуногун муҳаққиқону муфассирон ба тафсири маънои феъл таваҷҷуҳи даркорӣ зоҳир намудаанд.

Дар «Таърихи Байҳақӣ» (асри XI) феъли **задан** ба ҷуз маънои аслӣ, маҷозан ба маъноҳои «ҳамла, ҳуҷум, тохту тоз, зеру забар» низ омадааст: *Ногоҳ аз камин баромаданд,* ***бар фоиқ*** *ва* ***Аламангез заданд****, задани сахту*

*устувор [207]. Чун **Аҷамро бизаданд** ва аз Мадоин битохтанд ва Яздигурд бигурехт [120].*

Тобиши махсуси маъноӣ дар калимаи **задан** ва шаклҳои дигари аз ин калима сохташуда низ ба усули калимаистифодабарии адабиёти ин давра махсусан Зайниддин Маҳмуди Восифӣ бештар хос мебошад. Ин феъл дар сарчашмаҳои хаттии ин давра ҳам ба маънои муқаррарии худ (кӯфтан) ва ҳам ба маънои ғайримуқаррарии худ (ғайриаслӣ) мустаъмал аст:

***задан** кӯфтан, чизеро ба чизе сахт расонидан: Чунин гӯянд, ки вай маҳосини худро гирифта, тапонча **бар рӯйи худ зад**у гуфт [336; 546]. Ногоҳ Доро ӯро **бар замин зад**у пушти Искандар бар замин паҳн шуд [338; 157]. Вақте ки ӯро маст назди Пайғамбар овrouted, он ҳазрат **ӯро тозиёна зад** [338; 24]. Махрама асои худ бикашиду ба қуввати тамом **бар фарқи Усмон зад**, чунон ки сари ӯ бишикаст [338; 23].*

Феъли ***задан*** дар ҳамин маъно дар каломи манзум низ мустаъмал аст:

*Гар гӯй ғалат рафт, **ба чавгонаш зан** [338; 188];*

***задан** расондан чизеро ба чизе, такя кардан:Ҳоҷиби дувум даст **бар синаи вай зад**у нагузошт, ки дарояд [329; 52]. Зариф **ҳалқа бар дар зад** [338; 225]. Ҷавоне диданд баландболо...дар бару миёни худ ба шаддаи қиматӣ чуст баста ва **ханҷаре** обдор **бар миён зад** ва пойафзоли нав пӯшида [338; 225].*

***задан** ниҳодан, гузоштан: Ҳазрат фармуд, ки ӯро дар офтоба бидор ва **ба сояи ӯ ҳад бизан** [338; 26]. ....монанди хубони гулъузор дар фасли баҳор **гулҳо ба сар зада**, дар ҷилавгирӣ оянд [336; 129];*

***задан** тар кардан: Луқмае нонро **дар ҷугрот зада**, порае бар замин часпонида ва порае дар канори худ андохт [336; 323];*

***задан** чӯб задан: Мирак фармуданд, ки Шерро ҳозир гардонида, **аз барои тасалли**и хотири мулло **якчанд гарданӣ заданд** [336; 533];*

***задан** буридан, қатъ кардан, бурида ҷудо кардан: Шуморо ба рӯҳи Амирмӯъмин Ҳайдар Алӣ ибни Абитолиб месупорам, ки сиву се ҳазор кофарро **ба дасти худ гардан зада** [336; 533].*

Дар забони насри ин давра, махсусан дар «Бадоеъ-ул-ваҷоеъ» феъли **кӯфтан** дар шакли феъли таркибӣ серистеъмол буда, дар таркиби ибораҳои феълӣ ба маънои «кӯбидан, сахт задан» ба кор рафтааст: *Худро бар болои сар гузошту гурзро гирифта **ба бадани фил кӯфтан гирифт** [336; 664].*

Ин маъно бо феъли **задан** низ ифода ёфта, феъли **задан** бо **кӯфтан** ҳаммаъно шуда хусусияти услубӣ пайдо кардааст, яъне нависанда барои худдорӣ аз такори калима феъли **задан**-ро ба ҷойи **кӯфтан** истифода кардааст*: Паҳлавон он гурзро **бар бадани фил задан гирифт** [336; 664].*

Тобишҳои маъноии шаклҳои таркибии феъли **задан** фаровон аст. Монанди **дам задан, лоф задан, таъна задан, хунук задан, гап задан, давр задан, наҳ задан, гардан задан** ва ғайра. Ин шаклҳои таркибӣ бештар дар каломи манзум мустаъмал аст. ***Задан*** ба ҷуз маънои аслӣ, ҳам дар сарчашмаҳои хаттии давраи мавриди назар ва ҳам забони ҳозираи адабӣ маҷозан ба маъноҳои гуногун меояд:

***тозиёна задан*** *ба қамчин кӯфтан: Фармуд, ки берун раву ҳоҷибро **сӣ тозиёна бизан**у аз дари пардасаро дур кун [329; 67]. Инро ба ҷойи ӯ бикуштанд ва онро **ба ҷойи ӯ тозиёна заданд** [329; 67]. Вақте ки ӯро маст назди Пайғамбар (с) овarданд, он Ҳазрат **ӯро тозиёна зад** ва чаҳор навбат ин феъл аз ӯ содир шуд [338; 24]. Пас ба дасти худ **даҳ тозиёна**и хасмона бар пушту паҳлӯ ва сикаи ӯ **бизад** [338; 148].*

***таъна задан*** айбҷӯйӣ кардан, камбудии касеро ба ӯ ба шакли истеҳзо гуфтан:

***Таъна бар ман мазан*** *бар сурати зишт,*

*Эй тиҳӣ аз фазилату инсоф! [329; 30].*

Таҳлили маводи сарчашмаҳои осори хаттии давраи мавриди назар собит намуд, ки феъли таркибии номии **тозиёна задан** дар таркиби ибораҳои феълӣ серистеъмол аст.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик бошад, бештар муодили он шакли **қамчин задан** серистеъмол аст, ки намунаи онро дар асарҳои Садриддин Айнӣ дучор омадан мумкин аст. Ҳарчанд ки вожаи **қамчин** калимаи туркӣ-

узбекӣ мебошад, ба услуби дигари адабӣ мансуб буда, дар забони зинда характернок нест. Дар ишора ба ин масъала,-Н. Маъсумӣ,- қайд мекунад: «Истеъмоли онҳо (қамчин –Ғ.А.) дар услуби гуфтугӯӣ дар айни ҳол дар тарзи баёни содаи «Марги судхӯр», як навъ оҳангу тарзи ифодаи тантанавӣ ва бошукӯҳро ба вуҷуд меоварад, ки ин хусусият дар забони повести мазкур, хусусан дар забони тасвирии нависанда дида намешавад, вай дар забони услуби «Одина», «Дохунда», «Ғуломон», «Ятим» характернок аст» [59; 140].

Таҳлили мисолҳои осори хаттии асрҳои XV-XVI нишон дод, ки дар забони «Латоиф-ут-тавоиф» -и Алии Сафӣ феъли **тозиёна хӯрдан** дар таркиби иборахои феълӣ вохӯрда маънои ба зарби қамчин дучор омаданро ифода кардааст: *Он муддаӣ **дар аснои тозиёна хӯрдан** нолаву фарёд мекарду **бетоқатӣ мекард** [329].*

Ин шакли феълӣ дар осори хаттии пешина, махсусан дар «Гулистон»-и Саъдӣ  низ ба таври фаровон мустаъмал будааст: *Аз дасти он дигар **тозиёнае хӯрда будам дар тифлӣ** [342; 66].*

Феъли **задан** дар таркиби ёридиҳандаҳои феълӣ ба маънои вайрон ва нобуд кардан низ мустаъмал аст: *Оташ **дар дукон задам** ва рӯй ба дарвоза равон шудам [341; 210].*

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик феъли **задан** ба маънои «*дуздидан, горат кардан*» серистеъмол аст: *Пулҳои аз андоз ҷамъшудаи амирро дуздида ва **хонаҳои бойҳоро зада** ба фақирон тақсим карданд [332; 130].*

Феъли ***бонг задан*** ба маънои фарёд кардан, бо овози баланд хитоб кардан дар осори хаттии ин давра серистеъмол аст: ***Аъробие** шутур гум кард, **бонг зад**... [329; 74]. Ва **мунодӣ** дар лашкаргоҳи эшон **бонг зад**, ки ҳеҷ офарида аз ҷойи худ наҷунбад [341; 220]. Яке аз муқаррабони Умар дар он маҷлис **бонг бар ӯ зад** [336; 66]. Ҳазрати Амир **бонг бар ӯ зад** наълайн ҳаволаи ӯ кард [338; 97]. Вақте ҳама дар як маҷлис ҷамъ буданд, **бонги намози** шом **доданду** ҷамоат қоим шуд [338; 122].*

***наъра задан** фарёд кардан, бо овози баланд хитоб кардан*: ***Шайх** расид ва **наъра зад**, ки эй ҷаллод даст нигоҳ дор [336; 792].*

Таҳқиқи сарчашмаҳои хаттии асрҳои XV-XVI нишон медиҳад, ки феъли **бонг задан** ва муодили он **наъра задан** ба ҷуз иборахои феълӣ боз дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ низ ба таври фаровон вохӯрда, барои таъкиди маънои «фарёд кардан, бо овози баланд хитоб кардан» ба кор рафтааст.

Дар забони насри асрҳои IX-X, бахосса дар забони «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ шакли **бонг кардан** дар маънии фарёд кардан, овоз баровардан, ҷеғ задан мустаъмал будааст: Марде **ба дари шаҳр** омад ва **бонг кард** [88; 134].

Таҳқиқгари ҷумлаи мураккаби тобеъ К. Қаландаров қайд мекунад, ки дар сарчашмаҳои хаттии асри XV, аз ҷумла «Баҳористон» феълҳои **бонг задан, наъра задан** ҳамчун феъли якуми хабари сарҷумла шуда, гузоштани феъли **гуфтан**-ро талаб мекунанд: **Аъробие** шутур гум кард, **бонг зад**, ҳар кӣ шутури маро ба ман орад, мар варост [46; 86].

Шакли **садо задан** дар маънии овоз баровардан, ҷеғ задан низ дар забони насри ин давра мустаъмал аст: ***Ӯро садо заданд****, биёмад ва бо ҳам он қурсҳоро хӯрданд [338; 26].*

Феъли **куштан** низ дар таркиби иборахои феълии сарчашмаҳои ин давра ба таври фаровон омада, тобишҳои гуногуни маъно зоҳир намудааст:

***куштан*** *ҷондореро беҷон кардан: Филҳол* ***як сар гӯсфандро кушту*** *пухту пеши ман овард ва маро қитъае аз он хуш омад [329; 69]. Чун ба канори кӯҳ расид, ба сари чашма* ***аждаҳое дид кушта*** *ва аз таб афтода [336; 549];*

***куштан*** нобуд сохтан, қатл намудан: *Эй халифа,* ***тан ба куштан дардодан*** *коре саъб аст ва ман аз ӯ ҳеч мӯъҷизае наметалабам [338; 71]. Агар бар хилофи ин намоед* ***аз куштани мо*** *шуморо як фулус* ***ҳосил нахоҳад буд*** *[336; 1031]. Дид, ки мо* ***ба куштани ин мард*** *дар гунаҳ* ***афтодаем*** *[336; 61]****.*** *Бародари худро* ***ба гуфти ғулом****и номам* ***бикушт*** *[336; 769].*

Ин феъл дар сарчашмаҳои қаблӣ, маҷозан ба маънои «хомӯш кардани оташ, сӯхтор, шамъу чароғ» роиҷ будааст, ки имрӯз низ маъмуланд: *Ва пораи оташ биҷаст ва масҷиди Моҳ даргирифт ва тамом бисӯхт ва ду шабонарӯз*

*месӯхт ва аҳли Бухоро дар он оҷиз шуданд ва бисёр ранҷ диданд* ***то рӯзи сиюм куштанд*** *[31; 170].*

Феъли **куштан** ба маънои хомӯш кардани оташ, сӯхтор, шамъу чароғ, чароғҳои баркӣ дар ҳамаи гӯйишҳои забони тоҷикӣ ба таври фаровон ба кор бурда мешавад.

Ин феъл дар шакли **ҳалок шудан** ба маънои куштан, нобуд кардан омадааст: *Хоҷаи ман ӯро* ***ба ҷавру ситам ҳалок кард*** *[336; 170]****.***

Дар сарчашмаҳои хаттии ин давра феъли **кашидан** дар таркиби ибораҳои феълӣ ба таври фаровон истифода шудааст. Муҳаққиқ Ж. Гулназарова ҳангоми муқаррар кардани тобишҳои маъноии феълҳои амал дар «Баҳористон» 4 тобиши маънои феъли **кашидан**-ро муайян кардааст [13; 79].

Дар мисолҳои бадастовардаи мо низ феъли **кашидан** дар таркиби ибораҳои феълӣ тобишҳои зиёди маъноро ифода кардааст, ки иборатанд аз:

***кашидан*** *бурдан, ба ҷое овардан: Кутубхонаи ҳукамои Ҳиндро* ***ба сад уштур мекашониданд*** *[329; 34]****.*** *Либоси сабру шикеброро бар қомати ақл пора дидам ва аз мусоҳибати номусу номи тоқату ором худро* ***бар канора кашидам*** *[336; 549]. Дар вақте ки* ***ош мекашиданд****, чашми Амир Ёдгор ба ман афтод [336; 1124];*

***кашидан*** *расонидан, овардан: Ман зуд баргаштаму оҳиста* ***роҳилаҳоро мекашидем,*** *то вақти мавъудро ба мавъиди маъҳуд расидем [329; 82];*

***кашидан*** *сурати зуд гирифтан: Боғбон ба вай расиду* ***чубдасте кашид****, чандонаш бизад, ки на мурда, на зинда, пустдаридаю пашмканда аз тангной берун рафт [329; 151];*

***кашидан*** *расм кашидан, нақша кашидан: Шахсе, ки ба воқеанависӣ муқаррар буд, ин қазияро* ***дар силки тақрир кашид*** *ва ба мавфиқи арз расонид [329; 542];*

***кашидан*** *баровардан: Кор то ҷойе расид, ки* ***бар якдигар корд кашиданд*** *[336; 205]. Он бадбахти беэътидол низ* ***корде кашида,*** *бар шиками он ѓулом зад [336; 1044];*

***кашидан*** *густурдан, оростан, паҳн кардан /дар мавриди оростани дастурхон/: Пас вайро биншондану* ***моида кашиданд*** *ва аз ҳар чизе бихӯрд [329; 93]. Пас ӯро бинишонду бифармуд, то* ***моида кашиданд*** *ва бар он моида таомҳои гуногун буд [338; 156];*

***кашидан*** *кандан, бароварда берун кардан: Подшоҳ бифармуд, то тамоми дандонҳои ӯро бе анбӯр* ***аз даҳони ӯ кашиданд****у забони ӯро буриданд [338; 156].*

***кашидан*** *барои коре ба муҷозот кашидан: Маро кушта дар чоҳи хонаи вай андозӣ, то авлиёи ман ӯро бо иллати он* ***ба қасос кашанд****у бо хориву уқубати тамом ӯро бикушанд [336; 746];*

***кашидан*** *раҳо кардан, халос кардан: Модару хоҳари вай огоҳ шуданду маро* ***аз дасти ӯ кашиданд*** *[336; 76].*

Дар сарчашмаҳои хаттӣ феъли **кашидан** дар шакли **даркашидан** дучор омада, маънои берун кашидан, берун карданро доштааст: *Мард майли қозӣ дарёфту чодар* ***аз сари зан даркашид*** *ва рӯйи ӯро бараҳна кард [338; 131]. Ногоҳ аз чизе бирамиду сар* ***аз ӯ даркашид*** *[338; 88].*

Феъли **кашидан** дар шакли **теғ бар рӯй кашидан** ба маънои қатл кардан, кӯштан ба кор рафтааст: *Ҷаъфар аз Абдумалик рӯйгардон шуд ва ба Мусъоб пайваст ва теғ* ***бар рӯйи Абдумалик кашида*** *ӯро ҳалок сохт [338; 69];*

***кашидан*** *гузаронидан: Эй боз, ҳаргиз ҳеҷ ҷо дидае ва ё аз ҳеҷ кас шунида, ки* ***бозеро бар сих кашида*** *бошанд [338; 73]. Агар ту маро* ***баҳри ришта дар сӯзан кашидан*** *ва нақши нигин хондан ва дидбонӣ кардан мехоҳӣ [336; 283];*

***кашидан*** *бастан: Кор ба ҷойе расид, ки ӯро* ***дар занҷир кашиданд*** *[341; 82]. Дид, ки девонаеро* ***дар занҷир кашиданд*** *[336; 317];*

***кашидан*** *чизеро баровардан, аз дохил кашидан: Чун гувоҳон ҳозир буданд фӯтадор фӯта* ***аз миёни ӯ кашид*** *[336;73]****.*** *Пир* ***корде бикашиду*** *хикро саросар бидарид ва тамоми асалҳоро бар хок рехт [336;310].*

Дар «Латоиф-ут-тавоиф» феъли **кашидан** дар шакли **кашида доштан** ба маънои даст кашидан аз чизе ба кор рафтааст: *Мавлоноро аз бӯйи он кароҳате шуд ва даст* ***аз хӯрдани он кашида дошт*** *[338; 317].*

Феъли **кашидан** бо 13 хели маънои амал дар забони насри ин давра мавриди корбурд қарор гирифтааст.

Доир ба феъли ёвари **доштан** Т. Зеҳнӣ дуруст қайд мекунад, ки: «намуди дуюми феъли давомдор бо феъли ёвари «доштан» ташкил мешавад. Ҷузъи якум аз феъли асосӣ-масдар ва ҷузъи дуюмӣ аз феъли тасрифии «доштан» иборат аст» [31; 206]. Дар забони осори хаттии асрҳои XV-XVI феъли **доштан** дар таркиби ибораҳои феълӣ тобишҳои зиёди маъноро ифода мекунад:

***доштан*** даст кашидан: *Даст* ***аз муолиҷаи ӯ бидоштанд*** *ва паҳлӯ тиҳӣ карданд [338; 147]****.*** *Мавлоноро аз бӯйи он кароҳате шуд ва даст* ***аз хӯрдани он кашида дошт*** *[338; 317]. Даст* ***аз муолиҷаи ӯ бидоштанд*** *ва паҳлӯ тиҳӣ карданд [338; 147];*

***доштан*** *фазилат, мукаммалӣ доштан:Чун рӯйи таваҷҷуҳ* ***ба ҷониби касби соири камолот дорад*** *[341; 277];*

***доштан*** *нигоҳубин кардан, муҳофизат намудан: Ошиқи ҷавоне шуда, шабу рӯз дар хидмати ҷавон аст ва шабҳо* ***дар гирди кӯйи ӯ пос медорад*** *[341; 102].*

Дар насри ин давра феъли **доштан** дар шакли феъли ёвар дар ибораи **ба якдигар ҳузур доштан** маънои буданро ифода кардааст: *Ду ёри ҳамнафас* ***ба якдигар ҳузуре доштанд,*** *ки ногоҳ аз рӯйи ҳаво тӯтие падид гардид [336; 757];*

***доштан*** ба маънои ҳузур будан, доштан*: Дар маҳалле, ки Соҳибқирони мағфур* ***дар он ҷо ташриф доштанд****, ба мулозимати эшон ба азми ҷаҳонгирӣ алам барафрохта [341; 111];*

***доштан*** *молик будан, доро будан: Оре, пеш аз ин* ***ба як моҳ*** *фалон мард* ***беморие дошт*** *[338; 14].*

Дар забони осори хаттии асрҳои XV-XVI феъли **ќапидан** ба маънои доштан, даст гирифтан, дастгир кардан дучор наомад. Ин феъл дар осори ин давра, махсусан забони «Бадоеъ-ул-ваќоеъ» бо тобиши маънои каме дигар , яъне ба маънои кашида гирифтан истеъмол ёфтааст:

Модарзани ҳасуду бародарзани мусир (р),

Ё раб, кунанд ҳашр ќиёмат ба Булаҳаб.

Таълим медиҳанд, ки ў пиру ту ҷавон,

Дар даст ҳар чӣ дошта бошад, **аз ў биќап** [336; 1243].

Феъли **ќапидан** ба маънои даст гирифтан, дастгир кардан дар забони адабии ҳозира ва шеваҳои он низ серистеъмол аст.

Дар забони насри ин давра феълҳои амале дучор омад, ки ифодакунандаи мафҳуми нестӣ буда, дар таркиби ибора маънои нобуд шудан, нест шудан, мурданро сурат додаанд.

Дар асари Ж. Гулназарова «Таснифоти маъноии феъл дар «Баҳористон»- и Абдурраҳмони Ҷомӣ» феъли **мурдан** ба гурўҳи феълҳои марбут ба нестӣ дохил гардида, таъкид шудааст, ки феъли мазкур дар қатори дигар феълҳо дар асар маънои нестӣ, марг, заволро ифода мекунад [13; 89]. Мо низ ин нуктаро муҳим мешуморем, чунки дар забони насри ин давра феъли мазкур чун ифодакунандаи мафҳуми нестӣ ба маъноҳои ҷон додан, даргузаштан, завол ёфтан, ҳалок шудан ва ѓ. фаровон ба кор рафтааст:

***мурдан*** *лаҳзаи ҷон супурдан, даргузаштан: Баъд аз он ба* ***муддате*** *он фақеҳ насронӣ шуд ва* ***бар насронӣ бимурд*** *[329; 88]. Иттифоқро Маҳмуд* ***дар он айём бимурд*** *[338; 341].*

Таҳлили мисолҳо нишон дод, ки дар забони асарҳои таҳќиќшавандаи ин давра инчунин феълҳои **фавт шудан, ҳалок гардидан, вафот ёфтан, шаҳид шудан, даргузаштан** дар таркиби ибораҳои феълӣ мустаъмал буда, маънои мурдан, нобуд шудан, даргузаштанро ифода кардаанд:

***фавт шудан*** *мурдан: Дар охир* ***ба синни панҷоҳсолагӣ*** *ба марази обила* ***фавт шуд*** *[341; 288];*

***ҳалок гардидан*** *вафот кардан, мурдан: Одилшоҳ дар ғазаб шуда бозро чунон бар замин зад, ки боз* ***ҳамон замон ҳалок гардид*** *[336; 725];*

***вафот ёфтан*** *мурдан, даргузаштан:* ***Дар авохири умр*** *ба ватани худ омада ва дар он ҷо* ***вафот ёфт*** *[341; 275]****.*** *Ва дар соли саду даҳум* ***аз хиҷрат вафот ёфта*** *ва дар вақти вафот ҳафтоду ҳафтсола буда [338; 160];*

***кушта шудан*** *қатл кардан:* ***Дар шуҳури санаи исно*** *ва хамсина ва тисъамиа ба дасти яке аз маҷмуҳин ба захми корд* ***кушта шуд*** *[341; 66]. Амир Ҷаҳонгир ба ҳимояти Амир Алишер эътимод намуда, ҷамоати додхоҳон се каси муътабарроро* ***ба қатл расониданд*** *[336; 549];*

***шаҳид гардидан*** *бегуноҳ кушта шудан, қурбоншуда: Ва дар он наздикӣ вафот ёфт ва гӯянд* ***ба заҳри Ҳорун шаҳид гардид*** *[338; 41];*

***даргузаштан*** *мурдан, нобуд шудан дар лаҳзаи муайяни вақт:* ***Баъд аз чаҳор моҳ*** *ба марази тоун* ***даргузашт*** *[341; 57].*

Дар забони «Бадоеъ-ул-вақоеъ» феъли **қалам кардан** серистеъмол буда, ба маънои куштан, аз миён дуним кардан истифода шудааст: *Ва баъзеҳоро арра бар сар ниҳода, дуним месохтанд ва баъзеро аз бағал овехта, санг бар по баста,* ***аз миён қалам мекарданд*** *[336; 618].*

Дар забони насри ин давра дар қатори ин феълҳо боз феълҳои ифодакунандаи кору амали **дидан, фармудан, додан, кандан, ниҳодан, чаридан, нишастан ва ғайра** низ дар таркиби ибора омада, маънову тобишҳои гуногунро ифода кардаанд:

***дидан*** *назар кардан, нигоҳ кардан: Чун* ***халоиқ*** *ин ҳолатро* ***бидиданд*** *ва ин мақолотро шуниданд, фиғон баркашиданд ва ба ҳой-ҳой ба гиря даромаданд [338; 932]. Ва дар рӯйи ҳаво* ***кабӯтарон дар парвоз дид****, даст бар ҳам задан гирифт [336; 556]. Араб* ***дар аснои чиз хӯрдан*** *сар бароварду араберо дар баробари худ нишаста* ***дид*** *[338; 108].*

Дар забони “Бадоеъ-ул-вақоеъ” феъли **фармудан** дар шакли сода ва таркибӣ маъноҳои зеринро ифода кардааст:

***фармудан*** *гуфтан, сухан пардохтан*: *Мирзо* ***дар ҳоли мастӣ фармуданд*** *[197];*

***фармудан*** *амр кардан:****Бародари Амир*** *Зайнулобиддин Амир Алиасғар* ***фармуданд****, ки аз ин таърих ду моҳ шуд [1091];*

***фармудан*** *таъин кардан****: Дар чаҳордаҳсолагӣ*** *ҷулус* ***фармуда*** *буданд [341; 49];*

***авф фамудан*** *бахшиш кардан, бахшидан: Мирзо* ***гуноҳи Мавлоно Огаҳиро авф фармуданд*** *[1268];*

***талаб фармудан*** *ташриф овардан, омадан, омадан ба ҷойе, хонаи касе: Рӯзе ин каминаро ба расми зиёфату меҳмондорӣ* ***ба хона талаб фармуданд*** *[52];*

***инъом фармудан*** *ҳадя намудан:* ***Дар охири маҷлис*** *ҳар кадоми моро яксад танга* ***инъом фармуд*** *[1145];*

***инъом фармудан*** *ҳадя кардан: Имом табассум намуд ва ӯро* ***даҳ ҳазор дирам инъом фармуд****у гуфт [338; 97]. Он олиҳазрати салтанатмаобӣ ба ҳар кадом аспи* ***ба зину лаҷом*** *ва сарупои муносиб* ***инъом фармуда*** *[338; 454];*

***инъом кардан*** *эҳсон кардан: Соҳиби Аббод касеро* ***аз дӯстон ваъдаи инъоме карда*** *буду мужда и икроме дода [338; 80]. Амр аз он сухан бихандиду* ***даҳ ҳазор динор ба вай инъом кард*** *[338; 87];*

***бахшидан*** *инъом кардан, ба касе чизе бахшидан: Салтанати худро* ***дар халосии ту*** *ба эшон* ***бахшам*** *[336; 933]. Эй ҷони падар, агар он ҷамоат ба он розӣ шаванд, ки ман тамоми малакату салтанати худро* ***дар халосии ту ба эшон бахшам*** *[336; 933].*

Феъли **фармудан** ба ҷойи феъли кардан /намудан/ дар мавқеи эҳтиром бо исме ҳамроҳ шуда, феъли таркиби номӣ ташкил мекунад: карам фармоед, каромат фармоед: ***Сарупои*** *хосаи* ***худро каромат фармуданд*** *[336; 42].*

Дар забони “Баҳористон” феъли **додан** серистеъмол буда, барои ифодаи маъноҳои зиёде ба кор рафтааст:

***додан** чизе ба касе супурдан: Дар хотираҳо нишаста буд, ки чун яҳудӣ он сафолро **ба ҳокими Басра дод** [53];*

***додан** бахшидан, ато намудан: Ҳаҷҷоҷ бихандид, фармуд, то вайро **даҳ ҳазор дирам доданд**у ба диёраш фиристоданд [42];*

***додан** ба касе супурдан, бахшидан: Искандар яке аз кордоронро аз амале шариф азл кард ва амале хасис **ба вай доданд** [329; 42]. Пас бифармуд, то ҳазор динор **ба вай доданд** [329; 16]. Даҳ ашрафӣ **ба ман дод,** боқиро худ гирифт ва ман онро руфӯ кардам [336; 480];*

***шир додан** маконидан, ширхӯра кардан:Аммо ту чунон ба чашми шавќат дар ӯ менигарӣ ва аз даридану хӯрдани ӯ бад мебарӣ, ки **модар**и ӯ туро **шир додааст** [329; 94];*

***тартиб додан** пӯхтан, пазидан, табх кардан: Бифармуд, то **таомҳои гуногун тартиб доданд** ва акобири шаҳрро ба меҳмонӣ талабиданд ва маҷлиси олӣ оростанд [336; 130]*;

***супурдан** додан, ба ихтиёри касе гузоштан: Ғулом офтобаро баровард ва дар ҳузури подшоҳ **ба соҳибаш супурд** [336; 482].*

Дар “Латоиф-ут тавоиф” феъли таркибии номии **ќарор додан** ба маънои аҳд кардан, ќавл додан корбаст шудааст: ***Бар ин шарт ќарор доданд** ва султон бо ҷамъе аз муќаррабон аз шаҳр берун омада, рӯй дар саҳро ниҳоданд [129]. **Бар ин қарор доданд**, ки дар ин ҳезумҳо оташ зананд [166].*

Ин феъл ба маънои бахшидан, ато фармудан низ мустаъмал аст: *Ҳоҷати аввал он ки ҳазор динор **ба расми қарз** ба ин мард **диҳӣ** [262].*

Дар асари мазкур шакли **бонги намоз додан** низ дучор омада, маънои фарёд кардан, бо овози баланд хитоб карданро ифода кардааст: *Вақте ҳама дар як маҷлис ҷамъ буданд, **бонги намоз**и шом **доданд**у ҷамоат қоим шуд [122].*

Феъли **дардодан** хоси забони «Латоиф-ут-тавоиф» буда, дар таркиби иборахои феълии насри дигари ин давра дучор наомад. Ин феъл дар таркиби ибора ба маънои бахшидан, таслим кардан ба кор рафтааст: *Эй халифа, **тан***

***ба куштан дардодан*** *коре саъб аст ва ман аз ӯ ҳеч мӯъҷизае наметалабам [71];*

***сар додан*** *раҳо кардан, равон кардан: Дар фасли баҳор мардум беихтиёр чорпоёнро* ***ба алаф сар дода буданд*** *[142];*

***кандан*** *кофтан, кофта гирифтан: Як ҷониби чоҳро миқдори ҷӯйча* ***то қаъри чоҳ канданд*** *ва ба шакли остине аз чарм дӯхта, дар он ҷӯйча ниҳода, муҳкам сохтанд [336; 350].*

Ин феъл дар насри ин давра дар шакли сохта **баркандан** низ серистеъмол аст:

***баркандан*** *кофтан: Абӯҳошими суфӣ гуфтааст, ки кӯҳро* ***ба нӯги сӯзан баркандан*** *осонтар аст аз занги кибр аз дил бияфгандан [329; 27];*

***баркандан*** *куштан, ҳалок гардонидан: Сари ӯро* ***аз тан барканда*** *ва болҳои ӯро дарҳам печида дар даруни дег афганад [336; 873]. Хусрав бифармуд , то* ***сари шоҳинро барканд****у ба саҳро афканд [338; 65].*

Маводи фароҳамоварда нишон дод, ки феъли **ниҳодан** яке аз феълҳои серистеъмол ва сермаъноu забони насри ин давра мебошад. Ин феъл ҳаммаънои **гузоштан** буда**,** дар таркиби ибораҳои феълӣ тобишҳои гуногуни маъно зоҳир кардааст:

***ниҳодан*** *ба маънои гузоштан: Дар он син ба шеър гуфтан чандоне ҳарис буд, ки маҳалле ки бародараш фавт шуда буду* ***дар тобут ниҳода*** *мебурданд [341; 64]. Ва подшоҳ дар хилват муқаррар карда буд, ки нарҳои гӯсфандонро алоҳида пухта буданд ва* ***бар он табақ ниҳода*** *ва сар пӯшида [338; 130];*

***ниҳодан*** *мондан: Баъд аз вилодат ва зуҳури нур ва адои калимаи шаҳодат дар саҷда афтоду пешонӣ* ***бар замин ниҳод*** *[338; 48]. Он чӯбро* ***дар зери бисот****и худ* ***ниҳод*** *[329; 47]. Баъд аз ин фатҳ пой* ***бар маснади салтанат ниҳода*** *ҳокими аксари билоди Эрон гашт [341; 62];*

***ниҳодан*** *густурдан: Чун* ***рӯзи дигар*** *бомдод карду* ***моида биниҳод*** *[329; 51];*

***ниҳодан*** *пинҳон кардан: Дид, ки яке аз ҳозирон, ки бо вай нисбати хешӣ дошт, ҷоми заррин* ***дар бағал ниҳод*** *[329; 51];*

***ниҳодан*** *қарор додан: Баъд аз нафири ом* ***рӯй ба гурез ниҳод*** *[338; 89].*

***ниҳодан*** *гузоштан: Пас ҳар ду сари расанро бигрифту ва* ***пушти кӯҳ бозниҳод*** *[338; 16]. Дузд ҷомаҳоро* ***дар паси дар ниҳод*** *ва ҷорӯбе он ҷо дид [338; 274].*

Ин феъл дар насри ин давра дар шакли таркибӣ низ дучор омад:

***сар ниҳодан*** *мурдан: ...ва ба он сурхрӯй бори дигар рӯ дар он сияҳрӯзон оварду* ***чанд тани дигар****ро сар бардошт ва охир* ***сар биниҳод****[329; 80].*

Дар забони насри ин давра феъли **гузоштан** дар шакли аорист ба вазифаи муқаррарии худ мавриди истифода қарор гирифта, баъзан он ба ҷойи феъли ҳозира-оянда ба кор бурда мешавад. Чунин қоида дар забони классикӣ меъёри умумӣ ҳисоб меёфт ва дар забони ҳозира , одатан, дар назм вохӯрда, дар забони наср ва адабии умумӣ ниҳоятдараҷа кам дучор мешавад: *Ба хотир расид, ки шумо ҷонишини ҳазрати пайғомбаред, ба диёнату амонати шумо имрӯз касе нест, мехоҳам, ки ин амонатҳоро* ***дар хонаи шумо гузорам*** *[336; 481].*

***чаридан*** *чаро кардан, хӯрдан:Шутурон дар гирди ӯ мечаранд [329; 51];*

***чаро кардан*** *чаридан, хӯрдан: Шутуре* ***дар саҳро чаро мекард****у аз хору хошоки он саҳро ғизо мехӯрд [329; 155];*

***ҳозир шудан*** *овардан, ба пеш овардан: Аввал он ки аз даҳони ӯ овозе берун меояд, ки бандагони Худой ба* ***вақти намоз ҳозир мешаванд*** *[338; 257]. Чун* ***ба вақти дарс ҳозир шудан*** *ҷузвҳоро баровարданд, ба ҷониби махдумӣ фармуданд [336; 1178];*

***муқаррар кардан*** *чизе ба касе ҳукм кардан: Ҳокими он диёр ҳар рӯз* ***як ман шароб*** *ва як ман гӯшт* ***муқаррар карда*** *буд, ки ба ӯ медоданд [341; 184];*

***хатна кардан*** *буридани пӯсти сари нара: Дигар он ки бояд ӯро* ***дар тифлӣ хатна кунанд*** *[338; 239];*

***сохтан*** *таъин кардан: Ва Ҳорун* ***дар он айём*** *ӯро волии Хуросон* ***сохта буд*** *[338; 142];*

***сарф кардан*** *харҷ кардан: Дар* ***муддати як моҳ*** *ҳамаро* ***сарф кард,*** *чунон ки ба қарз муҳтоҷ шуд [329; 62];*

***гурехтан*** *фирор кардан, дур шудан: Отсиз тоби муқовимат надошт ва* ***шабошаб аз қалъа бигурехт*** *[338; 182]. Марде фозил ва шоире комил* ***аз Тӯс аз ҷаври омил гурехта*** *дар хонаи ман мебошад [336; 170]. Боз Имом Ҳусейн* ***аз Ҳазрат гурехт*** *[336; 13];*

***фирор намудан*** *аз ҷабру зулм рӯ ба гурез ниҳодан, гурехтан: Дар замоне ки мавлонои мушорунилайҳ аз Хуросон* ***аз ҷафои Қизилбошон фирор намуда,*** *ба Самарқанд омаданд [336; 170];*

***таҳсил намудан*** *хондан, омӯхтан: Баъд аз он* ***муддати даҳ сол*** *дар Шероз назди Абдулло Самад* ***таҳсил намуд*** *[341; 109];*

***андохтан*** *афгандан, ғалтондан, партофтан: Гӯянд, ки* ***дар ҳангоми ҷавонӣ*** *ҷавоне Содиқ ном ӯро дар ҳавзи обе* ***андохта*** *ва дасташро маҷрӯҳ сохт [341; 142]. Амири араб дар Бухоро қариб* ***ба як моҳ тарҳи иқомат андохтанд*** *[336; 367];*

***тавба кардан*** пушаймон шудан, афсӯс хӯрдан: Ҷонишини **ҳар** ба сифати ҷузъи тобеъ омада. ба ибора тобиши маънои давомнокӣ ва такрори амал бахшидааст: *Аммо* ***дар ҳар чанд рӯз тавба мекарду*** *боз ба сари кори худ мерафт [341; 262]. Аммо* ***аз шаб то субҳ тавба мекарду*** *боз ба сари кори худ мерафт [341; 262];*

***пӯшидан*** *чизе бар тан кардан: Махдумӣ* ***дар тобистон*** *ва зимистон қабои пури пунба* ***мепӯшиданд*** *[336; 623];*

***ҷанг намудан*** *ҳарб, набард кардан: Дар ҳилолаи* ***ҳамин сол бо Султонмурод*** *-ҳокими Ироқу Форс* ***ҷанг намуда*** *музаффару машҳур шуданд [341; 48];*

***ҷанг андохтан*** *дарафтидан, ҷангидан: Пас бифармуд, то ду саги шикории муаллам оварданду ҳардуро* ***бо ҳам ҷанг андохтанд*** *[338; 62];*

***гузордан/гузаронидан*** *гузоштан: Ғуломонро заруратҳо бошад аз таом хӯрдану қазои ҳоҷат кардан ва вузӯ сохтану* ***намоз гузордан*** *ва хоб кардан*

*[338; 67]. Носири Бухороӣ шоире фозил ва дарвешмашраб буд ва* ***умр дар саёҳат гузаронида*** *[338; 199];*

***одат шудан*** *расм шудан, хӯ гирифтан****:*** *Маъмуан Рашидро дар баргаштан аз сафар чанд* ***гил хӯрдан одат шуда буд*** *[338; 57];*

***эҳмол кардан*** *сустӣ намудан, танбалӣ кардан: Навкарон* ***дар чӯб овардан эҳмол мекарданд*** *[338; 560];*

***оромидан*** *дам гирифтан, истироҳат кардан: Ва агар* ***дар шаб биёромам,*** *кори ман дар охират зоеъ гардад [338; 64];*

***намудан*** *кардан: Мо* ***дар умри худ*** *се маҷлис тафарруҷ ва* ***мувоҳида намудем*** *[336; 1162].*

Як гурӯҳи ибораҳои феълӣ амалеро нишон медиҳанд, ки дар яке аз мавридҳои замон ва ба вуҷуд омадааст. Маънои замон маҳз тавассути ҷузъи тобеъ намоён мешавад. Чун ҷузъи тобеъ дар ин қабил ибораҳои феълӣ калимаҳои ифодакунандаи мафҳуми замон ба монанди: **аввал, ибтидо, асно, охир, хотима** корбаст шудаанд. Истифодаи онҳо дар насри ин давра ба таври гуногун сурат гирифтааст. Масалан, калимаҳои **аввал** ва **охир** нисбат ба калимаҳои **ибтидо** ва **хотима** серистеъмоланд, чунки ин калимаҳо нисбат ба муродифҳои худ хусусияти умумиистеъмолӣ доранд. Калимаҳои **ибтидо** ва **хотима** бештар дар услуби китобӣ истифода мешаванд:

***гузаронидан*** *гузаштан: Он, ки* ***дар аввал намоз мегузорд*** *ва баъд ба фароғат машғулӣ мекард [338; 160]. Ва халқи шаҳр тамом ба деҳа омаданд ва* ***аз шаб то субҳ намоз гузорданд*** *[338; 203];*

***муомала кардан*** *муносибат кардан: Шуморо* ***дар аввал*** *бо ман ҳамин* ***муомала боист кард****, то ин ҳама ташвиш накашидӣ [336; 809];*

***инъом фармудан*** *ҳадя кардан, бахшидан:* ***Дар охири маҷлис*** *ҳар кадоми моро яксад танга* ***инъом фармуд*** *[336; 1145];*

***иќомат фармудан*** *зиндагӣ кардан:* ***Дар охир*** *аз он ҷо ба Ироқи Аҷам омада, дар Кошон* ***иқомат фармуда*** *[341; 78];*

***мутаваттин будан*** *сокин, муќим будан: Султон Аҳмад* ***дар аввал дар Кошон мутаваттин буда,*** *ба воситаи бадномие мутаваҷҷеҳи Ҳинд шуд [341; 78];*

***дидан*** *нигоҳ кардан, назар кардан: Араб* ***дар аснои чиз хӯрдан*** *сар бароварду араберо дар баробари худ нишаста* ***дид*** *[338; 108];*

***ѓулом будан*** *банда, бандаи зархариди мардина:* ***Дар ибтидо ѓуломи Абӯалӣ будаам*** *ва вайро чиҳил ғулом буд, ки эшонро тарбият карда [336; 811*

***шино кардан*** *оббозӣ кардан: Фаридун Ҳусайн бо ҳамроҳонаш* ***аз намози пешин то намози шом*** *дар ҳавз* ***шино мекарда*** *[336; 170];*

***машѓулӣ намудан*** *ба коре банд будан****: Аз хуруҷи залом то фуҳули шом*** *ба такрори мутолаа ва тазокири мубоҳиса* ***машғулӣ менамуд*** *[336; 405];*

***машѓул дошта*** *машѓул будан: ...****то вақти субҳидам*** *котибаро* ***машѓул доштанд*** *[336; 580];*

***машѓул сохтан*** машғул будан, банд кардан ба коре ё чизе: *Подшоҳ ба ҳоли ӯ напардохту худро* ***ба ҷойи дигар машғул сохт*** *[338; 90];*

***машѓул шудан*** *ба коре шуѓл варзидан: Гуфтанд, ки Хоҷа Маҳмуд* ***ба вайрон кардани девори*** *Масҷид* ***машғул аст*** *[338; 219];*

***ѓалат кардан*** *хато кардан, роҳ гум кардан: Аммо* ***дар торикӣ роҳ ѓалат карда*** *ба ҷониби дигар порае роҳ рафтем [336; 1038];*

***гиристан*** *ашк рехтан, нолидан: Ба хаймаи худ рафтам ва* ***ба ҳой –ҳой гиристан оғоз кардам*** *[336; 1281]. Вақте ки ҷон меканд, он зан* ***бар болини ӯ мегиристу*** *мегуфт [336; 251];*

***берун омадан*** *зуд, бошитоб берун шудан: Шайх* ***ба таъзил берун омаданд*** *[336; 791];*

***гирифта овардан*** *чизеро бо худ ҳозир кардан: Баъд аз як ҳафта боз ӯро* ***ба ятимӣ гирифта оварданд*** *[336; 619];*

***афтодан*** *оҷиз шудан, нотавон шудан: Чун ба камари кӯҳ расид, бар сари чашма аждаҳое дид кушта ва* ***аз тоб афтода*** *[336; 753];*

***хазидан*** *аз таъсири чизе ба ҷойе рафтан, пинҳон шудан: Худ гӯйӣ, ки одами замин* ***аз шиддати тоби Офтоб дарҳам хазида*** *аз тағҷарун хуни лаби ташнагони талхком он замин рӯй дар ҳам кашида [336; 340];*

***бетоқат шудан*** *сабру тaҳаммул аз даст додан: Шабе хоҷаро хоб намебурд****, аз дарди дили фарзандони*** *худ* ***бетоқат шуда*** *аз хона берун омад [336; 170];*

***фурӯхтан*** *ба сабабе молу чизеро ба касе додан: Ду кас аз эшон* ***аз бетоқатии гуруснагӣ пӯстинҳо****и худро* ***фурӯхта*** *хӯрданд ва аз шиддати сармо ҷон ба Ҷонофарин супурда мурданд [336; 170];*

***навиштан*** *фикреро матлаберо рӯйи қоғаз овардан: Яке аз ҳукамо гуфтааст: Чиҳил дафтар* ***дар ҳикмат навиштам*** *ва ба он мунтафеъ нагаштам [329; 35]. Муносиб чунон менамояд, ки аз забони Мавлоно Порсо* ***ба вай мактубе навишта шавад*** *[336; 571];*

***мондан*** *гузоштан, вогузоштан, монондан: Ноие буда, чун вайро* ***ба даҳон монда,*** *аз вай боде зоҳир шуда…[336; 418];*

***овардан*** *мондан: Филҳол берун давид ва сар* ***ба гӯши ҳаммомӣ оварда*** *[336; 1025];*

***ба арз расонидан*** *маълум кардан, иблоғ кардан: Ва онро ба Маҳак дод ва он достон* ***ба арзи султон расонид****, бисёр мақбулу матбӯи султон афтод [336; 478]. Баъд аз рафтани Шоҳқосими Нурбахш* ***ба арзи Мир расонид*** *[336; 563];*

***саъй намудан*** *кушиш намудан, ҷидду ҷаҳд кардан:****….дар куштани ин рофизӣ саъй намоем*** *[336; 1056];*

Дар як гурӯҳ иборaҳои феълӣ дар сарчашмаҳои давраи таҳқиқ ҷузъи тобеъ пас аз ҷузъи асосӣ феъл низ омадааст: *Эшон* ***бахилӣ мекунад дар мадҳ*** *ва ҷавонмардӣ мекунанд дар ҳаҷв [336; 217];*

***нигоҳ кардан*** *нигаристан, назар кардан: Носир* ***дар эшон нигоҳ кард****, пӯстинҳои бӯр дар бар доштанд [336; 618]. Лаҳзае гузашт, шахсе дари гармхонаро гушод ва* ***дар мо нигоҳе карда*** *[336; 1023].*

Дар як гурӯҳ ибораҳои феълии насри ин давра феъли ифодакунандаи марбут ба гуфтан дар шаклҳои гуногун мавриди корбурд қарор гирифтааст. Ин феъл дар шаклҳои сифати феълӣ ва феъли ҳол **гуфта** ба маънои ситоиш, тавсиф корбурд шудааст: *Гӯянд, шоире* ***қасидае дар мадҳи ӯ гуфта*** *ва бечиҳат забон ба ҳаҷваш кушода, хоҷаи мазкур ин қитъа кушода, хоҷаи мазкур ин қитъа гуфта, наздаш фиристод [341; 119]. Шайхи мазкур* ***ғазале,*** *ки чанд байт аз он аст,* ***дар бадеҳа гуфта*** *аз ақиби подшоҳ фиристод [341; 140].*

Дар «Туҳфаи Сомӣ» вожаи **гуфтан** ба вазифаи феъли ёвар дар шаклҳои **шеър гуфтан**, **ғазал гуфтан** омада, маънои шеър эҷод намудан, ғазал эҷод намудан, иншо карданро ифода кардааст: *Аз қабилаи аъроби Бани Асад даст ва* ***ба се забон шеър гуфтан*** *гирифт, кошкӣ* ***намегуфт*** *[338]. Аммо гоҳе андаке аз ҷузви аъзои тановул мефармуд ва аз сари кайфияти тамом* ***ба шеър гуфтан машғулӣ мекард*** *[211]. Дар ғурбату ошиқӣ* ***ин ғазал гуфта*** *ва дар панҷоҳ нақше баста [240].* ***Дар шеър гуфтан зеҳн****и хуб* ***дорад*** *[73].*

Дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» ва «Баҳористон» ин қолаби ибораҳои феълӣ бо феъли **гуфтан** ба маънои эҷод кардан, иншо кардан ба таври фаровон мустаъмал аст: *Ва қироат биёмухт ва* ***шеър гуфтан гирифт*** *[329; 121]. Бинобар он ки ҳар чӣ Мавлоно Наҳвӣ* ***дар ҳаққи вилояту мардуми мо гуфта*** *ҳама рост гуфтааст [336; 622]. Ҷабраил оҳиста* ***ба Пайғомбар гуфт*** *[336; 1095]. Ман оҳиста* ***ба Ғиёсиддин Муҳаммад гуфтам****, ки эй бародар, ту девона шудаӣ, ин чӣ ёваҳост, ки мегӯӣ [336; 1033];*

***хондан*** *қироат кардан, мутолаа кардан: Қуввати ҳофизаи ӯ ба мартабае буд, ки* ***ба як бор хондан*** *сӣ байт* ***ёд мегирифт*** *[341; 73];*

***хондан*** *талаб кардан, хостан: Эй Расулуллоҳ,* ***шаҳвари ман туро мехонад*** *[338; 15];*

***дарс хондан*** *сабақ гирифтан: Ман* ***дар хидмати эшон дарс хонда*** *ва андак сиёҳу сафед, ки фарқ метавонам кард, аз баракоти эшон аст [341; 132];*

***иншо кардан*** *офаридан, эҷод кардан: Ва биистоду чанд байт муносиби ҳол дар камоли балоғату фасоҳат* ***дар бадеҳа иншо кард*** *[329; 134];*

***машварат кардан*** *ба маънои суҳбат доштан, сухан дарпайвастан: Як лаҳза бош, ки маро дӯстест, то* ***ба вай машварат кунам*** *[338; 39];*

***суҳбат задан*** *бо касе гуфтугӯ кардан, машварат оростан: Пас гӯем: ҳар кас мисраи рабеъ бигӯяд,* ***ба ӯ суҳбат мезадем*** *ва агар не, маро маъзур доред [329; 126];*

***камар бастан*** *тартиб намудан, сохтан, ба вуҷуд овардан: Муреро дидам,* ***ба зурмандӣ камар баста*** *ва малахеро даҳ баробари худ бардошта [329; 134];*

***бастан гирифтан*** *банд кардан, занҷир кардан: Дастҳои маро* ***ба қафо бастан гирифтанд*** *[336; 1075];*

***бастан*** *гиреҳ кардан, печонидан:Ва алифворе аз доманаш бурида* ***бар миён бастам*** *[336; 210];*

***пинҳон шудан*** *паноҳ бурдан: Ва ҳеҷ касро намешинохтам, ки* ***пеши вай пинҳон шавам*** *[329; 134];*

***овардан*** *чизеро ба ҷойе интиқол додан, бурдан**:** Филҳол як сар гӯсфандро кушту* ***пеши ман овард*** *[329; 67]. Чун хабари ӯ ба ҳазрати соҳибқирони мағрур расид, аз Озарбойҷон бар* ***сари ӯ*** *илғор* ***ба Табрез оварда,*** *ӯро гурезонид [329; 48];*

***шикоят кардан*** *изҳори норозигӣ аз касе, чизе: Мардум* ***аз шоҳ Ардашер шикоят карданд,*** *ки бағоят кам аз ҳарам берун меояд [286; 55];*

***буридан*** *чизеро пора намудан, ба порчаҳо ҷудо кардан**:** Ва алифворе* ***аз доманаш бурида*** *бар миён бастам [341; 210];*

***буридан*** *ба маънои қатъ намудани дӯстӣ, даст кашидан аз амале: Уқойл* ***аз Муовия бибурид*** *ва аз омадшуди маҷлиси вай пой даркашид [279; 48];*

***шикастан*** *пора-пора кардан: Рӯзе шоҳзодае бағоят соҳибҷамол аз авлоди Темур дар маҷлиси Эшон қитъае* ***наботи мисрӣ*** *ба дандон* ***бишикаст*** *[338; 173];*

***арза кардан*** *баён кардан: Пас имом* ***ба вай арз кард*** *ва вай имон овард ва Шиблӣ аз бистар бархост ва бар вай аз беморӣ асар не [329; 21];*

***талабидан*** *ҷеғ задан, даъват кардан: Чун онро бихонд,* ***шоирро талабиду*** *даҳ бадра зар ба вай дод [329; 70];*

***задан*** *кӯфтани касе: Махрама асои худ бикашиду ба қуввати тамом* ***бар фарқи Усмон зад****, чунон ки сари ӯ бишикаст [338; 23]. Ҳоҷиби дуввум даст* ***бар синаи вай заду*** *нагузошт, ки дарояд [329; 52];*

***задан*** *буридан, қатъ кардан: Эй халифа, дар пеши ту* ***гардани вазири ту бизанам*** *ва филҳол зинда созам [338; 71];*

***лат кардан*** *задан, кӯфтан: Фарёд овард, ки эй азиз, агар* ***мӯҷиби лат кардан,*** *ангур хӯрдан аст, хирс низ ангӯр мехӯраду беш аз ман вайронӣ мекунад [338; 238];*

***андохтан*** *паротофтан ба ҷойе: Ту* ***оби даҳан*** *ба сӯйи ман* ***андохтӣ*** *ва нафси маро хашмгин сохтӣ [338; 65];*

***буридан*** *чизеро ќатъ намудан, ба пораҳо ҷудо кардан: Номҳое, ки бар сари варақ буд,* ***ба миќроз буридем*** *ва ба ҳазрати хон гузаронидем [336; 306];*

***шуҳрат карда*** *ном баровардан: Ман ходими деринаи ин остонам ва Шумо қитаъе фармудед, ки* ***дар тамоми шаҳр шуҳрат карда*** *ва ҳар ҷо мерасам, бар ман мехонданд [338; 177];*

***мубаддал сохтан****: табдил ёфтан, иваз шудан: Иттиҳод* ***ба фасод*** *ва дод* ***ба тазоду ҳуқуқ*** *ба уфуқу вифоқ ба* ***мубаддал созад*** *[336; 324];*

***мубаддал гардидан*** *иваз шудан: Чун он* ***мараз ба сиҳат мубаддал гардид*** *[336; 970];*

***табдил ёфтан*** *дигаргун шудан: Муҳаббат* ***ба кулфату кудурат табдил ёфта*** *буд [336; 31];*

***ҳамроҳ шудан*** *ҳамроҳ равон гардидан, рафтан: Алқисса,* ***ба вай ҳамроҳ шуда****, ба мазори Султон Хуросон расидем [336; 2012];*

***ҳамроҳ овардан*** *касеро ё чизеро ҳамроҳи худ ба ҷойе овардан: Фақирро* ***ба дарс ҳамроҳ оварда****, дар вақте ки ҳама аҳли дарс ҳазор буданд [336; 2012];*

***ҳамроҳ рафтан*** *ҳамроҳ аз ҷойе ба ҷойе рафтан, ҳамроҳӣ кардан: Ва дар баргаштани хавоқин ба ҳамроҳии вай* ***ба Самарқанд рафта шуд*** *[336; 366].*

Дар забони насри ин давра ҳолати дар ду шакл мавриди истифода қарор гирифтани ҳамон як ибораи феълӣ ҳам ҳодисаи маъмул будааст. Ин ҳолат дар «Баҳористон» ва «Латоиф-ут-тавоиф» дучор омад:

***ғорат кардан*** *рабудан, дуздидан: Имрӯз даст* ***ба ғорат бикшояму*** *ҳар чӣ биёбам, бирабоям ва фардо бо Фиръавн дар оташ дароям [329; 106]. Он хоҳам, ки имрӯз даст* ***ба ғорату тороҷ баркушояму*** *ва фардо бо Фиръавн Намруд дар оташ дароям [338; 89].*

Чунон ки маълум аст, феъл дар баробари амалу ҳаракат инчунин ҳолату вазъиятро низ мефаҳмонад. Дар ин бобат С. Ҳалимов дуруст қайд мекунад, ки: «Маънои ҳаракату амал хеле гуногун аст: худи амале, ки барои таъсир расонидан ба объект, ба ягон предмет равона карда шудааст: (хат навиштан); ҳолат (хобидан), ҷойи дигар кардан дар масофаву масоҳат (давидан), ҳодисаҳои гуногуни садо баровардан (гап задан), зуҳуроти ягон аломат, ё тағйироти аломату хусусият (сард шудан) [102; 7].

Дар забони осори асрҳои XV-XVI феълҳои ҳолату вазъияти **хандидан, гиристан, ранҷонидан, андеша кардан, шукуфтан, хуфтан, ситам кардан, истодан, хурсанд шудан, такя кардан, нолидан, ошуфта гардидан** ва феълҳои мафҳуми муносибати **афтодан, бахшидан, гузоштан, омӯхтан, печидан, даргузаштан, дӯст доштан, эҳтиром кардан в**а монанди инҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ ба сифати ҷузъи асосӣ омада, тобишҳои зиёди маъноро ифода менамоянд:

***бисёр хандидан*** *хушҳол шудан, хурсанд шудан: Чун* ***ҷаноби садр*** *... мунбасит гардида,* ***бисёр бихандид*** *[336;74];*

***хандондан*** *хушҳол гардондан, хурсанд кардан: Уламо гуфтанд, ки ин ҳадис далел аст, бар он ки агар касе дар мазоҳ ба сухани рост* ***мардумро бихандонад****, боке нест [338; 8];*

***хандон шудан*** *хурсанд шудан: Ҳуззори маҷлиси Убайдуллохон* ***аз ин ҳикоят хандон шуданд*** *[336; 317];*

***бисёр гиристан*** *гиря кардан, ашк рехтан: Баъд аз он эшонро рикқате даст дод ва* ***бисёр гиристанд*** *[336;76];*

***ранҷонидан*** *орзудан, хафа кардан: Чун бозомадам, шӯбон чӯб бар ман кашиду бе мӯҷибе* ***маро ранҷонид*** *[329; 154];*

***хуфтан*** *хобидан: ..дар паҳлуи ман бихуфт [329; 84];*

***ошуфта гардидан*** *ғамгин дилтанг шудан:Чунин гӯянд, ки* ***хоҷа баъоят ошуфта гардида,*** *суханони таҳидомезу ҳикоёти ваҳшатангез гуфтан гирифт[336; 66];*

***дар ғазаб шудан*** *хашмгин шудан: Аъробӣ дар ғазаб шуду дашном медод [329; ].*

Дар як гурӯҳи ибораҳои феълӣ калимаҳои **куштан, тарс, ҳасад, ханда, рашк, шарм, ҳайбат** ба сифати ҷузъи тобеъ ба таври фаровон истифода шудаанд:

***пушаймон шудан*** *афсӯс хӯрдан:: Баъд аз он подшоҳ* ***аз куштани тутӣ пушаймон шуд*** *[336; 768];*

***бархостан****-хестан:Араб* ***аз тарси наълайни ҳазрати Амир бархосту*** *намозе аз рӯйи таъаннӣ гузорид [338; 97];*

***ларзидан*** *ба ҷунбиш ва тазалзул даромадан: Дарвеш чун он бидид, дар байғулае хазиду* ***аз тарс меларзид*** *[336; 815];*

***тарсидан*** *дар хавф шудан: Ҳар кӣ* ***аз Худой тарсад****, аз ғайри ӯ натарсад [338; 90];*

***боз кардан*** *кушодан: Он шахс* ***аз тарс даҳон боз кард*** *[336; 321];*

***овардан*** *хурсанд кардан: Ва саҳоба низ дар ҳузури он ҳазрат бо якдигар мутойиба мекарданд ва* ***Ҳазратро ба ханда меоварда*** *[338; 7];*

***ба танг омадан*** *малул шудан, орзуда гаштан, безор шудан: Ҳазрати Шайхулислом* ***аз дарди хала ба танг омада****, изҳори дардмандӣ намуданд [336; 197];*

***танг омадан*** *безор шудан:Чун кор* ***ба бемор танг омад*** *(Баҳористон, с. 107). Аҳли маҷлис* ***аз ӯ ба танг омаданд*** *[338; 177];*

***танг нишонда*** *ба маънои дар ҷойи борик, камбар нишондан: Эй қозӣ, шавҳар маро* ***дар ҷойгаҳе танг нишонда*** *ва ман аз он ба тангам [336; 132];*

***наъра задан*** *фарёд задан, бонг баровардан, фарёди баланд баровардан:*

*Асбоби ӯро гирифту* ***аз хушӣ наъра зад*** *[336; 1272];*

***фарёд кардан*** *бонг задан, бонг баровардан:* ***Марде*** *назди табиб рафту* ***фарёд кард*** *[336; 754];*

***бадал шудан*** *табдил ёфтан, иваз шудан: Аввал ваҳшати тамом бар вай роҳ ёфт ва охир он ваҳшат* ***ба мувонасат бадал шуд*** *[329; 85].*

Як силсила феълҳо дар насри ин давра дар таркиби ибораҳои феълӣ маънои муносибатро ифода мекунанд. Дар ин гурӯҳ феълҳои таркибӣ бештар истеъмол шуда, асосан, муносибат ба шахс ва ё чизеро ифода мекунанд:

***маъќул афтодан*** *Хоҷаро* ***ин сухан маъќул афтода*** *ва сару пойе дар ѓояти такаллуф ва маблаѓи яксад хонӣ ...ба ин камина равона гардонид[336;66];*

***пушаймон гаштан*** *таассуф хӯрдан: Муовия* ***аз зарофати худ пушаймон гашту*** *аз он ҷавоб хиҷил шуд [338; 91];*

***хитоб кардан*** *муроҷиат кардан: Ҳаҷҷоҷ* ***ба ӯ хитобу итоб кард*** *[338; 94];*

***инъом фармудан*** *ҳадя кардан, бахшидан: ...вас ару пойи муносибу асп* ***ба зину лаҷом инъом фармуданд*** *[336; 252].*

Чунон ки таҳлили мисолҳои боло собит месозанд, дар байни ҷузъҳои ибора ҳамеша муносибати муайяни маъноӣ мавҷуд аст. Хусусияти вижагиҳои маъноии ҷузъҳои ибора бо маънои луғавии калимаҳои дохили

ибора муайян мегардад. Ҷузъҳое, ки гурӯҳи луғавӣ-маъноиро ташаккул медиҳанд, на танҳо моҳияти луғавӣ, инчунин моҳияти грамматикии ҷузъҳои асосӣ ва тобеъро дар як маҷмуъ нишон дода, дар қолаби ибораҳои феълӣ хусусиятҳои сермаъношавиро ба вуҷуд меоранд. Ҳар яке аз ин гурӯҳҳои асосии семантикӣ боз тобишҳои зиёди маъноро дар бар мегиранд.

Хусусияти муҳимми ин ибораҳо боз дар он аст, ки дар мавридҳои муайян, вобаста ба талаботи услуб ва ифодаи маъно, як ибора бо тарзҳои гуногун пайваст шудааст, ки ин, асосан, сабаби зиёд гардидани тобишҳои маъноии онҳо гардидааст.

**Натиҷагирӣ аз боби IV.**

Ҳамин тавр, дар ин боб хусусиятҳои маъноии феъл дар сарчашмаҳои хаттии давраи таҳқиқ мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки омӯхтани қолабҳои феълӣ бо феълҳои гуногун дар осори давраи таҳқиқ ва муқоиса намудани онҳо бо қолаби ибораҳои феълии забони ҳозираи адабӣ, муайян намудани сохтор, тобишҳои мухталифи маъно ва воситаҳои алоқаи таркиби ҷузъҳои ибораҳои феълӣ аҳамияти бузурги илмӣ ва амалӣ дорад. Аз дигар ҷиҳат ҳангоми муоина намудани маънои ибораҳои феълии осори ин давра маълум гардид, ки ибораҳо метавонанд бо мурури замон тағйир ёфта, ғанӣ гарданд, сохтору маънои худро нигоҳ дошта, ё ин ки ба тағйироти шакливу маъноӣ дучор гарданд.

Аз таҳлил ва баррасии хусусиятҳои маъноии ибораҳои феълии осори асрҳои XV-XVI метавон ба таври умум ба чунин натиҷа расид:

1. Маълум аст, ки ҷузъҳои ибора байни якдигар ҳамеша дар муносибати муайяни маъноӣ қарор доранд ва маънои ибора аз маънои ҷузъҳои он ба вуҷуд меояд. Хусусияти тобишҳои маъноии ибора бештар бо маънои луғавии ҷузъҳои он муайян мегардад.

2. Дар феълҳои таркибии номӣ, ки дар системаи феъл мақоми хосаро ҷойгузин аст, тавассути ҷузъҳои аввал маънои дилхоҳи феълҳо ба даст меояд. Ҳангоми таҳлили маъноии феъл ба мушоҳида расид, ки ҷузъи асосӣ (феъл) барои ифодаи ин ё он амал хизмат мекунад. Ҷузъи тобеъ бошад, дар якҷоягӣ

бо ҷузъҳои асосӣ ҳамеша дар муносибати маъноӣ қарор доранд. Аз ин бармеояд, ки ҷузъи тобеи ибораи феълӣ баробари ҷузъи асосӣ барои ифодаи ин ё он амал мавқеи муайянро дорост.

3. Ибораҳои феълӣ ба воситаи ҳамнишинии ҷузъҳо (ҷузъи асосӣ ва тобеъ) дар муҳити маъноӣ мақом ва мавриди корбурдро доро мебошанд, ки ин хосият бидуни ёрии таносуби маъноии ибораҳои фразеологӣ низ дар мадди назар қарор доштааст, чунки тавассути онҳо гурӯҳҳои маъноии феълҳо ҳаматарафа мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

4. Дар рафти таҳлилу баррасии мавод ҳам маънои аслӣ ва ҳам маънои маҷозӣ ба инобат гирифта шудааст, чунки як феъл метавонад бо маънои аслӣ ба як гурӯҳи маъноӣ ва тавассути маънои маҷозӣ ва навъи дигари маъноӣ ворид гардад. Ба замми ин як феъл метавонад, дар шаклҳои гуногун: сода, сохта ва таркибӣ ба маъноҳои гуногун ба кор равад. Маҳз ҳамин ҷиҳати маъноиро ба инобат гирифта, профессор Б. Камолиддинов қайд карда буд: «Дар доираи ҳар як гурӯҳи лексикию морфологӣ калимаҳо боз ба даҳҳо маъноҳои хурду калони дигар низ соҳибанд ва бо ин маъноҳои сарфии нисбатҳои хурди худ аз ҳам фарқ мекунанд. Чунин маъноро бахусус дар доираи гурӯҳи феълҳои тоҷикӣ хеле инкишоф ёфтаанд. Маънои калимасозӣ дар қолаби сохтори калима тарҳрезӣ шудааст» [40, 30].

5. Дар забони сарчашмаҳои давраи таҳқиқ бисёр кор фармудани феълҳои сохта бо пешвандҳои **ба-, дар-, боз, фур (фуру)** ва ғайра характернок аст: *Уқойл аз Муовия бибурид ва* ***аз омадшуди маҷлиси*** *вай* ***пой даркашид*** *[329; 48]. Ҳаммомӣ ва ҳозирин бихандиданд ҷомаҳо* ***ба вай боздоданд*** *[338; 88]. Алфози номавзун бар якдигар мебаст ва онро назм хаёл мекард ва* ***ба қайди китобат дармеовард*** *[338; 178]. Баъд аз он ки аз сафар бозгардидам, он амонатро* ***аз қозӣ талабидам*** *[336; 480].*

Ин гуна шаклҳои феълӣ дар забони ҳозираи тоҷикӣ умумиистеъмолӣ буда, дар баробари ин ҳамчун меъёр тавассути осори Садриддин Айнӣ ба забони имрӯза ворид гаштанд. Ба ин гурӯҳ феълҳои **баргардонидан,**

**бархостан, бозомадан, фурӯ нишастан, даррафтан, даррасидан** ва ғайра дохил мешаванд.

6. Дар забони осори ин давра доираи корбурди калимаи **фуруд** ва шакли кутоҳи он **фурӯ** бениҳоят васеъ аст, ки чунин истифодабарии шаклҳо дар забони ҳозираи адабӣ низ ба мушоҳида мерасад.

7. Таҳлили маводи бадастоварда нишон дод, ки дар таркиби ибораҳои феълӣ ба таври фаровон корбурд шудани феълҳои амалу ҳаракат, ҳолату вазъият дар осори асрҳои XV-XVI характернок аст. Ин гурӯҳи феълҳо вобаста ба имконоти услубӣ хусусиятҳои мухталифи маъно зоҳир мекунанд, ки мо дар ин хусус дар боби рисола ба таври ҳаматарафа маълумот додаем.

8. Як гурӯҳи феълҳо дар таркиби ибораҳои феълии сарчашмаҳои мавриди назар сермаъно мешаванд. Сермаъноӣ дар байни феълҳои **расидан, рехтан, бурдан, омадан, кашидан, рафтан, гаштан** ва ғайра ба мушоҳида мерасад.

9. Дар ташаккули ибораҳои феълӣ баробари мақоми хусусиятҳои грамматикии калимаҳо боз омӯзиш, таҳқиқ, баррасии вижагиҳои маъноии феълҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ низ аҳамияти бузург дорад. Таҳқиқи ҳаматарафаи гурӯҳҳои семантикии феълҳо бо тобишҳои гуногуни маъно аз он ҷиҳат зарур ва муфид аст, ки вай барои ҳалли амиқи як қатор маъноҳои дигари грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик ёрии калоне хоҳад расонид.

# ХУЛОСА

Таҳқиқу таҳлили вижагиҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълии осори адабиёти классикӣ, ба вижа асрҳои XV-XVI нишон дод, ки дар тӯли чандин асрҳо қисмати зиёди қолабҳои феълӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик сохтору маънои худро то андозае нигоҳ доштаанд. Бо вуҷуди ин, ибораҳои феълие низ ҳастанд, ки дар забони ҳозираи тоҷик ба тағйироти шаклӣ ва маъноӣ дучор гаштаанд.

Дар забони насри ин давра, чунон ки омӯзиши сарчашмаҳои хаттӣ собит намудаанд, дар масъалаи воситаҳои алоқаи ибораҳои феълӣ баъзе тағйиротҳои куллӣ ба вуқуъ омадаанд, ки муҳимтаринашон инҳост:

1). Дар сарчашмаҳои хаттии асрҳои XV-XVI пешояндҳои номии таркибии зиёде истифода мешуданд, ки баъдтар бо мурури инкишофи забон ва суфташавии сохти наҳвии он бисёри ин пешояндҳо аз истеъмол мебароянд, ки дар диссертатсия зикр шудаанд [4-М].

2). Басомади пешояндҳо дар таркиби ибораҳои феълии забони осори ин давра бо назардошти муносибатҳои наҳвӣ ба таври гуногун сурат гирифтааст. Ин гуна ифодашавии муносибатҳоро дар таркиби ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои номии изофӣ ва номии таркибӣ низ дидан мумкин аст. Дар насри ин давра дар таркиби ибораҳои феълӣ барои ифодаи муносибати ҳолии макону масоҳат пешояндҳои гуногун истифода шудаанд [11-М].

3). Дар забони насри асрҳои XV-XVI серистеъмол гардидани пешояндҳои номӣ дар таркиби ибораҳои феълӣ бесабаб нест. Пайдоиши пешояндҳои номӣ, пеш аз ҳама, ба қонуният ва тамоюли озод шудани пешояндҳои аслӣ аз сервазифагию сермаъноии онҳо ва пайдоиши муносибатҳои нав ба нави байни ашё ва ҳаводиси олам вобастагии қавӣ дорад. Аз ин рӯ, ҳодисаи муродифи ҳамдигар шудани онҳо на танҳо хоси осори насрии ин давра аст, балки натиҷаи такмилёбии инкишофи забон аст, ки то ҳол идома дорад. [7-М].

4). Хусусияти дигари забони насри асрҳои XV-XVI дар он аст, ки дар натиҷаи ба ҳам омехтани услубҳои забон - китобӣ ва гуфтугӯӣ дар таркиби ибораҳои феълӣ шаклҳои гуногуни пешояндҳо ба таври васеъ кор фармуда мешаванд ва

ҳаматарафа истифода намудани вазифа ва тобишҳои маъноии онҳо яке аз хусусиятҳои услубӣ ва забонии ин давра маҳсуб меёбад [1-М].

5). Пасояндҳо аз лиҳози вазифаи наҳвӣ ба пешояндҳо шабеҳанд, вале миқдори пасояндҳо ҳам дар забони адабии пешина ва ҳам ҳозира кам аст.

Дар забони насри асрҳои XV-XVI, асосан, пасоянди **–ро** ва пасоянди номии **боз** дучор шуду бас. Пасоянди аслии **барин, ќатӣ** дар таркиби ибораҳои феълии насри ин давра ба мушоҳида нарасид. Пасоянди **–ро** дар забони адабии пешинаи тоҷик яке аз воситаҳои сервазифаю сермаъно маҳсуб меёбад. Дар забони осори хаттии асрҳои XV–XV1 пасоянди **–ро**, чуноне ки дар забони адабии муосири тоҷик ба мушоҳида мерасад, дар таркиби ибораҳои феълӣ бештар барои ифода кардани муносибати пуркунандагӣ (мафъулӣ) мавриди корбурд қарор гирифтааст. [13-М].

6). Ифодаи муносибати ҳолии сабаб дар таркиби қолабҳои феълӣ бо пешоянди **дар** дар таърихи забони тоҷикӣ собиқаи дерин дошта бошад ҳам, муҳаққиқони забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ин вазифаи пешоянди **дар-**ро зикр накардаанд. Дар насри асрҳои XV–XV1 пешоянди **дар** дар таркиби ибораҳои феълӣ бо исмҳои амалу ҳолат омада, сабаби воқеъ гардидани амалу ҳолатро бо тобиши иловагии пуркунандагӣ хеле зиёд нишон додааст: *дар торикӣ роҳ ғалат кардан [336; 1038].* [10-М].

7). Дар насри ин давра ҷойи ҷузъҳо нисбатан озод буда, гоҳо ҷузъи асосӣ пеш аз ҷузъи тобеъ ҳам омадааст: *Эшон* ***бахилӣ мекунад дар мадҳ*** *ва* ***ҷавонмардӣ мекунад дар ҳаҷв*** *[336; 217]. Зуд бошед, ки бозгардаму* ***паноҳ барам ба кӯҳе*** *[338; 54].* [16-М].

8) Дар баъзе осори таҳқиқӣ қайд шудааст, ки шакли **бар рӯйи** дар забони адабии пешина барои ифодаи ҳоли макон дучор нашуд, аммо мисолҳои гирдовардаи мо собит намуданд, ки дар ифодаи муносибати маконӣ ин пешоянд дар забони адабии пешина низ мустаъмал будааст: *Ногоҳ боз ҳамон ғаливож* ***бар рӯйи ҳаво пайдо шуд*** *[336; 872 ].* [19-М].

9) Дар сарчашмаҳои хаттии давраи таҳқиқ вобаста ба маънои феъл як гурӯҳи муайяни ибораҳои феълии пешояндӣ метавонанд дар шакли алоқаи

пешояндӣ ва ё алоқаи ҳамроҳӣ мавриди корбурд қарор гиранд. Дар китобҳои дарсии мактабҳои олӣ, аз ҷумла «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» [17] мисолҳои навъи «кӯча баромадан» зери алоқаи ҳамроҳӣ дода шудаанд ва, ба фикри инҷониб, дуруст аст, зеро ихтисор шудани пешоянд тарзи алоқаро тағйир медиҳад [12-М].

10) Як хусусияти характерноки ибораҳои феълии ин давра он аст, ки ҷузъҳои ибораҳои феълии алоқаи ҳамроҳӣ аз рӯйи ҷойгиршавии ҷузъҳои худ дар ҳолати ҳамшафат (контактӣ) ва фосиладор (дистантӣ) меоянд. Дар ибораҳои феълии алоқаи контактӣ тобеъшавандаю тобеъкунанда ҳамеша ҳампаҳлу меоянд: *андак тааммул кардан [336; 35], музтариб дидан [336; 4].*

Дар алоқаи дистантӣ (фосиладор) байни ҷузъи тобеъ ва калимаи асосӣ вожаҳои дигари ба мазмуни умумии ҷумла алоқаманд истифода мешаванд:*…**дуаспа** ба сари ман **тохтан** [338; 35]. …**назоракунон** ба байғулае **оромидан** [341; 553].* [21-М].

11) Дар насри давраи таҳқиқшаванда пешоянди **ба** барои ифодаи муносибати ҳолии мақсад хеле вофир истифода шудааст. Дар бештари ин мисолҳо пешоянди ба бо пешоянди **барои** муродиф аст. Мо ба зиёда аз 28 ҳолат дучор шудем, ки пешоянди **ба** чун муродифи пешоянди **барои** муносибати ҳолии мақсадро ба таври барҷаста ифода кардааст. [3-М]

12) Дар забоншиносии тоҷик ғайр аз ин хелҳои маъмули алоқа-алоқаи изофӣ, мувофиқат, изофӣ-вобастагӣ (пешояндӣ), изофию пасояндӣ, пешояндию пасояндӣ, пасояндию бандакҷонишинӣ ва артиклӣ- пешояндӣ ном бурда шудаанд, вале дар насри давраи мавриди пажӯҳиш ин навъи алоқаҳо (ғайр аз алоқаи артиклӣ - пешояндӣ) дар таркиби ибораҳои феълӣ роиҷ нестанд. Ба ҳар навъи ин алоқаҳо дар таркиби ибораҳои номӣ ва ҷумлаҳои алоҳида танҳо як ё ду мисол дучор меояду бас [8-М].

13) Таҳлили маводи бадастоварда нишон дод, ки дар забони сарчашмаҳои хаттии ин давра феълҳое ҳастанд, ки пешоянд ё пасоянди муайянеро талаб мекунанд ва алоқаи онҳоро метавон вобастагии пешояндӣ номид. Чунончи, феълҳои **«*тарсидан*»**, «***ранҷидан***» ва амсоли инҳо ҳамеша ҷузъи тобеи худро бо

пешоянди **аз** алоқаманд мекунанд ё феълҳои гузаранда ҳамеша объекти муайянро тавассути пасоянди **-ро** тобеъ мекунанд. [6-М].

14) Дар сарчашмаҳои хаттии давраи мавриди назар феълҳои ҳаракату амал, ҳолату вазъият мафҳуми таъсири ҳаракат, амалиёт, тағйири аломатро фаҳмонида, баробари ин, маънои зиёди луғавию грамматикиро ифода кардаанд. Ин феълҳо дар таркиби ибораҳои феълӣ метавонанд дар шаклҳои гуногун якчанд тобишҳои маъноро ифода кунанд [20-М].

15) Тарзу услуби нигориши сарчашмаҳои хаттии давраи таҳқиқ нишон дод, ки он ба забони адабии муосири тоҷик ва шеваҳои он робитаи зич дорад. Тахлили муқоисавии вижагиҳои дастурӣ (грамматикӣ) ва маъноии ибораҳои феълии осори хаттии асрҳои XV-XVI собит сохт, ки онҳо бо вазифа ва мақоми истеъмолашон бо мавқеи дар забони адабии муосири тоҷик доштаашон, асосан мутобиқат доранд.

Таҳқиқи хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар насри осори адабии асрҳои XV-XVI баҳри кушодани вижагиҳои хоси забони классикӣ ва ғановати он ва муайян кардани мақоми асарҳои ин давра дар устувордошт, такомул ва рушди забони адабии тоҷикӣ ёрӣ мерасонад. [24-М].

# ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ

## I.АДАБИЁТИ ИЛМӢ

### А) БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

[1]. Абдуқодиров, А. Забон ва услуби Мирзо Турсунзода / А. Абдуқодиров.- Душанбе: Дониш, 1978. -124 с.

[2]. Абдураҳимов, С. Ибораҳои исмии забони адабии ҳозираи тоҷик/ С. Абдураҳимов.-Душанбе: Дониш, 1973.-164 с.

[3]. Абдураҳимов, С. Ибораҳои ҷонишинӣ/ С. Абдураҳимов.-Душанбе: Дониш, 1979.-76 с.

[4]. Алиев, А. Алоқаи калима бо пешоянди «бо» дар осори хаттии асри XV1 // Масъалаҳои филологияи тоҷик / А. Алиев. - Кӯлоб: Сада, 1995. - С. 24-28.

[5]. Алиев, А. Хел ва воситаҳои алоқаи калимаҳо дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ / А. Алиев.-Душанбе, 1997.- 155 с.

[6]. Аслиддинов, С. Алоқаи калимаҳо дар ҷумла дар забони адабии ҳозираи тоҷик // Баъзе масъалаҳои забон ва адабиёти тоҷик. Серияи нав. №114 / С. Аслиддинов. - Самарқанд, 1961. -С. 123.

[7]. Атобуллоев, С. Ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва хабар дар забони адабии тоҷик / С. Атобуллоев. -Душанбе: Дониш, 1975, -206 с.

[8]. Атобуллоев, С. Қайдҳо оид ба истеъмоли ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайвандаки «ки» дар забони адабии асрҳои X-X1 (Дар асоси материали «Сафарнома»-и Носири Хусрав) // Забоншиносии тоҷик / С. Атобуллоев. - Душанбе: Дониш, 1980. - С. 192-207.

[9]. Бердиева, Т. Назарияи иқтибос / Т. Бердиева.- Душанбе: ТГУ, 1991.-127 с.

[10]. Беҳбудӣ, Н. С. Айнӣ ва баъзе масъалаҳои забони адабии тоҷик // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷ. III.- /А. С. Беҳбудӣ.-Душанбе: Дониш, 1966. -С.32-43.

[11]. Бозидов, Н. Ҷумлаҳои мураккаби феълиҳолӣ // Мактаби Советӣ / Н. Бозидов.- Душанбе.-1973, №11. -С.13-19.

[12]. Бозидов, Н. Пайвандакҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Н. Бозидов.- Душанбе: Маориф, 1985.-102 с.

[13]. Гулназарова, Ж. Б. Таснифоти маънои феъл дар «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ / Ж. Б. Гулназарова. - Душанбе: Шуҷоён, 2011.-168 с.

[14]. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Душанбе, Нашрдавтоҷ, 1963. -184 с.

[15]. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. /Проспект/. – Душанбе: Дониш, 1977. - 187 с.

[16]. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика ва морфология.-Ҷ. I. – Душанбе: Дониш, 1985. - 358 с.

[17]. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои сода. Ҷ. II. – Душанбе: Дониш, 1986. - 372с.

[18]. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷумлаҳои мураккаб. Ҷилди III. – Душанбе: Дониш, 1989. - 220 с.

[19]. Ғаффоров, А. О. Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои аслӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ / А.О.Ѓаффоров- Душанбе: «Ирфон», 2014.-140 с.

[20] Ғаффоров, А. О. Хусусиятҳои грамматикии ибораҳои феълӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI)./ А. О. Ѓаффоров.- Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2020. - 222 с.

[21]. Ғаффоров, Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил / Р. Ғаффоров. - Душанбе: Дониш, 1966.-223 с.

[22]. Ғаффоров, Р. Дар хусуси як навъи ибораҳои номӣ дар забони тоҷикӣ // Масъалаҳои забоншиносӣ / Р. Ғаффоров.-Душанбе: Дониш, 1975. - С. 12-31.

[23]. Ғаффоров, Р. Нависанда ва забон / Р. Ғаффоров -Душанбе: Дониш, 1977 – 208 с.

[24]. Ғаффоров, Р. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Ҷ. 3. / Р. Ғаффоров -Душанбе: Дониш, 1979. – 272 с.

[25]. Ѓафуров, Б. Тоҷикон (китоби якум) / Б. Ѓафуров.-Душанбе, Ирфон, 1983.-700 с.

[26]. Давлатова, М. Феълҳои сохта ва мавқеи истеъмоли онҳо дар «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ. // Маҷмӯаи илмӣ. (Материалҳо оид ба забони адабии тоҷик). Институти педагогии Душанбе ба номи Т. Г. Шевеченко /М. Давлатова. - Душанбе, 1963. - С. 42-48.

[27]. Додихудоев, Р. Х. Таърихи забони тоҷикӣ / Р. Х. Додихудоев, Л. Г. Герсенберг.-Душанбе: Маориф, 1988.-215 с.

[28]. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. -Душанбе: Ирфон, 1970.-268 с.

[29]. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология. Фонетика ва морфология. Қ. I. (Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ). – Душанбе: Ирфон, 1973.-450 с.

[30]. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис. Қ. II. (Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ). Нашри дуюми такмилёфта. – Душанбе: Маориф, 1984.-327 с.

[31]. Зеҳнӣ, Т. Аз таърихи лексикаи забони тоҷикӣ / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Дониш, 1987.- 236 с.

[32]. Зикриёев, Ф. Ҷумлаҳои тарзи амал ва монандӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ф. Зикриёев . - Душанбе: Ирфон, 1976.-122 с.

[33]. Исматуллоев, М. Пуркунандаи бевосита дар забони адабии ҳозираи тоҷик /М. Исматуллоев. - Сталинобод: Нашрдавтоҷ. 1961.-153 с.

[34]. Исматуллоев, М. Бо ёрии ду воситаи грамматикӣ ифода шудани баъзе хелҳои ҳолшарҳкунандаҳо дар забони адабии тоҷик // Мактаби советӣ / М. Исматуллоев.- Душанбе, 1966, №8-9. -С. 70.

[35]. Исматуллоев, М. Очеркҳои грамматикӣ оид ба ҳолшарҳкунандаҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми I. [Ҳоли замон ва макон] / М. Исматуллоев. - Душанбе: Ирфон, 1971.-176 с.

[36]. Исматтулоев, М. Очеркҳои грамматикӣ оид ба ҳолшарҳкунандаҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми II. [Ҳоли тарзи амал ва миқдору дараҷа] /М. Исматуллоев. – Душанбе: Маориф, 1986. -128 с.

[37]. Камолиддинов, Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1967. -185 с.

[38]. Камолиддинов, Б. Доир ба меъёри муайян намудани воҳидҳои синтаксисии ҳаммаъно // Ахбороти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон: Шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ /Б. Камолиддинов. - Душанбе, 1983, №1. -С.70.

[39]. Камолиддинов, Б. Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1986.-133 с.

[40]. Камолиддинов, Б. Хусусиятҳои услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Маориф, 1992. -128 с.

[41]. Камолиддинов, Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Собириён. 2010.- 280 с.

[42]. Камолов, Х. Ибораҳои изофӣ дар асоси маводи «Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ / Х. Камолов. – Душанбе: Баҳманрӯд, 2011.-155с.

[43]. Камолова, Г. Хусусиятҳои грамматикии забони насри асри XVI /дар асоси материали «Маҷмаъ-ут-таворих» . Дисс. ниф.-Душанбе, 1973.-175 с.

[44]. Камолова, Г. Хусусиятҳои морфологии забони «Маҷмӯъ-ут-таворих» / Г. Камолова. - Душанбе, 1984.-92 с.

[45]. Қаландаров, К. Ҷумлаи пайрави замон дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ. Маҷмӯаи илмӣ. (серияи филологӣ). Ҷ.II. / К. Қаландаров.- Кӯлоб, 1968, с. 54-60.

[46]. Қаландаров, К. Ташаккул ва такомули ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии тоҷик (а. X-XIX) / К. Қаландаров . –Душанбе: Шарқи озод, 2004. - 463 с.

[47]. Қосимӣ, М. Таъсири ҳуруфи изофа дар маънои афъоли форсӣ // Номаи Пажӯҳишгоҳ / М. Қосимӣ. - Душанбе, №13-14, 2006. -С.5-30.

[48]. Қосимова, М. Н. «Ибораҳои изофии масдарӣ // Мактаби советӣ / М. Қосимова.- Душанбе, 1965.-№10. -С. 27- 31.

[49]. Қосимова, М. Н. Доир ба ибора дар забони тоҷикӣ // Маҷмӯаи мақолаҳои илмию методӣ оид ба таълими забон ва адабиёти тоҷик. ИДПД ба номи Т. Г. Шевеченко / М. Н. Қосимова.- Душанбе, 1973.-С.17-33.

[50]. Қосимова, М. Очеркҳо оид ба синтаксиси ҷумлаҳои содаи насри асри X1 (дар асоси материали «Сиёсатнома», «Қобуснома» ва «Сафарнома») / Мукаррама Қосимова. - Душанбе: Ирфон, 1976. - 216 с.

[51]. Қосимова, М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои 1X-X). Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ. Ќисми 1. / М. Н. Қосимова.- Душанбе, 2003. - 490 с.

[52]. Қосимова, М. Н. Таърихи абони адабии тоҷик (асрҳои IX-X). Ҷилди 1. / М. Н. Қосимова.- Душанбе: Матбааи ДМТ, 2011. -568 с.

[53]. Қосимова, М. Н. Мухтасар оид ба ибораҳои изофии номӣ // Ганҷи сухан/ М. Н. Қосимова.- Душанбе, 2013.-С.46-82.

[54]. Маликушшуаро, Баҳор. Сабкшиносӣ (талхиси Сайидабӯтолиби Миробидинӣ) / Баҳор Маликушшуаро.-Душанбе: Бухоро, 2012.-570 с.

[55]. Маниёзов, А. Сухани муқаддимавӣ дар Конференсияи маданияти сухан // Маданияти сухан / А. Маниёзов. - Душанбе: Маориф, 1990.-С. 5.

[56]. Маҷидов, Ҳ. Хусусиятҳои лексикӣ-семантикии воҳидҳои фразеологии феълии забони адабии ҳозираи тоҷик / Ҳ. Маҷидов. -Душанбе, 1968.-380 с.

[57]. Маҷидов, Ҳ. Фразеологияи забони адабии ҳозираи тоҷик / Ҳ. Маҷидов.- Душанбе: Ирфон, 1982.-104 с.

[58]. Маъсумӣ, Н. Асарҳои мунтахаб. Ҷ. 2. Забоншиносӣ / Н. Масъумӣ. – Душанбе: Ирфон, 1980.-352 с.

[59]. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷик / Н. Маъсумӣ - Душанбе: Ирфон, 2013. -370 с.

[60]. Мирзоев, А. Абӯабдулло Рӯдакӣ /А. Мирзоев.- Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1983. - С.33.

[61]. Мирзоев, А. Доир ба ибора ҳамчун воҳиди мустақили синтаксис // Ахбороти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон: Шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ / А. Мирзоев.- Душанбе, 1965, №3 (41). -С.48-60.

[62]. Мирзоев, А. Доир ба сохти ибора дар забони адабии ҳозираи тоҷик // V межвузовская конфенрнция по иранской филологии (Тезисы докладов)/ А. Мирзоев.- Душанбе, 1966. -С. 182-186.

[63]. Мирзоев, А. Ибораҳои феъли замонӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик / А. Мирзоев.- Душанбе: Дониш, 1972. -252 с.

[64]. Мирзоев, А. Хелҳои алоқаи синтаксисӣ дар ибораҳо//Масъалаҳои забоншиносӣ / А. Мирзоев.-Душанбе: Дониш, 1975. - С.120-125.

[65]. Мирзоев, А. Масъалаҳои ибора дар забони тоҷикӣ / А. Мирзоев. – Душанбе: Деваштич, 2002. -308 с.

[66]. Мирзозода, С. Таҳаввули таърихии баъзе феълҳои забони яғнобӣ / С. Мирзозода // Номаи пажӯҳишгоҳ (маҷмӯаи мақолот).-2002.-№2.-С. 95-103.

[67]. Мухторов, З. Таърихи забони тоҷикӣ / З. Мухторов.-Душанбе: Ҳумо, 2003.-152 с.

[68]. Набиева, М. Язык «Таърихи салотини манғития» Мирзо Абдулазима Соми: автореф. дис. номзадӣ / М. Набиева.-Душанбе, 1973.-37 с.

[69]. Ниёзӣ, Ш. Феълҳои таркибии номӣ дар забони тоҷикӣ /Ш. Ниёзӣ //Мактаби Советӣ. –1954, №3. - С. 20-28.

[70]. Ниёзӣ, Ш. Н. Аҳамияти ибора дар тадқиқ ва таълими забони тоҷикӣ / Ш. Ниёзӣ // Маориф ва маданият.- 1960. -20 феврал.

[71]. Ниёзмуҳаммадов, Б. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ. Фонетика ва морфология. Қисми 1./ Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Ниёзӣ, Л. Бузургзода.-Сталинобод: Нашриёти давлатии адабиёти таълимӣ-педагогии Тоҷикистон,1959.-108 с.

[72]. Ниёзмуҳаммадов, Б. Баъзе масъалаҳои синтаксиси забони адабии ҳозираи тоҷик / Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Рустамов. -Душанбе: Ирфон, 1968.-199 с.

[73]. Норматов, М. Ибораҳои масдарӣ ва сохти онҳо //Масъалаҳои филологияи тоҷик. (маҷмӯи мақолаҳо) / М. Норматов. - Душанбе, 2003.-С. 15-28.

[74]. Норматов, М. Забони адабии муосири тоҷик. Синтаксис / М. Норматов. – Душанбе: Матбуот, 2011, 324 с.

[75]. Раҳмонов, Б. Хусусиятҳои луғавӣ – грамматикии феъл / Б. Раҳмонов.-Душанбе: Донишварон, 2017.-187 с.

[76]. Рустамов, Ш. Забон ва замон / Ш. Рустамов. - Душанбе: Ирфон 1981. – 256 с.

[77]. Рустамов, Ш. Мушкилоти синтаксис /Ш. Рустамов. -Душанбе: Маориф, 1988. -340 с.

[78]. Сабзаев, С. М. Забон ва услуби шоирони маорифпарвар / С. М. Сабзаев. – Душанбе: Маориф, 1991.-80 с.

[79]. Саидов, Р. Таснифоти иборахои фразеологии феълӣ дар назми халқӣ / Р. Саидов // Мактаби советӣ,. - 1985, №9. –С. 12-15.

[80]. Саймиддинов, Д. Вожаномаи феълҳои паҳлавӣ / Д. Саймиддинов. – Душанбе. 1992. -71 с.

[81]. Саймиддинов, Д. Фарҳангномаи форсии миёна / Д. Саймиддинов. - Душанбе: Дониш, 1994.-87 с.

[82]. Саймиддинов, Д. Вожашиносии забони форсии миёна / Д. Саймиддинов. – Душанбе: Пайванд, 2001, -310 с.

[83]. Саймиддинов, Д. Форсии бостон / Д. Саймиддинов. –Душанбе: Пайванд, 2008, -190 с.

[84]. Саломов, М. Қ. Баъзе хусусиятҳои семантикӣ ва грамматикии феълҳо дар забони ғазал //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / М. Қ. Саломов. -Душанбе: Сино, 2015. № 4/5 (174). -С. 3-8.

[85]. Саломов, М. Қ. Вижагиҳои савтӣ, маъноӣ ва маҷозию фразеологии забони шеъри тоҷикӣ (дар асоси ғазалиёти шоирони асрҳои XII-XIV) / М. Қ. Саломов. – Душанбе: Дониш, 2017.-266 с.

[86]. Саломиён, М. Вижагиҳои луғавӣ ва маъноии забони ғазалиёти шоирони асрҳои XII-XIV (рисола) / Муҳаммаддовуд Саломиён. -Душанбе: Дониш, 2020.- 228 с.

[87]. Сангинов, А. Доир ба алоқаи калимаҳо дар «Баҳори Аҷам» // Забоншиносии тоҷик / Сангинов, А. –Душанбе: Дониш, 1977.-С.101-108.

[88]. Сиёев, Б. Очеркҳо доир ба таърихи феъли тоҷикӣ / Б. Сиёев. -Душанбе: Дониш, 1968. -163 с.

[89]. Тоҷиев, Д. Т. Воситаҳои алоќаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Д. Тоҷиев.-Душанбе: Ирфон, 1971.-51 с.

[90]. Тоҷиев, Д. Т. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик /Д. Тоҷиев. -Душанбе: Дониш, 1981.-218 с.

[91]. Усмонов, Р. А. Лексикаи феъл дар «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддини Румӣ / Р. А. Усмонов. –Душанбе, 2003.-195 с.

[92]. Халилов, А. Калимасозӣ бо изофат / А. Халилов. //Мактаби советӣ - 1960.- № 5. - С. 26-30.

[93]. Халилов, А. Ибораҳои изофӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик / А. Халилов. - Душанбе: ИЗА ба номи Рӯдакӣ, 1964.-34 с.

[94]. Халилов, А. Вазифаи грамматикии бандаки изофӣ (-и) дар забони адабии ҳозираи тоҷик / А. Халилов. - Душанбе, 1969.-118 с.

[95]. Хонларӣ, П. Н. Таърихи забони форсӣ. Ҷ. I. / Парвиз Нотили Хонларӣ.- Теҳрон: Интишороти бунёди фарҳанги Эрон, 1344. -С.94.

[96]. Хонларӣ, П. Н. Таърихи забони форсӣ. Ҷ. II. / Парвиз Нотили Хонларӣ.- Теҳрон: Интишороти бунёди фарҳанги Эрон, 1349. -485с.

[97]. Хоҷаев, Д. Ташаккул ва таҳаввули илми забоншиносии тоҷик дар асрҳои миёна / Д. Хоҷаев. - Душанбе: Диловар. ДМТ. 1998.-149 с.

[98]. Хоҷаев, Д. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва афкори забоншиносии ӯ / Д. Хоҷаев. - Душанбе, 2002. -108 с.

[99]. Хоҷаев, Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI /Д. Хоҷаев – Душанбе: Фарҳанг ва маориф, 2013. - 344 с.

[100]. Ҳалимов, С. Таърихи забони тоҷикӣ / С. Ҳалимов. –Душанбе: Матбааи УДТ, 1979.-101 с.

[101]. Ҳалимов, С. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои XI-XII). Дастури таълимӣ / С. Ҳалимов. -Душанбе, 2002.-91 с.

[102]. Ҳалимов, С. Феъл (куниш) /Саиди Ҳалимиён.–Душанбе: ДМТ, 2013.-126 с

[103]. Ҳамроқулов, Х. Ибораҳои феълӣ ва феълҳои таркибӣ // Масъалаҳои забоншиносӣ / Х. Ҳамроқулов. -Душанбе: Дониш, 1975. - С.18.

[104]. Ҳасанов, А. А. Унсурҳои луғавӣ ва сарфию наҳвии осори садаҳои X-XIII дар гӯйишҳои шимолӣ (Фағонаи Ѓарбӣ) / А. А. Ҳасанов.-Хуҷанд,2003.-256 с.

[105]. Ҳоҷиев, С. Забони адабии тоҷик дар ибтидои асри XX / Ҳоҷиев, С.- Душанбе: Дониш, 1987.-167 с.

[106]. Ҳусейнов, Х. Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Х. Ҳусейнов.-Сталинобод, 1960.- 70-88.

[107]. Ҳусейнов, Х. Забон ва услуби «Одина»-и устод Айнӣ / Х. Ҳусейнов. – Душанбе: Ирфон, 1973.-220 с.

[108]. Ҷӯраев, Ғ. Лаҳҷаҳои арабҳои тоҷикзабон / Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе, 1975. –С. 141.

[109]. Ҷӯраев, Ғ. Очерки забони дарии Афғонистон / Ғ. Ҷӯраев.- Душанбе: «Дониш», 2017.-283 с.

[110]. Шарифов, Б. Хусусиятҳои морфологии «Бадоеъ-ул-вақоеъ»- Восифӣ / Б. Шарифов. – Душанбе: Дониш, 1985. –232 с.

[111]. Шарифова, Ф. Х. Таҳаввули ҷумлаҳои содаи забони тоҷикӣ. Қисми 1 /Ф. Х. Шарифова. - Душанбе, 2012.- 224 с.

[112]. Шербоев, С. Асосҳои илмӣ–методии таълими синтаксиси ҷумлаҳои содаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V-VIII / С. Шербоев. - Душанбе, 2003.-299 с.

[113]. Шукуров, М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад / М. Шукуров. - Душанбе: Дониш, 1985. -368 с.

[114]. Эмомалӣ, Раҳмон. Забони миллат-ҳастии миллат / Э. Раҳмон.-Душанбе: Эр-граф, 2016.-516 с.

**Б) БА ЗАБОНИ РУСӢ**

[115]. Абдуллаева, Н. М. Глагольные словосочетания в кумыкском языке: дис…канд. филол. наук: 10.02.02 / Н. М. Абдуллаева. -Махачкала, 2004. -137 с.

[116]. Абдуллоев, А. Глагольные словосочетания в узбекском литературном языке: автореф. дис…канд. филол. наук: 10.02.22 / А. Абдуллоев. - Самарқанд, 1959. – 22 с.

[117]. Абдуллоев, К. Арабская лексика в «Бадоеъ-ул-вакоеъ» Зайниддина Восифи: автореф. дис…канд. филол. наук: 10.02.08 / К. Абдуллоев. - Душанбе, 1987. - 24 с.

[118]. Абдурахимов, С. Словосочетание с именем существительным в современном таджикском литературном языке: автореф. дис…канд. филол. наук. 10.02.02 / С. Абдурахимов. - Душанбе, 1973.-24 с.

[119]. Авалиани, Ю. Ю. Материалы к компаративным и сопоставительным исследованиям иранской филологии // Иранское языкознание, история, этимология, типология / Ю. Ю. Авалиани. - М.: Наука, 1976. -С. 71-76.

[120]. Аврорин, В. А. Вопросы составления описьательных грамматики / Вопросы языкознания / В. А. Аврорин. - М., 1953, №4. -С. 19.

[121]. Адамони, В. Г. Введение в синтаксис современного немецкого языка / В. Г. Адамони.- М.: Илия, 1955. -244 с.

[122].Акрамов, М. Адъективные словосочетания в современном таджикском литературном языке: автореф. дис…канд. филол. наук. 10.02.02 / М. Акрамов. - Душанбе, 1973.-23 с.

[123]. Алиев, А. Виды и средства связи слов в «Бадоеъ-ул-вакоеъ» Восифи: автореф. дис…канд. филол. наук: 10.02.08 / А. Алиев. - Душанбе, 1997- 23 с.

[124]. Алиев, Б. Т. Глагольная лексика в «Гаршоспнома» Асадии Туси: автореф. дис…канд. филол. наук: 10.02.08 / Б. Алиев. –Душанбе, 1999. -153 с.

[125]. Апресян, Ю. Д. Лексическая семантика / Ю. Д. Апресян. –М.: Восточная литература, 1995. -472 с.

[126]. Арендс, А. К. Краткий синтаксис современного персидского языка ./ А. К. Арендс. -М.-Л.: Академии наук СССР, 1941. -192 с.

[127]. Афсаҳзод, А. Лирика Абд-ар-Рахмана Джами. Проблемы текста и поэтики/Аълохон Афсаҳзод. –М.: Наука, Главная редакция восточной литературы, 1988. -326 с.

[128]. Ахманова, О. С. Очерки по общей и русской лексикологии / О. С. Ахманова. - М.: Просвещенния, 1957. - 420 с.

[129]. Бабайцева, В. В., Максимов, Л. Ю. Современный русский язык, ч. III. Синтаксис и пунктуация / В. В. Бабайцева, Л. Ю. Максимов. -М.: Просвещение, 1981. - С. 5-61.

[130]. Бабайцева, В. В. Система членов предложения в современном русском языке / В. В. Бабайцева. –М.: Просвещения, 1988. -С. 60-69.

[131]. Байрамова, З. М. Глагольные словосочетания в табасаранском языке в сопоставлении с русским: дис…канд. филол. наук: 10.02.02 / З. Байрамова. -Махачкала, 2007.-145с.

[132]. Балакаев, М. Б. Основные типы словосочетаний в казахском языке. / М. Б. Балакаев - Алма-ато: Академия наук Казахский ССР, 1957.-122 с.

[133]. Баскаков, Н.А. Типы атрибутивных словосочетаний в Каракалпакском языке // Вопросы языкознания / Н. А. Баскаков.- 1956, № 6. -С.79-91.

[134]. Баскаков, Н.А. Предложение и словосочетание в тюрских языках //Вопросы составления описательных грамматика / Н. А. Баскаков. - М., 1969, №4. -С. 56-64.

[135]. Белинский, В. Г. ва Ҳоҷизода, Б. Наҳви забони тоҷикӣ барои синфҳои 6 / В. Г. Белинский, Б. Ҳоҷизода. - Душанбе: Нашр. дав. Тоҷикистон, 1936. -140 с.

[136]. Белинский, В. Г. Назаре ба адабиёти руси соли 1847 / В. Г. Белинский. - Сталинабод, 1948. -С.8.

[137]. Белошапкова, В. А. О структурных типах сложносочиненного предложения. В. кн: Проблемы современной филологии / В. А. Белошапкова. - М., 1965. -С.20.

[138]. Белошапкова, В. А. Сложное предложение в современном русском языке. (некоторые вопросы теории) / В. А. Белошапкова. - М.: Просвещение, 1967. -427 с.

[139]. Беляева, Л. М. Структурно– семантическое модели свободных глаголных словосочетаний и типы их в англиском языке // Вопросы лингвистика и методика преподавания / А. М. Беляева. - М.- Вып.3, 1960.- С. 34.

[140]. Бертельс, Е. А. История персидского-таджикской литературы / Е. А. Бертельс. - М.: Наука, 1960. -427 с.

[141]. Богданов, В. В. Семантико-синтаксичекая организация предложения / В. Богданов. -Л.: Ленинградского университета, 1977. -204 с.

[142]. Болдырев, А. Н. Из истории развития персидского литературного языка. Вопросы языкознания / А. Н. Болдырев. - М.: 1955, № 5. - С. 83-89.

[143]. Будагов, Р. А. Из истории языкознания (Соссюр и соссюрианство) / Р. А. Будагов. - М. : ИМУ, 1954. -31 с.

[144]. Будагов, Р. А. Что означает словосочетание современная лингвистика? / Р. А. Будагов.-М.: Наука, 1976, №6.-Стр. 3-19.

[145]. Будагов, Р. А. Что такое развитие и совершенствование языка / Р. А. Будагов. –М.: Добросвет, 2000. -304 с.

[146]. Буслаев, Ф. И. Историческая грамматика русского языка /Ф. И. Буслаев. –М., 1959.-365 с.

[147]. Блягоз, З. У. Некоторые стороны словосочетания и их отношение в школьном учебнике русского языка // В. кн.: Проблемы преподавания синтаксиса в школе / З. У. Блягоз.- М., 1976. -С. 86-87.

[148]. Валгина, Н. С. Синтаксис современного русского языка / Н. С. Валгина. -М.: Высшая школа, 1991. -431 с.

[149]. Виноградов, В. В Русский язык. Грамматическое учение о слове .Учебное пособие.-4-е изд. / В. В. Виноградов. - М., 1947. –720 с.

[150]. Виноградов, В. В. Синтаксические взглядов А. В. Добиаша. //Уч. Зап. МГУ. Вып. 150 /В. В. Виноградов.-М., 1948. -С. 12-16.

[151]. Виноградов, В. В. «Синтаксис русского языка» академика А. А. Шахматова // Вопросы синтаксиса современного русского языка / В. В. Виноградов. -М., 1950. -С. 20-26.

[152]. Виноградов, В. В. Понятие синтагмы в синтаксисе русского языка // Вопросы синтаксиса современного русского языка / В. В. Виноградов. -М., 1950. -С. 18-30.

[153]. Виноградов, В. В. Вопросы синтаксиса русского языка в трудах М. В. Ломоносова по грамматике и риторике // Материалы и исследования по истории русскокого литературного языка / В. В. Виноградов. - М., 1951. - С.40 - 260.

[154]. Виноградов, В. В. Синтаксические взгляды и наблюдения акад. Л. В. Щербы / В. В. Виноградов. - М., Вып. 150, 1952. -С. 8-15.

[155]. Виноградов, В. В. Основные типы лексических значений слова // Вопросы языкознания /В. В. Виноградов. М., 1953, №5. - С. 5.

[156]. Виноградов, В. В. Вопросы изучения словосочетаний (на материале русского языка) // Вопросы языкознания /В. В. Виноградов. - М., 1954, №3. - С. 4-9 .

[157]. Виноградов, В. В. Основные вопросы синтаксис предложения //Вопросы грамматическая строя /В. В. Виноградов. -М., 1955. - С.389-453.

[158]. Виноградов, В. В. Из истории изучения русского синтаксиса / В. В. Виноградов. - М.: Московский Университет, 1966. -218 с

[159]. Восканиян, Г. А. Инфинитив в современном персидском языке: автореф. дис…канд. филол. наук / Г.А. Восканиян. - М., 1955.-23 с.

[160]. Востоков, А. Х. Русская грамматика // А. Х. Востоков. -Санктпетербург., СПб. Тип. Глазунова, 1831. -449 с.

[161]. Газиева, М. Таджикские словосочетания имён существительных и их соответствия в русском языке. автореф. дис…канд. филол. наук: 10.02.02 / М. Газиева. -Душанбе, 1991. -20 с.

[162]. Гарипова Н. Д. Таджикские первычные предлоги в историческом освещении: автореф. дис…канд. филол. наук:10.02.22 / Н. Д. Гарипова. -М.,1985.-21 с.

[163]. Гаффоров, А. О. Глаголные словосочетания с первичными предлогами в «Бадоеъ-ул –вакоеъ» Зайниддина Восифи: автореф. дис…канд. филол. наук-10.02.08 / А. О. Гаффоров. -Душанбе, 2000.-23 с.

[164]. Гафаров, Р. Синтаксис таджикских говоров в сравнительном освещении - автореф. дис…докт. филол. наук: 10.02.22 / Р. Гафаров. -Душанбе, 1980. - 43 с.

[165]. Гебекова, З. Г. Глагольные словосочетания в аварском литературном языке: дис…канд. филол.наук: 10.02.02 / З. Г. Гебекова. -Махачкала, 2009. -149 с.

[166]. Гвоздев, А. Н. Очерки по стилистике русского языка.-2-е изд./ А. Н. Гвоздев. -М.: Гос. Учебно педагог, 1955. - 460 с.

[167]. Грамматика русского языка, т. II. Синтаксис. Часть I. М.: Академия наук СССР, 1960. –С.8-86.

[168]. Грамматика русского языка. АН СССР. Т. II. Синтаксис. Часть 1-2. М., 1982. -С. 18-41.

[169]. Давлятова, М. Глаголная лексика и глаголные словообразование в «Зайн-ул-ахбор» Гардези: автореф. дис…канд. филол. наук / М. Давлатова. -Душанбе, 1969. -25 с.

[170]. Давронов, А. Языковые особенности «Кабус-наме» Усуралмаоли Кейкавус: автореф. дис…канд. филол. наук / А. Давронов. -Душанбе, 1980. -26 с.

[171]. Добиаш, А. В. Синтаксис Апалонния Дискола. Вып. 1 / Антон Добиаш. – Киев, 1881. -184 с.

[172]. Добромислов, В. А. О подборетекстов и построении упражнений в учебнике по русскому языку для 5-7 классов /В. А. Добромислов. - Русский язык в школе.-1948, №5.-С. 27-36.

[173]. Демьяненко, А.Ф. Типы словосочетаний в русской письмености конца XVII-начала XVIII вв. автореф. дис…канд. филол. наук / А. Ф. Демьяненко. - Киев, 1964.-21с.

[174].Джаббарова, М. Т. Сопоставительно- типологическая характеристика системы причастий в таджикском и русском языках: автореф. дис…канд. филол. наук / М. Т. Джаббарова. - Душанбе, 1990. -23 с.

[175].Джалилов, Х. Структурно-семантические особенности и синтаксические функции фразеологических единиц в современном таджикском литературном языке: автореф. дис…канд. филол. наук / Х. Джалилов. -Душанбе, 1976. -24 с.

[176]. Джалолов, О. Отношение чустского диалекта к таджикскому литературному языку: автореф. дис…канд. филол. наук / О. Джалолов. - Сталинобод, 1949. -22 с.

[177]. Джафар, М. Грамматика персидского языка / М. Джафар.-М., 1901.-С. 56.

[178]. Джафарова, Е. А. Атрибутивные словосочетания в таджикском и англиском языках / Е. А. Джафар.-Душанбе: Дониш, 1979.- 214 с.

[179]. Джахарчи, З. В. Истоки формирования и стонавления грамматики персидского языка: автореф. дис… канд. филол. наук / З. В. Джахарчи. -Душанбе, 2011, -22 с.

[180]. Джураев, Г. Система диалектной лексики таджикского языка / на материале южных говоров: автореф. дис…д-ра филол. наук / Г. Джураев. -Душанбе, 1992. – 30 с.

[181]. Джураев, Р. Грамматическое описание языка «Asrar ut-tavhid» таджикского персидского памятника XII в: автореф. дис…канд. филол. наук / Р. Джураев - Душанбе, 1964. -19 с.

[182]. Джураев, Р. Посессивная функция послелога –ро в таджикском языке раннего периода //Масъалаҳои забоншиносӣ / Р. Джураев.-Душанбе, 1967.-С.127-130.

[183]. Джураев, Р. Очерки по истории грамматики таджикского и персидского языков / Р. Джураев. – Душанбе: Ирфон, 1972. -172 с.

[184]. Елисеев Ю. С. Синтаксические словосочетание в современном финском языке / Ю. С. Елисеев. - М., 1959. -С.120.

[185]. Залеман, К. Г., Жуковский В. А. Краткая грамматика новоперсидского языка с приложением метрики и библиографии / К. Г. Залемен, В. А. Жуковский. - Санкт-Петербург: Императорской Академии наук, 1890.-108 с.

[186]. Зикриёев, Ф. Структурно-семантические особенности таджикского паратаксиса / Ф. Зикриёев. - Душанбе: Дониш, 1986. -191 с.

[187]. Золотова, Г. А. Глагольные словосочетания и их типы в современном русском литературном языке (на материале сочинений А. М. Горького): автореф. дис…канд. филол. наук / Г. А. Золотова. -М., 1954. -22 с.

[188]. Золотова, Г. А. О синтаксической форме слова. В. кн.: Мысли о современном русском языке / Г. А. Золотова. - М. : Просвещение, 1969. -С.66.

[189]. Золотова, Г. А. Очерк функционального синтаксиса русского языка / Г. А. Золотова. - М.: Просвещение, 1973. - С.76.

[190]. Ибрагимов, С. Языковие особенности произведений Кары Рахматулло Возеха: автореф. дис…канд. филол. наук / С. Ибрагимов. - Душанбе, 1974.-29 с

[191]. Игамбердиев, Р. Художественно–стилистическая роль фразеологизмов в (Бадаи-ал-вакаи) Зайниддина Восифи: автореф. дис…канд. филол. наук / Р. Игамбердиев.- Душанбе, 1975. -24 с.

[192]. Илия, Л. И. Синтаксис современного французкого языка / Л. И. Илия. - М.: Высшая школа, 1962. 221с.

[193]. Исканадарова, Д. М. Некоторые значения глаголов «гуфтан» и «шудан» в таджикском языке // Вопросы лингвистики / Д. М. Исканадрова. - Душанбе: РТСУ, 2004. -С. 39-42.

[194]. Исмоилов, Ш. Топонимия Каратегинской долины Таджикистана. (Лингвистическое ислоедование): автореф. дис…д - ра филол. наук / Ш. Исмоилов. - Душанбе, 1999. -36 с.

[195]. Исмоилова, Ш. Д. Грамматическая синонимия субстантивных словосочетаний в таджикской периодической печати (на примере ежедельника «Адабиёт ва санъат», 2010-2016 гг.): автореф. дис…канд. филол. наук / Ш. Исмоилова. - Душанбе, 2019.- 25 с.

[196]. Каландаров, К. Сложноподчинённые предложения в таджикском литературном языке. XV-XV1. (на материале «Бадоеъ-ул-вақоеъ». Зайниддина Восифи: автореф. дис…канд. филол. наук / К. Қаландаров. - Душанбе, 1971.-23 с.

[197]. Камолетдинов Б. Синтаксическая синонимия в современном таджикском литературном языке (синонимия субстантивных словосочетаний и простых предложения): автореф. дис…д - ра. филол. наук. / Б. Камолетдинов. - Душанбе, 1988. - 46 с.

[198]. Камолова, Г. Грамматические особенности языка прозы XVI века (на материале «Маджма-ут- таворих» ): автореф. дис…канд.. филол. наук. / Г. Камолова-Душанбе, 1973. -26 с.

[199]. Каримов, А. Первичные предлоги в среднеперсидском языке: автореф. дис…канд.. филол. наук. / А. Каримов.- Душанбе, 1970. -19 с.

[200]. Каримов, А. Предлог APAR в среднеперсидском языке / А. Каримов. - Душанбе, 1972. -47 с.

[201]. Каримова, А. А. О парных глаголах в таджикском языке. В. сб.: Масъалаҳои забоншиносӣ / А. А. Каримова. – Душанбе: Дониш, 1976. - С.32-33.

[202]. Касимова, М. Н. Синтаксис простого предложения таджикской прозы XI в: автореф. дис…д – ра филол. наук /М. Н. Касимова. – Душанбе, 1979. -41с.

[203]. Кенджаев, Ю. Лексические и словообразовательные особенности «Таърихи Байхаки» Абулфазла Байхаки: автореф. дис…канд.. филол. наук. /Ю. Кенджаев.- Хуҷанд, 2004.-30 с.

[204]. Купалова, А. Ю. Словосочетание и предложение в школьном курсе синтаксиса / А. Ю. Купалова. -М., 1974. -С.17-39.

[205]. Курилович, Е. Основные структуры языка: словосочетание и предложение// Очерки по лингвистике / Е. Курилович. - М.: Издательство иностранной литературы, 1962. -210 с.

[206]. Крашенинникова, Е. А. Новое в немецкое грамматике. Учение о словосочетании (Обзор зарубежных работ по синтаксису словосочетания)/Е. А. Крашенинникова. –М.: Учпедгиз, Вып. 3. 1963. - С.15-32.

[207]. Кронгауз, М.А. Семантика / М. А. Кронгауз. - М.: Академия, 2005. -352 с.

[208]. Қурбонов, С. Х. Субстантивные словосочетания в бойсунских говорах: автореф. дис…канд. филол. наук / С. Х. Қурбонов.- Душанбе, 2004.-21 с.

[209]. Лекант, П. А. Изучение структуры предложения и словосочетания в курсе современного русского языка /П. А. Лекант П. -М.: Минпрос. РСФСР им. Н. К. Крупской, 1977. С.-25-31.

[210]. Ливщиц, В. А. О внутренных законах развития таджикского языка//Изв. АН Тадж. ССР. Отд. Обществ. наук, вып 5 /В.А. Ливщиц.-Сталинабад, 1954.-С. 87-182.

[211]. Ломаносов, М. В. Российская грамматика // Полное собрание сочинений, Том.VII ./ М. В.Ломаносов. - М., 1952. - С.135.

[212]. Ломтев, Т. П. Природа синтаксических явлений (вопросу о предмете синтаксиса) // Т. П. Ломтев. - Филологические науки, 1961, №3.-152 с.

[213]. Маджидов, Ҳ. Фразеологическая система современного таджикского литературном языка /Ҳ. Маджидов. –Душанбе: Деваштич, 2006.- 406 с.

[214]. Мамадназарова, Г. Х. Сопоставительный анализ обстоятьства таджикском и английском языках: автореф. дис…канд. филол. наук / Г. Х. Мамадназарова. - Душанбе, 1981.-23 с.

[215]. Махмудов, Г. Ш. Синтаксическая связь глагола с дополнениями в современном персидском языке: автореф. дис…канд. филол. наук / Г. Ш. Махмудов. -Баку, 1967.-22 с.

[216]. Мещанинов, И. И. Синтаксические группы // Вопр.языкознания / И. И. Мещанинов.- М., 1958, №3. С.-48-65.

[217]. Мещанинов, И. И. Проблема развития языка / И. И. Мещанинов.- Л.: Наука, 1975. -С.37.

[218]. Мирза Джафар. Краткая грамматика персидского языка (с участием акад. Ф. Е. Карпа). 2-издание / Мирза Джафар. -М., 1901. -329.

[219]. Мирзоев, А. Глаголные словосочетания с временними отношениями в современном таджикском литературном языке: автореф. дис…канд. филол. наук / А. Мирзоев -Душанбе, 1967.- 25 с.

[220]. Мирзо Ҳасан Султон (Султонов М. Б.). Становление и развитие персидского–таджикской научной терминологии / Мирзо Ҳасан Султон.- Душанбе: Дониш, 2008. - 392 с.

[221]. Молчанов, Е. К. Основные вопросы синтаксиса среднoперсидского языка // автореф. дис…канд. филол. наук / Е. К. Молчанов. - М., 1966. -22 с.

[222]. Муравьева, Л. Н. Артикль в современном таджикском и персидском литературных языках: автореф. дис….канд. филол. наук / Л. Н. Муравьева. -М., 1956.-23 с.

[223]. Мухаммад, Х. Я. Грамматические особенности «Худуд-ал-алам»: автореф. дис…канд. филол. наук /Х. Я. Мухаммад.-Душанбе, 1991.-20 с.

[224]. Набиева, Ю. Г. Язык «Таърихи салотини манғития» Мирзо Абдулазима Соми: автореф. дис…канд. филол. наук / Ю. Г. Набиева.–Душанбе, 1973. - 37с.

[225]. Нагзибекова, М. Б. Глагольные словосочетания в зависимым прямым объектом в русском языке (в связи в отражением их специфики в передаче таджикскими средствами): автореф. дис...канд. филол. наук: 10.02.20 /М. Б. Нагзибекова. -Горький, 1986. -23 с.

[226]. Нагзибекова, М. Б. Проблемы исследовния глаголных конструкций с зависимым объектом в русском и таджикском языках: автореф. дис…д - ра. филол. наук: 10.02.20 / М. Б. Нагзибекова. - Душанбе, 2000. -43 с.

[227]. Назиров, У. Нисори и его антология «Музаккир–ул-аҳбоб» (Напоминаний о любимых): автореф. дис…канд. филол. наук:10.01.03 / Назиров Усмон.-Душанбе, 1989.-22с.

[228]. Неменова, Р. Л. Предлоги в таджикском языке / Р. Л. Неменова.– Сталинабад: Из. АН Тадж. ССР. 1954. -36 с.

[229]. Новиков, Л. А. Семантика русского языка / Л. А. Новиков.- М.: Высшая школа, 1982.-272 с.

[230]. Овчинникова, И. К. Функция послелога «ра» в современном литературном персидском языке // Труды Института языкознания. Т.VI. М. Издательство АН СССР / И. К. Овчинникова. – М., 1956. -С. 356-391.

[231]. Овчинникова, И. К. Использование послелога «ра» в произведениях таджикских персидских классических авторов X1-XV вв. // Труды Института языкознания. Т.VI. М. : Издательство АН СССР / И. К. Овчинникова.-М., 1956. -С. 356-391.

[232]. Овчинникова, И. К. Некоторые предварительные итоги изучения истории грамматического строя новоперсидского языка. Вестник МГУ / И. К. Овчинникова.- М., 1977, №4. -С.80.

[233]. Овчинникова, И. К. Именные словосочетания в персидском языке и возможные принципы их классфикации// И. К. Овчинникова, Иранская филология. - М.: ИМУ, 1971.-С.37-92.

[234]. Оранский, И. М. Введение в иранской филологию / Н. М. Оранский.- М.: Наука, 1988.-388с.

[235]. Основы иранского языкознания, Новоиранские языки. Северозападная группа: в 2 ч. /В. В. Мошкало, Л. А. Пирейко, Т.Н. Пахалина и др. - М.: Наука, 1991.- 718 с.

[236]. Пейсиков, Л. С. К типологии служебных глаголов в персидском языке.//Вопросы языка и литературы стран Востока /Л. С. Пейсиков. - М., 1957.-С.155-174.

[237]. Пейсиков, Л. С. Вопросы синтаксиса персидского языка / Л. С. Пейсиков. - М., 1959. -411с.

[238]. Пейсиков, Л. С. Вопросы синтаксиса персидского языка: автореф. дис…д-ра. филол. наук / Л. С. Пейсиков. - М.: ИМО, 1963. 43 с.

[239]. Пейсиков, Л. С. Очерки по словообразованию персидского языка / Л. С. Пейсиков. –М.: Ун.-та, 1973.-199 с.

[240]. Петерсон, М. Н. Очерк синтаксиса русского языка / М. Н. Петерсон. -М., 1923.-С.24.

[241]. Петерсон, М. Н. Лекции по современному русскому литературному языку / М. Н. Петерсон - М., 1941.-С.28.

[242]. Пешковский, А. М. Русский синтаксис в научном освещении. 7-ое изд. / А. М. Пешковский. - М.: Учпедгиз, 1955.-450 с.

[243]. Пешковский, А. М. Интонация и грамматика: «Избранные труды» / А. М. Пешковский.- М.: Государственное учебно-педагогическое из-ва Минсерство просвещения РСФСР, 1959.-252 с.

[244]. Потебня, А. А. Из записок по русской грамматике. Том. I-II. / А. А. Потебня.- М.: Просвещения, 1958. -535 с.

[245]. Прокопович, Н. Н. Адъективные словосочетания в современном русском языке: автореф. дис…д - ра. филол. наук / Н. Н. Прокопович. - М., 1955.-41 с.

[246]. Прокопович, Н. Н. Словосочетание в современном русском литературном языке / Н. Н. Прокопович. - М.: Просвещение, 1966. -399 с.

[247]. Прокопович, Н. Н. Вопросы синтаксиса русского языка / Н. Н. Прокопович. - М.: Высшая школа, 1974.-С.189.

[248]. Расторгуева, В. С. Очерки по таджикской диалектологии / Варзобский говор таджикского языка. Вып.1. М.: Издательство АН ССР / В. С. Расторгуева - М., 1952. -206 с.

[249]. Расторгуева, В. С. Краткий очерк грамматики таджикского языка. Таджикского-русский словарь. Под. ред. М. В. Рахими и Л. В. Успенской / В. С. Расторгуева. –М: Государственное из-во иностранных и национальных словарей, 1954.-789 с.

[250]. Расторгуева, В. С. Опыт сравнительного изучения таджикских говоров / В. С. Расторгуева. - М.: Наука, 1964. 188 с..

[251]. Расторгуева, В. С. Керимова А. А. Система таджикского глагола /В. С. Расторгуева, А. А. Каримова. -М.: Наука, 1964. -290 с.

[252]. Расторгуева, В. С. Среднеперсидсих язык /В. С. Расторгуева. –М.: Наука, 1966.-160 с.

[253]. Расулов, С. М. Именные словосочетания в таджикской поэзии конца XIX и начала XX вв: автореф. дис….д - ра. филол. наук:10.02.22 / С. М. Расулов. -Душанбе, 2019.-47 с.

[254]. Рахматова, С. Обобщающие слова и словосочетания в современном таджикском литературном языке: автореф. дис…канд. филол. наук / С. Рахматова.– Душанбе, 1970 – 22 с.

[255]. Раупов, Х. Р. Лексические и грамматические особенности заимствованных арабизмов "Наводир-ул-вакое'" Ахмада Дониша: автореф. дисс. канд. фил. Наук / Х.Р.Раупов. – Хуҷанд, 2006. – 26 с.

[256]. Розенфельд, А. З. Очерки по грамматике современного таджикского языка. Глагол / А. З. Розенфельд. - Сталинабад: Акад. наук. Тадж. ССР, 1954. -78 с.

[257]. Рубинчик, Ю. А. Грамматика современного персидского литературного языка /Ю. А. Рубинчик. - М.: Восточная литература, 2001.-600 с.

[258]. Сабзаев, С. М. Лингвистичекое исследование суфийского терминологии таджикского-персидской прозы XI-XII вв: автореф. дис…д - ра. филол. наук / С. М. Сабзаев. -Душанбе, 1996. -44 с.

[259]. Саймиддинов, Д. Лексика среднoперсидского языка: автореф. дис….д-ра филол. наук:10.02.08 /Д. Саймиддинов. –Душанбе, 1998. -45 с.

[260]. Саломов, М. Қ. К языковые особенности газели поэтов в XII-XIV веков (фонетическая, семантическая, лексическая и фразеологическая структура языка газели): дис… д - ра филол.наук: 10.02.22 / М. Қ. Саломов. -Душанбе, 2018, -266 с.

[261]. Самадова, Р. А. Проблемы лингвистического констрктирования предложно-именных словосочетаний в русском и таджикском языках /Р. А. Самадова.- Хуҷанд, 1996.-231 с.

[262]. Сарыев, К. Словосочетания в туркменском литературном языке (именные словосочетания): автореф. дис…д-ра филол. наук 10.02.22 / К. Сарыев -Ашхабад, 1974. - С.14.

[263]. Сияев Б. Глагольные особенности таджикско-персидского литературного языка 1Х-Х вв. (на материале “Таʻрихи Табари” Балʻами): автореф. канд. дисс./ Б. Сияев – Душанбе, 1964. – 26 с.

[264]. Сеидов, Ю. М. Словосочетания в азербайджанском языке: автореф. дис…д-ра филол. наук: 10.02.22 / Ю. М. Сеидов – Баку, 1965.-42 с.

[265]. Собирова, М. Семантическая характеристика предлогов в талковом словаре современного таджикского языка: автореф. дис….канд. филол. наук /М. Собирова. - Душанбе, 1974.-22 с.

[266]. Солиев, А. Предложно-именные словосочетания в современном таджикском литературном языке (на материале художественной прозы С. Айни): автореф. дис. канд. филол. наук: 10.02.02 / А. Солиев. - Душанбе, 1984. -183 с.

[267]. Соссюр, Ф. де. Труды по языкознанию / Ф. де Соссюр –М., 1938. - С. 200-221.

[268]. Султонов, Р. Особенности языка Саади по его “Голестану”: автореф. Дис. канд. Филол. наук/ Р. Султонов.-Душанбе, 1949.-23 с.

[269]. Сухотин, В. П. Проблемы словосочетания в современном русском языке // Вопросы синтаксиса современного русского языка / В. П. Сухотин. -М., 1950. -198 с.

[270]. Скобликова, В. С. Согласование и управление в русском языке / Е. С. Скобликова. М., 1971.-168 с.

[271]. Скобликова, Е. С. Современный русский язык. Синтаксис простого предложения / Е. С. Скобликова. -М.: Просвещение, 1979. - С.22-48.

[272]. Смирнова, Л. П. Система предлогов в языке «Таърихи Систан» / Л. П. Смирнова, Сталинабад: Изв-е АН Тадж.ССР. вып 1. 1958. -С. 65-83.

[273]. Смирнова, Л. П. Язык «Та ' рих-и Систан (грамматическое описание). / Л. П. Смирнова. - Сталинабад, 1959. -142 с.

[274]. Смирнова, Л. П. Язык «Та ' рих -и Систан (грамматическое описание): автореф. дис…канд. филол. наук / Л. П. Смирнова. -Л, 1965. -25 с.

[275]. Смола, В. С. Способы и средства передачи конструкций с инфинитивом русского языка на таджикский язык: автореф. дис…канд. филол. наук / В. С. Смола.- Душанбе, 1972. –С.6-23.

[276]. Таджиев, Д. Т. Об одном определительном словосочетаниях типа «Ахмада китобаш», «гапа камаш» /Д. Т. Таджиев. - Сталинабад, 1954.-С. 195-199.

[277]. Таджиев, Д. Т. Способы связы определения с определяемым в современном таджикском литературном языке / Д. Т. Таджиев. - Сталинабад: Нашрдавточ, 1955. -70 с.

[278]. Темурова, М. Причастые словосочетания в романе «Ёддоштҳо» Садриддина Айни: автореф. дис…канд. филол. наук: 10.02.22 /М. Темурова. – Душанбе, 2009.-147 с.

[279]. Улугзаде, Э. С. Предложные словосочетания имен существителных в таджикском языке // Известия АН Тадж. ССР: Отделения общественных наук /Э. С. Улугзаде. - Душанбе.- Вып.1 (19). 1959.-с. 3-14.

[280]. Филипова, В. М. Глагольно-именные словосочетания с временным значением в современном русском языке / В. М. Филипова. -М., 1955.-С. 44-80.

[281]. Фомичева, Г. А. Изучение словосочетаний в восмилетней школе / Г. А. Фомичева. -М.: Просвещение, 1973. -С.5-22.

[282]. Фортунатов, Ф. Ф. О преподавании грамматики русского языка в средней школе // Избранные труды. Т.2. / Ф. Ф. Фортунатов. -М., 1957.-С. 182-183.

[283]. Фортунатов, Ф. Ф. Сравнительное языкознания // Избранные труды. Т. I / Ф. Ф. Фортунатов. -М., 1957.-С.138-139.

[284]. Ходжаев, Д. Таджикская лингвистическая мысль X-XVI вв: автореф. дис…д - ра. филол. наук:10.02.22/ Д. Ходжев. - Душанбе, 2004.-45с.

[285]. Ходжаева, С. О. Глагольные словосочетания с объектным отношением в таджикском и англиском языках: автореф. дис…канд. филол. наук / С. Ходжаева.-Душанбе, 2003.-21 с.

[286]. Хоркашев, С. Р. Лексико-семантический и морфологический анализ предметной лексики в южных и юго-восточных говорах Таджикского языка: автореф. дис…д - ра филол. наук:10.02.22 / С. Р. Хоркашев. - Душанбе, 2015.-52 с.

[287]. Хушенова, С. В. Изафетные фразеологические единицы таджикского языка: автореф. дис…канд. филол. наук / С. В. Хушенова. - М., 1966.-С.6.

[288]. Черкасова, Е. Т. Переход полнозначных слов и предлоги / Е. Т. Черкасова. -М., 1967.-С. 24.

[289]. Чесноков, П. В. О классификации связей слов в предложении // Материалы 1Х-Х конференции Северо-Кавказкого зонального объединения. Кафедры русского языка/ П. В. Чесноков. - Ростов-на Дону, 1971.-С. 42.

[290]. Чеснокова, Л. Д. Связ и слов в современном русском языке / Л. Д. Чеснокова. –М., 1980. -С.60 - 66.

[291]. Шахматов, А. А. Синтаксис русского языка /А. А. Шахматов.- Л., 1941.-624с.

[292]. Шведова, Н. Ю. Очерки по синтаксису русской разговорной речи / Н. Ю. Шведова. – М., 1960.-С.-18-64.

[293]. Щерба, Л. В. Избранные работы по русскому языку / Л.В. Щерба. – М.: Учпедгиз, 1957. -С. 100-126.

[294]. Ярцева, В. Н. Предложние и словосочетание // Вопросы грамматического строя / В. Н. Ярцева. -М.: Наука, 1955. -440 с.

[295]. Ярцева, В. Н. Исторический синтаксис английского языка / В. Н. Ярцева. – М - Л.,: Изд-во Академии наук СССР, 1961.-308 с.

### В) БА ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

[296]. Klemensiewiez L. Skupienia czyli syntetyczne grupy wyrazowe. Krakow. 1948.-176 с.

[297]. Lazard G. Grammare du persian conemporain.-Paris, 1957. -С. 54-86.

[298]. Lazazd G. La Langue des plus anciens monuments de la prose persane.I. Paris,1963.-535 p.

[299]. Lazard G. Persian and Tajik II. Current trendsin linguistices. The Hague. VoLume 6. Laguistics in south West Asia and North Africa.-HagueParis,1971.pp 64-96.

[300]. Lyungerud J. Zur Nominalflexion in der deutschen Literatursprache nach 1900. Lund,1955. –C.35.

## Г) БА ЗАБОНИ НЕМИСӢ

[301]. Ries J. Was I ist Syntax? (Ein kritishcher Uersuch).-Marburg, 1894.- C.143.

[302]. Ries J. Zur Wortgruppenlehre mit Problem aus Wortgruppenlehre der deutshen Sprache der Gegenulart. - Prag, 1928. - C.283.

## Ѓ) БА ЗАБОНИ ФОРСӢ

[303] . پرویز ناتل خانلری. دستور زبان فارسی. انتشارات توس، خیابان دانشگاه، 1372. 367ص .

[304]. عبدالعظیم قریب، ملک الشعراء بهار، بدیع الزمان فروزانفر، جلال همایی، رشید یاسمی. کامل دستور زبان فارسی پنج استاد. تهران، 1371. -331ص

[305]. محسن ابوالقاسمی. ماده های فعلهای فارسی دری. –تهران: ققنوس، 1373. صحفه 20

[306] مشکوُ ر' محمد جواد. دستورنامه در سرف و نحو زبان پارسی.. چاپ سوم. با اصلاحات و اضافات. - تهران ' از انتشارات مواَسّسه مطبوُعاتی شرق' 1342 345 ص

[307]. عزّتي پرور احمد. راهنماي زبان فارسي، چاپ اول / احمد عزّتي پرور. –تهران: شركت چاپ و نشر كتاب‌هاي درسي ايران، 1381

[308].برهان قاطع. به تصحیح دکتر محمد معین . - تهران، 1335- 976 ص

[309].محمد غیاث الدین. غیاث الغات، چراغ هدایت، منتخب اللغات. با اهتمام حاجی محمد زکی،1912

[310]عبدالرحیم همایون فرخ. دستور جامع زبان فارسی، عبارت از پنج جلد.- تهران- 1952

## II. ФАРҲАНГҲО

## А) БА ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ-ФОРСӢ

[311]. Бурҳон Муҳаммадҳусейн. Бурҳони ќотеъ / Муҳаммадҳусейн, Бурҳон.- Душанбе: Адиб, 2014, -4000 с.

[312]. Ғиёсиддин Муҳаммади Ромпурӣ. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ. I. (таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот ва феҳристи А. Нуров). – Душанбе: Адиб, 1987. -480 с.

[313]. Ғиёсиддин, Муҳаммади Ромпурӣ. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ. II. (таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи А. Нуров). – Душанбе: Адиб, 1987.-416 с.

[314]. Маҳмудов, М. Ҷӯраев Ғ., Бердиев Б. Фарҳанги гӯйишҳои ҷанубии забони тоҷикӣ / М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев, Б. Бердиев. - Душанбе, 2012. -842 с.

[315]. Маҳмудов, М., Ҷӯраев Ғ. Луғати шеваҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе: Дониш, 1997.-288 с.

[316]. Муин, Муҳаммад. Фарҳанги форсии Муин. Иборат аз 6 ҷилд / Муҳаммад, Муин.-Теҳрон: Нашри осор, 1393.-787с.

[317]. Нуров А.Фарҳанги осори Ҷомӣ. Ҷ.II. / А. Нуров.– Душанбе: ЭСТ, 1984.-608 с.

[318]. Нуров, А. Фарҳанги осори Ҷомӣ. Ҷ. I. / А.ю Нуров.– Душанбе: ЭСТ, 1983.-536 с.

[319]. Фарҳанги забони тоҷикӣ. (аз асри X то ибтидои асри XX). Ҷ. I. – М.: Советская энциклопедия, 1969.-951 с.

[320]. Фарҳанги забони тоҷикӣ. (аз асри X то ибтидои асри XX). Ҷ. II. – М.: Советская энциклопедия, 1969. -949 с.

[321]. Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ. Душанбе: Шарқи озод, 2013.-320 с.

[322]. Фарҳанги муосири форсӣ.-Теҳрон: Фарҳанги муосир, 2004.- 1354 с.

[323]. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд. Ҷ. I. /Зери назари С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, Ҳ. Султон.- Душанбе, 2008. -950 с.

[324]. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд. Ҷ. II. /Зери назари С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, Ҳ. Султон.- Душанбе, 2008. -945 с.

[325]. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷикӣ. Ҷилди I. /М. Фозилов.– Душанбе, 1963.-952 с.

## III. МАВОДИ ЭЛЕКТРОНӢ

[326]. Эмомалӣ Раҳмон. Табрикот ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ / Хадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон. www. president.tj. –Душанбе, 04.10.2015.

[327]. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. «Футувватномаи султонӣ» / Саҳифаи китобхонаи электронии ДДОТ ба номи С.Айнӣ // Сомонаи www tqpu.tj.

## IV. МАНБАЪ

[328]. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Баҳористон (бо тасҳеҳи Исмоили Ҳакимӣ).-Теҳрон: Сухан, 1381.-179 с.

[329]. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Баҳористон (Нашри интиқодӣ). –М.: Наука, 1987.-200 с.

[330]. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Баҳористон (бо таҳия ва сарсухани Аълохон Афсаҳзод).-Душанбе: Адиб,1987.-160 с.

[331]. Айнӣ, С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик. Сталинобод. -Нашрдавтоҷ, 1954.-168 с.

[332]. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Қ. I - II // С. Айнӣ. Куллиёт, ҷ. 6. -Нашриёти Давлатии Тоҷикистон. -1962. - 415 с.

[333]. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ.13 / Айнӣ С. –Душанбе: Ирфон, 1977.-432 с.

[334]. Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ. Аҷоиб-ул-мақдур фӣ ахбори Темур (Зиндагии шигифтовари Темур). Тарҷума аз забони арабӣ. Мутарҷим Муҳаммад Алӣ Наҷотӣ (матни интиқодӣ): Теҳрон: 1381.-289 с.

[335]. Байҳақӣ Абуфазл. Таърихи Байҳақӣ. Бо тасҳеҳи Алиакбари Фаёз. Теҳрон:Интишороти Ҳурмус, 1387 (2009-мелодӣ). Чопи аввал. – 990 с.

[336]. Зайниддин Маҳмуди Восифӣ. «Бадоеъ-ул-вақоеъ» (Бо муқаддима, тавзеҳ ва таҳияи А. Н. Болдирев). Ҷ. I - II (матни интиқодӣ).- М.: Изд-во Восточной литературы, 1961.-2065 с.

[337].Зайниддин Маҳмуди Восифӣ. Бадоеъ-ул-вақоеъ .-Душанбе: Саредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2014.- 734 с.

[338]. Мавлоно Фахриддин Алии Сафӣ. Латоиф-ут-тавоиф (Бо муқаддима ва тавзеҳ ва таҳия ва тарҷумаи Эълом Аҳмад Гулчини Маонӣ). (матни интиқодӣ).-Теҳрон: 1334. -650 с.

[339]. Мавлоно Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Футувватномаи султонӣ (нашри мукаммалгардида бо таҳия, таҳқиқ ва сарсухани Қурбон Восеъ). -Душанбе: Дониш, 2010.-271 с.

[340]. Мир Ҳусайни Ҳиравӣ. Нузҳат-ул-арвоҳ. (Муаллифи сарсухан ва ҳозиркунандагони чоп Саломи Нурийони Баравнӣ ва Сиддиқ Мубораказода). –Душанбе: Паёми ошно, 2007. -200 с.

[341]. Рукниддини Ҳумоюнфар. Туҳфаи Сомӣ. (Матни интиқодӣ).- Теҳрон: Асотир, 1384 ҳ. ш.-380 с.

[342]. Саъдии Шерозӣ (таҳиягари матн, муаллифи сарсухану тавзеҳот ва шореҳи луғот Боймурод Шарифзода).-Душанбе: ДДОТ, 2015.- 240 с.

[343]. Соммирзои Сафавӣ. Тухфаи Сомӣ (Таҳиягари матн ва муаллифи пешгуфтору тавзеҳот Бадриддин Мақсудов). – Душанбе-Принт, 2018.-380 с.

[344]. Фахриддин Алии Сафӣ (Таҳия, пешгуфтор, шарҳи луғатҳо ва тавзеҳоти Абдушукури Абдусаттор, Б. Сайфиддинов).-Душанбе: Адиб, 2011.-336 с.

[345]. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор (Таҳиягари матн, муаллифони пешгуфтор ва мураттибони луғату тавзеҳот Усмон Назир ва Давлатбеки Хоҷа). – Душанбе: Шарқи озод, 1998. - 116 с.

[346]. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Футувватномаи султонӣ. Теҳрон, 1350//1971,-426 с.

[347]. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ . Теҳрон. 1978.-180 с.

[348]. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Футувватномаи султонӣ, Ахлоқи Муҳсинӣ. Рисолаи Ҳотамия. Душанбе: Адиб, 1991.-320 с.

**Муҳимтарин вежагиҳои диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:**

## 1. Маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи шомили КОА-и Федератсияи Россия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

[1-М]. Ғаффоров, А. О. Тадқиқи Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар забоншиносии тоҷик // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ.-Душанбе, №4 [47]. 2012. - С.129-131.

[2-М]. Ғаффоров, А. О. Ибора ва мавқеи он дар низоми синтаксис // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ.-Душанбе, №4 [47]. 2012.-С.265-267.

[3-М]. Ғаффоров, А. О. Мавқеи пешоянди “ба” дар ташаккули ибораҳои феълӣ [дар асоси маводи Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ] // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. –Душанбе, №5 [48]. 2012. - С.242-245.

[4-М]. Ғаффоров, А. О. Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои номии таркибӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе, №2 [51]. 2013. -С. 276-280.

[5-М]. Ғаффоров, А. О. Алоқаи мувофиқати грамматикӣ ва баъзе хусусиятҳои он дар насри асри XVI // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе: Сино, 2013, №4/6 [122]. -С.100-103.(ҳаммуаллифӣ).

[6-М]. Ғаффоров, А. О. Ифодаи муносибати макон бо пешоянди “аз” дар насри асри XV1 // Ахбори Академияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ.- Душанбе. №2 [234]. 2014.-С. 69-72. (ҳаммуаллифӣ).

[7-М]. Ғаффоров, А. О. Ибораҳои феълии муносибати масоҳавӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ.- Душанбе.- №1 [56], 2014. -С. 328-332.

[8-М]. Ғаффоров, А.О. Алоқаи калимаҳо ва ифодаи муносибати пуркунандагӣ бо пешоянди “ба” дар насри асри XVI //Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. –Душанбе, №1 [56-2]. 2014.-С. 363-366. (ҳаммуаллифӣ).

[9-М]. Ғаффоров, А. О. Ибораҳои феълии муносибати пуркунандагӣ бо пешоянди “бар” дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ.-Душанбе, -№3 [58-1 ]. 2014. -С. 338-341.

[10-М]. Ғаффоров, А. О. Алоқаи калимаҳо ва ифодаи муносибати ҳолӣ бо пешоянди “дар” дар насри асри XVI // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон -Душанбе, № 4/2 [133]. 2014. -С. 56-58.

[11-М]. Ғаффоров, А. О. Алоқаи калимаҳо бо пешояндҳои номӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе.-№4 [59]. 2014.-С. 255-262.

[12-М]. Ғаффоров, А. О. Алоқаи калимаҳо бо пешояндҳои номӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе: Сино, №4/1 [159]. 2015.-С.97-102. (ҳаммуаллифӣ).

[13-М]. Ғаффоров, А. О. Алоқаи калимаҳо ва тобишҳои маъноии феълҳо бо пасоянди “-ро” дар насри асри XVI // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, №1 [62-2]. 2015. - С. 317-319.

[14-М].Ғаффоров, А. О. Ибораҳои феълӣ ва ифодаи тобишҳои маъноӣ бо пешоянди “бо” дар насри асри XVI // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ.-Душанбе, №5 [66]. 2015.-С.110-112.

[15-М]. Ғаффоров, А. О. Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои “бо”, “бе”, “то” ва “барои” [аз барои] дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» -и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе, №6 [67]. 2015. - С. 122-124.

[16-М]. Ғаффоров, А. О. Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар насри асри XVI // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе, №3 [70]. 2017.- С. -80-83.

[17-М]. Ғаффоров, А. О. Тобишҳои маъноии феълҳо дар таркиби ибораҳои феълии алоќаи ҳамроҳӣ дар насри асри XVI // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе, №3 [70]. 2017. - С. 83-87. (ҳаммуаллифӣ).

[18-М]. Ғаффоров, А. О. Ифодаи муносибатҳои ҳолии макон бо пешояндҳои номӣ ва номии таркибӣ дар осори хаттии асри XV1 // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе, №1 [73]. 2018. - С. 74-77.

[19-М]. Ғаффоров А. О. Ибораҳои феълии муносибати ҳолӣ бо пешояндҳои аслӣ дар насри асрҳои XV-XV1 // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе, № 2 [79]. 2019. -С. 54-58.

[20-М]. Ғаффоров, А. О. Хусусиятҳои маъноии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе, №4. [81]. 2019. -С. 11-15.

[21-М]. Ғаффоров, А. О. Ибораҳои феълии алоқаи ҳамроҳӣ дар забони насри асрҳои XV-XVI // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -Душанбе, №1 [84]. 2020. - С.8-12.(ҳаммуаллифӣ).

**Асарҳои дигар**:

**а) Монография:**

[22-М]. Ғаффоров, А. О. Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои аслӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ/ А. О. Ѓаффоров.- Душанбе: Ирфон, 2014.-140 с.

[23-М]. Ғаффоров, А. О. Хусусиятҳои грамматикии ибораҳои феълӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик [дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI]./ А. О. Ғаффоров.-Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2020.- 222 с.

**б)Мақолаҳо дар маҷалла ва маҷмӯаҳои илмӣ:**

[24-М]. Ғаффоров, А. О. Муродиф шудани пешояндҳои аслӣ дар таркиби ибораҳои феълии пешояндӣ // Маҷаллаи Адаб.1996.-№7. -С. 9-11.

[25-М]. Ғаффоров, А. О.- Ибораҳои феълӣ бо пешоянди «бар» дар Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ // Маводи конференсияи илмии олимони ҷавони Тоҷикистон. Ҷавонон ва ҷаҳони דониш. [Маҷмуаи илмӣ]. -Душанбе: Ҳумо, 2001. –С. 168-172.

[26-М]. Ғаффоров, А. О. Ифодаи муносибатҳои наҳвӣ бо пешояндҳои аслӣ дар таркиби ибораҳои феълӣ [дар асоси маводи “Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и

Зайниддин Маҳмуди Восифӣ] // Маводи конференсияи илмии олимони ҷавони Тоҷикистон. Ҷавонон ва ҷаҳони дониш. [Маҷмуаи илмӣ].- Душанбе: Ҳумо, 2002. –С. 220-226.

[27-М]. Ғаффоров, А. О**.** Таҳқиқи масъалаҳои назарияи ибора дар забоншиносии тоҷик. // Маводи конференсияи илмии олимони ҷавони Тоҷикистон. Ҷавонон ва ҷаҳони андеша. [Маҷмӯаи илмӣ]. -Душанбе: Ҳумо, 2004. –С. 288-294.

[28-М]. Ғаффоров, А. О. Муродифоти пешояндҳои аслӣ (дар асоси маводи Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ // Маводи конференсияи илмии олимони ҷавони Тоҷикистон. Ҷавонон ва ҷаҳони андеша [Маҷмӯаи илмӣ]. -Душанбе: Ҳумо, 2005. –С. 359-364.

[29-М]. Ғаффоров, А. О. Ибораҳои феълӣ бо пешоянди **то** дар Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ // Маводи конференсияи илмии олимони ҷавони Тоҷикистон. Ҷавонон ва ҷаҳони андеша [Маҷмӯаи илмӣ]. -Душанбе: «Ҳумо», 2006. –С.185-190.